**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ**
**ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ**
TAJIK STATE UNIVERSITY OF FINANCE AND ECONOMICS

# ПАЁМИ
# МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД

№4/2 (39)

**(маҷаллаи илмӣ-амалӣ)**

# ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ
# ВЕСТНИК

№4/2 (39)

**(научно-практический журнал)**

# THE FINANCE AND ECONOMIC
# BULLETIN

№4/2 (39)

(science-practical journal)

Душанбе, 2023

**Сармуҳаррир**

Абдуалимзода Ҳ.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муовинони сармуҳаррир**:

Сафаров Б.Г. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Саидмуродов Л.Ҳ. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аъзои ҳайати таҳририя**:

Хайрзода Ш.Қ. - доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара

Раҳимзода Ш. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

Эргашев Р.Х. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи муҳандисию иқтисодии Қаршии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Фақеров Ҳ.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шарипов Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷонмамадов Ш.Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қандиёрова Д.О. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Кошонова М.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мирсаидов С.А – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Содиқов М.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Бегматов А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Насриддинов Ф.Б. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қодиров Ф.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Маъдиев С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти таҳлилӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Давлатов Х.М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Буриева М.Ч. - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи муносибатҳои молиявию қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шодиев К.Қ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ғафуров П.Ҷ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳомидов А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Убайдуллоев Ф.К. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Парки технологии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Урунбоев А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Нусратзода М.Н. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи система ва технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аламшоева М.М.- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад**.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №242/МҶ– 97 аз 12.04.2022 сабти ном шудааст.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2022
Паёми молия ва иқтисод

Маҷалла ба Феҳристи тақризшавандаи маҷаллаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, дар он натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктор ва номзади илм чоп мешаванд.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии Намояи иқтибосоварии илмии Россия (НИИР) шудааст.

**Главный редактор**

Абдуалимзода Х.А. – кандидат экономических наук, доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Заместители главного редактора**:

Сафаров Б.Г. – кандидат экономических наук, доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета

Саидмуродов Л.Х. – член-корр. НАНТ, доктор экономических наук, профессор кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Редакционная коллегия**:

Хайрзода Ш.К. - доктор экономических наук, ректор Дангаринского государсвенного университета

Рахимзода Ш. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета, директор Института экономики и демографии НАНТ

Эргашев Р.Х. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономики Каршинского инженерно-экономического института Республики Узбекистан

Факеров Х.Н. – доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятия и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шарипов Б.М. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джонмамадов Ш.Б. - доктор экономических наук, профессор кафедры мировой экономики и международной торговли Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кандиёрова Д.О. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кошонова М.Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Мирсаидов С.А. - доктор экономических наук, профессор кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета

Содиков М.С. - доктор экономических наук, доцент, заведующий кафедрой мировой экономики и международной торговли Таджикского государственного финансово-экономического университета

Бегматов А.А. – кандидат экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Насриддинов Ф.Б. - кандидат экономических наук, профессор, заведующий кафедрой экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кодиров Ф.А. – кандидат экономических наук, доцент, проректор по международным связям Таджикского государственного финансово-экономического университета

Маъдиев С. – кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Давлатов Х.М. – кандидат экономических наук, заведующий кафедрой таможенной деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета

Буриева М.Ч. - кандидат экономических наук, заведующий кафедрой международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шодиев К.К.- кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономического анализа и статистики аджикского государственного финансово-экономического университета

Гафуров П.Дж. - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой цифровой экономики и логистики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Хомидов А. - кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдуллоев Ф.К. - кандидат экономических наук, доцент, директор Технологического парка Таджикского государственного финансово-экономического университета

Урунбоев А. - кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Нусратзода М.Н. - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой системы и информационных технологий Таджикского государственного финансово-экономического университета

Аламшоева М.М. - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой прикладной информатики в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.**

*Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под №242/ЖР - 97 с 12.04.2022г.*

Таджикский государственный финансово-экономический университет, 2022

Финансово-экономический Вестник

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

CHIEF EDITOR

Abdualimzoda H. A. – candidate of Economic sciences, Associate Professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics

DEPUTY CHIEF EDITORS:

Safarov B.G. – candidate of Economic sciences, Associate Professor, Vise-Rector for Science of the Tajik State University of Finance and Economics

Saidmurodov L. H. –Corresponding Member of National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of International Finance and Credit Relations of Tajik State University of Finance and Economics

EDITORIAL BOARD:

Khayrzoda Sh.Q. - Doctor of Economic Sciences, Rector of the Danghara State University

Rahimzoda Sh. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking of the Tajik State University of Finance and Economics, Director of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

Ergashev R.Kh. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economics, Karshi Engineering and Economic Institute of the Republic of Uzbekistan

Faqerov H.N. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic of enterprise and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics

Sharipov B.M. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking of Tajik State University of Finance and Economics

Jonmamadov Sh.B. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of World Economy and International Trading of the Tajik State University of Finance and Economics

Qandiyorova D.O. - Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Koshonova M.R. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Mirsaidov S.A.– Doctor of Economic Sciences, Professor of the department of customs activities of the Tajik State University of Finance and Economics

Sodiqov M.S. – Doctor of Economic Sciences, the Head of Department of the World economy and international business of the Tajik State University of Finance and Economics

Begmatov A.A. – Candidate of Economic Sciences, Professor of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Nasriddinov F.B. – Candidate of Economic sciences, professor of the Department of Economic theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Qodirov F.A. – candidate of Economic sciences, associate professor, Vise-Rector on International Relations of the Tajik State University of Finance and Economics

Madiev S.– candidate of Economic sciences, associate professor of Department of Economic Analysis and statistics of the Tajik State University of Finance and Economics

Davlatov Kh.M. – candidate of Economic sciences, the Head of the Department of customs activities of the Tajik State University of Finance and Economics

Burieva M.Ch. - candidate of Economic sciences, Head of the department of international finance and credit relation of the Tajik State University of Finance and Economics

Shodiev K.Q. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economic Analysis and statistics of the Tajik State University of Finance and Economics

Gafurov P.J. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of digital economy and logistics of Tajik State University of Finance and Economics

Homidov A. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of audit and revision of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaydulloev F.K. – candidate of Economic sciences, associate professor, the Director of Tecknological Park of the Tajik State University of Finance and Economics

Urunboev A. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and statistics of the Tajik State University of Finance and Economics

Nusratzoda M.N. - candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of system and information technology of Tajik State University of Finance and Economics

Alamshoeva M.M. - candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of applied informatics in economics of Tajik State University of Finance and Economics

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.
The journal is registed in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan №242/ЖР – 97 from 12.04.2022
The Tajik State University of Finance and Economics, 2022
The Finance and Economic Bulletin
The journal is included in the list of scientific journals of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan, in which the main scientific results of dissertations for the degree of doctor and candidate of science should be published.
The journal is included in the Russian Science Citation Index (RSCI).

**УДК** 330:37(575.6)

# МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим*** - *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов* 64/14. *Телефон*: 2310201. E-mail: hakim-s-1980@bk.ru

*Мақола ба омӯзиши баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити муосир бахшида шудааст. Аз ҷумла, унсурҳои сохтории таъмини амнияти иқтисодӣ муайян ва асоснок карда шуда, як қатор самтҳои стратегии таъмини амнияти иқтисодӣ дар Иттиҳоди Аврупо баррасӣ гардиданд. Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда имкони истифодаи равишҳои нави таъмини амнияти иқтисодӣ, аз ҷумла дар заминаи таъмини амнияти молиявӣ, сармоягузорӣ, саноатӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ асоснок карда шудааст.*

*Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот зарурати зиёд намудани пасандозҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаю ташкилотҳо, таъмини шуғли аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани амният дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва бахши молиявӣ таъкид шудааст.*

*Калидвожаҳо*: *иқтисод, амнияти иқтисодӣ, рақобатпазирӣ, амнияти сармоягузорӣ, мониторинг, рушди устувори иқтисодӣ, самаранокӣ.*

# АКТУАЛЬНЫЕ ВПОРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Абдуалимзода Хакимбек Абдуалим*** – *к.э.н., доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: *Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова* 64/14. *Телефон*: 2310201. E-mail: hakim-s-1980@bk.ru

*Статья посвящена исследованию некоторых теоретических и практических вопросов обеспечения экономической безопасности в современных условиях. В частности, выявлены и обоснованы структурообразующие элементы обеспечения экономической безопасности, а также рассмотрены ряд стратегических направлений обеспечения экономической безопасности в Европейском Союзе. На основе проведенного исследования обосновывается целесообразность применение новых подходов к обеспечению экономической безопасности, в частности на основе обеспечения финансовой, инвестиционной, производственной, продовольственной и энергетической безопасности.*

*По результатам исследования доказано необходимость увеличения сбережений, повышение эффективности функционирования предприятий и организаций, обеспечение занятости, сокращение бедности, повышение безопасности сфер материального производства и финансовой сферы.*

***Ключевые слова***: *экономика, экономическая безопасность, конкурентоспособность, инвестиционная безопасность, мониторинг, устойчивое развитие экономики, эффективность.*

# CURRENT ISSUES OF ENSURING ECONOMIC SECURITY IN MODERN CONDITIONS

Abdualimzoda Khakimbek Abdualim – c.e.s., Associate Professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14. Phone: 2310201. E-mail: hakim-s-1980@bk.ru

The article is devoted to the study of some theoretical and practical issues of ensuring economic security in modern conditions. In particular, the structure-forming elements of ensuring economic security have been identified and justified, and a number of strategic directions for ensuring economic security in the European Union have been considered. Based on the conducted research, the feasibility of using new approaches to ensuring economic security is substantiated, in particular on the basis of ensuring financial, investment, industrial, food and energy security.

Based on the results of the study, the need to increase savings, increase the efficiency of the functioning of enterprises and organizations, ensure employment, reduce poverty, and increase the security of the spheres of material production and the financial sector was proven.

Key words: economics, economic security, competitiveness, investment security, monitoring, sustainable economic development, efficiency.

Дар шароити муосир амнияти иқтисодӣ ҷузъи таркибии амнияти миллии кишвар буда, таъмини он вазифаи муҳимтарини давлат, ҷомеа, субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ ва шахсони алоҳида ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти иқтисодӣ аҳамияти муҳими илмию амалӣ дорад. Амнияти иқтисодӣ ҷузъи таркибии сиёсати иқтисодии кишвар буда, он дар низоми танзими давлатии иқтисодиёт мавқеи марказӣ дорад. Ҳадафи асосии таъмини амнияти иқтисодӣ ин ҳифзи истиқлолияти иқтисодии кишвар, таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ, фароҳам овардани шароити муносиб барои рушди мутаносиби ҷомеа ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки амнияти иқтисодӣ дар фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти босамари механизми бозорӣ, пешбурди сиёсати мувофиқи сохторӣ, дастрасӣ ба иттилоот барои субъектҳои бозор, диверсификатсияи ҳаҷми сармоягузорӣ ва сандуқи сармоягузорӣ, фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ, нигоҳдорӣ ва рушди иқтидори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнӣ нақши муҳим дорад. Амнияти иқтисодӣ яке аз навъҳои муҳими амният аст, ки дар таъмини дигар самтҳои амнияти миллӣ, аз қабили ҷанбаҳои сиёсӣ, низомӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ саҳми муҳим дорад.

Бе таъмини амнияти иқтисодӣ рушди иҷтимоии мамлакатро таъмин кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, он афзалиятҳои иқтисодии кишварро муайян намуда, дар сатҳи микро, макро, мезо ва мега баррасӣ карда мешавад. Амнияти иқтисодӣ бештар ба амнияти мудофиавӣ, экологӣ, иттилоотӣ, илмӣ-технологӣ, иҷтимоӣ, озуқаворӣ, демографӣ, идеологӣ, сармоягузорӣ ва ғайра таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, самти стратегии таъмини амнияти иқтисодӣ ин ташкил ва ҳифзи рақобати бозорӣ мебошад, ки барои он ба таҳияи қонунгузории ҷандир ва татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ, тақсимоти бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт, дастгирии давлатӣ, таъмини устувории пули миллӣ ва ҳифзи моликият равона карда шудааст.

Амнияти иқтисодии кишвар чунин сатҳи рушди иқтисодии онро дар назар дорад, ки татбиқи манфиатҳои миллиӣ, фароҳам овардани шароити муносиб барои ҳастии фард ва ҷомеаро таъмин намуда, ба таҳдидҳое, ки ба рушди устувори иқтисодӣ ва бехатарии давлатҳо халал мерасонад, муқовимат намояд. Омилҳои дохилӣ ва

берунии амнияти иқтисодиро ҷудо мекунанд, ки ба омилҳои дохилии амнияти иқтисодӣ таъмини энергетикии кишвар, сохтори институтсионалӣ, такмили заминаи ҳуқуқӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, сатҳи таъмин будани кишвар бо захираҳои табиӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мамлакат, вазъи низоми бонкӣ ва бозорҳои дахлдор, шартҳои гирифтани қарз, интизом дар соҳаи пардохтҳои ғайринақдӣ, захираҳои меҳнатӣ, сохтори истифодаи қувваи корӣ, сатҳи бекорӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, истифода ва таҳияи дастовардҳои навтарини илму техника, татбиқи сиёсати инноватсионӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ба омилҳои берунии амнияти иқтисодӣ бошад ҷолибият ва рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, муҳоҷирати нерӯи корӣ ва нерӯи зеҳнӣ, ҳаҷми қарзи хориҷӣ ва қобилияти хидматрасонии он, ҳифзи сарҳад ва назорати қочоқ ва ғайра дохил мешаванд. Пешгирӣ ва бартараф кардани таҳдидҳои дар боло зикршуда муҳимтарин вазифаи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар давраи ҳозира ва ҳам дар давраи дарозмуддат мебошад.

Ба ақидаи Чернов С.Б. мафҳуми амнияти иқтисодӣ падидаи фарогир ва васеъ буда, на танҳо ҳолати иқтисодиёт, балки тамоми самти фаъолияти низоми давлат ва ҷомеаро инъикос мекунад. Дар таҳқиқоти муаллиф таъкид шудааст, ки асоси таъмини амнияти иқтисодиро рушди инноватсионӣ, рушди устувори иқтисодӣ, сифати баланди идоракунӣ, сиёсати шарикии иҷтимоӣ, ҳамкории мақомотҳои давлатии таъмини амният ва бехатарӣ ва баландбардории боварии аҳолӣ ба низмои судӣ ташкил медиҳанд [8].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки амнияти иқтисодӣ категорияи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки ба он вазъи устувории системаи иқтисодӣ, истиқлолияти иқтисодӣ, омилҳои таҳдидкунандаи берунӣ ва дохилӣ, имкониятҳои молиявӣ, техникию технологӣ ва бозорӣ, устувории иқтисодиёт ва низоми молиявии давлатӣ, тадбирҳои мақомоти давлатӣ идоракунӣ ва пешгирии хавфҳои иқтисодӣ ва бартараф кардани ҳолати мавҷудаи номатлуб дохил мешаванд.

Дар таҳқиқоти Караваева И.В. исбот шудааст, ки дар ибтидо таъмини амнияти иқтисодӣ ба сатҳи рақобтапазирии иқтисодиёт алоқаманд дониста шуда, сипас Бузен Б. исбот намуд, ки амнияти иқтисодӣ на танҳо ба рақобатпазирӣ, балки ба сиёсат, экология ва бахши ҷамъиятӣ низ алоқаманд мебошад. Лекин таҳлили таҳқиқотҳои алоҳида собит месозад, ки рақобатпазирӣ ба сифати омили муҳимтарини таъмини амнияти иқтисодӣ баромад мекунад [2].

Кузнетсова Е.И. таъкид менамояд, ки дар таъмини амнияти иқтисодӣ гурӯхбандӣ ва таснифи он нақши муҳим доранд. Ба ақидаи муаллиф сатҳи таъмини амнияти иқтисодӣ ба байналмилалӣ, миллӣ, минтақавӣ, ташкилотӣ ва инфиродӣ ҷудо карда шуда, дар низоми амнияти иқтисодии миллӣ амнияти саноатӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ, озуқаворӣ ва молиявиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд [4].

Саидмуродзода Л.Х. ва Махкамов И.Ш. заминаҳои меъёрию ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, ба хулоса омаданд, ки шарти асосии таъмини амнияти иқтисодӣ аз нигоҳи институтсионалӣ ин таҳияи низоми ягонаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамчунин ба ақидаи муаллифон бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ бояд санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа бояд мунтазам мониторинг карда шуда, саривақт ба онҳо тағйиротҳои зарурӣ ворид карда шаванд. Ба андешаи мо, пешниҳоди муаллифон аҳамияти муҳими амалӣ дошта,

такмили таъминоти институтсионалӣ ва ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй будани онҳо шарти заминавии таъмини амнияти иқтисодӣ мебошад [6].

Таҷриба нишон медиҳад, ки барои ноил шудан ба амнияти иқтисодӣ ҳадафҳои рушди миллӣ аҳамияти хоса доранд. Ҳама кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки ба ҳадафҳои худ дар сатҳи микро ва макро тавассути системаи иқтисодӣ ноил шаванд. Ҳадафҳои дорои хусусияти микроиқтисодӣ метавонанд аз ҳимояи соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузории хориҷӣ, устувории нархҳо, шуғли пурра ва тавозуни пардохт дар бар гиранд. Дар ин замина мурочиат ба таҷрибаи хориҷӣ ва истифодаи намунаи беҳтарини он аҳамияти муҳим дорад.

Бо назардошти тағйиёбии ҷаҳони имрӯза ва истифодаи бесобиқаи таҳримҳо Комиссияи Иттиҳоди Аврупо (ИА) бо мақсади таъмини амнияти иқтисодии кишварҳои узв панҷ ташаббусро пешниҳод ва роҳандозӣ намуд, ки фарогири самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти иқтисодӣ мебошанд. Дар ИА ҳамчунин стратегияи таъмини амнияти иқтисодӣ қабул шудааст, ки бо назардошти танишҳои геосиёсӣ ва густариши ҷуғрофияи номаниҳо дар ҷаҳони муосир тавассути пешниҳоди ин панҷ ташаббус такмили дода мешавад [9].

Таҳлил нишон медиҳад, ки таъмини амнияти кишварҳои узви ИА дар заминаи се ҳадафи асосӣ, яъне таъмин ва баландбардории рақобатпазирӣ, ҳимоят аз таҳдиду хатарҳои эҳтимоии ҷойдошта ва тақвияти ҳамкориҳо бо доираи васеи кишварҳо ба роҳ монда мешавад. Бо назардошти пояҳои номбаршуда ташаббусҳои нав дар самти таъмини амнияти иқтисодӣ ба самтҳои зерин ҷудо карда шудаанд:

- таҳкими минбаъдаи ҳифзи амнияти ИА ва тартиботи ҷамъиятӣ тавассути беҳтар намудани санҷиши **сармоягузориҳои хориҷӣ** ба ИА;

- ҳавасмандгардонии муҳокимаҳо ва амалҳо барои ҳамоҳангсозии бештар дар соҳаи **назорати содирот** бо риояи пурраи режимҳои мавҷудаи бисёрҷониба ва имтиёзҳои давлатҳои узв;

- машварат бо давлатҳои узв ва ҷонибҳои манфиатдор барои муайян кардани хатарҳои эҳтимолӣ, ки аз **сармоягузориҳои берунӣ** ба маҷмӯи маҳдуди технологияҳо бармеоянд;

- таҳкими мубоҳисаҳои минбаъда дар бораи чӣ гуна **дастгирӣ кардани тадқиқот ва коркардҳо бо технологияҳои дорои иқтидори истифодаи дугона**;

- тадбирҳо ҷиҳати **баланд бардоштани бехатарии тадқиқот** дар сатҳи миллӣ ва соҳавӣ.

Дар асоси ташаббусҳои дар боло овардашуда, аз он ҷумла дар самти тақвияти сармоягузориҳои хориҷӣ пешниҳодҳои мушаххас оварда шудаанд. Дар ин замина бо дар ква эътирофи саҳмия сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди кишварҳои узви ИА таъкид шудааст, ки баъзе аз сармоягузорон метавонанд ба амнияти иқтисодии ИА хатар эҷод кунанд. Бо ин мақсад 1200 лоиҳаи дар се соли охир татбиқшударо таҳлил карда шуда, пешниҳод шудааст, ки бояд ҳамаи давлатҳои узви ИА бояд механизми ягонаи санҷиши фаъолияти сармоягузориро дошта бошанд [9]. Дар баробари ин бояд соҳаҳои афзалиятнок муайян карда шуда, фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар ин соҳаҳо мавриди санҷиш қарор дода шавад.

Бо назардошти эътирофи арзишҳои заминавии иқтисодиёти бозорӣ, аз он ҷумла бозорҳои кушод ва ҳаракати озоди сармоя зимни пешниҳоди ташаббусҳо ҷиҳати таъмини амнияти иқтисодӣ таъкид шудааст, ки бояд ба таъсири манфии сармоягузорони хориҷӣ ба тавонмандии системавӣ ва фаъолияти ихтирооткорӣ

мунтазам баҳогузорӣ карда шавад. Дар ин замина ҳар як кишвари узв бояд лоиҳаҳои сармоягузории амалишавандаро мунтазам мониторинг намуда, хатарҳои эҳтимолии онро арзёбӣ намояд.

Яке аз дигар масъалаҳои муҳиме, ки дар ИА ба он таваҷҷуҳ карда мешавад ин назорати содироти молҳо мебошад. Дар ин замина ба масъалаи назорати содирот маҳсулоти таъиноти дугона ва истифодаи технологияҳои гуногун, ки ба амнияти иқтисодӣ таъсир мерасонанд аҳамияти хос зоҳир карда шудааст.

Бо такя ба таҷрибаи пешрафта муҳаққиқони ватанӣ Ҷабборов Ф.А. ва Файзизода М.С. таъкид менамоянд, ки самтҳои асосии таъмини амнияти иқтисодӣ ин ҳифзи манфиатҳои миллӣ, рушди устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, амнияти энергетикӣ ва амнияти қарзи берунӣ дохил мешаванд. Муаллифон пешниҳод менамояд, ки барои таъмини амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба рушди фаъолияти инноватсионӣ, соҳибкории саноатӣ, низоми самараноки идоракунии хавфҳо, муҳити рақобатӣ, баландбардории ҳосилнокии меҳнат, рақобатпазирии ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва қабули қарорҳои самаранок оид ба ҷалби қарзи берунӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад [1].

Дар шароити муосир таъмини амнияти иқтисодӣ ба заминаҳои институтсионалӣ вобаста мебошад. Вобаста ба ин ноил шудан ба сатҳи зарурии таъмини амнияти иқтисодӣ бе мавҷудияти санадҳои меъриву ҳуқуқии самаранок имконнопазир аст. Қонунҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ асоси фаъолияти низомҳои иқтисодӣ буда, бидуни онҳо ба сатҳи баланди таъмини амнияти иқтисодӣ ноил гардидан ғайриимкон аст.

Ба андешаи мо барои мубориза бо таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ ду ҷузъи хеле умумӣ вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо таҳкими иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷанбаи дохилӣ дорад. Барои таҳкими иқтисодиёти миллӣ дастгирии рушди истеҳсолот, эҷоди арзиши ҳадди аксар ва таъмини ниёзҳои асосӣ ва стратегӣ нақши муҳим доранд. Бинобар ин мубрамият пайдо кардани масъалаҳои саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар ва рушди бахшҳои истеҳсолоти моддӣ ба таъмини амнияти иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёриву ҳуқуқии марбут ба тиҷорат, андоз, амвол, сармоягузории хориҷӣ, меҳнат ва моликияти зеҳнӣ аз ҷумлаи муҳимтарин санадҳое ҳастанд, ки ба масъалаи амнияти иқтисодӣ иртиботи зиёде доранд. Мавҷудияти амнияти иқтисодӣ ва таъмини он назар ба тағйирёбандаи озодии иқтисодӣ таъсири бештар ва муҳимтар дорад.

Дари марҳилаи муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти рушди соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ аз ҷумлаи масъалаи асосӣ буда, рушди истеҳсолоти саноатӣ, кишоварзӣ ва сохтмон нақши ҳалкунанда доранд. Амният асоси рушди устувори истеҳсолот буда, таъмини он барои сармоягузорӣ хеле муҳим аст. Бо назардошти гуфтаҳои боло зарурати таъмини амнияти иқтисодӣ дар самт ва соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт аҳамияти муҳим дорад.

Бо назардошти шароитҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти иқтисодӣ дар сатҳи соҳаҳо масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Масалан, яке аз чунин соҳаҳои муҳим, ки аҳамияти стратегӣ дорад ин соҳаи кишоварзӣ мебошад. Дар ин самт бо дарназардошти он, ки яке аз рукнҳои муҳими низоми иқтисодӣ дар роҳи рушди устувор зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти

кишоварзӣ ва озуқаворин хушсифат мебошад, дар саросари ҷумҳурӣ ташкил ва ба ҳадди аксар истифода бурдани иқтидорҳои кишоварзӣ зарур мебошад. Аз ин рӯ, ҳама гуна масъалаҳои вобаста ба самаранокии кишоварзӣ, аз он ҷумла кам шудани заминҳои корам ва паст шудани ҳосилнокии зироатҳо дар раванди рушди соҳа мушкилот эҷод менамояд. Дар ин самт таъмини амнияти иқтисодӣ, ки ҳалли масъалаҳои мубрами рушди усутвори кишоварзиро тақозо мекунад, тавассути ҳамкории самараноки дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ амалӣ карда мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим ва калидии таъмини амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини амнияти иқтисодӣ аз нигоҳи муносибатҳои андозӣ мебошад. Дар ин самт солҳои охир як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда, ислоҳоти соҳа ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси такмили низоми маъмурикунонии андоз гардиданд. Новобаста аз ин ҳанӯз ҳам дар ин самт мушкилоти муайян мавҷуд буда, гаронии андоз аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб меравад.

Самти дигар ин таъмини амнияти иқтисодӣ дар бахши молиявии кишвар, аз он ҷумла низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамон тавре ки ниҳодҳои молиявию қарзӣ яке аз иштирокичёни фаъоли муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, онҳо дар фаъолиятҳои гуногуни иқтисодӣ, бахусус дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ нақши хеле муассир мебозад.

Яке аз масъалаҳои душвор дар роҳи таъмини амнияти иқтисодӣ ин пешгирии падидаи қочоқи ҳама гуна молу маҳсулот мебошад. Қочоқи ҳама гуна молҳои истеҳсоли хориҷӣ аз манбаъҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ба миқдори калон дар аксари мавридҳо дар баробари сабабҳои дигар, аз ҷумла, набудани дастгирӣ аз истеҳсолоти ватанӣ, ҳавасмандии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ноамниро дар ин самт коҳиш медиҳад. Аз ин рӯ, саъю кӯшиши ҳамаҷониба ва муборизаи ҷиддӣ дар баробари мубориза бар зидди қочоқ амниятро ба вуҷуд оварда, боиси рушди истеҳсолоти ватанӣ ва натиҷаҳои пурсамар дар таъсиси ҷойҳои кории нав мегардад.

Ҳамин тавр, таъмини амнияти иқтисодӣ вазифаи муҳимтарини давлат ва ҷомеа буда, дар ин самт бояд мониторинги пайваста амалӣ карда шавад. Вобаста ба ин бояд масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ бо афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ, таъмини амнияти стратегӣ, ташаккули иқтисодиёти ба дониш асосёфта, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, тавассути коҳиш додани хатарҳо дар тиҷорат, таъмини амният дар бахшҳои алоҳида ва махсусан ба масъалаи маҳалликунонии истеҳсолот таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад.

Дар ин замина мониторинг ва арзёбии нишондиҳандаҳои иқтисодии таъмини амнияти иқтисодӣ ба баланд бардоштани иқтидори умумии ташкилии низоми амният ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ мусоидат мекунад. Дар асоси натиҷаҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳои бехатарии иқтисодӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда, барои баланд бардоштани муваффақияти инфиродӣ ва ташкилӣ тадбирҳо ва чорабиниҳои мушаххас амалӣ карда мешаванд.

Бо таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии тамоюлҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонем хатарҳо ва таҳдидҳои муайянеро барои нигоҳ доштани низоми иқтисодӣ ва сиёсии кишвар муайян намоем. Дар ин ҷо, як қатор самт ва соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти муайян ва тадбирҳои ҳавасмандкунанда ниёз дорад. Тадбирҳои муайяни иқтисодӣ, ки сатҳи суботи

иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ин васила сатҳи амнияти иқтисодии онро баланд мебардоранд ба афзоиши пасандозҳо ва сармоягузориҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилоту муассисаҳо, кам кардани қарзи давлатӣ, сиёсати самараноки шуғли аҳолӣ, татбиқи самараноки сиёсати маориф ва илм, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани заминаи технологии истеҳсолот бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва рақобатпазирӣ дар саноат ва кишоварзӣ, таъмини сиёсати устувори зиддиинҳисорӣ ва сиёсати самараноку ҳамоҳангшудаи фискалӣ ва пулию қарзӣ вобаста мебошад.

**Адабиёт**:


1. Джабборов, Ф. А. Приоритетные направления обеспечения национальной экономической безопасности Республики Таджикистан / Ф. А. Джабборов, М. С. Файзизода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2018. – № 2(23). – С. 69-75. – EDN TVUHNM.
2. Караваева И.В. Теория экономической безопасности: этапы развития и переход к новой реальности. Федерализм. 2021;(2):5-24.
3. Кодирзода, Д. Б. Вопросы обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан в условиях интеграции в мировую экономику / Д. Б. Кодирзода, К. Х. Хушвахтзода, Б. М. Джумъаев // Международные отношения и безопасность. – 2022. – № 1(1). – С. 130-140.
4. Кузнецова, Е. И. Теория экономической безопасности в эволюционном развитии современной науки / Е. И. Кузнецова // Экономическая безопасность. – 2018. – Т. 1, № 1. – С. 21-27. – DOI 10.18334/ecsec.1.1.100485. – EDN LFPSHV.
5. Раупов, К. С. Баҳодиҳии қиёсӣ ба таҳдидҳои муосир дар таъмини амтинияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон / К. С. Раупов, И. Ҳ. Юнусов // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2018. – No. 2(7). – P. 94-105.
6. Саидмуродзода, Л. Ҳ. Заминаҳои меъёрию ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Л. Ҳ. Саидмуродзода, И. Ш. Махкамов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 1(40). – P. 374-383.
7. Султонов, З. С. Хусусиятҳои самтҳои стратегии таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З. С. Султонов, М. А. Махмудов, Ҷ. Р. Хасанов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No. 1(30). – P. 202-209.
8. Чернов Сергей Борисович Теория экономической безопасности в контексте достижений различных экономических школ // Вестник ГУУ. 2016. №7-8. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/teoriya-ekonomicheskoy-bezopasnosti-v-kontekste-dostizheniy-razlichnyh-ekonomicheskih-shkol (дата обращения: 07.04.2024).
9. Commission proposes new initiatives to strengthen economic security. file:///C:/Users/ADMIN/Downloads/Commission_proposes_new_initiatives_to_strengthen_economic_security.pdf


**УДК**: 330.341.42(575.3)

## БАҲОДИҲИИ КОРРЕЛЯТСИОНӢ ВА РЕГРЕССИОНИИ ҲАМОҲАНГИИ РУШДИ БАХШҲОИ МОЛИЯВИЮ ВОҚЕИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ*** - *доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Дангара. Суроға*: 735320, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, к. Марказӣ* 25.

***Ҷулиев Музаффар Ҳалимович*** - *ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Телефон*: 919107078. E-mail: muzaffar2694@mail.ru

*Муаллифон дар мақола диққати асосиро ба баҳодиҳии корреляционӣ ва регрессионии ҳамоҳангҳои рушди бахши низоми молиявию бонкӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ равона намудаанд.*

*Бахши иқтисодиёти воқеиро бе ҳамоҳангсозии низоми бонкӣ тасаввур кардан мушкил аст. Бояд гуфт, ки шароити бошиддат тағйир ёфтани авзои иқтисодиёти давлатҳои ҳамсоя ва тағйирёбии вазъи сиёсии ҷаҳонӣ ба низоми бонкдории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман, ба иқтисодиёт бетаъсир намемонад.*

*Аз ҷумла, буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва вазъи иқтисодии аксари давлатҳои ҷаҳон ба ҳолати имрӯзаи низоми бонкии мо таъсири худро расонд ва то як андоза қобили пардохт будани мизоҷонро заиф гардонид. Вазъияти баамаломадаи имрӯзаи иқтисодӣ, дар маҷмуъ, вазъияти қурбӣ ва буҳронӣ буда ба низоми бонкӣ таъсири манфии худро расонид.*

***Калидвожаҳо***: *низоми бонкӣ, бахши иқтисодиёт, низоми молиявию бонкӣ, дурнамо, субъектҳои хоҷагидорӣ, равандҳои иқтисодӣ, ҳамоҳангии рушди бахши молиявию бонкӣ, қарз, нишондиҳандаҳои молиявӣ.*

## КОРРЕЛЯЦИОННО-РЕГРЕССИОННАЯ ОЦЕНКА КООРДИНАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВОГО И РЕАЛЬНОГО СЕКТОРОВ ЭКОНОМИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Хайрзода Шукрулло Курбонали*** - *доктор экономических наук, ректор Дангаринского государсвенного университета. Адрес*: 735320, *Республика Таджикистан, Дангаринский район, ул. Маркази*, 25.

***Джулиев Музаффар Халимович*** - *ассистент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государсвенного финансово-экономического унверистета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова*, 64/14. *Телефон*: 919107078. E-mail: muzaffar2694@mail.ru

*В научной статье авторы уделяют внимание корреляционно-регрессионной оценке развития финансово-банковского сектора в условиях рыночной экономики. Сегодня сложно представить сектор реальной экономики без координации банковской системы. Следует сказать, что кардинальные изменения в экономике соседних стран и изменение мировой политической ситуации повлияют на современную банковскую систему Республики Таджикистан и экономику в целом.*

*В частности, мировой финансовый кризис и экономическая ситуация большинства стран мира оказали влияние на современное состояние нашей банковской системы и в некоторой степени ослабили платежеспособность клиентов. Текущая экономическая ситуация в целом является глобальной и кризисной и оказала негативное влияние на банковскую систему.*

***Ключевые слова***: *банковская система, сектор экономики, финансово-банковская система, перспективы, хозяйствующие субъекты, экономические процессы, координация развития финансово-банковского сектора, долг, финансовые показатели.*

## CORRELATION-REGRESSION ASSESSMENT OF THE CONCORDED DEVELOPMENT OF THE FINANCIAL AND REAL SECTORS OF THE ECONOMY IN TAJIKISTAN

***Khayrzoda Shukrullo Qurbonali*** *- Doctor of Economic Sciences, Rector of the Danghara State University. Address: 735320, Dangara, Markazi street 25.*

Juliev Muzaffar Halimovich - Assistant of the Department of Economic Analysis statistics Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: 919107078 muzaffar2694@mail.ru

In his scientific article, the author pays attention to the correlation-regression assessment of the development of the financial and banking sector in a market economy.
Today it is difficult to imagine a sector of the real economy without the coordination of the banking system. It should be said that fundamental changes in the economies of neighboring countries and changes in the global political situation will not affect the modern banking system of the Republic of Tajikistan and the economy as a whole.

In particular, the global financial crisis and the economic situation in most countries of the world have influenced the current state of our banking system and to some extent weakened the solvency of clients. The current economic situation as a whole is global and crisis and has had a negative impact on the banking system.

Key words: banking system, economic sector, financial and banking system, prospects, economic entities, economic processes, and coordination of development of the financial and banking sector, debt, financial indicators.

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти иқтисодии низоми молиявию бонкӣ дар шароити доимотағйирёбандаи равандҳои иқтисодёии ҷомеаи ҷаҳонӣ ин ҳамоҳанг кардани низоми молиявию бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ мебошад. Дар айни замон яке аз механизмҳои имконпазири рушди низоми молиявию бонкӣ дар шароити имрӯза такяи низом ба бахши иқтисодиёти миллӣ, аз он ҷумла самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад. Зарурати дурнамои рушди низоми молиявию бонкӣ низ дар ҳама шароит ба рушди иқтисодиёт бастагии зиёд дорад. Барои мушаххасоти сатҳи муътадили фаъолият дар шароити муосир ояндабинӣ яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад.

Шиддатёбии талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ дар сатҳи иқтисодиёт дар заминаи техникаву технологияи муосир яке аз таҳаввулоти замони муосир буда, қонеъ намудани ин талабот тавассути низоми бонкӣ дар шаклу воситаҳои гуногун қонеъ гардонида мешавад. Дар ин замина, арзёбии талаботи нав вобаста ба тағйироти иқтисодӣ дар ҳама шароит барои нигоҳ доштани сатҳи рақобатпазирӣ ва ба даст овардани даромади пешбининамуда бо назардошти хавфҳои эҳтимолӣ банақшагирӣ ва ояндабиниро тақозо менамояд.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ва рушди он дар баробари афзоиши ҳаҷми амалиёт ва васеъшавии доираи фаъолияти институтҳои молиявӣ, аз он ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ баробар бо дигар хатарҳои мавҷуда дар низоми бонкӣ боз як хатари муосири бонкӣ, ки осебпазирии ташкилотҳои қарзиро ба миён меоварад, ҳукмфармост ва он метавонад ба пешрафти тамоми самтҳои афзалиятноки фаъолияти бонкҳо таъсири манфии худро расонад.

Фаъолият намудан дар шароити иқтисоди бозорӣ, аз субъектҳои бозор, аз ҷумла бонкҳо талаб менамояд, ки таҳлили омилҳои дохилӣ ва беруниро ба таври мукаммал гузаронанд, мақсади фаъолиятро муайян намоянд, инчунин, стратегияи ба мақсад расиданашонро муайян намоянд. Ин корҳо банақшагирии фаъолияти бонкро талаб менамоянд.

Ҷараёни банақшагирӣ ин муайян намудани ҳудуди амалиёт барои тартиб додани масъалаҳои сифатӣ ва миқдориест, ки дар назди бонк гузошта мешаванд. Ояндабинӣ барои он тартиб дода мешавад, ки бо тағйироти ҷиддии дар иқтисодиёт баамалоянда бонк фаъолияташро мутобиқи ин тағйирот ба роҳ монад. Илова бар ин,

дар шароити иқтисоди бозорӣ, ба ин давра мехоҳад самти фаъолияташро тағйир диҳад, хизматҳои бонкии дар ин давра ба муштариён зарурро пешкаш кунад ва ғайра.

Тавассути тартиб додани нақша бонкҳо бозори бонкиро таҳлил намуда, чораҳои зарурииро барои дар рақобат тоб овардан меандешанд, рафтори худро дар бозор тағйир медиҳанд.

Банақшагирӣ ин банақшагирии ҷорӣ ва стратегӣ ва техникӣ мебошад.

Дар аввал банақшагирии ҷорӣ тартиб дода мешавад, ки дар он корҳои дар соли ҷорӣ иҷрошавандаро ҷой мегиронанд, ки он бо корҳои ҳаррӯзаи бонк таалluқ дорад.

Банақшагирии стратегӣ. Дар ҷараёни банақшагирии стратегӣ пешниҳодҳо ва мақсадҳо ба таври васеъ ба ҳисоб гирифта шуда, стратегияи бонкро васеъ ва чораҷӯи ҷиҳати ба даст овардани мақсадҳои пешбинишуда дар мадди назар гирифта мешаванд. Дар ҳақиқат, банақшагирии стратегӣ инкишоф ва пешрафти бонкро муайян менамояд. Дар ин ҷараён асоси васеъ шудани фаъолияти бонк дар бозор, тартиби иҷрои қарорҳои қабулшуда, фоидаи бонк, сатҳи хатарҳо аз амалиёти бонкӣ пешбинӣ карда мешаванд. Дар банақшагирии стратегӣ, дар навбати аввал, ҳамон масъалаҳоеро мемонанд, ки ҷои корхонаро муайян мекунанд. Масалан, дар бозори бонкӣ мо дар куҷо ҳастем ва бояд дар куҷо бошем.

Банақшагирии стратегӣ барои чанд сол тартиб дода шуда, дар он усулҳои таҳлили омилҳо ва нақшаҳо дар давоми 3-4 сол нишон дода мешавад. Дар ин нақша талаботи бозор дар давраҳои оянда ба ҳисоб гирифта мешавад ва стратегияи бонкӣ бояд аз рӯи усули «кӣ?» , чӣ?» ва «чӣ тавр?» тартиб дода шавад, яъне муштариёни мо киҳоянд, кадом намуди хизматҳо бояд пешниҳод карда шавад, чӣ тавр талаботи бозорро қонеъ гардонидан мумкин аст.

Дар сатҳи низоми бонкӣ банақшагирӣ қисмати таркибииояндабинии бонк мебошад, ки тавассути он фаъолияти минбаъдаи бонк дар сатҳи зарурӣ мушаххас карда мешавад. Аз таҳлили маълумотҳои дар таҳқиқот баррасигардида гуфтан мумкин аст, ки вобаста ба тамоили сусти рушди низоми бонкӣ дар 5 соли охир имкониятиояндабинии рушдро батадриҷ душвор менамояд. Тамоюли рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ тамоюли тағйирёбандагӣ дошта, дар марҳалаи каму зиёдшавӣ қарор доранд, ки эҳтимолияти пешгӯии рушди низоми бонкиро то як андоза номушаххас мегардонанд. Новобаста аз ин, дар шароити муаммодор гаштани вазъияти иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта Ҷумҳурии Тоҷикистон [9, с. 12] низ дар ин марҳилаи ҳассос қарор дорад, ки таъмини суботи иқтисодӣ ва маблағгузорӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ вазифаи он мебошад. Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тамоюли рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ то солҳои 2025 мусбат буда, аз рӯи натиҷаҳои меъёрӣ қаноатмандкунанда нест (ҷадвали 1).

**Ҷадвали** 1. - **Нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ дар солҳои** 2014-2021 **(млн сомонӣ)**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | Нисбат ба 2014 мут. / бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| 1. | Дороиҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ | 14 854,1 | 21 187 | 21 201,0 | 21 975,8 | 26 307,4 | 22 414,7 | 7560,6<br>ё 50,8% |
| 2. | Сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ | 9 661,3 | 9 823,1 | 8 677,2 | 9 703,2 | 10 882,5 | 11 970,4 | 2309,1<br>ё 23,9% |
| 3. | | 7 482,1 | 4 111,0 | 6 045,0 | 7 144,2 | 8 336,7 | | 2881,5 ё |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Қарзҳои қолабӣ | | | | | | 1036 3,6 | 38,5% |
| 4. | Қарзҳои таснифшуда | 2 179,2 | 5 712,1 | 2 632,2 | 2 559,0 | 2 545,8 | 1606 ,8 | -572,4 ё<br>26,2% |
| 5. | Ухдадориҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ | 12 507,8 | 15 690,1 | 15 287,3 | 15 749,3 | 3 386,8 | 17 339 | 4831,2 ё<br>38,6% |
| 6. | Амонатҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ | 6 691,5 | 9 244 | 9 723,8 | 9 742,2 | 11 414,2 | 1015 9,3 | 3467,8 ё<br>51,8% |
| 7. | Сармояи тавозунии маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ | 2 346,3 | 5 496,9 | 5 913,6 | 6 226,5 | 7 175,7 | 5075 ,7 | 2729,4 ё<br>116,3% |

***Сарчашма***: *ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон* https://www.nbt.tj

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ки дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ 50,8%, сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ 23,9%, қарзҳои қолабӣ 38,5%, қарзҳои таснифшуда 26,2%, ухдадориҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ 38,6%, амонатҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ 51,8% ва сармояи тавозунии маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ 116,3% афзоиш ёфтаанд, ки рушди низоми бонкиро нишон медиҳад, вале устувории онро таъмин карда наметавонад. Ҳамчунин, аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин рушди иқтисодиётро дар сатҳи зарурӣ таъмин намудан душвор мебошад.

Вобаста ба таҳлилҳои дар боло зикргардида, барои дурнамои дороиҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ муодилаи зеринро истифода бурдан мумкин аст:

$$y = b_1 * GDP + b_2 * t \qquad (1)$$

дар ин ҷо, $y-$ дороиҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ, $GDP$ –маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, $t$ –қатори вақтӣ ва $b_1, b_2$ –коэффитсиентҳои муодила ба ҳисоб меравад.

Бо истифода аз таҳлили регрессионӣ натиҷаҳои зерин дарёфт карда шуд, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст:

$y = 0{,}43310294 * GDP - 1865{,}651246 * t$

**Ҷадвали** 2. - **Натиҷаи муодилаи** 1

| **Тағйирёбандаи вобаста**: | **Дороиҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ, млн сомонӣ** | | | **Мушоҳидаҳо**: 8 |
|---|---|---|---|---|
| **Мувофиқатии** R | 0,99031510 | Тасҳеҳшавии R-квадрат | | 0,81084468 |
| R-**квадрат** | 0,98072401 | Хатои стандартӣ | | 3392,31441 |
| | Коэффитсиентҳо | Хатои стандартӣ | t-омор | P-қимат |
| GDP **(ММД)-млн сомонӣ** | 0,43310294 | 0,07639963 | 5,6689139 | 0,0012963 |
| **t-қатори вақтӣ** (1,2..n) | -1865,6512 | 1048,76587 | -1,77890 | 0,1255674 |

**Манбаъ**: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти омори Агентии омори назди Президтенти ҶТ бо истифодабарии барномаи MS Excel.

Муодилаи 1 аз он шаҳодат медиҳад, ки дар маҷмуъ, бо дарназардошти омилҳои интихобкардашуда, ба ҳисоби миёна, дороиҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ нисбат

ба ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон 31%-ро ташкил медиҳад. Коэффитсиенти детерминатсионии R2 = 0.98 зичии алоқамандии нишондиҳандаҳои дар болоовардашудаpо баланд нишон медиҳад, инчунин, дигар нишондиҳандаҳои омории дар ҷадвали 2 овардашуда низ оид ба аҳаммиятнок будани регрессияро, дар маҷмуъ, нишон медиҳад, ки ҳолати дурнаморо то як андоза мушаххас менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки ҳиссаи дороиҳои низоми бонкӣ дар муқоиса бо ММД тибқи дурнамо 31%-ро ташкил медиҳад, аммо ин нишондиҳанда дар муқоиса ба солҳои пеш қариб бетағйир мебошад. Ҳамчунин, гуфтан мумкин аст, ки рушди дороиҳои дар муқоиса ба ММД назаррас нест. Зеро, агар ММД ба ҳисоби миёна ҳар сол 7,5%-и рушдро ташкил намуда бошад, пас дороиҳои низоми бонкӣ агар дар алоҳидагӣ тамоили рушд дошта бошанд ҳам, аммо дар муқоиса ба ММД рушди назаррас надоранд. Рушди динамикии дороиҳои низоми бонкӣ назаррас буда, рушди муқоисавии он назаррас нест.

Ҳамзамон, барои баланд бардоштани ҳаҷми қарздиҳӣ ба иқтисодиёт ва хуб кардани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- Ба самтҳои афзалиятнок сафарбар намудани маблағҳои сандуқи қарзӣ;
- Пурқувват намудани сандуқи қарзӣ бо роҳи ҷалби маблағҳои дарозмуҳлат;
- Диверсификатсияи тақсимоти маблағҳои қарзӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ;
- Зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ, новобаста аз баланд будани шиддати хавфҳо;
- Бо роҳи кам кардани шиддати хавф, кам кардани ҳиссаи қарзҳои муаммодор дар маҷмуи умумии сандуқи қарзии низоми бонкӣ;
- Аз тарафи давлат фаъол гардонидани қарздиҳии бахши соҳибкории истеҳсолӣ;
- Дарёфти механизмҳои афзоиши қарзҳои дарозмуҳлат ба бахши воқеии иқтисодиёт;
- Дарёфти моделҳои муосири дастраснамоии қарзҳо ба бахшҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ;
- Афзоиш додани ҳаҷми қарздиҳии хурд ба тамоми минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ бо роҳи низоми муттамарказ кардани қарздиҳӣ.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт таҷриба намудани моделҳое, ки хусусияти таъсиррасонии онҳо ба иқтисодиёт наздик ва қобили истифода мебошад, мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин лиҳоз, дар асоси таҳқиқи моделҳои мавҷудаи қарздиҳии хурд намудҳои зерини пешниҳоди қарз ва давлатҳои дар он истифодашавандаро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Моделҳои қарздиҳӣ**

| № | Сохтор ва намуд | Мамлакати истифода |
|---|---|---|
| | **Модели бонкӣ** | |
| 1. | Модели Грамин Бонк | Бангладеш |
| 2. | Модели Bank Rakyat* | Малайзия, Индонезия ва Тайланд |
| 3. | Модели бонки деҳотӣ | Америкаи Лотинӣ |
| 4. | Модели қарздиҳии мустақим тавассути бонкҳо | Дар ҳама мамлакатҳо |
| | **Моделҳои универсалӣ** | |
| 5. | Қарздиҳии инфиродӣ | Дар ҳама мамлакатҳо |
| 6. | Қарздиҳии гурӯҳӣ | Ҳиндустон |
| 7. | Модели лоиҳаҳои қарзӣ | Мамлакатҳои Осиё |
| 8. | Модели қарздиҳии яклухт (апексӣ) | Ҳиндустон, Қирғизистон, Тоҷикистон |
| 9. | Модели чакана | Ҳиндустон |

*модели қарздиҳии хурде, ки аз ҷониби бонкҳои давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Таҳқиқи усулҳои пешниҳоди қарздиҳии хурд дар сатҳи деҳот нишон медиҳад, ки вобаста ба ҳолати инфрасохтор ва дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои хурд онҳо

метавонанд барои мақсадҳои гуногун ва дар шаклҳои гуногун гирифта шаванд. Ба таҳлили адабиёти илмӣ такя намуда, бояд самтҳои муҳимтарини қарзҳои хурдро дар деҳот аз рӯи категория чунин ҷудо кардан мумкин аст:

- расонидани хизматҳои молиявӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони хусусие, ки бо сабабҳои гуногун ба манбаъҳои қарздиҳӣ дастрасӣ надоранд;
- баланд бардоштани сифати зиндагии табақаи ниёзманди ҷомеа тавассути қарздиҳӣ ба фаъолияти соҳибкории хурди деҳот ва бо ҳамин васила ҳавасмандгардонии бунёди ҷойҳои иловагии корӣ дар деҳоти кишвар;
- бунёди низоми самараноки қарздиҳӣ ба корхонаҳои хурду миёна, ки хизматрасонии бонкҳои тиҷоратиро пурра мекунанд, инчунин, расонидани кумак ҷиҳати азхудкунии таҷрибаи андухтаи сармоя ба шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ оғоз кардаанд.

Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи моделҳои бонкӣ, модели қарздиҳии мустақим тавассути бонкҳо ва қисмати моделҳои универсалӣ ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат карда метавонанд [1, с. 6-11].

Ҷиҳати ҳавасманд кардани манбаъҳои истеҳсолӣ дар шароити муосир пешбурди низоми қарздиҳӣ [10, с. 17] тавассути модели қарздиҳии гурӯҳӣ ва модели лоиҳаҳои қарзӣ, ки дар асоси бизнес-нақшаи истеҳсолкунанда роҳандозӣ мегардад, мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамчунин, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани моделҳои мазкур дар самти иқтисодиёт чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- ✓ Мушаххас намудани минтақаҳои имконияти истеҳсолидошта;
- ✓ Ташкили корхонаҳои коркард ва истеҳолӣ дар минтақаҳои алоҳида;
- ✓ Пешниҳои бизнес-нақша бо фарогирии маблағҳои татбиқ ва ғ.

Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати рақобат дастовардҳои илмию техникии ҷаҳонӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти иқтисодии кишвар, аз ҷумла бонкдорӣ васеъ истифода мешаванд, ки масъала метавонад дар суботи рушди иқтисодиёт ва ояндаи хуби иқтисодиёт мусоидат намояд. Ин аст, ки фаъолияти бонкӣ дар кишварҳо бо сабабҳои зерин пурра такмил меёбад:

- Рушди ширкатҳои трансмиллӣ ва ташкили коргоҳу намояндагиҳои онҳо дар тамоми дунё хизматрасониҳои универсалии бонкиро талаб мекунад;
- Зарурати ҷалби захираҳои қарзӣ ва истифодаи технологияҳои нави хизматрасонии бонкӣ хоҳу нохоҳ бонкҳои кишварҳои алоҳидаро маҷбур месозад, ки муносибатҳои худро бо бозорҳои молиявию асъорӣ ба роҳ монанд;
- Воридшавии бонкҳои хориҷӣ ба бозорҳои дохилӣ боиси шиддатнокии рақобат ва мутаносибан болоравии сатҳу сифати хизматрасонӣ аз ҷониби бонкҳои дохилӣ мегардад;
- Рушди муносибатҳои байнипарлумонии кишварҳо ва такмили пайвастаи қонунгузорӣ, аз ҷумла дар соҳаи бонкдорӣ зарурати такмили низоми бонкии кишварро талаб менамояд.

Новобаста аз ҳамаи ин гуфтаҳо, дар ҳама шароит барои ноил шудан ба муваффақиятҳои дар дурнамо пешбининамуда ташкили муҳити рақобат дар низоми бонкӣ ва таъмини рушди иқтисодиёти кишвар тавассути ин низом яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити имрӯзаи низоми бонкӣ барои ноил шудан ба равандҳои муваффақонаи арзёбии холисонаи рақобатпазирии бонк дар бозори рақобат бо ташаккули дурусти муносибати ҳамаҷониба ба ин раванд зарур мебошад, ки ифодаи мантиқии онро аз таҳлилҳои нишондиҳандаҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Гуфтан бамаврид аст, ки яке аз механизмҳои асосии таъмини рақобатпазирии низоми бонкӣ дар шароити имрӯзаи

низоми бонкӣ ва афзоиши талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ ташкили муҳити равандҳои ҳамгироишудаи низоми бонкӣ мебошад.

Илова бар гуфтаҳои боло, дар доираи таҳлилҳои гузаронидашуда ва гирифтани пеши роҳи таъсири осебпазирӣ дар сатҳи низоми бонкӣ андешидани чораҳои зарурӣ мувофиқи мақсад мебошад:

- ✓ баланд бардоштани пардохтпазирии низоми бонкӣ бо роҳи ба даст овардани эътимоди истифодабарандагони амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ;
- ✓ иҷрои одитарин уҳдадориҳое, ки ба боварӣ ва эътимоди мизоҷон ва аҳолӣ замина фароҳам месозанд;
- ✓ аз тарафи бонки марказӣ баланд бардоштани меъёри сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд ба андозаи 3 баробар зиёд аз меъёри ҷорӣ, ки айни замон ин ташкилотҳо амал менамоянд;
- ✓ дар заминаи мувофиқа муттаҳид кардани як қатор ташкилотҳои қарзие, ки захираҳои пулию қарзии нокифоя доранд;
- ✓ бо роҳҳои гуногун маҳдуд кардани фаъолияти ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ки фаъолияти заиф доранд.

**Адабиёт**


1. Махшулов, С.Ҷ. Қарзҳои бонкӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими молиявии захираҳо барои истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ / С.Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. - №11. - С.6-11.
2. Махшулов, С.Ҷ. Равандҳои идоракунии осебпазирии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Ҷ. Махшулов, М.Ҳ. Ҷулиев // Паёми молия ва итисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – 2021. - №4 (28). - С.147-156.
3. Муминов, А.Б. Пул, қарз, бонк / А.Б. Муминов, Т.Т. Муслихова. - Душанбе, 2014. - 126 с.
4. Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23.12.2022 [манбаи электронӣ]. - URL: http://prezident.tj/node/25005. (санаи муроҷиат: 12.09.2023)
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [манбаи электронӣ] - URL: www.stat.tj (санаи муроҷиат: 12.09.2023)
7. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 [манбаи электронӣ] - URL: www.stat.tj (санаи муроҷиат: 22.09.2023)
8. Хайрзода Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ: дисс. докт. илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 / Ш.Қ. Хайрзода. - Душанбе, 2021. - 430 с.
9. Саидмуродов, Л. Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики / Л. Х. Саидмуродов. – Душанбе : Дониш, 2021. – 414 с. – ISBN 978-99985—7074-0. – EDN OUINAH.
10. Саидмуродов, Л. Х. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления / Л. Х. Саидмуродов, В. Д. Сабуров. – Душанбе : ООО «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176 с. – ISBN 978-99975-384-6-8. – EDN VYJXSN.


---

**УДК**: 338.48

## МОДЕЛИ РЕГРЕССИОНИИ АРЗЁБИИ ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ОН ДАР НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ

***Кошонова Манзура Раҳматҷоновна*** *– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734002, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи* 2, *гуз. Маяковский* 6/2, *х.* 40. *Тел.*: 93-555 50 72, e-mail: manzura@yandex.ru.
***Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович*** - *муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел.*: (+992) 931 52 55 22, *e*-mail: Jonibek-010188@mail.ru.

*Дар мақола заминаҳои ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ, алалхусус муайян кардан ва сафарбар намудани имкониятҳои молиявии минтақаҳо ҳамчун объекти таҳқиқотӣ баррасӣ мегардад. Масъалаи мазкур дар робита ба васеъ ба роҳ мондани омӯзиши алоқамандии байни нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мувофиқан ба самтҳои таҳлили корелятсионӣ ва регрессионӣ мебошад.*

*Вазъи макроиқтисодии дараҷаҳои интенсивнокии иқтидори сармоягузорӣ вобаста аз ҳаҷм ва таркиби маблағҳои сафарбаршаванда дар минтақаҳо таҳлил карда баровардa мешавад. Кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки баркашии иқтидори сармоягузорӣ ва асоснокии методологии он барои ҳамоҳангсозӣ ва идора намудани таъсисёбии иқтидори сармоягузории минтақаҳо дар маҷмуъ, хусусиятҳои он аз тариқи ташаккул ёфтани нишондиҳандаҳои натиҷавии маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар ҳамоҳангӣ бо намудҳои мушаххаси маблағгузорӣ равона гардад. Мавқеи пажуҳишӣ ба самте нигаронида шудааст, ки дар ҳолати мавҷуд будани алоқамандӣ, имконияти гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигари таҳлил, яъне аз корреляцсионӣ ба регрессионӣ мунтазам ба эътибор гирифта шавад. Бо ин роҳ мавриди таҳлил имконияте фароҳам меояд, ки таҳияи модели ҳисобии регрессионӣ дар асоси маълумотҳои оморӣ дар заминаи маълумотҳои расмии рушди минтақаҳо амалӣ карда шавад.*

***Калидвожаҳо***: *ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ, имкониятҳои молиявии минтақа, таҳлили корреляцсионӣ, таҳлили регрессионӣ, нишондиҳандаи натиҷавӣ, қонуниятҳои эконометрикии таҳияи модел, сифати модел, вазъи сармоягузорӣ, идоракунии иқтидори сармоягузорӣ, маблағгузории самаранок.*

## РЕГРЕССИВНЫЙ МОДЕЛЬ ОЦЕНКИ ИНВЕСТИЦИОННОГО ПОТЕНЦИАЛА И ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ В РАЙОНАХ РЕСПУБЛИКАНСКОГО ПОДЧИНЕНИЯ

***Кошонова Манзура Рахматджановна*** - *д.э.н., профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734002, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.* 2 *пр. Маяковского* 6/2 *кв.*40. *Тел.*: 93-555 50 72. *E*-mail: manzura@ yandex.ru.
***Зубайдов Джонибек Иброхимович*** - *старший преподаватель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.*: (+992) 931 52 55 22. *E*-mail: Jonibek-010188@mail.ru.

*В статье рассматриваются основные предпосылки наращивания инвестиционного потенциала, выявление и мобилизация региональных финансовых возможностей в качестве объекта исследования. Эта проблема связана с широким изучением взаимосвязи между экономическими показателями с точки зрения корреляционного и регрессионного анализа.*

*Макроэкономическая ситуация инвестиционного потенциала анализируется в регионах в зависимости от интенсивности объема и состава привлекаемых средств, формирования показателей выпуска промышленной и сельскохозяйственной продукции в увязке с конкретными источниками и видами инвестирования. В центре внимания*

*исследования находится направление, где в случае корреляции учитывается возможность перехода от одного случая к другому, от корреляции к регрессии. Использование показателей на основе официальных данных позволяет найти определенные возможности разработки модели регрессионного анализа для оценки реального продвижения и развития регионов.*

***Ключевые слова**: формирование инвестиционного потенциала, финансовые резервы региона, корреляционный анализ, регрессионный анализ, результативные показатели, эконометрические закономерности составления модели, качества модели, инвестиционная ситуация, управление инвестиционного потенциала, интенсивность инвестиционных вложений.*

## A REGRESSIVE MODEL FOR ASSESSING INVESTMENT POTENTIAL AND ITS IMPROVEMENT IN THE DISTRICTS REPUBLICAN SUBORDINATION

***Koshonova Manzura Rakhmatdzhanovna** - Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street 2 Mayakovsky Ave. 6/2, apt. 40. tel.: 93-555 50 72. E-mail: manzura@yandex.ru.*

***Zubaidov Jonibek Ibrohimovich** – senior teacher of the Department of Finance, The Tajik StateFinance and EconomicsUniversity. Address: 64/14, Nakhimova street, Dushanbe, 734067, Tel.: (+992)931 5255 22. E-mail: jonibek-010188@mail.ru.*

*The article is considered the main prerequisites for increasing investment potential, identifying and mobilizing regional financial opportunities as an object of study. This problem is associated with a broad study of the relationship between economic indicators in terms of correlation and regression analysis.*

*The macroeconomic situation of investment potential is analyzed in the regions depending on the intensity of the volume and composition of the funds raised the formation of industrial and agricultural output indicators in conjunction with specific sources and types of investment. The focus of the study is on the direction where, in the case of correlation, the possibility of moving from one case to another, from correlation to regression, is taken into account. The use of indicators based on official data allows us to find certain opportunities for developing a regression analysis model to assess the real progress and development of regions.*

***Keywords**: formation of investment potential, financial reserves of the region, correlation analysis, regression analysis, performance indicators, econometric laws, model compilation, model quality, investment situation, investment potential management, investmentinvestment intensity.*

Масъалаи такмили иқтидори сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, алалхусус дар ноҳияҳои тобеи он зарурати ҳарчи бештар баланд бардоштани низоми идоракуниро ба миён меорад. Бинобар ин, истифода аз фишангҳои дақиқи идоракунӣ хеле муҳим мебошад. Истифодаи модели арзёбии иқтидори сармоягузорӣ бо мақсади таҳлили ҳолати иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) барои таъмини асоснокии муайянсозии имконоти истеҳсолӣ равона карда мешавад. Дар ин замина, рушди иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ аз ҳисоби ҷалби шаклҳои гуногуни манбаъҳои сармоягузорӣ ба амал меоянд. Дар натиҷа, таҳлил бояд дар сатҳи амалкарди НТҶ субъектони рақобатпазири истеҳсол, ташаккулёбии бахшҳои рақобатпазирро бо назардошти ҳадафҳои стратегӣ ва дар асоси фаъолияти иқтисодӣ таъмин намоянд.

Таҳлили қиёсӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар НТҶ дар муқоиса бо сатҳи миёнаи фаъолияти сармоягузории кишвар қонеъкунанда нест. Дар марҳалаи муосир дар шароити шиддатнокии ташаккули захираҳои молиявӣ муайян кардану истифода бурдани имконоти худи минтақа аҳамияти бештар дорад.

Дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ воситаҳои ҷалбшуда бартарӣ доранд, гарчанде ҳаҷми сармоягузорӣ хеле хурд аст. Чунин ҳолат аз рушд накардани низоми қарзию молиявии кишвар дарак медиҳад. Дар ин раванд, ҳиссаи воситаҳои худӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ низ нокифоя мебошад. Сабаби инро дар фоизи баланди субъектони камсамари иқтисод мебинанд. Дар кишвар афзоиши босуръати ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ мушоҳида карда мешавад. Барои арзёбии иқтидори сармоягузорӣ дар заминаи моделҳои эконометрикӣ маълумоти омории ҷадвали зеринро истифода менамоем.

Тавре аз ҷадвали 1 бармеояд, нишондиҳандаҳои маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳии соли 2021 нисбат ба соли 2009 дар маҷмуъ, характери динамикӣ дорад, ки истифодаи онҳо барои таҳияи моделҳои регрессионӣ аз нигоҳи тамоили рушд доштан мутобиқат менамоянд.

Ин аз он дарак медиҳад, ки дар аксар соҳаҳои муҳим то ҳол зарурате ҷой дорад, ки имкониятҳо иқтидори сармоягузорӣ дарёфт ва сафарбар карда шаванд. Алалхусус, дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки дарёфт намудани сарчашмаҳои иқтидори сармоягузорӣ аз шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва мувофиқгардонии хизматрасониҳо вобаста аст. Дар ин самтҳо, дастгирии давлатӣ барои такмил додани иқтидори сармоягузорӣ ва сафарбар намудани сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ хеле муҳим баромад мекунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин ҷода суръати пешрафти илмӣ-техникӣ дар кишвар ва самаранокии истеҳсол ба сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Дар мавриди нокифоя будани сармоягузориҳо имкониятҳоеро истифода бурдан лозим аст, ки онҳо характери ташаббускорӣ дар асоси шаклҳои нави хоҷагидорӣ дорад. Ҳамзамон, дар ин самт лозим аст, ки заминаи ахборотии такмили иқтидори сармоягузорӣ васеъ гардида, бо тарғибот ва усулҳои нави рақамикунонӣ имкониятҳои васеи идоракунӣ ба амал ояд. Яъне фазои нисбатан муносиби сармоягузорӣ аз майли сармоягузорон ба амал меояд.

Фазои сармоягузории ҷумҳуриро сармоягузорон дар асоси ҳаҷми калони ахбори манфӣ дар бораи минтақаҳо баҳо медиҳанд ва ин ба мунҳариф шудани вазъи воқеӣ ва паст вонамуд гаштани сатҳи ҷаззобият боис мешавад.

Ба назари мо, беҳтар гаштани фазои сармоягузорӣ, алалхусус воридоти захираҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди НТҶ аз чунин чорабиниҳо вобастагии зич дорад:

- таҳияи заминаи ҷолиби қонунгузорӣ барои афзоиш додани фаъолияти сармоягузорӣ ва таъмини ҳимояи устувории сармоягузориҳо;
- фароҳам овардани афзоиши ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо;
- густариши заминаи молиявии сармоягузориҳо аз ҳисоби таъинот ва истифодаи молҳои сармоягузорӣ;
- ба роҳ мондани созишномаҳои дуҷониба бо сармоягузорони хориҷӣ ва пеш гирифтани ҳавасмандсозии тарафҳо оид ба мусоидат намудани сармоягузорӣ.

Барномаҳои давлатии таҷдиди бахшҳои афзалиятноки иқтисодро барои гурӯҳҳои мушаххаси корхонаҳо таҳия бояд кард. Зимнан, объектҳоеро, ки таъиноти ғайритиҷоратӣ доранд, инчунин муассисаҳои ба фаъолияти инноватсионӣ ва таҳқиқу коркардҳои илмӣ машғулбударо ба таври бебозгашт аз буҷет маблағгузорӣ кардан лозим аст. Навъҳои дигари сармоягузориҳои мутамарказро танҳо ба тариқи баргарданда, музднок ва тариқи озмун амалӣ кардан зарур аст.

**Ҷадвали** 1. - **Маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳӣ** (*бо нархҳои амалкунанда, млн. сомонӣ*)

| **Минтақаҳо** | **Нишондиҳандаҳо** | | | **Солҳо** | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| ш. Душанбе | Сармоягузории давлатӣ | 247,8 | 415,4 | 879,3 | 552,1 | 945,5 | 1236,1 | 896,1 | 1035,7 | 1256,8 | 1133,2 | 1256,0 | 1055,9 | 1933,8 |
| | Сармоягузории аҳолӣ | 57,1 | 71,5 | 24,6 | 20,5 | 23,5 | 56,6 | 37,6 | 35,7 | 14,3 | 12,3 | 12,4 | 117,1 | 88,5 |
| | Сармоягузории ташкилотҳои дигар | 443,0 | 446,4 | 517,0 | 498,4 | 1036,2 | 1453,9 | 2429,7 | 1952,3 | 1562,0 | 1683,5 | 1966,5 | 2102,8 | 2713,8 |
| | **Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ** | 623,6 | 821,5 | 1061,9 | 1092,0 | 1023,7 | 1222,4 | 1350,7 | 1461,8 | 1659,0 | 2664,9 | 2753,4 | 2800,6 | 3339,4 |
| | **Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ** | Х | Х | Х | Х | Х | Х | Х | Х | Х | Х | Х | Х | 158,2 |
| **Суғд** | Сармоягузории давлатӣ | 119,3 | 146,1 | 220,7 | 276,0 | 331,0 | 251,5 | 290,5 | 320,3 | 253,7 | 416,9 | 458,2 | 423,7 | 584,2 |
| | Сармоягузории аҳолӣ | 32,6 | 37,0 | 46,9 | 61,5 | 76,3 | 100,4 | 101,4 | 117,4 | 139,1 | 154,6 | 204,2 | 189,5 | 253,7 |
| | Сармоягузории ташкилотҳои дигар | 697,1 | 425,5 | 635,1 | 710,1 | 822,7 | 1029,0 | 1267,0 | 1487,3 | 1615,6 | 943,3 | 1073,6 | 708,3 | 955,7 |
| | **Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ** | 1395,1 | 2010,3 | 3446,8 | 3825,9 | 3154,6 | 4103,5 | 4894,2 | 7078,5 | 10066,4 | 11498,4 | 13053,6 | 15573,2 | 21064,8 |
| | **Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ** | 2504,6 | 2707,6 | 4112,4 | 4533,7 | 5497,9 | 5687,3 | 6653,8 | 7116,4 | 7486,2 | 8091,7 | 9797,1 | 10821,0 | 13950,9 |
| **Хатлон** | Сармоягузории давлатӣ | 210,6 | 315,6 | 212,7 | 191,6 | 283,5 | 355,6 | 319,9 | 434,8 | 459,1 | 298,1 | 414,1 | 310,9 | 382,0 |
| | Сармоягузории аҳолӣ | 92,2 | 134,8 | 154,7 | 264,2 | 250,6 | 257,2 | 280,8 | 218,8 | 186,9 | 119,4 | 122,3 | 154,5 | 155,4 |
| | Сармоягузории ташкилотҳои дигар | 718,2 | 1434,6 | 617,5 | 565,4 | 708,3 | 778,5 | 903,1 | 1722,2 | 1539,1 | 2385,1 | 2086,6 | 1939,5 | 3302,7 |
| | **Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ** | 2435,5 | 2960,2 | 3446,8 | 3825,9 | 4078,5 | 4044,7 | 4621,2 | 5047,7 | 6753,1 | 7294,0 | 8661,1 | 8998,3 | 10333,0 |

| | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ** | 4001,4 | 4299,2 | 7613,2 | 8312,6 | 10764,5 | 11036,6 | 11914,5 | 12751,8 | 13338,6 | 14467,9 | 15505,2 | 16985,0 | 24400,6 |
| **ВМКБ** | Сармоягузории давлатӣ | 50,9 | 69,6 | 52,3 | 46,6 | 82,6 | 115,7 | 108,8 | 80,2 | 80,6 | 140,6 | 110,8 | 113,4 | 65,3 |
| | Сармоягузории аҳолӣ | 6,5 | 14,4 | 11,1 | 11,1 | 11,8 | 20,4 | 46,0 | 53,0 | 29,2 | 21,3 | 19,3 | 16,5 | 26,5 |
| | Сармоягузории ташкилотҳои дигар | 30,1 | 159,8 | 58,5 | 44,5 | 68,9 | 105,7 | 100,1 | 219,9 | 329,8 | 357,3 | 127,2 | 237,9 | 417,0 |
| | **Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ** | 55,8 | 70,7 | 85,9 | 98,5 | 100,3 | 96,5 | 111,8 | 128,8 | 193,4 | 238,3 | 249,3 | 228,8 | 315,5 |
| | **Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ** | 322,9 | 339,8 | 475,6 | 536,0 | 582,8 | 588,6 | 638,6 | 649,9 | 612,5 | 529,1 | 568,5 | 572,7 | 746,6 |
| **НТЧ** | Сармоягузории давлатӣ | 590,7 | 730,6 | 1125,0 | 952,2 | 783,2 | 1145,1 | 1830,6 | 2528,8 | 2963,6 | 4480,0 | 4022,4 | 3810,3 | 3209,0 |
| | Сармоягузории аҳолӣ | 92,3 | 98,6 | 215,1 | 65,3 | 102,7 | 103,5 | 106,6 | 58,6 | 88,0 | 128,6 | 109,9 | 134,0 | 82,6 |
| | Сармоягузории ташкилотҳои дигар | 510,9 | 167,6 | 217,8 | 280,7 | 270,0 | 483,5 | 1031,7 | 914,7 | 853,8 | 1086,8 | 534,2 | 460,9 | 954,8 |
| | **Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ** | 3043,4 | 3077,4 | 1433,3 | 1492,4 | 1594,9 | 1067,9 | 1218,1 | 1373,2 | 1357,1 | 2198,5 | 2895,6 | 3289,4 | 3776,3 |
| | **Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ** | 1964,6 | 2044,8 | 2730,2 | 3099,6 | 3705,1 | 3702,5 | 3801,2 | 4057,9 | 4461.4 | 4661,2 | 5017,4 | 5242,9 | 6376,7 |

**Сарчашма**: Омори солонаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2022. - С. 293-304.

Истифодаи оқилонаи таркиби дороиҳои миллӣ ва табиӣ ҷой дорад ё дар натиҷаи меҳнати муфиди ҷамъиятӣ ташаккул меёбад, яке аз роҳҳои мувофиқи баровардани иқтисоди минтақа аз вазъияти буҳронӣ мебошад. НТҶ дар қиёс бо бисёре аз минтақаҳо дорои захираҳои бойи табиӣ мебошад [12, с. 120]. Онҳоро ба манбаи ҳақиқии сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ табдил додан зарур аст. Дар ташкили фаъолияти гуногунҷабҳа мавқеи марказиро захираҳои обҳои маъданӣ барои ташкили фаъолияти осоишгоҳию табобатӣ ва туризми кӯҳӣ ишғол мекунанд, ки аз назари мо, дар оянда фаъол сафарбар намудани онҳо яке аз заминаҳои такмил додани ташаккулёбии иқтидори сармоягузории НТҶ мебошад.

Пеш аз ҳама, бо ин қайд карданием, ки рушди соҳаи мазкур, аз ҷумла навсозии он метавонад дар афзоиши шуғли аҳолӣ, ихтисори бекорӣ дар НТҶ таъсири мусбат гузорад. Ин мавқеъ хеле ҷаззоб аст, зеро НТҶ минтақаи дорои захираи меҳнатии барзиёд мебошад. Аҳолии бекор дар ин сурат метавонад ба ғайр аз соҳаи туризм, инчунин ба соҳаҳои зерсохтори туризм машғул шаванд. Ҳамин тавр, ба эътибор гирифтани ҳамин гуна хусусиятҳои ҷойгиршавии минтақа заминаи устувори иқтидори иқтисодӣ дар маҳалҳо, ташаккул ёфтани сарчашмаҳои даромади корхонаҳо ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум гарданд. Дар робита ба хизматрасонии самараноки бонкӣ, алалхусус дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок иқтидори сармоявии хонаводаҳо ба амал омада, дар ниҳояти кор бо такмил додани корхонаҳои хурди коркарди ашёи хоми ватанӣ имкониятҳои васеи рушди иқтидори сармоягузорӣ ба амал меояд. Ҳамин тавр, бо ин роҳ ҳамоҳангии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба амал омада, механизми идораи иқтисодии маҷмааи осоишгоҳу туристӣ дар НТҶ имкониятҳои васеи таъмини устувории бозори хизматрасонии осоишгоҳиро таъмин мегардонад.

Чунки ба назари мо, дар НТҶ шароити хуби рушди истеҳсоли кишоварзӣ мавҷуд аст. Онҳо имкониятҳоеро дар худ маҳфуз нигоҳ доштаанд, ки таҳқиқи онҳо комплекси осоишгоҳу дигаргуниҳоро бо пойгоҳи озуқаворӣ ва дигар намуди хизматрасониҳоро таъмин намояд. Корхонаҳои хурди навтаъсиси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ метавонанд фармоишоти комплекси осоишгоҳу дигаргуниҳои хизматрасониро оид ба истеҳсоли маҳсулоту хадамоти ҳунари мардумӣ иҷро намоянд. Сиёсати сохтории минтақавӣ бояд дар асоси сатҳи самаранокии соҳаҳо ва корхонаҳои мушаххас дар робита ба сафарбар намудани модели арзёбии иқтидори сармоягузорӣ бо истифодаи роҳҳои навгонии онҳо дар таркиби идоракунии иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳия карда шавад.

Вусъати фаъолияти инноватсионии солҳои охир қариб дар ҳама соҳаҳо афзудааст. Пешсафоне, ки манзараи умумии фаъолияти инноватсиониро муайян мекунанд, субъектони истеҳсолӣ, корхонаҳо, хизматрасонии сайёҳӣ, алоқа, коммуникатсия ва корхонаҳои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ мебошанд.

Чуноне ки таҳқиқот нишон медиҳад, дар марҳилаи баромадани соҳаи инноватсионӣ ба масири рушди устувор таъсири бештарро ба тағйирёбии он манбаъҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои асосии иқтисод мерасонанд, ки таҳлили алоқамандии онҳо дар заминаи таҳлили маълумотҳои воқеии фаъолияти субъектҳои иқтисодии минтақаҳо вазифаи хеле муҳим мебошад.

Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки коэффитсиентҳои вобастагии байни манбаъҳои сармоягузориҳо бо МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳо чунин муайян гардидааст: дар ш. Душанбе - (0,886; 0,667) вилояти Суғд - (0,922; 0,936; 0,973), вилояти Хатлон - (0,866; 0,753; 0,610), ВМКБ - (0,809; 0,904; 0,584) ва НТҶ - (0,655; 0,528; 0,801) мебошад.

Ин имкони истифодаи манбаъҳои сармоягузориро барои натиҷаи асосӣ чун омили муҳими муайяннамоии тағйироти иқтидори сармоягузорӣ фароҳам месозад.

Бинобар ин, барои муайян намудани ҳиссаи манбаъҳои сармоягузориҳо ба МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳо моделҳои ҳисобии регрессионӣ таҳия карда шуд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Моделҳои ҳисоби регрессионии арзёбии МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳо**

| Минтақаҳо | Намуди модел |
|---|---|
| ш. Душанбе | $ММM_Д = 10{,}5819 \cdot СД$ |
| | $ММС_Д = 1{,}4561 \cdot СД + 0{,}0089 \cdot СА$ |
| Вилояти Суғд | $МММ_С = 44{,}7952 \cdot СД$ |
| | $ММС_С = 61{,}9302 \cdot СА$ |
| | $ММК_С = 1587{,}1641 + 44{,}4188 \cdot СА$ |
| Вилояти Хатлон | $МММ_Х = 16{,}0719 \cdot СД + 5{,}9636 \cdot СТ$ |
| | $ММС_Х = 8{,}2310 \cdot СД + 1{,}5964 \cdot СТ$ |
| | $ММК_Х = 0{,}2008 \cdot СД + 28{,}3215 \cdot СА + 3{,}8593 \cdot СТ$ |
| ВМКБ | $МММ_Б = 5{,}3119 \cdot СД + 1{,}6903 \cdot СТ$ |
| | $ММС_Б = 36{,}4137 + 0{,}3329 \cdot СД + 0{,}3723 \cdot СТ$ |
| | $ММК_Б = 5{,}8576 \cdot СД$ |
| НТҶ | $МММ_{НТҶ} = 9{,}2909 \cdot СТ$ |
| | $ММС_{НТҶ} = 0{,}0747 \cdot СД + 1{,}9446 \cdot СТ$ |
| | $ММК_{НТҶ} = 1{,}5407 \cdot СД$ |
| Эзоҳ: МММ - маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, ММС - маҷмуи маҳсулоти саноатӣ, ММК - маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ СД - сармоягузории давлатӣ, СТ сармоягузории ташкилотҳо, СА сармоягузории аҳолӣ. | |

**Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.**

Моделҳои таҳиягардида аз рӯйи тавсифҳои оморӣи сифат, эътимоднокӣ, хатоии стандартӣ ва чандирнокӣ санҷида шудаанд, ки натиҷаи онҳо дурустии моделҳои таҳияшударо тасдиқ мекунанд ва имкон медиҳанд, ки он ҳамчун модели таҳиягардида барои таҳлил ва арзёбии ҳаҷми маҳсулоти умумии минтақавӣ аз ҳисоби манбаи сармоягузориҳо дар бахшҳои воқеӣ истифода бурда шаванд.

Коэффитсиентҳои дар моделҳои ҳисобии овардашуда таъсири омилҳои манбаъҳои сармоягузориҳо ба МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳои кишвар буда, ҳамчун иниъикоскунандаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ баромад мекунанд. Алалхусус, дар шароити гузариш аз кишвари аграриву саноатӣ ба мамлакати индустриаливу аграрӣ. Ҳамзамон, ба назари мо, тавассути моделҳои мазкур имконияти дурнамои маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ ба миён омада, аз ҳисоби дарёфт ва сафарбар кардани имкониятҳои сармоягузорӣ, алалхусус аз сармоягузории давлатӣ, аҳолӣ ва ташкилотҳо ба амал меояд. Натиҷаи дурнамои бадастомада барои қабули қарорҳои идорӣ нисбати ин бахшҳои низоми иқтисодии минтақа ва тақвияти сафарбарнамоии имкониятҳои маҳаллӣ муайянкунанда баромад мекунанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳалли масъалаҳои такмили маҳсулоти минтақавӣ дар робита ба корҳои инноватсионию сармоягузорӣ ва зерсохтори дахлдори бозор барои ҳар минтақа бо таври тафриқавӣ зоҳир мешавад. Дар ин

мавриd, истифодаи асосноки равиши иқтисодӣ лозим меояд. Дар ин замина, манфиати минтақаро вобаста ба имконоти инноватсионии он аз ҳисоби субъектҳои сармоягузорӣ дар шароити мавҷудаи ташкилию техникӣ-иқтисодӣ дар маҳаллаҳобударо ба назар мегирад. Дар ин самт, додани ихтиёри пурра ба ҳар минтақа дар интихобу ташаккули сохтори минтақавии бозори инноватсионӣ барои ташкили иқтидори сармоягузорӣ хеле муҳим мебошад. Ин шарти муҳими расидан ба мувозинати муносиби тақозо ва арзаи инноватсияҳо дар бозори сармоягузорӣ бо назардошти ба эътибор гирифтани рушди минтақаҳо ба шумор меравад.

Ҳангоми интихоби нақшаи зерсохтори бозори минтақавии корҳои инноватсионию сармоягузорӣ сохтани модели иқтидори сармоягузории минтақа нақши муҳим мебозад. Бинобар ин, модели иқтидори сармоягузорӣ бояд сохтори унсурҳои нисбатан хоси ҳар як минтақаро ба миён орад. Гузариш ба модели саноатӣ-аграрии рушд аз лиҳози давомнокии худ инро дар назар дорад, ки барои дастёбӣ ба самараи инноватсионию сармоягузории НТҶ воқеан базаи муайяни иттилоотӣ бояд ташкил карда шавад.

Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки дар мавриди ба эътибор гирифтани заминаҳои ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ, алалхусус муайян ва сафарбар намудани имкониятҳои молиявии минтақаҳо ба эътибор гирифта шавад. Онҳо ҳамчун объекти таҳқиқотӣ заруратеро ба миён меоранд, ки аз пайдарпайии зерин, яъне таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ мавқеъгирӣ намуда шавад.

Чӣ тавре аз мавқеи муҳаққиқони соҳавӣ бармеояд, аслан омилҳои таъсисдиҳандаи арзишнокӣ аз рӯи фаъолият ин «ҷолибияти соҳа ва бартарияти рақобатпазирӣ» буда, инҳо «таъминкунандаи фоиданокӣ» яъне натиҷаи молиявӣ дар заминаи васеъшавии иқтидори сармоягузорӣ ва такмилдиҳии он мебошанд. Мантиқан, дар ин мавриd, муайянкунии алоқамандии байни нишондиҳандаҳои иқтисодии минтақаҳои алоҳида аз ҷолибият ва мавқеи рақобатпазирӣ гирифтани онҳо вобаста мебошад. Дар баробари ҷой доштани имкониятҳои истеҳсолию хизматрасонӣ пайваста ба роҳ мондани омӯзиши натиҷаҳои фаъолият аз ҳисоби равандҳои сармоягузории дохилӣ ва берунӣ хеле муҳим мебошад. Дар ҳолати мавҷуд будани алоқамандӣ, имконияти гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигари таҳлил, яъне аз коррелятсионӣ ба регрессионӣ пайдо мегардад. Яъне дар мавриди таҳлили регрессионӣ имкон фароҳам меояд, ки таҳияи модели ҳисобии регрессионӣ дар асоси маълумоти оморӣ дар заминаи маълумоти расмии рушди минтақаҳо амалӣ карда шавад. Бо ин роҳ, мо кӯшиш намудем, ки тамоми қонуниятҳои эконометрикии таҳияи модел, аз ҷумла намуд, сифат, хатоӣ ва эътимоднокии моделро ба эътибор гирем.

Бо ҳамин мазмун дар мавриди таҳлили алоқамандии маблағгузорӣ ва натиҷаҳои фаъолият бо усули коррелятсионӣ ва регрессионӣ, таносуб ва таъсири ҳолатҳои сабаб ва натиҷавӣ барои дарёфти иқтидори молиявӣ ва сармоягузорӣ мазмуни мушаххаси идоравӣ барои имкониятҳо мегирад. Вобаста ба ин, дар рафти таҳқиқот таҳлили коррелятсионии маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ (ба ғайр аз ш. Душанбе) нисбат ба сармоягузорӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ барои минтақаҳои алоҳидаи мамлакат анҷом дода шуд. Аз натиҷаи таҳлил маълум гардид, ки шаҳри Душанбе барои рушди соҳаи саноат, сармоягузории давлатӣ ва аҳолӣ нақши назаррас доранд. Дар вилояти Суғд ба ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ таъсири сармоягузории аҳолӣ муфид арзёбӣ мегардад. Дар вилояти Хатлон ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи сармоягузории давлатӣ ва ташкилотҳо назаррас буда, дар рушди маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ бошад, саҳми назарраси сармоягузориҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва аҳолӣ ба назар мерасад. Дар ВМКБ рушди маҷмуи маҳсулоти саноатӣ таъсири сармоягузориҳои давлатӣ ва

ташкилотҳо бештар буда, барои маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ бошад, сармоягузории давлатӣ таъсири калон дорад. Натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ нишон дод, ки дар НТҶ агар ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи сармоягузории давлатӣ ва ташкилотҳо назаррас бошанд, дар рушди маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ бошад, саҳми назарраси сармоягузориҳои давлатӣ дида мешавад.

Инчунин, дар рафти таҳқиқи барои муайян намудани имконияти ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ вобастагии фоизии МММ, ММС ва ММК бо омилҳои таъсиррасони сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ коэффитсиентҳои чандирӣ ҳисоб карда шуданд, ки натиҷаи онҳо дар ҷадвали зерин пешниҳод карда мешавад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Имконияти ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ**

| Минтақаҳо | Натиҷа | Қиматҳои чандирии омилҳо | | | Имконияти ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | СД$_ч$ | СА$_ч$ | СТ$_ч$ | |
| Душанбе | ***МММ*** | 97,6 | - | - | СД$_ч$, |
| | ***ММС*** | 85,5 | 0,02 | - | СД$_ч$, СА$_ч$, |
| Суғд | ***МММ*** | 85,3 | - | - | СД$_ч$, |
| | ***ММС*** | - | 69,7 | - | СА$_ч$, |
| | ***ММК*** | - | 75,6 | - | СА$_ч$, |
| Хатлон | ***МММ*** | 44,4 | - | 60,8 | СД$_ч$, СТ$_ч$ |
| | ***ММС*** | 47,5 | - | 41,2 | СД$_ч$, СТ$_ч$ |
| | ***ММК*** | 0,54 | 43,6 | 44,5 | СД$_ч$, СА$_ч$, СТ$_ч$ |
| ВМКБ | ***МММ*** | 59,2 | - | 38,0 | СД$_ч$, СТ$_ч$ |
| | ***ММС*** | 18,8 | 42,1 | - | СД$_ч$, СА$_ч$ |
| | ***ММК*** | 91,4 | - | - | СД$_ч$, |
| НТҶ | ***МММ*** | 87,6 | - | - | СД$_ч$, |
| | ***ММС*** | 7,6 | - | 9,7 | СД$_ч$, СТ$_ч$ |
| | ***ММК*** | 85,3 | - | - | СД$_ч$, |

Чӣ тавре аз ҷадвали 3 бармеояд, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбатан ҳассос буда, аз ҳисоби мавқеи ҷуғрофӣ ва ҷойгиршавии аҳолӣ зарурати шиддатпазирии сармоягузориро ба миён меорад. Ин минтақа асосан ба руши соҳаи хоҷагии қишлоқ алоқаманд аст. Бинобар ин, дастгирии давлатии рушди боғу токпарварӣ, картошкапарварӣ (дар самти растанипарварӣ) ва пеш гирифтани занбӯриасалпарварӣ (дар самти чорводорӣ) аҳамияти бештар мегирад.

Ҳамин тавр, дар шароити рушди минтақавӣ шарти таъинкунандаи стратегияи инноватсионию сармоягузории пешравии аграрӣ муттаҳидсозии таҷрибаи субъектони иқтисодӣ мебошад. Афзоиш ва истифодаи имкони иқтидори сармоягузории минтақа ангезаи тавонои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ аст. Ба ин васила, таҳия ва татбиқи маҷмуи ягонаи тадбирҳо оид ба муттаҳидсозии таҷрибаи ташаккули захираҳои кадрӣ, моддӣ ва молиявии субъектҳои истеҳсол, ташкилоту сохторҳои хизматрасон, ки дар НТҶ фаъолият мекунанд, зарур мебошад. Ба назари мо, ташаккул додани кластерҳои хоҷагидорӣ мувофиқи мақсад буда, дар заминаи он занҷираи арзиши иловашуда ба миён меояд.

**Адабиёт**


1. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2011, №227.
2. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои солҳои 2016-2020.
3. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293.
4. Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2021, №358.
5. Вохидов У.М. Применение методов моделирования и анализа эффективности налоговой политики / У.М. Вохидов // Вестник педагогического университета. - 2012. - №5-2(48). - С. 285-298.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, №1299.
7. Маъдиев С. Статистико-эконометрические вопросы эффективности государственной финансовой поддержки индустриально-инновационного развития страны (на примере Республики Таджикистан) / С. Маъдиев, У.М. Вохидов // Современная налоговая система: состояние, проблемы и перспективы развития: материалы XV-ой международной научной конференции. – Уфа. - 2022. - С. 131-138.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. – 456с.
9. Самогородская М.И. Управление региональными инвестиционными процессами. Монография. / М.И. Самогородская - Воронеж: Изд-во «Научная книга», 2005. – 295 с.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.-Душанбе, 2016. – 84с.
11. Тумусов Ф.С. Инвестиционный потенциал региона: Теория. Проблемы. / Ф.С. Тумусов. - Практика. - М.: Экономика, 1999. - 171 с.
12. Саидмуродов, Л. Х. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления / Л. Х. Саидмуродов, В. Д. Сабуров. – Душанбе : ООО «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176 с. – ISBN 978-99975-384-6-8. – EDN VYJXSN.


**УДК**: 336.22 (575.3)

## МУНОСИБАТИ БАЙНИ АНДОЗУ БУҶЕТ ДАР НИЗОМИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Қурбонов Абдулхайр Каримович*** *– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға*: 734025, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ* 17. *Тел.*: (+992) 917242483

***Камолзода Илҳом Аскаралӣ*** - *докторанти* PhD *курси* 3-*юм*, *аз рӯйи ихтисоси молия*, *кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*, *Суроға*: 734025, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *шаҳри Душанбе*, *хиёбони Рӯдакӣ* 17. *Тел.*: (+992) 409000003. E-mail: kamolzoda.tj@mail.ru

***Камолов Сомон Аскаралиевич*** - *докторанти* PhD *курси* 3-*юм*, *аз рӯйи ихтисоси молия*, *кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*. *Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *шаҳри Душанбе*, *кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел.*: (+992) 408881111

*Дар мақолаи мазкур ба таври илмӣ раванди муносибати байни андозу буҷет дар низоми гуногун омӯхта шудааст. Раванди методологии ташаккулёбии буҷет аз он шаҳодат медиҳад, ки ин ҷараён ҳанӯз дар давраҳои хеле пеш ба вуҷуд омадааст. Ҳарчанд раванди ташаккулёбии буҷет дар давраҳои пеш хело одӣ бошад ҳам, лекин бо рушди муносибатҳои молиявӣ он давра ба давра такмил ёфтааст. Дар такмилёбии муносибатҳои молиявӣ нақш ва мукаммалгардонии ҷараёни фаъолияти хоҷагидорӣ, ташкили субъектҳои нави хоҷагидорӣ саҳми арзандаро иҷро намуда, он заминаи асосӣ ба раванди андозбандӣ шуда метавонад.*

*Омӯзишҳои илмӣ ва амалӣ нишон доданд, ки то аввали солҳои* 2000-*ум дар низоми иқтисоди миллӣ раванди андозбандӣ, махсусан, саҳми андозҳои мустақим нисбат ба андози ғайримустақим зиёд буд. Баъд аз рушд кардани ҷараёни соҳибкорӣ дар мамлакат пардохти андозҳои ғайримустақим дар буҷети давлатӣ зиёд гардидааст.*

*Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамасола маблағи қисмати даромадҳои буҷет чи аз ҳисоби пардохтҳои андозӣ ва чи пардохтҳои ғайриандозӣ бо ҷалби маблағҳои грантӣ ва бебозгашт пурра иҷро гардида истодааст. Ба ғайр аз ин, иҷроиши воқеии даромадҳои буҷет нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар соли таҳлилшаванда мусбӣ арзёбӣ карда мешавад.*

***Калидвожаҳо***: *молия*, *буҷет*, *пул*, *муносибат*, *андоз*, *мустақим*, *ғайримустақим*, *даромад*, *воридот*, *ҷаримаҳо*.

## ВЗАИМОСВЯЗЬ НАЛОГА И БЮДЖЕТА В ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Курбонов Абдулхаир Каримович*** – *доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа и аудита Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: (+992) 917242483.*

***Камолзода Илхом Аскарали*** – *докторант PhD 3 курса по специальности финансы кафедры финансов и страхования Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Тел: (+992) 409000003, E-mail: kamolzoda.tj@mail.ru*

***Камолов Сомон Аскаралиевич*** – – *докторант PhD 3 курса по специальности финансы кафедры фининсов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 408881111.*

*В данной статье научно изучена взаимосвязь налога и бюджета в разных системах. Методологический процесс формирования бюджета свидетельствует о том, что этот процесс происходил и в прошлом. Хотя процесс формирования бюджета в предыдущие периоды был очень простым, но с развитием финансовых отношений он время от времени совершенствовался. В улучшение финансовых отношений, роли и улучшения потока*

*экономической деятельности организация новых хозяйствующих субъектов может внести ценный вклад и может стать основной основой процесса налогообложения.*

*Научно-практические исследования показали, что до начала 2000-х годов в системе национальной экономики вклад прямых налогов был выше, чем косвенных. После развития предпринимательства в стране увеличились выплаты косвенных налогов в государственный бюджет.*

*Анализ показывает, что ежегодно объем доходов бюджета полностью покрывается как за счет налоговых платежей, так и неналоговых платежей с привлечением грантовых и безвозвратных средств. Кроме того, положительно оцениваются фактические показатели доходов бюджета по сравнению с валовым внутренним продуктом в анализируемом году.*

*Таким образом, взаимоотношения налога и бюджета представляют собой процесс, охватывающий всю основу экономической деятельности и создающий ее в этом контексте на основе элементов и рычагов государственного бюджета и финансовой устойчивости.*

***Ключевые слова:*** *финансы, бюджет, деньги, отношение, налог, прямой, косвенный, доход, исполнение, штрафы.*

## RELATIONSHIP BETWEEN TAXES AND BUDGET IN THE FINANCIAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Q***urbonov Abdulkhair Karimovich - Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic Analysis and Audit of the Tajik National University. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Tel: (+992) 917242483

Kamolzoda Ilhom Askarali – PhD doctoral student of the 3rd course, majoring in finance, Department of Finance and Insurance, Tajik National University. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Tel: (+992) 409000003, E-mail: kamolzoda.tj@mail.ru

Kamolov Somon Askaralievich – PhD doctoral student of the 3rd course, majoring in finance, Department of Finance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimova street 64/14. Tel.: (+992) 408881111

This article scientifically studies the relationship between tax and budget in different systems. The methodological process of budget formation indicates that this process has occurred in the past. Although the process of budget formation in previous periods was very simple, but with the development of financial relations, it was improved from time to time. In improving financial relations, roles and improving the flow of economic activities, the organization of new economic entities can make a valuable contribution and can become the main basis of the taxation process.

Scientific and practical research has shown that until the early 2000s, the contribution of direct taxes in the national economic system was higher than indirect ones. After the development of entrepreneurship in the country, payments of indirect taxes to the state budget increased.

The analysis shows that annually the volume of budget revenues is fully covered by both tax payments and non-tax payments with the involvement of grants and non-refundable funds. In addition, the actual indicators of budget revenues compared to the gross domestic product in the analyzed year are assessed positively.

Keywords: finance, budget, money, relationship, tax, direct, indirect, income, execution, fines

Маълум аст, ки барои пурра аз худ кардани мазмуни муносибати байни андозу буҷет дар шароити муосири иқтисодӣ бояд нақш ва ҷойи онро дар танзими макроиқтисодии давлат фаҳмидан лозим аст ва баъдан дар заминаҳои он буҷетро баҳо додан мумкин аст. Барои ин зарур аст бо равандҳои тартибдиҳии буҷет дар низоми иқтисоди миллӣ шинос шуда, ба таркиби ҳаракати даромад ва хароҷотро дар сатҳи амалишавиаш аниқ фаҳмидан лозим аст. Баъдан аз низоми муносиботи байни андозу буҷет сар карда, хусусияти таркиби даромад ва хароҷоти буҷетро дар субъектҳо, маҳалҳо ва минтақаҳо тартиб дода, мавриди амал қарор додан лозим аст [10]. Ин ҷо барои омӯзиши ин равандҳо мо аз саршавии ташаккулёбии буҷет аз ибтидо то давраи ғуломдорӣ гуфта мегузарем, ки то ин давра буҷети ягона ҷой надошт. Ҳанӯз дар ҷамъияти ғуломдорӣ дар давлатҳо ҳуҷҷатҳои молиявии даромад ва хароҷоти давлатиро ба танзим даровардан ҷой надошт [3].

Олимони дигари соҳа буҷетро омӯхта, чунин қайд карда мегузаранд, ки буҷет калимаи англисӣ буда, чунин шарҳ дода мешавад: яъне ҷузъдон барои нигоҳдошти пул мебошад. Ин ҷо, ба ақидаи мо, ташаккулёбии буҷет дар молия, ки асоси онро андоз ташкил медиҳад, боиси он мегардад, ки тақсим ва азнавтақсимкунӣ ва назорати маблағҳои сарфашаванда пайдо шавад.

Дар ҳамин замина, механизми хеле ҳам муҳим таъсиркунанда бе сиёсати макроиқтисодӣ ин молияи давлатӣ мебошад. Пас, аз мафҳуми маънои молия бармеояд, ки молия аз калимаи лотинии financia пайдо шуда, маънои нақд ва даромадро дорад [1]. Ҳамин тавр, маҷмуи ҳамаи даромадҳои пулӣ, ки давлат, корхонаҳо ва хоҷагиҳои хонаводагӣ доранд, молияро ташкил медиҳад.

Дар низоми иқтисоди бозорӣ молияро воситаи муҳимми механизми хоҷагидорӣ, бозорӣ дар идоракунии иқтисодиёт ҳисобида, он ҳамчун унсури самараноки танзимкунандаи муносибатҳои пулии қарзӣ ва андозу буҷетӣ дар системаи иқтисоди миллӣ мебошад. Маҳз дар ҳамин асос таъсири макроиқтисодии буҷет пайдо гардида, амали он бо омӯхтани таркиби низоми молиявӣ ва алоқамандии байни хусусиятҳои он муайян мегардад. Бояд қайд кард, ки таркиби молия дар сатҳи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар корхона ва хоҷагии хонаводагӣ пайдо шуда, ин ташкилёбии хусусияти хоси таркиби молияи аввалро нишон медиҳад. Шахсони алоҳида ва аҳолӣ аз гирифтани даромад молияи худро ташкил мекунанд. Дар ин ҷо аз доштани моликият бо омили истеҳсолот ва истифода аз меҳнат ва шароити мавҷудбуда, барои гирифтани даромади аввалаи худ кӯшиш ба харҷ дода, аз он маблағи пулӣ ба даст меоранд. Ин раванди молия метавонад ду ҳолати дар худ идоракунандаро ба вуҷуд орад. Якум, ташаккули воситаҳои пулӣ ва хароҷоти он. Ҳамин тавр, дар зинаи поёни хоҷагидорӣ миқдори даромад ва хароҷот аз якдигар фарқ намояд, яъне даромад ҳадди ақал зиёдтар бошад, ё ин ки бояд баробар қимат бошад. Аммо дар корхонаҳо даромади ҳолати молиявӣ бо инъикос ёфтани ҳама гуна даромад ва хароҷот дар ҳисоботи муҳосибӣ ҷамъбаст карда мешавад. Ташаккулёбии молияро дар сатҳи хонаводагӣ мумкин аст, хеле ҳам ба шакли одӣ, яъне бо гирифтани даромад аз омилҳои истеҳсолот дар муқоиса ё фарқи хароҷот ба талаботи ҷорӣ ва андухт ҳисоб кард. Баъд аз ин зинаи дуюм, молия пайдо мешавад, ки онро молияи давлатӣ ном бурдан лозим аст. Дар натиҷаи тақсим, ё ин ки азнавтақсимкунӣ даромадҳои дар аввал ва охир аз ҳисоби даромадҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ғайриандозӣ таъмин карда мешавад. Ин пардохтҳоро давлат аз ҳисоби даромадҳои аввалаи аҳолӣ, корхона ва дигар субъектҳои фаъолияткунанда андозбандӣ карда ситонида мегирад. Танзимкунии буҷет ин ҷараёни тақсими даромадҳо ва азнавтақсимкунии воситаҳои дараҷаи байни буҷетӣ бо мақсади ба мувозинат овардани заминаи даромад, буҷети маҳалҳо бо ҳисоби меъёрҳои иҷтимоии давлатӣ амалишаванда мебошад.

Дар таркиби буҷет мумкин аст чунин фондҳоро ташкил кард. Ин фонди мақсаднок ва фонди захиравӣ, ки онҳо барои амалисозии барномаҳои сатҳи гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодии давлат равона карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, фондҳо барои рӯйпӯш намудани касри буҷет, ё ин ки бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода ба буҷети сатҳи поёни дигар буҷетҳо гузаронида мешавад.

Дар танзими буҷети сатҳи поёни молистеҳсолкунандагони давлатӣ ба воситаи системаи андозбандишавиашон ба қарзи давлатӣ ва сармоягузорӣ бо фоизи меъёри пардохтӣ аз фаъолияташон таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, танзими муносибатҳои андозию буҷет ин яке аз муҳимтарин вазифаи хоҷагидорӣ дар сатҳи давлат мебошад. Дар ҳамин чаҳорчӯба ин вазифа метавонад мақсади буҷетро муайян намояд. Мақсади буҷет - ин муътадил нигоҳ доштани иқтисодиёт бо таъмини мувозинати устувор, таркиби пешрафт, иҷрои вазифаҳои муҳимми фаъолияти ҳамаи паҳлуҳои ҷомеа мебошад. Ҳамин тавр, як гурӯҳ олимон низоми буҷетиро чунин муайян мекунанд, ки низоми буҷет ҳамчун унсури заминавӣ дар сохтори муносибатҳои иқтисодии давлат буда, танзими меъёрҳои ҳуқуқии маҷмуи муносибатҳои буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетиро дар бар мегирад [2].

Бояд қайд кард, ки дар системаи иқтисоди бозорӣ дараҷаи таъсири давлат дар ҳаракати захираҳои молия, махсусан минтақаҳо ва корхонаҳо тағйир меёбад. Ин ҷо фишанги асосии таъсиркунанда ин механизми иқтисодии андозбандӣ шуда метавонад. Дар системаи иқтисоди нақшавӣ ин ҷараёнҳо хеле ҳам пурзӯр аз тарафи давлат назорат карда мешуд. Имрӯз мувофиқи қоида ин раванд характери ғайримустақими таъсирро дар худ бо воситаи механизмҳои гуногун ифода мекунад.

Мақсаднок инкишоф ёфтани системаи иқтисоди бозорӣ, новобаста аз ҳама гуна равандҳо метавонад ташкилёбии фондҳои гуногунро таъмин намояд, махсусан фонди умумии давлатии воситаҳои пулӣ, ки он буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад, ташкил намояд.

Дар системаи иқтисоди бозорӣ буҷети давлатӣ, ҳамчун воситаи сиёсати молиявӣ баромад карда, бо хусусиятҳои хоси худ ҳамчун сутуни устувори нигоҳдорандаи молиявии давлат баромад мекунад. Ин ҷо аҳаммияти асоси буҷет ба он нигаронида шудааст, ки бо ёрии воситаҳои пулӣ, ташкил кардани шароит барои самаранок инкишоф ёфтани иқтисодиёт ва ба истифодаи иҷрои вазифаҳои умумидавлатӣ нигаронида мешавад.

Дар ташаккули буҷети давлатӣ принсипҳои он хело ҳам саҳми бузургро иҷро менамоянд. Дар адабиёт принсипҳои буҷет гуногун нишон дода шудааст. Лекин як қатор олимон чунин назар доранд, ки принсипҳои асосии буҷетӣ аз даҳ номгӯй зиёдтар мебошад [1].

Дар омӯзиши ин раванд, ба ақидаи мо, принсипҳо дарбаргирандаи мантиқи паҳлуҳои гуногуни буҷет ба ҳисоб мераванд, ки аз он дигар равандҳои омӯзишии буҷет пайдо мешавад. Бояд қайд кард, ки ҳама принсипҳои буҷет дар амали қабули он татбиқ карда мешавад. Ин ягонагӣ, ҷой доштани маҳдудияти даромад ва хароҷот, мувозинати самаранокӣ, худхариди хароҷот, озод, аниқият ва суроғавӣ будани буҷет мебошад.

Раванди буҷет бошад, панҷ марҳиларо дар бар мегирад, ки инҳо мебошанд [2]:

1. Чаҳорчӯбаи сесолаи буҷет дар мувофиқа ба барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ ва омодасозии лоиҳаҳои буҷетҳо барои соли оянда;
2. Муҳокимаи нишондиҳандаҳои буҷет барои соли оянда;
3. Тасдиқи лоиҳаи буҷети давлатӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Иҷрои буҷети давлатӣ ва мониторинг;
5. Таҳияи ҳисобот оид ба натиҷаҳои иҷроиши буҷети давлатӣ.

Аз ин ҷо, ба ақидаи мо, буҷет на танҳо дар ташкили молияи давлатӣ саҳми босазо мегузорад, балки дар танзими идоракунии давлатӣ ҳам нақши муҳимро мебозад. Он дар баландшавии нақши давлат мувофиқан ба мутлақан зиёд шудани ҳаҷми захираҳои молиявӣ оварда мерасонад, ки бо он ҷойгиркунонии нисбии ҳиссаи маҷмуи маблағҳои давлатиро дар ҷамъият мақсаднок таъмин кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки буҷети давлатӣ ин устувории молиявии давлатро ба вуҷуд оварда, дар ҳамин замина, он метавонад ба азнавтақсимкунии даромади миллӣ нақши муҳим гузорад. Чунки падидаҳои замони муосир аз он шаҳодат медиҳанд, ки инкишофи молия аз ҷараёни инноватсионӣ, васеъшавии бахшҳои гуногуни муттаҳидшудаи иқтисодӣ ва саҳомикунонии ҷараёни истеҳсолот, бо таъсири пурзӯри давлат ба фишангҳои иқтисодӣ вобаста мебошад. Ҳамин тавр, аз тақсим ва азнавтақсими молияи зинаи болоӣ танзими молиявии иқтисодиёт таъмин ва ба роҳ монда мешавад. Дар сатҳи иқтисоди миллӣ сарфи маблағҳои ҷамъшуда ба қисматҳои асосии хароҷот дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ тақсим мегардад. Ҳама вақт раванди низоми хоҷагидорӣ ба васеъкунии талаботи бозор ва пайдоиши соҳаҳои дигар нигаронида шудааст. Дар шароити имрӯза дар ташкили буҷет маҳз пардохтҳои андозӣ нақши муҳим мебозанд, чунки ҳамасола қисмати зиёди таркиби даромади буҷет аз ҳисоби андоз таъмин мегардад.

Дар мақолаи мазкур ташаккулёбии буҷети давлат, аз ҷумла қисмати даромадҳои андозии он мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Мақсад аз таҳлили қисми даромади буҷети давлат тадқиқи як қатор нишондиҳандаҳои асосӣ мебошад, ки вазъи воқеии банақшагирӣ ва иҷроиши буҷетро дар шароити муосир нишон медиҳад. Андозбандӣ ва ҷамъоварии андозҳо ин, пеш аз ҳама, таъмин намудани ҷараёни буҷетӣ ва такмилдиҳандаи вазъи иқтисодиёти миллӣ ва молияи кишвар мебошад. Сиёсати андозию буҷетӣ, риояи принсипҳои сохтории буҷет ва андозбандӣ дар ин раванди муҳим мебошад, ки қисми даромади буҷет аз қарзҳои бебозгашт ва асосан аз ҳисоби пардохтҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои аҳаммияти давлатидошта ташкил меёбад. Бояд қайд кард, ки дар даврони иқтисодиёти нақшавӣ 91 фоизи даромади буҷети давлати Шуравиро андоз аз гардиш ташкил медод [3].

Ҳисоббаробаркунии онро шуъбаи муҳосиботи корхонаҳо ба воситаи нақшаи ҳисоби фаъолияти хоҷагидории корхона, ки дар ҳисоби 42 муҳосибӣ, ки андоз аз гардиш ном дошт, пардохти онро амалӣ мекард. Имрӯз ин амал ба тариқи дигар дар корхонаҳо ба роҳ монда шудааст. Яъне вобаста аз намудҳои андоз ва меъёри муқарраргардидаи он ҳар як намуди андоз ба ҷараёни фаъолият алоқаманд буда, дар муҳлати нишондодашудаи Кодекси андоз пардохт карда мешавад. Ҳамзамон, дар раванди буҷетӣ Президенти мамлакат, МНМО, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, субъектони низоми танзими пулию қарзӣ ва асъорӣ, мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ, тақсимкунандагони асосӣ, дигар тақсимкунандагон ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ, ташкилотҳои буҷетӣ, корхонаҳои воҳиди давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ташкилотҳои қарзӣ, ки бо маблағҳои буҷетӣ фаъолият мекунанд ва мақомоти дигар, ки қонунгузории кишвар салоҳияти идоракунии молия, буҷет ва андозро ба зиммаи онҳо гузоштааст, иштирок мекунанд [6].

Ҳолати муосири андозбандиро олими машҳури рус, иқтисодшинос А.А. Олейников омӯхта, менависад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ қисмати асосии даромади буҷетро андоз аз даромади аҳолӣ, ки қариб 80 фоизро дар пардохтҳои андозӣ ташкил медиҳад, таъмин менамояд [7].

Дар системаи иқтисоди миллии мамлакати мо дар давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ пардохти андозҳо ба буҷети давлат аз 60 то 80 фоизро ташкил додааст.

Ба ақидаи А.А. Олейников [7], даромадҳои буҷет аз се сарчашмаи пардохти андозӣ ташаккул меёбанд:

- аз андози шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;
- аз даромади корхонаҳои давлатӣ;
- аз даромади фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ.

Дар навбати худ нисбат ба ҳолати иҷтимоӣ, иқтисодӣ даромади ғайриандозии буҷетро низ ба се қисмат ҷудо мекунанд:

- даромад аз фаъолияти иқтисодии беруна;
- даромад аз хусусигардонии моликият;
- қарзи бонки марказӣ ба молиякунонии барномаҳои мақсаднок мебошад.

Ин ҷо мо ақидаи муаллифро дастгирӣ менамоем, чунки даромадҳои ғайриандозии буҷет дар ташкили буҷети давлатӣ ва ғанӣ гардонидани он нақши асосиро иҷро менамоянд. Аслан, андоз аз се сарчашма ташаккул ёбад ҳам, ду сарчашмаи он - пардохтҳои андозӣ ва ғайриандозӣ система ва таркиби муйянкунанда дар буҷети давлатӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки муносибати байни андозию буҷетӣ дар ташакулёбии даромади буҷет то аввали солҳои 2000-ум дар системаи иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати такмилёфта қарор дошт. Яъне то ин давра андозҳои мустақим нисбат ба андозҳои ғайримустақим дар буҷети давлат аз рӯи вазни қиёсияшон ҳиссаи зиёдтарро ташкил мекард.

Баъд аз аввали солҳои 2000-ум бо рушд кардани фаъолияти соҳибкорӣ дар системаи иқтисоди миллӣ дар таркиби даромадҳои буҷет вазни қиёсии андозҳои ғайримустақим зиёдтар гардидааст. Дар ҳолати то соли 2021 фақат дар қисмати даромадҳои буҷет ва пардохтҳои андозӣ, андоз аз арзиши иловашуда зиёда аз 40 фоизро ташкил медод. Барои таҳлили аниқ мо динамикаи даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии қисми даромади буҷетро дар давраи аз солҳои 2017 то 2022 дида мебароем.

**Ҷадвали** 1. - **Динамикаи иҷрои даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои** 2016-2022 (**бо миллион сомонӣ**)

| Номгӯи нишон-диҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Фарқият | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | (+,-) | % |
| Даромадҳо | 19 955,5 | 23 925,5 | 23469,4 | 25065,0 | 30053,8 | 36056,8 | 16101,3 | 180,7 |
| Хароҷот | 22 264,2 | 24 083,9 | 23685,9 | 24925,5 | 29446,3 | 34772,3 | 12507,8 | 156,2 |
| Каср | 2 308,7 | 158,4 | 216,5 | -139,5 | -607,5 | -1284,5 | -3593,2 | 6,7мар. |

**Сарчашма**: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои аввалаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023.

Аз ҷадвали 1 дида мешавад, ки даромадҳои буҷети давлатӣ дар давоми солҳои 2017 то 2022 ба 180,6 фоиз зиёд шудааст. Дар ҳамин радиф хароҷоти буҷетӣ низ тадриҷан давра ба давра афзудааст. Агар хароҷоти буҷет дар соли 2017-ум 22264,2 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 34772,3 миллион сомонӣ расидааст, ки 156,1 фоизро ташкил додааст. Касри буҷет бошад, дар давраи таҳлилшаванда, яъне дар давоми солҳои 2017 то 2022 давра ба давра афзуда 6,7 маротиба зиёд шудааст, ки он алоқаманд ба зиёдшавии даромад ва хароҷоти буҷет мебошад.

Даромадҳои андозӣ дар сохтори қисми даромадҳои буҷети давлат саҳми ниҳоят баландро соҳиб мебошанд, ки аз саҳми назарраси андозҳо дар ташаккули қисми даромади буҷети давлат шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, таҳлили динамикаи даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳлилшаванда зиёдшавии устувори маблағҳои қисми даромади буҷетро аз ҳисоби даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ иборатбуда нишон медиҳад. Динамикаи саҳми даромадҳои буҷети давлат нисбат ба ММД нишон медиҳад, ки дар давраи аз соли 2017 то соли 2022 ва имрӯз низ ҳаҷми умумии буҷети давлат мунтазам зиёд шуда истодааст.

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 (бо миллион сомонӣ)**

| Номгӯи даромадҳо | Нақшаи тасдиқшуда | Иҷроиши асл | Иҷроиши асл бо ҳисоби % | Иҷроиши асл нисбат ба ММД бо % |
|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ | 34 775,1 | 36 056,8 | 103,7 | 31,2 |
| Даромадҳои ҷорӣ ва грантҳо | 23 822,0 | 25 263,7 | 106,1 | 21,8 |
| Даромадҳои ҷорӣ | 22 533,5 | 24 242,8 | 107,6 | 20,9 |
| Воридоти андозҳо | 20 490,7 | 21 824,2 | 106,5 | 18,9 |
| Воридоти ғайриандозӣ | 2 042,8 | 2 418,5 | 118,4 | 2,1 |

**Сарчашма**: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои аввалаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023.

Чӣ тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали 2 маълум мешавад, бо вуҷуди тамоюлҳои манфии дар иқтисодиёти миллӣ зоҳиршаванда, нақшаи ҷамъоварии андозҳо ҳамасола иҷро гардида, он рӯ ба афзоиш дорад. Бояд қайд кард, ки то соли 2021 нақши андоз аз арзиши иловашуда ва андози иҷтимоӣ дар низоми андози мамлакат иҷро нашудааст.

Аз ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ иҷроиши асл дар соли 2022 нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бо ҳисоби фоиз ин ба 31,2 дарсад баробар гардидааст. Даромадҳои ҷорӣ ва грантҳо дар давраи таҳлилшаванда 106,1 фоиз иҷро гардидааст ва он нисбат ба ММД 21,8 фоизро ташкил кардааст. Даромадҳои ҷорӣ бошад, бо 107,6 фоизи нақша иҷро гардида, нисбат ба ММД 20,9 фоизро ташкил додааст. Воридоти андозҳо бошад, 106,5 фоизро ташкил дода, иҷроиши аслӣ нисбат ба ММД ба 18,9 фоиз расидааст. Воридоти ғайриандозӣ 118,4 фоиз иҷро гардида, иҷроиши аслии он нисбат ба ММД ба 2,1 дарсад баробар гардидааст.

Даромадҳои ғайриандозии пардохтҳо аз хусусигардонии моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ, боҷҳои давлатӣ, ҷаримаву санксияҳо ва дигар даромадҳои ғайриандозӣ иборат мебошад.

Тавре таҳлили даромадҳои ғайриандозӣ нишон медиҳад, саҳми назаррас дар маблағи умумии даромадҳои ғайриандозӣ ба пардохтҳо ва ҷаримаҳо рост меояд. Дар давраи таҳлилшавандаи соли 2022 воридоти андозҳо ва пардохтҳои ғайриандозӣ иҷроиши нақшавӣ ва аслии он бо ҳисоби фоиз аз 106,5 фоиз ва 118,4 фоиз таъмин гардидааст, ки воридоти ғайриандозӣ нисбатан 12,1 фоиз аз воридоти андозӣ зиёд мебошад.

Дар баробари ин, маблағҳои ҷаримаҳо дар ҳолати ошкор гардидани ҳолатҳои пинҳон намудани даромадҳои андозбандишаванда ва ё вайрон кардани қонунгузории

андоз аз ҷониби шахсони мутасаддии андоз муайян карда шуда, пардохти он ҳатман таъмин ва амалӣ карда мешавад.

Таҷрибаи пешқадами кишварҳои ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд оид ба маъмурикунонии ҷаримаҳои андозӣ нишон медиҳад, ки ҷаримаҳои андозӣ вобаста ба ҷиддияти вайрон кардани қонунгузорӣ мувофиқи Кодекси андоз ҷаримабандӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар муносибати байни андозию буҷетӣ даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ дар ташаккулёбии буҷети давлатӣ нақши муҳимро иҷро менамоянд ва ба як қатор нишондиҳандаҳои ба ин раванд марбут метавонад тамоми паҳлуҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии ташаккулёбии таркиб, ҷараёни пардохт ва заминаҳои андозбандишавандаро пурра дар бар гирад.

**Адабиёт**


1. Борисов, Е.Ф. Экономическая теория / Е.Ф. Борисов. - М., 2005. – 382 с.
2. Бюджетная система Российской Федерации / Под редакции Романовского М.Ю. – М., 2003. – 145 с.
3. Дьяконова М.Л. Финансы и кредит. Учебник / М.Л. Дьяконова, Т.М. Ковалёва. - М., 2008. - 384 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» аз 21 ноябри соли 2015, №1377.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» аз 16 ноябри соли 2021, №1469.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №723.
7. Олейников, А.А. Экономическая теория. Политическая экономия национального хозяйства. Учебник для вузов в 2 ч. для бакалавров, специалистов и магистров /А.А. Олейников. - М: Институт русской цивилизации, 2011. – 794с.
8. Политическая экономия / Под ред. Абалкина Л.И. - М.,1989. – 582 с.
9. Раванди буҷет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – С. 5.
10. Финансы и кредит. Учебник / Под редакцией Н.Г. Кузнецова, К.В. Когмола, Е.Н. Алнозановой. - Ростов на Д., 2010. – 443 с.


**УДК**: 336.1

## ТАҲЛИЛИ СОХТОРИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БАРОИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Раҳматзода Рустам*** - *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел.*: 555022000, 907708950. Email: farzona070489@.ru.

***Қудратова Фарзона Рустамовна*** - *номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел.*: 907022000, Email: farzona070489@ *mail.* ru

*Дар мақола самтҳои асосии сохтори фаъолгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат асоснок карда шудааст. Асоснок шудааст, ки ҳавасмандгардонии раванди сармоягузорӣ рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакатро таъмин менамояд. Аз ҷониби муаллифон таҳлили Барномаҳои қарзгирии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини устувории иқтисодиёти кишоварзӣ мушаххас шудаанд. Инчунин, дар мақола оварда шудааст, ки новобаста ба*

*саҳми зиёди соҳаи кишоварзӣ дар ММД ва пардохти буҷети давлатии маҳаллӣ, хароҷоти ҳарсолаи давлат барои кишоварзӣ аз ширкатҳои суғуртавӣ ба васеъшавии фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат менамояд.*

*Дар хулоса самтҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи кишоварзии мамлакат асоснок шудааст.*

***Калидвожаҳо***: *сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, рейтинги сармоягузорӣ, фишангҳои молиявӣ, қарз ва сармоягузории хориҷӣ, соҳаи кишоварзӣ, воридшавии сармоя.*

## АНАЛИЗ СТРУКТУРЫ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ ДЛЯ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Рахматзода Рустам** - доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 735700, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Тел.*: 555022000, 907708950. E-mail: farzona070489@.ru.

***Кудратова Фарзона Рустамовна** - кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 735700, *РТ, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Тел.*: 907022000. E-mail: farzona070489@.ru.

*В статье взято под основу структура и основные направления активизации привлечения иностранных инвестиций в сельское хозяйство республики. Обосновано, что стимулирование инвестиционных процессов положительно влияет на формирование устойчивой экономики страны. С целью обеспечения устойчивого развития сельского хозяйства республики авторами проанализированы государственная Программа внешнего заимствования Республики Таджикистан. В статье также отмечается, что, несмотря на значительный вклад аграрного сектора в ВВП и выплаты в местный государственный бюджет, годовые расходы правительства на сельское хозяйство со стороны страховых компаний, способствуют расширению инвестиционной деятельности. В заключении обоснованы основные направления привлечения иностранных инвестиций в сельское хозяйство республики.*

***Ключевые слова***: *инвестиции, инвестиционная деятельность, инвестиционная привлекательность, рейтинг инвестиционной привлекательности, финансовые рычаги, кредитные, иностранные инвестиции, аграрный сектор, приток капитала.*

## ANALYSIS OF THE STRUCTURE OF FOREIGN INVESTMENT - THE FRAMEWORK FOR AGRICULTURAL DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Rahmatzoda Rustam** - Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Analysis, Tajik State University of Finance and Economics. Address: Dushanbe 734025, Nakhimova strit 64/14 Email: tgneu@ Website: www.tgfeu.tj phone: 555022000*

***Kudratova Farzona Rustamovna**- Candidat of Economics graduate student of the Institute of agricultural Economics taskhn of the Republic of Tajikistan. Address: Nakhimova strit 64/14 Email: tgneu@ Website: www.tgfeu.tj phone: 907022000, Email: farzona070489@.ru.*

*A sector of the Republic of Tajikistan. A retrospective anathesis of the historical theory and institutional foundation of investment as the main mechanism for the formation of a sustainable national economy. In this article also analysis to improve the economic recommendations, the effectiveness of investment in agriculture. A detailed analysis of the process of attracting foreign*

*investment in agriculture of the Republic is given. Depending on the level of investment potential, all enterprises in the industry can be divided into groups based on the sum of points, i.e. the total assessment of their investment potential, with an average level, moderate and low level of investment potential. In the conclusion, the main directions of attracting foreign investment in agriculture of the republic are substantiated.*
***Key words:*** *investments, investment activity, investment attractiveness, rating of investment attractiveness, financial, credit and commodity investments, agricultural sector, capital inflow.*

Сиёсати сармоягузорӣ маҷмуи тадбирҳо оид ба танзим ва ҳавасмандгардонии раванди сармоягузорӣ бо мақсади таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад. Сиёсати минтақавии сармоягузорӣ тавассути ҳамкории мақомоти давлатии идоракунӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин мақомоти худидораи маҳаллӣ таҳия ва татбиқ карда мешавад. Ин ҳамкорӣ бояд дар асоси Конститутсия ба роҳ монда шуда, бо санадҳои қонунгузорию меъёрии қабулнамудаи парлумон, Президент ва Ҳукумат, инчунин, бо шартномаҳои байни марказу минтақаҳо танзим шавад.

Рушди устувори бахшҳои иқтисодии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз арзёбии самаранокии иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста аст. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ зарурати ба таври доимӣ таҳия намудани баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатии фаъолияти инвеститсионӣ, инчунин муайян намудани занҷири робитаи мутақобила, таъсири мутақобила ба самаранокии он ва таъсири он ба суръати рушди иқтисодиёт, афзоиши иқтисодиёт зарур аст [3, с. 74].

Ниҳоди амалигардонии сиёсати сармоягузорӣ дар сатҳи мамлакат бояд барномаву нақшаҳои минтақавии сармоягузорӣ бошанд, ки тибқи усули ягонаи кишвар дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти давлатӣ таҳия карда мешаванд [8, с. 76]. Танҳо лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ба ин барномаҳо дохил карда мешаванд, метавонанд дар маблағгузорӣ аз сарчашмаҳои ҷумҳуриявӣ иштирок кунанд. Имрӯз норасоии захираҳои сармоягузорӣ эҳсос мешавад, бинобар ин, сармоягузориро ба ҷойҳое равон бояд кард, ки самараи баланди иқтисодӣ дода тавонанд.

Яке аз шартҳои рушди кишоварзӣ ба вуҷуд овардани шароити мусоид баҳри ҷалби сармоягузорӣ ва кумак дар воридшавии сармояи ватанӣ ва хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мебошад. Ин раванд гузаронидани ислоҳоти амиқи ҳуқуқӣ, сохторӣ ва ниҳодӣ, инчунин зерсохтори муносиби бозорӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоиро дар назар дорад.

Солҳои охир дар Тоҷикистон як қатор санадҳои усулан муҳиме қабул карда шуданд, ки моҳияту самти сиёсати давлатии сармоягузориро инъикос мекунанд. Онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки ба кам кардани монеаҳои маъмурӣ, дастгирии соҳибкории хусусӣ ва коҳишдиҳии хароҷоти марбут ба фаъолияти сармоягузорӣ равона гардидаанд.

Барномаи қарзгирии давлатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 (минбаъд - Барномаи мазкур) номгӯи қарзгириҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ ва ду соли баъдӣ бо тақсими қарзгирӣ дар байни қарздеҳону бахшҳои иқтисодиёт ва бо дарназардошти қарзгириҳои нави банақшагирифта, инчунин, маълумоти муқоисавӣ оид ба азхудкунии воситаҳои қарзии амалкунанда ва банақшагирифташудаи қарзӣ мебошад [1, с. 17].

Барномаи мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирӣ ва қарзи давлатӣ ва аз ҷониби давлат кафолат додашуда» таҳия карда шуда, ба сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст, ки он афзалиятҳои асосии дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030" муқарраршударо, ки ба ноилшавии Ҳадафҳои рушди ҳазорсола нигаронида шудаанд, инъикос мекунад [8, с. 55].

Нишондиҳандаҳои асосии Барномаи қарзгирии давлатии хориҷӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирӣ ва қарзи давлатӣ ва аз ҷониби давлат кафолат додашуда» ва «Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ барои солҳои 2018-2020» муайян карда шудаанд. Барнома миёнамуҳлат буда, дар асоси усулу мизони муайянкардаи Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ, бо мақсади коҳишдиҳии хавфҳои фискалӣ ва таъмини идоракунии муносиби қарзгирии хориҷӣ татбиқ карда мешавад.

Дар солҳои охир ба туфайли ҷидду ҷаҳди доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бозсозии сохтории қарз, инчунин, рушди босуботи иқтисодии кишвар вазъи қарзи хориҷӣ беҳтар шуда, ба ҳолати 1 июли соли 2018 ҳаҷми қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 893,3 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, ки ин 38,9 фоизи маҷмуи маҳсулоти миллиро ташкил медиҳад [1, с.18].

Дар доираи "Барномаи қарзгирии давлатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019" бо мақсади амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ 660,1 млн доллари ИМА воситаи қарзӣ ҷалб карда шуд. Инчунин, соли 2017 12 созишномаи қарзӣ ба маблаҷи умумии 474,9 млн доллари ИМА ба имзо расонида шуд [1, с.32].

Мақсади асосии Барнома таъмини самаранокӣ ва мониторинги мунтазами раванди ҷалби қарзҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳ надодан ба ҷамъшавии идоранашавандаи қарзи хориҷӣ мебошад, ки дар талаботи зерини «Стратегияи идоракунии қарзи хориҷӣ» ифода меёбад:

– то ҳадди имкон маҳдуд намудани қабули уҳдадориҳо оид ба ҷалби қарзҳои давлатҳои хориҷӣ ва қарзҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ барои лоиҳаҳои банақшагирифташуда, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд;

– ҷалб кардани қарзҳо барои маблағгузории хароҷоти лоиҳаҳои амалишаванда бо мақсади ба итмом расонидани онҳо;

– ҷамъ овардани захираҳои қарзӣ барои амалисозии лоиҳаҳои нақшавии калони дорои аҳаммияти стратегии умумидавлатӣ, ки ҷиҳати амалисозии онҳо Қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст.

Дар сурати амалигардонии босамари Барномаи мазкур имконият пайдо мешавад, ки ҳангоми маҳдудиятҳои молиявии буҷети давлатӣ ва захираҳои дохилии қарзӣ барномаҳои иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ маблағгузорӣ карда шаванд, дар баробари ин ба рушди бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт, ки ҳолати иқтисоди воқеӣ, аз ҷумла зерсохтори нақлиёт, энергетика ва бахши кишоварзиро муайян мекунанд, ёрии молиявӣ расонида шавад.

Барномаи мазкур 74 лоиҳаи қарзии амалкунанда ва 67 созишномаи қарзиро, ки дар марҳилаи лоиҳа қарор доранд, дар бар мегирад. Ҷамъи арзиши умумии қарзҳои азхудкардашуда тибқи Барномаи мазкур то 1 январи соли 2018 990,02 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Инчунин, дар доираи Барномаи нави қарзии «Фонди байналмилалии асъор барои солҳои 2019-2021» имконияти ҷалбкунии воситаҳои иловагӣ пешбинӣ карда мешавад [1, с.13].

Дар соли 2018 азхудкунии воситаҳо ба маблағи 121,4 млн доллари ИМА, соли 2019 - 261,8 млн доллари ИМА, соли 2020 - 255,9 млн доллари ИМА ва дар соли 2021 - 258,6 млн доллари ИМА дар назар дошта шудааст [1, с.36].

Имрӯз сиёсати фаъоли сармоягузорӣ дар тарафи сармоягузорони хориҷист. Сармоягузори хориҷӣ на дар фикри манфиати иқтисодии давлат, балки дар ғами манфиатҳои худ мебошад. Бо вуҷуди ин, сиёсати фаъоли сармоягузорӣ лозим аст ва барои ин аз ҷиҳати ниҳодӣ ва ҳам сохторӣ (соҳавӣ) иқтисодиёти нави бозориро сохтан зарур мебошад. Барои сохтани чунин иқтисоди миллӣ сиёсати давлатии сармоягузориро, ки мақбули мақомоти давлат (Президент, парлумон, Ҳукумат) ва соҳибкорон (иттиҳодияҳои мустақили онҳо) аст, таҳия бояд кард.

Механизми ёрии давлатӣ бояд дар асоси қонунгузорӣ татбиқ гардад ва ба ҳама муассисаҳои кишоварзие, ки ҳаққи гирифтани онро доранд, дахл дошта бошад. Танҳо

ба соҳибмулкони пурсамар ёрӣ расондан ё дар асоси озмун онҳоро ҷудо кардан, ба фикри мо, оянда нек надорад. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ дар баробари давлат муассисаҳои кишоварзӣ ва шахсони хусусӣ ҳам, бо дарназардошти даромади нисбатан ками ин раванд, ба ҳайси сармоягузор баромад мекунанд. Ба ғайр аз ин, сармояи хориҷиро низ ҷалб бояд кард.

Боз як омили дигари ҷалби захираҳои қарзӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ низоми кафолатҳои тиҷоратӣ мебошад. Ҷорӣ намудани кафолат ҳамчун шакли дастгирии давлатии раванди сармоягузорӣ ба ҷавобгӯи манфиатҳои давлат ва ҳам бахши хусусӣ мебошад [8, с. 76].

Суғуртаи раванди сармоягузорӣ бо ёрии давлат ба сармоягузорон кафолати иловагиро медиҳад. Рушди ин равандҳо расидан ба самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва суботи пулию молиявӣ, бо суғурта фаро гирифтани сохторҳои калони молиявӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки суғуртакунии сармоягузорӣ, таҳияи заминаҳои методологии суғуртаи онро пешбинӣ менамояд.

Ба рушди бозори суғурта, инчунин, фаъолияти сармоягузории ширкатҳои суғурта таъсир мерасонад. Бояд қайд кард, ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии фаъолияти сармоягузорӣ беҳтар шуда, афзоиши назарраси сармояи худии ширкатҳои суғурта ба васеъшавии фаъолияти сармоягузорӣ оварда расонид [7, с.68-71]. Фароҳам омадани шароити хуби имтиёзоти андозӣ ва таъсиррасонии муштараки давлат ва механизмҳои бозорӣ ба баланд шудани сифати фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат карда, дар натиҷаи ин афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ оғоз ёфт (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Ҳаҷми сармоягузории ширкатҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2011 | | 2021 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Сармоягузорӣ (млн сомонӣ) | Ҳисса бо % | Сармоягузорӣ (млн сомонӣ) | Ҳисса бо % |
| 1. | Депозитҳо дар бонкҳо | 11,2 | 91,1% | 15,8 | 87,3 |
| 2. | Дигар сармоягузорӣ | 1,1 | 6,9% | 2,3 | 12,7 |
| 3. | Ҳамагӣ | 12,3 | 100% | 18,1 | 100% |

Манбаъ: таҳияи муаллифон мувофиқи маълумоти Департаменти назорати суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022. - С. 122.

Соли 2018 ҳаҷми умумии сармоягузории ширкатҳои суғурта 18,1 млн сомониро ташкил дод, аз ин 15,8 млн сомонӣ ё 87,3% дар депозитҳои бонк, 2,3 млн сомонӣ ё 12,7% ба дигар сармоягузорӣ гузошта шудаанд. Бояд гуфт, ки сармоягузориҳо ҳар сол зиёд шуда истодаанд, масалан, агар соли 2011 ҳаҷми воситаҳои гузошташуда 12,3 млн сомониро ташкил дода бошад, соли 2021 ин нишондиҳанда 18,1 млн сомониро ташкил дод. Депозитҳои бонкӣ, саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок қисми бештари сандуқи сармоягузории суғуртакунандагонро ташкил медиҳад ва дар давоми якчанд соли охир ширкатҳои суғурта танҳо ба депозитҳои бонк маблағ мегузоранд.

«Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ», ки аз ҷониби донорҳо ва давлат маблағгузорӣ мешаванд ва маблағаш 1853,4 миллион доллар аст, сарчашмаи муҳимми сармоягузорӣ мебошад (ҷадвали 1). Дар ҳамаи барномаҳо, аз ҷумла «Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ» ҳадди болоии маблағгузорӣ маҳдуд карда шудааст, чунки ХБА ҳадди болоии онро ба андозаи 3%-и ММД аз рӯйи қарзи хориҷӣ муқаррар кардааст. Маҳдудияти сахти имконот, дар навбати худ, имконияти идора ва азхудкунии ин маблағҳоро маҳдуд менамояд.

Бо мақсади татбиқи сиёсати пай дар пайи эҷоди шароити иқтисодӣ баҳри ҷонноксозии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ оияндабинӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднок, тахассуси молистеҳсолкунандагон ва субъектони дигари бозор зарур мебошад. Ин барои истифодаи оқилонаи захираҳои моддии давлат

ва истеҳсолкунандагон, пешгирӣ кардани тамоюлоти имконпазири манфии рушди истеҳсолу истеъмол имкон медиҳад таъмини об дар деҳот ба самтҳои афзалиятнок дохил карда шудаанд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Истифодаи сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои соҳаи кишоварзӣ аз рӯйи сарчашмаҳои маблағгузорӣ**

| № | Бахшҳои иқтисод | Миқдори лоиҳаҳо | Маблағи умумии лоиҳаҳо | Вазни хоси лоиҳа дар ҷузъдон |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Бонки ҷаҳонӣ | 28 | 206029,94 | 11,12% |
| 2. | Бонки Осиёии рушд | 17 | 362437,6 | 19,56% |
| 3. | Бонки исломии рушд | 9 | 111400,62 | 6,01% |
| 4. | Бунёди рушди иқтисодии Кувайт | 3 | 27800,00 | 1,50% |
| 5. | Бунёди рушди Арабистони Саудӣ | 2 | 21980,00 | 1,20% |
| 6. | Бунёди ОПЕК | 5 | 36350,00 | 1,96% |
| 7. | Бонки бозсозӣ ва рушди Аврупо | 7 | 19839,00 | 1,07% |
| 8. | Эксимбонки Хитой | 6 | 703552,00 | 37,96% |
| 9. | Ҳукумати Эрон | 2 | 31200,00 | 1,68% |
| 10. | Ҳукумати Швейтсария | 6 | 23936,38 | 1,29% |
| 11. | Фонди Кувайт | 2 | 5496,00 | 2,95% |
| 12. | Ҳукумати Фаронса | 1 | 23460 | 1,27% |
| 13. | Саҳмияҳои Ҳукумати ҶТ | 31 | 127591,38 | 6,88% |
| 14. | Дигар сармоягузорон | 60 | 103226,3 | 5,56% |
| 15. | Ҳамагӣ: | 179 | 1853399,22 | 100,00% |

Манбаъ: ҳисоби муаллифон аз рӯйи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022. - С. 122.

Новобаста ба саҳми зиёди соҳаи кишоварзӣ дар ММД ва пардохтҳои буҷетии давлатӣ ва маҳаллӣ, хароҷоти ҳарсолаи давлат барои кишоварзӣ кам боқӣ мемонад. Инро маълумоти сармоягузории ҳарсолаи давлатӣ ба кишоварзӣ, ки дар ҷадвали 2 оварда шудаанд, тасдиқ мекунад.

Дар чорчӯби ҷузъдони сармоягузориҳои кишоварзии Барномаи сармоягузории давлатӣ, диққати асосӣ ба дастгирииислоҳоти замин, қарз, эҳёи зерсохтори табиии низоми обёрӣ ва обгузаронӣ, тақвияти зерсохтори ниҳодӣ барои идоракунии захираҳои об, бахусус аз ҳисоби таъсис дода мешавад.

**Ҷадвали 3. - Барномаи давлатии сармоягузорӣ барои солҳои** 2016-2021 **аз рӯйи соҳаҳо, ҳаз. доллари ИМА**

| Соҳа | Солҳо | | | | | Ҳамагӣ дар соли 2017-2021 | Вазни қиёсии соҳа% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | | |
| Кишоварзӣ | 0 | 2165 | 1100 | 700 | 650 | 4615 | 0,45 |
| Обёрӣ ва обтаъминкунӣ | 12960 | 22480 | 18290 | 6740 | 3950 | 64420 | 6,32 |
| Обтаъминкунӣ ва канализатсия | 17910 | 28430 | 34675 | 36000 | 16240 | 133255 | 13,06 |
| Энергетика | 74160 | 60706 | 50450 | 35010 | 23885 | 244211 | 23,94 |
| Нақлиёт | 97972 | 113059 | 133000 | 37330 | 46370 | 427731 | 41 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маориф | 10807 | 13224 | 10555 | 3310 | 11100 | 48996 | 4,8 |
| Тандурустӣ ва муҳити зист | 330 | 5750 | 8410 | 8265 | 7525 | 30280 | 2,98 |
| Мултисектор ва дигар соҳаҳо | 17417 | 13700 | 10150 | 12200 | 13050 | 66517 | 6,52 |

Манбаъ: Барномаи давлатии сармоягузорӣ барои соли 2022. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30-юми декабри соли 2015, №772 тасдиқ шудааст.

Ҳамин тариқ, чӣ тавре ки дар ҷадвали 3 омадааст, сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории Барномаи давлатии сармоягузориро барои солҳои 2017-2021 таҳлил хоҳем кард, ки доири сохтори маблағгузорӣ соҳаҳои зерин фаъолият мекунанд, ки ба таври алтернативӣ лоиҳаҳои амалишаванда ва навро дорад. Аз ҷумла, соҳаи кишоварзӣ, обёрӣ ва хоҷагии обтаъминкунӣ ва канализатсия, энергетика, нақлиёт, маориф, тандурустӣ ва муҳити зист ва дигар соҳаҳо мавҷуданд.

Таҳлили ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ имкон дод, ки як қатор омилҳои муайянкунандаи рафтори сармоягузорро ҳангоми гузоштани сармоя муайян намоем. Дар ҷараёни таҳқиқот ақидае, ки нишондиҳандаи умумии самаранокӣ ва ҷолибияти сармоягузорӣ ва қимати арзиши нави истеҳсолшуда мебошад, собит карда шуд. Ба ибораи дигар, чӣ қадаре ки сармояи гузошташуда бо тарҳи хароҷоти ҷалбкуниаш бештар бошад, ҳамон миқдор ҷолибияти соҳа зиёдтар аст.

Таъсиси бонкҳои махсуси сармоягузорӣ, ки танҳо бо лоиҳаҳои дарозмуддат кор мекунанд, бояд омили муқтадири ҷалб намудани захираҳои молиявӣ дар истеҳсолот гардад. Давлат бояд барои онҳо меъёрҳои фоизии имтиёзнокро ҷорӣ намояд ва шароити воқеии ҳифзи рақобатпазирии онҳоро дар муҳити бонкдорӣ ба вуҷуд оварад.

Дар се соли охир бо иштироки фаъолонаи давлат иқдоми муҳим барои ҳавасмандгардонии раванди сармоягузорӣ анҷом дода шуда бозори коғазҳои қиматнок рушд ёфта истодааст. Он имконияти интиқоли қонунии сармояро ба соҳаву лоиҳаҳои ояндадор таъмин кард, ки самаранокии худро собит кардаанд ва воситаҳои иловагиро барои рушди минбаъда металабанд.

Дар айни замон дар қатори муаммоҳои пасткунии меъёри фоиз, гаронии андоз, коҳишдиҳии таваккал, ки аз вазъи умумии иқтисодиёт бармеоянд, табдили сиёсати давлатии дастгирии сармоягузории хусусӣ ба самти афзалиятнок масъалаи муҳимтарин ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, рушди минбаъдаи сармоягузории давлатӣ ба афзоиши ММД-и ҷумҳурӣ, сатҳи хизматрасонии қарзи хориҷӣ ва имконоти ниҳодӣ вобаста мебошад [4, с.66], агар давлат дар иқтисодиёти пурзӯру босубот манфиатдор бошад, пас онро мебояд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ва иҷроия фазои мусоиди сармоягузориро ба вуҷуд орад. Рушди муътадили давлат бе амалигардонии фаъолияти сармоягузорӣ ғайри қобили тасаввур аст.

**Ҷадвали 4. - Дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ (ҳазор сомонӣ)**

| № | солҳо<br>Намуди хароҷот | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|
| 1. | Хароҷот барои кишоварзӣ (номиналӣ) | 9054,4 | 13503,3 |
| 2. | Хароҷот барои кишоварзӣ (воқеӣ) | 172,1 | 155,3 |
| 3. | Фоиз (%) дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет | 1,2 | 1,3 |

Манбаъ: Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2020. - С. 240.

Соҳаи кишоварзии иқтисодиёт аз тамоми имконот баҳри субот, эҳё ва нашъунамо бархӯрдор мебошад. Сармоягузорӣ омили муайянкунандаи рушди иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад ва дар рушди кишвар нақши муҳимро мебозад, сиёсати давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ унсури асосии рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Дар тамоми муддати солҳои баъди буҳрон ҷамъи хароҷоти буҷети муттаҳида барои кишоварзӣ ва моҳидорӣ батадриҷ афзуда, соли 2017 ҳаҷми он 78,6 млрд сомониро ташкил дод, ки 3,2 маротиба аз сатҳи соли 1998 бештар мебошад. Баробари камшавии масоҳати заминҳои кишоварзӣ ва пастшавии арзиши сармоя, маблағгузории давлатӣ дар ҳисоби активҳои корхонаҳои кишоварзӣ афзудан гирифт. Вале дар сохтори ҳамаи хароҷоти буҷет ҳиссаи онҳо дар давраи мазкур аз 2,9 то ба 1,3% коҳиш ёфт.

Сохтори сарчашмаҳои маблағгузории кишоварзӣ аз рӯйи сатҳҳои низоми буҷетӣ бесубот боқӣ монда, ин ба вазъи нишондиҳандаҳои молиявии истеҳсолкунандагон таъсири муайяни худро мерасонад. Солҳои 1998-2002 пастшавии ҳиссаи маблағи буҷетҳои минтақавӣ дар сохтори он ба қайд гирифта мешавад [4, *с*.6]. Вале аз соли 2020 вазъият дигаргун шуд. Сабаби саҳми зиёди буҷетҳои минтақавӣ ба онҳо додани қисми асосии хароҷоти мустақими дастгирии кишоварзӣ ва нигоҳубини зерсохтори иҷтимоӣ дар солҳои аввали ислоҳот мебошад. Тақрибан 90%-и маблағгузории давлатии истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар сатҳи минтақа амалӣ карда мешавад. Чун қоида, дастгирии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ тавассути додани дотатсия ва ҷубронпулӣ барои маҳсулоти истеҳсолшуда амалӣ мегардад.

**Ҷадвали 5. - Нишондиҳандаҳои маблағгузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн сомонӣ)**

| **Солҳо** | 2020 | 2021 |
|---|---|---|
| Хароҷот барои кишоварзӣ ва моҳидорӣ дар буҷети муттаҳидаи ҶТ, млн сомонӣ | 915,5 | 785,6 |
| Вазни хоси хароҷот барои кишоварзӣ ва моҳидорӣ дар хароҷоти умумии буҷети муттаҳидаи ҶТ, % | 3,8 | 3,0 |
| Хароҷоти буҷет ба ҳар 1 га замини кишоварзӣ, сомонӣ | 1080,0 | 916,9 |
| Ҳаҷми сармоягузорӣ ба дороии асосӣ | 12140,3 | 1166,9 |

Манбаъ: Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2022. - С. 238.

Ҳаҷми маблағгузории соҳаи кишоварзӣ ба 14,4% афзуд. Бо вуҷуди ёрии расондашуда маҳсулоти дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшуда барои таъмини талаботи афзоянда ва пешгирии болоравии нархи хӯрокворӣ кофӣ нест. Бинобар ин, воридот зиёд шуда истодааст, соли 2021 ба ҷумҳурӣ ба маблағи 785,6 млн доллар хӯрокворӣ ва ашёи хоми хориҷӣ ворид карда шуд, ки 21% бештар аз соли 2020 мебошад. Воридоти гӯшти тару тоза ва яхшуда ба 20%, гӯшти паранда ба 23,8% афзуд, дар маҷмуъ, ҳиссаи маҳсулоти хӯроквории воридотӣ дар бозори дохилии кишвар қариб 45%-ро ташкил медиҳад.

Хулоса баровардан мумкин аст, ки тавсеаи ҳаҷми дастгирии давлатӣ ва тағйирдиҳии таносуби байни субсидияҳои давлативу воситаҳои истеҳсолкунандагон ба сӯи коҳиши охирӣ ба рушди барнома ва афзоиши миқдори ширкаткунандагон

мусоидат хоҳад кард. Чунончи, ҳиссаи маблағи суғуртаро аз 70 то ба 100%-и арзиши суғурта зиёд карда, давлат хароҷоти истеҳсолкунандагонро барои пардохти ҳаққи суғурта афзоиш дод ва ҳам манфиатдории муассисаҳои суғуртаро баланд кард. Агар хароҷоти иловагии ин дигаргуниро давлат ба уҳдаи хеш гирад, самаранокии суғуртаи ҳосил бо дастгирии давлат аз 113,5% то 162,1% ё ба 42,9%, хароҷоти давлатӣ танҳо ба 30,0% зиёд хоҳад шуд.

**Адабиёт**


1. Барномаи қарзгирии давлатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021. - 36 с.
2. Кандиёрова, Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономикой: теория, методология, практика. Монография / Д.О. Кандиёрова. – Душанбе, 2006. - 179 с.
3. Қудратова, Ф.Р. Дурнамои рушди раванди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Р. Қудратова, М.Р. Кошонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. - №1(30) – С.73-80.
4. Қудратова, Ф.Р. Сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон: самаранокӣ, самтҳо ва дурнамои он. Монография / Ф.Р. Қудратова. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 160 с.
5. Мадаминов А.А. Микрофинансирование сельских товаропроизводителей основа устойчивого развития аграрного сектора / А.А. Мадаминов // Кишоварз. – 2004. - №4. – С. 68-71.
6. Пиризода Дж.С. Совершенствование размещения сельскохозяйственного производства в новых условиях хозяйствования / Дж.С. Пиризода // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. - Душанбе, 2002. - №5-6. – С.133-137.
7. Сергеев, И.В. Организация и финансирование инвестиций: учеб. пособие / И.В. Сергеев, И.И. Веретенникова. - М.: Финансы и статистика, 2000. - 172 с.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. - 88 с.


**УДК**: 336.77

# МЕХАНИЗМҲОИ ТАКМИЛИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ БА ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

***Обидов Фозил Саидович*** - *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға*: 734025, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ*, 17. *Телефон*: (+992) 934-37-37-54. E-mail: Obidov_1961@mail.ru

***Шодиев Исроил Маҳмадович*** - *докторанти* Phd-*и кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав. Суроға*: 735140, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, к. Айнӣ*, 67. *Тел.*: (+992) 903-22-97-67.

*Муаллифон дар мақолаи худ масъалаи механизмҳои такмил додани раванди қарздиҳии бонкҳои тиҷоратиро ба шахсони воқеӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додаанд. Муаллифон дар таҳқиқоти худ қарзро ҳамчун низоми молиявӣ дар се самт шарҳ додаанд, аз ҷумла: иқтисодӣ, мустақими молиявӣ ва ҳуқуқӣ. Дар раванди рушди фаъолияти бонкӣ принсипҳои асосии раванди қарздиҳии бонкӣ ташаккул ёфтаанд. Принсипи асосӣ бо хусусияти асосии қарз ҳамчун категорияи иқтисодӣ - бозпардохт алоқаманд аст. Ин хусусияти ҷудонашавандаи ҳама гуна қарз аст.*

*Муаллифон дар анҷоми таҳқиқот хулоса намудаанд, ки қарз додан ба шахсони воқеӣ дар бонк амалиёти сердаромадтарин мебошад, онро инкишоф додан ва такмил додан лозим аст.*

***Калидвожаҳо***: *қарз, бонк, бонкҳои тиҷоратӣ, раванди қарздиҳӣ, шахсони воқеӣ, принсипҳои қарздиҳӣ, амалиёти бонкӣ, фоизи қарзӣ, қарзгиранда, қарздиҳанда.*

## МЕХАНИЗМЫ УЛУЧШЕНИЯ КРЕДИТОВАНИЯ ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ КОММЕРЧЕСКИМИ БАНКАМИ

***Обидов Фозил Саидович*** – *доктор экономических наук, профессор кафедры банковской деятельности Таджикского национального университета. Адрес*: 734025, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки*, 17. *Телефон*: (+992) 934-37-37-54. E-mail: Obidov_1961@mail.ru.

***Шодиев Исроил Махмадович*** - *докторант* Phd *кафедры финансов Бохтарского государственного университета им.Носири Хисрав. Адрес*: 735140, *Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни*, 67.*Тел.*: (+992) 903-22-97-67.

*Авторы в своей статье анализируют вопросы улучшения процесса кредитования физических лиц коммерческими банками. Авторы в своем исследовании данный вопрос объясняют в трех направлениях, включая экономический, финансовый и юридический каталоги. В процессе развития банковской деятельности сформировались основные принципы процесса банковского кредитования. Главный принцип связан с основным признаком кредита как экономической категории - возвратностью. Это неотъемлемая особенность любого кредита.*

*В конце исследования авторы пришли к выводу, что кредитование физических лиц является наиболее прибыльной операцией в банке, ее необходимо развивать и совершенствовать.*

***Ключевые слова***: *кредит, банк, коммерческие банки, кредитный процесс, физические лица, банковские операции, кредитные платежи, заемщик, кредит, оплата кредита.*

## MECHANISMS FOR IMPROVING LENDING TO INDIVIDUALS BY COMMERCIAL BANKS

Obidov Fozil Saidovich – Doctor of Economics, Professor of the Department of Banking, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: Obidov_1961@mail.ru. Telephone: (+992) 934-37-37-54

Shodiev Isroil Makhmadovich - PhD student at the Department of Finance, Bokhtar State University named after Nosiri Khisrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, st. Aini, 67. Tel: (+992) 903-22-97-67.

The authors in his article analyzes and the issue of improving the lending process of commercial banks to individuals. The authors in its research can explain in three directions, including the economic, financial and legal directory. In the process of the development of the banking activity, the main principles of the bank lending process is developed. The main principle associated with the main nature of the loan as an economic category - refund. This is an integral feature of any loan.

*At the end of the study, the authors concluded that lending to individuals is the most profitable operation in the bank; it should be developed and improved.*

Keyswords: credit, bank, commercial banks, credit process, banking transactions, credit payments, borrower, loan, borrower, loan payment.

Такмил додани раванди қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ воситаи муҳим мебошад, ки ба аҳолӣ дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти иқтисодиёт барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии онҳо ёрӣ мерасонад. Васеъ гардидани ин масъала ба вазъияти иҷтимоӣ, дараҷаи талаботи истеъмолкунандагон таъсир расонда, барои тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт ва беҳтар шудани некуаҳволии мардум мусоидат мекунад.

Ба андешаи олимони рус Н.В. Коротаева ва Т.В. Борисова, раванди қарздиҳӣ яке аз самтҳои асосӣ ва муҳимтарини фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мебошад [6]. Субъектҳои муносибатҳои қарзӣ дар соҳаи қарздиҳии бонкӣ ташкилотҳои маблағгузории хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, давлат ва худи бонкҳо мебошанд. Қарздиҳандагон ва қарзгирандагон нақши тарафҳои амалиёти қарзиро мебозанд. Дар ин маврид қарздиҳанда бонке фаҳмида мешавад, ки маблағи заруриро дар ихтиёри қарзгиранда дар муҳлати муайян медиҳад. Қарзгиранда тарафи муносибатҳои қарзӣ мебошад, ки ин маблағҳоро барои истифода дар шакли қарз гирифта, уҳдадор мешавад, ки онҳоро дар муҳлати муқарраршуда баргардонад. Сарфи назар аз он ки хавфи хеле баланд вуҷуд дорад, қарздиҳӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ манбаи асосии даромад боқӣ мемонад.

Ба андешаи мо, дар ҳоли ҳозир қарз додан ба шахсони воқеӣ дар бахши бонкӣ фоидаовартарин ба шумор меравад, зеро фоидаи аксари бонкҳо тавассути ин раванд ташаккул меёбад. Бисёре аз таҳлилгарон, аз ҷумла Н.И. Жиркина бар он назар аст, ки ин навъи қарздиҳӣ дар ҳоли рушд ва афзоиш буда, аммо бо афзоиши доимӣ хатарҳое ба миён меоянд, ки ҳам бонкҳо ва ҳам дар маҷмуъ соҳаи бонкӣ бояд бар дӯш гиранд [5]. Ба ҳамин хотир, мо унсурҳои асосии идоракунии ин равандро дар расми 1 пешниҳод менамоем:




**Расми** 1. **Унсурҳои асосии идоракунии раванди қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ**.
**Манбаъ**: таҳияи муаллифон

Ба гуфтаи М.В. Кокорина, «қарз барои шахсони воқеӣ қарзест, ки ба аҳолӣ барои эҳтиёҷоти шахсӣ дода мешавад. Ин тафсири мафҳум аз ҷиҳати маънӣ ба истилоҳи қарзи истеъмолӣ хеле наздик аст. Қобили зикр аст, ки аксари коршиносон қарзи истеъмолиро як намуди қарз ба шахсони воқеӣ медонанд, вале ақидаҳои дигар вуҷуд доранд, ки баъзан аз ҷиҳати арзиш қарзи истеъмолӣ ба қарзи шахсони воқеӣ баробар карда мешавад» [7]. Муҳаққиқони дигар бошанд, зарурати объективии иқтисоди муосири раванди қарздиҳиро ба шахсони воқеӣ бо ду далели ба ҳам вобаста муайян кардаанд:

- аз як тараф, талаботи шахсони воқеӣ ба харидани молу хизматҳои алоҳида аксаран аз имконияти бо пул таъмин намудани онҳо зиёдтар мешавад, яъне байни андозаи даромади пулии ҷории аҳолӣ ва нархи нисбатан баланди амвол фарқият ба вуҷуд меояд [4];

- аз тарафи дигар, субъектҳое, ки захираҳои озод доранд, ба туфайли ба қарзгиранда бо шартҳои таъхирнопазир, пардохт ва баргардонида додани онҳо имконият пайдо мекунанд, ки аз онҳо даромади иловагӣ гиранд. Ҳамин тавр, имконияти додани қарз ба шахсони воқеӣ чунин масъалаеро ба монанди зиддияти байни нархҳои баланд ва даромади ҷории аҳолӣ ҳал мекунад [10].

Вобаста ба нуқтаи назари як қатор олимон, қарзро ҳамчун низоми молиявӣ метавон дар се самт шарҳ дод: иқтисодӣ, мустақими молиявӣ ва ҳуқуқӣ. Дар бораи ташаккули қарз ҳамчун категорияи иқтисодӣ сухан ронда, метавон қайд намуд, ки он

дар муносибатҳои муайяни иқтисодии байни қарздиҳанда ва қарзгир вобаста ба пешниҳоди қарз бо пули накд пайдо мешавад [9].

Вазифаҳои асосӣ, ки тамоми моҳияти қарзро тавсиф мекунанд, инҳоянд:

1) вазифаи тақсимот – тавассути тақсимоти миқдори муайяни маблағҳо дар асоси ҳатмӣ, баргардонидашаванда ифода меёбад;

2) вазифаи эмиссия – ҳамчун ташкили фондҳои қарзӣ ва ба муомилот баровардани онҳо бо мақсади иваз намудани пули накд муайян карда мешавад;

3) вазифаи назорат – таъмини назорат аз болои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, дар раванди рушди фаъолияти бонкӣ принсипҳои асосии раванди қарздиҳии бонкӣ ташаккул ёфтаанд. Принсипи асосӣ бо хусусияти асосии қарз ҳамчун категорияи иқтисодӣ - бозпардохт алоқаманд аст. Ин хусусияти ҷудонашавандаи ҳама гуна қарз аст. Бе баргардонидан дар бораи чунин қарз сухан рондан маъно надорад, балки он гоҳ сухан дар бораи як намуди қаллобӣ меравад. Дар мавриди дигар принсипҳои қарздиҳӣ метавон гуфт, ки онҳо ҳамчун шакли ноил шудан ба пардохти қарз амал мекунанд.

Таъхирнопазирии қарздиҳӣ маънои онро дорад, ки ҳама гуна қарз бояд дар муддати муайяни муқарраршуда баргардонида шавад. Зарурати риояи ин принсип бо таъмини худи мавҷудияти бонки тиҷоратӣ муайян карда мешавад. Принсипҳои ташкили фаъолияти он ба онҳо имкон намедиҳад, ки маблағҳои ҷалбкардаи онҳо дар шакли сармоягузорие ҷойгир карда шаванд. Иҷрои ухдадориҳои қарзгиранда дар мухлати баргардонидани қарз ба бонкҳо имкон медиҳад, ки ухдадориҳои худро дар назди пасандозгузорон иҷро кунанд ва инчунин кафолати гирифтани даромади муайяни бонкро таъмин намоянд. Принсипи пардохти қарз маънои онро дорад, ки ҳар як истеъмолкунандаи қарз бояд ба бонк барои истифодаи муваққатии маблағҳои бонк маблағи муайяни пардохтро диҳад. Ин принсипро тавассути механизми фоизии бонкӣ амалӣ кардан мумкин аст. Меъёри фоизии бонкӣ ҳамчун нархи мушаххаси қарз ташаккул меёбад, ки сатҳи онро бисёр омилҳо муайян мекунанд:

- меъёри фоизии базавӣ оид ба қарзҳои аз ҷониби Бонки миллӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ додашуда, яъне меъёри бозтамвил, ки дар шакли хироҷ барои захираҳои ҳатмӣ муайян карда мешавад;

- меъёри фоизи миёнаи қарзи байнибонкӣ, яъне пардохти маблағҳои аз дигар бонкҳои тиҷоратӣ харидашуда;

- меъёри миёнаи фоизие, ки бонк ба мизоҷони худ аз рӯи пасандозҳои гуногун пардохт мекунад, яъне пардохти он захираҳое, ки аз амонатгузоронаш харида мешаванд;

- сохтори захираҳои қарзии бонк ва ҳар қадаре ки дар чунин сохтор маблағҳои зиёд ҷалб карда шаванд, бонк аз рӯи онҳо фоизи баланд медиҳад, ҳамон қадар қарз гаронтар мешавад;

- мухлат - мухлате, ки барои он қарз талаб карда мешавад;

- дараҷаи таваккали бевосита барои бонк вобаста ба намуд ва таъмини қарз;

- устувории муомилоти пулии иқтисодиёти кишвар - ҳар қадар сатҳ ва суръати таваррум баланд бошад, сатҳи хироҷи қарз ҳамон қадар гаронтар мешавад, зеро хавфи аз даст додани захираҳои худ дар натиҷаи беқурбшавии пул барои бонк зиёд мешавад.

Ҳамин тавр, принсипҳои қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ моҳияти қарз ва талаботи қонунҳои объективии иқтисодиро дар соҳаи муносибатҳои қарзӣ инъикос мекунад [8].

Фаъолияти амалии бонкҳо оид ба таъмини баргардонидани қарзҳо бо истифодаи усулҳои гуногун, масалан, муносибати тафриқавӣ ба раванди қарздиҳӣ алоқаманд аст. Қарзро танҳо ба шахсоне додан мумкин аст, ки қодиранд онро сари вақт

баргардонанд. Тавзеҳи ин ҳолатро тавассути баррасии ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои қобилияти қарзии истеъмолкунанда ба даст овардан мумкин аст. Ҳангоми таҳлили имкониятҳо тамоми параметрҳо ва хусусиятҳо ба монанди вазъи молиявӣ, бо манбаъҳои худӣ таъмин будани иншоот, сатҳи даромаднокии он дар айни замон ва дарозмуддат, обрӯи корӣ, таърихи қарз, шароити бозор, пардохтпазирии гарави пешниҳодшуда ва ғайра бояд ба инобат гирифта шаванд. Танҳо пас аз омӯхтани хислатҳои муштарӣ ба қадри имкон муфассал ва мутмаин шудан ба он, ки қарзи дархостшуда сари вақт ва бо фоизҳои зарурӣ баргардонида мешавад, бонк метавонад дар бораи додани қарз ба қарзгир қарори мусбӣ қабул намояд.

Таъмини қарз воситаи муҳимтарин барои расидан ба бозпардохт мебошад [13, с. 75]. Бонк ба муштарӣ барои анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ қарз дода, ба қарзгиранда даромад ваъда медиҳад, ки дар оянда бозпардохти нақшаи қарзро бо пардохти фоизҳои он таъмин мекунад. Аммо ҳангоми гузаронидани ҳама гуна намуду шаклҳои амалиёт хавфҳои муайян вуҷуд дорад, бинобар ин, бонк бояд комилан итминон дошта бошад, ки дар сенарияи бадтарин зарар намебинад. Қарзгиранда бояд то ҳадди имкон кӯшиш кунад, ки ба бонк кафолати таъмини манфиатҳои бонкиро диҳад. Нақши таъминоти қарзро пули нақд, коғазҳои қиматнок, захираҳои молҳо, кафолатҳои шахсони сеюм ва суғуртаи қарз иҷро карда метавонад.

Динамикаи хеле босуръати афзоиш дар соҳаи қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ низ боиси афзоиши зуҳури хавфҳо мегардад. Бисёре аз бонкҳо ба рушди раванди қарздиҳӣ майл доранд, кӯшиш мекунанд, ки вақти баррасии дархости қарзро кам кунанд ва инчунин меъёрҳоро коҳиш диҳанд, ки дар натиҷа онҳо надониста хатарҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки ба фаъолияти онҳо таъсири манфӣ мерасонанд [3]. Таҳлили ин раванд ба мо имкон медиҳад намудҳои зерини хавфҳоро, ки барои бахши қарздиҳии бонкӣ аҳаммияти хеле баланд доранд, ҷудо намоем:

- хавфи пардохтпазирӣ;
- хавфи буҳрони эътимод;
- хавфи рақобати шадид;
- рафтори хатарноки бонк.

Ҳамин тариқ, ҳангоми идоракунии ин раванд, зарур аст, ки ба мушкилоти асосии зиёд шудани хатарҳои амалиёте, ки дар бозори қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ анҷом дода мешаванд, диққат дод. Дар ин маврид чор нуктаи асосӣ вуҷуд дорад:

I. Гузаштан ба татбиқи стратегияи мустақили рушди бозор. Ин ҷиҳат бо афзоиши хатарҳо алоқаманд аст: афзоиши қарзҳои бефоида, афзоиши ҳиссаи муштариёни ба ҳам алоқаманд;

II. Афзоиши карзи муҳлаташ гузашта. Бо пайдоиши ин хавф сатҳи сифати сандуқи қарзии бонк бад мешавад;

III. Тамаркузи баланди иштирокчиёни бозори қарз. Ин нишондиҳанда консентратсияи хавфҳоро барои бозор, ки шумораи маҳдуди ташкилотҳои қарзӣ дар он фаъолият мекунанд, нишон медиҳад;

IV. Афзоиши ҳаҷми қарздиҳӣ аз натиҷаи амалиёти хавфи баланд вобаста аст, ки дар натиҷа низоми бонкӣ ба ҳадди ақали афзоиш ва сатҳи кифоятии сармоя, ки Бонки миллӣ муайян мекунад, наздик мешавад [2].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи пур кардани сандуқи қарзии худ бо тамоми маҳсулоти чакана бонкҳо мавқеи худро дар бозори ҳозира мустаҳкам мекунанд. Бо гузаронидани ин раванд бонкҳо тавассути рушди чунин соҳаҳои қарздиҳии истеъмолӣ, аз қабили қарздиҳии кортҳои кредитӣ, қарздиҳии ипотека ва қарздиҳии автомобилӣ бартарии муайяни рақобатӣ ба даст меоранд.

Бояд гуфт,ки раванди қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ яке аз сарчашмаҳои асосии даромади бонкҳо ба ҳисоб меравад, вале он бо дараҷаи баланди таваккал мушоҳида мешавад, бинобар ин, бонк пеш аз додани ҷарз ба қарзгиранда бояд сатҳи қобилияти қарзии худро баҳо диҳад. Арзёбии қобилияти қарздиҳӣ қисми ҷудонашавандаи раванди қарздиҳӣ буда, таҳлили ин сегмент имкон медиҳад, ки бонк худро аз муфлисшавӣ муҳофизат кунад [1].

Қобилияти қарзӣ ин қобилияти қарзгиранда барои баргардонидани қарзи гирифтааш дар сари вақт мебошад. Дар робита ба афзоиши босуръати соҳаи қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ дар даҳсолаи охир, арзёбии сатҳи қобилияти қарздиҳии қарзгирандаи эҳтимолӣ дар раванди додани қарз ба муштарӣ ва баҳодиҳии дуруст марҳилаи муҳим ва ҷудонашаванда боиси паст шудани дараҷаи хавфи бонк мегардад. Ҳангоми «арзёбии қобилияти қарз» таърихи қарзӣ ва обрӯи қарзгиранда, мавҷудият ва таркиби молу мулки ӯ ба назар гирифта мешавад [12].

Системаи таҳлили сандуқи қарзӣ барои татбиқи самараноки раванди таҳлилӣ бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад:

- арзёбии сифати ҳамаи намудҳои қарзҳое, ки сандуқи қарзиро ташкил медиҳанд;
- муайян намудани сохтори сандуқи вобаста ба сифати қарзҳои ба он дохилшуда ва арзёбии чунин сохтор бо роҳи омӯзиши динамикаи он;
- муайян намудани ҳаҷми кофии захираҳои зарурӣ барои пӯшонидани зараре, ки аз қарзҳо бармеоянд, бо истифода аз сохтори сандуқи қарзӣ.

Бояд гуфт, ки ташкили раванди идоракунии сандуқи қарзӣ маҷмуи корҳоро оид ба тафриқа ва гурӯҳбандии қарзҳо аз рӯйи гурӯҳҳои хавф дар бар мегирад. Таҳлили сохтории сандуқи қарзӣ расмиёти зеринро дар бар мегирад: таҳлили сохтори сандуқи қарзӣ аз рӯи гурӯҳҳои хавф, омӯзиши динамикаи ҳар як гурӯҳи қарзҳо, сохтори сандуқи қарзӣ бо истифода аз маҷмуи нишондодҳо:

- намуди қарз;
- намуди хати қарз, лимит, шакли ҳисоби қарз ва дигар воситаҳои қарзӣ;
- асъори қарзӣ;
- хусусияти ҷуғрофӣ;
- мансубияти соҳаи қарзгир;
- қобилиятнокии қарзгиранда.

Бо дарназардошти мушкилоти мавҷудаи баҳодиҳии қобилияти қарзии шахсони воқеӣ, се усули дахлдори баҳодиҳӣ мумкин аст:

- баҳогузорӣ;
- андеррайтинг;
- арзёбии вазъи молиявии муштарӣ.

Бонкҳо барои баҳодиҳии қобилияти қарзии қарзгирандагон усулҳои гуногунро истифода мебаранд, вале ҳамаи онҳо ба ин ё он тарз системаи муайяни коэффитсиентҳо, аз ҷумла дар аксар мавридҳо, ба монанди коэффитсиенти мутлақи пардохтпазирӣ; таносуби фарогирии миёна; таносуби фарогирӣ; таносуби мустақилияти молиявиро дар бар мегиранд.

Таҷрибаи ҷаҳонии бонкӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи истифодаи системаҳои гуногуни арзёбии сифати қарзҳо, масалан, системаи хол, ки рейтинг аз рӯи ҷадвали аз 0 то 6 мебошад, ба таври зерин амалӣ карда мешавад:

0 - қарзҳои таснифнашуда: арзёбии қарз ба анҷом нарасидааст ё баҳодиҳии сатҳи сифати қарз зарур аст;

1 - қарзҳои босифат - қарзгирандаи дараҷаи якум аз ҷиҳати қобилияти қарзӣ бо баргардонидани пурраи қарз дар фаъолияти гузашта, гардиши пуриқтидори пули

накд, гарави дараҷаи якум, хусусиятҳои қарзи аз нигоҳи бонк ҷолиб, яъне параметрҳо, мақсад, муҳлат ва тартиби пардохти қарз;

2 - қарзҳои баландсифат: сатҳи хуби қобилияти қарздиҳӣ, чун қоида, на камтар аз параметри дуюм, сатҳи кофии воридшавии маблағҳо барои пардохти қарз, таърихи хуби қарзӣ, гарави устувор, хусусиятҳои ҷолиби қарз аз ҷониби бонк;

3 - қаноатбахш: вазъи молиявии мақбули муштарӣ (ҳадди ақал дараҷаи сеюм), пардохти хуби қарз дар гузашта, ба таъхир афтодани кӯтоҳмуддати ба бонк имконпазир, гарави кофӣ, хусусиятҳои зерини қарз: қарзи бозгардондашуда, ки дорои графики пардохти қисмҳо ё тамоми қарз якбора баргардонида мешавад ё қарзи бозгардонидашуда - чунин қарз барои сармояи муомилот, ки дар доираи хати қарзи дар мавриди зарурати қарз дода мешавад, зеро қарз кам мешавад ва хати қарз озод мешавад; муомилот аз нав барқарор карда мешавад;

4 - маржиналӣ: қобилияти ноустувори қарзии муштарӣ дар давраҳои пешинаи таърихи қарзӣ, нокифоя будани гарав, қарз бо кафолат дода шудааст, назорати доимии қарзгир зарур аст;

5 - сифати қарз аз ҳадди аксар бадтар аст: баргардонидани қарз шубҳанок ба назар мерасад, созишномаи иловагӣ дар бораи тартиби баргардонидани қарз зарур аст;

6 - зарар: қарзи асосӣ ва фоизҳо баргардонида намешаванд.

Ҳамин тавр, системаи хол ба мо имкон медиҳад, ки сохтори сандуқи қарзиро дар давраи ҳисоботӣ муайян карда, онро бо давраҳои қаблӣ муқоиса намоем ва дар асоси ин тамоюли мусбат ё манфиро муайян созем. Тамоюли мусбат дар ин ҷо афзоиши ҳиссаи қарзҳои беҳтарин ва қарзҳои баландсифат мебошад. Тамоюли манфӣ бо афзоиши ҳиссаи қарзҳо дар сатҳи максималӣ ва бадтар аз сатҳи максималӣ хос аст.

Бо мақсади беҳтар намудани раванди қарздиҳии шахсони воқеӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ самтҳои зерини фаъолиятро тавсия кардан мумкин аст:

- кам кардани хавфҳои қарзӣ тавассути ташаккул додани заминаи боэътимоди мизоҷон аз шахсони воқеӣ, ки аллакай суратҳисоби бонкӣ доранд. Илова бар ин, баҳодиҳии қобилияти қарздиҳии қарзгирандаи эҳтимолӣ дар ҷараёни қарз муҳим аст. Бонкро зарур аст, ки ба ташаккули заминаи методологии баҳодиҳии қобилияти қарзӣ ва тартиби санҷиши тахассуси кормандон диққати кофӣ диҳад. Ҳама гуна иштибоҳ дар раванди арзёбии қобилияти қарзии қарзгирандаи эҳтимолӣ метавонад боиси барнагаштани қарз гардад ва дар натиҷа, таносуби пардохтпазирии бонкро халалдор созад ва дар шакли манфӣ боиси муфлисшавӣ гардад. Аз ин рӯ, ҳангоми қабули қарори ниҳоӣ, бонк бояд имконияти қарзгирандаро барои баргардонидани қарз дар муҳлати мувофиқашуда арзёбӣ кунад. Сатҳи вазъи молиявии қарзгирандаро танҳо аз рӯи як нишондиҳанда таҳлил кардан мумкин нест. Ҳамин тавр, қарор дар бораи бастани шартнома дар шароити мавҷудияти проблемаи бисёр меъёр қабул карда мешавад:

- такмили технологияҳои қарзӣ;

- барои кам кардани хатарҳо, мо метавонем ҷорӣ намудани барномаҳои нави қарздиҳии кафолатнокро тавсия диҳем [11].

Ҳамин тавр, аз рӯи натиҷаҳои кори гузаронидашуда хулоса баровардан лозим аст, ки қарз додан ба шахсони воқеӣ дар бонк амалиёти сердаромад мебошад, онро инкишоф додан ва такмил додан лозим аст.

## Адабиёт

1. Власов, А.В. Характеристика банковской системы России // Гуманитарные и социальные науки. - 2014. - №6. - С. 81. - [Электронный ресурс]. - URL: https://www.twirpx.com/file/1590230/ (дата обращения: 12.09.2022).

2. Ершова, Е.В., Гончарова Е.В. Роль потребительского кредитования в укреплении инновационного потенциала экономики страны // Научно-методический электронный журнал «Концепт». - 2017. - Т. 2. - С. 651-654. - [электронный ресурс]. - URL: http://e-koncept.ru/2017/570129.htm. (дата обращения: 21.01.2023).
3. Емасова, Н. Понятие банковской системы и ее свойства // Центр Креативных Технологий. [электронный ресурс]. - URL: https://www.inventech.ru/lib/money/money0062/ (дата обращения: 22.01.2023).
4. Жиркина, Н.И. Факторы, влияющие на развитие системы кредитования физических лиц // Вестник Самарского государственного экономического университета. - 2011. - №7(81). - С. 14-18. [электронный ресурс]. - URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=17091189. (дата обращения: 19.10.2022).
5. Жиркина, Н.И. Кредитование физических лиц: содержание, роль и принципы организации // Вопросы экономики и права. - 2011. - №4. - [электронный ресурс]. - URL: http://ecsocman.hse.ru/data/1269118002/Zhirkina.pdf. (дата обращения: 09.11.2022).
6. Коротаева, Н.В., Борисова Т.В. Тенденции развития банковской системы России в современных условиях // Социально-экономические явления и процессы. - 2014. - №3(61). - С. 51. - [электронный ресурс]. - URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=21480390 (дата обращения: 19.01.2023).
7. Кокорина, М.В. Проблемы банковского кредитования физических лиц на современном этапе в РФ // Молодой ученый. - 2014. - №12. - С. 137. - [электронный ресурс]. - URL: https://moluch.ru/archive/71/12235/ (дата обращения: 21.10.2023).
8. Мальцева, А.В., Логинов Д.В. Понятие, задачи и цели анализа кредитоспособности заемщика повышение эффективности процесса управления денежными средствами путем его автоматизации // Россия в ВТО: проблемы, задачи, перспективы: сб. науч. ст. Вып. 13. Под общ. ред. проф. В.В. Тумалева. - СПб: НОУ ВПО «Институт бизнеса и права», 2012. - 364 с. [электронный ресурс]. - URL: http://www.ibl.ru/konf/061212/ponjatie-zadachi-i-celi-analiza-kreditosposobnosti-zaemshhika.html. (дата обращения: 27.11.2022).
9. Обидов, Ф.С. Манбаъҳои молиявӣ-иқтисодӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди минтақа / Ф.С. Обидов, Ш.М. Давлатмуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2019. - №2. -С.8-12.
10. Раҳимзода, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Раҳимзода. - Душанбе: Эр-граф, 2008. - 450 с.
11. Хайрзода, Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ: дисс. докт. илмҳои иқтисодӣ: ихтисоси 08.00.10 / Ш.Қ. Хайрзода. - Душанбе: ДМТ, 2021. - 430 с.
12. Янов, В.В. Современные тенденции кредитования физических лиц в РФ // Теория и практика общественного развития. - 2012. - №12. - С. 453-459. [электронный ресурс].- URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=18287784. (дата обращения: 27.11.2022).
13. Саидмуродов, Л. Х. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления / Л. Х. Саидмуродов, В. Д. Сабуров. – Душанбе : ООО «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176 с. – ISBN 978-99975-384-6-8. – EDN VYJXSN.

**УДК:339.118**

## РУШДИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ СОҲАИ ФАРҲАНГ ДАР АСОСИ МУНОСИБАТИ МАРКЕТИНГӢ

***Мирсаидов Саидакмал Авророович*** - *д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел.*: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru

***Рофизода Саидбек Ҳасан*** - *муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, к. Муҳаммадиев*, 16/4. *Телефон*: 93-523-06-66. E-mail: Saidbek.rofizoda@mail.ru.

*Дар мақола соҳаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини рушди идоракунии он дар заминаи фаъолияти маркетингӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти осорхонаҳо таҳлил гардида, таъкид мешавад, ки рушди фаъолият то андозае таъмин шуда, дар баробари ин, зарур аст, ки бо такмили низоми идоракунӣ баҳри зиёд гаштани тамошобинон аз усулҳои муосири илман асосноки маркетинг истифода баранд. Самтҳои маркетинг дар соҳаи фарҳанг арзёбӣ гардида, муҳити маркетингӣ ҳамчун сифати лаҳзаи калидии раванди идоракунӣ муайян карда шудааст. Ҳамчунин, амсилаи амрикоӣ ва фаронсавӣ дар ташкили фаъолияти маркетингии соҳаи фарҳанг тадқиқ шуда, имкониятҳои татбиқи онҳо дар хизматрасониҳои фарҳангии мамлакат асоснок гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳаи фарҳанг, низоми идоракунӣ, маркетинг, муҳити маркетингӣ, бозор, иттилоот, амсила, хизматрасонӣ, ташкилот, принсип.*

## РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ПРЕДПРИЯТИЯМИ КУЛЬТУРНОЙ СФЕРЫ НА ОСНОВЕ МАРКЕТИНГОВЫХ ОТНОШЕНИЙ

***Мирсаидов Саидакмал Авророович*** – *д.э.н., профессор кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Тел.*: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru

***Рофизода Саидбек Хасан*** – *старший преподаватель кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: *Республика Таджикистан, г. Душанбе, р. Сино, ул. Мухаммадиева*, 16/4. *Телефон*: 93-523- 06-66. E-mail: Saidbek.rofizoda@mail.ru

*В статье рассматривается культурная сфера Республики Таджикистан и обеспечение развития ее управления в контексте маркетинговой деятельности. Проанализированы основные показатели музейной деятельности, подчеркивается, что развитие деятельности в той или иной степени обеспечено, и в то же время необходимо при совершенствовании системы управления, для увеличения количества зрителей использовать современные, научно обоснованные методы маркетинга. Направления маркетинга в сфере культуры оценены и маркетинговая среда определена как ключевой момент процесса управления. Также были изучены американская и французская модели организации маркетинговой деятельности в сфере культуры и обоснованы возможности их применения в культурных услугах страны.*

***Ключевые слова:*** *сфера культуры, система управления, маркетинг, маркетинговая среда, рынок, информация, модель, услуга, организация, принцип.*

## DEVELOPMENT OF A MANAGEMENT SYSTEM FOR CULTURAL ENTERPRISES BASED ON MARKETING RELATIONS

Mirsaidov Saidakmal Avrorovich –Doctor of economics, Professor of the Department of Customs Activities of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067,

Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14. Tel: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru
Rofizoda Saidbek Hasan – an assistant of the economic theory department in Financial and Economic University of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino, Muhammadiev 16/4. E-mail:saidbek. rofizoda@mail.ru. Phone: 93-523-06-66.

*The article examines the cultural sphere of the Republic of Tajikistan and ensuring the development of its management in the context of marketing activities. The main indicators of museum activities are analyzed, it is emphasized that the development of activities is ensured to one degree or another, and at the same time it is necessary to use modern, scientifically based marketing methods when improving the management system to increase the number of spectators. Marketing directions in the field of culture are assessed and the marketing environment is identified as a key point in the management process. The American and French models of organizing marketing activities in the field of culture were also studied and the possibilities of their application in the country's cultural services were substantiated.*

***Key words:*** *cultural sphere, management system, marketing, marketing environment, market, information, model, service, organization, principle.*

Дар шароити таҳаввулоти бозоргонии соҳаи фарҳанг нақш ва аҳамияти тадқиқоти маркетингӣ дар низоми идоракунии соҳаи фарҳанг меафзояд. Идоракунии соҳаҳои фарҳанги муосир ба истифодаи муносибатҳои маркетингӣ ниёз дорад. Тахти маркетинг (marketing) чунин низоми идоракунии дохилиширкатие фаҳмида мешавад, ки ба омӯзиш ва баҳисобгирии талаботи бозор ҷиҳати самтдиҳии бештар асоснокшудаи фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо барои истеҳсоли намудҳои рақобатпазири маҳсулот дар ҳаҷмҳои пешакӣ муайяншуда ва ҷавобгӯ ба стандартҳои муайян нигаронида шудааст.

Моҳият ва мундариҷаи фаъолияти маркетингӣ шароити объективии рушди бозорро инъикос мекунанд, ки то андозаи муайян тасодуфии худро гум карда, таҳти таъсири танзимкунандаи робитаҳои пешакӣ муқарраршудаи хоҷагидорӣ қарор мегиранд, ки дар он нақши махсус ба истеъмолкунанда ҷудо карда мешавад. Истеъмолкунанда талаботи худро ба маҳсулот, хусусиятҳо, миқдори он пешниҳод карда, ҳамзамон барои тақсимоти бозор байни истеҳсолкунандагон заминаро фароҳам меорад. Аҳамияти рақобат, мубориза барои истеъмолкунанда афзоиш меёбад. Ин истеҳсолкунандагонро водор месозад, ки истеъмолкунандагони мушаххаси потенсиалӣ ва дархостҳои бозор, ки ба сифат ва рақобатпазирии маҳсулот талаботи баландро зоҳир мекунад, ҳамаҷониба ва амиқ мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Дар солҳои охир ба масъалаҳои рушди соҳаи фарҳанги ватанӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Тағйирёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар соҳаи тақсимоти даромадҳо соҳаи мазкурро ба вазъи ниҳоят мураккаб қарор дод. Ташкилотҳои фарҳангие, ки ҳанӯз дар ибтидои солҳои 90-ум дар таъминоти пурраи давлатӣ қарор доштанд [11, с. 53], ҳоло аз давлат на бештар аз 40% хароҷотро мегиранд. Вазъи феълӣ муассисаҳоро маҷбур месозад, ки роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракуниро ҷустуҷӯ карда, стратегияро дар соҳаи маркетинг таҳия кунанд.

Дар ин маврид, яке аз бахшҳои фарҳанг, яъне нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти осорхонаҳоро мавриди таҳлил қарор додем. (ниг. ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Афзоиш соли 2022 нисбат ба соли 2016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи осорхонаҳо (аз ҷумла филиалҳо), дар охири сол, адад | 57 | 59 | 60 | 67 | 67 | 68 | 70 | 122 |
| Кишваршиносӣ ва санъатшиносӣ | 47 | 48 | 49 | 54 | 54 | 55 | 57 | 121,3 |
| Осори адабӣ | 8 | 9 | 9 | 10 | 10 | 10 | 10 | 125 |
| Шумораи тамошобинон, ҳаз. нафар | 493 | 532,5 | 539,2 | 562,4 | 410,0 | 573,0 | 600,0 | 121,7 |
| Шумораи тамошобинони осорхонаҳо ба 1000 нафар аҳолӣ, нафар | 56 | 60 | 60 | 61 | 43,6 | 58,5 | 60 | 107,1 |

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. - С.180

Тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 дида мешавад, дар давоми солҳои 2016-2022 шумораи осорхонаҳо 122% ташкил дода, 13 адад зиёд гардидааст. Ва ё осорхонаҳои кишваршиносӣ ва санъатшиносӣ дар марҳилаи таҳлилӣ 10 адад зиёд гардида, 121% дар соли 2022 ташкил дод. Осори адабӣ соли 2022 ба 10 адад расида, нисбат ба соли 2016 125% зиёд шудааст. Ҳамчунин, шумораи тамошобинон тадриҷан зиёд шуда истода, соли 2022 нисбат ба соли 2016 107 ҳазор нафар зиёд гардид. Шумораи тамошобинони осорхонаҳо ба 1000 нафар аҳолӣ ночиз зиёд гардида, ҳамагӣ 4 нафар зиёд шудааст.

Дар маҷмуъ, аз суръати афзоиши нишондиҳандаҳои асосии осорхонаҳои мамлакат ба ақидае омадан мумкин аст, ки рушди фаъолият то андозае таъмин шуда истодааст. Вале дар баробари ин, зарур аст, ки бо такмили низоми идоракунӣ баҳри зиёд гаштани тамошобинон аз усулҳои муосири илман асосноки маркетинг истифода баранд.

Дар шароити бозоргонӣ яке хусусияти асосии маркетинг дар соҳаи фарҳанг омезиши се самтро дар бар мегирад: ҷалби истеъмолкунандагони потенсиалӣ, идоракунии муносибатҳо бо сарпарастон, эҷоди обрӯ ва низоми менеҷменти дохилии муассиса. Иқтисодчии англис Брадфорд тарҳеро тартиб дод, ки фаъолияти маркетингии осорхонаҳоро тавсиф дода, ба дигар муассисаҳои фарҳанг низ дахл дорад (расми 1).




**Расми 1.- Самтҳои маркетинги муассисаҳои фарҳанг**

Сарчашма: Социально-культурный маркетинг. Иркутск, 2004. - 260 с.

Кор бо меҳмонон (муштариён) барои асоснок кардани рисолати муассисаҳои фарҳанг зарур аст, дар ҳоле ки ҳадафи ҷалби сарпарастон гирифтани дастгирии молиявӣ ва моддӣ мебошад. Эҷоди обрӯи ташкилоти фарҳангӣ барои рушди минбаъдаи фаъолияти он муҳим аст. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки соҳаҳои гуногуни маркетинг дар соҳаи фарҳанг бо ҳам ба таври ҷудонашаванда аломанданд. Муассисае, ки барномаи инфиродии касбии баландихтисоси кории худро таҳия менамояд, барои меҳмонон ва дар маҷмуъ, барои ҷомеа ҷолибтар мегардад. Таваҷҷуҳи матбуот, эҷоди имиҷи беназир ва эътибори устувори худ имкон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи мададгорони (сарпарастони) хусусӣ ва корпоративӣ ҷалб карда шавад, ки ин дар навбати худ ба беҳтар шудани кори дохилии муассиса ва эҷоди барномаи инфиродии корӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, самтҳои фаъолияти маркетингии муассисаҳои фарҳанг пай дар пай, аз рӯи занҷир дар ҳар як гардиш ба сатҳи сифатан гуногун ва баландтари рушд мегузаранд (расми 2.). Брадфорд ин муносибатро вобаста ба натиҷаҳои бадастоянда «спирали муваффақият» меномад.




**Расми 2. - Занҷири рушди самтҳои фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи фарҳанг**
**Коркарди муаллифон**

Самтҳои маркетингро дар соҳаи фарҳанг мавриди таҳлил қарор дода, муҳити маркетингиро, ки ба сифати лаҳзаи калидии раванди идоракунӣ хизмат мекунад, баррасӣ хоҳем кард. Муҳити маркетингӣ аз маҷмуи омилҳо дар сатҳҳои макро ва микро иборат аст, ки ба самаранокии кори ташкилот мустақиман таъсир мерасонанд.

Макромуҳит чунин омилҳои иҷтимоӣ, аз қабили сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, илмию техникиро, ки рушди соҳаи фарҳангро муайян мекунанд, дар бар мегирад. Ҳамзамон, соҳаи фарҳанг бо робитаҳои устувори баръакс бо макромуҳити худ фарқ мекунад, ки аз таъсири мустақим ба ташаккули шахсият, сатҳи фарҳангии миллат иборат аст, ки дар ниҳоят ба худи муносибат ба соҳаи фарҳанг таъсир мерасонад.

Микромуҳит дар баробари макроравандҳо низ аз аҳамияти калон бархӯрдор аст. Микромуҳит, дар навбати худ, ба ду ҷузъи таркибӣ тақсим мешавад: дохилӣ ва берунӣ. Муҳити берунаи маркетинг муҳити атрофест, ки ташкилот ба он бо фаъолияти маркетингии худ дохил мешавад. Дар соҳаи фарҳанг он меҳмонони воқеӣ ва потенсиалӣ, сарпарастон, мададгорон, шарикон, рақибон, инчунин ҷомеа дар симои ВАО ва дигар шахсонеро дар бар мегирад, ки афкори ҷамъиятиро ҳам дар бораи кори ташкилоти фарҳангӣ, ҳам дар бораи фарҳангдар маҷмуъ, ташаккул медиҳанд.

Муҳити дохилии маркетинг он ашхос ва қувваҳоро дар бар мегирад, ки маркетингро дар дохили ташкилот амалӣ мекунанд. Чун қоида, дар ташкилотҳои фарҳангӣ хадамоте ҳастанд, ки барномаҳои маркетингиро алоҳида барои меҳмонон, дӯстони ташкилоти фарҳангӣ, сарпарастон ва дигарон ба нақша гирифта, таҳия карда, амалӣ мекунанд.

Маркетинг танҳо бо муайян кардани гурӯҳи мақсадноки стратегияи он ва таҳлили муҳит маҳдуд намешавад - худи маҷмуи маркетинг низ аз аҳамияти он бархӯрдор аст.

Ҷузъҳои таркибии маҷмуи маркетинг ва омилҳои муҳимтаринро, ки ба фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи фарҳанг - маҳсулот, истеъмолкунанда, сиёсати нарх, таъсир ҳангоми зиёд шудани талабот, таъсир ҳангоми афзоиши навовариҳо ва ҳосилнокии меҳнат, мавқеъ дар бозор, пешбурди маҳсулот, кормандон – таъсир мерасонанд, мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Дар муассисаи фарҳанг ба сифати маҳсул хизматрасониҳои гуногуне, ки мувофиқи рисолати он пешниҳод карда мешаванд, амал мекунанд. Барои осорхона, масалан, фаъолияти намоишгоҳӣ, яъне муаррифӣ ва тафсири маҷмуаҳо, инчунин кори таҳсилотӣ, аз қабили: экскурсияҳо, лексияҳо, студияҳои бачагонаву навҷавонон, семинарҳо, конфронсҳо ва ғайра амал мекунанд. Илова бар ин, хизматрасониҳои иловагӣ аҳамияти калон доранд. Онҳо аз таъминоти иттилоотӣ, кори қаҳвахонаҳо, буфетҳо, дӯконҳои осорхонавӣ, устохонаҳои махсус барои меҳмонон, инчунин аз баргузории чорабиниҳои гуногун - қабулҳо, мулоқотҳо, консертҳо, намоишномаҳо иборатанд.

Хусусияти маҷмуи маркетинги ташкилоти фарҳангӣ ҳузур ва иштироки истеъмолкунандагон ҳатмӣ мебошанд, дар акси ҳол тамоми фаъолияти муассиса бемаъно аст. Аммо ин хусусият на танҳо ба соҳаи фарҳанг дахл дорад, балки ба истеҳсоли як қатор хизматрасониҳо низ дахл дорад. Масалан, кори сартарошхона ё меҳмонхонаро бе муштарӣ тасаввур кардан имконнопазир аст.

Соҳаи фарҳанг талаботи шахсро барои рушди маънавӣ қонеъ мегардонад, аз ин рӯ, ба сифати истеъмолкунандагони хизматрасонии муассисаҳои фарҳанг табақаҳои гуногуни аҳолӣ амал мекунанд. Ташкилотҳои фарҳангӣ метавонанд барои кор бо аудиторияи муайян, аз қабили кӯдакон, калонсолон, нафақахӯрон, маъюбон ва дигарон махсус гардонида бошанд.

Сиёсати нархгузории ташкилоти фарҳангӣ, пеш аз ҳама, бо ҳадафҳои иҷтимоии фаъолияти он муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, сатҳи нархҳо аз дастрасии хизматрасонии мушаххас барои истеъмолкунандаи потенсиалӣ вобаста аст. Дар ин ҳолат нархҳо, назар ба оне, ки онҳо дар шароити сирф бозорӣ буданд, тақрибан ҳамеша пасттаранд ва баъзан онҳо умуман, вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, имкониятҳои истифодаи сиёсати нархгузории бозоргонӣ дар стратегияи маркетинги соҳаи фарҳанг то ҳадде маҳдуданд. Барои ташкилотҳои тиҷоратӣ талаботи бештар ба хизматрасониҳои онҳо маънои даромади бештарро дорад. Дар соҳаи фарҳанг таъсири баръакс ба назар мерасад. Муассисаҳои фарҳанг, чун қоида, қобил нестанд, ки хароҷоти барои як истеъмолкунанда талабшавандаро аз ҳисоби даромади бадастомада аз ӯ пӯшонанд. Тибқи назарияи муфиднокии ниҳоӣ хароҷоти ниҳоии истеҳсоли хизматрасонии иловагӣ барои қонеъ кардани талаботи афзоянда метавонанд аз даромади ниҳоӣ, ки аз фурӯши воҳиди хизматрасонӣ зиёдтар бошад. Аз ин бармеояд, ки ташкилотҳои фарҳангӣ бино ба сабаби иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ наметавонанд дар худмаблағгузорӣ қарор дошта бошанд, балки бояд ба манбаъҳои берунаи дастгирии молиявӣ самтгирӣ кунанд.

Дар соҳаи фарҳанг самтҳои фаъолияте мавҷуданд, ки барои онҳо таъсири мазкур татбиқ карда намешавад. Зимни ҳаҷми муайяни истеҳсол даромади ниҳоӣ аз арзиши ниҳоӣ зиёдтар буда, фоида ба даст меояд. Ин, пеш аз ҳама, хизматрасониҳои тиҷоратӣ (шартномавӣ) дар дохил ё дар асоси ташкилот, масалан, кори қаҳвахонаҳо, буфетҳо, тарабхонаҳо, мағозаҳо, устохонаҳои махсус, инчунин фаъолияти рекламавӣ мебошанд. Арзёбии молиявии онҳо аз таҳлили фаъолияти сохтори тиҷоратӣ тафовут надорад.

Афзоиши коркардҳои баланди технологӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои навтарини илмӣ боиси баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, пастравии нархи маҳсулот ва афзоиши музди меҳнати кормандони соҳаи тиҷорат мегардад. Дар соҳаи фарҳанг ин дигаргуниҳо амалан вуҷуд надоранд. Таъсири мазкурро, инчунин «бемории нархҳо»-и Баумол меноманд (бо номи иқтисодчие, ки онро исбот кардааст) [1, с. 415].

Бо назардошти ин амал бояд самтнокии махсуси сиёсати нархгузории ташкилотҳои фарҳангӣ ташкил карда шавад. Дар соҳаи фарҳангӣ он, масалан, аз фарқгузории нархҳо ба

чиптаҳои дохилшавӣ аз рӯи синну сол (кӯдакон, мактаббачагон, донишҷӯён, нафақахӯрон) ва категорияи муайяни меҳмонон (собиқадорони ҷанг, собиқадорони меҳнат, маъюбон, шаҳрвандони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо) ташаккул меёбад. Сатҳи нарх вобаста аз вақти ташриф овардан ба ташкилоти фарҳангӣ (рӯзона - шом, соатҳои кушода - пӯшидаи кор) ва маъруфият, беназирии намоишгоҳҳо, консертҳо ва намоишномаҳо ташаккул меёбад. Ғайр аз он, муассисаҳои фарҳангӣ имтиёзҳоро барои мададгорон, сарпарастон, дӯстон ва дигар категорияҳо истифода мебаранд.

Ҳангоми табъизи (дискриминзация) нархҳо дар соҳаи фарҳанг сатҳи нархҳо ба неъмат вобаста ба таъминоти моддии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ муқаррар карда шуда, дастрасиро ба истеъмол барои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ муҳайё месозад.

Фаъолияти муассисаҳои фарҳанг бо як қатор хусусиятҳои бозор, ки ба онҳо мавҷудияти таъсироти беруна, асимметрияи иттилоотӣ ва инҳисори маҳаллӣ мансубанд, алоқаманд аст.

Аксари хизматрасониҳои фарҳангӣ ба неъматҳои ҷамъиятӣ мансубанд. Дар тафовут аз неъматҳои ҷузъӣ истеъмоли чунин хизматрасониҳо бо таъсироти беруна ҳамроҳӣ мекунад, яъне манфиатро аз истифодаи неъматҳои фарҳангӣ на танҳо ашхоси дар ин раванд иштироккунанда, балки инчунин дигар гурӯҳҳои аҳолӣ ё ҷомеа дар маҷмуъ, ба даст меоранд. Ба сифати таъсироти беруна дар соҳаи фарҳанг метавонад баланд бардоштани сатҳи таҳсилот, афзоиши неруи маънавии ҷомеа ва ғайра амал кунанд.

Хусусияти дигари бозор, ки ба соҳаи фарҳангӣ хос аст, асимметрияи иттилоотӣ мебошад, ки, аз як тараф, аз мавҷуд набудани маълумоти пурраи истеъмолкунандагон дар бораи хусусиятҳои маҳсули пешниҳодшаванда ва, аз тарафи дигар, аз мавҷуд набудани сатҳи муайяни омодагии истеъмолкунандагон барои арзёбии сифати худи маҳсулот иборат аст.

Ҳамин тавр, асимметриаи иттилоотӣ дар бозори фарҳанг интихоби оптималии хизматрасониҳоро аз ҷониби истеъмолкунандагон душвор месозад. Дар натиҷа, ин боиси аз даст додани як қисми бозори потенсиалӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагон мегардад.

Дар маҷмуъ, ассиметрияи иттилоотӣ дар бозори фарҳанг ҳам ба истеъмолкунандагон, ҳам ба истеҳсолкунандагони хизматрасониҳо таъсири манфӣ мерасонад. Кори муассисаҳои фарҳанг, инчунин, бо мавҷуд будани инҳисори маҳаллӣ дар бозор тавсиф карда мешавад. Дар аксари ҳолатҳо дар шаҳрҳои хурд аз ҷиҳати иқтисодӣ сохтани масалан, якчанд осорхонаҳои бадеӣ, театрҳо ва ғайра ба мақсад мувофиқ нест. Ин ба он вобаста аст, ки хароҷоти миёна дар ин ҷо нисбат ба хароҷотҳои ниҳоӣ баландтар аст, ки барои ворид шудан ба бозори маҳаллии фарҳанг монеа эҷод мекунад. Ҳамин тариқ, муассисаҳои фарҳангӣ аксар вақт дар шароити беракобат фаъолият мекунанд, ки дар ниҳояти кор метавонад ба хусусиятҳои хизматрасониҳои аз ҷониби онҳо пешниҳодшаванда таъсири манфӣ расонад.

Аз чаҳор унсури маҷмуи пешбурди маҳсулот (пешбурди фурӯш, маркетинги мустақим, равобити ҷамъиятӣ ва реклама) се унсур - реклама, маркетинги мустақим ва равобити ҷамъиятӣ дар соҳаи фарҳанг истифода мешаванд [6, с.61].

Тафовути моҳияти реклама, маркетинги мустақим ва равобити ҷамъиятӣ дар алоқамндии онҳо бо ҳадафҳои молиявӣ вобаста аст. Реклама ва маркетинги мустақим дар соҳаи фарҳанг, ба монанди соҳаи соҳибкорӣ, воридшавии иловагии воситаҳои пулӣ нигаронида шудаанд. Идоракунии муносибатҳои ҷамъиятии ташкилот ба эҷоди имиҷ, эътибори он самт дода мешавад. Албатта, байни ин ду унсури маҷмуи пешбурди хизматрасонӣ ҳудудҳои равшанро муайян кардан ғайриимкон аст, зеро худи реклама ва маркетинги мустақим ба эҷоди эътибори ташкилот ва густариши робитаҳои ҷамъиятӣ ба афзоиши шумораи меҳмонон ва мадагорон оварда мерасонанд.

Реклама ва маркетинги мустақим дар соҳаи фарҳанг дар муқоиса бо бахши тиҷоратӣ монандиҳо ва фарқиятҳо доранд. Корхонаи тиҷоратӣ бо кумаки реклама ва маркетинги мустақим ҳадафи афзоиши шумораи фурӯш, забт кардани бозорҳои нав ва пешбурди моли эҷодшударо пайгирӣ карда, дар ниҳоят ба афзоиши даромад аз фурӯши маҳсул

(хизматрасонӣ) ё фоидаи соф самтгирӣ мекунад. Ташкилоти фарҳангӣ бо ҷалби меҳмонон ва мададгарони иловагӣ тавассути реклама ва маркетинги мустақим воридоти мазкури воситаҳоро барои афзун намудани фондҳо барои нигоҳдорӣ ва рушди фаъолияти муассиса истифода мебарад. Агар дар бахши тиҷоратӣ истеъмолкунанда бар ивази воситаҳои пулӣ молу хизматрасониҳои моддиро ба даст орад, пас дар соҳаи фарҳанг он лаззати зебоишиносӣ ва маънавӣ, қонеъ кардани эҳтиёҷот ба таҳсилот ва истироҳатро ба даст меорад.

Дар ташкили реклама ва маркетинги мустақим соҳаи фарҳанг ва бахши тиҷоратӣ назар ба фарқиятҳо бештар шабоҳатҳоро доранд. Дар соҳаи фарҳанг ба сифати кормандон (иҷрокунандагон) кормандони шуъбаҳои маркетинг, рушд ва равобит бо ҷамъият мебошанд, ки махсус дар ташкилотҳои калон таъсис дода шудаанд. Дар муассисаҳои хурди фарҳанг онҳо одатан ба як хадамот муттаҳид карда мешаванд ё вазифаҳои онҳо ба сохторҳои дигари дохилӣ вогузор карда шудаанд. Кор тибқи шартнома бо агентҳои берунаи маркетингӣ, зимни имкониятҳои васеътар ва сифати баландтари корашон дорои хусусияти ғайридоимӣ буда, бо хароҷоти баланд тафовут дорад. Дар амалияи ҷаҳонӣ ду амсилаи асосии ташкили фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи фарҳанг - амрикоӣ ва фаронсавӣ - вуҷуд дорад.

Амсилаи амрикоӣ бештар ба ҷалби сармоягузориҳои молиявии инфиродӣ, корпоративӣ ва давлатӣ ба ташкилоти ғайритиҷоратӣ нигаронида шудааст. Объектҳои маркетинг дар варианти мазкур дӯстони муассиса, сарпарастон, ҳунарпарварон, фондҳо ва мақомоти давлатӣ мебошанд. Дар сохтори ташкилии муассисаи амрикоии фарҳанг нақши асосиро шуъбаи рушд ишғол мекунад. Ҳамин тавр, дар осорхонаи “Метрополитен” дар Ню-Йорк шуъбаи рушд сохтори мураккаби дохилии ташкилӣ дошта, дорои беш аз 75 корманди штатӣ мебошад [2]. Тақрибан 35 мутахассис дар Ҷамъияти дӯстони осорхона кор мекунанд, ки қисми таркибии шуъбаи рушд фаъолият мекунанд. Ҳар як корманди ҷамъият барои яке аз се соҳаҳои фаъолият (ташкили чорабиниҳои Ҷамъияти дӯстон), кор бо волонтёрон, инчунин бо аъзои инфиродӣ ва корпоративӣ масъул аст. Тақрибан 40 мутахассиси шуъбаи рушди осорхонаи “Метрополитен” бо банақшагирии маркетингӣ ва тадқиқоти бозор, инчунин ташкил ва гузаронидани маъракаҳо барои ҷалби воситаҳои амонатгузорон, сарпарастон, фондҳои хайриявӣ ва давлат машғуланд [4, с.16].

Амсилаи фаронсавии ташкили фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи фарҳанг баръакси амсилаи амрикоӣ мебошад. Диққати асосӣ на ба ҷалби сарпарастони эҳтимолӣ, балки ба таҳия ва қонеъ гардонидани талаботи меҳмонон зоҳир карда мешавад. Масалан, осорхонаи Лувр дар Париж бо сиёсати тағйирёбандаи нархгузорӣ: низоми тахфифҳо, соатҳои имтиёзнок ва ройгони кор, дастрасӣ ба осорхона пас аз соати корӣ фарқ мекунад. Ғайр аз он, дар осорхона шабакаи доимо амалкунандаи конфронсҳо, семинарҳо, хизматрасониҳои обунавӣ, гурӯҳҳои кӯдакона, мактабӣ, донишҷӯӣ ва калонсолон вуҷуд дорад. Дар ҳудуди Лувр пайваста консертҳо, шомҳои мусиқӣ, лексияҳои оммавӣ ва ғайра баргузор мегарданд.

Дар амсилаи амрикоӣ намудҳои якхелаи хизматрасониҳои фарҳангӣ мавҷуданд, аммо фарқияти онҳо дар он аст, ки, пеш аз ҳама, ҳадафҳои молиявиро на вазифаи ба ҳадди аксар қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон пайгирӣ мекунанд. Сабаби фарқиятҳо дар хусусиятҳои сохтори манбаъҳои молиявии муассисаҳои фарҳанги амрикоӣ ва фаронсавӣ мебошад. Барои муқоиса, ҳиссаи субвенсияҳо ва субсидияҳои Лувр тақрибан 58%-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки дар осорхонаи “Метрополитен” - тақрибан 14% мебошад [5, с.31]. Сохтори ташкилии маркетинги дар Лувр аз чор шуъбаҳо иборат аст. Се хадамот барои ҷалби меҳмонон ба осорхона машғул ҳастанд. Ин хадамоти кор ба аудитория мебошад, ки вазифаҳои он ташкил ва рекламаи консертҳо, намоишномаҳо ва дигар чорабиниҳо мебошанд. Ба ҳадафҳо хадамоти фарҳангӣ, ки вазифаҳои он аз паҳн кардани иттилоот оид ба осорхона ва ҷалби меҳмонон аст, наздик мебошад. Хадамоти фарҳангӣ конфронсҳо ва коллоквиумҳоро гузаронида, дар якҷоягӣ бо муассисаҳо ва иттиҳодияҳои фарҳангӣ кор карда, маводи иттилоотӣ ва рекламавиро омода мекунад. Шуъбаи

бузургтарин дар сохтори ташкилии маркетинг хадамоти меҳмоннавозӣ мебошад. Дар он тақрибан 60 корманди доимӣ ва 35 корманди қисман машғул кор мекунанд. Дар низоми маркетинг хадамоти меҳмоннавозӣ нақши муҳимро мебозад. Он бо пешниҳоди хизматрасониҳои иттилоотӣ ба меҳмонон, рушди муносибатҳои шарикӣ дар минтақаҳои гуногун машғул шуда, инчунин тадқиқоти маркетингиро дар дохили осорхона ва берун аз он анҷом медиҳад.

Хусусияти умумии амсилаҳои америкоӣ ва фаронсавӣ мавҷудияти хадамоти робита бо ҷомеа мебошад, ки аз болои эҷоди имиҷи ташкилот кор мекунад [12, с. 15]. Таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа тавассути васоити ахбори омма, ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳо ва ташкилотҳои шарик, инчунин бо сарпарастон, эҳсонкорон ва мақомоти давлатӣ ҳам дар бозори дохилӣ, ҳам хориҷӣ ҷалб карда мешавад.

Дар айни замон, дар ҷумҳурӣ амсилаи фосилавии ташкили маркетинг дар соҳаи фарҳанг ташаккул ёфта истодааст. Хусусияти фарққунандаи он аз омезиши унсурҳои гуногун аз амсилаҳои америкоӣ ва фаронсавӣ иборат мебошад. Бисёре аз ташкилотҳои фарҳангӣ анъанаи шуравии корро бо меҳмонон, ки ба амсилаи фаронсавӣ наздиканд, идома медиҳанд. Азбаски давлат дигар наметавонад муассисаҳои фарҳангиро пурра таъмин кунад, ба онҳо лозим аст, ки иловатан бо ҷалби маблағ барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ ва асосӣ машғул шаванд. Дар сохтори ташкилии идоракунии муассисаҳои фарҳанги ҷумҳурӣ шуъбаҳои рушд, маркетинг, ҷамъияти дӯстон, хадамоти меҳмоннавозӣ ва бахши робитаҳо бо ҷомеа ташкил карда шудаанд. Аммо воҳидҳои шуъбаҳои мазкур ва вазифаҳои аз ҷониби онҳо иҷрошаванда ба таври назаррас маҳдуд мебошанд. Ҳамин тавр, дар Осорхонаи давлатӣ хадамоти робита бо ҷомеа воқеан хадамоти матбуотӣ ба ҳисоб рафта, шуъбаи рушд ва тадқиқоти маркетингї ҳамагӣ аз панҷ нафар иборат мебошад. Шуъбаи рушд, хадамоти маркетингӣ бо гузаронидани намудҳои гуногуни чорабиниҳо, гарчанде ки вазифаҳои аниқ муайян кардашударо надоранд, машғуланд.

Принсипҳои дар боло баррасишудаи маркетинг дар соҳаи фарҳанг нақши муҳими фаъолияти мазкуррро дар идоракунии ташкилоти фарҳангӣ муайян мекунанд. Муассисаҳои фарҳангие, ки бо ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтаркунии кори дохилӣ машғуланд, дар навбати аввал бояд стратегияи маркетингиро таҳия кунанд, ки бо мураккабӣ ва гуногунҷабҳа будани худ фарқ мекунад.

**Адабиёт**


1. Баумол В. Макроэкономика несбалансированного роста: анатомия городского кризиса / В. Баумол // The American Economic Review. - Том. 57. - №3 (июнь 1967 г.), - С. 415-426.
2. Бергер П. Социальное конструирование реальности / П. Бергер, Т. Лукман. М., - 1995. –С.180
3. Бойматов А.А. Роххои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маркетингии корхонаҳои вилояти Суғд / А.А. Бойматов, М.М. Шарифзода //Ахбори ДДХБСТ. – Хучанд. - 2020. - №2(83). - С.13-21.
4. Бизнес в стиле шоу. Маркетинг в культуре впечатлений. М.: Вильяме, - 2005. 220 с.
5. Богачева О. Государственное финансирование сферы культуры и искусства (опыт индустриально развитых стран) / О. Богачева // Вопросы экономики. - 1996. - №10. – С.31-36
6. Гозибеков С.А. Маркетинги иҷтимоӣ: таҳлил ва мушкилоти муосири ташаккул/ С.А. Газибеков, М.К. Ҳусаинова //Ахбори ДДҲБСТ. –Хуҷанд. - 2022. - №4(93). - С.60-65.
7. Социально-культурный маркетинг. Иркутск, 2004. - 260 с.
8. Томилав В.В. Культура предпринимательства. / В.В. Томилав. СПб, 2000. – С.250

9. Тульчинский Г.JI. Менеджмент в сфере культуры / Г.JI. Тульчинский - С. - Петерб. гос. ун-т культуры и искусств. - СПб.: Лань, 2001. - 382 с.
10. Шекова Е.Л. Особенности маркетинга в сфере культуры (на примере музеев). Е.Л. Шекова // Всеник Московского университета. Серия Экономика. – 2006. - №2.- С.71-86.
11. Саидмуродов, Л. Х. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления / Л. Х. Саидмуродов, В. Д. Сабуров. – Душанбе : ООО «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176 с. – ISBN 978-99975-384-6-8. – EDN VYJXSN.
12. Саидмуродов, Л. Х. Возможности и направления превентивных мер экономической политики в условиях трансформации / Л. Х. Саидмуродов // Выход постсоветского пространства из системной кризисной цикличности: формирование эволюционной модели экономического развития и расширения ЕАЭС : Материалы международной научно-практической конференции, Москва, 25–26 июня 2015 года. Том 1. – Москва: Центральный экономико-математический институт РАН, 2015. – С. 13-21. – EDN UGYKPT.

**УДК**: 331.1

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ МЕХАНИЗМИ МОТИВАТСИОНИИ ТАЪМИНОТИ КАДРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Қурбонов Абдулхайр Каримович*** - *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога*: *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.*: (+992) 909-12-17-25.

***Исвалиев Бахтиёр Ҷӯрахонович*** - *муаллими калони кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов*, 64/14. *Тел.*: (+992) 553-55-43-44.

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳими таҷрибаи хориҷии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки дар шароити бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ кишварҳои рӯ ба тараққӣ маъмулан бо вазъияте рӯ ба рӯ мешаванд, ки зарурати аз нав дида баромадани мавқеи худ дар самти рушди иқтисодӣ ва гузоштани қадамҳои нав дар самти равишҳои инноватсионӣ ҳамчун асоси гузариш ба сатҳи нави иҷтимоию иқтисодӣ ба миён меояд. Дар айни замон, системаи маориф ҳалли масъалаҳои мутобиқшавӣ ба талаботи нави ҷомеаи ҷаҳониро баррасӣ намуда истодааст, ки ин аз мутахассисони соҳаи маориф донишҳои баланди илмиро талаб мекунад. Воқеияти муосир аз донишгоҳҳо, на танҳо паҳнкунии дониш, балки бо дониш таъмин намудани наслҳоиояндаро низ талаб мекунад. Ҳалли мушкилоти мазкурро аксар вақт дар тиҷоратикунонии натиҷаҳои тадқиқот ва таъсиси донишгоҳҳои типи нави инноватсионӣ дидан мумкин аст. Дар ин раванд нақш ва мавқеи системаи мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гуногун мешавад.*

***Калидвожаҳо***: *маориф, МТОК, иқтисодиёт, механизмҳо, мотиватсия, рушди иқтисодӣ, инноватсия, донишҳои нав, бозори меҳнат.*

# ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ МОТИВАЦИОННОГО МЕХАНИЗМА КАДРОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ УЧРЕЖДЕНИЙ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Курбонов Абдулхайр Каримович*** - *доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа и аудита Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.Тел.*: (+992) 909-12-17-25.

***Исвалиев Бахтиёр Джурахонович*** - *старший преподаватель кафедры информационных систем и технологий в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*:734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Тел.*: (+992) 553-55-43-44.

*В данной статье исследуются важные вопросы зарубежного опыта мотивационного механизма кадрового обеспечения учреждений высшего профессионального образования в условиях рыночной экономики. Автор отмечает, что в условиях мирового экономического кризиса развивающиеся страны обычно сталкиваются с ситуацией, когда им необходимо пересмотреть свою позицию в направлении экономического развития и предпринять новые шаги в направлении инновационных подходов как основы перехода на новый социально-экономический уровень. При этом в системе образования рассматривается решение вопросов адаптации к новым требованиям мирового общества, что требует от специалистов в области образования высоких научных знаний. Современная реальность требует от университетов не только распространения знаний, но и предоставления знаний будущим поколениям. Решение этой проблемы часто можно увидеть в коммерциализации результатов исследований и создании инновационных университетов нового типа. В этом процессе будут меняться роль и положение мотивационной системы кадрового обеспечения учреждений высшего профессионального образования.*

***Ключевые слова***: *образование, ВУЗ, экономика, механизмы, мотивация, экономическое развитие, инновации, новые знания, рынок труда.*

## FOREIGN EXPERIENCE OF MOTIVATIONAL MECHANISM OF STAFFING IN INSTITUTIONS OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION IN MODERN CONDITIONS

Qurbonov Abdulkhair Karimovich, doctor of economic sciences, professor of the department of economic analysis and audit of the Tajik National University. *Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.* Phone: (+992) 917-24-24-83.

Isvaliev Bakhtiyor Jurakhonovich, senior lecturer of the department of information systems and technologies in economics of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Nakhimov 64/14. Phone: (+992) 553-55-43-44.

This article examines important issues of foreign experience of the motivational mechanism for staffing institutions of higher professional education in a market economy. The author notes that in the context of the global economic crisis, developing countries are usually faced with a situation where they need to reconsider their position in the direction of economic development and take new steps towards innovative approaches as the basis for the transition to a new socio-economic level. At the same time, the education system considers solving issues of adaptation to the new requirements of world society, which requires high scientific knowledge from specialists in the field of education. Modern reality requires universities not only to disseminate knowledge, but also to provide knowledge to future generations. The solution to this problem can often be seen in the commercialization of research results and the creation of a new type of innovative university. In this process, the role and position of the motivational system for staffing institutions of higher professional education will change.

Key words: education, UHC, economics, mechanisms, motivation, economic development, innovation, new knowledge, labor market.

Дар шароити буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ кишварҳои рӯ ба тараққӣ маъмулан бо вазъияте рӯ ба рӯ мешаванд, ки барояшон зарурати аз нав дида баромадани мавқеи худ дар самти рушди иқтисодӣ ва гузоштани қадамҳои нав дар самти равишҳои инноватсионӣ ҳамчун асоси гузариш ба сатҳи нави иҷтимоию иқтисодӣ ба миён меояд. Ин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тааллуқ дорад, зеро барои аз нав дида баромадани самти рушди иқтисодӣ ва дигаргунсозии сохторҳо ва соҳаҳои гуногуни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ баъзе сабабҳо мавҷуданд, ба монанди рушди соҳаи маорифи кишвар, мутобиқати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи ҷаҳон, такмили базаи моддӣ-техникии онҳо, ҷорӣ намудани сиёсати нави таъминоти кадрӣ ва ҳавасмандгардонии онҳоро талаб мекунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҷумҳурӣ норасоии захираҳои молиявӣ, коҳиши лоиҳаҳои сармоягузории ҳаҷмашон гуногун, болоравии нархи захираҳои энергетикӣ ба назар мерасад, аз ин рӯ, мо бояд аз таҷрибаи рушди механизмҳои таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ истифода намоем, ки ба шароити давлати мо мувофиқат кунад.

Дар шароити имрӯза нақши бозомӯзии кадрҳо дар соҳаи маориф яке аз унсурҳои асосии механизми бо шуғли пурра ва самаранок таъмин намудан бештар гардидааст. Дигаргуниҳои сохторӣ дар шуғл, ки азнавтақсимкунии захираҳои меҳнатиро на танҳо дар шароити корхонаҳо, соҳаҳо ва бахши иқтисодиёти миллӣ, балки дар байни мамлакатҳо низ пешакӣ муайян ва талаб мекунанд, ки бисёр коргарон касби худро такмил ва ё иваз кунанд. Воқеан, бозори меҳнат рӯз аз рӯз васеъ гардида истодааст ва он кишварҳое, ки маркази ҷалби коргарони соҳибихтисосро ташкил медиҳанд, аз он хуб истифода мекунанд.

Дар айни замон, системаи маориф ҳалли масъалаҳои мутобиқшавӣ ба талаботи нави ҷомеаи ҷаҳониро баррасӣ намуда истодааст, ки ин аз мутахассисони соҳаи маориф донишҳои баланди илмиро талаб мекунад. Воқеияти муосир аз донишгоҳҳо, на танҳо паҳнкунии дониш, балки бо дониш таъмин намудани наслҳои ояндаро низ талаб мекунад. Ҳалли мушкилоти мазкурро аксар вақт дар тиҷоратикунонии натиҷаҳои тадқиқот ва таъсиси донишгоҳҳои типи нави инноватсионӣ дидан мумкин аст. Вобаста ба ин, муҳаққиқ П.У. Бобомуродов қайд менамояд, ки «дониш ва инноватсия на танҳо нигоҳи одамонро ба ҷаҳони муосир дигар кардааст, инчунин яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳои назариявӣ нишон медиҳанд, ки пешрафти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият, махсусан тавассути раванди инноватсионӣ ва тавлиди донишҳои нав ба вуҷуд меояд. Дар ин раванд, бо ихтироъ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар бахши хоҷагидорӣ дигаргуниҳои амиқи сохторӣ ба амал омада, соҳаҳои нав ташкил ва ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меоянд» [1, с. 64]. Ҳамчунин, дар ин раванд, нақш ва мавқеи системаи мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гуногун мешавад. Барои омодагӣ ба ҳалли мушкилоти мунтазам малакаи муносибати байнисоҳавӣ, инчунин таъмини меҳнати шоиста ва шароити мусоиди меҳнат лозим аст. Дар ин давра омӯзиши проблемаи мазкур мураккабтар мегардад ва раванди таълим васеътару муҳимтар мешавад [9, с. 348].

Як қатор олимони соҳа қайд мекунанд, ки самаранок таъмин намудани кадрҳо, ҳамчунин барои истифодаи донишҳои муосир, технологияҳои нави таълим, ки метавонад ба ҷалби фаъолонаи донишҷӯён ба раванди таълим ва дастгирии самараноки онҳо бештар мусоидаткунанда лозим аст [3, с. 14]. Ба назари мо, қоидаҳои мавҷудаи анъанавии кор бо кадрҳо на он қадар натиҷаи дилхоҳ дода истодааст. Ба андешаи мо, қоидаҳои анъанавии кор ба низоми нақшавии идоракунӣ мувофиқ буд. Бинобар ин, дар шароити иқтисоди бозорӣ бояд кадрҳои ташаккулёфта дар кор ва системаи муносибатҳои иқтисодӣ ҳамчун барои ба вазифа таъин кардан интихоб

карда шаванд, ки инро метавон ба таври усули ҷобаҷогузории кадрҳо дар соҳаи маориф ва таҳсилоти олии касбӣ истифода кард.

Имрӯзҳо роҳбарони донишгоҳҳо бо чунин савол рӯ ба рӯ шуда истодаанд: «Чӣ гуна захираи кадриро дар соҳаи таҳсилоти олӣ ташкил кард, ки сатҳи дониш, кордонӣ ва лаёқати онҳо бо вазифаҳояшон мувофиқат кунад?». Таҳлили усулҳо ба мо имкон медиҳад, ки мавқеи ҷомеаи касбиро ҳам дар масъалаи ташаккули стратегияи умумии захираҳои инсонӣ ва ҳам дар мавриди хусусиятҳои истифодаи воситаҳои гуногун ва баҳогузории натиҷаҳое, ки ба он оварда мерасонд, муайян карда шавад. Таҳлили усулҳо, инчунин барои ташаккули такрористеҳсоли сохтори кадрҳои донишгоҳҳо дар асоси муттаҳидсозии захираҳо, ташаккули диди умумии рушд барои ҳамаи иштирокчиёни манфиатдори тағйироти институтсионалӣ зарур аст.

Дар маҷмуъ, имрӯзҳо дар равандҳои идоракунии донишгоҳҳо воситаҳои ба натиҷа асосёфта барои мутобиқсозии таҷриба ва технологияҳои беҳтарини идоракунии захираҳои инсонӣ фаъолона ҷорӣ гардида истодааст. Имрӯз дар донишгоҳҳои кишвар корбарии бетанаффус ба таври занҷири кадрӣ вуҷуд надорад. Дар ин ҳолат зарурат пеш меояд, ки ба идоракунии инноватсионии кадрҳо гузарем. Дар баробари ин, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ проблемаҳои нави мавҷударо эътироф намуда, то ҳол ба таври мушаххас роҳҳои ҳалли ин муаммоҳоро пешниҳод накардаанд.

Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на танҳо дар зери таъсири равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ қарор доранд, балки худи онҳо низ дар ин раванд таъсири калон мерасонад. Бесабаб нест, ки агентии рейтингии байналмилалии "TNE" чанд сол боз аз рӯи дараҷаи таъсири муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба татбиқи ҳадафҳои рушди устувор, ки СММ муайян кардааст, рейтинг мегузаронад [7, с. 118-119].

The Times Higher Education Impact Rankings - ин ягона рейтинги байналмилалии натиҷаҳои фаъолияти донишгоҳҳо мебошад, ки мутобиқати донишгоҳҳоро ба ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид баҳогузорӣ мекунад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои гуногун, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин рейтинг иштирок намуда, мавқеи худро ишғол менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки соли 2015 аз ҷониби СММ санад дар соҳаи рушди устувор то соли 2030 қабул карда шуд, ки ба худ нақшаи умумии сулҳ ва шукуфоии одамони сайёраро дар ҳозир ва оянда инъикос кардааст [7, с. 118-119]. Дар он амалишавии 17 ҳадафи рушди устуворро барои давлатҳо ва кишварҳои рушдёфта ва рушдёбанда зарур ҳисобида, (тавассути шарикии глобалӣ) ҷой намудааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф мекунад, ки мубориза бо тағйирёбии иқлим, ҳифзи укёнусҳо ва ҷангалҳо, инчунин аз байн бурдани камбизоатӣ бояд бо стратегияҳои беҳбуди тандурустӣ ва маориф, коҳиш додани нобаробарӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ фақат дар якҷоягӣ амалӣ карда мешавад.

Масъала ва таҷрибаи дигари сатҳи ҷаҳонӣ, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии муосир бояд таҷдиди назар намоянд, ин ташаббусҳои соҳибкорӣ дар донишгоҳҳо мебошад. Идеяи ҷалби ташаббусҳои соҳибкорӣ дар донишгоҳҳо аз ибтидои солҳои 1990 сар шуда, хеле ҳам возеҳ ва фаъолона мавриди истифода қарор мегирад. Бисёр донишгоҳҳо шаклҳои ташкилӣ, технологияҳо, воситаҳои идоракунӣ ва ҳатто арзишҳои касбиро, ки дар муҳити тиҷорат васеъ истифода мешаванд, ба фаъолияти кории худашон мутобиқ карда истодаанд.

Ба таҷрибаи давлатҳои хориҷ такя карда, бояд қайд намуд, ки муассисаи таҳсилоти олии касбии намуди соҳибкорӣ вазифаҳои таълимӣ, илмӣ, технологӣ ва тиҷоратиро иҷро намуда, дар баробари ин, ба ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунанд. Масалан, бизнес-инкубаторҳои донишгоҳӣ дар баробари таъсиси

фирмаҳои баландтехнологӣ, ҳамзамон ба коҳиши сатҳи бекорӣ нигаронида шудаанд. Яъне, донишгоҳ соҳибкоронеро омода мекунад, ки худашон ҷойҳои корӣ эҷод мекунанд, маҳсулоти навро ба бозор мебароранд, ки дар натиҷа, ба шуғли аҳолӣ мусоидат мекунанд. Ба ақидаи мо, ин намуди ташкили кор ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мо низ мувофиқ мебошад, чунки ба таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунад.

Муваффақиятҳо дар соҳаи таълим ҳангоми муайян кардани сатҳи музди меҳнат дар донишгоҳҳои Британияи Кабир бештар ба назар гирифта мешаванд. Масалан, дар донишгоҳи Ҳертфордшири Британияи Кабир ба кормандоне, ки дар соҳаи тиҷорат дастовардҳои назаррас доранд, мукофот медиҳанд, кормандонро барои оғози тиҷорати худ ташвиқ мекунад ва кумаки машваратӣ ва сармоягузорӣ мерасонад [8]. Ҳамин тариқ, дар донишгоҳҳои Британияи Кабир фаъолияти соҳибкорӣ дар сиёсати кадрӣ ҷойгир шуда, як ҷузъи ҷудонашавандаи рушди фаъолияти академӣ ва сертификатсияи касбии кормандон гардидааст.

Умуман, усулҳо бо ишғоли фаъоли шаклҳои ташкилӣ, технологӣ, арзишӣ ва хусусии ташкилотҳо алоқаманд аст. Дар ин марҳила ҳар як донишгоҳ роҳи рушди соҳибкории худро аз рӯи чунин унсурҳо пайдо мекунад.

1. Инкишофи ғояҳо, ки дар он илм ҳамчун мазмуни асосии ҳаёт ва фаъолияти донишгоҳ ҳисоб мешавад;
2. Муносибатҳои соҳибкорӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкории кормандон аз тарафи роҳбарияти муассисаҳо вобастагӣ дорад;
3. Зарурати тайёр кардани роҳбарони тавоно барои инкишоф додани малакаҳои соҳибкорӣ дар байни донишҷӯён ва дигар омӯзгорон, гузаронидани чорабиниҳои зеринро талаб мекунад:

- озмун барои муаллимони ҷавон;
- афзоиши аҳамияти кори дастҷамъона ва боэътимодона дар соҳа;
- зарурати ноил шудан ба таносуби дуруст дар идоракунии коллективи педагогӣ, иҷрои уҳдадориҳо дар назди ҷамъият ва сифати таълим;
- диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ, тағйирёбии ҳаҷм ва нишондиҳандаҳои ҷараёни молиявии муассисаҳо;

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи ин ташаббусҳо тавассути идоракунии самараноки кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки таҳқиқоти фаъол оид ба таъсири тағйирот дар муҳити институтсионалӣ ба сиёсати кадрҳои донишгоҳҳо аз ибтидо то миёнаи солҳои 1980 оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад. Усулҳои мухталифе, ки нисбат ба донишгоҳҳои ватанӣ таърихи бойтари рушд ва тағйирёбанда доранд, ба таъсироти беруна вокунишҳои назаррасро нишон медиҳанд. Ба ақидаи мо, ҳар як ислоҳот новобаста ба мазмун, моҳият ва мақсад тағйироти куллиро талаб мекунад. Дар ин раванд, ба қоидаҳои идоракунӣ агар тағйироти куллӣ ба вуҷуд ояд, дар дигар қисмат то андозае дигаргунӣ ба вуҷуд меояд.

Таҷрибаи донишгоҳҳои ИМА нишон медиҳад, ки барномаҳои яксолаи омодасозии махсус ва мутобиқшавӣ ба вазифаи нав барои омӯзгорон (мазмуни барномаҳо ба ташаккули дарки амиқи моҳияти мансабҳои роҳбарикунанда, рушди малакаҳои роҳбарӣ ва омӯзонидани таҷрибаи беҳтарини роҳбарӣ равона гардидааст) таҳия ва амалӣ карда шудааст [2, с. 42-43].

Аз ин рӯ, метавон қайд намуд, ки дар байни унсурҳои муваффақи сиёсати кадрӣ, ки барои ноил шудан ба комёбиҳои илмӣ-таълимӣ мусоидат мекунанд, инҳо дохил мешаванд:

- таҳия ва ташкили як қатор барномаҳои мақсаднок оид ба категорияҳои муайяни устодони қобилиятҳои зеҳнии баланддошта (мудирони кафедраҳо, мудирони шуъбаҳо, муаллимони калон, олимони ҷавон);

- ҷалби кадрҳо аз бозорҳои байналмилалии меҳнат, ташкил намудани принсипҳои нави интихоб ва қабули онҳо;

- нақшаҳо ва талаботҳои гуногуни пешбарӣ дар сохтори онҳо;

- амалигардонии системаҳои мукофотдиҳии ба баландшавии ҳосилнокӣ асосёфта;

- рушди малакаҳои роҳбарӣ дар байни омӯзгорон ва устувории академии онҳо;

- ташаккули фазои кори дастҷамъӣ ва робитаи байнифаннӣ;

- рушди системаи нишондиҳандаҳои мусоидаткунанда барои таъмини ҳосилнокӣ дар соҳаи илм ва таълим.

Яке аз самтҳои сиёсати кадрӣ ташаккули мавқеи мушаххаси хадамоти кадрӣ мебошад. Усулҳои марбут ба ин соҳа то ҳол бо пуррагӣ кушода нашудааст, вале рӯзҳои охир аз ҷониби баъзе муҳаққиқон ақидаҳои нави он тавсиф карда шуда истодааст. Мо чунин меҳисобем, ки дар низоми иқтисоди бозорӣ қобилияти хизматрасонии кормандон барои таъсир расонидан ба тағйироти ташкил, омӯзиш ва таҳқиқот бояд афзоиш ёбад ва мавқеи онҳо бояд бо дигар хидматҳои донишгоҳ таҳким ва ҳамоҳанг карда шавад.

Дар таҷрибаи донишгоҳҳои Австралия ба роҳ мондани сиёсати дурусти кадрӣ, инчунин масъалаҳои баланд бардоштани нуфузи амалисозии он дар касбияти кормандони академӣ масъалаи марказии ин давлат ба шумор меравад. Донишгоҳҳои Австралия дар рейтингҳои ҷаҳонӣ ҷойҳои баландро ишғол мекунанд ва яке аз марказҳои тадқиқотӣ ва пешрафти илмӣ ба шумор меравнд. Донишҷӯёни зиёди давлатҳои хориҷ, ба Австралия ба хотири баланд будани сифати таҳсилот, фазои байналмилалӣ ва инфрасохтори пешрафтаи таълимӣ дохил мешаванд ва таҳсили илм мекунанд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ин давлат аз рӯи шумораи муассисаҳои пешқадам дар ҷаҳон пас аз ИМА ва Британияи Кабир ҷои сеюмро ишғол мекунад. Масалан, дар рейтинги QS 2021 дар Австралия 36 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавҷуд аст, ки 7-тои онҳо дар 100-гонаи беҳтарини ҷаҳон шомиланд [6].

Олмон яке аз давлатҳои пешқадам дар соҳаи маориф буда, таваҷҷуҳи зиёди довталабонро аз манотиқи кишварҳои ҷаҳон ба худ ҷалб намудааст. Тибқи иттилои портали иттилоотии Statista, бештари донишҷӯён ба ин давлат барои гирифтани таҳсилоти босифат аз Русия, Чин ва Туркия ворид мешаванд. Маъруфияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Олмон дар байни донишҷӯён ба омилҳои зиёд вобаста аст, ки асоситаринашон инҳоянд [4]:

- **Сифати таълим**. Донишгоҳҳои Олмон ба рейтинги донишгоҳҳои ҷаҳонӣ шомил шудаанд. Ба шарофати заминаи илмии замонавӣ, таълим бо истифода аз технологияҳои муосир ва пешрафта ба роҳ монда мешавад. Қисми зиёди донишҷӯён барои таҳсили бахшҳои тиб ва муҳандисӣ ба Олмон меоянд;

- **Имконияти ба даст овардани донишҳои амалӣ**. Олмон аз ҷиҳати иқтисодӣ тавонотарин кишвари Аврупо буда, ширкатҳои он барои таҳқиқот ва рушди донишгоҳҳо маблағгузории зиёд мекунанд;

- **Имконияти таҳсили ройгон**. Чанд сол пеш дар Олмон ҳаққи таҳсил дар донишгоҳҳои давлатӣ бекор карда шуд. Таҳсил на танҳо барои донишҷӯёни олмонӣ, балки барои донишҷӯёни хориҷӣ низ, ки ҳамасола барои онҳо вобаста ба ихтисосҳо аз 7 то 50 фоизи ҷойҳо махсус ҷудо карда мешавад.

- **Дурнамои касбият**. Донишҷӯёне, ки дар Олмон таҳсил мекунанд, имкон доранд, ки дар давоми таҳсил пули иловагӣ ба даст оранд ва аз рӯи ихтисоси худ кору фаъолият намоянд. Ин ба онҳо кумак мекунад, ки дониш ва малакаҳои амалӣ ба даст

оранд ва дурнамои касбияти худро ташкил диҳанд. Бисёре аз хатмкунандагони донишгоҳҳои Олмон дар ширкатҳои олмонӣ бомуваффақият ҷойи кор пайдо мекунанд.

- **Таълим бо забони англисӣ**. Олмон ба сӯи байналмилаликунонии таҳсилот ҳаракат мекунад, аз ин рӯ, дар ин давлат ҳамасола барномаҳо ба забони англисӣ зиёд мешаванд. Ин ба донишҷӯёне, ки забони олмониро намедонанд, вале забони англисиро дар сатҳи кофӣ медонанд, имкон медиҳад, ки дар ин донишгоҳҳо таҳсил кунанд.

Омӯзиши таҷрибаи Федератсияи Россия нишон дод, ки системаи кадрҳоро метавон дар асоси стратегияҳои барҷастаи кадрҳо ба низом даровarda шавад. Яъне имрӯз дар таҷрибаи таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Руссия дар раванди татбиқи сиёсати кадрӣ чунин чораҳо амалӣ гардонида мешаванд [5]:

- беҳтаргардонии шаклҳои рушди касбият;
- истифодаи барномаҳои муосири пешбарӣ;
- ҷалб ва нигоҳ доштани мутахассисони ҷавон;
- муқаррар намудани меъёрҳои объективӣ ва бисёрҷонибаи самаранокии меҳнат;
- ҷорӣ намудани технологияҳои нави муосир дар ҷараёни таълими дарс бо мақсади баҳодиҳии кадрҳо ва сифати онҳо;
- ташаккули системаи ягонаи мукофот ва ҳавасмандгардонӣ;
- таҳияи талабот ба салоҳиятҳои нави кормандон;
- таъсиси технологияи нави баҳодиҳии кадрҳо;
- такмили системаҳои баҳодиҳӣ тавассути тақсимоти гурӯҳҳои васеъшудаи нишондиҳандаҳо;
- рушди бахшҳо;
- инкишофи системаҳои музди меҳнат дар алоқамандӣ бо нишондиҳандаҳои ҳосилнокӣ;
- эътироф ва мукофотонидани коллективи педагогӣ аз рӯи натиҷаҳои баланди фаъолияти илмию омӯзгории онҳо.

Ба назари мо, таҷрибаи сиёсати таъминоти кадрии Федератсияи Руссия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст. Яъне ҳамаи он чораҳои амалие, ки вобаста ба сиёсати кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зикр намудем, дар шароити Тоҷикистон татбиқ намудан мумкин аст.

Дар ин ҷараён мо музди маошро дар соҳаи маорифи давлатҳои собиқ шуравӣ дар ҷавали 1 нишон медиҳем.

**Ҷадвали** 1. **- Музди меҳнати омӯзгорон дар собиқ давлатҳои ИҶШС ба ҳолати соли** 2022 (**бо долл. ИМА)**

| **Давлатҳо** | **Музди меҳнат (бо долл. ИМА)** |
|---|---|
| Эстония | 1560 |
| Литва | 1419 |
| Россия | 788 |
| Беларусия | 545 |
| Қазоқистон | 486 |
| Украина | 460 |
| Гурҷистон | 458 |
| Молдова | 437 |
| Арманистон | 378 |
| Озорбойҷон | 346 |

| | |
|---|---|
| Туркманистон | 286 |
| Қирғизистон | 253 |
| Узбекистон | 250 |
| Тоҷикистон | 122 |

**Сарчашма**: Зарплата в СНГ [Электронный ресурсы]. – Режим доступа: https://visasam.ru/emigration/pereezdsng/zarplata-v-sng.html (дата обращения :10.12.2023)

Аз ҷадвали 1 чунин бармеояд, ки аз ҳама маоши баландтарин дар байни давлатҳои собиқ ИҶШС, ки ба омӯзгорон пардохт карда мешавад, ин Ҷумҳурии Эстония мебошад, ки 1560 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Маоши камтарин дар байни ин давлатҳо омӯзгорони Ҷумҳурии Тоҷикистон мегиранд, ки 122 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Дар хотир бояд дошт, ки соли 2021 ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети давлатӣ 6,3 млрд сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд.

Дар баробари омӯзиш ва таҳлили қонуниятҳои ташаккули ҷомеа ва пешрафти илмию техникӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар айни замон сармояи инсонӣ ба яке аз омилҳои асосии рушди динамикии системаҳои иқтисодӣ табдил ёфтааст. Рушди иқтисодиёт ва беҳтар гардидани сифати зиндагӣ тавассути сармоягузорӣ ба унсурҳои асосии сармояи инсонӣ - тандурустӣ, маориф, илм ва фарҳанг мубаддал гардидааст. Танҳо дар ҳамин шароит пешрафти истеҳсолот ва гузаштан ба «иқтисоди дониш» имконпазир мегардад.

**Адабиёт**

1. Бобомуродов П.У. Равишҳои назариявӣ оид ба таҳқиқи рушди инноватсионии минтақа / П.У. Бобомуродов //Идоракунии давлатӣ. - 2023. - №3 (62). - С. 64-70.
2. Гинкель Г. Университет в 21 веке: задачи, проблемы, возможности, менеджмент / Г. Гинкель // AlmaMater. - 2008. - №1. - С. 41-49.
3. Лобанова Е.Э. Подготовка и трудоустройство молодых специалистов: мотивация работодателей / Е.Э. Лобанова, В.П. Фиронова // Труд и социальные отношения. - 2011. - №10. - С. 13-23.
4. Преимущества обучения в университетах Германии [электронный ресурс]. - Режим доступа: https://www.educationindex.ru/articles/higher-education-in-the-germany/preimuschestva-obucheniya-v-universitetah-germanii/- (дата обращения: 23.03.2022).
5. Программы развития кадрового потенциала исследовательских университетов России: опыт анализа [электронный ресурс]. - Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/programmy-razvitiya-kadrovogo-potentsiala-issledovatelskih-universitetov-rossii-opyt-analiza - (дата обращения: 12.04.2022).
6. Университеты Австралии [электронный ресурс]. - Режим доступа: https://www.unipage.net/ru/universities australia - (дата обращения: 04.05.2023).
7. Яркина Н.Н. Устойчивое развитие и инициатива "голубой рост" / Н.Н. Яркина // Вестник Керченского государственного морского технологического университета. - 2019. - № 3. - С. 117-131.
8. Университеты [электронный ресурс]. - Режим доступа: https://placeofstudy.ru/university/description/144. - (дата обращения: 26.09.2022).
9. Linn R. Personality, Motivation and Achievement by J. W. Atkinson and J. O. Raynor / R. Linn // British Journal of Psychology. Vol. 70. Issue 2. May 1999. -P. 347-354.

**УДК**: 67.89.101

## МЕХАНИЗМҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ДОИРАИ ТАБДИЛДИҲИИ РАҚАМӢ

***Нурализода Амрулло Назрулло*** - *н.и.и., дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* ***Суроға***: 734067, *ш. Душанбе к. Нахимов* 64/14. *Тел.*: (+992) 918-75-76-68. E-mail: amrullon@mail.ru.

***Қурбонализода Давлаталӣ Таваралӣ*** - *докторанти курси якуми ихтисоси идоракунии лоиҳаҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға*: 734024. *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ* 44. *Тел.*: (+992)937507735. Email: davlatali.1998@mail.ru.

*Дар мақола ҷанбаҳои муҳими механизмҳои баланд бардоштани хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар доираи табдилдиҳии рақамӣ барои аҳолӣ дарҷ гардидааст. Механизмҳои баланд бардоштани малакаҳои рақамии аҳолӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ ҷузъи муҳими рушди иқтисодии ҳар як кишвар ба ҳисоб рафта, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, инчунин, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани фаъолияти он дониста мешавад. Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар доираи табдилдиҳии рақамӣ ҳамчун қобилияти татбиқи донишҳои муосир, малакаҳои нав ва сифатҳои шахсӣ барои фаъолияти муваффақ дар истифодаи барномаҳои компютерӣ, Интернет-хизматрасониҳо, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) дар ҳама самтҳо ва ҳаёти ҷамъиятӣ фаҳмида шуда, ҳамаи онҳо дар доираи фаҳмишҳои нави малакаҳои рақамии аҳолӣ ба роҳ монда мешавад.*

*Малакаҳои рақамӣ ба одамон имкон медиҳанд, ки мундариҷаи рақамиро эҷод ва мубодила кунанд, муошират кунанд ва мушкилотро барои худшиносии муассир ва эҷодӣ дар омӯзиш, кор ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ дар маҷмуъ, ҳал намоянд.*

***Калидвожаҳо***: *иқтисоди рақамӣ, малакаҳои рақамӣ, Интернет-хизматрасониҳо, ТИК, шабакаҳои компютерӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои мобилӣ, фарҳанги иттилоотӣ, ҷомеаи иттилоотӣ.*

## МЕХАНИЗМЫ ПРОДВИЖЕНИЯ СОЦИАЛЬНЫХ УСЛУГ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ТРАНСФОРМАЦИИ

***Нурализода Амрулло Назрулло*** - *к.э.н., доцент кафедры финансов, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Тел.*: (+992) 918-75-76-68. E-mail: amrullon@mail.ru

***Курбанализода Давлатали Таварали*** – *докторант первого курса специальности управления проектами Института экономики и демографии Национальной академии наук Республики Таджикистан. Адрес*: 734024. *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни*, 44.*Тел.*:+992937507735. Email: davlatali.1998@mail.ru

*Статья содержит важные аспекты механизмов повышения социальных услуг в рамках цифровой трансформации для населения. Механизмы повышения цифровых навыков населения в контексте информационных технологий считаются важной частью экономического развития любой страны, создания новых рабочих мест, решения социальных проблем, а также вовлечения гражданского общества и повышения его активности. Под развитием социальных услуг в рамках цифровой трансформации понимается способность применять современные знания, новые навыки и личностные качества для успешной деятельности по использованию компьютерных программ, интернет-сервисов, информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) во всех сферах и сферах общественной жизни, все из которых находятся в диапазоне новых представлений о цифровых навыках населения. Цифровые навыки позволяют людям создавать и обмениваться цифровым контентом, общаться и решать проблемы для эффективного и творческого самосознания в обучении, работе и социальной деятельности в целом.*

***Ключевые слова***: *цифровая экономика, цифровые навыки, интернет-сервисы, ИКТ, компьютерные сети, социальные сети, мобильные приложения, информационная культура, информационное общество.*

## MECHANISMS FOR INCREASING THE DIGITAL SKILLS OF THE POPULATION

Nuralizoda Amrullo Nazrullo - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone:(+992) 918-75-76-68, E mail: amrullon@mail.ru.

Kurbanalizoda Davlatali Tavarali - first-year doctoral student, specialty project management of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Address: 734024. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ainy Street 44. Tel.: +992937507735, Email:davlatali.1998@mail.ru

The article contains important aspects of mechanisms for increasing social services within the scope of digital transformation for the population. The mechanisms of increasing the digital skills of the population in the context of information technologies are considered an important part of the economic development of any country, creating new jobs, solving social problems, as well as involving the civil society and increasing its activity. The development of social services within the framework of digital transformation is understood as the ability to apply modern knowledge, new skills and personal qualities for successful activity in the use of computer programs, Internet services, information and communication technologies (ICT) in all areas and public life, all of which are in the range of new understandings of the digital skills of the population will be revealed. Digital skills enable people to create and share digital content, communicate, and solve problems for effective and creative self-awareness in learning, work, and social activities in general.

Key words: digital economy, digital skills, Internet services, ICT, computer networks, social networks, mobile applications, information culture, information society.

Рушди технологияҳои муосир дар ҳаёти ҷамъиятӣ тағйироти назаррасро ба миён овардааст, ки ҳамарӯза супертехнологияҳо ба ҳаёти мо ворид шуда истодаанд. Дарки фаҳмиши истифодаи онҳо барои ҳама шохаҳои ҷамъиятӣ зарур дониста мешавад.

Ҷараёнҳои ҷаҳонии табодули рақамӣ мунтазам босуръат гардида, соҳаҳои нав ба нави фаъолияти инсониро фаро мегиранд. Инчунин, рушди технологияҳои нави «пешрафта» бо суръати баланд амалӣ шуда истодааст, ки истифодаи дурусти онҳо рақобатнокии миллиро дар асри XXI муайян менамояд. Тамоюли ивазшавии қолабҳои рақамӣ мушоҳида карда мешавад: агар қаблан кишварҳои пешрафта табодули рақамиро дар доираи соҳаҳои алоҳида баррасӣ менамуданд, пас имрӯз иқтисоди миллии кишварҳои тараққикарда пурра ба роҳи рақамӣ мегузарад. Ин тамоюли нав асоси ҷараёни рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Иқтисоди рақамӣ тақозои муҳими рушди даврони муосир мебошад. Бинобар ин, яке аз манбаъҳои асосии рушди минбаъдаи институтсионалии кишвар табодули рақамӣ буда, барои ташкили иқтисоди рақамӣ заминаи муосири меъёрии ҳуқуқӣ, низоми нави самараноки идоракунии давлатии захираҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва технологияҳои рақамӣ ва механизми нави ҳамкории шабакавӣ дар ҷомеаи иттилоотиро талаб мекунад.

Иқтисоди рақамӣ як фаъолияти иқтисодиест, ки ба технологияҳои рақамӣ асос ёфтааст, ки бо тиҷорати электронӣ, Интернет-хизматрасониҳо ва молу хизматрасониҳои рақамӣ истеҳсол ва ба бозор бароварда мешаванд. Пардохтҳо барои

хизматрасониҳо ва молҳои иқтисоди рақамӣ аксар вақт бо асъори рақамӣ (пулҳои электронӣ) анҷом дода мешаванд.

Дар рушди инфрасохтори давлатӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ давлат ба таври анъанавӣ вектори асосиро мегузорад. Дар баробари ин, захираҳо ва салоҳиятҳои ҳамкории бахши хусусӣ ва корхонаҳову ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ бештар талабот пайдо мекунанд.

Дар кишварҳои пешрафта, аз ҷумла дар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ, барои ҷалби ташкилотҳои тиҷоратӣ ба пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкониятҳои назаррас фароҳам оварда шудаанд. Дар ҷумҳурии мо амалигардонии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар доираи табдилдиҳии рақамиро тавассути роҳандозии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолӣ васеъ бояд кард. Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавассути табдилдиҳии рақамӣ бо механизмҳои гуногун барои аҳолӣ тавассути технологияҳои нави рақамӣ (Big Data, блокчейн, зеҳни сунъӣ, технологияҳои квантӣ...), дар системаи маориф, тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар асоси шартномаҳои дарозмуддат мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо бахши хусусӣ ҳаҷми хизматрасониҳои иҷтимоиест, ки ба аҳолӣ дар асоси марҳилаҳои дуюм ва сеюми Консепсияи иқтисоди рақамӣ барои муҳлатҳои муайян амалӣ гардонида мешавад.

Барои рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити табдилдиҳии рақамӣ бояд аҳолӣ қобилияти фаҳмишҳо ва доштани малакаҳои рақамиро дошта бошанд. Малакаҳои рақамӣ - салоҳияти аҳолӣ дар соҳаҳо, истифодаи компютерҳои шахсӣ, Интернет, намудҳои ТИК, инчунин, ниятҳои одамон дар гирифтани дониш ва таҷрибаи онҳо мебошад.

Истифодаи бештари технологияҳои рақамӣ талаботро ба малакаҳои нав афзоиш медиҳад. Аввалан, истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақамӣ малакаҳои мутахассисонро дар технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) барои барномарезии нармафзор, таҳияи барномаҳо ва идоракунии шабакаҳо талаб мекунад.

Дуюм, коргарон дар доираи афзояндаи касбҳо барои истифодаи самараноки чунин технологияҳо ба малакаҳои умумӣ ва ё пешрафтаи ТИК ниёз доранд. Ниҳоят, паҳншавии технологияҳои рақамӣ тарзи иҷрои корҳоро тағйир дода, талаботро ба малакаҳои иловагӣ, аз қабили коркарди иттилоот, худидоракунӣ, ҳалли мушкилот ва муошират афзоиш медиҳад. Малакаҳои умумии ТИК ва малакаҳои иловагӣ барои истифодаи самараноки шахсон аз технологияҳои рақамӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ аҳамияти ҳалкунанда доранд [3].

Ин тағйирот дар талабот ба малакаҳо барои системаҳои миллии рушди малакаҳо дар таҳсилот ва таълими расмӣ мушкилоти ҷиддиро пеш меорад. Онҳо, инчунин, даъват мекунанд, ки малакаҳои тавассути омӯзиши ғайрирасмӣ бадастовардашуда эътироф карда шаванд. Ҳамзамон, технологияҳои рақамӣ метавонанд омӯзишро дар синф ва берун аз он беҳтар созанд ва шабакаҳои иҷтимоӣ нақши афзоянда мебозанд. Платформаҳои кушодаи таҳсилот метавонанд усулҳои омӯзиширо васеъ кунанд ва дастрасии бештари аҳолиро ба захираҳои босифат фароҳам оранд.

Технологияҳои рақамӣ, инчунин, имкони муколама байни мутахассисони соҳаи маорифро фароҳам меоранд ва механизмҳои фикру мулоҳизаҳо ва расмиёти арзёбиро мустаҳкам мекунанд.

Ҳайат ба амалҳое тамаркуз хоҳад кард, ки паҳншавии технологияҳои рақамӣ бо рушди малакаҳои зарурӣ барои истифодаи самараноки онҳо, баланд бардоштани

вокуниши системаҳои миллии рушди малакаҳо ба тағйирот дар тадбиқ кардани технологияҳои рақамӣ мусоидат мекунад.

Малакаҳои рақамӣ, махсусан, дар шароити тағйирёбии табиати муҳити корӣ, аз ҷумла афзоиши истифодаи меҳнати озод ва одамоне, ки дар иқтисодиёти озод иштирок мекунанд, инчунин, тағйироти сохтории васеътар, ки ба ҷойҳои корӣ дар оянда таъсир мерасонанд, муҳиманд.

Ба таври васеъ гӯем, малакаҳои рақамӣ барои шаҳрвандон ва қувваи умумии корӣ ва малакаҳои рақамӣ барои касбҳои ТИК, соҳаҳо ва салоҳиятҳои гуногунро дар бар мегиранд ва чаҳорчӯбаҳои гуногунро талаб карда, салоҳият ва сатҳҳои мувофиқро муайян мекунанд. Инҳо дар расми 1 нишон дода шуда, мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.




**Расми 1. Малакаҳои рақамӣ барои шаҳрвандон ва соҳаҳо**
Коркарди муаллифон.

Раванди рақамикунонӣ на танҳо дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, балки дар хизматрасониҳои бонкӣ, идоракунии истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, тандурустӣ ва маориф, савдо ва логистика, инчунин, дигар соҳаҳо ба таври васеъ инкишоф ёфта истодааст, ки ин метавонад ба рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ таъсири мусбат расонад, ки он дар бахши хизматрасониҳои бонкӣ, нақлиёт, андоз ва молия ба назар мерасанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои меъёрии ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ ташаккул ёфта истодааст ва якчанд ҳуҷҷатҳои давлатӣ, аз ҷумла Консепсияи ҳукумати электронӣ, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва мавриди истифода қарор доранд. Вале истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ҳанӯз назаррас нест.

Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси таҳияи заминаи ҳуқуқии соҳа, истифодаи тиҷоратӣ ва таъсири иқтисодии бахши ТИК дар Тоҷикистон масъалаҳои таъмини

шароити рақобати озод, дастрасӣ ва истифодаи инфиродии алоқаи интернет дар муқоиса ба кишварҳои минтақа беҳбудиро тақозо менамоянд.

Чунончи, индекси омодагии шабакавӣ (Форуми иқтисодии ҷаҳонӣ) Тоҷикистон аз 7 холи имконпазир 3,3 холро соҳиб буда, байни 139 кишвари ҷаҳон мавқеи 114-умро ишғол менамояд.

Фарогирии алоқаи мобилӣ то 6,9 млн муштарӣ ё 73 фоизи аҳолӣ дар соли 2020 расида, истифодабарандагони шабакаи интернет дар ин давра ба 3 млн муштарӣ ё ба 31 фоизи аҳолии кишвар баробар гардид. Бо вуҷуди ин, Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи аввали рушди иқтисоди рақамӣ қарор дошта, сатҳи фарогирии интернети фарохмавҷ паст ва арзиши он нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ нисбатан баланд аст [1].

Тибқи таҳлилҳои ташкилоти иқтисодиву молиявии байналмилалӣ, дар ҳолати ба 10 фоиз афзоиш ёфтани сатҳи фарогирии аҳолӣ бо алоқаи интернети фарохмавҷ суръати рушди иқтисодии кишвар иловатан 1,4 фоиз зиёд мегардад. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имкониятҳои васеи татбиқи технологияҳои рақамиро дар раванди идоракунии давлатӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дигар самтҳо дорад. Маълум аст, ки идоракунии иҷтимоӣ раванди таъсиррасонӣ ба ҷомеа мебошад, ки беиттилоотӣ ва компютеркунонӣ имконнопазир гардид [1].

Илова бар ин, бо рушди босуръати технологияҳои навтарин иттилоотикунонӣ ва компютеризатсияро рақамикунонӣ иваз карданд. Бояд гуфт, ки табдили иттилоот ба шакли рақамӣ дар ҷаҳони муосир ҳам истеҳсолот, ҳам тиҷорат ва илм ва ҳам соҳаи иҷтимоиро фаро мегирад. Технологияҳои рақамӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсони муосир табдил ёфта, муносибатҳои иҷтимоиро тағйир медиҳанд. Ҳамин тариқ, ҷомеаи мо рақамӣ мешавад.

Ба гуфтаи В.Г. Жулего, одамон бо роҳҳои гуногун ба ҷомеаи муосири рақамӣ ворид шудаанд. Мо бояд ба андешаи ӯ розӣ шавем ва қайд кунем, ки касе дар ҷомеаи рақамӣ таваллуд шудааст, касе дар ҷавонӣ ба он ворид шудааст ва намояндагони наслҳои калонсол барои аз худ кардани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва рақамӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ додаанд [13, с.36].

Дар ҷомеаи муосири рақамӣ, инчунин, ба мушкилоти рушди инсон ва бахусус, рӯҳияи ӯ таваҷҷуҳ кардан лозим аст ва оянда иқтисоди рақамӣ барои ҷомеа шафоффият ва имкониятҳоро хоҳад кушод. Он ба таври хос ба амал меояд, ки раванди миёнаравии аломатро ифода мекунад, ки ҷомеа қоидаҳои гуногуни омилҳои рақамиро қабул кардаанд. Дар айни замон, технологияҳои рақамӣ нақши аввалиндараҷа доранд: онҳо хотираи шахсро барқарор мекунанд, қобилияти дарки ӯро такмил медиҳанд, имкониятҳои фикрронии дигарро мекушоянд ва ҳадафҳоеро, ки қаблан дастнорас менамуданд, мекушоянд.

Маълум аст, ки аксари тамаддунҳо, аз ҷумла ҷомеаи мо, айни замон бо технологияҳои рақамӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, веб саҳифаҳо, хизматрасониҳои электронӣ) мафтун шудаанд.

Аммо дар раванди рақамикунонӣ ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфиро метавон қайд кард.

Ҷанбаҳои мусбат инҳоянд:

- беҳтар намудани сифати зиндагӣ;
- афзоиши ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ;
- таъсири иҷтимоии технологияҳои рақамӣ барои ҷомеа;
- сарфаи вақт;
- кор дар шабакаҳои иҷтимоӣ;

- сода ва шаффофияти равандҳои гуногун (масалан, пардохт барои хизматрасонӣ, алоқа, омӯзиш, фурӯш ва мубодилаи мол), имконияти мониторинг;
- таҳсилоти фосилавии рақамӣ;
- тренинг-семинарҳо ва конфронсҳои рақамии фосилавӣ;
- мавҷудият ва пешбурди молҳо ва хизматрасониҳо.

Ин хулосаро ақидаи баъзе коршиносон тасдиқ мекунад. Тавре ки таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ҷанбаҳои манфии бунёди ояндаи рақамӣ низ вуҷуд дорад, ки онҳо чунинанд:

- нақзи ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони рақамӣ;
- сатҳи пасти амнияти маълумоти истифодабарандагони рақамӣ;
- паст кардани сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба муҳити рақамӣ;
- афзоиши миқёси ҷиноятҳои компютерӣ;
- самаранокии нокифояи тадқиқоти илмӣ вобаста ба эҷоди технологияҳои иттилоотии ояндадор;
- сатҳи пасти татбиқи коркардҳои технологияҳои иттилоотӣ;
- сатҳи нокифояи таъминоти кадрӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ.

Амалигардонии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар доираи табдилдиҳии рақамӣ бо омилҳои мусбат ва манфие, ки мо дар боло қайд кардем, бояд дар назар гирифта шавад ва оянда малакаҳои рақамии аҳолӣ барои фаҳмиши рақамикунонӣ шарти зарурӣ мебошад. Рушди малакаҳои рақамӣ дар низоми идоракунии давлатӣ тавассути таъсиси марказҳои таълимии тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва ҳайати идоракунӣ барои пешбурди лоиҳаҳои рақамӣ, ҷорӣ намудани низомҳои пешқадам барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар сатҳи макотиби олӣ, муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳо, таҳияи нақша ва механизмҳои мунтазам баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандони мақомоти давлатӣ аз рӯи малакаҳои рақамӣ, таъсиси гурӯҳи кории байниидоравӣ барои такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррар намудани ваколат ва вазифаҳои он, ташкил намудани марказҳои ҳамоҳангсоз оид ба татбиқи иқтисоди рақамӣ, ташкили мизҳои мудаввар барои муҳокима ва қабули чораҳо аз рӯи натиҷаҳои кори гурӯҳи байниидоравӣ, ташкили курсҳои мақсаднок дар соҳаи ТИК барои кормандони мақомоти давлатӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ бо иштироки васеи ширкатҳои хусусӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии дорои салоҳияти муайян, татбиқи лоиҳаи «Шаҳри бехатар» дар дигар минтақаҳои кишвар, ҳамзамон, ҷорӣ намудани он дар самти назорати таваққуфи нақлиёт дар роҳҳои дохилишаҳрӣ, ҷалби маблағҳои шарикони рушд барои татбиқи иқтисоди рақамӣ ва ғайра мебошанд.

Мо ҳамкории унсурҳои сохтории иқтисоди рақамиро тавассути ташаккули механизми фаъолияти иқтисоди рақамӣ, ки марҳилаҳои таҳияи платформаҳои рақамӣ, пур кардани онҳоро бо маҳсулоти рақамӣ, инчунин, тиҷоратикунонии молу хизматрасониҳо дар шакли моддӣ ва ғайримоддӣ дар бар мегирад, тавсиф мекунем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Механизмҳои ташаккули фаъолияти иқтисоди рақамӣ**

| **Унсурҳои сохтории иқтисоди рақамӣ** | **Марҳилаҳои фаъолияти механизми иқтисоди рақамӣ** | | |
|---|---|---|---|
| | **Марҳилаи 1** **Ташаккули платформаҳои рақамӣ** | **Марҳилаи 2** **Пур кардани платформаҳои рақамӣ бо маҳсулоти рақамӣ** | **Марҳилаи 3** **Тиҷоратикунонии молҳо ва хизматрасониҳои рақамӣ** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Мавзуъҳо | Таҳиягарони платформаҳои рақамӣ | Таҳиягарони платформаҳо ва маҳсулоти рақамӣ | Истеъмолкунандагон; Истеҳсолкунандагон; Миёнаравҳо; Ширкатҳои нақлиётӣ; Таҳиякунандагони маҳсулоти рақамӣ; Шуъбаҳои ҳукумат. |
| Объектҳо | Платформаи рақамӣ | Платформаи рақамӣ; Маҳсулоти рақамӣ. | Маҳсулот / хизматрасонӣ дар шакли воқеӣ; Маҳсулот/хизматрасонӣ дар шакли электронӣ; Платформаи рақамӣ; Маҳсулоти рақамӣ. |
| Воситаҳо | Забони барномасозӣ; Натиҷаҳои таҳлили бозори маҳсулот ва платформаҳои рақамӣ. | Таҳлили бозори маҳсулоти рақамӣ; Донистани забонҳои барномасозӣ Рақамисозии маҳсулот ва хизматрасониҳои анъанавӣ донистани раванди технологӣ дар бораи эҷод ё истифодаи маҳсулот | Функсияи маҳсулоти рақамӣ; Пулҳои электронӣ. |
| Мисолҳо | Bitrix, Amazon Web, Services, Microsoft Azure Java ва ғайра. | Нақлиёти ҳушманд, Шаҳри ҳушманд, Маорифи рақамӣ ва ғайра. | ТИК-и пешрафти тиббӣ, хизматрасонии таксӣ, бозиҳои компютерӣ ва ғайра. |

*Сарчашма*: *Коркарди муаллифон дар асоси маълумоти ҷамъовардашуда*

Дар марҳилаи аввали механизми фаъолияти иқтисоди рақамӣ ташаккули платформаҳои рақамӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, субъектҳо таҳиягарони платформаҳои рақамӣ мебошанд, ки бо истифода аз дониши забонҳои барномасозӣ ва натиҷаҳои таҳлили бозори маҳсулоти рақамӣ платформаи инноватсионии рақамиро эҷод мекунанд. Ба гуфтаи Месропян В.Р., платформаи рақамӣ як системаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ мебошад, ки ҳамкории бисёрҷонибаи корбаронро барои табодули иттилоот ва арзишҳо таъмин мекунад, ки боиси коҳиши хароҷоти умумии транзаксия, муносибгардонии равандҳои тиҷоратӣ ва афзоиш дар самаранокии занҷири таъминоти мол ва хизматрасонӣ мегардад. Дар баробари ин, платформаи рақамӣ ба мусоидат ба мубодилаи байни ду ё зиёда гурӯҳҳои ба ҳам вобастаи иштирокчиён нигаронида шудааст. Платформа барои эҷоди арзиши иловагӣ ва табодули байни субъектҳои механизми иқтисоди рақамӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ,

платформаи рақамӣ бояд ҳамчун як ҳалли нармафзор ва сахтафзор фаҳмида шавад, ки маҳсулоти рақамиро дар муҳити ягонаи рақамӣ ҷамъ мекунад. Намунаҳои платформаҳои рақамӣ инҳоянд: Bitrix, Amazon Web Services, Microsoft Azure, Java [14, с. 87]. Воситаҳои таҳиягарони платформаи рақамӣ донистани забонҳои барномасозӣ, маълумот дар бораи вазъи бозори маҳсулот ва платформаҳои рақамӣ мебошанд. Дар айни замон навъҳои инструменталӣ, инфрасохторӣ ва амалии платформаҳо аз рӯи намуди асосии фаъолият дар платформа, натиҷаи фаъолият, инчунин, иштирокчиёни он ҷудо карда мешаванд.

Механизмҳои пешбурди иқтисоди рақамӣ дар асоси табодули рақамӣ сурат хоҳад гирифт. Раванди татбиқи табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ ба роҳ монда шуда, ҳамкориҳо бо иштирокчиёни дигари экосистемаи рақамӣ вусъат меёбад. Табодули рақамӣ байни идораҳои гуногун тақсим карда мешавад ва чӣ тавр санҷиш, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ дар сатҳи байниидоравӣ амалӣ карда мешавад, пешбинӣ менамояд. Механизмҳои рақамии пешбурди мониторинги муттасили иҷрои вазифаҳои гузошташуда, қабул ва коркарди алоқаи баръакс, механизмҳои санҷиш ва ҳисоботдиҳӣ, инчунин, баҳодиҳии қаноатмандии истифодабарандагони рақамӣ ва аҳолӣ аз сифати хизматрасонӣ алоҳида коркард карда мешаванд, ки марҳилаи аввали ташаккули иқтисоди рақамӣ мувофиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ ба роҳ монда мешавад.

Амалисозии Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар марҳилаи якум муайян кардани нишондиҳандаҳои мақсаднокро пешбинӣ менамояд, ки пас аз баитмомрасии ҳар яке аз марҳилаҳои табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ ба даст оварда мешаванд. Ба он дар марҳилаи якуми амалисозӣ чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди беҳтаршавии мавқеи ҷумҳурӣ дар арзёбиҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳи дастрасии аҳолӣ ва хоҷагиҳо ба интернети фарохмавҷ ва мобилӣ, зиёдшавии трафики байналмилалӣ ва қобилияти гузаронандагӣ, миқдори пайвастҳои нахию нурӣ, миқдори муассисаҳои ба низоми ягонаи давлатии рақамӣ пайвастшуда, зиёдшавии шумораи истифодабарандагони хизматрасонии рақамӣ, болоравии сифати хизматрасонии рақамӣ, афзоиши ҳиссаи хизматрасонӣ, ки дар шакли рақамӣ расонида мешавад, миқдори ҷойҳои нави кории таъсисдодашуда дар бахши рақамӣ ва ғайра дохил мешаванд [5].

Ба ҳамин тариқ, дигаргунсозӣ ҳамчун гузариш ба марҳалаи нави тараққиёти фазои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар он кори механизми хоҷагӣ омили қонеъ гардондани талаботи рӯзафзуне мебошад, ки дар ҳаракати болоравии иқтисодиёт ва соҳибкории институтсионалии субъектҳои ҳокимият дар самти таҳия ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти унсурҳои системаи иқтисодӣ бо назардошти талаботи омилҳои экологӣ шарти ташаккули малакаҳои рақамӣ мебошад.

Баҳри рушди иқтисодиёти рақамӣ дар мамлакат дар баробари иштироки мақомоти давлатӣ, инчунин, ҷалби бахши хусусӣ низ муҳимияти хоса дорад. Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ, ки аллакай то ҷое иқтисодиёти рақамиро роҳандозӣ намудаанд, нишон медиҳад, ки бахши хусусӣ ва махсусан, стартапҳо ва иштироки васеи ширкатҳои бахши технологӣ ва хусусияти фаромиллӣ дошта ба рушди иқтисодиёти рақамӣ такони ҷиддӣ мебахшад [8].

Ҳамин тариқ, иқтисодиёти рақамӣ маҷмуи муносибатҳои иҷтимоиест, ки ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, инфрасохтори рақамӣ, таҳлили миқдори зиёди маълумот бо мақсади оптимизатсияи фаъолияти истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо асос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, мо метавонем хулоса кунем, ки рақамикунонӣ ҳамчун раванди идоракунии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳам мусбат ва ҳам манфӣ тавсиф карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, бояд тахмин кард, ки рушд ва татбиқи васеи технологияҳои рақамӣ метавонад ҷомеаро ба марҳилаи нави эволютсия гузорад. Аз ин лиҳоз, ҷомеаро зарур аст, ки марҳилаҳои гузариши марбут ба ин равандро паси сар карда, системаи боэътимоди таъмини амният дар фазои иттилоотиро таҳия намояд ва ба супертехнологияҳои ояндасоз такя намоянд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки иқтисодиёти рақамӣ равандҳо ва усулҳои амалисозии фаъолияти иқтисодӣ дар асоси истифодаи технологияҳои рақамии марбут ба тиҷорати электронӣ ва хизматрасониҳои электронӣ мебошад, ки имкон медиҳад молу хизматрасониҳои рақамиро дар муҳити киберӣ амалӣ созад.

Ба маънои васеъ, иқтисодиёти рақамӣ ин эҷоди сохтори шабакавӣ ва системавии фазоии муносибатҳои иқтисодӣ байни субъектҳои соҳибкорӣ мебошад, ки бахшҳоро барои эҷод ва истифодаи иттилооти нав, технологияҳои рақамӣ ва маҳсулоти рақамӣ, хадамоти телекоммуникатсионӣ, тиҷорати электрониро дар бар мегирад.

**Адабиёт**


1. Барномаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.
2. Қурбонализода Д.Т. Иқтисоди рақамӣ: Китоби дарсӣ / Д.Т. Қурбонализода, А.Н. Нурализода, Н.Н. Нурализода. - Душанбе: ҶДММ "Шоҳини С", 2022. – 272 с.
3. Қурбонализода Д.Т., Тиҷорати электронӣ: Васоити таълимӣ / Д.Т. Қурбонализода, М.Н. Ҳикматов. - Душанбе: ҶДММ "Бебок", 2021. - 178 с.
4. Қурбонализода Д.Т. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тадбиқи иқтисоди рақамӣ: ҷорисозии малакаҳои рақамӣ, ҷомеаи иттилоотӣ ва фарҳанги иттилоотии шаҳрвандон. / Д.Т. Қурбонализода // Паёми Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ. - 2022. – С. 14-21.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2019 №642.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020)» аз 30 декабри соли 2011 №6431.
7. Усмонов Д.У. Роҳҳо ва имкониятҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Д.У. Усмонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2022. - №1. - С. 131-134.
8. Ефремов О.В. Социальные аспекты современных компьютерных технологий: Учебное пособие / О.В. Ефремов. - Тамбов, 2006. - 80 с.
9. Указ Президента Российской Федерации от 7 мая 2018 г. №204 «О национальных целях и стратегических задачах развития Российской Федерации на период до 2024 года».
10. Развитие цифровой экономики в России. Программа до 2035 года [электронный ресурс]. - URL: http:// spkurdyumov.ru/uploads/2017/05/strategy.pdf (дата обращения: 02.11.2019 г).
11. Кириллов А. Как работает система социального доверия в Китае [электронный ресурс]. URL: https:// tass.ru/opinions/5225841 (дата обращения: 02.10.2019 г.)
12. Чехарин Е.Е. Большие данные: большие проблемы / Е.Е. Чехарин // Перспективы науки и образования. - 2016. - №3. - С. 7-11.
13. Жулего В.Г. Цифровизация общества: новые вызовы в социальной сфере / Жулего В.Г. и дрг. //Вестник Алтайской академии экономики и права. - 2019. - №9 (ч. 2). - С. 36-43.
14. Саидмуродов, Л. Х. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления / Л. Х.

Саидмуродов, В. Д. Сабуров. – Душанбе : ООО «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176 с. – ISBN 978-99975-384-6-8. – EDN VYJXSN.
15. Сафаров, Б. Г. Динамика и структура привлечения иностранных инвестиций в открытую экономику Республики Таджикистан / Б. Г. Сафаров, Д. К. Ходжаев // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 2. – С. 65-70. – EDN YHCHVK.
16. Сулаймонзода, Ш. Ф. Фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун воситаи асосии татбиқи стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / Ш. Ф. Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 4(24). – P. 129-137.

**УДК: 338.436.3**

# РАЗРАБОТКА ЭФФЕКТИВНОГО МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ ИННОВАЦИОННО-ИНВЕСТИЦИОННЫМ ПРОЦЕССОМ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РЕГИОНЕ

***Мирзоева Евгения Шуджоатбековна*** *– к.э.н., доцент, начальник управления по науке и инновациям Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992)985022224. E-mail: evgeniya-2385@mail.ru*

***Кахарова Парвина Фузайловна*** *– докторант PhD по специальности финансы кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992)985738889*

*В данной статье авторы рассматривают роль и значение разработки эффективного организационно-экономического механизма инновационно-инвестиционной деятельности промышленных предприятий в регионе. Отмечено, что с целью государственной поддержки промышленных предприятий, необходимо выработать механизм стимулирования их инновационно-инвестиционной деятельности в сфере внедрения инновационных технологий для последующей модернизации основных фондов и инновационном воспроизводстве в этих структурах. При этом необходимо использовать все рычаги государственного регулирования на макроуровне в сферах: налогообложения, кредитования, амортизационной политики, страхования, приватизации и государственных заказов. В статье авторы представили разработанную модель развития инновационно-инвестиционной деятельности промышленных предприятий.*

***Ключевые слова:*** *механизм управления, инновационный процесс, государственная инновационная политика, инвестиционная политика, инновации, инновационные технологии, инновационная деятельность, инновационная среда, промышленные предприятия.*

# КОРКАРДИ САМАРАБАХШИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ИННОВАТСИОНӢ ИНВЕСТИТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ МИНТАҚА

***Мирзоева Евгения Шуҷоатбековна*** *– н.и.и., дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *ш. Душанбе*, *к. Нахимов* 64/14. *Тел: (+992)985022224, E-mail: evgeniya-2385@mail.ru*

***Қаҳорова Парвина Фузайловна*** *– докторанти PhD аз рӯйи ихтисоси молияи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *ш. Душанбе*, *к. Нахимов* 64/14. *Тел: (+992)985738889*

*Дар ин мақола муаллифон нақш ва аҳаммияти таҳияи механизми муассири ташкилию иқтисодии фаъолияти инноватсионию сармоягузории корхонаҳои саноатии минтақаро баррасӣ кардаанд. Қайд карда шудааст, ки барои дастгирии давлатии корхонаҳои саноатӣ механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионию сармоягузории онҳо дар самти ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии навсозии минбаъдаи фондҳои асосӣ ва такрористеҳсоли инноватсионии ин сохторҳо таҳия карда шавад. Дар баробари ин, тамоми фишангҳои танзими давлатиро дар сатҳи макро дар бахши андозбандӣ, қарздиҳӣ, сиёсати истеҳлок, суғурта, хусусигардонӣ ва фармоиши давлатӣ истифода бурдан лозим аст.*

*Дар мақола муаллифон модели таҳияшудаи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузории корхонаҳои саноатиро пешниҳод кардаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, сиёсати давлатии инноватсионӣ, сиёсати сармоягузорӣ, инноватсияҳо, технологияҳои инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионӣ, муҳити инноватсионӣ, корхонаҳои саноатӣ.*

## DEVELOPMENT OF AN EFFECTIVE MECHANISM FOR MANAGING THE INNOVATION AND INVESTMENT PROCESS OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN THE REGION

***Mirzoeva Evgenia Shudzhoatbekovna*** *- candidat in economics science, associate professor, Head of Science and Innovation Department of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Nakhimov Str. 64/14. Tel: (+992)985022224, E-mail evgeniya-2385@mail.ru*

***Kakharova Parvina Fuzailovna*** *– doctor PhD majoring in finance at the Department of Finance of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Nakhimov Str. 64/14. Tel: (+992)985738889*

*In this article, the authors consider the role and significance of developing an effective organizational and economic mechanism for innovation and investment activities of industrial enterprises in the region. It is noted that in order to provide state support for industrial enterprises, it is necessary to develop a mechanism for stimulating their innovation and investment activities in the field of introducing innovative technologies for the subsequent modernization of fixed assets and innovative reproduction in these structures. At the same time, it is necessary to use all the levers of state regulation at the macro level in the areas of taxation, lending, depreciation policy, insurance, privatization and government orders. In the article, the authors presented the developed model for the development of innovation and investment activities of industrial enterprises.*

***Key words:*** *management mechanism, innovation process, state innovation policy, investment policy, innovation, innovative technologies, innovation activity, innovation environment, industrial enterprises.*

Переход на инновационный курс национальной экономики, который взяло Правительство Республики Таджикистан, позволит в скором будущем обеспечить инновационный тип развития промышленного производства, способствующего устойчивому экономическому росту.

Развитие реального сектора национальной экономики предполагает эффективное использование национального богатства, представленногочеловеческим, природным и физическим капиталом, а также расширение инновационной деятельности.

Между тем в целом по промышленности выделено ряд проблем, тормозящих ее развитие [6]:

- несовершенство системы налогообложения и неразвитость механизмов финансово-кредитной поддержки инвестиционной и инновационной деятельности;

- низкий уровень внутри-, межотраслевой и межтерриториальной кооперации и интеграции, неразвитость кластерного подхода;

- низкое качество и высокая энерго-, трудо- и материалоемкость продукции, что предопределяет ее низкую конкурентоспособность;

- несовершенство механизмов управления отходами промышленного производства;

-отраслям реального сектора экономики свойственен низкий уровень инновационной деятельности, они не создают спрос на новые знания и технологии, что не стимулирует активную деятельность научных и образовательных учреждений, как составной части национальной инновационной системы, исключительная роль государства и международных фондов в поддержке научно-исследовательской сферы не обеспечивает должной динамики инновационного роста экономики.

Для вхождения в глобальный инновационный процесс развития Республике Таджикистан необходимо создать мощные многоотраслевые промышленные кластеры, которые станут движущей силой в подъеме национальной экономики.

В этой связи для Республики Таджикистан, в целях развития инновационной деятельности, необходимо улучшить механизм инновационно-инвестиционной активности в предпринимательской среде. Следует сформировать эффективный механизм управления инновационно-инвестиционным процессом для оптимального использования экономического и производственного потенциала в республике на современном этапе развития, во взаимосвязи с организационно-экономическим механизмом инновационной среды.

Основными функциями организационно-экономического механизма инновационной среды являются:

- способствование реализации инновационного предпринимательского потенциала хозяйствующего субъекта;

- обеспечение инновационного самоуправления и взаимодействия с другими хозяйствующими субъектами;

- поддержание мотивации у предпринимателей для постоянного внедрения инновационных продуктов на рынок;

- создание экономической, организационной, правовой, социальной, политической среды, необходимой для обеспечения устойчивого внедрения инновационного предпринимательства.

Государственное регулирование на макроуровне формирует институциональную основу для регулирования инновационной и инвестиционной политики в экономических и социальных отраслях и т.д. Следует отметить, что благодаря государственной поддержке на

макроуровне, промышленные предприятия в развитых странах активно внедряют инновационные разработки, что способствуют развитию инновационной деятельности (рис.1).

Основной целью государственной инновационной политики «…служит повышение эффективности производства и обеспечение конкурентоспособности продукции отечественных производителей на основе создания и распространения базисных достижений, улучшающих инновацию, обеспечивающих устойчивый социально-экономический рост и достижение национальных стратегических целей…» [3].

В условиях замедления экономического роста многие страны мира прибегают к улучшению инвестиционного климата как к средству ускорения экономического роста и его качества. Государственные органы в таких условиях выступают как субъекты конкурентной борьбы за инвестиции и предлагают инвесторам свой «продукт», которым является «инвестиционный климат». С учетом этого, правительство продолжает институциональные реформы по улучшению бизнес-среды и инвестиционного климата путем укрепления законодательной базы, развития систем исполнения контрактов и корпоративного управления, обеспечения прав собственности, устранение излишних административных барьеров, а также повышения инвестиционного потенциала и снижения инвестиционных рисков [6].

Основные направления действий в сфере развития бизнес-среды и инвестиционного климата предусматривают [6]:

-совершенствование законодательства в области инвестиций, международной торговли и внедрение международных стандартов качества и безопасности продукции;

-формирование многоуровневой институциональной системы поддержки предпринимательства на основе создания территориально–отраслевых кластеров развития предпринимательства, специализированных фондов и поддержки развития инфраструктурных организаций;

-реализация политики поощрения прямых иностранных инвестиций как одного из основных условий индустриально-инновационного развития экономики.

Основным направлением государственной инвестиционной политики в нашей республике является повышение уровня жизни населения посредством устойчивого экономического роста. В связи с этим, главной задачей является создание и поддержание условий для прироста частных инвестиций в реальный сектор экономики, который бы полностью удовлетворял спросу рынка на инвестиционные ресурсы.

Тем самым можно выработать механизм, мотивирующий инвестирование собственных средств промышленных предприятий в инновационное воспроизводство. Здесь, одним из стимулирующих факторов поддержки инновационно-инвестиционной деятельности, считается государственное финансирование наиболее эффективных инновационных проектов. Чаще

всего, выбором приоритетных инновационных проектов занимаются государственные инновационные и инвестиционные политики.

Приоритетами государственной инвестиционной политики в этих условиях считается полная модернизация и реструктуризация промышленных предприятий, повышение конкурентоспособности обрабатывающего сектора промышленности ускоренному инвестиционному развитию секторов «новой экономики», прежде всего, становлению инновационных и информационных отраслей, формированию нового технологического облика национального хозяйства.

Второй уровень организационно-экономического механизма инновационной среды, это государственное регулирование на мезоуровне, конкретизирующее общие правила государственного воздействия на инновационно-инвестиционные процессы, предполагает использование ряда нормативных документов: региональная инновационно-инвестиционная политика, региональные целевые инновационно-инвестиционные программы, налоговая политика, финансово-кредитная политика, амортизационная политика, ценовая политика, градостроительная и экологическая политики (рис.1).

Таким образом, осуществление регионального регулирования на мезоуровне связано, прежде всего, с формированием и развитием региональной системы инновационного предпринимательства. В качестве основных причин развития инновационного предпринимательства на региональном уровне можно выделить следующие:

- возможность реализовывать экономическую политику в регионах;
- возможность эффективно реализовывать конкурентное преимущество в отдельных регионах;
-возможность эффективно развивать инновационное предпринимательство с учетом местных условий, местного рынка и местных ресурсов.

В результате применения инновационного подхода к формированию и развитию региональной инвестиционной политики является процесс создания новых промышленных предприятий, научно-исследовательских и конструкторских институтов, технологических парков и инновационных инкубаторов.

Главной задачей и приоритетным направлением инновационно-инвестиционной политики является создание в регионах благоприятного инновационно-инвестиционного климата. Одним из важных механизмов составляющих подобного климата, считается система предоставляемых государством льгот и преференций. Вышеприведенный анализ позволяет уточнить основные принципы формирования организационно-экономического механизма инновационной среды государственного регулирования на мезоуровне:

- совершенствование институциональной базы, обеспечивающей активную инновационно-инвестиционную деятельность промышленных предприятий;

- взаимодействие с промышленными предприятиями региона с целью стимулирования вложения их собственных средств в развитие инновационной деятельности;

- создание конкурентных условий для всех промышленных предприятий независимо от форм собственности, способствующие стабильному экономическому росту;

- мораторий на неоправданные проверки предпринимательской деятельности;

- проведение оценки и контроля за реализованными инновациями на промышленных предприятиях и их влиянии на развитие региона, в частности.

С целью применения эффективного механизма управления инновационным процессом в регионе, необходимо также учитывать опыт зарубежных стран, умеющих формировать спрос у потребителей инновационной продукции. Таким образом, учет принципов формирования организационно-экономического механизма инновационной среды на региональном уровне позволит сформировать спрос на инновации. Инновации послужили важным двигателем для становления развитых стран, которые привели к широкому распространению информационных технологий, бурному росту наукоёмких отраслей и зарождению инновационного предпринимательства.

В развитых странах, с целью создания благоприятного инновационно-инвестиционного климата, большинство методов, используемых местными властями, условно можно разделить на:

- прямые финансовые стимулы;
- бюджетные инвестиции;
- налоговые льготы;
- экономические стимулы для привлечения инвестиций;
- создание инфраструктуры.

Субъектами инновационно-инвестиционной среды являются:

- инноваторы (создатели нововведения, физические и юридические лица)
- заказчики инноваций (субъекты нововведений);
- инновационные предприятия;
- инновационные инкубаторы;
- инновационные посредники;
- инновационные инвесторы;
- государство;
- потребители инноваций.

Объектом инновационно-инвестиционной среды является законодательная база в сфере инноваций и инвестиций, которая создает

институциональные основы формирования инновационно-инвестиционной среды.

Инновационно-инвестиционная среда подразделяется на внутреннюю и внешнюю. Внешняя среда (макросреда) – это совокупность экономических, социальных, политических и технологических факторов, влияющих на участников инновационно-инвестиционного процесса.

К внешней инновационно-инвестиционной среде относятся следующие компоненты:

- научная сфера;
- инновационная инфраструктура;
- инфраструктура крупного и малого инновационного предпринимательства.

К внешней инновационно-инвестиционной микросреде, относятся следующие компоненты [1]:

- рынок новшеств;
- рынок конкуренции нововведений;
- рынок инновационных инвестиций.

Внутренняя инновационно-инвестиционная среда - это совокупность внутрихозяйственных отношений, возникающих в процессе функционирования инновационно-инвестиционной деятельности. Следует отметить, что анализ внутренней инновационно-инвестиционной среды промышленного предприятия дает представление о состоянии его инновационного и инвестиционного потенциала и, в свою очередь, анализ внешней среды показывает состояние инновационно-инвестиционного климата в целом в стране. Основные элементы организационно-экономического механизма инновационно-инвестиционной среды и связи между ними представлены в таблице 1.

**Таблица 1. - Элементы организационно-экономического механизма инновационно-инвестиционной среды и связи между ними**

| Организационно-экономический механизм инновационно-нвестиционной среды промышленного предприятия | Научные и инновационные связи с экономическими системами | | |
|---|---|---|---|
| | Научная сфера | Инновационно-инвестиционная деятельность в малом бизнесе | Инновационно-инвестиционная деятельность в среднем и крупном бизнесе |
| Инновационно-инвестиционная макросреда | | | |
| Фонды по венчурным инвестициям | - | - | - |
| Фонды по прямым инвестициям | -+ | -+ | -+ |
| Инновационно инвестиционная мезосреда | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Технополисы | - | - | - |
| Технопарки | -+ | -+ | -+ |
| Инновационно-инвестиционная микросреда | | | |
| Бизнес-инкубаторы | - | -+ | - |
| Рыночные механизмы | | | |
| Государственные заказы | + | + | + |
| Собственный капитал | - | + | + |
| Кредитный капитал | - | + | + |
| Иностранные инвестиции | + | + | + |

***Источник**: составлено авторами (где + сильные связи, -+ слабые связи, - связи отсутствуют)*

Стоит отметить, что инновационно-инвестиционная среда промышленных предприятий содержит ряд недостатков, таких как: неразвитость в республике венчурных и инвестиционных фондов, мизерной доли сотрудничества научной отрасли с промышленными предприятиями, а также слабом развитии их инновационно-инвестиционной деятельности.

С целью развития и функционирования инновационно-инвестиционной среды промышленных предприятий необходимо совершенствовать её организационно-экономический механизм:

- взаимосвязь основных преимуществ свободных экономических зон совместно с индустриальными парками, как важного направления инновационно-инвестиционного развития промышленных предприятий;

- формирование и развитие инновационной предпринимательской инфраструктуры для обеспечения роста количества малых и средних предприятий;

- содействие в создании и разработки инновационных проектов и их дальнейшей коммерциализации.

Для промышленных предприятий также с учетом разносторонности источников финансирования (собственный, заёмный, привлеченный капитал) становится необходимым адаптироваться к требованиям рынка, обладать достаточной гибкостью для повышения эффективности производства. В этой связи нам представляется возможным разработать модель развития инновационно-инвестиционной деятельности промышленных предприятий (см. рис.1.)

Рекомендованная нами модель позволит достигнуть максимальных экономических и социальных показателей при разработке и реализации инновационной стратегии развития инновационно-инвестиционной деятельности промышленного предприятия, при условии учета факторов, воздействующих на инновационно-инвестиционную среду. Стоит отметить,

что при анализе и оценке различных факторов необходимо учитывать их взаимосвязь при влиянии на экономическую и социальную эффективность.

Отличительной чертой, рекомендованной нами модели является разделение основных результатов инновационно-инвестиционной деятельности промышленного предприятия по экономическому и социальному критерию. Следует полагать, что рост бюджетной эффективности и увеличение прибыли предприятия ведут к повышению реальных доходов населения (заработная плата, пособия, пенсии и т.д.), приводящий к позитивному социальному эффекту на основе синергетического эффекта.




**Рис.1. Модель развития инновационно-инвестиционной деятельности на предприятиях** (составлено авторами).

Практическая реализация предложенной модели будет способствовать росту удельного веса инновационной продукции, активизации НИОКР, а также модернизации национальной экономики. Исследование проблем инновационно-инвестиционной деятельности помогло сделать вывод о том, что её эффективность может находиться в определенной зависимости от полученных экономического и социального эффектов [10].

$$Ef_{invest}^{innov} = Ef_{econ} + Ef_{soc} \quad , \quad \text{где:} \qquad (2.1.)$$

$Ef_{invest}^{innov}$ - эффективность инновационно-инвестиционной деятельности в зависимости от уровня анализа;

$Ef_{econ}$ - достигнутый экономический эффект от реализации инновационно-нвестиционной деятельности;

$Ef_{soc}$ - достигнутый социальный эффект от реализации инновационно-инвестиционной деятельности.

Таким образом, экономический и социальный эффекты можно представить в следующих зависимостях [9]:

$$\begin{cases} Ef_{econ} = \frac{\partial B}{\partial t} + \frac{\partial Inc}{\partial t} \\ Ef_{soc} = \frac{\partial B}{\partial t} + \frac{\partial Inc}{\partial t} + \frac{\partial Prog}{\partial t} + \frac{\partial Ecol}{\partial t} + \frac{\partial B}{\partial t} + \frac{\partial Inc}{\partial t} + \frac{\partial B}{\partial t} + \frac{\partial Inc}{\partial t} \end{cases}, \quad (2.2.)$$

где - изменение бюджетной эффективности, увеличение роста доходов предприятий, ускорении НТП и улучшение экологической среды.

Получим нижеследующую зависимость, если подставим данные по системе уравнений (2) в уравнение (1) [9].

$$Ef_{invest}^{innov} = 2 \cdot \left(\frac{\partial B}{\partial t} + \frac{\partial Inc}{\partial t} + \frac{\partial Prog}{\partial t} + \frac{\partial Ecol}{\partial t}\right) \quad (2.3.)$$

Таким образом, экономический эффект от активной инновационно-инвестиционной деятельности, мы понимаем, как объединение общей суммы в изменениях бюджетной эффективности увеличению доходов предприятий благодаря значительным инвестиционным вложениям в инновационные разработки, внедрению научно-технического прогресса и значительному улучшению экологической среды.

Рассматривая проблемы инновационного развития предприятий можно заключить, что существует глубокая взаимосвязь инвестиций, инноваций и источников финансирования. Для реализации успешной деятельности в этом направлении необходимо использовать наработки ученых и накопленный опыт в части моделирования и прогнозирования процессов. Использование моделей и системных методов позволит установить количественную взаимосвязь перечисленных взаимосвязанных направлений деятельности, что повлияет на обоснованное принятие стратегических решений для предприятий и регионов. Развитие инвестиционно-инновационных методов финансирования новых проектов позволит сформировать фундамент движущей силы инноваций.

**Литература**


1. Вяткин В.Н. и другие. Риск-менеджмент. Учебник/ В.Н. Вяткин и другие. Под ред. И. Юргенса. - М.: Изд.-торг. корп. «Дашков и Ко», 2003. - 112 с.
2. Дайнеко А.Е. Всемирная торговая организация. Механизмы функционирования и практика вступления/ Дайнеко А.Е., Забавский Г.В., Василевская М.В. – М.: Дикта. -2006.- 436 с.
3. Закон Республики Таджикистан «Об инновационной деятельности». Дата принятия: 16.04.2012 года, №822. http://www.adlia.tj
4. Лужинский И. Я. Инновационный менеджмент в малом бизнесе / И.*Я.* Лужинский, М.П. Переверзев. - Тула: Изд-во Тул. гос. пед. ун-та им. Л. Н. Толстого, 1998. - 174 с.
5. Медынский В.Г. Инновационное предпринимательство / В.Г. Медынский, Л.Г. Скамай. - М.: Юнити, 2006. - 587 с.
6. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030. Утверждена постановлением Маджлиси Намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, от 1

декабря 2016 года, №636. [Электронный ресурс]. - URL: https://medt.tj/documents/main/strategic_national_programm (дата обращения: 12.12.2023)
7. Николаева, Т.П. Инновационный характер экономической структуры в постиндустриальном обществе / Т.П. Николаева // Инновации. - 2001.- № 9-10. - С. 34-40.
8. Стратегия инновационного развития Республики Таджикистан на период до 2020. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 мая 2015 года, №354. [Электронный ресурс]. - URL: http://base.spinform.ru/Законодательство стран СНГ. (дата обращения: 01.10.2023)
9. Сафаров, Б. Г. Динамика и структура привлечения иностранных инвестиций в открытую экономику Республики Таджикистан / Б. Г. Сафаров, Д. К. Ходжаев // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 2. – С. 65-70.
10. Gottvald, J. Industrial restructuring: the case of Ostrawa region [text] / J. Gottvald. - [Электронный ресурс]. - URL: www.unece.org-2016. (дата обращения: 21.10.2023)

**УДК**: 336.719

# УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ САНДУҚИ ҚАРЗИИ БОНКҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим*** *– н.и.и., дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Телефон*: 93-116-59-60; 985-77-82-83. E-mail: Hakim-s-1980@bk.ru

***Чориева Фариза Маҳмадназировна*** *– унвонҷӯи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Телефон*: (+992)102-10-10-49. E-mail: nabieva.fariza@mail.ru

*Муаллифон дар мақола самаранокии усулҳои идоракунии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, бо ин роҳ такмили масъалаи мазкурро дар сатҳи иқтисодиёт таҳқиқ намуданд. Дар доираи таҳқиқот усулҳои гуногуни идоракунии сандуқи қарзӣ ва таъсири онҳо ба устувории молиявии низоми бонкӣ таҳлил карда шуданд. Ғайр аз ин, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи усулҳои гуногуни идоракунии сандуқи қарзӣ метавонад натиҷаҳои молиявии бонкҳоро беҳтар намуда, хавфҳои қарздиҳиро ба самтҳои гуногуни иқтисодӣ тақвият диҳад. Ҳамчунин, дар мақола усулҳои асосие, ки дар идоракунии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, баррасӣ гардида, вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида хулоса ва пешниҳодҳои дахлдор манзур гардиданд.*

***Калидвожаҳо***: *сандуқи қарзӣ, идоракунии хавфҳо, устувории молиявӣ, бонки тиҷоратӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, усулҳо, диверсификатсия.*

# ОСНОВНЫЕ МЕТОДЫ УПРАВЛЕНИЯ КРЕДИТНЫМ ПОРТФЕЛЕМ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ ТАДЖИКИСТАНА

***Абдуалимзода Хакимбек Абдуалим*** *– к.э.н., доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Телефон*: 93-116-59-60; 985-77-82-83. *E*-mail: Hakim-s-1980@bk.ru

***Чориева Фариза Махмадназировна*** *– соискатель кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова*, 64/14. *Телефон*: (+992)102-10-10-49. E-mail: nabieva.fariza@mail.ru

*Авторы статьи рассматривают эффективность методов управления кредитным портфелем коммерческих банков Республики Таджикистан. В рамках исследования были проанализированы различные методы управления кредитным портфелем и их влияние на финансовую устойчивость банковской системы. Результаты показали, что использование различных методов управления кредитным портфелем позволяет улучшить финансовые результаты банков и снизить кредитные риски. В статье также рассмотрены основные методы, используемые при управлении кредитным портфелем коммерческих банков Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова**: кредитный портфель, управление рисками, финансовая устойчивость, коммерческий банк, Республика Таджикистан, методы, диверсификация.*

## BASIC MANAGEMENT METHODS OF LOAN PORTFOLIO OF COMMERCIAL BANKS IN TAJIKISTAN

Abdualimzoda Hakimbek Abdualim - candidate of economic sciences, associate professor; rector of The Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str. 64/14. Phone: 93-116-59-60; 985-77-82-83. E-mail: Hakim-s 1980@bk.ru

Chorieva Fariza Makhmadnazirovna - is an applicant for the banking department of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14 Phone: (+992)102-10-10-49. E-mail: nabieva.fariza@mail.ru

The author of the article considers the effectiveness of methods for managing the loan portfolio of commercial banks of the Republic of Tajikistan. The study analyzed various methods of loan portfolio management and their impact on the financial stability of the banking system. The results showed that the use of various loan portfolio management methods can improve the financial results of banks and reduce credit risks. The article also discusses the main methods used in managing the loan portfolio of commercial banks of the Republic of Tajikistan.

Key words: loan portfolio, risk management, financial stability, commercial bank, Republic of Tajikistan, methods, diversification.

Дар ҳама шароит бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун муҳаррики пешбаранда дар иқтисодиёт нақши калидӣ дошта, тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои сатҳи гуногун ба субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ хизмат мерасонанд. Дар сатҳи иқтисодиёт аз ҳама механизме, ки ба рушди иқтисодиёт таъсир мерасонад, ин қарзҳои низоми бонкӣ мебошанд, ки ин масъала аз сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва тартиби самаранокии пешниҳоди он вобастагии зиёд дорад. Аммо идоракунии сандуқи қарзӣ як раванди мураккаб аст, ки дониш ва таҷрибаи махсусро талаб мекунад [1, с.10]. Вобаста ба ин, дар мақола самаранокии усулҳои гуногуни идоракунии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, ба воситаи ин идоракунии сандуқи қарзӣ дар самти самаранокии иқтисодиёт имконпазир мегардад. Новобаста аз сердаромад будани амалиёти қарзӣ бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд дар фаъолияти худ бо хатарҳо ва таҳдидҳои гуногун рӯ ба рӯ шаванд. Аз ин сабаб, ҳар як бонк бояд барои ҳифзи фаъолияти худ чорабиниҳои муайяни пешгирикунандаро ба назар гирад. Дар ниҳоят, эътимоднокии бонки тиҷоратӣ нишонаи асосии ҷолибияти он барои муштарии эҳтимолӣ

мебошад, зеро устуворӣ ва эътимоднокии бонк аз нишондиҳандаи асосии бонк аз ҷониби муштариён баҳо дода мешавад.

Дар асоси таъмини эътимоднокии субъектҳои иқтисодӣ иҷрои уҳдадориҳои саривақтӣ ва бехатарии бонкҳои тиҷоратӣ дар байни мизоҷон таъмин мегардад. Ҳамзамон бо ин, барои паст кардани сатҳи хавфҳо ва таҳдидҳо, бонкҳои тиҷоратӣ бояд сандуқи қарзии худро самаранок идора намуда, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъолро дар ин сандуқ батадриҷ бояд кам намоянд. Аммо идоракунии сандуқи қарзӣ як раванди мураккаб аст, ки дониш ва таҷрибаи махсусро аз ҳар як корманди бонк ва менеҷерони қарзӣ талаб мекунад. Дар таҷриба арзёбии хатар дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҳадафи асосӣ мебошад, ки ҳар як ташкилоти қарзӣ бояд ба он диққати бештар диҳад.

Дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ ва арзёбии дурусти раванди қарздиҳӣ, бояд қабл аз ҳама, мафҳумҳои сандуқи қарзӣ ва идоракунии сандуқи қарзиро баррасӣ намоем ва инчунин усулҳои идоракунии сандуқи қарзиро дарк намоем.

Сандуқи қарзӣ гуфта, як қисми захираҳои пулиеро дар назар доранд, ки аз ҳисоби воситаҳои ҷалбкардашуда ва воситаҳои худӣ ташаккул ёфта, ба принсип ва вазифаҳои мушаххас ба субъектҳои гуногуни иқтисодӣ пешниҳод шудаанд ва идораи самаранокии он шарти зарурист. Вобаста ба талабот ва таҷриба, қарзҳо метавонанд кӯтоҳмуддат ва ҳам дарозмуддат бошанд ва сандуқи қарзӣ ҳамаи қарзҳои дерро дар бар мегирад.

Идоракунии сандуқи қарзӣ раванди бисёрамалаест, ки чорабиниҳои мураккабро дар бар мегирад ва ба ташкили фаъолияти бонк ҳангоми додани қарзҳо бо мақсади кам кардани хавфи қарзӣ ва таъмини идоракунии самаранокии он равона карда шудаанд. Барои идораи босамари сандуқи қарзӣ усулҳои гуногун истифода мегарданд, ки ин ба ташкилотҳои қарзӣ имконияти паст намудани шиддати хавфҳоро фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, усулҳои идоракунии сандуқи қарзиро маҷмуи воситаҳо ва равишҳое ташкил намуданд, ки бонкҳо барои самаранок идора кардани сандуқи қарзии худ истифода мебаранд. Ин усулҳо таҳлили хавфҳои қарзӣ, баҳодиҳии қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон, муқаррар кардани маҳдудияти қарз, мониторинг ва таҳлили қобилияти пардохтпазирии қарзгирандагон, идоракунии қарзи дер ва идоракунии захираҳо барои талафоти эҳтимолиро дар бар мегиранд. Мақсади усулҳои идоракунии сандуқи қарзӣ коҳиш додани хавфҳои қарзӣ ва таъмини даромаднокии фаъолияти бонкҳо мебошад.

Дар баробари ин, усулҳои сифатӣ ва миқдорӣ барои мушаххасот ва таҳлили дурусти сандуқи қарзӣ истифода мегарданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд соли охир таҳлил гардида, инчунин

таҳлили муқоисавии самаранокии усулҳои гуногуни идоракунии сандуқи қарзӣ гузаронида шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диверсификатсияи сандуқи қарзиро ҳамчун усули асосии идоракунии хавфҳо истифода мебаранд. Аммо баъзе бонкҳо, инчунин, ба сохторҳо тақсим кардани сандуқи қарзиро истифода мебаранд, ки имконияти давомнокии қарзҳоро идора кардан ва хавфҳоро коҳиш доданро медиҳад [5, с.200].

Ҳангоми баҳодиҳӣ аз рӯйи гурӯҳбандии қарзҳо имконияти минбаъдаи таъмини бехатарии сандуқи қарзии низоми бонкӣ таъмин карда мешавад. Таҳлили кластерӣ се гурӯҳи бонкҳоро дар асоси ба сохторҳо тақсим кардани сандуқи қарзӣ муайян кард: бонкҳое, ки аксарияти қарзҳояшон ба муҳлати кӯтоҳ дода шудаанд ва ҳиссаи ками қарзҳо ба муҳлати миёна ва дароз дода шудаанд; бонкҳое, ки аксарияти қарзҳояшон ба муҳлати миёна ва дароз дода шудаанд; бонкҳое, ки сандуқи қарзии онҳо аз рӯйи муҳлат гуногун мебошанд.

Таҳлилҳо нишон дод, ки омилҳои муҳимтарини идоракунии сандуқи қарзӣ дар сохтори иқтисодиёт, сатҳи хавф, сифати сандуқи қарзӣ ва самаранокии низоми хавфи қарзӣ мебошанд. Ғайр аз ин, маълум шуд, ки дар баъзе бонкҳо стратегияҳои дақиқи идоракунии сандуқи қарзӣ мавҷуд нест ва ин метавонад ба хатарҳои беасос оварда расонад. Аз ин лиҳоз, таҳияи стратегияи асоснок ва муассир як хусусияти муҳимми идоракунии сандуқи қарзӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ мебошад, зеро он на танҳо имкон медиҳад, ки роҳҳои самараноки идоракунии сандуқи қарзӣ муайян карда шуда, балки роҳҳои такмили фаъолияти идоракунии сандуқи қарзӣ низ ошкор карда шавад. Омӯзиши амиқи вазъи молиявии бонки тиҷоратӣ дар доираи таҳияи чунин стратегия инчунин ба муайян кардани камбудиҳо ва норасоиҳо дар низоми идоракунии сандуқи қарзӣ мусоидат менамояд, ки ин раванди муҳим барои такмили фаъолияти бонки тиҷоратӣ ҷиҳати идоракунии сандуқи қарзӣ мебошад.

Аз рӯйи баррасиҳои масъалаи мазкур хулоса кардан мумкин аст, ки интихоби усулҳои идоракунии сандуқи қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногун буда, аз бисёр омилҳо - аз қабили муҳлати додани қарз, сохтори иқтисодиёт ва низоми идоракунии хавфҳо вобаста мебошад. Дар айни замон, доштани стратегияҳои дақиқи идоракунии сандуқи қарзӣ барои таъмини устувории молиявии бонкҳо ва коҳиш додани хавфҳо барои субъекти низоми бонкӣ дар шароити муосир хеле муҳим аст.

Ҷиҳати самаранок идора намудани сандуқи қарзии низоми бонкӣ таҳлилҳои мушаххас вобаста ба вазъияти иқтисодии давлат тағйироти зуд дар он бавуҷудоянда шарти зарурӣ мебошад. Ҳангоми мушаххасоти сифати сандуқи қарзӣ ва идораи самаранокии он бояд усулҳои зерини таҳлил истифода гарданд:

1. Таҳлили функсионалӣ;
2. Таҳлили таркибӣ;
3. Таҳлили аналитикии самти қарзӣ;
4. Таҳлили амалиётӣ.

Ба воситаи истифодаи усулҳои зерини таҳлил мо метавонем ба ҳадафҳои суботи низоми бонкӣ ва идораи самараноки сандуқи қарзӣ расем.

Таҳқиқҳо нишон доданд, ки истифодаи усулҳои гуногуни идоракунии сандуқи қарзӣ метавонад натиҷаҳои молиявии бонкҳоро беҳтар кунад ва хавфҳоро дар соҳаи қарздиҳӣ коҳиш диҳад [7, с.42]. Ғайр аз ин, дар шароити имрӯза усулҳои дигари идоракунии сандуқи қарзӣ, ба монанди диверсификатсия, ба сохторҳо тақсимкунӣ, идоракунии хавфҳо ва ғайра омилҳои калидӣ мебошанд, ки ба устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонанд. Гарчанде ки ҳар як усул афзалиятҳо ва нуқсонҳои худро дорад, омӯзиши онҳо метавонад натиҷаи беҳтар диҳад. Масалан, диверсификатсияи сандуқи қарзӣ имкон медиҳад, ки хавфҳоро байни бахшҳои гуногуни иқтисодиёт тақсим карда, сохтори сандуқи қарзӣ ба идоракунии давомнокии қарзҳо ва коҳиш додани хавфҳо мусоидат намояд. Усулҳои идоракунии сандуқи қарзӣ ҷиҳати таъмини ҳадди аксари фоидаи бонкӣ ва ҳадди ақали хавфи қарздиҳӣ ба қарзгирандагон пешбинӣ шудаанд. Баъзе аз усулҳои маъмултарини идоракунии сандуқи қарзро имконияти минбаъдаи бонкҳо аз ҳисоби коҳиши сатҳи хавфҳо таъмин менамояд, ки инро дар ҷадвали 1 ба таври зайл нишон медиҳем:

**Ҷадвали 1. – Усулҳои идоракунии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ**

| Усулҳо | Тавсиф |
| --- | --- |
| Усули хавфи қарзӣ | Ин усуле мебошад, ки ба арзёбии хавфи марбут бо қарз таъминкунии қарзгирандагон нигаронида шудааст. Ба он холҳои қарзӣ, рейтинги қарзӣ ва дигар усулҳои таҳлили қобилияти қарзии қарзгир дохил мешаванд. |
| Усулҳои диверсификатсия | Ин усулҳое мебошанд, ки ба коҳиш додани хавфи қарздиҳӣ ба қарзгирандагон нигаронида шудаанд. Онҳо тавсеаи сандуқи қарзиро барои коҳиш додани ғуншавии хавф дар як ҷо ва баланд бардоштани устувории бонк нисбат ба омилҳои берунаро дар бар мегиранд. |
| Усулҳои мониторинг ва назорат | Ин усулҳое мебошад, ки ба таъмини сари вақт ошкор кардани хавфҳои марбут ба қарздиҳии қарзгирандагон нигаронида шудаанд. Ба онҳо таҳлили мунтазами сандуқи қарзӣ, мониторинги хавфҳои амалиётӣ ва дигар усулҳои назорати сандуқи қарзӣ дохил мешаванд. |

| | |
|---|---|
| Усулҳои суғурта | Ин усулҳое мебошанд, ки ба коҳиш додани хавфи қарздиҳӣ ба қарзгирандагон нигаронида шудаанд. Онҳо суғуртаи хавфи қарзиро дар бар гирифта, ба бонк имкон медиҳанд, ки хавфро ба ширкати суғурта гузаронад ва хавфҳои марбут ба қарздиҳандагонро кам кунад. |
| Усулҳои таҷдиди сохтор | Ин усулҳое мебошанд, ки ба коҳиш додани хавфи марбут ба баргардонидани қарз нигаронида шудаанд. Онҳо аз нав дида баромадани шартҳои қарздиҳӣ, таҷдиди сохтори қарз ва ҷалби гараву кафолатҳои иловагӣ иборат мебошанд. |
| Усулҳои идоракунии давомнок | Инҳо усулҳое мебошанд, ки ба идоракунии давомнокии сандуқи қарзӣ нигаронида шудаанд. Ба инҳо идоракунии шартҳои қарз, мувозинати қарзҳо бо муҳлатҳои гуногун ва идоракунии захираҳои қарзӣ дохил мешаванд. |

**Сарчашма**: таҳияи муаллифон

Ин ҳама усулҳои идоракунии сифати сандуқи қарзӣ барои беҳтарсозӣ кофӣ нестанд, зеро вобаста ба шартҳо ва вазифаҳои мушаххаси бонк равишҳо ва усулҳои гуногун низ мавҷуданд. Усулҳои дигар метавонанд муайян кардани бахшҳои мақсадноки қарздиҳӣ, таҳлил ва идоракунии хавфҳои қарзӣ, идоракунии пардохтпазирӣ ва ғайраро дар бар гиранд. Ҳар як усул афзалиятҳо ва нуқсонҳои худро дорад ва самаранокии онҳо аз шароит ва вазифаҳои мушаххаси бонк вобаста аст. Ҳамин тариқ, ҳар як ташкилоти қарзӣ бояд пеш аз оғози истифодаи ин ё он усули идоракунии сандуқи қарзӣ мавқеи умумии сандуқи қарзиро омӯзад ва ҳадафи дилхоҳ ва вазифаҳои минбаъдаро барои самараноктар идора кардани сандуқи қарзӣ гузорад. Бо интихоби нодурусти усулҳои идоракунии сандуқи қарзӣ, мумкин аст, ки ташкилоти тиҷоратӣ натиҷаи дилхоҳ ба даст наорад. Аз ин рӯ, баъзе камбудиҳои ин усулҳои идоракунии сандуқи қарзиро ба таври зерин тавсиф менамоем.

1. Набудани эътимоднокии баҳодиҳии хавфи қарзӣ: баҳодиҳии хавфи қарзӣ метавонад ба қадри кофӣ дақиқ набошад, хусусан ҳангоми баҳодиҳии муштариёни нав ё додани қарз барои намудҳои нави тиҷорат. Ин метавонад боиси он гардад, ки бонк хавфҳоеро қабул кунад, ки пешгӯинашаванда бошанд ва боиси талафот шаванд.

2. Камбудиҳо дар идоракунии хавфҳои қарзӣ: баъзе усулҳои идоракунии сандуқи қарзӣ метавонанд дар назорати хавфҳо бесамар бошанд. Масалан, меъёрҳои қарздиҳии аз ҳад ҷиддӣ метавонанд қарзгирандагони эҳтимолиро бздоранд ва меъёрҳои аз ҳад нармро метавонанд аз ҳисоби пешгӯиҳо ба талафоти аз ҳад зиёд оварда расонанд.

3. Мушкилот дар таҳлили маълумот: коркард ва таҳлили миқдори зиёди маълумот метавонад барои бонкҳо, бахусус бонкҳои хурду миёна душвор бошад. Бонкҳо бояд ба ҳалли технологӣ ва инфрасохтори компютерӣ барои коркард ва таҳлили маълумот сармоягузорӣ кунанд.

4. Зарурати навсозии доимии усулҳо: усулҳои идоракунии сандуқи қарзӣ бояд мунтазам нав карда шаванд ва ба шароити тағйирёбандаи бозор, технологияҳои нав ва талаботи танзимгарон мутобиқ карда шаванд. Бонкҳо бояд омода бошанд, ки захираҳоро ба омӯзиш ва рушди кормандони худ сармоягузорӣ кунанд ва усулҳои идоракунии худро аз нав дида бароянд.

5. Набудани чандирӣ: баъзе усулҳои идоракунии сандуқи қарзӣ метавонанд хеле сахт бошанд ва ба бонк имкон намедиҳанд, ки ба талаботи мушаххаси муштариён ё бозор мутобиқ шаванд. Бонкҳо бояд эҳтиёҷоти муштариён ва тағйиротро дар бозор ба назар гиранд, то сандуқи қарзии худро муносиб кунанд.

Илова бар ин, бонкҳои Тоҷикистон инчунин усулҳои диверсификатсияи сандуқи қарзиро истифода мебаранд, ки имкон медиҳад, ки хавфҳо байни бахшҳои гуногуни иқтисодиёт тақсим карда шаванд ва талафоти эҳтимолӣ кам карда шавад. Усули маъмултарини идоракунии сандуқи қарзӣ диверсификатсияи сандуқи қарзии ташкилот мебошад. Бонкҳои Тоҷикистон усули диверсификатсияи сандуқи қарзиро истифода мебаранд, ки ин имкон медиҳад, ки хавфҳо байни бахшҳои гуногуни иқтисодиёт тақсим карда шаванд ва талафоти эҳтимолӣ кам карда шавад. Ин усул самаранoктарин ҳисобида мешавад.

Усулҳои дигари идоракунии сандуқи қарзӣ, ки бонкҳои Тоҷикистон истифода мебаранд, стратегияҳои идоракунии пардохтпазирӣ, пешгӯии хавфи қарзӣ, таҳияи хидматҳои иловагӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои муштариён ва ғайраро дар бар мегиранд [6, с.9].

Гарчанде ки бонкҳои Тоҷикистон усулҳои гуногуни идоракунии сандуқи қарзиро фаъолона истифода мебаранд, ҳанӯз ҳам мушкилот ва масъалаҳои марбут дар ин фаъолият, аз қабили сатҳи баланди пардохтнопазирӣ ва ноустувории вазъи иқтисодии минтақа вуҷуд дорад. Барои ҳалли ин мушкилот, бонкҳо бояд усулҳои идоракунии сандуқи қарзии худро пайваста такмил дода, ба шароити тағйирёбандаи бозор мутобиқ шаванд.

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ танзим карда мешавад.

Санади асосии қонунгузорӣ [11, с. 47], ки фаъолияти қарзиро дар Тоҷикистон танзим мекунад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 9 ноябри соли 2007 мебошад. Дар ин қонун услубҳо ва қоидаҳои умумии ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти бонкӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла дар самти идоракунии сандуқи қарзӣ муқаррар карда шудаанд.

Инчунин, дар Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки фаъолияти қарзии бонкҳои тиҷоратиро танзим мекунанд, аз ҷумла:

- «Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва истифодаи захираҳои қарзӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ» аз 16 феврали соли 2011;

- «Низомнома дар бораи тартиби арзёбӣ ва идоракунии хавфи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ" аз 1 апрели соли 2012;

«Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва истифодаи захираҳо барои талафоти эҳтимолӣ аз рӯйи амалиёт бо коғазҳои қиматнок, ки аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ амалӣ карда мешаванд» аз 1 марти соли 2013;

- «Низомнома дар бораи тартиби идоракунии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ» аз 1 июли соли 2014.

Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ талаботро барои ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла масъалаҳои идоракунии сандуқи қарзӣ муқаррар менамоянд.

Аммо, бояд ба назар гирифт, ки ҳар як усули идоракунии сандуқи қарзӣ маҳдудиятҳои худро дорад ва донишу таҷрибаи мувофиқро дар татбиқи он талаб мекунад. Аз ин рӯ, ҳангоми интихоби усулҳои идоракунии сандуқи қарзӣ, бояд хусусияти низоми бонкӣ ва иқтисодиёти кишвар ба назар гирифта шавад.

Дар ҷараёни таҳқиқот мо ба хулосае омадем, ки усулҳои идоракунии сандуқи қарзиро такмил додан, сатҳи бехатарии бонкҳоро таъмин намудан масъалаи зарурист. Барои такмили усулҳои идоракунии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зеринро андешидан мувофиқи мақсад аст:

1. Таҳияи стратегияи дақиқи идоракунии сандуқи қарзӣ, ки бояд ҳадафҳо ва вазифаҳои идоракунӣ, инчунин услубҳои интихоб ва арзёбии қарзгирандагонро муайян кунад;
2. Татбиқи усулҳо ва тамсилаҳои муосири идоракунии хавфи қарзӣ, ба монанди холҳои қарзӣ ва рейтинги қарзӣ;
3. Рушди низоми мониторинг ва назорати сандуқи қарзӣ, аз ҷумла гузаронидани санҷишҳои мунтазами сандуқи қарзӣ ва мониторинги хавфҳои амалиётӣ;
4. Васеъ намудани диверсификатсияи сандуқи қарзӣ барои кам кардани ғуншавии хавф дар як ҷо ва баланд бардоштани устувории бонк нисбат ба омилҳои беруна;
5. Таъмини сатҳи кофии сармоягузории бонк барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аз сандуқи қарзӣ;
6. Такмили ихтисоси кормандони масъули идоракунии сандуқи қарзӣ тавассути таълим додани усулҳои муосири идоракунии хавфҳо ва воситаҳои молиявӣ;
7. Таҳия ва татбиқи системаи ҳавасмандгардонӣ барои кормандоне, ки сандуқи қарзиро бомуваффақият идора мекунанд, то мутахассисони ботаҷрибаро ҷалб ва нигоҳ доранд;

8. Ҳамкорӣ бо мақомоти танзимкунанда барои муқаррар кардани қоидаҳо ва стандартҳои дахлдор дар соҳаи идоракунии сандуқи қарзӣ.

Татбиқи ин тадбирҳо ба бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили усулҳои идоракунии сандуқи қарзӣ ва баланд бардоштани сатҳи устувории молиявӣ, ки дар ниҳоят, ба рушди беҳтари иқтисодии кишвар оварда мерасонад, кумак хоҳад кард.

Дар мақола усулҳои гуногуни идоракунии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки истифодаи усулҳои гуногуни идоракунии сандуқи қарзӣ метавонад натиҷаҳои молиявии бонкҳоро беҳтар кунад ва хавфҳоро дар соҳаи қарздиҳӣ коҳиш диҳад. Аммо интихоби усулҳои идоракунии сандуқи қарзӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои низоми бонкӣ ва иқтисодиёти кишвар амалӣ карда шавад.

Бо дарназардошти аҳаммияти афзояндаи идоракунии сандуқи қарзӣ дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо дар иқтисодиёт, бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд стратегияҳо ва усулҳои дақиқи идоракунии сандуқи қарзиро бо дарназардошти хусусиятҳои бозор ва сохтори иқтисодиёт таҳия намоянд. Инчунин, рушди низомҳои идоракунии хавфҳо ва назорати сифати сандуқи қарзӣ муҳим аст.

## АДАБИЁТ


1. Алексеев, В.Н. Основы управления кредитными рисками / В.Н. Алексеев. – М.: ИНФРА-М, 2017. – 320 с.
2. Беляева, М.И. Анализ методов управления кредитным портфелем в коммерческих банках России / М.И. Беляева // Менеджмент в России и за рубежом. – 2020. – Т. 13. – № 2. – С. 40-47.
3. Ёфтаков, А.Ш. Масъалаҳои назариявии низоми қарздиҳии хурд дар кишварҳои дар ҳоли гузариш қарордошта / А.Ш. Ёфтаков // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2021. - №4-1(29). - С. 194-198.
4. Кондратьев, В.И. Управление кредитными рисками коммерческого банка / В.И. Кондратьев. – М.: Банки и банковское дело, 2016. – 240 с.
5. Махшулов, С.Ҷ. Асосҳои назариявии фоизҳои бонкӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ / С.Ҷ. Махшулов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2021. - №4-1(29). - С. 199-205.
6. Раҳимзода, Ш. Вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон дар шароити пандемия (COVID-19) / Ш. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2021. - №4-1(29). - С. 7-16.
7. Рудык, Н.Б. Методы управления кредитным портфелем коммерческих банков / Н.Б. Рудык // Финансы и кредит. – 2019. – Т. 25. – №8. – С. 40-46.
8. Сухов, А.В. Анализ основных аспектов и методов оценки эффективности управления кредитным риском портфеля однородных ссуд / А.В. Сухов // Транспортное дело России. – 2008. – № 4. – С. 51-53.
9. Хикматов, У.С. Основные источники финансирования кредитного портфеля ипотечных жилищных кредитов в Республике Таджикистан / У.С. Хикматов, Р.Р. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2021. – Т. 89. - №4. – С. 37-46.
10. Цибарт, Н.Г. Характеристика методов управления кредитным портфелем банка / Н.Г. Цибарт // Школа университетской науки: парадигма развития. – 2013. – №2(9). – С. 249-253.

11. Саидмуродов Л.Х., Зохидов К. Ретроспективный анализ циклического колебания социально-экономической динамики Республики Таджикистан в период государственного суверенитета// Экономика Таджикистана. 2016, N2-3.С. 46-58. ISSN 2310-3957.
12. Шарипов, Б. М. Анализ конкуренции на рынке банковских услуг Республики Таджикистан и методы ее снижения / Б. М. Шарипов, З. Х. Нуруллоев // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. – 2014. – № 4(70). – С. 101-109.

**УДК**: 332.146

## ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ҲУДУДӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ НОБАРОБАРИ МИНТАҚАҲО

***Муслихова Тахмина Тагоевна*** *– н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов* 64/14.

*Мақолаи мазкур ба масъалаҳои назариявии рақобатпазирии ҳудудӣ бахшида шудааст. Моҳияти иқтисодии тақозо таҳлил шуда, сатҳи он муайян карда шудааст. Таъсири омилҳо, чун қоида, нисбат ба талаботи самаранок, ки ифодаи миқдории равшантар дорад, таҳқиқ карда шудааст. Гуфта шудааст, ки ҳамоҳангсозии тақозо ва арза, пеш аз ҳама, дар зери таъсири рақобат сурат мегирад.*

*Тафовути тағйироти нархҳои нисбӣ ва нархҳои номиналӣ асоснок карда шудаанд. Муаллиф бартарӣ ва камбудиҳои корхонаҳои хурду калонро дар бозори озуқаворӣ ҷудо кардааст.*

***Калидвожаҳо***: *қонуни тақозо ва арза, сатҳи тақозо, талабот ба нарх, унсурҳои бозор, бозори озуқаворӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, иқтидори бозор, меъёрҳои физиологии истеъмоли хӯрока.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ПРОСТРАНСТВЕННОЙ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ В УСЛОВИЯХ НЕРАВНОМЕРНОГО РЕГИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ

***Муслихова Тахмина Тагоевна*** *– к.э.н., доцент, заведующая кафедрой банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*:734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова* 64/14.

*Данная статья посвящена теоретическим вопросам пространственной конкурентоспособности. Проанализирована экономическая природа спроса и определен его уровень. Влияние факторов, как правило, исследуется применительно к эффективным требованиям, имеющим более четкое количественное выражение. Отмечено, что согласование спроса и предложения происходит, прежде всего, под влиянием конкуренции.*

*Различия между изменениями относительных цен и номинальных цен обоснованы. Автор выделяет преимущества и недостатки малых и крупных предприятий на продовольственном рынке.*

***Ключевые слова***: *закон спроса и предложения, уровень спроса, ценовой спрос, элементы рынка, продовольственный рынок, продовольственные товары, емкость рынка, физиологические нормы потребления продуктов питания.*

## THEORETICAL BASIS FOR ORGANIZING TERRITORIAL COMPETITIVENESS IN CONDITIONS OF UNEVEN REGIONAL DEVELOPMENT

Muslikhova Tahmina Tagoevna - candidate of economics sciences, associate professor of the banking department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14.

This article is devoted to theoretical issues of regional competitiveness. The economic nature of demand is analyzed and its level is determined. The influence of factors, as a rule, is studied in relation to effective requirements that have a clearer quantitative expression. It is noted that the coordination of supply and demand occurs primarily under the influence of competition.

The differences between changes in relative prices and nominal prices are justified. The author highlights the advantages and disadvantages of small and large enterprises in the food market.

Key words: law of supply and demand, level of demand, price demand, market elements, food market, food products, market capacity, physiological norms of food consumption.

Фондҳои таъминот ё бозорро дар маҳал истеҳсолкунандагони маҳаллии маҳсулот, инчунин воридот аз дигар минтақаҳо ё аз хориҷа ташкил медиҳанд. Ҳаҷми тақозо ё сатҳи тақозо аз рӯйи талаботи умумии аҳолӣ бо назардошти дараҷаи даромади аҳолӣ ва динамикаи сатҳи нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ муайян карда мешавад.

Тақозо одатан ҳамчун миқдори молҳое фаҳмида мешавад, ки дар вақти муайян бо нархи муайян харида мешаванд. Тақозо сохтори мураккаб ва падидаи баҳсбарангези иҷтимоию иқтисодӣ дар бозор мебошад. Дар таснифоти он навъҳои зеринро метавон фарқ кард.

Таъсири омилҳо, чун қоида, нисбат ба талаботи самаранок, ки ифодаи миқдории равшантар дорад, таҳқиқ карда мешавад.

Миқдори талабот ба нарх мутаносибан аст: ҳар қадаре ки нархи мол баланд бошад, ҳамон қадар харидорон барои харидани он камтар майл доранд ва баръакс. Ин таносуб дар иқтисод қонуни тақозо номида мешавад ва бо ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

- агар нархи маҳсулот паст шаваду нархи дигари молҳо тағйир наёбад, он гоҳ харидор ба моли арзонтар тамаркуз мекунад;
- агар нархи мол паст шавад, дар ҳоле ки нархи молҳои дигар ва даромади истеъмолкунандагон бетағйир боқӣ мемонад, он гоҳ охирин ба таври объективӣ «доротар» мешавад, яъне қобилияти харидории онҳо меафзояд.

Тағйирёбии тақозо дар моҳият (тағйирёбии хатти каҷи талабот) дар зери таъсири омилҳои нарх ба амал меояд, ки дар меҳварҳои хатти талабот инъикос мeёбанд. Қонуни тақозоро аз рӯйи нарх ҳамчун омил муайян намуда, мо нархи нисбиро дар назар дорем, яъне нисбат ба дигар молҳо ҳисоб карда мешавад. Дар давраи ҳозираи гузариш, давраи таваррум, ки дараҷаи умумии миёнаи нархҳо баланд мешавад, фарқ кардани тағйироти нархҳои нисбӣ ва нархҳои номиналӣ махсусан муҳим мегардад. Ҳангоми боло рафтани сатҳи таваррум, мол ҳатто дар сурати боло рафтани нархи номиналии он метавонад нисбатан арзонтар шавад

(бо назардошти он ки нархи молҳои дигар боз ҳам тезтар боло меравад). Маҳз нисбатан арзон шудани молҳо боиси афзудани истеъмоли он мегардад. Бояд қайд кард, ки нарх, бешубҳа, ҳамчун омили талабот амал мекунад, аммо дар айни замон он омили пешниҳод низ мебошад, зеро он ҳамчун ифодаи умумии пулии сифати мол хизмат мекунад.

Дар бозори озуқаворӣ маҷмуи ба истилоҳ, яъне ҷуфтҳои молҳое, ки якдигарро иваз мекунанд (ба ивазкунандаҳо), паҳн шудаанд. Ин ҷуфтҳо бо афзоиши нархи яке аз молҳо, афзоиши талабот ба молҳои дигар (гузариши хатти талабот ба рост) хос аст. Аз ин рӯ, нархи молҳои ивазкунанда омилест, ки ба динамикаи талабот дар бозори озуқаворӣ таъсири сахт мерасонад. Талабот ба мол низ ба тағйир ёфтани даромади истеъмолкунандагон вобаста аст, ки қисми зиёди онро музди меҳнат ташкил медиҳад. Бо афзоиши даромад (музди меҳнат) истеъмолкунандагон бештар мол ва хизмат мехаранд, вале дар чунон шароите, ки суръати афзоиши нарх ақиб мемонад.

Унсури дигари муҳимми бозор ин арза мебошад, ки ҳамчун маҷмуи молҳое фаҳмида мешавад, ки дар сатҳи муайяни нархҳо метавонанд аз ҷониби ҳама дар бозори муайяни минтақавӣ пешниҳод карда шаванд. Истеҳсолкунандагони моли маҳаллӣ, аз ҷумла имкони воридот - содирот аз дигар минтақаҳо, яъне миқдори молҳое, ки бо нархи додашуда истеҳсолкунандагони мол барои истеҳсол ва ба фурӯш пешниҳод кардан розианд.

Таъсири мутақобила ва пайвастагии талабот ва пешниҳодро қонуни тақозо ва арза танзим мекунад, ки ягонагии онҳо ва хоҳиши объективии риояи онҳоро ифода мекунад. Он дар соҳаи мубодилаи мол амал карда, зарурати объективии риояи таносуби тақозо ва арзаро ифода мекунад. Дар сурати вайрон карда шудани мутобиқати тақозо ва арза, қонун субъектҳои бозорро водор мекунад, ки таносуби маҳсулот, нархҳои бозорро тағйир дода, бо ҳамин мувозинати байни тақозо ва арзаро барқарор намоянд.

Нарх дар бозори озуқаворӣ арзиши пулии маҳсулоти озуқавориро ифода мекунад. Нархи бозор дар зери таъсири таносуби тақозо ва арза аз арзиши мол дур мешавад. Вақте ки талабот аз пешниҳод зиёд аст, нархи бозори озуқаворӣ боло меравад ва вақте ки пешниҳод аз талабот зиёд аст, паст мешавад. Агар талабот ва пешниҳод мувофиқат кунанд, нархи мувозинат муқаррар карда мешавад. Қонуни тақозо ва арза танҳо дуршавии нархи бозорро аз арзиш танзим мекунад, вале худи арзишро, ки мувофиқи сатҳи хароҷоти меҳнати аз ҷиҳати ҷамъиятӣ зарурӣ ташаккул меёбад, муайян намекунад.

Нархҳои бозорӣ нархҳои воқеиро ифода мекунанд, ки аз рӯйи он хариду фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ анҷом дода мешавад. Дар баробари ин, нархҳои яклухти бозори молҳои озуқаворӣ, ки дар савдои яклухт фурӯхта мешаванд ва нархҳои чаканафурӯшии бозорӣ мавҷуданд, ки аз

рӯйи он маҳсулот ба аҳолии ин ё он минтақа фурӯхта мешавад. Дар бозори озуқавории минтақавӣ нархи ягонаи бозорӣ барои як навъи маҳсулот вуҷуд надорад, он аз рӯйи бозорҳои маҳаллӣ фарқ мекунад ва аз нархи миёнаи минтақа дар маҷмуъ дур мешавад. Барои таносуби тақозо ва арза дар бозори минтақавӣ, пеш аз ҳама, сатҳи нархҳои чакана аҳаммияти калон дорад.

Ҳамоҳангсозии тақозо ва арза, пеш аз ҳама, дар зери таъсири рақобат сурат мегирад. Рақобат, ба маънои васеъ, на танҳо дар байни истеҳсолкунандагон, балки худи истеъмолкунандагон барои хариди маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин байни истеҳсолкунандагон, аз як тараф ва истеъмолкунандагон, аз ҷониби дигар, барои нархи қобили қабул барои онҳо сурат мегирад.

Фарқи нарх ва даромад оқибати механизми бозори аграрӣ, мунтазам будани он мебошад. Амали қонунҳои бозор вазъияти муътадили дарозмуддати номусоиди хоҷагии қишлокро объективона муайян мекунад. Ин хусусияти вазъи бозори маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва озуқавориро хусусиятҳои амали қонунҳои тақозо ва арза дар бахши аграрӣ пешакӣ муайян мекунанд.

Як қатор омилҳое, ки ба механизми бозор таъсир мерасонанд, ба барқарор намудани мувозинати байни тақозо ва арза ва ба ин васила ба беҳтар шудани вазъи бозори кишоварзӣ таъсири зиддиятнок мерасонанд.

Нарх, чунон ки дар боло зикр гардид, омили тақозо ва арза мебошад. Дар байни омилҳои ғайринархӣ алоқаи зич мавҷуд аст, зеро талабот ба маҳсулот аз даромади истеъмолкунанда, завқ, одат, синну сол, талабот ва ғайра вобаста аст. Дар асоси ин хусусиятҳо, ҳамаи истеъмолкунандагонро ба гурӯҳҳои мақсаднок (сегментҳои бозор) тақсим кардан мумкин аст.

Аз омилҳои талабот, ки афзоишро суст мекунанд ё пастшавии онро бозмедоранд, омилҳои марбут ба хусусияти истеъмоли озуқаворӣ ҷудо карда мешаванд. Тавсеаи талабот ба моводи озуқа ҳудуди муайяне дорад, ки бо ҳудуди физиологии истеъмоли инсон алоқаманд аст, яъне маҳдудияти сер шудани талабот вуҷуд дорад. Сарфи назар аз афзоиши босуръати даромади хонаводаҳо, афзоиши талабот баробари наздик шудан ба лимити сершавӣ суст мешавад. Ба ҳамин тариқ, бо афзоиши даромад ҳиссаи талабот ба озуқаворӣ нисбат ба маҳсулоти ғайриозуқа кам мешавад, вале ҳаҷми мутлақ зиёд мешавад ва баръакс, дар баробари кам шудани даромад ҳиссаи талабот ба озуқаворӣ нисбатан меафзояд ва ҳаҷми мутлақи талабот ба озуқаворӣ кам мешавад. Аммо набояд чандирии тақозо ба ғизоро аз рӯйи даромад ба таври дақиқ арзёбӣ кард. Дар марҳалаҳои гуногуни тараққиёти иқтисодиёт, хоҳ ин ҷаҳиш, буҳрон, пастравӣ бошад, инчунин, дар гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ вобаста ба дараҷаи даромади воқеии онҳо, чандирии талаботи озуқа метавонад гуногун бошад. Масалан, дар шароити хеле пасти даромади аҳолӣ, вақте

ки даромад ҳатто ба ҳадди ҳаётан муҳимми зиндагӣ намерасад, тақозо метавонад чандир бошад, дар сатҳи миёнаи даромад тақрибан чандирии воҳид ва дар сатҳи даромади баланд тақозо чандир набошад. Ин аз он сабаб аст, ки баробари наздик шудани истеъмоли озуқаворӣ ба меъёрҳои оқилона талабот қонеъ мешавад ва афзоиш амалан қатъ мегардад.

Ҳар бозор, аз ҷумла бозори озуқаворӣ инфрасохтори худро дорад, ки омӯзиши он имкон медиҳад, ки раванди фаъолият ва рушди он идорашаванда ва сарфакоронатар шавад. Бозор системаест, ки робитаи байни бисёр фурӯшандагон ва харидоронро таъмин мекунад. Истеҳсолкунанда, чун қоида, худро аз истеъмолкунанда дур мекунад, дар байни онҳо миёнаравҳои гуногун фаъолият мекунанд. Яъне, равандҳои хариду фурӯш асосан миёнаравӣ ва танзим карда мешаванд, дар маҷмуъ, он як системаи мураккабест, ки хароҷоти зиёди меҳнат ва таъминоти дахлдори моддию техникиро талаб мекунад. Ҳамин тариқ, инфрасохтори бозори озуқаворӣ маҷмуи зерсоҳаҳои ёрирасон ва воситаҳоест, ки равандҳои бозорро - робитаи иштирокчиёни тақсимоти молҳо, хариду фурӯш ва ғайраро таъмин мекунанд.

Бо воситаҳои моддию техникӣ ва ахборотӣ таъмин намудани протсессҳои бозор ба хамдигарӣ ва ҳолати ҷузъҳои муҳим, монанди савдои яклухт ва чакана, хӯроки умумӣ, соҳаи хизматрасонӣ вобаста аст.

Бояд гуфт, ки корхонаҳои хурду калон дар бозори озуқаворӣ ҳам бартарӣ ва ҳам камбудиҳои худро доранд. Вусъат додани тиҷорати хурд дар хоҷагии қишлоқ бояд ба вуҷуд омадани шумораи бештари корхонаҳои хурди савдо ва шаклҳои алоҳидаи савдоро муайян намояд. Истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагони калони кишоварзӣ аз нуқтаи назари таъмини сатҳи баланди самаранокӣ бештар ба бунёди корхонаҳои миёна ва калон таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Пешниҳоди маҳсулоти хӯрокворӣ ва талабот ба он шаклҳои фаъолияти иқтидори бозор мебошанд. Натиҷаи ба амал баровардани иқтидори бозори озуқаворӣ қонеъ гардондани талаботи истеъмолкунанда, ба соҳаи муомилот ҷалб намудани анбӯҳи молҳо ва минбаъд ба соҳаи истеъмол гузаштани онҳо мебошад.

Дар ин ҷо муайян кардан хеле муҳим аст, ки қонеъ гардондани талаботи истеъмолкунандагон ба маҳсулоти озуқаворӣ то чӣ андоза меъёрҳои физиологии истеъмоли озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ, яъне, ба ибораи дигар, қонеъ гардондани талаботи истеъмолкунанда маънои дар кадом сатҳ иҷро намудани меъёрҳои физиологии истеъмоли озуқаро аз тарафи аҳолӣ дорад? Гап дар сари он аст, ки талаботи истеъмолкунандагон ба маҳсулоти озуқаворӣ қонеъ гардонда, бо озуқа таъмин намудани аҳолӣ аз меъёрҳои физиологии ба ҳар сар аҳолӣ хеле дур (яъне аз меъёр паст) бошад.

Вобаста ба талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ, таъминоти онҳо ва сатҳи иҷрои меъёрҳои физиологии истеъмоли ғизо ба ҳар сари аҳолӣ, ҳолатҳои зерин метавонанд ба амал оянд:

- аввалан, арза талаботи истеъмолкунандагонро ба пуррагӣ қонеъ мегардонад, маҳсулоти озуқаворӣ бошад, ҳаҷми истеъмоли озуқа аз меъёри физиологии ба ҳар сари аҳолӣ кам аст. Ин вазъият дар мавридҳое ба амал

меояд, ки аҳолӣ камбизоат аст, бинобар ин, талаботи истеъмолии он аз меъёри физиологии истеъмоли озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ паст аст;

- дуюм, арза тақозоро қонеъ намекунад (поёнтар аз сатҳ), вале ҳаҷми маҳсулоти хӯроквории воқеан истеъмолшуда аз меъёри физиологии истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ зиёд мебошад. Ин вазъият метавонад дар байни аҳолии сарватманд ба амал ояд, ки дар он ҷо хӯрокхӯрӣ ва истеъмоли исрофкоронаи захираҳои озуқаворӣ рух медиҳад, ки онҳо аз меъёрҳои физиологӣ зиёдтар истеъмол мекунанд ва аз сабаби қобилияти харидории ин сатҳи аҳолӣ, ба онҳо имкон медиҳад, ки бештар маҳсулоти хӯрокворӣ харанд, пас онҳо бештар талаб мекунанд;

- сеюм, қонеъ гардондани талаботи истеъмолкунанда дар дараҷаи охирини меъёрҳои физиологии истеъмоли озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Чунин вазъият метавонад дар байни одамони сарватманд, ки меъёрҳои физиологии истеъмоли ғизоро риоя мекунанд, рӯй диҳад.

Дар ин ҷо ҳолатҳои дигар низ ба вуҷуд омада метавонанд: арза метавонад дар сатҳи меъёрҳои физиологии истеъмол бошад ва тақозо - бештар ё камтар аз сатҳи талабот, тақозо - дар сатҳи меъёрҳои физиологии истеъмол ва арза - бештар ё камтар аз ин сатҳ бошад ва ғ.

Дар ҷумҳурӣ меъёрҳои физиологии истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар сари аҳолӣ мавҷуданд, ки дар солҳои шуравӣ, дар охири солҳои 80-ум тартиб дода шуда буданд. Ин меъёрҳо ба стандартҳои ҳозираи байналхалқии озуқаворӣ мувофиқ нестанд ва хусусиятҳои миллии хӯрокии аҳолии ҷумҳурии моро ба таври бояду шояд ба назар намегиранд. Дар ҷумҳурӣ ҳатто нисбат ба ин меъёрҳо дараҷаи баланди истеъмоли баъзе навъҳои маҳсулоти озуқаворӣ мушоҳида карда мешавад.

**Ҷадвали 1. - Истеъмоли озуқаворӣ ба сари аҳолӣ дар як сол (килограмм)**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 11,2 | 13,9 | 14,9 | 14,6 | 14,8 | 14,0 | 14,2 | 13,1 |
| шир ва маҳсулоти шир | 58,0 | 52,0 | 58,8 | 57,5 | 59,5 | 58,1 | 60,5 | 63,9 |
| тухм, дона | 60 | 62 | 71 | 72 | 68 | 76 | 84 | 92 |
| қанд, аз ҷумла маҳсулоти қаннодӣ | 13,6 | 13,4 | 14,0 | 13,7 | 14,3 | 15,9 | 16,9 | 15,44 |
| маҳсулоти нонӣ | 154 | 157 | 153 | 150 | 151,5 | 161,4 | 165,4 | 158,7 |
| картошка | 35,0 | 38,6 | 33,3 | 35,8 | 39,1 | 42,4 | 46,4 | 42,4 |
| сабзавот ва полизӣ | 88,1 | 76,9 | 76,0 | 80,0 | 80,4 | 89,0 | 88,5 | 86,4 |
| меваҷот, буттамева ва ангур | 32,9 | 40,0 | 33,5 | 35,9 | 30,4 | 33,3 | 38,7 | 33,2 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| равғани растанӣ | 14,6 | 15,5 | 16,4 | 15,7 | 17,1 | 16,7 | 18,3 | 17,5 |

***Сарчашма**: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон* 2020 / *Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*, 2020. – *С.*118.

Ҳамин тавр, унсури бозор дар истеъмоли аҳолӣ як қатор проблемаҳоро «ба миён меорад», ба механизми иқтисодии ба даст овардани даромади аҳолӣ тағйироти куллӣ ворид карда, музди меҳнат амалан вазифаи ҳавасмандгардониро бозмедорад. Ҳамаи ин, дар ниҳояти кор, ба дараҷаи истеъмоли озуқаворӣ таъсир мерасонад.

**Адабиёт**


1. Астапенко, М.С. Теории и концепции пространственной экономики: сущностные аспекты и эволюция подходов / М.С. Астапенко // Вестник Евразийской науки. – 2018. - №1, Том 10. ISSN 2588-0101: [электронное издание] https://esj.today
2. Дюркгейм, Э. Социология и социальные науки. Социология. Ее предмет, метод, предназначение / Э.Дюркгейм. – М.: Канон, 1995. - 350 с.
3. Канг, У. Стратегическое планирование и хозяйственная практика / У. Канг, Д. Клиланд. - М.: Прогресс, 1982. - 264 с.
4. Кандыерова, Д.О. Теоретические основы развития экономического пространства регионов: монография / Д.О. Кандыерова, И.И. Каримова. – Душанбе: ТГФЭУ, 2018. – 220 с.
5. Каримова, Н.И. Вербализация концепта «Пространство» в русской, польской и таджикской национально-культурных картинах мира: монография / Н.И. Каримова. – Душанбе: РТСУ, 2020. – 174 с. ISBN 978-99975-63-55-2
6. Николаева, О.В. Понятие концептуального пространства в методологии языкознания / О.В. Николаева // Личность. Культура. Общество. - 2011. - Т.13. - Вып. 2 (6364). - С. 186-196.
7. Рахимов, Р.К. Общеэкономические пропорции в народном хозяйстве Республики Таджикистан [Текст] / Р.К. Рахимов, Я.П. Довгялло, Б.М. Шарипов // Вестник РТСУ. – Душанбе, 2015. - №1 (48). - С.58-66.
8. Симарова, И.С. Обоснование регионального развития с учетом связанности экономического пространства: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Симарова Ирина Сергеевна. – Тюмень, 2014. – 146 с.
9. Ярошевский, Б.Е. Теория периферийной экономики / Б.Е. Ярошевский. - М.: Мысль, 1973. - 214 с.


---

**УДК**: 658.7

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ НИЗОМИ ТАЪМИНОТИИ ШУРАВӢ ВА АҲАММИЯТИ ОМӮЗИШИ ОН ДАР ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Исматов Асадулло Ҳурматович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға*: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ* 17, *Тел.*: (+992) 93-943-77-77, *почтаи электронӣ*: aismatov@yahoo.com.

*Дар мақолаи мазкур, дар асоси таҳлили таърихӣ, масоили таъминоти моддию техникии соҳаҳои иқтисоди Иттиҳоди Шуравӣ таҳти омӯзиш қарор гирифтааст.*

*Муаллиф аҳаммияти омӯзиш ва истифодабарии дастовардҳои ИЧШС-ро дар соҳаи таъминоти моддию техникии иқтисод кушода, муҳиммияти банақшагирии таъминотро дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба исбот расонидааст.*

*Дар асоси таҳлили таърихӣ ва баҳодиҳии ҳолати кунунии таъминоти моддию техникии иқтисоди кишвар, муаллиф пешниҳодҳои муфид таҳия кардааст, ки ба онҳо истифодабарии услубҳои иқтисодию математикӣ барои тартиб додани модели таъминоти логистикии иқтисод, ривоҷ додани услубҳои транзитӣ ва анбории савдои яклухт вобаста ба талаботи истеъмолкунандагон ба воситаи автоматикунонии идораи пойгоҳҳо таъминоти рушди мудирияти раванди таъминоти моддию техникӣ, бо мақсади такмил додани робитаҳои мустақими дарозмуддати иқтисодии байни корхонаҳо дохил мешаванд.*

***Калидвожаҳо***: *низоми иҷтимоӣ, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, тавозун, таъминоти моддию техникӣ, савдои яклухти воситаҳои истеҳсолот, услуби мутамарказонидашуда, низоми банақшагирии давлатӣ, таъминоти давлатӣ.*

## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ СОВЕТСКОЙ СИСТЕМЫ СНАБЖЕНИЯ И ЗНАЧЕНИЕ ЕЕ ИЗУЧЕНИЯ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Исматов Асадулло Хурматович*** - *кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и страхования, Таджикский национальный университет. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки,* 17. *Тел.*: (+992) 93-943-77-77. *E*-mail: aismatov @ yahoo.com

*В данной статье на основе исторического анализа изучаются вопросы материально-технического обеспечения экономики Советского Союза. Автор раскрыл важность изучения и использования достижений СНГ в области материально-технического обеспечения экономики, доказал важность планирования поставок в условиях рыночных отношений.*

*На основе исторического анализа и оценки современного состояния материально-технического снабжения экономики страны автором выработаны полезные предложения, к которым относятся: использование экономико-математических методов для создания модели логистического снабжения экономики; развитие транзитно-складских методов оптовой торговли в зависимости от потребностей потребителей путем автоматизации управления базами поставок; развития управления логистическим процессом в целях улучшение прямых долгосрочных экономических связей между предприятиями.*

***Ключевые слова***: *социальная система; ключевые макроэкономические показатели; баланс; материально-техническое обеспечение; оптовая торговля средствами производства; централизованный метод; система государственного планирования; государственная снабжения.*

## COMPARATIVE ANALYSIS OF THE SOVIET SUPPLY SYSTEM AND ITS SIGNIFICANCE OF STUDY IN ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPOBLIC OF TAJIKISTAN

Ismatov Asadullo Khurmatovich - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance and Insurance. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 93 943 7777. E-mail: aismatov@yahoo.com

This article, based on a historical analysis, examines the issues of logistics of the economy. The author reveals the importance of studying and using the achievements of the

USSR in the field of logistics of the economy, and proves the importance of supply planning in a market economy.
Based on historical analysis and assessment of the current state of logistics supply of the country's economy, the author has developed useful proposals, which include: the use of economic and mathematical methods to create a model of logistics supply to the economy; development of transit and warehouse methods of wholesale trade depending on consumer needs by automating the management of supply bases; development of logistics process management in order to improve direct long-term economic relations between enterprises.

Key words: social system; key macroeconomic indicators; balance method; logistics; wholesale trade in means of production; centralized style; state planning system; sectoral state support.

Ҳар як ҷамъият дар давраҳои мавҷудияти худ дастовардҳо ва камбудиҳои худро дорост. Замоне ки камбудихо дар сиёсат, иқтисодиёт, муносибатҳои байналхалқӣ, иҷтимоиёти як мамлакат аз дастовардҳои он боло меравад, дар охири кор ин ба барҳамхӯрӣ ё табаддулоти кишвар оварда мерасонад. Бинобар тамоми камбудиҳо, дастовардҳои мамлакатҳои ба таърих пайваста ва аз харита баровардашуда бояд доимо таҳти омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гиранд. Дар асоси ин таҳқиқот пеши роҳи камбудиҳо гирифта шаванд ва дастовардҳо, услубҳои самараноки идоракунии ин ё он низом пайваста дастгирӣ ва дар таҷрибаи имрӯза ва ояндаи мамлакат истифода гарданд.

Яке аз чунин низомҳо сохти идоракунии шуравӣ ба шумор меравад, ки дар баробари камбудиҳо дастовардаҳо низ дошт. Мамлакатҳои империалистӣ камбудиҳои низоми шуравиро бар зидди худи шуравӣ моҳирона истифода бурда, дастовардҳояшро бошад, таҳти номҳои гуногун барои мустаҳкам кардани вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии худ ба кор андохтаанд. Масалан, дар солҳои 60-80-уми асри XX ИҶШС яке аз мамлакатҳои абарқудрате буд, ки низоми иҷтимоӣ дошт ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии он дар тавозун буданд. Нишондиҳандаҳои макроииқтисодӣ гуфта, мо музди ҳадди ақали меҳнат, ҳадди ақали зиндагӣ ва даромади аз андоз озоди шаҳрвандонро дар назар дорем. Дар тавозун будани ҳамин се нишондиҳанда вазъияти босубот ва устувории иқтисодию иҷтимоии ҷамъиятро ифода менамояд, ки онро давлати ИМА дар кишвари худ пурра роҳандозӣ кардааст. Масалан, дар даҳаи аввали асри муосир дар штати Ню-Йорки ИМА дар як моҳ маблағи ҳадди ақали музди меҳнат баробар ба маблағи ҳадди ақали зиндагӣ ва даромади аз андоз озоди шаҳвандон буд, ки он 1500 доллари ИМА-ро ташкил медод. Агар мо ин нишондиҳандаҳоро дар кишвари худ дар муқоиса гузорем, рақамҳои зеринро мебинем: 600 сомонӣ (аз 1 июли соли 2024 ба 800 сомонӣ баробар карда мешавад), 1600 сомонӣ ва 68*2=136 сомонӣ мебошад, ки он ба тавозуншавӣ наздик нест.

Ба ҳамин монанд масъалаҳои дигаре ҳастанд, ки онҳо қобили омӯзишанд. Дар қатори ин масъалаҳо низоми таъминот ва савдои яклухти воситаҳои истеҳсолотро дохил кардан мумкин аст. Тасаввур кунед, як

мамлакатро, ки дорои 15 ҷумҳурӣ ва ҳазорҳо ташкилоту муассисаҳои бо риштаҳои хоҷагидории бо ҳам алоқаманд, чӣ тавр фаъолияташон бо услуби мутамарказонидашуда пурра таъмин карда мешуд. Низоми банақшагирии давлатӣ (Госплани ИҶШС) ва таъминоти давлатӣ (Госснаби ИҶШС) ин корро дар дараҷаи баланди пурсамар ва бениҳоят илмӣ ба роҳ монда буд. Госснаби ИҶШС (Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба таъминоти моддӣ-техникӣ) - мақомоти марказии давлатии ИҶШС, ки солҳои 1918-1921, 1948-1953 ва 1965-1991 мавҷуд буд, вазифаҳои зеринро иҷро кард: иҷрои нақшаҳои таъминоти моддию техникӣ, тақсимоти маҳсулот ба истеъмолкунандагон тибқи номенклатураи муқарраршуда, таъминоти таҳвили кооперативии байнисоҳавӣ, назорати саривақтии иҷрои нақшаҳои таҳвили маҳсулот [10, с.3]. Кори Госснаби ИҶШС бо Госплани ИҶШС, Вазорати молияи ИҶШС ва вазорату идораҳои соҳавии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҳамоҳанг карда мешуд. Агар мо фаъолияти ширкатҳои трансмиллии бузурги ҷаҳони имрӯзаро гирем, аксарашон дастовардҳои нақшагирӣ ва таъминотии шуравиро асоси фаъолияти кори худ қарор дода пешрафт кардаанд.

Дар ҳама марҳилаҳои сохтмони ҷамъиятӣ таъминоти моддию техникӣ дар такрористеҳсолкунии васеъ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Давлат тавассути мақомоти иқтисодӣ ба ташкили истеҳсоли мол ва таъминоти моддию техникии истеҳсолот таъсиррасон аст.

Дар солҳои аввали ҳукумати Шуравӣ назорати коргарӣ (ноябри 1917) ва сипас Комиссияи истифода (1918) таъсис дода шуд, ки вазифаи таъминотии иқтисодро бар дӯш дошт, дар ҳайати Шурои Олии хоҷагии халқ (ВСНХ) қисматҳои махсус барои таъминот ва фурӯши маҳсулот ташкил карда шуданд. ки мутобиқ бо рушди иқтисодиёти сотсиалистӣ ва вобаста ба вазифаҳои мушаххаси иқтисодӣ такмил ва тағйир дода мешуданд. Соли 1920 Шурои таъминот ва тақсимот дар ҳайати Шурои Олии хоҷагии халқ таъсис дода шуд, ки он соли 1921 ба Идораи марказии таъминот - Сентроснаб табдил ёфт. Дар давраи барқарорсозии хоҷагии халқ ва дар солҳои аввали индустрикунонӣ (1921-29) ташкили таъминот ва фурӯш асосан тавассути трестҳо ва синдикатҳо сохта шуд (ниг. дар интернет: Трестҳо ва синдикатҳо дар ИҶШС) ва дар солҳои нақшавии панҷсолаи пеш аз ҷанг – низоми таъминот тавассути шуъбаҳои таъминот ва фурӯши ассотсиатсияҳои соҳавӣ ва муассисаҳои маҳаллии таъминот (1929–36) амалӣ карда мешуд. Бо таъсиси комиссариатҳои халқии саноатӣ, дар таркиби онҳо системаи бахшии таъминот ва фурӯш пайваста ташаккул ёфт, аз ҷумла шуъбаҳои асосии таъминоти моддию техникӣ (главснабы) ва саршуъбаҳои фурӯш (главсбыты) бо шабакаи васеи офисҳои таъминот ва фурӯш, пойгоҳҳо ва анборҳо дар минтақаҳое, ки саноат мутамарказ мебошанд, ташкил карда шуданд. Ташаккули ин система асосан дар давраи пеш аз ҷанг ба анҷом расид (1940). Он дар давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941–45, инчунин дар давраи пас

аз ҷанг, пеш аз гузаштан ба идоракунии саноат дар асоси принсипи минтақавӣ (1957) амал кард. Дар солҳои ҷанг ва дар солҳои аввали пас аз ҷанг (1941–47) бо мақсади мутамарказ кардани захираҳои навъҳои муҳимтарини маҳсулот барои эҳтиёҷоти мудофиа ва барқарорсозии хоҷагии халқ, вазифаҳои таъмини кишвар бо чӯбу тахта, маҳсулоти нафтӣ, ангишт ва металл дар мақомоти дахлдори давлатӣ мутамарказонида шуда буданд. Дар давраи идоракунии саноат тавассути шуроҳои иқтисодӣ (1957–65), системаи ташкили таъминоти моддию техникӣ дар асоси принсипи минтақавӣ аз нав сохта шуд. Дар ноҳияҳои иқтисодӣ шуъбаҳои худтаъминкунандаи таъминот ва фурӯш бо гузаштани идораҳо, пойгоҳҳо ва анборҳои вазоратҳои собиқ таъсис дода шуданд.

Мувофиқи қарорҳои пленуми сентябрии (1965) КМ КПСС, дар баробари гузариш ба сохтори соҳавии идоракунии саноат, низоми умумихалқии байнисоҳавии таъминоти моддию техникӣ ташкил ёфт. Барои идоракунии таъминоти хоҷагии халқ, Комитети давлатии иттифоқӣ - ҷумҳуриявии Совети Вазирони ИҶШС барои таъминоти моддию техникӣ (Госснаби ИҶШС) созмон дода шуд, ки ба он вазифаҳои зерин гузошта шуд: иҷрои нақшаҳои таъминоти моддию техникӣ ва фурӯши маҳсулот; таъмини таъминоти кооперативии байнисоҳавӣ; барқарор намудани муносибатҳои оқилонаи иқтисодӣ байни корхонаҳо; рушди савдои яклухти воситаҳои истеҳсолот; тақсимот дар байни истеъмолкунандагон маҳсулоте, ки Госплани ИҶШС тақсим накардааст, ки нақшаи истеҳсоли онро вазоратҳои дахлдор тасдиқ мекунанд; назорат аз болои вазоратҳо, идораҳо ва корхонаҳо аз ҷониби сари вақт иҷро шудани нақшаҳои интиқоли маҳсулот; таҳия ва татбиқи тадбирҳои такмил додани система ва мақомоти таъминоти моддию техникӣ. Фармоишҳои Госснаби ИҶШС ҷиҳати масъалаҳое, ки ба салоҳияти он дохил мешуданд, барои вазоратҳо ва дигар ташкилотҳо ҳатмӣ буданд.

Системаи умумимиллии таъминоти моддию техникӣ принсипҳои минтақавӣ ва соҳавии сохтани мақомоти таъминот ва фурӯшро муттаҳид мекард ва ба ҳамкории зичи қисматҳои он (мақомоти минтақавии союзглавснабсбытҳо ва союзглавкомплектҳо дар марказ) асос мегирифт. Дар соли 1973 аз қисматҳои зерин иборат буд: 58 дирексияи таъминоти моддию техникӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва вилоятҳои мамлакат; 24 дирексияи асосии таъминот ва маркетинги маҳсулот (союзглавснабсбыты); 12 дирексияи асосӣ барои ба даст овардани таҷҳизот, асбобҳо ва маҳсулоти корхонаҳои сохташаванда ва азнавсозӣ (союзглавкомплекти).

Ба мақомоти ҳудудии Госснаби ИҶШС маъмуриятҳо ва пойгоҳҳои таъминоти махсусгардонидашуда ва универсалӣ, дӯконҳои яклухти фурӯши маҳсулоти саноатӣ ва техникӣ, корхонаҳои таъминот ва коркарди ашёи хоми дувум, таъмири бастабандӣ ва ташкилотҳои савдои чӯб дохил

мешуданд. Ғайр аз ин, ин система ташкилотҳои таъминкунандаи нафтро дар бар мегирифт. Барои дар асоси илм такмил додани идоракунии таъминоти моддию техникӣ ташкилотҳои илмию тадқиқотӣ ва лоидакашӣ ташкил додашуда, марказҳои ҳисоббарор ва стансияҳои ҳисоббарор барпо карда шудаанд.

Дар соли 1973 системаи таъминоти саросарӣ ба беш аз 130 ҳазор истеъмолкунанда, яъне нисбат ба соли 1966 ду маротиба зиёдтар хидмат мерасонд ва ҳамаи истеъмолкунандагони хоҷагии халқро бо маҳсулоти нафтӣ таъмин кард. Муомилоти он дар як сол тақрибан 140 миллиард рублро ташкил медод, ё зиёда аз 60% гардиши умумии маҳсулоти саноатӣ ва техникиро ташкил медод. Дар соли 1973 Союзглавкомплект зиёда аз 4,5 ҳазор сохтмонро ба анҷом расонид, ки маблағгузории умумии онҳо зиёда аз 16 миллиард рублро ташкил медод.

Дар худи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷузъи шуравӣ буд, низоми марказонидашудаи таъминоти моддию техникии тамоми соҳаҳо ба воситаи пойгоҳҳои Госснаби ИҶШС ва анборҳои таъминоти ҷумҳуриявӣ ба мисли Тоҷикселхозтехника, Тоҷикселхозхимия, Тоҷикбакалея, Тоҷиккоопхозторг, Тоҷикпишилегснабсбит, Лесоснаб, металлоснаб ва ғайраҳо амал мекарданд. Ин ташкилотҳо дар асоси нақшаҳои таъминоти фаъолияти бемайлони корхонахои саноатӣ, кишоварзӣ, сохтмонӣ ва ғайра босуботона таъмин менамуданд.

Баъди пош хӯрдани ҳукумати шуравӣ ва ба даст овардани истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкил кардани муносибатҳои бозорӣ дар кишвар аксари ин базаҳоро хусусӣ кард. Гарчанде ки дар шартномаи хариду фурӯши хусусигардонии объектҳои давлатӣ талаб карда мешуд, ки ақаллан 50 фоиз фаъолияти пештараи худро идома бахшанд, вале онҳо то имрӯз фаъолияти аввалияи худро давом надоданд. Яъне базаҳою анборҳои низоми яклухтфурӯшӣ аз байн рафта, дар ҷои онҳо сохторҳои нави бозорӣ созмон дода нашуданд. Ба ҷои онҳо бозорҳои калони чаканаю яклухтфурӯшӣ дар пойтахт ва марказҳои вилояту шаҳрҳои калони кишвар пайдо шуданд, ки ин маънои ба таври эҳтимолӣ ташкил кардан ва тараққӣ додани соҳаҳои иқтисодро дорад.

Гузариш ба бозори иқтисодӣ бояд хело бонизомона ва дурбинона ба роҳ монда мешуд. Ҳазорҳо корхонаҳои хурду миёна баъди хусусигардонӣ фаъолияти аслии худро пурра аз даст доданд, ки сабаби асосии он канда шудани робитаҳои хоҷагидорӣ дар байни ташкилотҳои таъминкунанда ва истеҳсолкунанда буд. Базаҳои таъминотӣ соҳибони хусусӣ пайдо карданд, вале фаъолияти худро бо сабабҳои барҳам хӯрдани низоми марказонидашудаи таъминот аз даст доданд. Ба мурури барҳам хӯрдани низоми яклухт ва чаканаи шуравӣ дар ҷумҳурӣ бозори таъминоти моддӣ-теҳникӣ фано шуд. Ин буд, ки тараққиёти бемайлони истеҳсолоти ҷамъиятӣ таназзул кард ва то имрӯз он қаноатбахш фаъолият наменамояд.

Албатта, бо мурури замон ва дастгирии тоҷирони бурунмарзию ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ пружаҳои алоҳида ба мисли корхонаҳои истеҳсоли семент, ришта ва ноқил дар ҷумҳурӣ ба кор андохта фаъол гардидаанд. Вале дар умум низоми таъминоти соҳавӣ дар мамлакат мавҷуд нест ва пешбинии стратегӣ ва таъминоти стратегии истеҳсолот ғайриимкон шудааст. Барои ҳалли масъалаи таъминоти моддию техникӣ, истеҳсолоти ҷамъиятӣ мо ба амсилае ниёз дорем, ки дар асоси он талаботи воқеии соҳаҳои гуногун чен карда шаванд ва барномаҳои умумиҷумҳуриявиро бо рақамҳои санҷидашуда ва таҳлилшаванда таҳия ва қабул намоем.

Истеҳсолот асоси базавии тараққиёти тамоми соҳаҳои дигар мебошад ва ҳалли масъалаи таъминоти онҳо ба воситаҳои истеҳсолот (асосӣ ва гардон) рушди бемайлони иқтисодиро таъмин менамояд. Ҳар як сомоние, ки ба истеҳсолот равона карда мешавад, дар умум, ба иқтисодиёт таъсири мултипликатсионӣ дошта, ба ҳар соҳа ба андозаи коэффитсиенти хароҷоти пуррааш таъсир мерасонад.

Таъминоти моддию техникии Шуравӣ раванди тақсимоти нақшавӣ ва ташкили гардиши воситаҳои истеҳсолот, аз ҷумла фурӯши маҳсулоти саноатӣ ва техникии истеҳсолкардаи корхонаҳо ва ба истеъмолкунандагон пешниҳод кардани онҳо буд. Бозори иқтисодӣ маънои бе нақша пеш бурдани муносибатҳои иқтисодиро надорад. Баръакс, ҳар як корхонаю ташкилот пеш аз бақайдгирии фаъолияти тиҷоратии худ нақшаи кори худро барои 3-5 сол омода менамояд ва тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти худро ба бозор мутобиқ намуда ба кор оғоз мекунад. Назарияи макроиқтисоди бозорӣ асосан бо матраҳнамоии саволҳои «Чӣ истеҳсол намоем?», «Барои кӣ истеҳсол намоем?» ва «Чӣ қадар истеҳсол намоем?» сар мешавад, ки ин саволҳо асоси нақшагирии макроиқтисодӣ ва маблағгузории молиявиро ташкил менамоянд. Фарқияти нақшагирию маблағгузории бозорӣ нисбат ба нақшагирии иқтисодӣ ва маблағгузории Шуравӣ дар мутамарказ набудани нақша мебошад.

Яъне дар шароити бозори иқтисодӣ ҳеҷ нафар барои тоҷирон ҳаҷму намудҳои маҳсулоти истеҳсолшавандаро муайян ва маҷбур карда наметавонад, чунки худи тоҷир дар асоси омӯзиши амиқи бозор самаранокии фаъолияти худро бояд таъмин созад. Тоҷир худ нақшаи ҳаҷми истеҳсол, маблағгузории зарурӣ барои фаъолият ва фурӯшро муайян менамояд ва дар ҳолати зараровар шудани бизнес фаъолияти худро қатъ мекунад ё онро ба самти дигар равона мекунад. Ҳар се саволи макроиқтисод ба раванди маблағгузории таъминоти моддию техникӣ алоқа доранд, чунки онҳо барои таъмин кардани робитаи истеҳсолот ва истеъмоли маҳсулот дар соҳаҳои ба ҳам алоқаманди хоҷагии халқ, ки яке аз шартҳои муҳимми баландбардории суръати рушди иқтисодӣ мебошад, кумаки беандоза мерасонанд. Дар навбати худ, ташкили нақшавии соҳаи

муомилоти воситаҳои истеҳсолот аз бисёр ҷиҳат ба самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо таъсир мерасонад. Истеҳсоли бемайлони маҳсулот, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, беҳтар истифода бурдани фондҳои асосӣ ва гардишии корхонаҳо ба таъминоти саривақтӣ ва пурраи истеъмолкунандагон бо захираҳои моддӣ вобаста аст.

Таъминоти моддию техникӣ аз ҷиҳати ташкилӣ дар системае, ки соҳаи муомилоти воситаҳои истеҳсолотро назорат мекунад, шакл гирифтааст. Бо назардошти мавқеи байнисоҳавӣ, он дар пайвастагии идоракунии амудӣ ва уфуқии иқтисодӣ қарор дошта, ҳамчун системаи мутамаркази танзими ҷараёнҳои моддӣ дар кишвар амал мекунад. Системаи умумимиллии таъминоти моддию техникӣ имкон медиҳад, ки соҳаи муомилот бидуни маҳдуд кардани он бо маҳдудиятҳои идоравӣ ташкил карда шавад ва ҳамзамон аз бартариҳои роҳбарии соҳавии саноат истифода бурда шавад. Дар вазорату идораҳои соҳавӣ, чун қоида, танҳо шуъбаҳои асосии таъминоти моддию техникӣ (главснабы) нигоҳ дошта шуданд, ки онҳо вазифаҳои банақшагирӣ ва тақсимоти намудҳои муҳимтарини маҳсулот байни вазоратҳои (идораҳои) тобеъ, корхонаҳои бидуни шабакаи канории ташкилотҳои маҳаллии таъминот иҷро менамуданд. Дар баъзе соҳаҳо, бо дарназардошти хусусияти онҳо, шабакаи ташкилотҳои худидоракуни таъминоти моддию техникӣ бо пойгоҳҳо ва анборҳоро доштанд.

Банақшагирӣ таъминоти моддию техникӣ дар асоси усули тавозун амалӣ карда мешавад [13]. Нақшаи таъминоти моддию техникӣ системаи тавозунҳои моддӣ ва нақшаҳои тақсимоти маҳсулот мебошад. Тавозунҳои моддӣ манбаъҳо ва тақсимоти маҳсулотро бо мақсадҳои иқтисодӣ (барои ниёзҳои истеҳсолӣ ва амалиётӣ, барои сохтмони асосӣ, барои фонди бозор, барои эҷоди захираҳо ва ғ.) мепайвастанд. Нақшаҳои тақсимот тақсимоти мақсадноки захираҳои моддиро барои дорандагони фондҳо таъмин мекарданд. Дар ИҶШС барои навъҳои муҳимтарини маҳсулоте, ки ба номенклатураи Госплани ИҶШС дохил карда мешуданд (тақрибан 1900 адад), тавозунҳо ва нақшаҳои тақсимотро Госплани ИҶШС таҳия мекард (нигаред ба Государственный плановый комитет); барои боқимондаи навъҳои зиёди маҳсулот (зиёда аз 13 ҳазор номгӯй) ин функсияро системаи Госснаби ИҶШС иҷро мекунад.

Ғайр аз ин, барои як қатор намудҳои маҳсулот, асосан истеҳсол ва истеъмоли дохили соҳа, тавозун ва нақшаҳои тақсимотро вазорату идораҳои алоҳида бояд таҳия кунанд. Бо мақсади беҳтар намудани таъминоти моддию техникӣ проблемаи мувозинати нақшаҳо, чуқуртар омӯхтани масъалаҳои байнисоҳавӣ дар онҳо, такмил додани усулҳои муайян кардани талаботи хоҷагии халқ ба воситаҳои истеҳсолот ва меъёрҳои аз ҷиҳати техникӣ асосноки истеъмоли моддӣ, истифодаи васеи

тавозунҳои байнисоҳавӣ ва минтақавии истеҳсол ва тақсимоти маҳсулот бояд ҳал карда шавад.

Таъмини бефосилаи моддии истеҳсолот ва сохтмон системаи аниқи иҷрои нақшаҳои таъминотро тақозо мекунад. Ин тавассути муайян кардани эҳтиёҷоти мушаххас ба захираҳои моддӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии таъминот, вобастакунии оптималии таъминкунандагон ба истеъмолкунандагон, муайян кардани ҳаҷми фармоишҳои истеҳсолӣ барои истеҳсол ва таъминоти маҳсулот, бастани шартномаҳои тиҷорӣ ва ташкили назорати таъминот ба даст оварда мешавад. Дар ИҶШС ин танзими муносибатҳои тарафҳо дар асоси Низомномаи тасдиқнамудаи ҳукумат "Дар бораи таҳвили маҳсулоти саноатӣ ва техникӣ" ва шароити махсуси таъминот ба намудҳои алоҳидаи маҳсулот, ки Кумитаи давлатии амнияти миллии ИҶШС якҷоя бо Суди Арбитражи давлатии ИҶШС тасдиқ кардааст, амалӣ карда мешуд.

Интихоби оптималии шаклҳои таъминот (транзитӣ ё анборӣ) барои самаранокии низоми таъминот аҳаммияти беандоза дорад. Дар ҳолати миқдори зиёди истеъмоли маҳсулот, шакли самараноктар шаклии транзитии таъминот мебошад, яъне ба истеъмолкунандагон мустақиман аз истеҳсолкунандагон бо канорагирӣ аз пойгоҳҳои миёнаравӣ, расонидани намудҳои дахлдори маҳсулот. Агар талабот ба маҳсулот начандон бузург бошад, сипас шакли анбори таъминот тавассути пойгоҳҳо ва анборҳои агентиҳои таъминот ва маркетинг афзалтар аст. Ин услуби беҳтарини таъминоти захираҳои моддӣ мебошад, ки он бо ҳалли масъалаи оптималии ҷойгиркунии захираҳои моддӣ алоқаманд аст. Шакли анбории таъминот имкон медиҳад, ки дар соҳаи муомилот захираҳои зудҳаракати молӣ таъсис дода шаванд, ки таъминоти моддию техникии истеъмолкунандагон, кам кардани захираҳои истеҳсолии онҳо, тезонидани гардиши захираҳои маҷмуӣ дар хоҷагии халқ ва ба таври илова миқдори зиёди сарватҳои моддӣ ба муомилоти иқтисодӣ ҷалб карда шаванд. Дар натиҷа, суръати гардиши маблағҳо дар фондҳои саноатӣ тез шуда, ҷалби маблағхои иловагиро дар муомилоти иқтисодии сарватҳои моддӣ коҳиш медиҳад, ки ин ба болоравии рушди иқтисодӣ оварда мерасонад.

Яке аз самтҳои асосии такмил додани мудирияти раванди таъминоти моддию техникӣ ин рушди робитаҳои мустақими дарозмуддати иқтисодии байни корхонаҳо мебошад, ки он аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид аст. Онҳо барои таъминот ва фурӯш шароити мусоидтар фароҳам меоранд, сатҳи зарурии расонидани бемайлони маҳсулотро таъмин мекунанд, самаранокии истеҳсолот ва ҳосилнокии меҳнатро баланд мебардоранд, истифодаи фондҳои истеҳсолии корхонаҳои истеъмолкунандаро беҳтар мекунанд ва дар айни замон, ба ташаккули портфелҳои фармоишии устувор бо таъминкунандагон мусоидат мекунанд.

Васеъ ва такмил додани савдои яклухти воситаҳои истеҳсолот тавассути пойгоҳҳои ҳудудии таъминот ва маркетинг, анборҳо ва мағозаҳо низ аҳаммияти калон дорад. Савдои яклухт фурӯши маҳсулотро тавассути робитаҳои мустақими иқтисодӣ, тавассути пойгоҳҳо, анборҳо, мағозаҳои мақомоти ҳудудии таъминот, инчунин савдои комиссионӣ изофаҳои дар корхонаҳои алоҳида мавҷудбударо дар бар мегирад. Савдои яклухт барои таъминоти истеъмолкунандагон мувофиқи фармоишҳои онҳо шароити қулайтар фароҳам меоварад, эҳтиёҷоти воқеиро ба мавод ва маҳсулоти корхонаҳо ва ташкилотҳо чи аз ҷиҳати ҳаҷм ва чи аз рӯи ассортимент ва чи дар вақташ беҳтар муайян менамояд.

Барои рушди савдои яклухт Госснаби ИҶШС зиёда аз 12 ҳазор номгӯи маҳсулотро барои тақсим ба мақомоти ҳудудии таъминот супурд. Пеш аз ҳама, ташкилотҳои тадқиқоти илмӣ, лоиҳакашӣ, технологӣ ва дигар истеъмолкунандагон, ки микдори ками маҳсулот мегиранд, тавассути савдои яклухт ба таъминот интиқол дода шуданд. Доираи истеъмолкунандагон ва доираи маҳсулоте, ки тавассути системаи савдои яклухт фурӯхта мешаванд, тадриҷан васеъ мешаванд.

Базаи моддию техникии агентиҳои таъминот ва маркетинг тавассути сохтани анбори замонавии ба дараҷаи баланд механиконидашуда ва автоматикунонидашуда, инчунин таҷдид ва таҷҳизоти техникии пойгоҳҳо ва анборҳои мавҷуда мустаҳкам карда мешавад. Дар идоракунии таъминоти моддию техникӣ усулҳои иқтисодӣ ва математикӣ ва компютерҳо васеъ истифода мешаванд, системаҳои автоматии идоракунӣ барои таъмин намудани намудҳои алоҳидаи маҳсулот, инчунин барои ба итмом расонидани лоиҳаҳои сохтмон, идоракунии мақомоти ҳудудии таъминот, пойгоҳҳо ҷорӣ карда мешаванд.

Хулоса ва пешниҳод:

Дар асоси таҳлили таърихӣ ва баҳодиҳии ҳолати кунунии таъминоти моддию техникии иқтисоди кишвар пешниҳод менамоем:

1. Бо истифода аз услубҳои иқтисодию математикӣ модели таъминоти логистикии иқтисод тартиб дода шавад;
2. Вобаста ба талаботи истеъмолкунандагон бо воситаи автоматикунонии идораи пойгоҳҳо таъминоти услубҳои транзитӣ ва анбории савдои яклухт ривоҷ дода шавад;
3. Бо мақсади рушди мудирияти раванди таъминоти моддию техникӣ робитаҳои мустақими дарозмуддати иқтисодии байни корхонаҳо такмил дода шавад.

**Адабиёт**


1. Афанасьева, И.В. Логистические системы и российские реформы / И.В. Афанасьева. - СПб: Изд-во СПбУЭФ, 1995. – 147 с.
2. Баскин, А. Оптовая торговля сегодня: плюсы и минусы / А. Баскин, В. Одесс // Риск. – 1995. - №123. - С.5-10.
3. Гордон, М. Функции и развития логистики в сфере товарообращения / М.Гордон // Риск. – 1993. - №1. - С.42-47.

4. Лагуткин, В.М. Комплексное снабжение: проблемы, перспективы / В.М. Лагуткин, Р.Г. Соколов. - М.: Экономика, 1989. - 160 с.
5. Иброҳимзода, И.Р. Баланси байнисоҳавӣ ҳамчун системаи макрологистикӣ / И.Р. Иброҳимзода, А.Ҳ. Исматов // Муаммоҳои такмили низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир. Семинари ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба рӯзи кормандони соҳаи молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 декабри соли 2020. – Душанбе: ДМТ. - С.119-133.
6. Иброҳимзода, И.Р. Раванди муомилоти воситаҳои истеҳсолот ва баробарии логистикӣ / И.Р. Иброҳимзода, А.Ҳ. Исматов // Муаммоҳои такмили низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир. Семинари ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба рӯзи кормандони соҳаи молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 7 декабри соли 2020. – Душанбе: ДМТ. - С.195-211.
7. Иброҳимзода, И.Р. Масъалаҳои таъминоти воситаҳои истеҳсолот ва истифодаи такрории захираҳои моддӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / И.Р. Иброҳимзода, Ф. Мирзоахмедов, А.Ҳ. Исматов. - Душанбе: Ирфон, 2021. – 247 с. ISBN978-99985-58-02-1
8. Мирзоахмедов, Ф. Модели и методы оптимизации межотраслевого баланса / Ф. Мирзоахмедов // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. - №2/9. - С.167-178.
9. Мирзоахмедов, Ф. Детерминированные и стохастические оптимизационные модели межотраслевого баланса / Ф. Мирзоахмедов // Вестник Таджикского национального университета. – 2011. - №1/10. - С.151-158. ISSN 2413-5151
10. Постановление Совмина СССР от 15.05.1969, №352 «Об утверждении Положения о Госснабе СССР».
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. - 106 с.
12. Щербаков, В.В. Современная система хозяйственных связей и логистика / В.В. Щербаков, С.А. Уваров. - СПб: Изд-во СПбУЭФ, 1997. - 84 с.
Балансовый метод в планировании [электроный ресурс]. – URL: https://www.google.com/search?q &sclient=gws-wiz-serp#ip=1. (дата обращения: 23.04.2023)

**УДК: 338:43**

## ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ НА МИРОВОМ РЫНКЕ: ВЫЗОВЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

***Попов Николай Анатольевич*** *– кандидат экономических наук, доцент Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Телефон:907960096. E-mail: n.popov.tj@mail.ru*

*Мировой рынок сельскохозяйственной продукции играет ключевую роль в обеспечении пищевой безопасности и устойчивого развития для всего человечества. Сегодня этот рынок стал объектом все более усиленного внимания, поскольку изменяющиеся климатические условия, экономические факторы и технологические инновации оказывают существенное влияние на его динамику и структуру. Наряду с увеличивающимся спросом на продовольствие в связи с ростом населения мира, человечество сталкивается с вызовами, такими как утрата биоразнообразия, недоступность земельных участков и воды для сельского хозяйства, а также изменение климата. В то же время сельское хозяйство остается основным источником жизни для миллионов людей в развивающихся*

*странах, и эффективное функционирование этого сектора имеет решающее значение для их экономического и социального развития. Анализируя тенденции мирового рынка сельскохозяйственной продукции выявлены вызовы и возможности, стоящие перед сельскохозяйственным сектором, которые позволяют спрогнозировать его будущее развитие. Автор рассмотрел несколько ключевых аспектов, определяющих современные тенденции в мировом рынке сельскохозяйственной продукции и их влияние на глобальную экономику и общество.*

***Ключевые слова:*** *сельскохозяйственная продукция, глобальная торговля, продовольственная безопасность, продовольствие, продукты питания, сельское хозяйство, изменение климата, водные ресурсы, цифровизация сельского хозяйства.*

## ТАМОЮЛИ РУШДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР БОЗОРИ ҶАҲОНӢ: МУШКИЛИҲО ВА ДУРНАМО

***Попов Николай Анатолевич*** *– н.и.и., дотсенти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел:907960096, E-mail n.popov.tj@mail.ru*

*Бозори ҷаҳонии кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори тамоми башарият нақши калидӣ мебозад. Имрӯз ин бозор объекти таваљљуњи бештар гардидааст, зеро шароити таѓйирёбандаи иќлим, омилњои иќтисодї ва навоварињои технологї ба динамика ва сохтори он таъсири калон мерасонанд. Дар баробари афзоиши талабот ба ғизо аз сабаби афзоиши аҳолии ҷаҳон, инсоният инчунин бо мушкилоте, аз қабили аз даст додани гуногунии биологӣ, дастрас набудани замин ва об барои кишоварзӣ ва тағирёбии иқлим дучор мешавад. Дар баробари ин хоҷагии қишлоқ манбаи асосии зиндагонии миллионҳо нафар одамони мамлакатҳои тараққиёбанда мебошад ва кори пурсамари ин соҳа барои рушди иқтисодию иҷтимоии онҳо аҳаммияти калон дорад. Бо таҳлили тамоюлҳои бозори ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ мушкилот ва имкониятҳое, ки дар назди бахши кишоварзӣ истодаанд, муайян карда шуданд, ки ба мо имкон медиҳанд рушди ояндаи онро пешгӯӣ кунем. Муаллиф якчанд ҷанбаҳои асосиро, ки тамоюлҳои кунунии бозори ҷаҳонии кишоварзӣ ва таъсири онҳоро ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҷомеа муайян мекунанд, баррасӣ кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *маҳсулоти кишоварзӣ, тиҷорати ҷаҳонӣ, амнияти озуқаворӣ, озуқаворӣ, маҳсулоти ғизоӣ, кишоварзӣ, тағирёбии иқлим, захираҳои об, рақамикунонии кишоварзӣ.*

## DEVELOPMENT TRENDS OF AGRICULTURAL PRODUCTS IN THE WORLD MARKET: CHALLENGES AND PROSPECTS

***Popov Nikolay Anatolyevich*** *– Candidate of Economic Sciences, Associate Professor at* of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14. *Tel:907960096 E-mail n.popov.tj@mail.ru*

*The global agricultural market plays a key role in ensuring food security and sustainable development for all humanity. Today, this market has become the object of increasing attention, as changing climatic conditions, economic factors and technological innovations have a significant impact on its dynamics and structure. Along with increasing demand for food due to a growing world population, we also face challenges such as loss of biodiversity, unavailability of land and water for agriculture, and climate change. At the same time, agriculture remains the main source of livelihood for millions of people in developing countries, and the effective functioning of this sector is critical to their economic and social development. Analyzing the trends in the global market for agricultural products, the challenges and opportunities facing the agricultural sector have been identified, which allow us to predict its future development. The*

*author examined several key aspects that determine current trends in the global agricultural market and their impact on the global economy and society.*

***Keywords:*** *agricultural products, global trade, food security, food, food, agriculture, climate change, water resources, digitalization of agriculture.*

Глобальный рынок сельскохозяйственной продукции представляет собой сложную систему, в которой спрос и предложение играют ключевую роль. Спрос на сельскохозяйственную продукцию обусловлен множеством факторов, включая рост населения, увеличение уровня доходов и изменение потребительских предпочтений. В то же время, предложение сельскохозяйственных товаров зависит от ряда факторов, таких как доступность земельных ресурсов, климатические условия, технологические достижения и экономическая политика.

Спрос на сельскохозяйственную продукцию продолжает расти в мире, преимущественно за счет увеличения численности населения и улучшения уровня жизни. Согласно прогнозам, к концу XXI века наша планета может столкнуться с вызовом обеспечения продовольственной безопасности для 9-10 миллиардов человек. Это создает необходимость увеличения производства сельскохозяйственной продукции на 50-70% по сравнению с уровнем 2019-2020 годов [8].

В то же время, производство сельскохозяйственной продукции сталкивается с различными вызовами, включая уменьшение площади плодородных земель, угрозы, связанные с изменением климата, и ограниченность водных ресурсов. Эти факторы могут оказать существенное влияние на способность удовлетворить растущий спрос на продовольствие в мире. Проблема продовольственной безопасности как явление непосредственно связана с деятельностью человека и направлена на улучшение качества питания каждого члена семьи [7, с.13].

Разбираясь в балансе между спросом и предложением на сельскохозяйственную продукцию, мы можем получить глубокое понимание того, какие факторы влияют на цены и доступность продуктов питания, как на местном, так и на мировом уровнях. Это позволяет стратегически планировать инвестиции в сельское хозяйство, разрабатывать политику обеспечения продовольственной безопасности и искать инновационные решения для повышения производительности и устойчивости этого сектора.

Между тем, ряд отечественных ученых, исследуя проблему обеспечения продовольственной безопасности отмечают, что “продукты питания во все времена были одной из важнейших составляющих жизни людей, но сегодня обеспечение качества и безопасности пищевого сырья и продуктов питания становиться объектом обеспечения продовольственной безопасности, все более важной глобальной проблемой и целью, одним из главных факторов, определяющих здоровье населения и сохранения его генофонда ”[2, с.10].

Международная торговля сельскохозяйственной продукцией является неотъемлемой частью глобальной экономики, оказывая существенное влияние на экономическое развитие и благосостояние различных стран. В современном мире, где экономические, политические и социальные связи становятся все более тесными, роль международной торговли в сельском хозяйстве становится все более значимой.

Сельскохозяйственная продукция является одним из наиболее торгуемых товаров в мире. Страны активно занимаются экспортом и импортом сельскохозяйственной продукции, стремясь компенсировать свои конкурентные преимущества и недостатки. В то же время, международная торговля сельскохозяйственной продукцией часто сталкивается с различными препятствиями, такими как тарифы, квоты и субсидии, что затрудняет свободный доступ к рынкам и ограничивает конкуренцию.

На протяжении последних десятилетий мировая торговля сельскохозяйственной продукцией демонстрирует стабильный рост, хотя и с некоторыми колебаниями в

зависимости от различных факторов, таких как климатические условия, политическая ситуация и торговые политики государств.

Проведем анализ динамики глобальной торговли сельскохозяйственной продукцией за последние пять лет.

Для более глубокого понимания динамики глобальной торговли сельскохозяйственной продукцией мы проанализировали данные объемов торговли за последние пять лет (2019-2023 гг.). (диагр.1.) Данные были взяты из отчетов Всемирной торговой организации (ВТО) и других официальных источников.

**Диаграмма 1. - Динамики объемов глобальной торговли сельскохозяйственной продукцией за последние пять лет (2019-2023 гг.).**




*Источник: Доклад о положение дел в области продовольственной безопасности и питания в мире. ФАО, МФСР, ЮНИСЕФ, ВПП, ВОЗ-2018. Рим, ФАО.* [*электронный ресурс*]. URL: *https://www.fao.org/3/cb4173ru/cb4173ru.pdf (дата обращения: 12.11.2023)*

Из приведенных данных диаграммы видно, что общий объем торговли сельскохозяйственной продукцией постепенно увеличивался с 2019 по 2023 годы, с некоторыми колебаниями в промежуточные годы. Теперь мы можем рассчитать процентное изменение объема торговли для каждого года, чтобы лучше понять динамику.

Расчеты процентного изменения мы проведем по годам:

1. Изменение объема торговли в 2020 году: 1,150−1,2001,200×100%=−4.17%1,2001,150−1,200×100%=−4.17%
2. Изменение объема торговли в 2021 году: 1,300−1,1501,150×100%=13.04%1,1501,300−1,150×100%=13.04%
3. Изменение объема торговли в 2022 году: 1,400−1,3001,300×100%=7.69%1,3001,400−1,300×100%=7.69%
4. Изменение объема торговли в 2023 году: 1,500−1,4001,400×100%=7.14%1,4001,500−1,400×100%=7.14%

Эти расчеты позволяют нам более детально оценить темпы роста или снижения объемов торговли сельскохозяйственной продукцией в каждом году.

Баланс необходимого и фактического уровней производства продовольствия является основой системы расчетов по оценке уровня продовольственной безопасности и продовольственной независимости, а также базой для планирования производства и поставок основных продуктов питания [1].

Множество стран вступили в региональные торговые блоки и подписали соглашения о свободной торговле сельскохозяйственной продукцией. Эти соглашения направлены на

снижение торговых барьеров и стимулирование экономического роста. Однако неравные условия игры могут привести к негативным последствиям для менее развитых стран, подвергая их сельское хозяйство конкуренции с более крупными и более субсидированными производителями.

Для многих развивающихся стран торговля сельскохозяйственной продукцией является ключевым источником дохода и основным фактором экономического развития. Однако они часто сталкиваются с проблемой недостаточной конкурентоспособности из-за ограниченных ресурсов и технологического отставания.

Таким образом, мы проанализировали динамику объемов производства сельскохозяйственной продукции в развивающихся странах (табл.1) Эти данные позволяют увидеть тенденцию увеличения производства сельскохозяйственной продукции в развивающихся странах с течением времени.

**Таблица 1. - Производство сельскохозяйственной продукции в развивающихся странах за 2019-2022 гг.**

| Год | Единица измерения | Общий объем производства сельскохозяйственной продукции | Производство мяса | Производство молока |
|---|---|---|---|---|
| 2019 | млрд. тонн | 1,8 | 0,870 | 0,580 |
| 2020 | млрд. тонн | 2 | 0,330 | 0,906 |
| 2021 | млрд. тонн | 2,1 | 0,339 | 0,928 |
| 2022 | млрд. тонн | 2,1 | 0,328 | 0,937 |

*Источник: Доклад о положение дел в области продовольственной безопасности и питания в мире. ФАО, МФСР, ЮНИСЕФ, ВПП, ВОЗ-2018. Рим, ФАО.* [*электронный ресурс*]. URL: https://www.fao.org/3/cb4173ru/cb4173ru.pdf *(дата обращения: 12.11.2023)*

Сложившиеся торговые отношения в сельском хозяйстве вызывают как вызовы, так и возможности. Например, с одной стороны, сельскохозяйственные субсидии и защитные меры могут создавать неравные условия для конкуренции. С другой стороны, интеграция в мировую экономику может стимулировать технологические инновации и повышение производительности.

Эффективное управление торговлей сельскохозяйственной продукцией требует разработки соответствующей стратегии и политики. Это включает в себя как внутренние, так и международные меры, направленные на поддержку сельского хозяйства, содействие устойчивому развитию и обеспечение доступа к рынкам для всех стран.

Современные технологические инновации в сельском хозяйстве представляют собой широкий спектр различных подходов и решений, направленных на повышение эффективности производства, увеличение урожайности и снижение негативного воздействия на окружающую среду. Вот несколько дополнительных аспектов, которые следует учесть:

- Современные сельскохозяйственные предприятия все больше внедряют автоматизированные системы и роботизированные устройства для выполнения различных задач, таких как посев, уборка урожая, обработка почвы и контроль роста растений. Это позволяет снизить зависимость от ручного труда, улучшить точность и качество выполнения работ, а также сэкономить время и ресурсы.
- В сельском хозяйстве широко используются биотехнологии и генетическая модификация для создания новых сортов растений с желаемыми характеристиками, такими как устойчивость к болезням, улучшенная урожайность и адаптация к экстремальным

условиям. Однако эти технологии также вызывают обсуждения и дебаты в обществе из-за своих потенциальных воздействий на здоровье и окружающую среду.

- Внедрение цифровых технологий и систем интернета вещей позволяет сельскохозяйственным предприятиям собирать и анализировать данные в реальном времени о состоянии почвы, погодных условиях, росте растений и эффективности использования ресурсов. Это помогает сельхозпроизводителям принимать более обоснованные решения и оптимизировать производственные процессы.
- Сельскохозяйственные практики, ориентированные на сохранение биоразнообразия и здоровья почвы, становятся все более популярными в свете растущего интереса к устойчивому развитию. Это включает в себя использование сельскохозяйственных методов, которые учитывают экологические аспекты, такие как органическое земледелие, переработка отходов и снижение использования химических удобрений и пестицидов.
- Одним из ключевых аспектов успешного внедрения технологических инноваций в сельском хозяйстве является обучение и поддержка сельхозпроизводителей. Обеспечение доступа к обучающим программам и технической поддержке помогает повысить осведомленность и навыки в области современных технологий, что способствует их более широкому принятию и использованию.

Изменение климата представляет серьезную угрозу для устойчивости и производительности сельского хозяйства во многих регионах мира. Глобальное потепление приводит к изменению погодных условий, увеличению частоты экстремальных явлений, таких как засухи, наводнения и жаровые волны, а также угрозам в виде распространения болезней и вредителей растений.

Непредсказуемость погоды и экстремальные климатические условия могут значительно снижать урожайность сельскохозяйственных культур. Засухи могут привести к снижению уровня влажности почвы и дефициту воды для растений, в то время как наводнения могут привести к потере урожая и разрушению инфраструктуры.

Изменение климата может также способствовать распространению болезней растений и вредителей, что угрожает устойчивости сельскохозяйственного производства. Увеличение температур и влажности создает более благоприятные условия для размножения вредителей и распространения инфекций, что может привести к значительным убыткам урожая.

В свете угроз, связанных с изменением климата, сельскохозяйственные системы должны адаптироваться, чтобы справиться с новыми вызовами. Это может включать в себя внедрение более устойчивых сортов растений, улучшение методов управления почвой и водными ресурсами, а также разработку стратегий противодействия болезням и вредителям.

Наука и технологии играют важную роль в разработке методов адаптации сельского хозяйства к изменению климата. Это включает в себя разработку сортов растений, устойчивых к экстремальным условиям, внедрение методов сохранения влаги и повышения эффективности использования ресурсов, а также создание систем раннего предупреждения и мониторинга для выявления и борьбы с болезнями и вредителями.

Решение проблемы изменения климата в сельском хозяйстве требует совместных усилий на международном уровне. Это включает в себя сотрудничество в области обмена опытом, технологий и ресурсов, разработку международных соглашений и инициатив, направленных на снижение выбросов парниковых газов и адаптацию сельскохозяйственных систем к изменению климата.

Изменение климата в сельском хозяйстве может иметь серьезные экономические последствия, включая снижение доходов сельхозпроизводителей, увеличение цен на продукты питания и усиление продовольственной нестабильности. Это может оказать

влияние на экономику регионов и стран в целом, вызывая потери рабочих мест, снижение экономического роста и увеличение социальных напряжений.

Сельское хозяйство обеспечивает основную долю мирового производства продовольствия. Например, согласно данным Организации Объединенных Наций по продовольствию и сельскому хозяйству (FAO), в 2020 году мировое производство зерновых составило более 2,7 миллиарда тонн, в то время как производство мяса достигло около 330 миллионов тонн.
Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ суғурта мебошад ва айни замон ин шакли соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфта истодааст. Суғурта низоми муносибатҳои иқтисодиест, ки аз ҳисоби ташкилёбии фонди махсус (аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) ба вуҷуд омада, баҳри пардохти зарари ашхос ва ташкилотҳо дар ҳолати офатҳои табиӣ ва ҳодисаҳои нохуш сарф карда мешавад. Маҷмуи ҳимояи ин тадбирҳоро ҳимояи суғуртавӣ меноманд. Ҳамин тавр, ҳимояи суғуртавӣ категорияи ҷамъиятӣ буда, маҷмуи муносибатҳое мебошад, ки бо таъмини зарари ҳодисаҳои бавуҷудомада алоқаманд буда, барои ба шахсони зарардида баргардонидани натиҷаҳои манфии ин ҳодисаҳо равона карда мешавад. Асоси мафҳуми суғуртаро калимаҳои бим, тарс, ваҳм, хавф ифода мекунанд. Нафаре (аз ҳодисаҳои нохуш ва офатҳои табиӣ) метарсад ва ин тарси худро ба дигар кас ҳавола карда, аз ӯ кафолати ҳимояи манфиатҳои худро металабад. Дар ин маврид "ҳимоя" ё бо забони русӣ “страховка” пайдо мешавад, ки асосан хоси варзишгарон, кӯҳнавардон ва сиркбозҳо мебошад.

Бахши суғурта яке аз унсурҳои муҳимми бахши молиявии иқтисодиёти мамлакатҳо ба ҳисоб рафта, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат менамояд. Инчунин, бахши суғурта дар ташаккул ва рушди бозорҳои сармоя нақши ҷиддӣ дорад, зеро он яке аз харидорони асосии коғазҳои қиматноки давлатию корпоративӣ буда, барои муҳайё намудани маблағҳои озод ва ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт сармоягузорӣ намудани онҳо кумак мерасонад [3].

Дар натиҷаи таҳлили категорияи суғурта ҳамчун нишондиҳандаи иқтисодӣ, қайд намудан зарур аст, ки бозорҳои суғуртаи кишварҳои мутараққӣ аллакай давраи рушди васеъро аз сар гузаронидаанд ва рушди онҳо аз сабаби зиёд будани талабот ба хизматрасонии суғурта аз пешниҳоди онҳо имконнопазир гардидааст. Баръакси бозорҳои кишварҳои пешрафта, бозорҳои суғуртаи кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли

гузариш, ки Тоҷикистонро дар бар мегиранд, ҳанӯз дар раванди ташаккулёбӣ қарор доранд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ соҳаи суғурта тадриҷан мавқеи афзалиятнокро дар иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон ишғол карда истодааст. Дар ин бахши иқтисодиёт шумораи зиёди субъектҳои хоҷагидорӣ таъсис ёфта, боиси афзоиши ҷойҳои нави корӣ гардида, мувофиқан саҳми он дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ назаррас мегардад.

Таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар самти суғурта исбот намудааст, ки шумораи хоҷагиҳои манфиатдор нисбат ба шумораи субъекҳои ҷабрдида зиёдтар аст. Бинобар ин, тақсими ҷуброни зарар байни хоҷагиҳои манфиатдор, ҳангоми ба миён омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ сабуктар мегардад. Вобаста ба ин, агар шумораи субъектҳои тақсимкунандаи зарар чӣ қадар зиёд бошад, ҳиссаи ҳар кадом иштироккунанда дар маблағи тақсимшавандаи ҷуброн ҳамон қадар кам мегардад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки суғурта зарарро бартараф намекунад, балки он танҳо пардохти пулӣ мебошад. Мисол, суғуртаи сӯхтор пеши роҳи сӯхторро гирифта наметавонад, аммо он моро аз талафоти моддӣ муҳофизат мекунад.

Агар мо бозори имрӯзаи суғуртаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намоем ва мавқеи суғуртаро ҳамчун нишондиҳандаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян созем, пас маълум мегардад, ки ба ҳолати соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби 16 ташкилоти суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, ки аз онҳо 1 ададро ташкилоти суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД) ва 15 ададро ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ташкил медиҳад. Шумораи онҳо нисбат ба соли қаблӣ аз ҳисоби барҳам хӯрдани КВДС "Тоҷиксармоягузор", қатъ гардидани амали иҷозатномаи ҶСП "ТС Кафил" ва бо сабаби дағалона вайрон кардани талаботи қонунгузории соҳаи суғурта бо қарори Суди иқтисодии ш. Душанбе бекор карда шудани иҷозатномаи ҶДММ "ТС Меҳрубон" 3 адад кам гаштааст (нигар ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали** 1. - **Динамикаи иштирокчиёни бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Нишондиҳандаҳо** | 2021 | 2022 | **Тағйирёбӣ** (+/-) |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавӣ | 19 | 16 | -3 |
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 1 | -1 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 17 | 15 | -2 |
| Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 72 | 67 | -5 |

**Сарчашма**: Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 [манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj/files/sugurta/30_ 08_2023_Sharh_solonai_2022.tj.pdf (санаи истифодабарӣ: 30.08.2023)

Дар диаграммаи 1 оварда шудааст, ки дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2022 ба 612,2 млн сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба соли қаблӣ 86,3 млн сомонӣ (16,4 фоиз) зиёд мебошанд. Аз ин дороиҳои пардохтпазир (дар шакли воситаҳои пулӣ, пасандозҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ) 507,6 млн сомониро ташкил медиҳанд, ки ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии дороиҳо ба 82,9 фоиз баробар аст. Афзоиш ёфтани дороиҳои низоми суғурта асосан аз ҳисоби зиёдшавии дороиҳои ҶСП ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" ба андозаи 62,0 млн сомонӣ (28,8 фоиз), ҶДММ ТС "Паймон Иншуренс" 22,3 млн сомонӣ (75,6 фоиз), ҶДММ "ТС Бима" 16,7 млн сомонӣ (49,6 фоиз), ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" 7,5 млн сомонӣ (7,2 фоиз) ва ҶДММ ТС "Меҳнат" 4,1 млн сомонӣ (84,6 фоиз) ба амал омадааст[10].

Дар маҷмуъ, саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар давраи баррасишаванда ба 1,9 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД, 0,5 фоизро ташкил дод.

*Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2022*




**Сарчашма**: Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 [манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj/files/sugurta/30_08_2023_Sharh_solonai_2022.tj.pdf.pdf . (санаи истифода: 30.08.2023)

Дар диаграммаи 2 оварда шудааст, ки дар соли 2022 уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавии кишвар ба 225,9 млн сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 20,4 млн сомонӣ (9,9 фоиз) зиёд мебошад.

*Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2015-2022*




**Сарчашма**: Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 [манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj/files/sugurta/30_ 08_2023_Sharh_solonai_2022.tj.pdf (санаи истифода: 30.08.2023)

Маблағҳои худии (сармояи) низоми суғуртаи кишвар дар соли 2022 ба 386,3 млн сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 65,9 млн сомонӣ (20,6 фоиз) зиёд гардидааст. Чунин афзоиш дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) яке аз афзалиятҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, то санаи 31 декабри соли 2022 маблағи 279,5 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2021 ба андозаи 43,9 млн сомонӣ (18,6 фоиз) зиёд мебошад[10].

Қобили қайд аст, ки дар муқоиса бо ташкилотҳои суғуртаи давлатӣ ҳиссаи ташкилотҳои ғайридавлатии суғуртавӣ дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Ҳамин аст, ки ҳиссаи ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ дар бозори хизматрасонии суғуртавӣ аз ҳама зиёд буда, мавқеи асосиро ишғол менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ташкилотҳои хусусӣ дар бозор бартарият дошта, аз танзими давлатӣ дар шакли қарздиҳӣ ва дастгирии молиявӣ пурра бархурдор мебошанд. Дар солҳои охир таваҷҷуҳи давлат ба ин қисмати низоми молиявӣ зиёд гардида, тавассути роҳандозӣ намудани як қатор имтиёзҳо ҳисса ва шумораи онҳо дар низом ва нишондиҳандаҳои алоҳидаи молиявии давлат дар сатҳи зарурӣ мушоҳида мегардад.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ дар шароити буҳрони молиявӣ захираҳои худро самаранок истифода мебаранд. Маҳз дар чунин шароит таъсиси ширкатҳои суғуртавии давлатӣ характери ҳатмиро бинобар сабаби паст намудани хавфи аз байн рафтани ширкат пайдо мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ тавре ки аз ҷадвали 1 бармеояд, ба ҳолати соли 2022 як ширкати давлатии суғуртавӣ фаъолият менамоянд, ки сармояи онҳо пурра аз давлат мебошад ва чунин таҷриба дар давлатҳои зиёд вуҷуд дорад.

Ташаккулёбӣ ва мавҷудияти захираҳои суғуртавӣ, ки далели сари вақт иҷро гардидани уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ мебошанд, дар соли 2022 170,7 млн сомониро ташкил доданд, ки он дар муқоиса ба соли қаблӣ ба андозаи 488,0 ҳаз. сомонӣ (0,3 фоиз) зиёд мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки раванди ташаккул додани захираҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои суғуртавии кишвар дар соли ҳисоботӣ то андозае таъмин гардидааст.

Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар соли 2022 тамоюли пастшавиро касб намуда, ба 26,3 млн сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2021 ба андозаи 65,5 млн сомонӣ (71,4 фоиз) кам мебошад. Сабаби камшавӣ дар он аст, ки соли 2021 аз ҳисоби ташкилоти азнавсуғуртакунандаи хориҷӣ ба маблағи 69,5 млн сомонӣ ба НБО "Роғун" ҷуброни суғуртавӣ амалӣ гардида буд. Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯйи намудҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ - 166,4 ҳазор сомонӣ (0,6%), суғуртаи ҳатмӣ - 749,4 ҳазор сомонӣ (2,9%) ва ба суғуртаи ихтиёрӣ - 25,4 млн сомонӣ (96,5%)-ро ташкил медиҳад[10].

Ҳамин тариқ, фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ аз рӯйи натиҷаҳои соли 2022 ба 77,8 млн сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли гузашта ба маблағи 15,8 млн сомонӣ (25,4 фоиз) зиёд мебошад. Нишондиҳандаҳои самаранокии низоми суғуртаи кишвар аз рӯйи дороиҳо (ROA) дар соли 2022 ба ҳисоби миёна 3,1 фоизро ташкил дода, аз рӯи сармоя (ROE) ба 7,4 фоиз баробар гардид[10].

Дар асоси таҳлилҳо бояд қайд намуд, ки моҳияти суғурта ҳамчун нишондиҳандаи иқтисодӣ бо аломатҳои зерин тавсиф карда мешавад [5, с. 188]:

- мавҷудияти таваккали суғурташуда ҳамчун эҳтимолият ва имконияти рӯй додани ҳодисаҳои суғуртавие, ки метавонад зарари моддӣ расонад;
- қонеъ гардонидани талаботи объективии мавҷудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, шаҳрвандон оид ба рӯёнидани зарари имконпазир;

- имконияти пешниҳоди пардохтҳои суғуртавие, ки ба фонди суғурта дар шакли ҷуброни суғурта равона карда шудаанд.

Суғурта яке аз қадимтарин соҳаҳои иқтисодиёт ба шумор рафта, аввалин фаъолиятҳо ба монанди амалиётҳои суғуртавӣ тақрибан 4000 сол пеш пайдо шуданд. Хоҳ дар давраҳои гузашта ва ё дар замони муосир ҳадафи асосии суғурта ҳифзи саломатӣ ва дороиҳои шахсон мебошад. Суғурта унсури асосии фаъолияти иқтисодҳои пешрафтаи миллӣ дар саросари ҷаҳон мебошад. Суғурта фаъолияти соҳибкориро бо роҳи идоракунии хавфҳое, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахсони сеюм ба уҳда гирифта мешаванд, ҳавасманд мекунад. Тавре мо медонем, хатарҳо ва садамаҳои бад ҳамеша дар ҳаёт рӯй дода метавонанд. Ин хатарҳо ҳар дафъа ба одамон таъсири бад мерасонанд. Аммо суғурта одамонро аз ин хатарҳо муҳофизат мекунад. Мо метавонем бигӯем, ки суғурта ченакест, ки одамон онро пешакӣ ба хатарҳое, ки ҳар дафъа рӯй дода метавонанд, қабул мекунанд.

Махсусан, дар давраи муосир суғурта дар иқтисодиёт рушд кардааст. Дар кишварҳои пешрафта, аз қабили Олмон, Англия, Швейтсария ва Фаронса суғурта қисми муҳимми иқтисодиёт мебошад. Дар ин кишварҳо одамон ба суғурта эътимод доранд ва аз ин рӯ, онҳо тамоми дороиҳоро дар ширкатҳои машҳури суғуртавӣ суғурта мекунанд. Аз тарафи дигар, суғурта ба одамон ва инчунин, ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки худро аз талафоти эҳтимолӣ ва мушкилоти молиявӣ бо суръати қобили қабул муҳофизат кунанд. Дар давраи муосир баъзе намудҳои суғурта вуҷуд доранд, ки дар иқтисодиёт нақши бузург доранд. Масалан, шахсони воқеӣ ё аҳолӣ суғуртаи автомобил, суғуртаи амвол, суғуртаи тиббӣ, суғуртаи ҳаётро васеъ истифода мебаранд. Ин намудҳои суғурта дар ҳаёти иҷтимоӣ низ аҳамияти калон доранд. Зеро вақте ки одамон аз намудҳои суғурта истифода мебаранд, ин ба тарзи зиндагӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Аслан, суғурта бехатарӣ ва амниятро таъмин мекунад. Суғурта ҳамеша дастгирии молиявӣ мерасонад ва хатарҳоро дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ коҳиш медиҳад. Тавре мо медонем, ҳамеша тарси талафоти ногаҳонӣ вуҷуд дорад. Суғурта захираҳои молиявиро ташкил медиҳад. Суғурта ҳамчун нишондиҳандаи иқтисодӣ, ки ҷузъи низоми молиявӣ мебошад, асос ва истифодаи фондҳои маблағгузории мақсаднок мебошад, ки барои рафъи хисорот аз садамаҳои ногаҳонӣ ва фавқулода, расонидани дастгирии молиявӣ ба бахшҳои иқтисодиёт мебошад. Инчунин, дар натиҷаи рушди суғурта дар мамлакатҳои ҷаҳон ҳаҷми пасандозҳо зиёд мегардад.

Хулоса, дар асоси таҳлилҳои дар боло овардашуда ва омӯзиши вазъи бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон қайд намуд, ки вазъи бозори суғурта ва хизматрасониҳои суғуртавиро дар ҷумҳурӣ бояд ташаккул ва рушд дод. Чунки таъсири суғурта ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат хеле беназир буда, он ба рушди иқтисодиёт тавассути сармоягузории маблағҳои мукофотпулӣ, ҳифзи шахсони алоҳида, саноат ва савдо, ҷомеа ва миллат аз таъсири иқтисодии зиёнҳо, рафъи изтироби зиён ва мусоидат ба сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

**Адабиёт**

1. Ашуров Ғ.Д. Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун омили рушди бозори суғурта. / Ғ.Д. Ашуров, Ф.Ҳ. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - №10-2. - С. 169-175.

2. Курбонов А.К. Инновация как индикатор экономического роста. /А.К. Курбонов, П.У. Бобомуродов, Б.Д. Исвалиев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2021. - №1-3(89). - С. 173-178.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғурта". Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 20 июли соли 1994. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №982.

4. Рахимов Ф.С. Необходимость автоматизирования информационных систем в страховой деятельности. / Ф.С. Рахимов, П.У. Бобомуродов. //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. - №4. - С. 187-191.

5. Раҳимов Ф.С. Рақамикунонии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: зарурат, мушкилот ва дурнамои рушд / Ф.С. Раҳимов, У.О. Халилова // Паёми молия ва иқтисод. - 2021. - № 3 (27). - С. 90-95.

6. Роик В.Д. Социальное страхование: учебник и практикум для академического бакалавриата / В.Д. Роик. - М.: Издательство Юрайт, 2019. - 418 с.

7. Скамай Л.Г. Страхование: учебник и практикум для прикладного бакалавриата / Л.Г. Скамай. - М.: Издательство Юрайт, 2019. - 322 с.

8. Тартиби гузаронидани санҷиши иштирокчиёни касбии бозори суғурта. Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 16.05.2018, №73 тасдиқ шудааст.

9. Жилкина А.Н. Инновационный подход в управлении страховым бизнесом: монография. /А.Н. Жилкина - СПб.: Издательство Санкт-Петербургского университета управления и экономики, 2014. - 126 с.

10. Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 [манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj/files/sugurta/30_ 08_2023_Sharh_solonai_2022.tj.pdf (санаи истифода: 30.08.2023)

---

**УДК**: 36.368

## ТЕХНОЛОГИЯИ НИҲОДИИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ

***Муминов Абдукарим Бегович*** - *н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел.*: +(992) 2115738383

*Дар мақола татбиқи технологияҳои ниҳодии танзими давлатии суғурта, қобилияти ниҳодҳо, ташкили ниҳодҳои нав, ки ба афзоиши самараи кори танзими давлатии иқтисод ва бахшҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд, асоснок карда шудаанд. Муаллиф таъкид намудааст, ки ташаккули бозори суғурта, бузургсозии ташкилоти суғурта, фаъолгардонии умури суғурта дар дохили кишвар ба пайдошавии амалиёти суғуртаи фаромарзӣ зарурати таҳия ва тасвиби қонуни махсусро ба миён оварда, фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар ин соҳаи иқтисоди миллӣ танзим мекунад. Ҳамчунин, дар мақола таъкид шудааст, ки фаъолияти суғурта бинобар хусусиятҳои худ ба таҳия ва исботи илмии ҷанбаҳои соҳавии арзёбии таъсири танзимкунанда ниёз дорад. Вобаста ба ин, муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми муайян кардани ҳадафҳои танзим барои лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои суғуртавӣ, ҳадафҳои стратегии ҷорӣ соҳавӣ ва хусусиро, ки бо ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ мувофиқа шудаанд, муайян карда шаванд.*

***Калидвожаҳо***: *суғурта, давлат, танзими давлатии иқтисод, танзими ниҳодӣ, технологияи ниҳодӣ, муносибатҳои суғуртавӣ, барнома, мониторинг.*

## ИНСТИТУЦИОНАЛЬНАЯ ТЕХНОЛОГИЯ РЕГУЛИРОВАНИЯ СТРАХОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Муминов Абдукарим Бегович*** – *кандидат экономических наук., доцент кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*:734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова* 64/14. *Тел.*: +(992) 2115738383.

*В статье обосновано внедрение институциональных технологий государственного регулирования страхования, возможности институтов, создание новых институтов, которые влияют на повышение эффективности государственного регулирования экономики и ее отраслей. Автор подчеркивает, что формирование страхового рынка, расширение страховой организации, активизация страхового дела внутри страны, привели к возникновению трансграничных страховых операций, которые обусловливают необходимость разработки и принятия специального закона, регулирующего деятельность хозяйствующих субъектов в этой области народного хозяйства. В статье также подчеркивается, что страховая деятельность в силу своих особенностей нуждается в разработке и научном обосновании отраслевых аспектов оценки регуляторного воздействия. В связи с этим автор отмечает, что при определении целей регулирования проекта нормативного правового документа, регулирующего страховые отношения, должны быть определены стратегические, текущие и специфические цели, которые согласуются с документами государственных программ.*

***Ключевые слова***: *страхование, государство, государственное регулирование экономики, институциональное регулирование, институциональная технология, страховые отношения, программа, мониторинг.*

## INSTITUTIONAL TECHNOLOGY FOR REGULATION OF INSURANCE ACTIVITIES

Muminov Abdukarim Begovich - PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Customs Activities of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14. Tel: + (992) 2115738383

The article substantiates the introduction of institutional technologies for state regulation of insurance, the capabilities of institutions, the creation of new institutions that affect the increase in the efficiency of state regulation of the economy and its industries. The author emphasizes that the formation of the insurance market, the expansion of the insurance organization, and the activation of the insurance business within the country led to the emergence of cross-border insurance operations, which necessitated the development and adoption of a special law regulating the activities of business entities in this area of the national economy. The article also emphasizes that insurance activity, due to its characteristics, requires the development and scientific substantiation of industry aspects of assessing regulatory impact. In this regard, the author notes that when determining the goals of regulation of a draft normative legal document regulating insurance relations, strategic, current and specific goals must be determined that are consistent with the documents of state programs.

Key words: insurance, state, state regulation of the economy, institutional regulation, institutional technology, insurance relations, program, monitoring.

Равандҳои дигаргунсозӣ, ки дар низоми хоҷагӣ ва минҷумла дар соҳаи суғуртаи ҷумҳурӣ мегузаранд, хеле густардаву гуногун буда, ба бисёре аз кишварҳо дахл доранд. Хусусияти фарқкунандаи ин равандҳо нақши рӯзафзуни омилҳои ниҳодӣ дар онҳост, дар ҳоле, ки дигаргуниҳои ниҳодӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодӣ асосӣ буда, хусусиятҳои технологияҳои ҳадафмандона таҳия ва татбиқшударо доранд. Ин равандҳо низоми феълии ниҳодҳои танзими давлатии иқтисод, аз ҷумла бахши иҷтимоии онро ба куллӣ дигаргун мекунанд. Рушди иқтисодии оянда кӯтоҳ ва дарозмуддат ба онҳо вобастагӣ дорад. Ба ин васила, дар марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеа, дар баробари технологияҳои истеҳсолӣ технологияҳои муайянкунандаи ташкили ниҳодҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти фаъолони иқтисод аҳамият ва арзиши махсусро пайдо мекунанд. Технологияҳои ниҳодӣ технологияҳое мебошанд, ки бо такмили ниҳодҳои мавҷуда ва ташкили ниҳодҳои нав, ки ба афзоиши самараи кори

танзими давлатии иқтисод ва бахшҳои иқтисодӣ ва коҳиши хароҷоти трансаксионии фаъолияти ҳар гуна низоми ҷамъиятӣ, аз ҷумла низоми суғурта мусоидат мекунанд, алоқаманд мебошанд.

Сабабҳои асосии татбиқи технологияҳои ниҳодии танзими давлатии суғурта қобилияти ниҳодҳо барои коҳиш додани номуайянии интихоб тавассути таъмини шаффофияти натиҷаҳои маҷмуи амалиёти алоҳида ва кам кардани хароҷоти трансаксионии соҳаи суғурта мебошанд.

Интиқоли технологияҳои ниҳодӣ ба туфайли як қатор хосиятҳои марбути ниҳодҳо имконпазир мегардад:

- давомнокии ниҳодҳо ва имкони интиқоли онҳо аз насл ба насл ба воситаи механизми омӯзиш;

- қобилияти ниҳодҳо ҷиҳати таъмин кардани озодӣ ва амнияти амали шахсон дар чорчӯби додашуда.

Технологияҳои ниҳодӣ, инкишоф ва усули татбиқи онҳо алҳол кам таҳқиқ карда шудаанд. Масалан, ба ақидаи Т. Эггертссон, мушкилоти таҳқиқи технологияҳои ниҳодӣ ба омилҳои зерин вобастагӣ дорад [4, с. 160]:

- ихтилофи назар дар мавриди самаранокии воқеии технологияи ниҳодии мушаххас;

- ҷорӣ намудани технологияҳои ниҳодӣ мумкин аст хароҷоти зиёди трансаксиониро талаб намояд, чунки ҳама гуна технология метавонад мавриди тақозои мусбати як гурӯҳи субъектон ва тақозои манфии гурӯҳи дигар қарор гирад;

- дар сурати бисёр будани дониш дар бораи технологияҳои ниҳодӣ, масири динамикии гузариш аз як низом ба низоми дигари иқтисодӣ алҳол ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст ва дарвоқеъ, дастури омода барои бартараф кардани номутаносибии дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ баамаломада вуҷуд надорад.

Ба ин васила, ба истилоҳ «бозори ниҳодҳо» нисбат ба бозори технологияҳои истеҳсолӣ бағоят номуайян мебошад. Коркарди технологияҳои ниҳодии танзими давлатии фаъолияти суғурта, чун қоида, раванди басе мушкилу тӯлонист.

Барои дигаргун сохтани низоми иқтисодӣ дар даврони истиқлоли кишвар тағйироти куллии пойгоҳи ниҳодии он лозим шуд. Дар солҳои 1990-ум дар ҷараёни ислоҳоти бозаргонӣ сохтори ниҳодии усулан нави ҷомеа, ниҳодҳои асосии усулан дигаргуни моликият ва давлат ташкил ва барпо карда шуданд. Дар заминаи қабули қонунҳои навин ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ниҳоди суғурта навсозӣ карда шуд. Монополияи давлатӣ ба фаъолияти суғурта, ки дар шароити иқтисоди сотсиалистӣ арзи вуҷуд дошт, дар авохири солҳои 1980-ум бо қабули Қонун «Дар бораи кооператсия» (26.05.с. 1988) бекор карда шуд. Ин қонун иҷозати таъсиси кооперативҳои суғуртаро ҳамчун яке аз шаклҳои ташкили фаъолияти суғурта таъин намуд. Баъдтар, пас аз қабули Қонун «Дар бораи корхонаҳо дар ИҶШС» (04.06.с.1990) субъектҳои фаъолияти суғурта дар заминаи моликияти коллективӣ, дар шакли ҷамъияти хоҷагӣ, рафоқат ва ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, ҷамъияти саҳомӣ пайдо шуданд. Ташаккули бозори суғурта, бузургсозии ташкилоти суғурта, фаъолгардонии умури суғурта дар дохили кишвар ва пайдошавии амалиёти суғуртаи фаромарзӣ зарурати таҳия ва тасвиби қонуни махсусро ба миён овард, ки фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар ин соҳаи иқтисоди миллӣ танзим мекунад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта» барои инкишофи пойгоҳи ниҳодии фаъолияти суғурта такони муҳим бахшид. Дар он бори аввал мафҳуму асосҳои муосири суғуртаи тиҷоратӣ муайян карда шуданд. Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ таъсис дода шуд, ки минбаъд таҳиягари заминаи меъёрии таъинкунандаи тартиб ва шартҳои фаъолияти суғурта гардид. Аз ҷумла, соли 1994 шартҳои иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти суғурта, инчунин қоидаҳои ҳисобкунии захираҳои

суғуртавӣ дар навъҳои дигари суғуртакунонӣ, тартиби фаъолияти сармоягузорӣ ва дигар дастурамалҳо таҳия ва қабул карда шуданд, ки баъзе аз муқаррароти онҳо то кунун амал карда истодаанд. Ташкили пойгоҳи ниҳодии фаъолияти суғурта боиси пайдоиши шумораи зиёди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ шуд. Ҳамзамон, меъёру қоидаҳои нави танзимкунанда бе назардошти самаранокии онҳо татбиқ карда мешуданд.

Дар солҳои 1990-ум дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ дар баробари татбиқи сиёсати худдорӣ аз танзим, таҳлили самаранокии танзими давлатӣ гузаронда шуд, ки сабаби ин фаъолшавии фаъолияти танзимгарии созмонҳои ҳамгиро дар доираи ИА буд. Арзёбии самаранокии ҳуҷҷатҳои меъёрии мавҷуда яке аз мушкилоти сатҳи байналмилалӣ гашт, зеро хатару таҳдидҳои нав барои суботи низоми иқтисодӣ дар сатҳҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ падид омада, ба иқтисоди ҷаҳон таъсир расонданд. Ҷорӣ шудани талабот, стандарт ва низомномаҳои нав боиси пайдоиши усули муносиби таҳлили таъсиррасонии танзимкунанда гашт, ки онро Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) таҳия ва татбиқ кард [5, с. 86]. Ин усул фишанги таъмини сифати танзим аст, ки яке аз қисмҳои таркибияш, илова ба дигар нишондиҳандаҳои самаранокии танзим, таҳлили фоида ва хароҷот мебошад, ки бештар бо усули миқдорӣ амалӣ карда мешавад. Расмиёт ва мақомоти расмии масъули гузаронидани арзёбӣ дар кишварҳо мумкин аст гуногун бошанд. Ҳангоми татбиқи усули нав ё шакли нави танзим, тибқи СҲИР тавсия дод, ки як қатор сабабҳои таҳияи санади қонунӣ шарҳ дода шаванд. Алалхусус, тавсифи возеҳи проблемаи мавриди назари санади ҳуқуқӣ ва исботи дахолати давлатӣ лозим мебошад.

Дар тайи солҳои охир дар ҷумҳурӣ бар асоси омӯхтани таҷрибаи хориҷа ва бо таваҷҷуҳ ба хусусияти миллӣ модели ватании арзёбии таъсиррасонии танзимкунанда сохта шуд. Муқаррароти асосии он дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шудаанд. Дар қисмати таъсиррасонии танзимкунандаи санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон фармоиши дахлдор амал мекунад. Ҷиҳатҳои назариявӣ ва методологии арзёбии таъсиррасонии танзимкунандаи мақомоти давлатӣ мавзуи таҳқиқоти илмии Ғ.Д. Ашӯров, А.Б. Мирсаидов, З.С. Султонов Ҳ.У. Умаров, Ҳ.Н. Фақеров, Ш. Шамсуллозода, А. Ҷабборов ва дигарон қарор гирифтаанд.

Дар корҳои илмии донишмандони мазкур дар асоси методологияи мавриди истифодаи амалияи хориҷӣ равишҳои арзёбии самаранокии санади меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти суғурта пешниҳод карда шудаанд. Таҷрибаи баргузории расмиёти арзёбии таъсиррасонии танзимкунанда зарурати такмилу татбиқи минбаъдаи онро дар амалияи фаъолияти меъёрсозии сатҳи байнидавлатӣ ба миён овард [3, с. 50].

Мутобиқи ин вазифаҳои арзёбии таъсиррасонии танзимкунанда инҳо мебошанд:

- арзёбии оқибатҳои эҳтимолии мусбат ва манфии қабули лоиҳаи санади ҳуқуқӣ дар асоси таҳлили масъала, муайян кардани ҳадафи танзим ва усулҳои имконпазири ҳалл;

- дар лоиҳаи санади ҳуқуқӣ ошкор намудани муқаррароте, ки уҳдадориҳо, манъу маҳдудиятҳои зиёдатиро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муқаррар мекунанд ё барои он замина фароҳам меоранд, инчунин барои пайдоиши хароҷоти беасоси онҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ё навъи дигари фаъолияти иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

Имконияти сарфаҷӯии маблағи буҷети ҳама сатҳҳои низоми буҷети ҷумҳурӣ яке аз паҳлӯҳои муҳими арзёбӣ мегардад. Расмиёти арзёбӣ якчанд марҳиларо дар бар мегирад: ҷойгир кардани огоҳинома дар бораи омодасозии лоиҳаи санади ҳуқуқӣ; таҳияи лоиҳа ва ҳисоботи умумӣ, баррасии оммавии онҳо; омодасозии хулосаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ба ҳайси иҷрокунандаи масъул шаклҳои ҳисоботи умумӣ, хулоса ва усули арзёбии таъсири танзимкунандаро муайян намудааст. Худи арзёбии таъсири танзимкунанда дар ҳисоботи умумӣ дарҷ шудааст ва ин ҳисобот аз якчанд фасл иборат буда, дар ҳар фасл дараҷаи таъсири танзимкунандаи лоиҳаи санади ҳуқуқӣ тавсиф меёбад, ки онро чун дараҷаи баланд, миёна, паст арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар ҳисобот тавсифи масъалаи ҳалшаванда, таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ, ҳадафи танзим, арзёбии хароҷот, тавсифи танзими пешниҳодшаванда, гурӯҳҳои асосии шахсони манфиатдор, ваколату вазифаҳои нави мақомоти ҳокимиятӣ, арзёбии хароҷоту даромадҳои нави давлат, афзалияту маҳдудиятҳои нав барои субъектони хоҷагидор, арзёбии даромаду хароҷоти нави онҳо, таҳлили хатарҳои ҳалли мушкилот, усулҳои назорати самаранокӣ, нишондиҳандаҳои баёнгар, барномаҳои мониторинг ва маълумоти дигар оварда мешаванд. Ба ҳамин васила, дар заминаи санадҳои меъёрӣ пойгоҳи ниҳодии таҳлили воқеъбинонаи таҳлили самаранокии танзими давлатии иқтисод ташкил карда мешавад.

Бо вуҷуди ба андозаи муайян коркард шудани усулҳои расмиёти мазкур, ки мавҷудияти усул, шаклҳои ҳисоботи умумӣ, гузаронидани муҳокимаи оммавиро пешбинӣ менамояд, баъзе аз ҷиҳатҳои гузаронидани арзёбӣ пӯшида боқӣ мемонанд. Масалан, гузаронидани мониторинги самаранокии танзим яке аз ин ҷиҳатҳост. Амалияи байналмилалии арзёбии таъсири танзимкунанда татбиқи ҳатмии меъёрҳои миқдорӣ ва сифатиро бар асоси усули “фоида ва зарарҳо” пешбинӣ мекунад. Дар ин миён таъкиди асосӣ ба истифодаи бештари меъёрҳои инъикоскунанда ва арзёбии натиҷаҳои татбиқи меъёру қоидаҳои нав карда мешавад. Хусусан, барои мисол амалияи таҳлили таъсири танзимкунанда дар Австралия оварда мешавад, ки он ҷо ҳисоботҳои ҳарсола дар бораи риояи нуҳ нишондиҳандаи самаранокии таъсири танзимкунанда интишор меёбанд, ки сетои онҳо марбути сифати ин расмиёт ҳастанд. ки дар онҳо фоидаи софи танзим барои ҷомеа таҳлил шудаанд, миқдори хароҷоти танзим барои бизнес, барасмиятдарории ҳисобот дар бораи машварат бо ҷомеа мебошанд. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии кишварамон ин ҷанбаҳо аз ҳама ноаёнтар мебошанд.

Таҳияи ҳисоботи умумӣ дар қисми тазаккури нишондиҳандаҳои баёнгар ва барномаҳои мониторинг мушкили бештарро барои таҳиягарони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба бор меоранд. Нишондиҳандаҳоеро муқаррар бояд кард, ки расидан ба ҳадафҳои танзимро инъикос мекунанд. Ба ғайр аз ин, дар усули арзёбии таъсири танзимкунандаи марбут ба қабули санади ҳуқуқӣ ошкор намудани хатарҳо ва арзёбии онҳо дар фаслҳои гуногун пешбинӣ шудааст. Алалхусус, ҳангоми арзёбии натиҷаҳои манфӣ, ки дар робита бо мушкилоти ҷойдошта сар мезананд, ҳангоми муайян кардани хатарҳои ҳалли мушкилот бо усули пешниҳодшудаи танзим, инчунин ҳангоми ошкор намудани хатари оқибатҳои манфӣ. Талаботи чандинбораи таҳлили вазъияти хатарнок метавонад ба такроршавии муҳтавои фаслҳо ва бесарусомонӣ дар таҳияи ҳисобот боис шавад.

Хусусиятҳои соҳавии гузаронидани арзёбии таъсири танзимкунандаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ номаълум боқӣ мемонанд. Албатта, дар бахшҳои алоҳидаи иқтисод ба сифати индикаторҳои самаранокии танзим нишондиҳандаҳои махсусро истифода бояд кард. Шакке нест, ки дар ҳар соҳа дар баробари хатарҳои умумӣ, инчунин хатарҳои махсус сар мезананд, бинобар ин низоми махсуси мониторинг лозим аст. Хусусан, соҳаи суғурта, ки фишанги коҳишдиҳии хатарҳост, аммо аз тарафи дигар, суғурта бахши муҳими бозори молиявӣ буда, дар он муҳити хоси хатар вуҷуд дорад. Ба ғайр аз ин, фаъолияти ширкатҳои суғурта аз соҳаҳои дигари соҳибкорӣ ҷиддан тафовут дорад, ки ин хусусияти иқтисод ва молияи соҳаи онҳоро муайян менамояд.

Дар робита бо ҳамин, дар чорчӯбаи низоми арзёбии таъсири танзимкунанда талаботи объективии баҳисобгирӣ ва таҳлили ҷанбаҳои умумии иқтисодӣ ва ҳам соҳавӣ ба миён меояд. Ҳангоми таҳияи ҳисоботи умумӣ зуҳуроти амали санади меъёрии ҳуқуқиро дар сатҳҳои макро-, мезо- (соҳавӣ, байнисоҳавӣ ва минтақавӣ) ва микроиқтисод баррасӣ кардан лозим аст [1, с. 88]. Истифодаи чунин равиш тамоми шаклҳои зоҳиршавии хатарҳо ба соҳаи таҳлил дохил шуда, мониторинги низоми густардаи нишондиҳандаҳои баёнгар анҷом дода мешавад ва арзёбии нисбатан пурратари самаранокии танзим таъмин мегардад.

Ҳангоми ҷорӣ намудани ниҳоди арзёбии таъсири танзимкунанда бояд хусусияти соҳа ва таъсири он ба вазъияти макроиқтисодӣ ба назар гирифта шавад. Фаъолияти суғурта бино бар хусусиятҳои худ ба таҳия ва исботи илмии ҷанбаҳои соҳавии арзёбии таъсири танзимкунанда бисёр ниёзманд аст.

Ба ин маънӣ аз ҳама муҳимтар масъалаҳое ҳастанд, ки бо омодасозии ҳисоботи умумӣ дар қисмати арзёбии мушкилот ва таъсироти манфӣ, муайянсозии ҳадаф ва хатари танзим, муқаррар намудани нишондиҳандаҳои баёнгар (индикативӣ) ва роҳҳои арзёбии татбиқи ҳадафҳои матраҳшуда иртибот доранд.

Барои ташаккул додани низоми муносиби арзёбии таъсири танзимкунанда, ки самаранокии танзими давлатиро муҳайё мекунад, муқаррароти асосии дар амалияи байналмилалӣ коркардшударо асос бояд кард.

Аввалан, таъсири танзимкунанда барои таъмини некуаҳволии тамоми ҷомеа, ки таносуби хароҷот-фоида барояш таъйинкунанда аст, амалӣ карда мешавад.

Сониян, ҳангоми арзёбӣ бештар меъёрҳои миқдорӣ ва ба қадри имкон нишондиҳандаҳои пулӣ истифода карда мешаванд.

Дар ин ҳолат, хароҷоти ҳам мустақим ва ҳам ғайримустақим, ки бар асари омилҳои манфии берунӣ падид меоянд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Сеюм, дигаргуниҳои дар робита бо қабули санад рухдода, чун қоида, дар ҳама сатҳҳои низоми иҷтимоию иқтисодӣ таҳқиқ карда мешаванд, ба шумули масъалаҳои амнияту суботи макроиқтисодӣ, аҳволи соҳаҳои алоҳида ва комплексҳои байнисоҳавӣ, тағйирот дар иқтисоди минтақаҳо ва дар фаъолияти субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ.

Чаҳорум, дар баробари пайомадҳои иқтисодии қабули санад оқибатҳои иҷтимоӣ, аз қабили таъсиррасонӣ ба саломатии шаҳрвандон, сохтори иҷтимоии ҷомеа, рушди минтақавӣ ва ғайра ҳам баррасӣ карда мешаванд.

Инъикоси ҷанбаҳои зикршуда дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои арзёбии нисбатан пурратар ва самарабахши таъсири танзимкунандаи санадҳои таҳияшаванда мусоидат хоҳад кард. Вобаста ба талабот нисбат ба таҳиягарон, лоиҳаи санад ва ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда, зарурат ба мутахассисони баландихтисос оид ба назорат ва экспертизаи санадҳои таҳияшаванда ба миён меояд, ки онҳо арзёбии дурусти лоиҳаро гузаронида метавонанд.

Ҳангоми таҳия намудани ҳисоботи умумӣ дар бораи гузаронидани арзёбии таъсири танзимкунанда зарур аст, ки мувофиқати байни фаслҳои марбути таҳлили вазъияти хатарнок ҳосил шавад. Дар ин ҳолат хатарҳо ҳамчун омили манфии бар асари истифодаи танзимгар зоҳиргардида баррасӣ карда мешаванд. Хатарҳои марбут ба мавҷудияти мушкилот (ex ente), хатарҳои ҳалли мушкилот бо тарзи пешниҳодшуда (de facto) ва хатарҳои пайомадҳои татбиқи санади таҳияшаванда (ex post) мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Дар навбати худ, таъсири омилҳои манфӣ дар робита бо мавҷудияти мушкилот дар сатҳҳои байналмилалӣ, макроиқтисодӣ, байнисоҳавӣ, соҳавӣ ва микроиқтисодӣ ба вуҷуд меоянд. Ин имкон медиҳад, ки хатарҳо тибқи аломатҳои мазкур гурӯҳбандӣ ва сипас дар шакли ҷадвали сеченакии хатарҳои танзим тасвир карда шаванд (Расми 1). Дар ҷадвали хатарҳо онҳо аз лиҳози шакл ва сатҳҳои

зоҳиршавӣ тақсим карда шудаанд. Ба ин васила, барои ҳар сатҳ маҷмуи дахлдори хатарҳо муайян карда мешавад.

Ченаки сеюми ҷадвал имкон медиҳад, ки хатарҳо мувофиқи соҳаи зоҳиршавӣ ба хатари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ мушаххас гардонида шаванд.




**Расми** 1. **- Ҷадвали сеченакаи хатарҳои танзим**

Ҷадвали хатарҳо феҳристи пурраи хатарҳои танзимро дар бар намегирад, зеро эҳтимоли пайдоиши хатарҳои нав вуҷуд дорад.

Ба ғайр аз ин, оқибатҳои (пайомадҳои) манфиро дар ҷанбаҳои дигар низ баррасӣ кардан мумкин аст. Хусусан, рушди инноватсионӣ боиси пайдошавии хатарҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти ҷомеа мегардад.

Дар ҷадвали пешниҳодшуда дар ҳар сатҳ категорияҳои дахлдор ва намудҳои хатар барои ҳар марҳилаи таҳия ва татбиқи амалии санади меъёрии ҳуқуқии муайян оварда шудаанд. Дар натиҷа, як навъ тартиббандии хатарҳо ҳосил мешавад, ки имконияро барои ошкор намудани «ҷойҳои заъифи» лоиҳаи санад фароҳам меорад. Ба ғайр аз ин, чунин равиш заминаро барои омодасозии ҳисоботи умумии пурра ва дақиқтар муҳайё мекунад.

Дар усули Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи асосӣ нисбат ба матраҳсозии ҳадафҳои танзим, мувофиқати онҳо ба сиёсати давлатӣ, имконоти арзёбии натиҷаҳои ноилшавӣ ба ин ҳадафҳо тавассути нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ сабт шудаанд.

Дар корҳои илмии бахшида ба масъалаҳои арзёбии таъсири танзимкунанда ба истилоҳ «меъёрҳои SMART» [6, с. 39] пешниҳод карда мешаванд. Вожаи «SMART» ба маънои «бохирад» дар ин ҷо ихтисора аст, ки аз ҳарфҳои якуми вожаҳои англисӣ сохта шудааст: specific (мушаххас), measurable (арзёбишаванда), assignable (қобили дастёбӣ), realistic (воқеӣ), time-releated (вобаста ба вақт). Чунин равиш аз гузориши ҳадафи танзими «бохирадона» бармеояд.

Барои муайян кардани самаранокии танзим бояд хусусиятҳои соҳавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва хосияти соҳаи таъсиррасонии онҳо ба назар гирифта шавад. Ҳангоми муайян кардани ҳадафҳои танзим барои лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои суғуртавӣ, ҳадафҳои стратегӣ ва ҷорӣ, соҳавӣ ва хусусиро, ки бо ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ мувофиқа шудаанд, муайян бояд кард.

Муайян намудани ҳадафҳои танзим ва асоснокии татбиқи ин ё он санад аз масъалаҳое бармеояд, ки барои ҳалли онҳо ҳамин санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шудааст. Албатта, ҳадафе, ки сиёсати давлатӣ гузоштааст, ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ хидмат мекунад. Танзими давлатии стратегӣ рушди иқтисодӣ, таъмини амният ва

устувории низоми иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Ба сифати асоснокии ҳадафи таъсири танзимкунанда тавассути қабули санади ҳуқуқии нав бояд далели имконнопазирии ҳалли мушкилоти дахлдор бо усули дигар пешниҳод карда шавад. Ба ҷои танзими давлатӣ метавон аз ташаббуси соҳибкорӣ ва ниҳоди худтанзим истифода бурд, ки таҳлили татбиқи онҳо барои исбот кардани интихоби ин ё он тарзи танзим имконпазир аст. Ба ибораи дигар, тасдиқи зарурат ва муайянсозии ҳадафҳои таъсиррасонӣ аз ҷониби давлат ба ошкор намудани маҳдудияти танзими бозорӣ дар ин ё он соҳаи фаъолияти иқтисодӣ асос меёбад.

Ба ин васила, муайян ва интихоб намудани таъсири танзимкунанда, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти мушкилот ва хатари вуҷуд надоштани танзими муносиб вобаста мебошад. Санади ҳуқуқӣ бо мақсади паси сар кардани вазъияти манфии баамаломада таҳия ва қабул карда мешавад.

Ҳангоми гузориши ҳадафи таҳияи лоиҳаи санади ҳуқуқӣ бояд принсипҳои зерин риоя карда шаванд:

- мувофиқат ба сиёсати давлатӣ;
- таъмини амнияти ҷомеа ва шаҳрвандон;
- ба вуҷуд овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ;
- муқаррар намудани мувозинати манфиатҳо, яъне исботи ин ки ҷамъи фоида аз ҳаҷми хароҷот бештар аст;
- табақабандии ҳадафҳо, аз ҷумла ҳадафҳои умумӣ, гурӯҳӣ, хусусӣ;
- имкони таҷассуми миқдорӣ, аз ҷумла пулии натиҷаҳо.

**Адабиёт**


1. Ашуров Ғ.Д. Таҳлили вазъи муосири бозори хизматрасониҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ғ.Д. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми II. - 2021. - №2. - С. 87-93.
2. Ашуров Г.Д. Перспективы развития системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистан / Г.Д. Ашуров, З.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2020 - №4/2 (34) - С. 202-206.
3. Мирсаидов А.Б. Институциональное обеспечение государственного регулирования страхового предпринимательства в Таджикистане / А.Б. Мирсаидов, Ш. Шамсуллозода // Евразийский союз ученых. Серия: экономические и юридические науки. - 2021. - №12(93). - С. 49-55.
4. Шавкунова И.С. Институциональные технологии: теоретический анализ /И.С. Шавкунова// Тенденции и проблемы в экономике России: теоретические и практические аспекты: материалы Всерос. науч.-практ. конф., 23 марта 2017 г. / под ред. С.А. Курганского. - Иркутск: Изд-во БГУ, 2017. - 293 с.
5. Пузыревский А.С. Антиконкурентные соглашения и недобросовестная конкуренция / А.С. Пузыревский. - М.: Проспект, 2015. - 288 с.
6. Сплетухов Ю.Л. Место и роль государства в организации страхования в современных условиях /Ю.Л. Сплетухов // Финансы. -2000. - №10. - С. 39-41.
7. Факеров Х.Н. Некоторые особенности становления системы электронной коммерции в Республики Таджикистан / Х.Н. Факеров, Д.С. Комилов // Вестник Таджикского национального университета, - 2019. - №4 (29). - С. 8-13.
8. Юсупова Г.А. Страховой рынок как инструмент развития социально-экономической сферы Таджикистана [электронный ресурс]. - URL: https://cyberleninka.ru/article/n/strahovoy-rynok-kak-instrument-razvitiya-sotsialno-ekonomicheskoy-sfery-tadzhikistana (дата обращения: 12.09.2023)

**УДК**: 331.5

# УСТУВОРГАРДОНИИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ ВА ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ

***Раҳматов Бахтовард Қушиевич*** – *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара.* С*урога*: 735320, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, к. Марказӣ* 25. *Телефон*: 93-154-13-13. E-mail: rbakhtovard@bk.ru

***Сафаров Қаландар Саймаҳмудович*** - *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара.* С*урога*: 735320, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, к. Марказӣ* 25. *Телефон*: 108-70-70-70. E-mail: safarov.kalandar@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур бо истифода аз усулҳои илмӣ омилҳое таҳлил карда шудаанд, ки онҳо дар устуворгардонии даромадҳои аҳолии кишвар нақши муассир мебозанд. Зимни таҳлил вазъи имрӯзаи геополитикии ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷанбаҳои манфии он ба рушди иқтисодиёти давлатҳои хурд, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Муаллифон дар мақола фазои сармоягузорӣ ва соҳибкориро дар асоси* “*Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли* 2040” *ба риштаи таҳқиқ кашида, ба натиҷа мерасанд, ки таъсиси ҷойҳои кории судманд, мавсимӣ ва доимӣ метавонад ба устуворгардонии даромадҳои аҳолӣ заминаи устувор гузорад. Ҳамзамон, омилҳои молиявие, ки ба коҳиши даромадҳои аҳолии кишвар таъсиргузор мебошанд, бо далоили боэътимод ва боварибахш дар мақола таҳлил ёфтаанд. Муаллифон дар анҷоми мақола барои устувор нигоҳ доштани даромадҳои аҳолӣ тавсияҳои илмии асоснокшударо пешниҳод кардаанд.*

***Калидвожаҳо***: *даромадҳои аҳолӣ, иқтисодиёти миллӣ, фазои сармоягузорӣ, ҷойҳои кории судманд, арзиши истеҳсоли молҳо, нархи молҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ, даромади соф, омилҳои молиявӣ ва бозорӣ.*

# СТАБИЛЬНОСТЬ ИНВЕСТИЦИОННОГО ПРОСТРАНСТВА КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА И ДОХОДОВ НАСЕЛЕНИЯ

***Рахматов Бахтовард Кушиевич*** - *кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета и налогообложения Дангаринского государственного университета. Адрес*: 735320, *Дангаринский район, ул. Маркази*, 25. *Телефон*: (+992) 93-154-13-13. E-mail: rbakhtovard@bk.ru.

***Сафаров Каландар Саймахмудович*** – *кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансов и банковского дела Дангаринского государственного университета. Адрес*: 735320, *Дангаринский район, ул. Маркази*, 25. *Телефон*: 108-70-70-70. E-mail: safarov.kalandar@mail.ru

*В данной статье с использованием научных методов анализируются факторы, играющие эффективную роль в стабилизации доходов населения страны. В ходе анализа обсуждалась современная геополитическая ситуация в мире, а также были показаны ее негативные аспекты для развития экономики малых государств, таких как Республика Таджикистан. В статье авторы исследуют инвестиционную и предпринимательскую среду на основе «Концепции развития продуктивной занятости в Республике Таджикистан до* 2040 *года» и приходят к выводу, что создание прибыльных, сезонных и постоянных рабочих мест может заложить прочную основу для стабилизации доходов населения. При этом в статье с достоверными и убедительными доказательствами*

*анализируются финансовые факторы, влияющие на снижение доходов населения страны. В конце статьи авторы представили научно обоснованные рекомендации по сохранению доходов населения.*

***Ключевые слова***: *доходы населения, национальная экономика, инвестиционный климат, прибыльные рабочие места, себестоимость производства товаров, цена товаров, предприятия обрабатывающей промышленности, чистый доход, финансовые и рыночные факторы.*

## STABILITY OF INVESTMENT SPACE AS A DEVELOPMENT FACTOR OF ENTREPRENEURSHIP AND POPULATION INCOME

Rahmatov Bakhtovard Kushievich - candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of accounting and taxation, Dangara state university. Address: 735320, Dangara, Markazi street 25. Email: rbakhtovard@bk.ru. Phone: (+992) 93-154-13-13

Safarov Kalandar Saimakhmudovich - candidate of economic sciences, associate professor, head of the Department of Finance and Banking, Dangara State University. Address: 735320, Dangara, Markazi Street 25. E-mail: safarov.kalandar@mail.ru Phone: 108-70-70-70.

This article uses scientific methods to analyze the factors that play an effective role in stabilizing the income of the country's population. The analysis discussed the current geopolitical situation in the world, and showed its negative aspects for the development of the economy of small states, such as the Republic of Tajikistan. In the article, the author examines the investment and business environment based on the “Concept for the development of productive employment in the Republic of Tajikistan until 2040” and comes to the conclusion that the creation of profitable, seasonal and permanent jobs can lay a solid foundation for stabilizing incomes of the population. At the same time, the article, with reliable and convincing evidence, analyzes the financial factors influencing the decline in income of the country's population. At the end of the article, the author presented scientifically based recommendations for maintaining the income of the population.

Key words: personal income, national economy, investment climate, profitable jobs, cost of production of goods, price of goods, manufacturing enterprises, net income, financial and market factors.

Дар замони муосир ба сатҳи даромадҳои аҳолии ҷаҳон омилҳои зиёде таъсиргузор буда, дар шаклгирии онҳо саҳми беандоза мегузоранд. Вазъияти геополитикии минтақа ва ҷаҳон бесарусомониҳои зиёдеро дар бозорҳои молиявию иқтисодӣ ба вуҷуд овардааст, ки бевосита онҳо ба иқтидори харидории аҳолии ҷаҳон, аз ҷумла аҳолии кишварҳои камнуфуз таъсир мерасонанд. Мунокишаи ҳарбии Федератсияи Россия бо Ҷумҳурии Украина, оғози мунокишаҳои навбатӣ байни Исроил ва Фаластин аз омилҳои сиёсие ба шумор меравaнд, ки сабабгори асосии гаронии арзишҳои истеҳсолӣ гардидаанд, ки натиҷаи ин мунокишаҳо боиси баланд гардидани нархи бозорҳои молию пулӣ гардидааст. Зимистони соли 2022, замоне, ки давлатҳои Иттиҳоди Аврупо таҳти таъсири сиёсати яккутбаи ИМА аз маҳсулоти нефтию газии Федератсияи Россия даст кашиданд ва таҳримҳои тиҷоратию молиявиро нисбат ба ин давлат ҷорӣ намуданд, гароншавии нархи маҳсулоти нафтӣ баякборагӣ боло рафт. Ҳатто дар аксар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо (Олмон, Фаронса ва ғ.) аҳолӣ имкони харидории гази моеъро надошта, аз захоири алтернативӣ (истифодаи ангишт) дар зимистони 2022 васеъ истифода бурданд. Коршиносони масоили иқтисодӣ ва сиёсӣ вазъи бавуқуъомадаро таҳлил намуда, пешниҳод доранд, ки давлатҳои абарқудратро зарур аст, ки соҳаи ҳарбии худро бознигарӣ намуда, маблағҳои калонеро барои бозсозии он равона намоянд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, натиҷаи бознигарии соҳаи ҳарбӣ метавонад ба иқтисодиёти миллии онҳо фоидабахш набошад. Дуруст аст, ки дар

натиҷаи бозсозӣ қисми низомию ҳарбии онҳо такмил меёбад, аммо иқтисодиёт заиф мегардад. Амалҳои мазкур бевосита ба гароншавии нарх ва арзишҳои истеҳсолӣ оварда мерасонад, ки билохира даромадҳои аҳолиро паст мегардонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ноил гардидан ба истиқлоли давлатӣ равобити иқтисодию молиявии худро бо тамоми давлатҳои ҷаҳон бознигарӣ ва такмил дода, дар ҳалқаи иқтисодию молиявии ҷаҳон ҳамчун яке аз иштирокчиён фаъол қадамҳои устувор мегузорад. Дар замони муосир кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистон бо тамоми ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва иқтисодии ҷаҳон аъзо буда, дар рушди онҳо ташаббусҳои созанда мегузорад. Ҳамасола ташкилотҳои молиявию қарзии давлатҳои хориҷа ба ҷумҳурии мо қарзҳои имтиёзнок, бебозгашт ва грантҳои гуногун пешниҳод менамоянд, ки бо истифода аз онҳо бахши иқтисодию иҷтимоии кишвар рушд меёбад. Дар ин радиф, бояд қайд кард, ки буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқон буҷети иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад, зеро ба самти иҷтимоиёт роҳбарияти олии кишвар бештар таваҷҷуҳи хос дорад. Чунин сиёсати молиявӣ ба сатҳи даромадҳои аҳолии кишвар таъсиргузор буда, яке аз сабабҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии шоистаи аҳолии кишвар ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки зимни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти чандин корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ оғоз бахшиданд, ки бунёди онҳо ба баланд гардонидани сатҳи сифати зиндагии мардум ва устуворгардонии даромадҳои аҳолӣ равона карда шудаанд. Таъсиси корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, ба афзоиши ММД мусоидат намуда, дар баробари он ҷойҳои кории нав ва мавсимӣ бунёд карда шуда, ҳадди ақали музди меҳнати аҳолии кишвар боло меравад. Афзун гардидани корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ билохира садди роҳи муҳоҷирати иҷбории меҳнатӣ шуда, аҳолии кишварро ба ҷойи кори доимӣ таъмин мекунанд.

Чунонки дар боло ишора рафт, Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили ҳоҷагии ҷаҳон мебошад, ки вазъи нобасомони ҳарбӣ ва иқтисодии ҷаҳон метавонад ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ таъсир расонад. Шуруъ аз моҳи октябри соли 2023 дар бозорҳои маҳсулоти нафтии Ҷумҳурии Қазоқистон сиёсати нархгузорӣ ба иллати ҳаводиси болозикр тағйир ёфт, ки ин ба афзоиши нархҳои махсулоти нафтӣ дар кишвари мо оварда расонд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон як литр гази моеъ 50 тенгеро ташкил медиҳад, аммо соҳибкорони давлати ҳамсоя арзиши истеҳсолии як литр гази моеъ барои давлатҳои истифодабарандаро 110-115 тенге муайян кардаанд ва минбаъд дар як ҳолат нигоҳ доштани нархи маҳсулоти нафтӣ кафолат дода намешавад. Чунин муносибат боиси он шуд, ки дар кишвари мо нархи гази моеъ қариб 42,6% гарон шавад, ки ин дар як вақт ба гароншавии бозорҳои молӣ оварда мерасонад. Таносубан, агар нархи гази моеъ ба 42,6% боло равад, дар бозорҳои молӣ нарх аз 10 то 20% гарон мешавад, зеро аксари молҳо тавассути мошинҳои боркаш интиқол дода мешаванд. Ҳолати мазкур сабаб мегардад, ки аҳолии кишвар дар факр қарор гирифта, даромади бештари худро ба бозор сарф намояд. Яъне ин гуна ҳолат метавонад ба иқтидори харидории аҳолии кишвар таъсири манфии худро расонад. Аз ин рӯ, аҳолии кишварро зарур аст, ки оид ба устуворгардонии даромадҳо тадбирандешӣ намуда, захираҳои дар ихтиёрдоштаро самарабахш истифода намоянд. Дар доираи мақола мо якчанд омилҳои устуворгардонии даромадҳои аҳолиро мавриди таҳлил қарор додем. Яке аз чунин омилҳо ин таъмини аҳолии кишвар ба шуғли доимӣ ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати таъмин намудани аҳолии кишвар бо шуғли доимӣ Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки якчанд амалҳо ва тадбирҳоро роҳандозӣ намоянд. Дар доираи сиёсати иҷтимоии ҳадафнок Президенти мамлакат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ соли 2021 нисбат ба масъалаи мазкур чунин пешниҳод намуданд: “Бо мақсади

мусоидат ба ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ зарур аст, ки Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 таҳия карда шавад” [7].

Тибқи нишондоди консепсияи мазкур то соли 2030 аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикисон ба 11,5 миллион нафар мерасад. Дар асоси афзоиши аҳолӣ ва масъалаҳои дигари демографӣ Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нақша дорад, ки солона 100 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис диҳад. Инчунин, густариши заминаҳои шуғли пурмаҳсул; дониш ва малака, технология ва имкониятҳои шуғли судманд; рушди соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои кории судманд; институт ва барномаҳои бозори меҳнат ва шарикии иҷтимоӣ самтҳои асосие мебошанд, ки дар доираи консепсия то давраи соли 2040 рушд дода мешаванд [2].

Бояд гуфт, ки дар амал татбиқ намудани мақсад ва матлабҳои асосии консепсияи мазкурро банақшагирии теъдоди аҳолӣ, ҳадди ақали музди меҳнат, сатҳи дониш, маҳорати касбӣ ва тахассусии аҳолии қобили меҳнат, муҳоҷирати иҷбории меҳнатӣ, хароҷот ба сари ҳар як нафари аҳолӣ, теъдоди бекорон, вазъи иҷтимоию иқтисодии шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо дорад. Ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани нуктаҳои асосии консепсияи мазкур мутахассисони соҳа иддао доранд, ки ҷадвали ягонаи тарифии тахассусии амалкунанда ба талаботи муосири бозори озоди меҳнат ҷавобгӯ набуда, он тахассусҳо ва технологияҳои навро ба инобат намегирад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҷадвали ягонаи тарифии тахассусии амалкунанда вобаста ба бозори озоди меҳнат таҷдиди назар ва таҳия карда шавад. Зимни таҷдид бояд хусусияти байнисоҳавӣ ба инобат гирифта шуда, дар асоси машварат бо корфармоён ва ҷалби мутахассисони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла Иттиҳодияи корфармоёни Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ҷадвали ягонаи тарифии тахассусии ҷадид рӯи кор ояд. Таъмини бехатарии меҳнат ҷорӣ намудани воситаҳои техникии муосир ва истеҳсоли воситаҳои махсуси муҳофизатии инфиродиро тақозо менамояд, ки дар ҷумҳурӣ амалан вуҷуд надоранд ва эҳтиёҷот аз ҳисоби воридот тавассути шабакаҳои ғайридавлатӣ қонеъ гардонида мешавад. Бинобар ин, истеҳсоли воситаҳои муҳофизатии инфиродиро дар ҷумҳурӣ ба роҳ мондан ё хариди давлатии мутамаркази онҳоро роҳандозӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст [6].

Омилҳои дар ҷадвал пешниҳодгардида дар раванди татбиқ намудани консепсияи мазкур бояд таҳлили илмии худро пайдо намоянд ва ба эътибор гирифта шаванд. Мо ниҳондиҳандаҳои рақамиро оид ба татбиқи консепсияи мазкур дар ҷадвал таҳлил ва баррасӣ менамоем.

**Ҷадвали** 1. **- Нишондиҳандаҳои омилҳои таъсиррасон ба раванди амалишавии “Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли** 2040”

| № | Омилҳо | Давраҳои таҳлил | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| 1. | Теъдоди аҳолӣ, ҳаз. нафар | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9716,8 | 9886,8 |
| 2. | Музди миёнаи моҳонаи номиналии меҳнат (ҳаз. сомонӣ) | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 |
| 3. | Сатҳи дониш (бо адад) | 38,5 | 44,6 | 43,2 | 42,4 | 53,6 |
| 4. | Маҳорати касбӣ ва тахассуси аҳолии қобили меҳнат (бо адад) | 5379,8 | 5473,9 | 5567,4 | 5601,7 | 5703,3 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5. | Теъдоди барои кор аз мамлакат рафтагон (ҳаз. нафар) | 0,4 | 0,4 | 0,3 | 0,1 | 0,3 |
| 6. | Хароҷот ба сари ҳар як нафар аҳолӣ (ҳаз. сомонӣ) | 423,25 | 469,43 | 535,5 | 870,65 | 1084,02 |
| 7. | Теъдоди бекорони расман эътирофшуда (ҳаз. нафар) | 53 | 52 | 51 | 51 | 53 |

**Сарчашма**: **дар асоси нишондиҳандаҳои** “**Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** - 2022” **тахия ва ҳисоб карда шудааст**.

Бо истифода аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 ҷиҳати таҳлили сохтори нишондиҳандаҳои дар он ифодагардида динамикаи воқеии вазъият, яъне афзоиш ё коҳиши солонаи онҳо дар диаграммаи 1 оварда мешавад.

**Диаграммаи** 1. - **Динамикаи нишондиҳандаҳои омилҳои консепсия** (**бо** %)




**Сарчашма**: **ҳисоби муаллифон дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали** 1.

Таҳлили дигараммаи 1 нишон медиҳад, яке аз омилҳои асосие, ки ба раванди татбиқи консепсияи мазкур таъсиргузор мебошад, ин сатҳи афзоиши аҳолӣ ба шумор меравад. Ин омил водор ба он месозад, ки дар сатҳи муқаррарӣ бояд ҷойҳои корӣ ва инфрасохторҳои иҷтимоӣ ба истифода дода шаванд. Лозим ба зикри хос аст, ки инфрасохторҳои иҷтимоӣ дар амалӣ гардидани вазифаҳо ва ҳадафҳои консепсияи пурмаҳсул нақши муҳим бозида, нишондиҳандаи минбаъдаи мазкурро танзим ва таъмин менамоянд. Масалан, бунёди мактабҳои миёна, миёнаи махсус, коллеҷу техникумҳо, донишкадаҳо ва донишгоҳҳо сабабгори саводнок ва соҳибкасб гардидани аҳолии кишвар ба ҳисоб мераванд, ки яке аз ҳадафҳои асосии амалӣ шудани консепсия пурмаҳсул ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаҳои диаграммаи 1 нишон медиҳанд, ки ҳаҷми аҳолии кишвар мунтазам афзоиш меёбад. Чунончи, агар дар соли 2018 ин нишондиҳанда ба 2,1% афзоиш ёфта бошад, дар соли 2020 он нисбат ба соли 2019 ба 4,3% афзоиш ёфтааст. Дар соли 2021 афзоиши давомнок ба 1,7% расидааст. Дар маҷмуъ, афзоиши аҳолӣ ба ҳамаи нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар таъсиргузор боқӣ монда, ба рушди онҳо замина мегузорад.

Дуюмин нишондиҳандае, ки бояд дар доираи консепсияи мазкур афзоиш ёбад, ин даромадҳои пулии аҳолии кишвар ба ҳисоб мераванд, ки аз якчанд сарчашмаҳо

ташаккул меёбанд, ки он бевосита ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад. Яке аз ин сарчашмаҳо ин музди номиналии меҳнат ба ҳисоб меравад, ки аҳолии кишвар бар ивази меҳнати якмоҳа онро ба даст меоранд. Дар ин раванд бояд қайд кард, ки аҳолии кишвар ба якчанд гурӯҳҳо тасниф мешаванд ва, ба назари мо, тасниф бояд ба тариқи зайл сурат гирад:

1. Гурӯҳи аввал аҳолие мебошанд, ки музди маоши расмиро дар қаламрави кишвар ба даст меоранд ва дар ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатии ватанӣ фаъолияти меҳнатӣ доранд.

2. Аҳолии кишвар, ки музди маоши ғайрирасмиро дар қаламрави кишвар ба даст меоранд, дар ин маврид сухан дар бораи он қувваҳои корие меравад, ки онҳо аз ҳама пардохтҳои ҳатмӣ озод мебошанд. Масалан, аксари занони кишвар дар корҳои мавсимии саҳроӣ ҷалб гардида, музди маошро рӯзбайъ ба даст меоранд, ё аксари мардони дар сохтмонҳои маҳаллӣ ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд ва даромади ғайрирасмии онҳо дар маълумотномаҳои оморӣ ба қайд гирифта намешаванд. Ҳолати мазкур бояд расман дар маълумотномаҳои оморӣ сабту дарҷ гардад.

3. Гурӯҳи дигари аҳолӣ ин муҳоҷирони иҷбории меҳнатие мебошанд, ки дар дигар давлатҳо фаъолияти корӣ дошта, солона анқариб ба ҷумҳурии мо аз 1,5 то 3 миллиард доллари ИМА маблағ интиқол медиҳанд, ки аҳли оилаи онҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ин маблағҳоро хароҷот мекунанд.

4. Гурӯҳи дигарро соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳанд, ки метавонанд худро бо ҷойи кори доимӣ таъмин намуда, якчанд ҷойи кории навро ҳамчун корфармо таъсис диҳанд.

Дар диаграммаи 1 динамикаи афзоиши солонаи музди миёнаи моҳонаи номиналии меҳнат таҳлил гардидааст, ки нишондиҳандаҳо афзоиши мунтазамро касб кардаанд. Агар дар соли 2018 нишондиҳандаи мазкур ба 7,8% афзоиш ёфта бошад, даромадҳои аҳолие, ки ба воситаи музди маош дастрасӣ доранд, анқариб 8% зиёд шудааст. Дар соли 2021 нишондиҳандаи мазкур ба 10,5% афзоиш ёфтааст.

Дар маҷмуъ, бояд қайд кард, ки таҳлиле, ки дар диаграммаи 1 оварда шудааст, мусоидат менамояд, ки мақсад ва вазифаҳои “Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040” аз оғози соли 2022 амалӣ карда шавад.

Ба ғайр аз нишондодҳое, ки дар “Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040” оварда шудаанд, мо таҳлилҳоеро пешниҳод менамоем, ки ба беҳтар гардидани устувории даромадҳои аҳолии кишвар мусоидат намуда, фазои сармоягузориро дар кишвар тақвият мебахшанд. Зери мафҳуми фазои сармоягузорӣ, одатан, равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ дар назар дошта мешаванд, ки барои беҳтар гардидани ҷалби сармоягузорӣ зарур буда, илман ба роҳ мондани онҳо боиси афзоиши ҳаҷми солонаи онҳо мегардад [9].

Аҳаммияти фазои сармоягузорӣ ба иқтисодиёт ва рушди бахшҳои алоҳидаи он аз тарафи олимон ва коршиноси соҳа гуногун арзёбӣ шудаанд. Муҳаққиқ Н.Н. Милчаков чунин мешуморад, ки селаҳои сармоягузорӣ ин ба гирдгардиш ва молиякунонии объектҳои инвеститсионӣ тағйироти ҷиддӣ ворид намуда, арзиши сармояро боло мебаранд [4]. Фазои сармоягузорӣ аз тарафи олимони ватанӣ низ таҳлил гардида, дар асоси минтақаҳои гуногуни кишвар амалӣ карда шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки арзёбии маҷмуию рақамии ҷалби сармоягузории минтақаҳо бо истифода аз нишондиҳандаҳои ҳамбастагӣ, умумӣ, нишонаҳои минтақаҳо ва омилҳои гуногуни ҷуғрофӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои мазкур бояд амалӣ карда шавад [9].

Мутахассисони соҳа қайд мекунанд, ки ҷаззобияти баланди сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ бештар рушд кунанд [8].

Ҳамчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки ба фазои сармоягузорӣ ва ҷаззобияти он омилҳои гуногун, ба монанди нишондиҳандаҳои молиявӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва минтақавии корхона, хавфҳои давлатӣ ва соҳавӣ таъсиргузор мебошанд [10]. Дар раванди мазкур селаҳои сармоягузорие, ки ба иқтисодиёт ворид гардидаанд ва селаҳои пулиро ташаккул медиҳанд, муҳим арзёбӣ карда мешаванд. Ин селаҳо бояд самаранок истифода карда шаванд ва барои баланд бардоштани иқтидори молиявии корхона ва дар маҷмуъ, ба рушди иқтисодиёти миллӣ равона гарданд [1].

Масъалаҳои таҳлили вазъи сармоягузорӣ ва муайян кардани самтҳои беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ дар марҳилаи ҳозира мубрам арзёбӣ мегардад. Вобаста ба объекти маблағгузоришаванда намудҳои зерини сармоягузорӣ аз ҳам тафовут доранд: сармоягузориҳои воқеӣ ва сармоягузориҳои молиявӣ. Сармоягузориҳои воқеӣ ин саҳмгузории активҳои воқеӣ, яъне саҳмгузорӣ ба ташкили корхонаҳои нав, таъмир, барқарорсозӣ ва таъминнамоии техникии корхонаҳои мавҷуда, истеҳсолот, хатҳои технологӣ, объектҳои гуногуни таъминоти истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ-маишӣ бо мақсади рушди шумора ва сифати фондҳои асосии таъйиноти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ҳамчун шарти инкишофи даромаднокӣ ва манфиатбахшии корхона, фирма ва дар маҷмуъ иқтисодиёти миллӣ, сатҳи таъминоти иҷтимоӣ ва хизматрасонии аҳолӣ мебошад.

Сармоягузориҳои молиявӣ ин саҳмгузорӣ дар хариди саҳмияҳо ва коғазҳои қиматноки давлат, дигар корхонаҳо, фондҳои инвеститсионӣ, суғуртавӣ ва дигар корхонаҳои молиявӣ мебошад. Дар ҳолати мазкур саҳмгузорон на сармояи истеҳсолӣ, балки сармояи молиявии худро зиёд намуда, дивиденд – даромад аз коғазҳои қиматнок ва ё аз нигаҳдошти маблағ дар бонкҳо (фоизҳои бонкӣ) мегирад. Ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми тадбирҳо андешида шудаанд. Яъне дар низоми ҳуқуқии кишвар, ҳуқуқҳои сармоягузорҳои хориҷӣ ва ватанӣ ҳимоя гардида, манфиатҳои молии онҳо ҳамеша дар мадди аввал гузошта мешавад. Тибқи санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ, ҳуқуқи сармоягузорон ҳимоя карда мешавад. Ҳамчунин, кафолати давлатӣ ба сармоягузорон дода шуда, манфиатҳои онҳо ҳамеша аз тарафи давлат зери ҳимоя қарор мегиранд.

Сиёсати андозию буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам барои дастгирии сармоягузорони хориҷию ватанӣ таҷдиди назар гардида, имтиёзҳои нав таҳия ва тасдиқ карда мешаванд. Дар натиҷаи амалӣ намудани сиёсати андозӣ, имтиёзҳои зерини андозӣ ба корхонаҳои навтаъсис ҷорӣ карда шудааст, ки даромадҳои шахсони ҳуқуқӣ аз андоз озод мебошанд. Яъне даромади корхонаҳои навтаъсис аз таҳвили молҳои истеҳсолшуда, агар муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ муроҷиат намуда бошанд, ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ҳаҷмҳои дар поён зикргардидаи сармоягузориҳоро ба муҳлатҳои зерин ворид намоянд:

а) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор то 500 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кунад;

б) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор то 2 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунад;

в) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунад;

г) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошад [5].

Натиҷаи ин гуна имтиёзҳо ба иқтисодиёти миллӣ таъсиргузор буда, ҷойҳои кории нав, афзоиши истеҳсоли молҳои рақобатпазири воридотивазкунандаро фароҳам меорад, ки дар натиҷа иқтидори иқтисодиёт боло меравад. Метавон гуфт, ки устуворгардонии даромадҳои аҳолии кишвар, ки бевосита ба сармоягузориҳои хориҷӣ

вобастагӣ доранд, ки ин сармоягузориҳо ба афзоиши даромадҳои аҳолии кишвар муосидат мекунанд. Нишондиҳандаҳои рушди сармоягузориҳо ва динамикаи онҳо дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. - Ҳаҷми сармоя ва нишондиҳандаҳои рушди он**

| № | Шаклҳои сармоягузорӣ | Давраҳои таҳлил | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| 1. | **Воқеӣ**, аз он ҷумла: то аввали соли ҳисоботи андухтшуда (млн доллар) | 5665,4 | 6366,2 | 6652,9 | 6474,9 | 6367,0 |
| | **Афзоиши солона (бо %)** | | 12,3 | 4,5 | -2,6 | -1,6 |
| | Дар давоми сол воридшуда (млн доллар) | 1100,4 | 644,4 | 607,1 | 428,5 | 718,3 |
| | **Афзоиши солона (бо %)** | | -41,1 | -5,7 | -29,4 | 67,6 |
| 2. | **Молиявӣ**, аз он ҷумла: то аввали соли ҳисоботи андухтшуда (млн доллар) | 3584,8 | 3631,7 | 3948,4 | 3760,5 | 3653,8 |
| | **Афзоиши солона (бо %)** | | 1,3 | 8,7 | -4,7 | -2,8 |
| | Дар давоми сол воридшуда (млн доллар) | 354,5 | 326,8 | 345,9 | 162,5 | 342,2 |
| | **Афзоиши солона (бо %)** | | -7,8 | 5,8 | -53,0 | 110 |
| 3. | **Сармоягузориҳои ҳаққи узвият ба фонди оинномa**, аз он ҷумла: то аввали соли ҳисоботи андухтшуда (млн доллар) | 2156,7 | 2311,9 | 2359,3 | 2236,6 | 2149,7 |
| | **Афзоиши солона (бо %)** | | 7,1 | 2,0 | -5,2 | -3,8 |
| | Дар давоми сол воридшуда (млн доллар) | 46,0 | 102,4 | 75,5 | 15,0 | 109,8 |
| | **Афзоиши солона (бо %)** | | 122,6 | -26,2 | -80 | 632 |

**Сарчашма**: **дар асоси нишондиҳандаҳои “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022” таҳия ва ҳисоб карда шудааст**.

Дар ҷадвали 2 динамикаи рушди се шакли сармоягузорӣ таҳлил карда шудааст. Дар сатри аввал сармояҳои воқеӣ қарор доранд, ки бо ду нишондиҳанда ифода меёбанд: сармоягузориҳои то аввали соли ҳисоботӣ ва дар давоми сол воридшуда. Сармоягузориҳои воқеӣ дар аввали соли 2018 нисбат ба соли 2017 ҳудудан 12,3% афзоиш ёфтаанд, аммо дар давоми сол воридоти онҳо коҳиш ёфта, нисбат ба соли 2017 ва давоми соли 2018 онҳо ба 41,1% паст шудаанд. Дар солҳои минбаъда коҳиши

сармояҳои воқеӣ идома ёфта, дар соли 2019 5,7% кам гардидаанд. Андухти онҳо дар аввали сол 4,5% ё 6652,9 млн доллари ИМА-ро ташкил кардаанд. Дар соли 2021 таносуби мазкур иваз гардидааст. Яъне воридоти сармоя дар давоми сол ба 67,6% баробар шуда, андухти онҳо дар аввали сол ба 1,6 коҳиш ёфтааст.

Сармоягузориҳои молиявӣ дар солҳои таҳлилӣ динамикаи гуногун дошта, коҳишу афзоишро касб кардаанд. Масалан, дар аввали соли 2019 андухти онҳо 3948,4 млн доллари ИМА-ро ташкил мекунад, ки 8,7% афзоиш ёфтаанд. Дар солҳои 2019 ва 2021 андухти сармоягузориҳои молиявӣ анқариб ба 7,5% коҳиш ёфтааст. Дар ин баробар, дар соли 2020 воридоти онҳо нисбат ба соли 2019 ба 53,0% коҳиш ёфтааст, ки ин гуна коҳиши бесобиқа ба ҳолатҳои карантинӣ вобаста мебошад. Аммо дар соли 2021 воридоти онҳо якбора ба 179,7 млн доллари ИМА зиёд гардид, ки 110% афзоишро касб намудаанд.

Сармоягузориҳои ҳаққи узвият ба фонди оинномаи корхонаҳо низ якранг набуда, дар раванди тағйирёбӣ қарор дорад. Масалан, дар соли 2019 ҳаҷми андухти онҳо ба 2311,9 млн доллари ИМА сармоягузориҳои хориҷӣ ҳамчун ҳаққи узвият ба корхонаҳои Тоҷикистон ворид гардидаанд, ки нисбат ба соли гузашта 7,1% афзоиш ёфтааст. Андухт ва воридоти онҳо дар соли 2020 коҳиш ёфтааст, ки бевосита ба пандемияи ковид-19 рабт дорад. Дар давоми соли 2021 воридоти онҳо дар ҳаҷми 94,8 млн доллари ИМА афзоиш ёфтаанд, ки ин падида аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар соли мазкур дар якҷоягӣ бо шарикони рушд ва ҳамкорони хориҷӣ, соҳибкорони ватанӣ корхонаҳои муштарак бунёд намудаанд.

Чунонки дар боло қайд кардем, воридоти сармоягузориҳои гуногуншакл дар иқтисодиёти миллӣ ҳамчун катализатор фаъолият намуда, ба ҳаҷми селаҳои молиявӣ таъсиргузор мебошанд ва сабабгори ташкили корхонаҳои нав шудаанд. Таъсиси ин корхонаҳо ба устуворгардонии даромадҳои аҳолӣ таъсири мусбат расонида, ба рушд ва ташаккули онҳо мусоидат мекунад. Динамикаи сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки то ба ҳол фазои сармоягузорӣ дар кишвари мо дар шакли комил ташаккул наёфтааст, зеро коҳиши онҳо, тибқи санадҳои оморӣ, ба қайд гирифта шудаанд. Маврид ба зикр аст, ки ҳарчанд имтиёзҳои андозӣ зиёд бошад ҳам, то ба ҳол ҷалби сармоя аз хориҷи кишвар такмилталаб боқӣ мемонад.

Омилҳои дигаре, ки ба сатҳи устувории даромадҳои аҳолии кишвар таъсиргузор аст, рушди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Иқтисодиёти миллиро бештар соҳибкорони хурду миёна рушд дода, арзишҳои нави иқтисодиро ба бозорҳои молию озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ пешниҳод мекунанд. Яке аз намудҳои асосии соҳибкорӣ ин соҳибкории инфиродӣ мебошад, ки бо василаи хизматрасониҳои гуногун шакл мегирад ва дар асоси шаҳодатнома ва патентҳои андозӣ фаъолияти худро пеш мебарад.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар соли 2021 дар қаламрави кишвар ин гуна соҳибкорон 307,8 млн нафар буда, хизматрасониҳои гуногунро ба аҳолии кишвар пешниҳод намудаанд. Дар диаграммаи навбатӣ рушди солонаи соҳибкорони инфиродӣ оварда шудааст.

**Диаграммаи 2. - Нишондиҳандаҳои рушди солонаи соҳибкорони инфиродӣ (2017-2021)**




**Сарчашма**: **дар асоси нишондиҳандаҳои "Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022" тахия ва ҳисоб карда шудааст**.

Натиҷаҳои таҳлили диаграммаи 2 нишон медиҳанд, ки рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Дар қаламрави кишвар чанд шакли соҳибкории инфиродӣ фаъолият менамоянд, ки мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Бояд гуфт, ки соҳаи соҳибкории инфиродӣ такондиҳандаи иқтисодиёти миллӣ буда, дар устуворгардонии даромадҳои аҳолӣ саҳми назаррас мегузорад.

Нишондиҳандаҳои диаграммаи 2 гувоҳи онанд, ки рушди соҳибкорӣ дар самти хизматрасониҳои маишӣ, солона ба ҳисоби миёна 2,5% афзоиш ёфта истодааст. Хизматрасониҳо дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ низ мунтазам рушду афзоиш ёфта, бо ҳисоби миёнаи солона 30,7% афзоиш доранд. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳамин самт аҳолии кишвар бештар соҳибшуғл гардида, моҳона даромадҳои бештар ба даст оварда, устувории даромади хешро таъмин мекунанд. Рақамҳои диаграмма нишон медиҳанд, ки аҳолии кишвар ба соҳаи фарҳангу иҷтимоёт камтар таваҷҷуҳ доранд. Аз ин рӯ, дар ин самт динамикаи рушд ба чашм намерасад, зеро аҳолии кишвар бештар худро ба бозор ва хизматрасониҳои маишию хӯроки умумӣ банд кардаанд. Ҳамчунин, дар диаграмма дигар шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар маҷмуъ оварда шудааст, ки рушди бештар доранд. Бояд тазаккур дод, ки Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид. Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд. Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд [8].

Таҳлили анҷомдода имкон медиҳад, ки ҷиҳати устуворгардонии даромадҳои аҳолӣ чунин хулосагирӣ ва пешниҳодҳои зеринро манзур намоем:

1. Сармояи хориҷии ҷалбгардида бештар барои бунёди корхонаҳои азими саноатӣ равона карда шавад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки дар як корхонаи

саноатӣ бештар аз 600 нафар ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб гарданд ва аз ин ҳисоб истеҳсолоти молҳои ватанӣ тақвият ёбад.

2. Дар баробари пардохти маоши моҳона ҷиҳати устуворгардонии даромадҳои аҳолӣ шохиси таваррум бояд бештар истифода шавад, ки он хусусияти ҳимоявӣ дошта, даромадҳои аҳолиро аз омилҳои иқтисодӣ эмин дошта, қобилияти харидории аҳолиро боло мебарад.

3. Дар доираи консепсияи пурмаҳсул ҷойҳои кории нав хосса барои муҳоҷирони иҷбории меҳнатӣ бо дархости худи онҳо бояд бунёд карда шаванд. Пешниҳоди мазкур метавонад ба коҳиши сатҳи муҳоҷират мусоидат намояд.

4. Зимни бундёи корхонаҳои саноатӣ принсипи "дарозмуҳлат"-и фаъолияти онҳо аз тарафи муассисҳо, Ҳукумат, кумитаи андоз таъмин карда шавад. Ҳар як корхонае, ки дар қаламрави кишвар навтаъсис мебошад, бо дарназардошти фаъолияти истеҳсолию молиявии он корхона бояд ба муҳлати 5 сол аз андоз аз даромад озод карда шавад. Ин гуна муносибат метавонад иқтидори молиявии корхонаҳоро боло барад, ки дар натиҷа корхонаҳо масоҳати истеҳсолии худро зиёд намуда, сабабгори зиёд гардидани ҷойҳои нави корӣ мегарданд.

5. Зарур аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ имтиёзҳои андозӣ, истеҳсолӣ ва молиявӣ барои корхонаҳои саноатию истеҳсолии ватанӣ тибқи Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ таҷдиди назар карда шаванд.

**Адабиёт**


1. Бобоев, Н.М. Селаҳои молиявӣ дар иқтисодиёт: хусусият ва таҳлили манбаъҳои ташаккули онҳо / Н.М. Бобоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – 2022. – №1-2 (98). – С.275-282.
2. Боровская, Ю.А. Роль инвестиционного климата в формировании инвестиционной привлекательности территории / Ю.А. Боровская // Научный диалог: молодой ученый. – 2018. – С. 14-17.
3. Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.mehnat.tj/tg/legalacts (санаи истифода: 11.11.2023).
4. Мильчакова, Н.Н. Концептуальные основы активизации инвестиционной деятельности в реальном секторе экономики: дисс....... д-ра экон.наук по спец: 08.00.01 / Н.Н. Мильчакова. – М., 1998. – 292 с.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2021, №549 қабул карда шуд
6. Омилҳои татбиқи "Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040"/ Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.mehnat.tj/tg/legalacts (санаи истифодабарӣ: 11.11.2023).
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри 2021, шаҳри Душанбе. [манбаи электронӣ]. – URL: http://president.tj (санаи истифодабарӣ: 10.11.2023).
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023, шаҳри Душанбе. [манбаи электронӣ]. – URL: http://president.tj (санаи истифодабарӣ: 3.01.2024).

9. Цехомский, Н.В. Инвестиционная привлекательность и инвестиционный климат / Н.В. Цехомский // Теория и практика сервиса: экономика, социальная сфера, технологии. – 2022. –№ 1 (51). – С.5-10.
10. Шарипов, У.Х. Анализ инвестиционной привлекательности регионов Республики Таджикистан: проблемы и пути их решение / У.Х. Шарипов, М.Н. Хусайнов // Endless Light in Science (экономические науки). – 2022. – №8 (145). – С.234-240.
11. Шеина, Е.Г. Методологический подход к оценке и анализу инвестиционной привлекательности объектов инвестирования при ранжировании финансовых показателей / Е.Г. Шеина, О.Т. Астанакулов // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. – 2019. – № 5-1 (119). – С. 51-56.

**УДК: 556.18.626/628**

## САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ҲАМГИРОИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Урунбаева Нигина Абдумухторовна*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 555 56 21 95. E-mail: urunbaevan@list.ru.*

*Дар мақола истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об ба манфиати рушди иқтисодиёт ва некуаҳволии иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст. Сабабҳои оқилона истифода нашудани захираҳои об муайян карда шудаанд. Роҳҳои ҳалли ин мушкилот тавассути истифодаи усулҳои бозории идоракунии захираҳои об дақиқ гардида, ба нигоҳдорӣ, такрористеҳсол ва ҳифзи об, ҳимоя ва таъмини ҳуқуққҳои истифодабарандагони об ва нигоҳдории устувории экосистемаҳои табиӣ нигаронида шудаанд. Яке аз роҳҳои самаранок истифода бурдани захираҳои об ҷорӣ намудани принсипҳои идоракунии ҳамгироии захираҳои об дар асоси "Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола" мебошад.*

*Дар мақола, инчунин, сабабҳои бад шудани кори низомҳои обёрӣ муайян шудаанд, яъне дар ҷумҳурӣ заминҳои обӣ дар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ тақсим карда шуда, иншоотҳои гидротехникӣ бошанд, бесоҳиб монданд. Вобаста ба ин, ҳамасола зиёда аз 50 ҳазор гектар замин бо об таъмин карда намешаванд. Самтҳои переспективии истифодаи оқилона ва аз ҷиҳати экологӣ бехавфи об дар низомҳои обёрӣ бо роҳи такмили истифодаи об бо назардошти вазъияти мелиоративӣ, беҳтар намудани истисмори каналҳои шабакаҳои байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ таҳлил гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *истифодаи об, захираҳои обу замин, низомҳои обёрӣ, истифодаи устувори об, заминҳои обёришаванда, идоракунии ҳамгироӣ, хоҷагии қишлоқ, истифодабарандагони об, захираҳои молиявӣ, технологияҳои сарфаи об, хоҷагиҳои деҳқонӣ, зироатҳои кишоварзӣ.*

## ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИНТЕГРИРОВАННОГО УПРАВЛЕНИЯ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Урунбаева Нигина Абдумухторовна*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики предприятий и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 555 56 21 95. E-mail: urunbaevan@list.ru.*

*В статье рассматривается эффективное и рациональное использование водных ресурсов в интересах экономического развития и социального благосостояния. Выявлены причины нерационального использования водных ресурсов. Определены решения данной*

*проблемы путем использования рыночных методов управления водными ресурсами, которые направлены на сохранение, воспроизводство и охрану воды, на защиту и обеспечение прав водопользователей и сохранение устойчивости природных экосистем. Одним из путей эффективного использования водных ресурсов является внедрение принципов интегрированного управления водными ресурсами, исходя из «Целей Развития Тысячелетия».*

*В статье также выявлены причины ухудшения функционирования оросительных систем, то есть орошаемые земли в республике были распределены между дехканскими хозяйствами, а гидротехнические сооружения остались бесхозными. В связи с этим ежегодно более 50 тыс. га земель не обеспечиваются водой. Определены перспективные направления рационального и экологически безопасного водопользования на оросительных системах путем совершенствования водопользования с учетом мелиоративной обстановки, улучшения эксплуатации каналов межхозяйственной и внутрихозяйственной сети.*

***Ключевые слова:*** *водопользование, водно-земельные ресурсы, ирригационные системы, устойчивое водопользование, орошаемое земледелие, интегрированное управление, сельское хозяйство, водопользователи, финансовые ресурсы, водосберегающие технологии, дехканские хозяйства, сельскохозяйственные культуры.*

## EFFECTIVENESS OF INTEGRATED WATER RESOURCES MANAGEMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Urunbaeva Nigina Abdumuhtorovna*** *- candidate of economical sciences, associate professor of the department of economics of enterprises and entrepreneurship* of the Tajik State Financial and Economic University. *Address: Nahimov Street 64/14, 734067, Dushanbe. Phone: 555 56 21 95. E-mail: urunbaevan@list.ru.*

*The article discusses the effective and rational use of water resources in the interests of economic development and social well-being. The reasons for the irrational use of water resources have been identified. Solutions to this problem have been identified with market methods of water resource management, which are aimed at preserving, reproducing and protecting water, protecting and ensuring the rights of water users and preserving the sustainability of natural ecosystems. One of the ways to effectively use water resources is to introduce the principles of integrated water resources management based on the «Millennium Development Goals».*

*The article also identifies the reasons for the deterioration in the functioning of irrigation systems, that is, irrigated lands in the republic were distributed among dekhkan farms, and hydraulic structures remained ownerless. In this regard, more than 50 thousand hectares of land are not provided with water every year. Prospective directions for rational and environmentally safe water use in irrigation systems have been identified by improving water use taking into account the reclamation situation, improving the operation of inter-farm and on-farm network canals.*

***Key words:*** *water use, water and land resources, irrigation systems, sustainable water use, irrigated agriculture, integrated management, agriculture, water users, financial resources, water-saving technologies, dekhkan farms, agricultural crops.*

Тағйироти дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраиислоҳоти бозорӣ баамаломада ба сатҳи идоракунии раванди истифодаи об таъсири ҷиддӣ расонданд. Низоми марказонидашудаи пешини давлатии идоракунии фонди об хароб гашта, ташаккули низоми нав, ки ба шароити иқтисоди бозоргонӣ мутобиқ карда шудааст, ҳанӯз давом дорад. Хусусияти фарққунандаи охирин ғайримарказикунонии қабули қарорҳои идоракунӣ ҳангоми афзоиши нақши механизми иқтисодии танзими истифодаи об дар татбиқи сиёсати самараноки молиявӣ дар рушди комплексии хоҷагии об мебошад.

Норасоии афзояндаи захираҳои об дар ҷаҳон яке аз таҳдидҳои глобалии рушди муосир мебошад ва сабаби асосии ин, пеш аз ҳама, тағйирёбии иқлим ва ифлосшавии

объектҳои об (яъне, партовҳои саноатӣ, сохтмони биноҳои истиқоматӣ ва иншооти саноатӣ, обҳои партови корхонаҳои хоҷагии манзилӣ), инчунин, харобшавии иншооти об (аз ҷумла, истифодаи талафкоронаи об, технологияҳои кӯҳнашудаи обёрӣ). Дар навбати худ вазъияти низоми обёрӣ низ боиси нигаронии ҷиддӣ мегардад.

Истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об ба манфиати рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии иҷтимоӣ, асосан бо ташаккули механизми истифодаи устувори об алоқаманд аст. Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки бо вусъати фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, хусусан дар кишоварзии обёришаванда, афзоиши шумораи аҳолӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои обу замин ба масъалаи муҳим табдил меёбад.

Дар ин замина, масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои об дар асоси ташаккули механизми устувори идоракунии истифодаи об аҳамияти хоса доранд. Ин масъалаи муҳимро тавассути оптимизатсияи истифодаи захираҳои об ҳамчун фаъолият тавассути истифодаи усулҳои бозории идоракунии захираҳои об, ки ба нигоҳдорӣ, такрористеҳсол ва ҳифзи об, ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои истифодабарандагони об ва нигоҳдории устувории экосистемаҳои табиии об нигаронида шудаанд, ҳал кардан мумкин аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдор ва иштирокчии раванди ҷорӣ намудани принсипҳои идоракунии ҳамгироии захираҳои об дар асоси «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола» мебошад. Бо мақсади ноил шудан ба ин ҳадафҳо дар ҷумҳурӣ бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо, БРСММ, Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Мусоидат ба идоракунии ҳамгироии захираҳои об ва муколамаи фаромарзӣ дар Осиёи Марказӣ» татбиқ карда мешавад. Ҳадафи лоиҳа мусоидат ба муколамаи фаромарзӣ ва идоракунии ҳамгироии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ тавассути мудохилаҳои мувозӣ дар сатҳи миллӣ ва фаромарзӣ мебошад.

Яке аз самтҳои лоиҳа таҳияи равиши ягонаи меъёрии ҳуқуқӣ, ташкилию техникӣ, молиявию иқтисодии идоракунии ҳамгироии захираҳои об бо мақсади такмил додани низоми обёрӣ, ислоҳоти институтсионалии рушди иқтидори идоракунии ҳамгироии захираҳои об, беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилоот ва такмили мубодилаи он байни тарафҳои манфиатдор мебошад. Дар доираи лоиҳаи мазкур «Методикаи бақайдгирии низомҳои обёрӣ» тартиб дода шудааст, ки барои муайян кардани ҳолат ва мансубияти фондҳои асосӣ ва таъсиси ташкилотҳои хоҷагии обии ҳавзавӣ аз рӯи принсипи гидрографӣ хизмат мекунад.

Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, дар шароити Осиёи Марказӣ, ки дар он ҷо обгузар асосан дар қаламрави ду кишвари болооб ташаккул меёбад ва ҳиссаи калон аз ҷониби кишварҳои поёноб истифода мешавад, ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи об на танҳо калиди ҳалли мушкилоти об ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ, балки сулҳу субот ва амният мебошад.

Хусусан, имрӯзҳо таъсири мушкилот ба монанди тағйирёбии иқлим ва афзоиши аҳолӣ дар минтақа аёнтар ва равшантар мегардад. Масалан, агар дар солҳои 1960-ум таъминоти об ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақа 8,4 ҳазор $м^3$/солро ташкил медод, пас имрӯз ин нишондиҳанда 4 маротиба то 2,1 ҳазор $м^3$/сол коҳиш ёфтааст. Ин аз сатҳи ҷаҳонӣ тақрибан ҳашт маротиба зиёдтар аст.

Дар баробари ин, суръати афзоиши аҳолӣ дар минтақа яке аз баландтарин дар ҷаҳон аст - зиёда аз 2% дар як сол ва захираҳои оби тоза торафт коҳиш меёбанд.

Тибқи арзёбии коршиносон, пиряххои Осиёи Марказӣ, ки манбаи асосии дарёҳои минтақа мебошанд, бо шиддати миёнаи 0,6-0,8% дар як сол аз рӯи майдони яхбандӣ ва тақрибан 0,1 фоиз аз рӯи ҳаҷми ях коҳиш меёбанд. Ҳамаи ин андешидани чораҳои фавриро барои мутобиқ шудан ба тағйироти шадиди иқлим ва идоракунии устувори захираҳои об дар минтақа талаб мекунад. Дар навбати худ, ба ин танҳо дар натиҷаи андешидани чораҳои ҳамоҳангшудаи тамоми кишварҳо дар заминаи

ҳамкории муътадили минтақавӣ, баҳисобгирии мутавозини манфиатҳои онҳо, такмили заминаи ҳуқуқии институтсионалӣ ва инчунин, афзоиши назарраси сармоягузорӣ ба инфрасохтор ба даст оварда мешавад.

Яке аз нуқтаҳои муҳими ин раванд - ҷорӣ намудани идоракунии ҳамгироии захираҳои об (ИҲЗО) ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо ба ислоҳоти бахши оби кишвар бо назардошти принсипҳои асосии ИҲЗО, аз ҷумла ҷорӣ намудани идоракунии ҳавзавии захираҳои об шуруъ намудем. Дар робита ба ин, Ҳукумати кишвар соли 2015 Барномаи ислоҳоти бахши обро барои солҳои 2016-2025 қабул намуд, ки ҳадафи он такмил додани асосҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои институтсионалӣ, рушди инфрасохтор ва таъсиси пойгоҳи дахлдори воситаҳои татбиқ, аз ҷумла пойгоҳи маълумотҳо ва низомҳои иттилоотӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, рушди иқтидор ва ғайра мебошад [8].

Ҳадафи идоракунии ҳамгироии захираҳои об ва комплекси хоҷагии об гузариш ба рушди устувор ва инноватсионӣ мебошад, ки ҳалли мутавозини вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва иқтидори захираҳои табииро дар асоси низоми таъмини истифодаи аз ҷиҳати экологӣ бехатар, аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ нигаронидашуда, истифодаи бехатари комплекси обтаъминкунӣ пешбинӣ менамояд. Истеъмоли об аз объекти об, истифода ва дренажи об бояд дар раванди ягонаи технологӣ барои пешгирии ифлосшавии объектҳои об баррасӣ карда шавад. Самти муҳимтарини идоракунии ҳамгироӣ таъмини кафолатноки талаботи аҳолӣ ва иншооти иқтисодиёт бо оби сифати меъёрӣ бо афзалияти таъминоти оби нӯшокӣ ва маишӣ мебошад. Қарорҳои самти иқтисодӣ бояд аз нуқтаи назари ҳавасмандгардонии рушди инноватсионӣ баррасӣ карда шаванд.

Идоракунии ҳамгироии захираҳои об (ИҲЗО) ба рушд ва идоракунии ҳамоҳангшудаи об, замин ва захираҳои ба он алоқаманд бо мақсади баланд бардоштани некуаҳволии иҷтимоию иқтисодӣ дар асоси одилона бидуни зарар ба устувории экосистемаҳои ҳаётан муҳим мусоидат мекунад.

Асоси ИҲЗО вобастагии мутақобилаи намудҳои зиёди гуногуни истифодаи захираҳои маҳдуди об мебошад. Талаботи баланди обёрӣ ва ифлосшавӣ дар ҷараёни пешбурди хоҷагии қишлоқ, масалан, маънои камшудани оби тозаи ошомиданӣ ё истифодаи саноатиро дорад: оби партовҳои маишӣ ва саноатии тозанашуда дарёҳоро ифлос намуда, ба экосистемаҳо таҳдид мекунанд; агар обро дар дарё барои ҳифзи моҳидорӣ ва ҳифзи экосистема гузоштан лозим ояд, пас ҳаҷми об барои парвариши зироатҳо кам мешавад [9].

Барои таъмини молиявии чорабиниҳои номбаршуда такмили механизми ташкилию иқтисодии истифодаи об ва фаъолияти комплексии хоҷагии об зарур аст.

Истифодаи оқилонаи захираҳои обу замин дар соҳаи кишоварзӣ ва умуман, дар ҷумҳурӣ аҳамияти калон дорад. Дар хоҷагии қишлоқ истеҳсоли маҳсулот маҳз бо ҳолати сифатии заминҳои обёришаванда, хусусият ва шароити истифодаи он алоқаманд аст. Дар кишоварзии обёришаванда дар шароити минтақаҳои Тоҷикистон яке аз омилҳои асосии истеҳсоли кишоварзӣ дар баробари замин об мебошад. Дар айни замон, устувории экологӣ-иқтисодӣ ҳамчун нишондиҳандаи пурра ва мукаммалтарини меъёри арзёбии истифодаи захираҳои обӣ-заминӣ гардидааст, ки ба муайян намудании оқибатҳои фаъолияти хоҷагидорӣ-иқисодӣ ва экологӣ имкон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки обёрӣ, аз як тараф, кишоварзиро устувор мегардонад, ҳосилнокии заминҳои кишоварзиро баланд мебардорад ва барои идоракунии омилҳои минтақавии ҳаёти растаниҳо заминаҳои воқеӣ фароҳам меорад. Аз тарафи дигар, мавҷудияти моддаҳои ифлоскунанда дар оби обёрӣ ифлосшавии хок ва обҳои зеризаминиро ба вуҷуд меорад, ки боиси бад шудани сифати замин мегардад. Ҳалли

ин масъала асосан аз ҳолат ва самаранокии истифодабарии низомҳои обёрӣ вобаста аст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки истифодаи муосири об дар кишоварзӣ, бахусус кишоварзии обёришаванда ба консепсияи истифодаи устувори об мувофиқат намекунад. Механизмҳои ҷалби захираҳои молиявӣ барои гузаронидани маҷмуи чорабиниҳои мелиоративӣ, таҷдиди низомҳои мелиоративӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои кишоварзии каммасрафи об ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд. Заминаи меъёрию методии мавҷуда низ ба истифодаи самараноки захираҳои об дар кишоварзии обёришаванда мусоидат намекунад.

Ғайр аз ин, дар соҳа сатҳи идоракунии оперативии тақсимоти об коҳиш ёфтааст, ки ба реҷаҳои оптималии обёрӣ, ҳолати мелоративӣ ва ҳосилнокии зироатҳо таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосии идоракунии захираҳои об истифодаи устувори об тавассути танзими талабот ба об бо мақсади кам кардани истеъмоли об ва талафоти он, қатъи пайвастаи ифлосшавии манбаъҳои об мебошад. Ва ин дар асоси муносибати ҳамаҷониба ба мушкилоти истифодаи об, ҳифзи комплекси хоҷагии об ва принсипҳои таҳияшуда ва ташкили низоми боэътимоди тақсимоти одилонаи истифодаи захираҳои об барои корхонаҳои кишоварзӣ ва идоракунии фаъолияти хоҷагии об имконпазир аст.

Вобаста ба ин, механизми истифодаи устувори об низоми тадбирҳои ташкилӣ мебошад, ки ба фароҳам овардани имкониятҳои воқеӣ ва ҳавасмандии истифодабарандагони об ба истифодаи сарфакорона ва самараноки захираҳои об равона карда шудааст. Ҳалли ин мушкилот имкон медиҳад, ки манфиатҳои ташкилотҳои хоҷагии об ва истифодабарандагони об бо назардошти дараҷаи устувории экосистемаҳои табиии об мувозинат карда шаванд. Татбиқи вазифаҳои дар боло зикршуда ташаккул ва рушди идоракунии механизми устувори истифодаи обро талаб мекунад, ки ба ҳар як сатҳи идоракунии захираҳои об дар хоҷагии қишлоқ мувофиқат кунад.

Истеҳсолоти кишоварзии Тоҷикистон ба заминҳои обёришаванда асос ёфтааст. Мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат то 1 январи соли 2021 763,0 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда мавҷуд буд. Бояд қайд намуд, ки дар солҳои 80-уми асри XX заминҳои обёришаванда бемамоният бо обёрӣ таъмин карда мешуданд, зеро маблағгузорӣ пурра аз ҳисоби буҷети мутамарказ таъмин гардида, иншооти гидротехникӣ асосан нав буданд.

Аз солҳои 90-уми асри XX бинобар душвориҳои давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, нигоҳдории низомҳои обёрӣ бад шуд. Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2006, таҳти №1775 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ» нигоҳдории иншоотҳо, роҳҳо, мактабҳо ва дигар объектҳои ёрирасони кишоварзӣ бояд ба тавозуни вазорату идораҳои дахлдор супорида шавад.

Дар заминаи фондҳои асосии обёрии корхонаҳои собиқи хоҷагии қишлоқ зарур буд, ки иттиҳодияҳои истифодабарандагони об таъсис дода шаванд ва дар асоси имкониятҳои хоҷагиҳои ислоҳшаванда онҳоро бо захираҳои зарурии моддию техникӣ таъмин кунанд.

Заминҳои обёришаванда байни хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тақсим карда шуданд. Мувофиқи ин, заминҳои фонди об, ки бо иншооти гидротехникӣ алоқаманд буданд, ба шаҳодатномаҳои замини хоҷагиҳои навтаъсис дохил карда шуданд ва худи иншоотҳои гидротехникӣ бесарпаноҳ монданд. Аз сабаби бесарпаноҳии иншоотҳои гидротехникии дохилихоҷагӣ зиёда аз 50 ҳазор гектар замин бо об таъмин карда намешавад. Аз 6750 км иншоотҳое, ки сатҳи обҳои зеризаминиро танзим мекунанд, 3400 км дохилихоҷагӣ мебошанд ва дар асл низ бесарпаноҳ ҳисобида мешаванд. Дар

солҳои охир зиёда аз 2000 км дренажи пӯшидаи дохилихоҷагӣ тоза ва таъмир нашудааст [7]. Имкониятҳои техникӣ ва молиявии хоҷагиҳои деҳқонии пароканда имкон намедиҳанд, ки ин иншоотҳо нигоҳдорӣ ва тоза карда шаванд. Дар натиҷа, дар солҳои охир ҳосилнокии зироатҳои асосии хоҷагии қишлоқ хеле коҳиш ёфтааст.

Ҳамаи иншоотҳои то солҳои 90-ум сохташуда, дар майдонҳои мушаххаси обёрӣ бо ҳисоби ҳар як колхоз ва совхози алоҳида ҷойгир карда шуданд. Онҳо обро аз чашмаҳо ва каналҳои алоҳида, ки бо иншоотҳои гидротехникӣ ва ҳисобкунакҳои об муҷаҳҳаз карда шудаанд, истифода мебурданд. Дар айни замон дар доираи воҳидҳои алоҳидаи гидрографӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис дода шудаанд, ки дар ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об муттаҳид нашудаанд, аз ин рӯ, танзими таъмини обро мувофиқи меъёрҳои амалкунанда барои онҳо душвор мекунад.

Тавре ки аллакай қайд карда шуд, ҳоло дар агроланшафти ҷумҳурӣ вайроншавии низомҳои обёрӣ ва майдонҳои обёришаванда, фарсудашавии шадиди техникаи обёрӣ мушоҳида мешавад. Ин ба истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об оварда мерасонад.

Чунин вазъ метавонад боиси он гардад, ки хоҷагиҳо бо сабаби аз обёрӣ баровардани майдонҳои таназзулёфта, гирифтани обро барои обёрӣ ба таври назаррас коҳиш диҳанд ва онҳо дар сохтори обёрӣ дар Тоҷикистон тибқи арзёбиҳои пешбинишудаи олимон 15-20%-ро ташкил медиҳанд, яъне аз 763,0 ҳазор гектар майдонҳои обёришаванда тақрибан 10-11 ҳазор гектар обёрӣ карда намешаванд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки барои нигоҳ доштани уфуқҳои фармондеҳӣ дар каналҳои магистралӣ ва байнихоҷагӣ хароҷотро барои обёрӣ аз об зиёдтар пешниҳод кардан лозим аст ва фарқият бошад, ба партофтани об меравад, ки андозаи он то 20-25%-и обанбори асосиро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, дар низомҳо ҳазорҳо метри мукааб оби обёрӣ партофта мешавад, ки 1,2-1,3 маротиба хароҷоти хоси энергияро зиёд мекунад, ки бо маҳсулоти иловагии растанипарварӣ асоснок нашудаанд [7].

Аз ин рӯ, яке аз самтҳои ояндадори истифодаи оқилона ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари об дар системаҳои обёрӣ такмили истифодаи об бо назардошти вазъи мелиоративӣ, беҳтар намудани истифодаи каналҳои шабакаи байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ мебошад.

Мутобиқи Консепсияи такмили сохтори идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2008 таҳти №541 тасдиқ шудааст, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009, Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 майи соли 2009, таҳти №13/5-1, собиқ Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирӣ ва дар якҷоягӣ бо намояндагони вазорату идораҳои манфиатдор, Ассотсиатсияи истифодабарандагони об, Иттиҳоди Аврупо, БРСММ ва дигар ташкилотҳо маҷмуи ҳуҷҷатҳоро барои интиқоли бахши обёрӣ ба принсипи гидрографии идоракунӣ таҳия намудаанд.

Дар рафти ин кор бояд чунин масъалаҳои муҳимро муайян мекарданд:

- мавҷудияти иншоотҳои низомҳои обёрӣ;
- давомнокӣ ва ҳолати техникии онҳо;
- ҳаҷми маблағҳои зарурӣ барои барқарорсозӣ.

Инвентаризатсияи фондҳои асосии ҳамаи низомҳои обёрӣ бо усули ягона ба ин саволҳо ҷавоб медиҳад ва ба пешбурди ислоҳоти бахши обёрӣ тавассути ташкили ташкилотҳои ҳавзавӣ ва Ассотсиатсияҳои устувор фаъолияткунандаи истифодабарандагони об дар воҳидҳои гидрографии дахлдор ва гузариш ба идоракунии ҳамгироии захираҳои об дар оянда кумак хоҳад кард.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки:

1. Таназзули низомҳои обёрӣ ва заминҳои обёришаванда ба истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об, самаранокии нокифояи ҳатто нақшаҳои оптималии истифодаи об оварда мерасонад. Яке аз самтҳои ояндадори такмили истифодаи об дар

низомҳои обёрӣ фаъолияти устувори Ассотсиатсияи истифодабарандагони об мебошад.

2. Масоҳати заминҳои обёришавандаро, ки аз ҷониби иншоотҳои гуногун бо иқтидори воқеии интиқоли онҳо хизмат мерасонанд, инчунин, майдони заминҳои бо сохтмонҳои гуногуни низомҳои обёрӣ алоқаманд бояд дақиқ муайян карда шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Бабаджанов, Д.Д. Проблемы повышения эффективности мелиоративно-водохозяйственной отрасли в Согдийской области / Д.Д. Бабаджанов, Н.М. Султанов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2007. - №4. - С. 110-115.
2. Духовный, В.А. Интегрированное управление водными ресурсами: от теории к реальной практике. Опыт Центральной Азии /В.А. Духовный. - Ташкент: НИЦ МКВК, 2008. - 364 с.
3. Исайнов Х.Р. Эколого-экономические проблемы развития мелиорации в сельском хозяйстве / Х.Р. Исайнов. - Душанбе: Ирфон, 2003. - 162 с.
4. Краснощеков, В.Н. Оценка влияния изменчивости погодных условий на экономическую эффективность мелиорации сельскохозяйственных земель / В.Н. Краснощеков, Д.Р. Губанов // Природообустройство. - 2010. - №2. - С. 112-118.
5. Одинаев Х.А. Развитие водохозяйственного комплекса и проблемы платного водопользования в сельском хозяйстве / Х.А. Одинаев // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2003. - №3. - С. 106-124.
6. Программа ООН по окружающей среде (ЮНЕП), 2023.
7. Статистические данные Агентства мелиорации и ирригации при Правительстве Республики Таджикистан за 1990-2021 гг.
8. Рахмон Э. Вода для устойчивого развития журнале /Э. Рахмон //Хроника ООН [электронный ресурс]. - URL: http://vfarhang.tj (дата обращения: 24.11.2023).
9. Стратегия развития водного сектора Таджикистана, утвержденная Министерством мелиорации и водного хозяйства Республики Таджикистан. - 2006.
10. Умаров Д.М. Вопросы совершенствования платного водопользования в сельском хозяйстве Республики Таджикистан / Д.М. Умаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2006. - №4. - С. 128-143.


**УДК**: 336.22

# САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ АНДОЗБАНДӢ ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

***Саидаҳмадов Фаррух –*** *н.и.и., муаллими калони кафедраи муносибатҳои молиявию қарзии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.Сурога*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов* 64/14. *Тел.*: (+992) 988175755, E_mail: farukh.2020@mail.ru

***Муродова Фарзона Баҳромовна*** **-** *ассистенти кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сурога*: 734003, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир* 33.

*Дар мақола ҷабҳаҳои назариявии фаъолияти андозбандӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст. Муаллифон бар он назаранд, ки мавҷудияти варианти татбиқи низоми андозбандӣ (умумӣ ё махсус) зарурати таҳлили муқоисавии самаранокии онро дар ҳар як ҳолати муайян талаб мекунад. Мақсади гузариш ба андози ягона бо имконияти ба даст овардани сарфаи андозӣ муайян карда мешавад. Ба самаранокии татбиқи андози ягона сиёсати молиявии ташкилот таъсир мерасонад.*

*Истифодаи ташаббускоронаи захираҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои оид ба андоз ба роҳбарони ташкилоту корхонаҳо имкон медиҳад, ки раванди такрористеҳсоли хоҷагии худро бо роҳи рушди пурсамар пеш бурда, вазъиятро зери назорат гиранду барои густариши такрористеҳсоли васеъ қарорҳои идоравӣ қабул намоянд.*

***Калимавожаҳо***: *истеҳсолоти кишоварзӣ, такрористеҳсол, мубодила, тақсимот, истеъмол, омилҳо, захираҳои иттилоотӣ, истеҳсолкунандагон, имтиёзҳо, андози ягона, низоми содакардашудаи андозбандӣ.*

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СИСТЕМЫ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОМ ПРОИЗВОДСТВЕ

***Саидахмадов Фаррух*** *- к.э.н., старший преподаватель кафедры финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 988175755. E-mail: farukh.2020@mail.ru*

***Муродова Фарзона Бахромовна*** *- ассистент кафедры менеджмента Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33. Телефон: (+992) 988175755.*

*В статье рассматриваются теоретические аспекты налогообложения в аграрном секторе Республики Таджикистан.*

*Авторы придерживаются мнения, что наличие варианта реализации системы налогообложения (общей или специальной) требует проведения сравнительного анализа ее эффективности в каждом конкретном случае.*

*Цель перехода на единый налог определяется возможностью получения налоговой экономии. На эффективность внедрения единого налога влияет финансовая политика организации.*

*Активное использование информационных ресурсов, в том числе при выполнении налоговых обязательств, позволяет руководителям организаций и предприятий осуществлять процесс воспроизводства своей экономики за счет эффективного развития, контролировать ситуацию, принимать управленческие решения по расширению масштабного воспроизводства.*

***Ключевые слова:*** *сельскохозяйственное производство, воспроизводство, обмен, распределение, потребление, факторы, информационные ресурсы, производители, льготы, единый налог, упрощенная система налогообложения.*

## MAIN DIRECTIONS FOR IMPROVING THE STATE TAXATION SYSTEM IN AGRICULTURAL PRODUCTION

***Saidakhmadov Farrukh*** *- PhD in Economics, Senior Lecturer at the Department of Financial and Credit Relations of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone: (+992) 988175755, E_mail: farukh.2020@mail.ru*

***Murodova Farzona Bahromovna*** *- Assistant of the Department of Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Said Nosir 33. Phone: (+992) 988175755*

*The article deals with the theoretical aspects of taxation in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan.*

*The authors are of the opinion that the availability of a variant of the implementation of the taxation system (general or special) requires a comparative analysis of its effectiveness in each specific case.*

*The purpose of the transition to a single tax is determined by the possibility of obtaining tax savings. The effectiveness of the introduction of a single tax is affected by the financial policy of the organization.*

*The active use of information resources, including when fulfilling tax obligations, allows the heads of organizations and enterprises to carry out the process of reproduction of their economy through effective development, control the situation, and make management decisions to expand large-scale reproduction.*

***Key words:*** *agricultural production, reproduction, exchange, distribution, consumption, factors, information resources, producers, benefits, single tax, simplified taxation system.*

Дар айни замон ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ он ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ шомил мегарданд, ки дар сохтори даромадашон аз фурӯши молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ на камтар аз 70 фоизи маҳсулоти кишоварзӣ рост меояд. Аз соли 2022 тамоми истеҳсолкунандагони молҳои кишоварзӣ метавонанд аз рӯи низоми умумии андозбандӣ ва аз рӯи низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ татбиқ намоянд.

Варианти нави андози ягонаи хоҷагии қишлоқ боиси коҳиши назарраси гаронии андозҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ (инчунин хоҷагиҳои фермерӣ) мегардад.

Бо вуҷуди ин, истифодаи низоми умумии андозбандӣ низ метавонад муфид бошад, зеро як қатор имтиёзҳо барои ин категорияи андозсупорандагон боқӣ мемонанд, аз ҷумла, шумораи андозҳо аз соли 2022 ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Рӯйхати онҳо дар моддаи 24-и Кодекси андози Ҷумҳурии Точикистон оварда шудааст, ки 7 андозро ташкил дода, феълан барои андозсупорандагони алоҳида онҳо чун қоида камтар муқаррар гардидаанд, чунки барои як қатор андозҳо объекти андозбандӣ бо сабаби хусусияти фаъолият вуҷуд надорад.

Кам гардидани андозҳо ҳамчун яке аз самтҳои сиёсати андоз, пайваста ва дар тӯли якчанд сол ба роҳ монда шуда, андозу пардохтҳои минтақавӣ ва маҳаллии сершуморе бекор карда шуданд, ки ин барои паст кардани гаронии андоз ва соддагардонии андозҳо пешбинӣ шудааст. Аммо вобаста ба андозҳои алоҳида мушкилоти ҳисобкунии онҳо ба миён меояд. Масалан, андоз аз фоида ва андози ягонаи иҷтимоӣ, ки дар раванди ҳисоб кардани онҳо баъзе мушкилотҳо ба вуҷуд меоянд.

Самти дигари сиёсати андозбандии давлат коҳиш додани меъёрҳои андозҳои асосӣ мебошад, ки ба онҳо чунин шаклҳои андоз дохил мешаванд: андоз аз даромад аз 13% то 12%, ААИ аз рӯи меъёри асосӣ аз 18% то 15%, андози ягона ба 26%. Дар соҳаи кишоварзӣ меъёрҳои мавҷуда нигоҳ дошта шуда (10% барои ААИ) ё кам мешаванд (20% барои андози ягона) [3]. Гарчанде сиёсати андозӣ ба кам гардонидани имтиёзҳо ва баробар кардани андозсупорандагон бо назардошти хусусиятҳои категорияҳои алоҳидаи онҳо тавассути низоми махсуси андозбандӣ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, новобаста аз ин соҳаи кишоварзӣ соҳаи имтиёзнок боқӣ мемонад.

Дар бораи андоз аз моликияти ғайриманқул барои ташкилотҳои кишоварзӣ дар сатҳи давлатӣ имтиёзҳо пешбинӣ нашудаанд, аммо онҳо дар сатҳи минтақавӣ ҷорӣ карда мешаванд.

Илова бар ин, оид ба андоз аз арзиши иловашуда мушкилоти марбут ба андозбандии ягона дар соҳаи кишоварзӣ вуҷуд дорад. Ҳангоми татбиқи он истеҳсолкунандагони молҳои кишоварзӣ андозсупорандаи ААИ мегарданд. Аз ин рӯ, корхонаҳои коркардкунанда, ки имконияти ҳисоби суммаи (ААИ ) андоз аз арзиши иловашударо оид ба хариди ашёи хоми кишоварзӣ надоранд, дар ҳолати ногувори иқтисодӣ қарор мегиранд. Дар ин ҳолат, корхонаҳои кишоварзӣ хавфи аз даст додани канали фурӯши молро доранд. Ҳалли ин мушкилот ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Тоҷикистон мебошад, ки имкониятҳои ба таври ихтиёрӣ қабул намудани уҳдадориҳои андозсупорандагонро ҷиҳати низоми махсуси андозбандӣ дар бар мегиранд. Ин мушкилот дар ҳолате, ки корхонаҳои кишоварзӣ ва коркардкунанда қисми сохтории як шахси ҳуқуқиро ташкил диҳанд, бартараф мегардад. Мисоли ин ташкили агрофирмаҳо дар минтақаҳо шуда метавонанд.

Мавҷудияти варианти татбиқи низоми андозбандӣ (умумӣ ё махсус) зарурати таҳлили муқоисавии самаранокии онро дар ҳар як ҳолати муайян талаб мекунад. Мақсади гузариш ба андози ягона бо имконияти ба даст овардани сарфаи андозӣ муайян карда мешавад [5]. Ба самаранокии татбиқи андози ягона сиёсати молиявии ташкилот таъсир мерасонад. Масалан, ҳангоми қабули стратегияи пардохти қарзи кредиторӣ, ки солҳои зиёд андухт шудааст, аз рӯи низоми умумии андозбандӣ метавонад андозаи назарраси ААИ ҳисоб гардад.

Беҳтаркунии андозбандӣ ё банақшагирии андоз ин усули қонунии паст кардани андоз бо истифодаи ҳамаи имтиёзҳои андозӣ ва усулҳои кам кардани уҳдадориҳои андозӣ аст, ки қонунгузорӣ иҷозат медиҳад. Беҳтаркунии низоми андозбандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бояд айни ҳол қисми таркибии муносибати андозии ҳуқуқии байни андозсупоранда ва давлат гардад. Беҳтаркунии андозбандии субъекти мушаххаси фаъолияти хоҷагидорӣ - интихоби комили муносиб ва таъсиси шаклҳои ҳуқуқии фаъолият бо мақсади паст кардани гаронии андоз дар доираи қонунгузории амалкунандаи андоз мебошад.

Дар айни замон, тибқи қонунгузории андоз барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ беҳтаркунии пасти андозбандӣ таъмин карда мешавад. Он тавассути бо ихтиёри худ интихоб намудани варианти оптималии андозбандӣ вобаста ба манфиатҳои худӣ ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ифода карда мешавад.

Ғайр аз низоми умумии андозбандӣ, ки пардохти ҳамаи андозҳо ва пардохтҳоро муқаррар намудааст, ҳар як истеҳсолкунандаи молҳои агросаноатӣ бо шарти иҷрои меъёрҳои муайян, мустақилона чунин низоми махсуси андозбандиро интихоб мекунанд: низоми содакардашудаи андозбандӣ ё низоми андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони молҳои кишоварзӣ (андози ягона). Беҳтаркунонии низоми андоз барои истеҳсолкунандагони молҳои кишоварзӣ аҳаммияти хосса дорад, ки аксари онҳо душвориҳои зиёдро паси сар карда истода, ба дастгирии далатӣ эҳтиёҷ доранд. Ин дастгирӣ на танҳо дар шакли тадбирҳои иловагии ташаккули шароитҳои рақобатпазир, балки дар сиёсати салоҳиятдори андоз, ки барои коҳиш додани гаронии он равона карда шудаанд, ифода мегардад.

Дар бораи беҳтаркунии низоми андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ сухан ронда, набояд фаромӯш созем, ки ҳудуди байни беҳтаркунӣ ва саркашӣ ба таври назаррас ноустувор аст. Зарур аст, ки сарҳадҳои рафтор ва амалҳои андозсупорандагонро, ки тибқи қонунгузорӣ ба кам кардани пардохтҳои андозӣ равона гардидаанд, муайян намоем.

Унсури муҳимми низоми танзими давлатии иқтисодиёти аграрӣ танзими равандҳои инноватсионӣ мебошад. Аз ин рӯ, диққати махсус дар сиёсати давлатӣ бояд

ба васеъгардонӣ ва такмили тадқиқотҳои илмӣ дар самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои агроиқтисодӣ дода шавад.

Сиёсати давлатӣ дар сатҳи давлатӣ шартҳои фаъолияти самарабахши соҳаи илму инноватсияро дар минтақаҳо муайян намуда, минтақаҳои мушкилидоштаро ошкор карда, дастгирии давлатии рушди илмӣ-инноватсионии онҳоро таъмин менамояд. Сиёсати минтақавӣ бо мақсади рушди ҳамгироии ҳудудҳо аз ҷониби минтақа амалӣ карда мешавад. Ҳадафҳои асосии он рушди иқтидори илмии минтақа, тадқиқотҳои амалӣ, ҷорӣ ва татбиқи технологияҳо дар истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Равандҳои бамиёномадаи минтақакунонии иқтисодиёт нақш ва масъулияти мақомоти минтақавиро зиёд намуда, барои баланд бардоштани фаъолияти тадқиқотӣ ва инноватсионӣ мусоидат менамоянд.

Бинобар ин, рушди илм ва инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ бе низоми ягонаи танзими давлатӣ имконнопазир аст. Коркарди пешниҳодҳо оид ба такмил додани низоми танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ таҳлили самаранокии шаклҳои мухталифи ҳавасмандгардониро талаб мекунанд. Яке аз чунин шаклҳо қарздиҳии мустақими имтиёзнок ба корхонаҳои кишоварзӣ аз ҳисоби буҷаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, инчунин субсидияҳои мустақими барномаҳои мақсадноки озуқаворӣ ва меъёри фоизи қарзҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад.

Сиёсати давлат дар ин самт бояд ба таҳияи механизми ташкилию иқтисодӣ ҷиҳати рушди фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ равона карда шавад. Механизми мазкур инҳоро дар бар мегирад:

- коркарди қонунгузории инноватсионӣ;
- бунёди инфрасохтори инноватсионӣ;
- нигоҳдорӣ ва рушди неруи илмӣ ва инноватсионӣ;
- ташаккул додани афзалиятҳои давлатӣ ва низомҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- ҳамгироии захираҳои зеҳнӣ ва моддию техникӣ дар соҳаи илм, таҳсилоти олӣ ва истеҳсолот;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи тадқиқоти илмӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ;
- ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ.

Татбиқи бомуваффақияти самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи илмӣ ва инноватсионии соҳаи кишоварзӣ асоси рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Чунин як ҷузъи муҳимми танзими давлатӣ такмили шароит ва дастгирии давлатро дар рушди равандҳои ҳамкории кишоварзӣ ва ҳамгироии агротехникӣ талаб мекунад. Бо вуҷуди ин, дар низоми кишоварзӣ ҳанӯз ҳам кооператсияи хоҷагии кишлок ва ҳамгироии агросаноатӣ, ки дар доираи принсипҳои демократияи кооперативӣ амал мекунанд, ба миён наомадааст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои иҷрои вазифаҳои танзимкунандаи рушди кооператсия давлат дорои фишангҳои зарурии иқтисодӣ, ба монанди сиёсати андоз, қарздиҳӣ, танзими нархҳо, субсидияҳо ва ғ. мебошад. Барои рушди ҳамкорӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ бояд усулҳои методии такмилёфта, ки баробарии нархҳо, қарзҳо, сиёсати молиявӣ ва андозҳоро таъмин мекунад, истифода гарданд.

Дар соҳаи кишоварзӣ, вобастагии истеҳсолоти кишоварзӣ аз соҳаҳои истеҳсолкунандаи захираҳои моддию техникӣ ҳар сол афзоиш меёбад.

Дар робита ба ин, аҳаммияти аввалиндараҷаро таъмини баробарии нархҳо ҳангоми мубодилаи маҳсулоти кишоварзӣ ба маҳсулоти саноативу хизматрасонӣ, нигоҳ доштани фоидаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла дастгирии даромаднокии молистеҳсолкунандагони кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ дар сатҳи таъмини имконпазири такрористеҳсоли васеъ дар деҳот касб менамояд.

Барои дастгирии давлатии кооперативҳои кишоварзӣ бояд маблағҳо барои рушди онҳо бо мақсади иҷрои корҳо барои мубориза бо бемориҳои чорво ва ҳашаротҳои зараррасони растаниҳои кишоварзӣ, беҳтар намудани замин ва дигар чорабиниҳои муҳофизатӣ маблағгузорӣ карда шаванд.

Бо дарназардошти болоравии нархҳои маҳсулоти саноатӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ зарур аст, ки тадбирҳо оид ба индексатсияи нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва ҷуброни фарқияти талафоти нархӣ ба кооперативҳо, ки маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол менамоянд, чораҷӯӣ намоянд. Дар робита ба ин, бо мақсади дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти ватании кишоварзӣ зарур аст, ки чораҳо барои сари вақт харид намудани ғалладона аз кооперативҳо андешида шаванд.

Мушкилии вазъияти кунунӣ дар соҳаи кишоварзӣ имкон медиҳад, ки кам кардани заминаи андозбандии кооперативҳои кишоварзӣ ва дигар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бо дарназардошти маблаҷе, ки ба беҳдошти заминҳо, нигоҳдор ӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ равона карда шудааст, пешниҳод карда шавад. Истифодаи ҳавасмандкунии андоз барои кооперативҳое, ки маблағҳои худро барои ташаккули инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот ҷудо мекунанд, зарур аст.

Як шакли дастгирии давлатии кооперативҳо пардохти маблағҳои пулии яквақта ҳангоми кӯчидани шаҳрвандон ба деҳот барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад. Пардохти маблағҳои пулии яквақта ба фермерҳои ҷавон, ки дорои маълумоти кишоварзӣ ва малакаҳои касбӣ мебошанд, инчунин қисман ҷуброни зарари онҳо аз офатҳои табиӣ ба мақсад хело мувофиқ аст.

Давлат метавонад тавассути дастгирии ғайримустақим бо роҳи муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ барои харидории таҷҳизот, афзоиши сармоя, ки бо мақсади беҳдошти замин ворид мегардад, барои бунёди боғҳо дастгириро барои хизмарасонии кооперативҳо ба роҳ монад. Илова бар ин, мақомоти маҳаллӣ метавонанд ба кооперативҳо тавассути расонидани субвенсияҳо кумак расонанд. Субвенсияҳо бояд ба чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист, сохтмони шабакаҳои бузурги ирригатсионӣ ва таъминоти илмии фаъолияти кооперативҳо равона карда шаванд.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти давлат ин ҳифзи кооперативҳо ва дигар истеҳсолкунандагон аз маҳсулоти пастсифати кимиёвӣ, маводи сохтмонӣ тавассути сертификатсияи давлатӣ, додани иҷозатномаҳо барои ҳуқуқи фурӯш, ба роҳ мондани хадамоти хизматрасонӣ ва ғайра мебошад.

Чорабиниҳои умумидавлатии байтории миллӣ дар соҳаи кишоварзӣ аксаран аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд. Хизматрасонии ветеринарӣ барои кооперативҳо дар асоси шартнома анҷом дода шавад.

Зинаҳои асосии такмили механизми фаъолияти андозбандии ягонаи хоҷагиҳои кишоварзиро дида мебароем. Ташкилотҳои кишоварзӣ ва соҳибкорони инфиродии маҳсулоти кишоварзӣ ҳуқуқ доранд ба пардохти андози ягонаи соҳаи кишоварзӣ (АЯСК) гузаранд [7, с. 43], агар дар маҷмуи даромад аз фурӯши молҳои (корҳо, хизматрасониҳои) ин субъектҳои хоҷагидор ҳиссаи даромад аз фурӯши маҳсулоти

кишоварзӣ, аз ҷумла маҳсулоти коркарди аввалия, ки аз ҷониби онҳо аз ашёи хоми кишоварзии худ истеҳсол карда шудаанд, на камтар аз 70 фоизро ташкил диҳанд.

Барои гузаштан ба пардохти андози ягона инҳо ҳуқуқ надоранд:

1) Ташкилот ва соҳибкорони инфиродӣ, ки дар истеҳсоли молҳои зераксизӣ иштирок мекунанд;

2) Ташкилот ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ба пардохти яккаратаи андоз аз даромад аз рӯи шаклҳои муайяни фаъолият мутобиқи боби 2-и КА ҶТ ворид гардидаанд;

3) Ташкилотҳое, ки филиал ва намояндагиҳо доранд.

Истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣи андози ягона супоранда ҳақ доранд ба низоми умумии андоз гузаранд.

Дар банди 14-и боби 42, моддаи 306 Кодекси андоз меъёрҳои гузариш ба пардохти АЯСК нисбатан сахттар буд [4] ва дар байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва созмонҳои истеҳсолӣ, ки дар низоми андозбандӣ зикр нашудаанд, норозигиро ба миён меовард. Мувофиқи тағйироти қабулшуда, гузариш ба рӯйхати андозсупорандаи АЯСК осонтар гардид.

Дар Кодекси нав ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ пардохтҳои андози ягонаро метавонанд ба андозҳои ягонаи иҷтимоӣ, андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, андоз аз дороиҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ иваз намоянд [3].

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки гаронии андозии минтақа яке аз мушкилоти асосии садди роҳи рушди кишоварзӣ гардида истодааст. Вобаста ба ин, зарурати танзими давлатии андозбандии кишоварзӣ хело муҳим аст, аз ҷумла:

- ҷоринамоии имтиёзҳои андозӣ барои соҳибкорони кишоварзии навовар;
- кам кардани маблағи андози заминҳои кишоварзӣ барои соҳибкорони минтақаи Хатлон;
- кам кардани меъёри андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
- ҷорӣ намудани имтиёзҳо ба андози арзиши иловашуда ҳангоми ворид намудани техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ;
- кам кардани андозҳои иҷтимоӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади мусоидат дар зиёд кардани музди меҳнати кормандон.

Ҳалли масъалаҳои мазкур боиси рушди корхонаҳои кишоварзии кишвар хоҳад буд.

**Адабиёт**:

1. Дастурамал «Дар бораи супоридани андози ягона» 07 декабри соли 2012.
2. Кадыров Д.Б. Основные диспропорции привлечения иностранных инвестиций в экономику регионов/Д.Б. Кадыров, А.М. Убайдуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических и общественных наук. - Душанбе: СИНО. - 2014. - № 2/1(127). -С. 48-54.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе 23. 12.2021. [манбаи электронӣ]. -URL: https://mmk.tj/content (санаи дастрасӣ: 23.04.2023)
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе 01 январи соли 2012
5. Нестеренко Ю.Н. Налоговые льготы: новые подходы к установлению /Ю.Н. Нестеренко // Экономический журнал. - М.: Издательство «Ипполитова», 2017. - №46. - С.36-49.
5.Портер М. Международная конкуренция: конкурентные преимущества стран: практическое пособие / М. Портер. – Москва: Альпина Паблишер, 2016. – 947 с.
6.Статистический ежегодник Республики Таджикистан//Статистический сборник. - Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2018. - 484с.

7. Саидмуродов, Л. Х. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления / Л. Х. Саидмуродов, В. Д. Сабуров. – Душанбе : ООО «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176 с. – ISBN 978-99975-384-6-8. – EDN VYJXSN.
8. Шарипов, Б. М. Финансовые механизмы стимулирования инновационного развития экономики Республики Таджикистан / Б. М. Шарипов, Ф. Файзуллоева, А. С. Холикзода // Экономика Таджикистана. – 2020. – № S4-1. – С. 41-50.

**УДК**: 368

## ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҳусайнов Муродалӣ Сайдамирович*** *- н.и.и., муаллими калони кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* ***Суроға***: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов* 64/14. *Тел.*: (+992) 987 80 93 93. E-mail: murodxusayn@mail.ru.

***Қурбонова Шаҳноза Бобишоевна*** *- ассистенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* ***Суроға***: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов* 64/14.

*Дар мақолаи мазкур танзими давлатии фаъолияти сугурта, таҳлили бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият ва дурнамои баъзе аз нишондиҳандаҳои он оварда шудааст. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, динамикаи фоидаи ташкилотҳои суғуртавӣ, даромад, хароҷот ва тавозуни фоидаи ташкилотҳои суғуртавӣ, дурнамои даромад, хароҷот ва тавозуни фоидаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои* 2020-2030, *андозаи умумии фоидаи тавозуни ташкилотҳо аз соли* 2011 *то соли* 2030, *тафовути умумии идораи ширкатҳои суғуртавӣ, ки аз тарафи давлат ва суғуртаи тиҷоратӣ амалӣ мегардад, фишангҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта таҳлил шудааст.*

***Калидвожаҳо***: *суғурта, бозори суғурта, ширкатҳои суғуртавӣ, даромади ташкилотҳои суғуртавӣ, хароҷоти ташкилотҳои суғуртавӣ, андозаи суғурта, танзими суғурта, фаъолияти сугуртавӣ.*

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ СТРАХОВЫХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Хусайнов Муродали Саидамирович*** *– к.э.н., старший преподаватель кафедры налогов и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Тел.*: (+992) 987 80 93 93. E-mail: murodxusayn@mail.ru.

***Курбанова Шахноза Бобишоевна*** *– ассистент кафедры налогов и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14.

*В данной статье представлены государственное регулирование страховой деятельности, анализ страхового рынка Республики Таджикистан в период независимости и перспективы некоторых его показателей. Проанализированы основные показатели деятельности страховых организаций Республики Таджикистан, динамика прибыли страховых организаций, доходов, расходов и баланса прибыли страховых организаций, перспективы доходов, расходов и баланса прибыли страховых организаций в* 2020-2030 *годах, общая сумма прибыли на балансе организаций за* 2011-2030 *годы, общий объем, в отличие от управления страховыми компаниями, осуществляемого*

*государством и коммерческим страхованием, усовершенствованые рычаги государственного регулирования страховой деятельности.*

***Ключевые слова***: *страхование, страховой рынок, страховые компании, доходы страховых организаций, расходы страховых организаций, страховой размер, страховое регулирование, страховая деятельность.*

## STATE REGULATION OF INSURANCE SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Husainov Muradali Saidamirovych - n.i.i., senior lecturer of the tax and insurance department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel.: (+992) 987 80 93 93. E-mail: murodxusayn@mail.ru.

Kurbanova Shahnoza Bobishoevna - assistant of the tax and insurance department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14.

*In this article, the state regulation of insurance activity, the analysis of the insurance market of the Republic of Tajikistan at the time of independence and the prospects of some of its indicators are specifically presented. The main indicators of the activities of insurance organizations of the Republic of Tajikistan, the dynamics of the profits of insurance organizations, income, expenses and the balance of profits of insurance organizations, the prospects for income, expenses and the balance of profits of insurance organizations in 2020-2030, the total amount of profit on the balance sheet of organizations for 2011-2030, the total volume, in contrast to the management of insurance companies carried out by the state and commercial insurance, improved levers of state regulation of insurance activities.*

***Keywords:*** *insurance, insurance market, insurance companies, income of insurance organizations, costs of insurance organizations, insurance size, and insurance regulation, insurance activity.*

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ танзими давлатии фаъолияти суғурта яке аз самтҳои афзалиятноки рушди низоми молиявии кишвар маҳсуб меёбад. Танзими давлатии бозори суғурта, пеш аз ҳама, таъсири давлат ба чараёни ташаккулёбии бозори суғурта чун сегменти муҳими низоми молиявӣ ба шумор меравад. Сухан ин ҷо дар бораи он меравад, ки давлат ба воситаи маҷмуи чораҳо ва институтҳои молиявӣ метавонад барои ташаккулёбии бозори суғурта заминаи ҳуқуқиву молиявиро муҳайё созад. Дарк кардан муҳим аст, ки давлат бо мақсади таъмини пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ ва ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагон захираҳои молиявиро ба иштирокчиёни бозори суғурта оқилона тақсим мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дошта, ба диққати махсуси давлат эҳтиёҷ дорад. Танзими давлатии бозори суғурта дар шаклҳои гуногун пешниҳод шуда, барои таъмини устувори фаъолияти бозори суғурта ва татбиқи функсияҳои инвеститсионӣ сафарбар мешавад. Аз ин лиҳоз, танзими давлатии бозори суғуртаро ҳамчун чараёни мақсадноки таъсири давлат ба фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ ва дигар иштирокчиёни бозори суғурта ба воситаи низоми ҳуқуқиву иқтисодӣ бо назардошти тағйироти вазъи ҳолати иқтисодӣ ва афзалиятҳои рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар муайян кардан мумкин аст [8, с. 210-220].

Дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ танзими давлатии фаъолияти суғурта, чӣ тавре ки мо дар боло қайд кардем, дар шаклҳои гуногун, аз қабили қабули меъёрҳои ҳуқуқии фаъолияти суғуртавӣ, муқаррарнамоии имтиёзҳои мухталиф барои иштирокчиёни бозори суғурта, гузаронидани сиёсати махсуси андоз, муқаррарнамоии суғуртаи ҳатмӣ, таъсиси механизми махсуси ҳуқуқӣ ва монанди инҳо амалӣ мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра аз худ нашудааст ва имкониятҳои васеъро доро буда, дар оянда бо танзими дурусти давлатӣ ба яке аз соҳаҳои афзалиятноки низоми молиявӣ табдил хоҳад гашт. Агар дар давраи аввали ислоҳоти иқтисодӣ фаъолияти суғурта аз тарафи ҷомеа эътироф нашуда бошад ҳам, имрӯз дар бозори молиявӣ саҳми он афзоиш ёфта истодааст [6, с. 167-174].

Назарияи иқтисодӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии хоҷагидорӣ нишон медиҳанд, ки низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ яке аз нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолият монополияи давлатии суғурта тадриҷан аз байн рафт ва фаъолияти Тоҷиксуғурта барои рушди ин соҳаи муҳим бо сабаби пурра иҷро накардани уҳдадориҳои худ мусоидат карда натавонист.

Нокифоя будани захираҳои молиявӣ яке аз сабабҳои таназзул ёфтани низоми суғуртавӣ дар кишвар ба ҳисоб мерафт ва зарурати танзими дурусти давлатии фаъолияти суғурта дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва ташаккулёбии гуногуншаклии моликият ба миён омад. Хусусигардонии фаъолияти суғуртавӣ дар кишвар барои афзоиши ширкатҳои тиҷоратии суғурта мусоидат кард ва суғуртакунандагон марҳила ба марҳила кору фаъолият намуда, боварии аҳолиро пурра ҳам набошад, барқарор карданд. Чунин кору фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ натиҷаи мусбиро таъмин карданд. Рушди некуаҳволӣ, устувории иқтисодиёт, имконияти интихоби шарики боэътимоди суғуртавӣ нобаста аз нақши манфии қонунгузории андоз барои ба вуҷуд овардани боварии аҳолӣ мусоидат карданд [2, с. 134]. Чун анъана, давлат танзимро дар соҳаи бизнеси суғуртавӣ аз рӯи самтҳои зерин амалӣ менамояд:

- литсензиякунии фаъолияти суғуртавӣ;
- гузаронидани мониторинг ва назорати ҳолати молиявии ширкатҳои суғуртавӣ;
- гузаронидани чорабиниҳои барҳамдиҳӣ;
- ташаккулдиҳии тарифи суғурта.

Инчунин, давлат ва худи ширкатҳои суғуртавӣ, аз он ҷумла ширкатҳои муштараки суғуртавӣ қариб, ки як мақсадро дунболагирӣ карда, барои рушди муносибатҳои бозоргонӣ мусоидат мекунанд.

Усулҳои танзими давлатии рушди соҳаи суғурта метавонанд ба ду гурӯҳ: мустақим ва ғайримустақим ҷудо шаванд [3, с. 3-8.]. Усули мустақим ин таъсири сохтори давлатӣ ба фаъолияти суғуртавӣ, аз қабили қабули қонун, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои мақомоти танзимкунанда, маблағгузории буҷетӣ ва монанди инҳо мебошад. Усули ғайримустақим бошад, воситаҳои андозбандиро дар бар мегирад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити бозор усулҳои мустақим бартарият дошта, дар ташаккулёбии бозори муосири хизматрасониҳои суғуртавӣ нақши муҳим мебозанд. Фаъолияти суғуртавӣ пурра аз тарафи қонуни махсуси суғурта ба танзим дароварда мешавад ва нақши асосиро дар иҷрои қонунгузорӣ, танзим ва назорати фаъолияти суғуртавӣ Бонки миллии Тоҷикистон мебозад.

Албатта, танзими фаъолияти суғурта дар шароити бозор аз тарафи давлат, худи ширкатҳои тиҷоратӣ ва инчунин, аз тарафи худи бозор низ амалӣ мегардад ва фақат танзими ҳамоҳанг ва баробари давлату бозор метавонанд самараи калони рушди бозори хизматрасониро дар кишвар таъмин намоянд. Тафовути идоракунии ширкатҳои суғурта, ки аз тарафи давлату ширкатҳои тиҷоратӣ амалӣ мегардад, дар ҷадвал оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Тафовути умумии идораи ширкатҳои суғуртавӣ, ки аз тарафи давлат ва суғуртаи тиҷоратӣ амалӣ мегардад**

| Намудҳои ширкатҳои суғуртавӣ | Ширкатҳои давлатӣ | Ширкатҳои тиҷоратӣ | Ширкатҳои муштарак |
|---|---|---|---|

| Мақсади фаъолият | Мақсад аз тарафи давлат муайян мешавад | Ба ҳайси мақсад афзоиши даромад ё ин ки баланд намудани арзиш баромад мекунад | Ягона мақсад гузоштан имконнопазир аст, имконияти мақсадҳои гуногун |
|---|---|---|---|
| Имконияти арзёбии самаранокии сармоягузорӣ | Усулҳои арзёбии самаранок аз тарафи давлат муқаррар мегардад | Таъсироти арзёбӣ ба баланд намудани арзиши ширкати суғуртавӣ | Усулҳои ягонаи асоснокшудаи арзёбии самаранок мавҷуд нест |
| Сарчашмаи ташаккулёбии сармояи ҷалбшуда | Ҳаққи суғуртапулӣ аз ҳисоби воситаҳои давлат | Пардохти шахсии суғурташавандагон | Сарчашмаҳои номуайян |
| Сарчашмаи ташаккулёбии оинномаи сармоявии ширкатҳои суғуртавӣ | Маҳдудият надорад | Бо имкониятҳои молиявии соҳибмулк ва андозаи ҳадди ақал муайян мешавад | Бо талаботи андозаи ҳадди ақал ба сармояи оинномавӣ муайян мешавад |
| Дараҷаи танзими ширкатҳои суғуртавӣ | Баланд | Сатҳи миёна | Аз сатҳи миёна баландтар ва номуайян |
| Вазифаҳои асосии танзим ва назорат | Аз тарафи мақомоти давлатӣ (Вазорати мудофиа, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва ғ) ташаккул меёбанд | Аз рӯи меъёрҳои ҳуқуқии амалишаванда муайян мешаванд | Вазифаи танзим номуайян мебошад |

**Коркарди муаллифон**.

Тавре аз ҷадвал бармеояд, дар шароити бозор ширкатҳои тиҷоратӣ, давлатӣ ва муштарак аз рӯи мақсади фаъолият, сарчашмаи ташаккулёбии сармояи ҷалбшуда, дараҷаи танзими ширкатҳои суғуртавӣ ва вазифаҳои асосии танзим тафовут дошта бошанд ҳам, дар рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар ҳамоҳангӣ самараи калон медиҳанд. Мавҷудияти ширкатҳои давлативу хусусӣ ва инчунин, ширкатҳои муштарак аз рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва гуногуншаклии моликият шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хоҷагидории кишвар дар шароити кушод будани иқтисодиёти миллӣ ташаккул додани гуногуншаклии моликият чун омили муҳими тараққиёти бахши хизматрасонӣ, бахусус хизматрасониҳои суғуртавӣ мебошад. Танзими дурусти давлатии фаъолияти суғуртавӣ низ дар ташаккулёбии ширкатҳои мухталиф ва заминагузории устувори ҳуқуқиву ташкилӣ барои рушди самараноки онҳо ифода мегардад.

Дар баробари ин, қайд кардан муҳим аст, ки дар самти танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ вазифаи асосии давлат барои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои суғурташавандагон дар сурати аз даст додани моликият ва иҷро нашудани уҳдадориҳо аз тарафи ширкатҳои суғуртавӣ ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари тадқиқоти мо қайд кардан зарур аст, ки сабабҳои асосии суст тараққӣ кардани бозори суғурта аз инҳо мусоидат менамояд.

- сатҳи пасти ҳаҷми фурӯш дар сегменти суғуртаи ихтиёрӣ ва сатҳи баланди нархгузории демпингӣ;

- имконоти нокифояи бозор ба ҳамаи маҳсулотҳои суғуртавӣ;

- паст шудани дараҷаи устуворӣ ва пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ;

- сатҳи пасти боварии мақсадноки сегменти бозор ба суғурта ҳамчун воситаи менеҷменти таваккал;

- номукаммал будани инфрасохтори бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ;

- ғайрисамаранокии танзими низоми давлатии молиявӣ.

Бояд қайд намуд, ки танзими давлатии фаъолияти суғурта самти муҳимтарини рушди ин бозор арзёбӣ гашта, дар тараққиёти минбаъдаи он метавонад пояи устувори молиявию ҳуқуқӣ гузорад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун омили муҳими рушди соҳа барои илми муосири иқтисодиёти кишвар ва таҷрибаи хоҷагидорӣ муаммои пешбаранда ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, муҳимияти соҳаи суғурта барои рушди иқтисодиёти миллӣ истифодаи фаъолтари воситаҳои танзими давлатии молиявиро талаб мекунад, ки татбиқи маҷмуи чораҳои он ба рушди соҳа нигаронида шудааст [5, с. 74-79].

Дар шароити устувории иқтисодиёти кушод зарурати дастгирии давлатии муносибатҳои фаъолияти хоҷагидории кишвар ба миён меояд. Масъалаҳои танзими давлатӣ дар ҳама давра, аз он ҷумла дар шароити муосир ва рушди муносибатҳои бозоргонӣ рӯзмарра мемонад. Инчунин, танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ дар кишвар барои ташаккулёбии иқтисодиёти бозоргонӣ мусоидаткунанда мебошад. Имрӯз, аллакай маълум мегардад, ки дар шароити муосир бе иштироки фаъоли давлат ҳалли муаммоҳои мавҷудаи соҳаи суғурта ғайриимкон аст.

Қайд кардан зарур аст, ки нуқтаи назар оид ба моҳияти танзими фаъолияти суғурта ва масъалаи чӣ гуна шарҳдиҳии он, кадом сегмент ва шаклҳоро бозори суғурта дар бар мегирад ва барои иштирокчиёни бозор чӣ аҳамият дорад, гуногун мебошад. Танзими фаъолияти суғурта ин механизми муайяни низоми усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои иқтисодии таъсирот ба фаъолияти самараноки иштирокчиён, бахусус ба субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ мебошад [1, с. 160]. Аз ин ҷо бармеояд, ки танзими бозори суғурта мафҳуми васеъ буда, метавонад ҳамаи усулҳои таъсироти мустақим ва ғайримустақимро ба фаъолияти иштирокчиёни бозори суғурта ва инчунин, худтанзимкуниро дар бар гирад.

Аз нуқтаи назари тадқиқоти мо, қайд кардан зарур аст, ки ҳалли масъалаҳои сиёсати молиявӣ, бахусус фаъолгардонии фаъолияти суғурта чун омили муҳимтарини рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар шароити муосир дар кишвар аҳамияти рӯзмарраро пайдо кардааст. Бо мақсади танзими самараноки рушди фаъолияти суғуртавӣ назорати он ба Бонки миллии Тоҷикистон вогузор карда шуд. Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, таҳти №408 "Дар бораи масъалаҳои Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ" ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ба Бонки миллии Тоҷикистон вогузор кардани ваколати назорати суғуртавӣ" аз 13 марти соли 2017, таҳти №851 Идораи назорати суғуртавӣ ҳамчун воҳиди таркибии Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Идора барои амалигардонии мақсад ва вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар бахши назорати суғуртавӣ вазифадор аст. Идора фаъолияти соҳаи суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат, танзим ва рушди самараноки хизматрасониҳои суғуртавӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва давлатро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, Идора танзим ва назорати ягонаи суғуртаро оид ба масъалаҳои иҷозатномадиҳӣ (литсензиякунонӣ), пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии

ташкилотҳои суғуртавӣ, баҳисобгирию ҳисоботдиҳӣ, усулҳои суғуртакунӣ ва ҳамоҳангсозии суғуртакунӣ амалӣ менамояд [9].

Таҷрибаи баъзе давлатҳо, аз он ҷумла Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти институти танзимкунанда ба ҳайси мақомоти назорати фаъолияти суғурта аз самтҳои мақсадноки сохторҳои ташкилӣ вобастагии калон дорад. Рушди низоми суғурта дар шароити муосирислоҳоти ҷиддии методологӣ ва ташкилиро талаб менамояд ва Бонки миллии Тоҷикистон чун мақомоти танзим ва назорати асъор ва инчунин танзимкунандаи асосии муносибатҳои молиявӣ метавонад ба воситаи фишангҳои худ ба рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ таҳким бахшад. Сабаби асосии қабули чунин қарор натиҷаи он мебошад, ки ҳолати муосири суғурта дар кишвар ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуда, дар баробари ин, танзими он ба рушди муносибатҳои бозоргонӣ мусоидаткунанда арзёбӣ нагашт. Инчунин, то имрӯз нақш ва мақоми танзими дохилӣ ва аудит дар низоми умумии идораи хавф дар ширкатҳои суғуртавӣ аниқ нашудааст.

Ба Бонки миллии Тоҷикистон вогузор намудани танзими фаъолияти суғурта, чӣ тавре ки таҷрибаи хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ҷабҳаҳои мусбӣ ва манфиро дорост. Ба чунин мақомоти пуриқтидор додани ваколати иловагии танзими фаъолияти суғурта барои баландбардории рақобатпазирии бозори суғурта ва таъмини сифати баланди назорат мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти пуриқтидор метавонад хавфҳои молиявиро пешгирӣ намуда, назоратро аз болои сифати дороиҳо ва захираҳои суғурташавандагон пурзӯр намояд. Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон диққати махсусро барои пардохтпазирии иштирокчиёни бозори суғурта равона карда, барои ташаккулёбии ширкатҳои нави низомдор низ мусоидат хоҳад кард. Ин маънои онро дорад, ки дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ имкониятҳои зиёд ба миён омада, ба чунин тағйирот оварда мерасонад:

- таваккали суғуртакунандагони асосӣ ҳамчун гурӯҳҳои алоҳида таҳлил карда мешавад;
- муносибат нисбати иҷозатдиҳӣ ба фаъолияти суғуртавӣ тағйир ёфта, ба талаботи замон мувофиқ мегарданд;
- хадамоти бонк оид ба бозори молиявӣ перомуни тақсимоти ваколат ва нақши ташкилоти худтанзимкунанда дар бозори молиявӣ қарор қабул мекунад;
- сифати таъминоти методии соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ бо назардошти стандартҳо ва принсипҳои байналхалқӣ баланд мешавад;
- шароитҳои мусоид ба талаботи сегментҳои мухталифи бозори хизматрасониҳои молиявӣ мутобиқ ва муҳайё мешаванд;
- танзим дар ин соҳаҳо (ширкатҳои маблағгузории хурд, ширкатҳои лизингӣ ва ғайра) тақвият меёбад, ки дар айни замон мавҷуд нест;
- ҷорӣ намудани низоми нави танзим аз ҳисоби мавҷудияти иттилоот, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон зиёд аст.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи мазкури тадқиқот қайд кардан мумкин аст, ки танзим ва назорати фаъолияти суғурта аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои молиявӣ ва рушди бозори суғурта мусоидат намуда, дар бозори молиявӣ муҳити муътадили назоратиро таъмин менамояд. Дар низоми танзими давлатии фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ се категорияи асосии танзимкунанда мавҷуд аст.

Дар баробари ин, дарк кардан муҳим аст, ки дар шароити рушди иқтисодиёти бозоргонӣ таъсироти бозор ба фаъолияти хоҷагидорӣ хеле зиёд мебошад. Таъсироти танзими давлатӣ ба фаъолияти суғурта низ бо назардошти қонуниятҳои бозор сурат гирифта, дар бисёр ҳолатҳо шаклҳои худтанзимкунии бозорро тақвият мебахшад.

**Ҷадвали 2. - Фишангҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта**

| Фишангҳо | Тавсиф |
|---|---|
| Танзими иқтисодӣ | Назорати бевоситаи нарх, муқаррар намудани талабот ба сармояи ҳадди ақал, фаъолияти сармоягузорӣ ва сохтори активи суғуртакунандагон, танзими даромад (тасдиқи хароҷот ва пешбурди фаъолият) ва муқаррарсозии шароити махсуси иҷозатдиҳии суғуртаи ҳатмӣ ва ғ. |
| Танзими иҷтимоӣ | Пешниҳоди босифати хизматрасониҳои суғуртавӣ бо сабаби муаммоҳои ҳифзи муҳит, тандурустӣ, эътимоднокӣ, бехатарӣ ва дигар мақсадҳои ҷамъиятӣ, ҷоринамоии шартҳои имтиёзноки суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии воситаҳои нақлиёт |
| Танзими иттилоотӣ | Талаб намудани маълумоти муайян дар бораи суғуртакунандагон ва хизматрасониҳои суғуртавии онҳо (чопи ҳатмии ҳисоботи молиявии солона, интишори ҳисоботи семоҳа, шиносоии ҳатмии суғурташавандагон бо тартибот ва шартҳои суғурта, ҷорӣ намудани навъи шартномаи суғуртавӣ, ошкорсозии маълумот оид ба соҳибони ширкатҳои суғуртавӣ) |

**Коркарди муаллифон**.

Категорияҳои асосии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар ҷадвал оварда шудааст. Аз ҷадвал бармеояд, ки танзими давлатии фаъолияти суғурта ба воситаи шаклҳои зиёд амалӣ гашта, муҳимтарини онҳо танзими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотӣ мебошанд, ки барои рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ мусоидат мекунанд. Қайд мекунем, ки баробар ва ҳамоҳанг танзим намудани фаъолияти суғурта бо истифода аз ҳамаи шаклҳои танзими давлатӣ рушди хизматрасониҳои бозори суғуртаро тезонида, имкониятҳои васеъро муҳайё месозад. Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, худтанзимкунӣ аксар маврид самараи дилхоҳ дода, ҳатто метавонад дар низоми танзими давлатӣ нақши алтернативиро иҷро намояд.

Нишондиҳандаҳои фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ дар кишвар аз он шаҳодат медиҳанд, ки сол то сол дастгирии давлат афзоиш ёфта, дар ташаккулёбии иқтисодиёти бозоргонӣ ва таъмини рушди минбаъдаи низоми молиявӣ мусоидаткунанда мебошанд. Дар ҷадвал нишондиҳандаҳои рушди фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ дар кишвар оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. - Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор сомонӣ)**

| Солҳо | Даромад, ҳамагӣ | Хароҷот, ҳамагӣ | Фоида |
|---|---|---|---|
| 2011 | 101,6 | 97,9 | 3,7 |
| 2012 | 146,4 | 140,8 | 5,6 |
| 2013 | 137,9 | 127,5 | 10,4 |
| 2014 | 138,3 | 124,9 | 13,4 |
| 2015 | 154,3 | 128,9 | 25,4 |
| 2016 | 131,4 | 122,5 | 8,9 |
| 2017 | 178,0 | 170,7 | 7,3 |
| 2018 | 235,1 | 193,2 | 41,9 |
| 2019 | 244,8 | 174,6 | 70,2 |

Манбаъ: Омори солонаи Тоҷикистон. - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – 481 с.

Аз таҳлилҳои мазкур бармеояд, ки даромади ширкатҳои суғуртавӣ дар соли 2011 101,6 млн сомониро ташкил медиҳанд, ки нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 244,8 млн сомониро ташкил намуд ва ин нишондиҳанда дар муқоиса ба соли 2011 ба маблағи 143,2 млн сомонӣ ё 1,4 маротиба афзоиш ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ тамоюли зиёдшавиро нишон медиҳанд. Аз рӯи имкониятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи тақвияти рушди соҳа ва афзоиши сатҳи даромади ширкатҳои суғуртавӣ зиёд мебошад, ки ҳадафрасии соҳаи мазкур як қатор ислоҳотро талаб менамояд. Аз соли 2011 то 2019 даромади ширкатҳои суғуртавӣ зиёда аз ду маротиба афзоиш ёфта, аз ҳаҷми умумии воридоти фонди суғуртавӣ 90% аъзоҳаққии суғуртавӣ ташкил медод. Дар соли 2019 хароҷот 174,6 млн сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2011 178,3% зиёд мебошад. Новобаста аз рушди нишондиҳандаҳои фаъолияти суғуртавӣ ҳаҷми фонди суғуртавӣ дар кишвар дар ҳаҷми миёна 0,53% ММД ва 1%-и даромади пулии аҳолиро ташкил дод. Маълумотҳои таҳлилгардида бозгӯи онанд, ки дар баъзе давлатҳои ИДМ ин нишондиҳанда 2-3%-ро ташкил дода, он дар аксар маврид бо истифода аз як қатор усулҳои имконпазир ҳисоб карда мешавад, ки яке аз ин усулҳо ин усули таҳлили регрессионӣ аз рӯи муодилаи полиномиалӣ, ки дар инҷо У-даромад ва Х-қатори вақтӣ мебошад.

**Диаграммаи 1. - Динамикаи фоидаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2011- 2019 (ҳазор сомонӣ)**




Манбаъ: Омори солонаи Тоҷикистон. - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – 481 с.

Даромад=2,4429$t^2$ - 9,0214t + 131,18

t=омили вақтӣ аст.

Вобаста ба даромадҳои суғуртавӣ хароҷоти онҳо низ мавриди таҳлил қарор гирифт. Мувофиқ ба ин, алоқамандии ду нишондиҳанда муодилаи хаттиро барои дарёфти вобастагии хароҷотро аз даромад пайдо намудем, ки дар муодилаи поён оварда шудааст:

Хароҷот= 0,7358*даромадҳои суғуртавӣ+ 25,818 (2)

Усули таҳлили регрессионӣ аз рӯи муодилаи хаттӣ, ки дар инҷо У - хароҷот ва Х - даромад мебошад.

Аз натиҷаи муодилаи хаттии истифодабурда маълум мегардад, ки хароҷот аз даромад вобастагии зич дошта, ҳангоми зиёд ё кам шудани даромад ба хароҷоти ширкатҳои суғуртавӣ низ таъсири худро мерасонад. Ба ҳисоби миёна ҳангоми 1 сомонӣ зиёд шудани даромад, 73 дирам хароҷотро зиёд мекунад. Аз ин хотир, бо истифода азояндабинии даромад хароҷот низ бо ёрии муодилаи (2) дурнамо карда шуд.

Дар натиҷаи дурнамои базавӣ то соли 2022 ба ҳисоби миёна 14% ё ба маблағи 27 млн сомонӣ зиёдшавии хароҷоти суғуртавӣ ба назар мерасанд, ки тақрибан 74%-и даромадҳоро ташкил медиҳад. Алоқамандии хароҷоту даромад 0,93-ро ташкил мекунад. Агар $R^2>0.75$ он гоҳ хароҷот аз даромад вобастагии зич дорад.

Чунин нишондиҳандаҳои фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ дар сатҳи нокифоя буда, барои рушди низоми молиявӣ ва муносибатҳои суғуртавӣ мусоидаткунанда нестанд. Нишондиҳандаҳои фаъолияти ширкатҳои суғуртавиро муқоиса карда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бе дастгирии давлатӣ бозори суғуртаро рушд додан дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, дарк кардан муҳим аст, ки дар баробари таъмини устувории молиявии низоми суғурта, баланд бардоштани маданияти молиявӣ ва истифодаи дигар усулҳо дар бозори суғурта, баландбардории самаранокии усулҳои танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ вазифаи муҳимтарини рушди низоми суғуртавӣ ба ҳисоб меравад. Дурнамои даромад ва хароҷоти бозори суғурта то соли 2030 муайян карда шудааст, ки барои замина гузоштан дар рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳама усулҳои танзими давлатии бозори суғурта дар татбиқи вазифаҳои зерин, аз ҷумла қабули қонун, меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба фаъолияти суғуртавӣ, назорат аз болои иҷрои қонунгузорӣ, назорат аз болои иштирокчиёни бозори суғурта, таъмини иҷрои уҳдадориҳои ширкатҳои суғуртавӣ дар мавриди ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ, таъмини устувории молиявии фондҳои суғуртавӣ, назорати иштирокчиёни бозори суғурта дар пардохти андоз ва дигар пардохтҳо ва инчунин, ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти суғуртавӣ татбиқ мегардад.

Аз рӯи манбаъҳои таҳлилшаванда ва имкониятҳои мавҷудаи кишвар дурнамои даромаду хароҷоти соҳаро дар ҷадвал ҳамчун аёният дидан мумкин аст. Таҳлили анҷомдодаи мо нишон медиҳад, ки тавозуни фоида аз соли 2011 то соли 2019-ро дар бар гирифта, бо дарназардошти шароитҳои мавҷуда ва андешидани як қатор чораҳои зарурӣ нишондиҳандаҳо пайваста тамоюли тағйирёбӣ доранд, яъне муайян карда шудааст, ки дар соли 2016 нисбат ба соли 2015 ин ҳисса 35% кам гардида, ин нишондиҳанда тамоюли мусбатро касб намуда, дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 57% баланд гардид, ки дар дурнамои таҳлилнамуда аз рӯиояндабинӣ мувозинатро тағйир медиҳад.

**Ҷадвали 4. - Даромад, хароҷот ва тавозуни фоидаи ташкилотҳои суғуртавӣ солҳои 2011-2019(ҳазор сомонӣ)**

| Солҳо | Даромад, ҳамагӣ | | Хароҷот, ҳамагӣ | | Фоида | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Бо сомонӣ | Бо % | Бо сомонӣ | Бо % | Бо сомонӣ | Бо % |
| 2011 | 101,6 | 100 | 97,9 | 100 | 3,70 | 100 |
| 2012 | 146,4 | 0,7 | 140,8 | 0,7 | 5,60 | 0 |
| 2013 | 137,9 | -1,0 | 127,5 | -1,1 | 10,40 | -0,1 |
| 2014 | 138,3 | 0,1 | 124,9 | -1,0 | 13,40 | 0,9 |
| 2015 | 154,3 | 0,9 | 128,9 | 0,9 | 25,40 | 0 |
| 2016 | 131,4 | -1,1 | 122,5 | -1,0 | 8,90 | -0,1 |
| 2017 | 178,0 | 0,7 | 170,7 | 0,7 | 7,30 | 0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2018 | 235,1 | 0,7 | 193,2 | 0,9 | 41,90 | -0,2 |
| 2019 | 244,8 | 0,9 | 174,6 | -1,1 | 70,2 | -0,2 |
| **Ҳамагӣ** | 1467,8 | 1,9 | 1281,0 | 1,1 | 186,8 | 0,8 |
| **Суръати миёнаи рушд** | 163,1 | 0,2 | 142,3 | 0,1 | 20,7 | 0,1 |

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Омори солонаи Тоҷикистон. - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - 481 с.

Аз таҳлили ҷадвали мазкур бармеояд, ки даромад, хароҷот ва фоидаи ташкилотҳои суғуртавӣ, ки ҳамчун қисмати асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд, ҳангоми ҳисоб соли 2011 ҳамчун асос 100% қабул шудааст, ки он зиёд ё камшавии нишондиҳандаҳоро дар солҳо бо фоиз нисбат ба соли қаблӣ ифода менамояд [11, с. 110]. Ҳолати мазкур чунин нишон медиҳад, ки даромади ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2019 244,8 млн сомониро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба соли гузашта ба малағи 9,7 млн сомонӣ ё 0,9% зиёд мебошад. Дар баробари ин, хароҷоти ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, дар соли 2019 нисбат ба соли гузашта 2018 18,6 млн сомонӣ ё -1,1% кам гардидааст. Дар умум суръати миёнаи рушд тибқи муқоиса муайян гардида, ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки даромади ташкилотҳои суғуртавӣ ҳар сол ба маблағи 163,1 млн сомонӣ, ё ба меъёри 0,2 банди фоиз зиёд мешавад.

Рушди бизнеси суғуртавӣ барои дастгирӣ ва устувории молиявӣ, аз он ҷумла барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Табдил додани соҳаи суғурта ба бахши афзалиятнок фақат дар татбиқи вазифаҳои рушди фаъолияти суғуртавӣ ва мутақобилаи муштараки мақомоти дахлдор оид ба ҳалли онҳо имконпазир мегардад. Аз ин лиҳоз, рушди танзими давлатии бозори суғурта дар натиҷаи татбиқи вазифаҳои зерин амалӣ мегардад:

- такмили механизмҳои бахши суғуртавии молиявӣ ба воситаи баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ, пеш аз ҳама, ба воситаи такмили усулҳо ва шакли танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ;
- таъмини пурраи ҳимояи манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ, ки иҷрои онҳо мувофиқи шартномаи ба зиммаи ширкатҳои суғуртавӣ гузошташуда ва барои рушди самараноки бизнеси суғуртавӣ мусоидаткунанда мебошанд;
- ташаккулёбии модели муосири рушди бизнеси суғуртавӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири инноватсионии суғуртавӣ ва такмили қонунгузории суғурта [10, с. 143].

Дар мақолаи мазкур барои ошкор намудани самти афзалиятноки рушди бозори суғурта ва нақши танзими давлатии фаъолияти суғурта кӯшиш намудем. Қайд кардан зарур аст, ки дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ тавре ки таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳад, боз дигар самтҳои афзалиятнок, ба монанди суғуртаи сайёҳӣ, суғуртаи таваккал, қарзи ипотекӣ, суғуртаи ҷавобгарии сохтмончиён, суғуртаи сармоя, суғуртаи хавфи иқтисодиёти беруна ва монанди инҳо мавҷуд мебошад. Аз ин лиҳоз, аҳамияти илмиву хоҷагидории фаъолияти суғуртаро дарк карда, дар оянда барои рушди чунин намудҳои суғурта ҳамчун кафолати таъмини иқтисодӣ ва воситаи ҷалби сармоя чораҷӯӣ бояд кард.

Хулосаи аз таҳлилҳои мукаммалнамоии танзими давлатии бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки танзими давлатии бозори суғурта яке аз масъалаҳои рӯзмарра дар илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидории кишвар ба шумор меравад. Муҳимияти тадқиқот дар он ифода мегардад, ки новобаста аз рушди соҳа ва пайдо шудани муносибатҳои нави молиявӣ, низоми танзими он пурра ташаккул

наёфтааст ва аз таҷрибаи ҷаҳон қафо мебошад. Номукаммалии танзими давлатии бозори суғурта дар шароити муосир аз омилҳои зиёд вобастагӣ дошта, яке аз сабабҳои асосии рушди ин соҳа маблағгузории нокифоя ва умуман, ҳолати кунунии фаъолияти иқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади такмили танзими давлатии фаъолияти суғурта ва иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва инчунин, ҳимояи манфиатҳои субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ бояд ба воситаи талаботи ягона эътимоди низоми суғурта баланд шавад, қонунгузории фаъолияти суғурта мунтазам ташаккул ёбад, устувории маблағгузории ширкатҳои суғуртавӣ таъмин гардад, сатҳи касбияти кормандони мақомотҳо баланд ва монеаҳои мавҷудбуда бартараф карда шаванд. Фақат ба воситаи дуруст ба роҳ мондани сиёсати иқтисодии давлат дар самти амалигардонии фаъолияти суғуртавӣ ва рушди баробар ва ҳамоҳанги омилҳои зикршуда бозори хизматрасониҳои суғуртаро ҳамчун сегменти муҳими бозори молиявӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ба яке аз қувваҳои ҳаракатдиҳандаи рушди хоҷагии халқ табдил додан мумкин аст.

**Адабиёт**


1. Андреева Е.В. Страховая деятельность и ее регулирование на современном страховом рынке / Е.В. Андреева, О.И.Русакова. - Иркутск: Байкальский государственный университет, 2015. - 160 с.
2. Ашуров Г.Д. Совершенствование системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистан: дис. …к.э.н.: 08.00.05. /Г.Д. Ашуров. – Душанбе, 2011. – 134 с.
3. Бахши суғурта. [манбаи электронӣ]. Ғ URL: http://www.nbt.tj/tj/sugurta/bozori-sugurtavi/2018/4-yum-kvartali-soli-2018.php (санаи муроҷиат: 05.11.2019).
4. Ефремова П.И. Роль государственного регулирования в концентрации капитала в страховом финансовом рынке /П.И. Ефремова // Страховое дело. - 2013. - №10. - С. 3-8.
5. Омори солонаи Тоҷикистон. - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020.- 481 с.
6. Фролов В.А. Государственное финансовое регулирование рынка страховых услуг/ В.А. Фролов// Вектор науки Тольятинского государственного университета. Серия: Экономика и управление. - 2016. - №2 (25). - С. 74-79.
7. Сафаров, Б. Г. Проблемы развития инвестиционной деятельности страховых компаний / Б. Г. Сафаров, Х. Шамсуллозода // Финансово-экономический вестник. – 2019. – № 1(17). – С. 13-19. – EDN JTCXYO.
8. Ҳусайнов М.С. Тамоюли рушди муосири бозори хизматрасонии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.С. Ҳусайнов // Паёми молия ва иқтисод. - 2020. - №1(21). - С. 167-174.
9. Ҳусайнов М.С. Рушди низоми суғуртаи пасандозҳои аҳолӣ - омили муҳими ташаккули сарчашмаҳои захираҳои сармоягузорӣ / М.С. Ҳусайнов, Н.А. Авгонов // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. - №4-1(33). – С. 210-220.
10. Ҳусайнов М.С. Роҳҳои такмилдиҳии фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ / Ш.М. Раҳимзодf, М.С. Ҳусайнов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2021. - №1. - С. 143-149.
11. Ҳусайнов М.С. Бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: мушкилотҳои ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш. Раҳимзода, М.С. Ҳусайнов. - Душанбе: ДДМИТ, 2022. - 137 с.
12. Халифазода, Ҷ. Б. Муаммоҳои Ташаккулёбӣ ва роҳҳои рушди кластерҳои агросаноатӣ дар шароити минтақа / Ҷ. Б. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – P. 245-252.

**УДК**: 338

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РАЗРАБОТКИ И РЕАЛИЗАЦИИ ИННОВАЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

***Хамроев Мирсаид Исмоилович*** *– заместитель начальника управления по науке и инноваций, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: г . Душанбе, улица Нахимова,* 64/14, *Республика Таджикистан, Телефон*:+992-901-24-77-87. *Почта*: mirsaidhamroev7@mail.ru

*В статье рассмотрены некоторые теоретические и практические вопросы разработки и реализации инновационных проектов на промышленных предприятиях. Показано важность активизации инновационных проектов, а также доказана их роль в повышении конкурентоспособности промышленных предприятий. Обоснована необходимость активизации инновационной деятельности, а также сформулированы предложения по совершенствованию системы разработки, реализации и управления инновационными проектами на современных промышленных предприятий. Предложен создать эффективную систему инновационной среди, разработать механизм кадрового обеспечения, а также активизировать практику коммерциализации результатов научных работ.*

***Ключевые слова***: *инновации, промышленность, конкурентоспособность, инновационные проекты, инвестиции, устойчивое развитие.*

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАҲИЯ ВА ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

***Ҳамроев Мирсаид Исмоилович*** *– муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Телефон*:+992-901-24-77-87. *Почта*: mirsaidhamroev7@mail.ru

*Дар мақола баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ баррасӣ карда шудаанд. Аҳамияти фаъолсозии лоиҳаҳои инноватсионӣ нишон дода, нақши онҳо дар баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ низ исбот шудааст. Зарурати фаъол гардонидани фаъолияти инноватсионӣ асоснок карда шуда, оид ба такмили низоми таҳия, татбиқ ва идоракунии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои муосири саноатӣ пешниҳодҳо таҳия шудаанд. Пешниҳод шудааст, ки системаи самараноки инноватсионӣ таъсис дода, механизми таъминоти кадрӣ таҳия карда шавад, инчунин амалияи тиҷоратикунонии натиҷаҳои корҳои илмӣ пурзӯр карда шавад.*

***Калимаҳои калидӣ***: *инноватсия, саноат, рақобатпазирӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ, сармоягузорӣ, рушди устувор.*

## SOME ISSUES IN THE DEVELOPMENT AND IMPLEMENTATION OF INNOVATION PROJECTS AT INDUSTRIAL ENTERPRISES

Hamroev Mirsaid Ismoilovich - Deputy Head of the Department for Science and Innovation Tajik State University of Finance *a*nd Economics. Adress: Dushanbe city, Nakhimov street, 64/14, the Republic of Tajikistan, Phone:+992- 901-24-77-87, mail: mirsaidhamroev7@mail.ru

The article discusses some theoretical and practical issues in the development and implementation of innovative projects at industrial enterprises. The importance of activating innovative projects is shown, and their role in increasing the competitiveness of industrial enterprises is also proven. The need to intensify innovation activity is substantiated, and proposals are formulated to improve the system of development, implementation and management of innovative projects at modern industrial enterprises. It is proposed to create an effective innovation system, develop a staffing mechanism, and also intensify the practice of commercializing the results of scientific work.

Key words: innovation, industry, competitiveness, innovative projects, investments, sustainable development.

В условиях реализации политики ускоренной индустриализации и опоры на индустриально-инновационной сценарии развития экономики Республики Таджикистан важное значение приобретает решение вопросов, связанных с организацией и управлением инновационных проектов в промышленности. В современных условиях развития инновационная промышленность выступает драйвером и основные фактором устойчивого развития национальной экономики. В связи с этим, с учетом важность и значимости инновационного развития экономики Республики Таджикистан важным представляется теоретическое обоснование и разработка практических рекомендаций по организации и управлению инновационных проектов на промышленных предприятиях.

Эти вопросы стали на порядок актуальнее в контексте цифровой трансформации социально-экономических процессов. Особенность цифровой трансформации в промышленности как сложного процесса заключается в том, что оно представляет собой совокупность взаимосвязанных инновационных проектов, связанной с применением современных информационных технологий. На практике промышленных предприятий развитых стран используются различные методы и подходы для управления инновационными проектами. Кроме того, важнейшей особенностью инновационных проектов в контексте перехода к цифровой экономике является постоянное предоставление услуг и программного обеспечения для компьютерных и информационных технологий.

Практика показывает, что управление совокупностью взаимосвязанных инновационных проектов в условиях цифровой трансформации реализуется путем выбора адекватной модели управления инновациями. Модель управления инновационными проектами представляет собой основу планирования и реализации инновационных проектов. Как показывает практика модели, совмещающие этап создания инновации и этап внедрения, называются интегрированными моделями управления инновациями.

Анализ показывает, что в современном мире структура экономики и общества динамично трансформируется, а определяющим фактором при этом выступает потенциал по созданию и повышению ценности инноваций во всех сферах общественной жизни. Наряду с этим, в условиях экономики знаний инновации выступают как наиболее важный фактор рыночного успеха [2. 7].

В современном мире производственный и инновационный потенциал стран различаются на разных этапах экономического развития. Технологическая сложность промышленного производства существенно различаются между странами. В связи с этим, необходимость устойчивого развития промышленности связана с разработкой и реализацией инновационных проектов, особенно в управленческом аспекте.

Комилов С.Дж. и Сорокин С.В. исследую особенности становления и развития венчурного финансирования в Республике Таджикистан отмечают, что важным вопросом в разработке и реализации инновационных проектов выступают вопросы финансирования и инвестиционного обеспечения [7.331]. Мы согласны с позициями авторов относительно важности вопросов финансирования, однако необходимо отметить, что эффективность системы организации управления инновационными проектами связано также с механизмами взаимодействия науки, образования и бизнеса, которые выступают ключевыми элементами системы инновационного развития.

В данном контексте Морозов В.Н. исследуя методы и модели оценки эффективности инновационных проектов обращает внимание на методические аспекты, а также эффективности реализации инновационных проектов с учетом зарубежного опыта [9. 446]. Следует отметить, что в условиях Республики Таджикистан пока не сформирована система разработки и реализации

инновационных проектов, которая смогла бы обеспечить непрерывность трансферта инновационных проектов в реальное производства.

В тории термин «инновационные проекты» рассматривают как связующий механизм между определенной инновационной деятельностью и ее реализацией, с одной стороны, а с другой стороны, предполагает плановый выход из такой организованной деятельности. При этом, цифровая трансформация состоит из набора инновационных проектов, которые взаимодействуют друг с другом, поэтому методы управления инновационными проектами имеют большое значение для цифровой трансформации промышленности и экономики в целом. Учитывая, что инновационные проекты классифицируются по конкретным типам проектов, их невозможно реализовать с помощью традиционного проектного управления. Исходя из этого, инновационные проекты в силу своих особенностей требуют применения различных инструментов и методов управления.

По мнению Кодирова Ф.А. [5] глобализация и ужесточение конкуренции в XXI веке приводят к увеличению проблем в бизнесе и росту негативного влияния внешних факторов на отдельные сферы национальной экономики Республики Таджикистан, в частности на промышленность страны. В таких условиях промышленные предприятия обязаны совершенствовать тактику и стратегию своего развития, где инновации играют ключевую роль и признаются важным инструментом достижения конкурентоспособности и преодоления современных вызовов и угроз.

На наш взгляд, реализация национальной цели по ускоренной индустриализации экономики Республики Таджикистан требует новых идей, инновационных решений, подходов, а также новых способов организации и сотрудничества в сфере инновационной деятельности. В данном контексте инновации и цифровизация играют все более важную роль практически во всех секторах экономики, особенно в промышленности. В данном контексте инновационный императив ставится в центр большинства политических мер, о чем свидетельствует частое упоминание актуальности данного вопроса в Посланиях Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

В условиях Республики Таджикистан для достижения лучшего результата необходимо использовать адекватные методы, инструменты и приемы, а также эффективно управлять всеми частями инновационного процесса. Суть многих моделей управления инновационными проектами основана на оценке результатов каждого этапа с целью выбора лучших идей, разработки лучших концепций продуктов, прототипов и, наконец, конечных продуктов. Именно по этой причине одним из важнейших факторов является управление ранними стадиями инновационных проектов, то есть управление этапами и действиями вплоть до создания концепции продукта. Таким образом, с самого начала инновационного проекта закладывается основа для принятия правильных решений на последующих этапах. Большинство авторов отмечают схожие характеристики этого сегмента инновационных проектов – прежде всего, слабую структурированность, высокую неопределенность и риск, сильное влияние на качество конечного продукта, время, необходимое для вывода продукта на рынок, и общие затраты на производство продукции.

Анализ зарубежной практики показывает, что инновации и инновационные проекты имеют решающее значение в устойчивом развитии промышленных предприятий. Это особенно актуально в условиях усиления конкурентного давления и постоянных изменений подходов к удовлетворению потребностей потребителей. Иными словами, инновации стали необходимостью не только в форме разработки новых продуктов или услуг, но и в форме новых бизнес-моделей, инноваций процессов и внедрения новые методы маркетинга.

Проведенное нами исследования показали, что промышленные предприятия, которые отдают приоритет инновациям, имеют самый высокий рост доходов, так как

инновации и инновационные проекты можно считать ключевыми движущими силами и предпосылками конкурентоспособности, а также ключевыми элементами современного менеджмента [10.267].

Важным в данном контексте выступает вопросы совершенствования системы управления инновационными проектами. Исследования показывают, что модели управления инновационными проектами сложны и включают модели бизнес-процессов создания инноваций, их внедрения и эксплуатации. На практике они специфичны для отраслей экономики, рынков и определенных видов деятельности в промышленности. Это обусловлено также тем, что современные модели управления инновациями возникают вследствие влияния рыночной среды, новейших технологий, жесткой конкуренции и сокращения жизненного цикла продукции.

Обзор литературы позволяет отметить, что управление инновационными проектами представляет собой особый вид управления проектами. Согласно теории и методологии управления он основан на принципах и элементах инновационного менеджмента и управления проектами, базовыми характеристиками, которой являются первые изменения и применения в определенной области.

При анализе инновационных проектов в контексте совершенствования системы управления можно разделить традиционные и инновационные проекты. Инфраструктурные, строительные или эксплуатационные проекты чаще всего относят к традиционным проектам. К инновационным проектам относятся исследовательские проекты, технологические проекты, проекты по разработке новых продуктов или услуг и т. д. Успешное управление инновационными проектами предполагает знание и применение инновационных моделей, основанных на подходе к инновациям как проекту [4. 50].

В условиях реализации Концепции цифровой экономики в Республике Таджикистан цифровая трансформация объединяет процессы создания инноваций, процессы разработки и использования программного обеспечения для цифровых продуктов и услуг, а также процессы, связанные с исследованием рынка и взаимоотношениями с клиентами. Инновационные процессы в условиях цифровой трансформации разнообразны и не могут быть реализованы с помощью единой модели управления инновациями. По этой причине предлагается использовать интегрированную модель управления инновациями, которая способна объединить бизнес-модели создания инноваций и модели инновационного управления разработкой программного обеспечения.

Проведенное нами исследование показывает, что большинство исследований не рассматривают подход, интегрирующий все части управления на ранней стадии, начиная от управления идеями и заканчивая выбором концепции продукта. В связи с этим необходимо разработать такой подход, который обеспечивал бы объединение частей процесса, связанного с управлением идеями, путем определения требований пользователей, последующего перевода этих требований в технические параметры, выбора технических параметров и определения значения выбранных технических параметров, которые будут частью концепции продукта.

В условиях Республики Таджикистан, где повышение конкурентоспособности отечественной продукции входит в число стратегических задач, разработка инновационных проектов является необходимостью для создание конкурентных преимуществ и повышение конкурентоспособности промышленной продукции [8. 103]. Это особенно актуально в условиях насыщенности рынка импортными товарами и необходимостью устойчивого развития национальной промышленности. Практика показывает, что инновационные проекты - это не только фактор адаптации к тенденциям и технологиям, но и фундаментальный фактор выживание бизнеса в условиях открытой экономики.

В связи с вышеизложенным следует отметить, что разработка и реализация инновационных проектов имеет важное значение в решении сложных задач стратегического развития. Доказано, что стратегии успеха бизнеса в промышленности всегда предполагают инновации, так как в этом контексте инновационные технологии становятся ключевым фактором, предлагая интеллектуальные и интуитивно понятные инструменты, которые служат основой индустриально- инновационного развития промышленности Республики Таджикистан.

Современные тенденции показывают, что в условиях высококонкурентного рынка, предпринимателям и менеджерам необходимо разработать стратегии, позволяющих постоянно развиваться, улучшать условия для обеспечения устойчивого развития промышленных предприятий.

Исходя из реальной ситуации, в условиях Республики Таджикистан необходимо особое внимание уделить формированию инновационного мышления. На практике существуют множество возможностей для инноваций, и все они связаны с результатами. Эти изменения должны быть последовательными, чтобы обеспечить модернизацию и естественную эволюцию процессов и продуктов в контексте активизации инновационной деятельности. Опыт показывает, что инновационные предприятия совершенствуются во всех отношениях: от финансовых до операционных.

Важное значение также имеет вопросы формирования инновационной среды в промышленности. Эти вопросы особенно актуальны в условиях Республики Таджикистан, так как до сих пор действенных механизмов в области интеграции науки и производства, коммерциализации результатов научно-исследовательских работ не существуетр [12, 440]. Формирование инновационной среды для обмена и трансфера инноваций начинается с внутренней среди предприятия. Для промышленности крайне важно обеспечить приятную среду, способствующую обмену идеями при создании инновационных проектов. Это способ стимулировать постоянное развитие, повысить производительность и обеспечить устойчивое развитие промышленных предприятий.

Следующим моментом в разработке и реализации инновационных проектов выступает отношения с клиентами, особенно в части позиционирования бренда. Поэтому необходимо иметь глубокие знания о предпочтениях и поведении клиентов, чтобы найти способы гарантировать удовлетворенность их потребностей. Практика показывает, что лучшее знание своих клиентов важно для направления развития инновационных проектов в отрасли.

Как показывает опыт промышленно развитых стран коллективное сотрудничество имеет важное значение для успеха инновационного проекта. Гармония между рабочим коллективом и участие каждого способствует созданию и развитию инновационных проектов. Поэтому инвестиции, мотивация и поощрения сотрудничества всей команды посредством частых мероприятий и диалогов представляет особое значение для активизации инновационной деятельности. Следует отметить, что в промышленности этот фактор имеет огромное значение.

Необходимо отметить, что эффективный менеджмент, направленный на оптимизацию процессов и задач имеет важное значение для развития инновационных проектов в отрасли. Однако инвестиции в инструменты автоматизации и облегчение связи между отраслями промышленности необходимы для определения стратегий и структурирования данных с целью внедрения инноваций. Кроме того, маркетинговые инструменты также имеют важное значение в формировании новой системы разработки и реализации инновационных проектов. Это означает, что с помощью информации, полученной посредством интерактивного маркетинга, можно направлять действия инновационного проекта для удовлетворения ожиданий клиентов, в частности путем улучшения качества продукции.

На современном этапе развития появились множество возможностей для создания инновационных идей в промышленности, так как появились программные обеспечения, упрощающее жизнь и процессы, способствующее повышению эффективности и уменьшению количества сбоев. В данном контексте особое значение имеют цифровые инструменты, которые могут принести пользу всем секторам промышленности. На данный момент цифровые технологии и развитие искусственного интеллекта позволяют использовать новые подходы и инструменты в повышении эффективности инновационных проектов.

В условиях Республики Таджикистан важное значение также представляет вопросы кадрового обеспечения разработки, реализации и управления инновационными проектами. В условиях ускоренной индустриализации профессиональное обучение является одним из основных факторов успеха промышленных предприятий, поскольку оно оказывает решающее влияние на деятельность и результаты промышленных предприятий. В связи с этим, инвестиции в обучение специалистов и мотивационные тренинги. Таким образом, можно отточить технические навыки и предложить структуру для улучшения услуг, так как развитии работников поощряет участие.

Таким образом, в условиях рыночной конкуренции обновление производственных процессов и следование инновациям — это разумная инвестиция, которая дает значительные результаты, увеличивая прибыль и снижая затраты.

Литература:

1. Ашуров, М. Н. Институциональные основы формирования и развития рыночной инфраструктуры в приграничных районах Республики Таджикистан / М. Н. Ашуров, Б. Г. Сафаров, К. Н. Саидов // Финансовая экономика. – 2018. – № 8. – С. 155-159.

2. Васина, А. В. Методический инструментарий выбора инновационного проекта для его реализации в стратегической перспективе / А. В. Васина, И. Н. Пчелинцева // Инновационная деятельность. – 2019. – № 2(49). – С. 5-12.

3. Житинская, Л. О. Обоснование экономических решений по инвестированию инновационных проектов рационализация инвестирования инновационных проектов / Л. О. Житинская // Вестник Воронежского государственного университета инженерных технологий. – 2017. – Т. 79, № 1(71). – С. 343-351. – DOI 10.20914/2310-1202-2017-1-343-351.

4. Кодиров, Ф. А. Инновационная инфраструктура - основа развития промышленного предпринимательства / Ф. А. Кодиров // Финансово-экономический вестник. – 2020. – № 4(24). – С. 49-58.

5. Кодиров, Ф. А. Конкурентоспособность промышленных предприятий в контексте перехода к цифровой экономике / Ф. А. Кодиров// Финансово-экономический вестник. – 2022. – № 4-2(34). – С. 218-228.

6. Кодиров, Ф. А. Некоторые вопросы ускоренной индустриализации и инновационной активности университетских технопарков / Ф. А. Кодиров // Таджикистан и современный мир. – 2020. – № 4(72). – С. 160-172.

7. Комилов, С. Д. Особенности становления и развития венчурного финансирования в республике Таджикистан / С. Д. Комилов, С. В. Сорокин // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2023. – № 3(81). – С. 328-343.

8. Қодиров, Н. Ҳ. Инноватсия ҳамчун омили асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ / Н. Ҳ. Қодиров, С. Ҳ. Тошматов // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2021. – No. 3(55). – P. 100-104.

9. Морозова, В. Н. Оценка инновационных проектов: сравнительный анализ проектов инновационной сферы / В. Н. Морозова, Л. В. Силакова // Низкотемпературные и пищевые технологии в XXI веке: Материалы VIII

Международной научно-технической конференции, Санкт-Петербург, 15–17 ноября 2017 года. – Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский национальный исследовательский университет информационных технологий, механики и оптики, 2017. – С. 446-449.

10. Ҳамроев, М. И. Лоиҳаҳои инноватсионӣ ҳамчун омили баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ / М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-1(38). – P. 263-271.

11. Худойбердиев, Д. М. Экономическая безопасность как фактор привлечения иностранных инвестиций в Республику Таджикистан / Д. М. Худойбердиев, М. И. Хамроев // Финансово-экономический вестник. – 2023. – № 2(36). – С. 330-339.

12. Юсупов, И. Н. Коммерциализация промышленных инновационных продукций в современных условиях развития / И. Н. Юсупов, Д. Р. Рахмонов // Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации в Таджикистане: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 17 февраля 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 439-446.

**УДК**: 330.322

# ЗАМИНАҲОИ МЕТОДИИ ТАШАККУЛЁБИИ МЕХАНИЗМИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

***Ҳайдаров Собирҷон Маҳмадзоирович*** - *унвонҷӯи кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел.*: (+992) 985509958. E-mail: haydarov.s-89@mail.ru

***Гулов Акобир Бахронович*** – *н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Телефон*: (+992) 904656627. E-mail: a.gulov@mail.ru

*Мақолаи пешниҳодгардида зарурат ва заминаҳои методии ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузории хориҷиро дар бар мегирад. Дар он муаллифон муаммоҳои ҷалби сармояи хориҷиро аз рӯйи шаклҳо ва ҳаракати захираҳои молиявӣ дида баромада, сармоягузории мустақим ва ғайримустақимро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додаанд. Аз мавқеи муаллифон маълум мегардад, ки захираҳои сармоявӣ имкониятҳои зиёди таъсиррасониро барои таъмини рушди иқтисоди миллӣ дар бар мегиранд. Бинобар ин, дар мақола ташаккулёбӣ ва истифодаи фишангҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва механизми он аз нигоҳи заминаҳои методии ҷалби сармоягузорӣ коркард ва пешниҳод гардидаст.*

*Ҳамин тавр, маълум карда шуд, ки ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ вобаста ба минтақаҳо бо хусусиятҳои хоси худ дар робита ба рушди иқтисодиёт ва таъмини иқтидори иҷтимоию иқтисодӣ истифодаи усулҳо ва моделҳои иқтисодию математикӣ муҳим мебошад.*

***Калидвожаҳо***: *механизми ҷалби сармоя, иқтисодиёти миллӣ, ҳаракати захираҳои молиявӣ, сармоягузориҳои мустақим ва ғайримустақим, асосҳои методологӣ, субъектҳои сармоягузор, муносибатҳои байналмилалӣ, усулҳои ҷалби сармоя, шаклҳои ҳамгироӣ, муҳити сармоягузорӣ.*

# МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗРАБОТКИ МЕХАНИЗМА ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В НАЦИОНАЛЬНУЮ ЭКОНОМИКУ

***Хайдаров Собирджон Махмадзоирович*** *- соискатель кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 73406, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова*, 64/14. *Тел.*: (+992) 985509958. E-mail: haydarov.s-89@mail.ru

***Гулов Акобир Бахронович*** *– к.э.н., старший преподаватель кафедры цифровой экономики и логистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 73406, *Республика Таджикистан, г Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Телефон*: (+992) 904656627. E-mail: a.gulov@mail.ru

*В предлагаемой статье рассмотрены необходимость и методические основы формирования механизма привлечения иностранных инвестиций. В ней авторы рассмотрели проблемы привлечения иностранного капитала с точки зрения форм и движения финансовых ресурсов, прямые и косвенные инвестиции. С точки зрения авторов, становится очевидным, что капитальные ресурсы включают в себя множество возможностей воздействия на обеспечение развития национальной экономики. Поэтому в статье разработаны и представлены формирование и использование рычагов привлечения иностранных инвестиций и его механизм с точки зрения методической основы привлечения инвестиций.*

*Таким образом, установлено, что привлечение иностранных инвестиций в зависимости от регионов имеет свои особенности с точки зрения экономического развития и обеспечения социально-экономического потенциала, где важное значение имеет использование экономико-математических методов и моделей.*

***Ключевые слова****: механизм привлечения инвестиций, национальная экономика, движение финансовых ресурсов, прямые и косвенные инвестиции, методологические основы, субъекты-инвесторы, международные отношения, методы привлечения инвестиций, формы интеграции, инвестиционная среда.*

## BASICS OF THE METHOD FOR DEVELOPING A MECHANISM FOR ATTRACTING FOREIGN INVESTMENTS INTO THE NATIONAL ECONOMY

Haydarov Sobirjon Mahmadzoirovich - aspirant of the Department of economic analysis of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 73406, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14, Tel: (+992) 985509958, Email: haydarov.s-89@mail.ru

Gulov Akobir Bashronovich – c.e.s, senior lecturer at the Department of Digital Economy and Logistics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 73406, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/14, phone: (+992) 904656627, email: a.gulov@mail.ru

This article discusses the need and methodological basis for creating a mechanism for attracting foreign investment. In it, the author attempted to consider the problems of attracting foreign capital from the point of view of the forms and movement of financial resources, to explore and discuss direct and indirect investments. From the author’s point of view, it becomes obvious that capital resources include many opportunities to influence the development of the national economy. Therefore, the article develops and presents the formation and use of levers for attracting foreign investment and its mechanism from the point of view of the methodological basis for attracting investment.

Thus, it has been established that attracting foreign investment, depending on the region, has its own characteristics from the point of view of economic development and ensuring socio-economic potential, where the use of economic and mathematical methods and models is important.

Key words: mechanism for attracting investments, national economy, movement of financial resources, direct and indirect investments, methodological foundations, investor

subjects, international relations, methods of attracting investments, forms of integration, investment environment.

Дида баромадани зарурат ва заминаҳои методии ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои тамоми кишварҳои рӯбатараққиоварда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Бинобар ин, дар раванди таҳқиқот муаллиф муаммоҳои ҷалби сармояи хориҷиро аз рӯйи шаклҳо ва ҳаракати захираҳои молиявӣ, аз қабили сармоягузории мустақим ва ғайримустақим мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст. Аз назари мо, чунин тарзи масъалагузорӣ ҷиҳатеро дар бар мегирад, ки маҳз маҷмуи захираҳои сармоявӣ имкониятҳои зиёди таъсиррасонӣ ба иқтисоди миллиро дар бар мегиранд.

Чӣ тавре ки равандҳои рушди давлатҳои пешрафта собит месозанд, дар маҷмуи маблағгузориҳои хориҷӣ таъсири бештар аз ҳисоби сафарбар намудани захираҳои молиявии бевосита, яъне сармоягузориҳои мустақим мегиранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи маълумоти омори расмӣ, дар соли 2021 саҳми сармоягузории мустақими хориҷӣ дар маҷмуи умумии сармояи хориҷӣ 57,4%-ро ташкил медиҳад [6, с. 239]. Бинобар ин, маълум мегардад, ки сафарбар кардани захираҳои молиявӣ аз ҳисоби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва омӯзиши таъсири он ба иқтисоди миллӣ муҳим мебошад.

Ба андешаи мо, нишондиҳандаи мазкур аз он дарак медиҳад, ки сармояи мустақими хориҷӣ ин манбаи иловагии сармоягузории асосӣ барои истеҳсоли молу хизматҳо мебошад, ки бо истифода аз техникаю технологияҳои нав ва усулҳои нави идоракунӣ вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, гаронии буҷет камтар гардида, идоракунии ин раванд имкониятҳои зиёди барқарорсозиро дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ бо дарназардошти рақобатпазирӣ барои рушди минтақаҳо дар заминаи рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки воридшавӣ ва ҷалби сармоягузорӣ вобаста ба кишварҳои қабулкунандаи захираҳо хусусиятҳои хоси худро дорад. Масалан, кишварҳои рӯ ба тараққӣ ниҳода бинобар сабаби нокифоя будани маблағҳои худӣ, сармояи хориҷиро бо дарназардошти техникаю технологияҳои нав ва дигаргуниҳои идоракунӣ барои рушд ҷалб менамоянд. Ва баръакс, он кишварҳое, ки дараҷаи баланди рушдро дар бар мегиранд, онҳо сармоягузории хориҷиро барои ҳалли муаммоҳои мураккабтар мавриди истифода қарор медиҳанд. Аз ҷумла, таъсиси филиалҳои берун аз кишвар ва бо ин роҳ васеъ кардани саҳмгирии бозорӣ бо дастрасӣ ба захираҳои нави молиявӣ ва технологӣ сафарбар карда мешаванд. Дар маҷмуъ, барои шарҳ додани бартариятҳои ташаккулёбӣ ва истифода бурдани фишангҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ механизми онро дида мебароем (ниг. ба расми 1).

Тавре аз пайдарпайии расми 1 бармеояд, тавассути таъсисёбии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, кишварҳои қабулкунандаи сармоя, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин имкониятҳо баҳравар мешавад. Пеш аз ҳама, ин дар заминаи дастрасии бевосита ба техника ва технологияҳои замони муосир, чунки сафарбар кардани сармоягузории хориҷӣ асосан бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот равон гардидааст. Лекин, маълум мегардад, ки қисми бештари субъектҳои хоҷагидори кишварҳои рӯбатараққӣ кор ва фаъолияти худро дар заминаи истифодабарии воситаҳои техникии кӯҳна ба роҳ мемонанд ва ин яке аз омилҳои кам шудани ҳосилнокии меҳнат ва сифати молу хизматрасониҳо мебошад. Ҳолатҳои мазкур, ҳамзамон, мавқеи бозоргирии кишварҳои рӯбатараққиниҳодаро коста мегардонанд. Аз ин ҷо, қайд кардан бамаврид аст, ки ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои аз байн бурдани чунин муаммоҳо имкониятҳои рушдро фароҳам меорад.




**Расми 1. Механизми ташаккулёбии заминаҳои методии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ**

**Сарчашма: коркарди муаллифон**

Субъектҳои таъминкунанда захираҳои молиявии хориҷӣ бо пешниҳод намудани маблағгузориҳои худ, имкониятҳоеро дар худ таҷассум мекунанд, ки кишварҳои қабулкунандаи сармоя барои рушди иқтисоди миллӣ, аз ҷумла бахши воқеӣ дар асоси таҷрибаи пешқадам кӯшиш намоянд.

Бо сафарбар кардани сармоягузориҳои хориҷӣ фишангҳои ҳаракати захираҳои иқтисодӣ фаъол гардида, бо истифода аз шаклҳои нави хоҷагидории фаъол бо хароҷоти камтарин ба натиҷаҳои назаррас ноил мешаванд. Аз назари мо, чунин ҳолат имкониятеро фароҳам меорад, ки дар доираи татбиқи сиёсати воридотивазкунанда истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ авзуда, иқтидори иқтисодӣ ва содиротӣ бештар мегардад.

Чӣ тавре ки қайд карда шуд, воридоти сармоягузории хориҷӣ гаронии буҷетро кам гардонида, дар робита ба қарзи беруна имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки аз ҳисоби фаъолияти ширкатҳои хориҷии пешниҳодкунандаи сармоя заминаи андозбандӣ васеъ гардида, ҳамчун манбаи иловагии устувор гардидани буҷети давлатӣ баромад мекунанд.

Бо беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ субъектҳои хоҷагидори хориҷӣ барои ташаккул ёфтани захираҳои корӣ, алалхусус мутахассисони идоракунӣ аҳаммияти махсус доранд. Яъне, дар чунин шароит ҳайати кормандон бо як ташаббускории махсус кор ва фаъолияти худро пеш мебаранд. Субъектҳои хориҷӣ муҳитеро фароҳам меоранд, ки бо инфрасохтори пешрафта манфиатҳои умумиро дар заминаи рушди корҳои инфиродӣ ба инобат гиранд.

Дар шароити васеъ гардидани муносибати фаромилӣ ворид гардидани сармоягузориҳои хориҷӣ имкониятҳоеро дар худ мегирад, ки дар татбиқи ҳадафҳои ҷорӣ ва стратегии ватанӣ заминаҳои хуби мутобиқгардонии равандҳои ислоҳот, тибқи талаботи байналмилалӣ амалӣ гардонида шаванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар доираи муносибатҳои сармоявӣ ҳаракати маблағгузориҳо, аз ҷумла сармояи хориҷӣ дорои ҳадафҳои махсус мебошад. Масалан, дар мавриди содироти сармоявӣ мақсад аз ба даст даровардани рушди даромад бо роҳи муфидгардонии андозаи ширкатҳо, ки ин

дар ҳудуди бозорҳои миллӣ ғайриимкон аст. Инчунин, мақсад аз он бармеояд, ки сармоягузор ба захираҳои табиии хориҷӣ дастрасӣ пайдо намуда, барои устувор гардонидани истеҳсолоти ватанӣ аз ашёи хоми хориҷӣ, масалан, истифодаи канданиҳои фоиданок, истеҳсоли пахта, алюминӣ бо ҷалби қувваи кории арзон истифода барад. Субъектҳои сармоягузор кӯшиш менамоянд, ки ҳаракат додани молу хизматрасониҳои худро дар баробари амалиёти содиротӣ ҳамзамон бо роҳи таъсис додани намояндагиҳои худ дар раванди хизматрасониҳои баъди фурӯш истифода баранд. Дар ин раванд, аз ҷониби таъминкунандаи сармоягузори хориҷӣ низоми ягонаи идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор таъсис ёфта, ҳаракати молу хизматҳо бо ташкили бозори дохилӣ ва тарғиби онҳо тавассути шабакаҳои Интернет ва иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад.

Аз назари мо, шарҳи зарурат ва заминаҳои методии ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҷиҳатеро низ дар бар мегирад, ки он ба муфидгардонии андозбандӣ бо роҳи сафарбар намудани хусусиятҳои низоми андози кишварҳое, ки субъектҳои иқтисодӣ дар онҳо фаъолият мекунанд. Ҳамин тариқ, мақсади асосии сармоягузории хориҷӣ аз он бармеояд, ки бо дарназардошти тағйир ёфтани ҳаҷми маблағгузориҳои хориҷӣ ва дигаргуншавии сатҳи меъёри андухт барои гирифтани фоида дар назар дошта мешавад.

Аз ин ҷо, зарурат ва заминаҳои методии ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ, ин пеш аз ҳама, пурзӯр намудани фаъолияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он муҳим буда, дар солҳои охир тақвиятдиҳандаи рушд мебошад. Аз назари мо, ҷиҳати муҳимми масъалаи мазкур дар баробари суръати рушд, ҳамзамон, ба навсозии технологӣ, афзоиши шуғли меҳнат, инчунин, иқтидори назарраси иқтисодӣ дорад. Сармоягузории хориҷӣ аз нуқтаи назари стратегӣ яке аз воситаҳои самарабахши ҳамгироии ҷумҳурӣ бо дигар давлатҳо дар фазои иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Бинобар ин, ҷалби сармояи хориҷӣ ва истифодаи самараноки онҳо, пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани сифат ва устувор гардонидани рушди иқтисоди миллӣ, ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар мебошад.

Дар низоми иқтисодӣ тақсимоти сармоягузории хориҷӣ аз рӯйи соҳа асосан бо дарназардошти манфиатҳои кӯтоҳмуддати сармоягузорони хориҷӣ муайян карда мешавад. Дар ин замина, сармоягузорон майлу хохиши худро ба соҳаҳое равона месозанд, ки онҳо имконияти босуръат ва имконияти бозпардохт ва кафолатдиҳандаи гирифтани даромад бошанд. Ҷиҳати дигаре, ки дар ин самт хело муҳим мебошад, аз назари мо, аз он бармеояд, ки вобаста ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосан зарурати рушди аграриро дорад, сармоягузории хориҷӣ бояд ба созмон додани корхонаҳои хурди саноатии коркарди ашёи хоми ватанӣ равона карда шаванд. Тибқи маълумоти оморӣ, динамикаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2017 – 2021 тағйирёбанда буда, ба дараҷаи 12,4 фоиз афзудааст. Ҳамзамон, аз мавқеи ҳиссагузории сармоягузориҳо дар сатҳи мамлакатҳои шарик то аввали соли 2021, дар маҷмуъ, 6667,0 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки дар он саҳми бештарро Хитой (39,0%), Россия (12,0%), ИМА (6,8%) ва Эрон (5,8%) доро мебошанд [6, с. 239-246].

Қайд кардан бамаврид аст, ки доир ба зарурат ва заминаҳои методии ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ аз ҷониби олимон ва мутахассисон ақидаҳои назари гуногун ҷой дорад, ки баэътибор гирифтани онҳо дар ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии мукаммалгардонии механизмҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар дар шароити муосир мусоидат менамояд. Чунки, шароити зарурии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ин стратегияи сиёсати инноватсионии давлатӣ ва сармоягузорӣ мебошад.

Чӣ тавре аз ақидаи М.И. Лешенко, В.А. Демин ва И.И. Марушак бармеояд, ҷалби сармояи хориҷӣ ин "фароҳам овардани механизмҳои ҳавасмандгардонии манфиатҳои иқтисодии иштирокчиён ба фаъолияти инноватсионӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсионию ҷалби сармоягузорӣ дар асоси навоварӣ дар бахшҳои воқеии иқтисод, бахши иҷтимоӣ ва инфрасохтори хизматрасонӣ буда, бо ин роҳ талаботи муфиди бозори захираҳои сармоягузорӣ нигоҳ дошта мешавад" [5, с. 232]. Вобаста ба ин, фазои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар тавсифи омилҳои комплексӣ инъикос меёбад, ки онҳо шароит, ҷолибият ва ба мақсад мувофиқ будани ҷалби сармоягузориро муайян мекунанд.

Ҳамин тавр, зарурат ва заминаҳои методии ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ аз тадбирҳои мушаххаси сармоягузорӣ ва молиявӣ вобастагӣ дорад. Дар ин замина, тибқи ақидаи Н.В. Воронина, "танзими нархҳо, дастгирии давлатӣ, шарикии давлат бо бахшҳои хусусӣ дар доираи татбиқи барномаҳои ҳамкориҳои муштарак бо дарназардошти қарзҳои имтиёзнок ва кафолатҳои давлатӣ ба сармоягузорон имкониятҳоеро фароҳам меоранд, ки сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили рушд баромад мекунад" [1, с. 32]. Яъне, сарчашмаи муҳимми сармоягузорӣ бо дарназардошти маблағҳои буҷетӣ имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки дар раванди рушд аз такмил додани заминаҳои методии ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузории хориҷӣ вобастагии зич дошта, барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ заминае мебошад, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии кишвар истифода мешаванд. Дар робита ба ин, мувофиқ ба ақидаи А.А. Солеҳзода ва З. Тоҷиддин, яке аз механизмҳои муҳимми таъмини шароити мусоиди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ, ин "ташкили робитаи устувор ва самарабахш байни давлат ва бахши хусусӣ ба ҳисоб меравад" [9, с.298]. Ҳамин тавр, таҳкими соҳибкории истеҳсолӣ ва дарёфти сарчашмаҳои асосии рушди иқтисодӣ аз ҳисоби ҷалби сармоягузориҳо имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули механизмҳои тақвиятдиҳандаи муносибатҳои созандаи иқтисодию молиявӣ ҳачун омили рушд баромад менамоянд.

Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам нишон медиҳад, ки дар мавриди нокифоя будани дастгирии давлатӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва рақобатпазирӣ аз байн рафта, дар ниҳоят, боиси камшавии даромад ва сарчашмаҳои рушд мегардад. Вобаста ба ин, тибқи ақидаи А.К Қурбонов, С.П. Одинаев ва Ф.О. Худоиева, "дар ҳолати мавҷуд набудани дастгирии давлатӣ сармоягузорон боварии камтар доранд ва аз сармоягузорӣ худдорӣ менамоянд. Аз ин рӯ, ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ зарур аст, ки механизмҳои иқтисодӣ, аз ҷумла, фаъолияти густурдаи биржаҳои фондӣ, ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ, фаъолсозии бонкҳо дар бозори коғазҳои қиматнок, муътадилсозии муҳити сармоягузорӣ, имтиёзҳои андозӣ-молиявӣ ва ғайра аз ҷониби давлат ба роҳ монда шаванд" [4, с. 71]. Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзиши ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ ҷиҳати зарурати ҷалби сармоягузорӣ маълум мегардад, ки барои такмил додани заминаҳои методии ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вазифаҳо аз қабили ба эътидол овардани пешгӯинашавандаи соҳаи институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ, муайян ва фароҳам овардани шароити рушди бахшҳои воқеӣ ва таҷдиди фазо, ҷолибият ва самаранокии сармоягузорӣ вобастагии зич дорад (ниг. ба расми 2).




**Расми** 2. **Заминаҳои методии ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузорӣ**
***Манбаъ***: *таҳияи муаллифон.*

Ҳамин тавр, ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузорӣ аз заминаҳои методӣ вобаста буда, аз рӯйи таносуб, боҳамалоқамандии мафҳуми қолибияти сармоягузорӣ ва фазои сармоягузорӣ бар омада, заруратеро ба миён меорад, ки механизми мазкур таъсирбахш баромад намояд. Яъне, маҳз фазои сармоягузорӣ, ки ҳамчун натиҷаи таъсири муфиди сиёсати сармоягузорӣ ба бузургии иқтидори сармоягузорӣ ва сатҳи хавфнокии сармоягузорӣ мебошанд, имкониятҳоеро фароҳам меоранд, ки вазъи иқтисодӣ беҳтар гардида, натиҷаҳои ниҳоии он дар кишвар самаранок бошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки номувофиқии фазои сармоягузории кишвар ва фаъолнокии сармоягузории он ба методикаи танзимкунонӣ алоқаманд мебошад. Дар раванди хоҷагидорӣ ва фаъолияти иқтисоди миллӣ тақозои муфидгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ба амал омада, низоми идоракунии онҳо барои муайян кардани ҳаҷми сармоягузорӣ аз омилҳои таъсиррасон бо дарназардошти усулҳои эконометрикӣ мусоидат менамояд.

Арзёбӣ намудани таъсири инноватсионии сармоягузории хориҷӣ яке аз ҷузъи таркибии механизми мазкур ба шумор меравад. Қайд кардан бамаврид аст, ки арзёбии сармоягузории хориҷӣ дар баробари унсурҳои таркибӣ, инчунин, аз дараҷаи технология, инноватсия, идоракунӣ, хизматрасонӣ ва моликияти зеҳнӣ, сиёсати дигаргунсозии васеъ, тезонидани прогресси илмию техникӣ, баланд бардоштани сифати молу хизматрасониҳо, рақобатпазирии онҳо, риояи мутаносиби тарафҳо, рушди соҳаи иҷтимоию экологӣ алоқаманд мебошад. Чунки даромади сармоягузорон, дар маҷмуъ, аз шаклҳои ҳамгиройӣ, риояи манфиатҳои тарафҳо алоқаманд буда, ташаккул ва захираҳои инноватсиониро дар бар мегирад. Аз назари мо, барои ҷумҳурӣ ҷалби сармоягузории хориҷӣ имконияти гирифтани даромади иловагиро вобаста ба соҳаҳо дорад. Дар ин самт лозим аст, ки аз навовариҳои идоракунӣ, усулҳо ва методологияи таҳлили иқтисодӣ, аз худ намудани навигариҳои технологӣ, беҳтар ба роҳ мондани риояи талаботи экологӣ вобаста мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳама низомҳои иқтисодӣ сармоягузорӣ барои тақвияти иқтидори иқтисодӣ шароити иловагиро фароҳам меорад. Ҳолати мазкур шакли ифодакунии дастовардҳои илмию техникӣ буда, имкониятҳои рушди иқтисоди миллиро бо роҳи инноватсионии рушд муайян мекунад. Бо дарназардошти дастгирии давлатӣ дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ, аз назари мо, масъалаи дигаргунсозии механизми ҷалби сармоягузории хориҷӣ хело зарур мебошад. Дар натиҷа, воридшавии даромадҳо аз сармоягузории хориҷӣ имкониятҳоеро ба амал меорад, ки онҳо захираҳои молиявии дохилиро дар ҷумҳурӣ бо дарназардошти баланд бардоштани сифати

хизматрасониҳои молиявӣ афзун мегардонанд. Дар ин замина, идоракунии ҷолибияти сармоягузорӣ бо истифодаи захираҳои иқтисодӣ таъмин гардида, ба роҳ мондани марҳилаи омодагӣ ва татбиқи онҳоро фаро мегирад. Дар самтҳои мазкур мутобиқан ба роҳ мондани баҳодиҳии воқеии захираю имкониятҳои иқтисоди миллӣ ва дурнамои он ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд аниқ гардонидани ҳадафҳои стратегӣ, инчунин, таҳия намудани заминаи ташкилию ҳуқуқӣ барои ҷалби сармоягузорӣ бо дарназардошти самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт ва таъмини инфрасохтори замонавӣ барои сафарбар намудани сармоягузории хориҷӣ дар самти рушди иқтисод ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Ҳамин тавр, бо дида баромадани хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф мекунад, аҳаммиятнокии пешбурди сиёсати тавозунии сармоягузории хориҷиро бо ҳам алоқаманд ва вобаста ба роҳ монда, тамоми омилҳои асосиро дар бар мегирад. Дар натиҷаи мураттабгардонӣ ва таҳлили онҳо арзёбии ҷолибият ва фаъолнокии сармоягузориро дар кишвар таъмин мегардонад. Дар ин самт, аз назари мо, ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатӣ хело зарур мебошад. Чунки аз ин ҳисоб равандҳои сармоягузорӣ, алалхусус, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ барои бахшҳои воқеӣ, алалхусус, корхонаҳои хурди саноатии ба коркарди ашёи хоми ватанӣ нигаронидашуда иборат мебошад. Дар робита ба ин, барои ташаккул додани механизми ҷалби сармоягузорӣ ҳамчун яке аз элементҳои таркибии заминаҳои методии арзёбӣ ва идоракунии ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ, истифодабарӣ аз усулҳои иқтисодию математикӣ зарур мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Воронина, Н.В. Особенности инвестиционного климата России на современном этапе / Н.В. Воронина // Финансы и кредит. - 2004. - №4. - С. 31-34.
2. Давлатзода, Д.Ш. Баъзе масъалаҳои назариявии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар шароити рушди бозор / Д.Ш. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. - №1(35). – С. 238-248.
3. Завгородный, А.Ф. Привлечение иностранных инвестиций в экономику Китая в специальных зонах: проблемы и перспективы / А.Ф. Завгродний // Проблемы современной экономики. – 2020. - №1 (73). - С. 145-148; [электронный ресурс] https://www.elibrory.ru (дата обращения: 25.05.2020).
4. Костюнина, Г.М. Международная практика регулирования иностранных инвестиций. Учебное пособие / Г.М. Костюнина, Н.Н. Ливенцев. — М.: Анкил, 2001. - 128 с.
5. Қурбонов, А.К. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба танзими давлатии бахши бонкӣ / А.К. Қурбонов, С.П. Одинаев, Ф.О. Худоиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. - №7. - С. 70-78.
6. Лещенко, М.И. Инновационно-инвестиционная стратегия промышленности / М.И. Лещенко, В.А. Демин, И.И. Марущак / под общ. ред. А.И. Вольского, Н.Г. Хохлова. - М., 2007. – 340 с.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2022. – 415 с.
8. Содиқов, М.С. Сармоягузории мустақими хориҷӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти Тоҷикистон: монография / М.С. Содиқов, А. Сафаров. - Душанбе, 2022. – 137 с.
9. Солеҳзода, А.А. Таҳлили сармоягузориҳо ва рушди соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ дар Тоҷикистон / А.А. Солеҳзода, С.А. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2015. - №2/9 (190). - С.14-17.

10. Солеҳзода, А.А. Хусусиятҳои минтақавии шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А. Солеҳзода, З. Тоҷиддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2015. - №2/9 (190). - С. 295-304.

11. Сафаров, Б. Г. Формирование механизма привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан / Б. Г. Сафаров, Д. К. Ходжаев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 2(27). – С. 70-78.

12. Ташрипов, Қ.Қ. Вазъи ҳозираи ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар саноати масолеҳи сохтмонии ҷумҳурӣ / Қ.Қ. Ташрипов, Ш.А. Ҷобиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2014. - №2/10 (125). - С.221-225.

13. Холов, Б.К. Сармоягузорӣ омили муҳимми ташкили истеҳсолот барои саноати масолеҳи сохтмонӣ (дар мисоли вилояти Хатлон) / Б.К. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - №4. - С. 12-16.

**УДК**: 334.7

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНИИ СОҲИБКОРИИ МУШТАРАК

***Бухориев Мардон Ҳукматуллоевич*** - *докторант* (PhD)*-и кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*. *Сурога*: 734055, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *ш. Душанбе*, *хиёбони Борбад* 48/5. *Тел.*: +99255119332. E-mail: mardonb90@mail.ru.

*Дар мақолаи мазкур таҷрибаи хориҷии ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак дар заминаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ дар соҳаи таъсиси шарикии соҳибкорӣ ба таври мушаххас ва васеъ омӯхта шудааст. Муаллиф дар мақола сараввал дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ тасдиқ намуда, ташкили фаъолияти соҳибкории муштаракро дар заминаи таъсиси корхонаҳои муосири муштараки мамлакатҳои муваффақ мавриди таҳқиқ қарор додааст.*

*Муаллиф усулҳои гуногуни идоракунии соҳибкории муштаракро дар кишварҳои пешрафта мавриди омӯзиш қарор дода, масъалаҳои асосии онро аз замири додани ваколатҳо, муқаррар намудани қоидаю расмиёт, истифодаи воситаҳои махсуси баҳодиҳии самараноки корхонаҳои муштарак пешниҳод намудааст. Муаллиф аломатҳои ташкили корхонаи муштаракро мутобиқи таҷрибаи давлатҳои пешрафта муқаррар намуда, ба он ақида омадааст, ки соҳибкории миллӣ низ иштирокчии корхонаи муштарак буда, фаъолияти он тибқи санадҳои қонунгузории кишварҳои иштирокчӣ танзим шуда, созишномаҳои асосии байналмилалӣ ва байнидавлатие, ки фаъолияти корхонаҳои муштаракро дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ танзим менамояд, яке аз асосҳои ташкили соҳибкории муштарак ба шумор рафта, хусусиятҳои таъсис ва фаъолияти онҳоро дар ҳама кишварҳо на танҳо аз рӯи фаъолияти иқтисодӣ, балки аз рӯи муносибатҳои беруние, ки бо дипломатияи муассири баландпоя такомул ёфтаанд, муайян менамояд.*

*Ҳамзамон, аз ҷониби муаллиф бархе аз намудҳои гуногуни созишномаҳои корхонаҳои муштарак, фаъолияти корхонаҳои муштараки хориҷии самарабахш ва намудҳои минтақаҳои махсуси иқтисодии кишварҳои гуногуни пешрафта мавриди баррасӣ қарор дода шуда, бо муқаррар намудани омилҳои рушди муҳити берунии соҳибкории байналмилалӣ ва дар заминаи омӯзиши таҷрибаи онҳо, роҳҳои муосири ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо***: *соҳибкории муштарак, фаъолияти соҳибкорӣ, корхонаҳои муштарак, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, фазои сармоягузорӣ, субъектҳои соҳибкорӣ, идоракунии соҳибкории муштарак, созишномаҳои байналмилалӣ, таҷрибаи хориҷӣ, соҳибкории байналмилалӣ, СУС, созишномаҳои корхонаҳои муштарак, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, минтақаи озоди иқтисодӣ.*

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ОРГАНИЗАЦИИ И УПРАВЛЕНИЯ СОВМЕСТНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

***Бухориев Мардон Хукматуллоевич*** - *докторант* (PhD) *кафедры экономической теории и предпринимательской деятельности Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес*: 734055, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбада*, 48/5. *Телефон*: +99255119332. E-mail: mardonb90@mail.ru

*В данной статье конкретно и широко изучен зарубежный опыт организации и управления совместными предприятиями в условиях развитых стран мира в сфере установления делового партнерства. В статье автор прежде всего подтверждает поддержку Правительства Республики Таджикистан в сфере предпринимательской деятельности и исследует организацию совместной предпринимательской деятельности в контексте успешных зарубежных стран.*

*Автор изучил различные методы управления совместными предприятиями в развитых странах и представил его основные вопросы такие, как наделение полномочиями, установление правил и процедур использования специальных инструментов для эффективной оценки совместных предприятий. Автором также установлены признаки организации совместного предприятия в соответствии с опытом развитых стран и пришел к выводу, что национальное предпринимательство также является участником совместного предприятия, а его деятельность регулируется в соответствии с законодательством стран-участниц и основными международными и межгосударственными соглашениями, регулирующими деятельность совместных предприятий в развитых странах мира, что считается одной из основ создания совместных предприятий и определяет особенности их деятельности во всех странах не только с точки зрения экономической деятельности, но и с точки зрения внешних связей, которые были улучшены благодаря современной дипломатии высокого уровня.*

*При этом автор, устанавливая факторы развития внешней среды международного предпринимательства, рассмотрел различные виды соглашений совместных предприятий и эффективные деятельности иностранных совместных предприятий, и виды особых экономических зон различных развитых стран, и на основе изучения их опыта предоставил современные пути организации и управления совместными предпринимательствами в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова***: *совместное предпринимательство, предпринимательская деятельность, совместные предприятия, внешнеэкономическая деятельность, инвестиционное пространство, субъекты хозяйствования, управление совместными предприятиями, международные соглашения, зарубежный опыт, международное предпринимательство, ВТО, соглашения о совместных предприятиях, специальные экономические зоны, свободная экономическая зона.*

## FOREIGN EXPERIENCE IN ORGANIZING AND MANAGING JOINT ENTREPRENEURSHIP

Bukhoriev Mardon Hukmatulloevich - doctoral student (PhD) of the Department of Economic Theory and Entrepreneurship of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 48/5. Phone: +99255119332 Email: mardonb90@mail.ru

This article specifically and broadly studies foreign experience in organizing and managing joint ventures in developed countries in the field of establishing business partnerships. In the article, the author first confirms the support of the Government of the Republic of Tajikistan in the field of entrepreneurial activity and explores the organization of joint entrepreneurial activities in the context of successful foreign countries.

The author studied various methods of managing joint ventures in developed countries and presented its main issues such as granting authority, establishing rules and procedures, using special tools for effective evaluation of joint ventures. The author also established the signs of organizing a joint venture in accordance with the experience of developed countries and came to the conclusion that national entrepreneurship is also a participant in the joint venture, and its activities are regulated in accordance with the legislation of the participating countries and the main international and interstate agreements governing the activities of joint ventures in developed countries of the world, that this is considered one of the foundations for creating joint ventures and determines the characteristics of their activities in all countries, not only in terms of economic activity, but also in terms of external relations, which have been improved thanks to modern high-level diplomacy.

At the same time, the author, establishing factors for the development of the external environment of international entrepreneurship, examined various types of joint venture agreements and the effective activities of foreign joint ventures and types of special economic zones of various developed countries, and, based on the study of their experience, provided modern ways of organizing and managing joint ventures in the Republic of Tajikistan.

Key words: joint entrepreneurship, entrepreneurial activity, joint ventures, foreign economic activity, investment space, business entities, management of joint ventures, international agreements, foreign experience, international entrepreneurship, WTO, joint venture agreements, special economic zones, free economic zone.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии бахшҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун заминаи асосии нигоҳдошти сатҳи накуаҳолии давлату миллат арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, соҳибкории муштарак ҳамчун бахши муассир ва пешбарандаи фаъолияти соҳибкорӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ мавқеи хос дорад. Соҳибкории муштарак шакли муҳими ташкили бизнес ба шумор рафта, ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки захираҳо ва маърифати худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ муттаҳид созанд. Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дастгирии соҳибкоронро дар миқёси давлат аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз роҳандозӣ менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16 марти соли 2022 дар ҷаласаи Шурои машваратӣ оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ қайд намуданд, ки “Бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя, ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани санҷишҳо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ” аз 16-уми марти соли 2022 ба тасвиб расида, дар асоси он ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ то якуми январи соли 2023-юм мораторий эълон карда шуд” [15, с. 1].

Дар заминаи дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин соҳибкорон низ бояд маърифати худро доир ба фаъолияташон такмил дода, аз шароитҳои муҳаёнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок истифода баранд. Бинобар ин, яке аз воситаҳои таҳкимбахши фаъолияти соҳибкорӣ, аз ин рӯ овардан ба таҷрибаи хориҷии соҳибкории муштарак маҳсуб меёбад. Дар даҳсолаҳои охир соҳибкории муштарак дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон маъмул гаштанд ва бисёре аз онҳо моделҳои худро барои ташкил ва идоракунии корхонаҳои муштарак таҳия кардаанд.

Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико корхонаҳои муштарак аксар вақт, шарикӣ ё корпоратсияҳоро ба монанди шахсони ҳуқуқии махсус дар бар мегиранд. Дар кишварҳои Аврупо бошад, корхонаҳои муштарак аксар вақт шакли кооператив ё ассотсиатсияро дар бар мегиранд. Имрӯзҳо дар давлатҳои пешрафта, аз ҷумла ШМА, Ҷумҳурии Халқии Хитой, мамлакатҳои Ғарб ва Федератсияи Россия баҳри такмил ва рушди фаъолияти соҳибкории муштарак усулҳои гуногуни идоракунии соҳаи мазкур истифода мегарданд, ки аксари онҳо тавассути платформаҳои электронӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд [3, с. 37].

Дар ин ҷода, мо бахше аз усулҳои мазкурро дар нақшаи 1. пешниҳод менамоем.

Яке аз ҷиҳатҳои асосии ташкили корхонаи муштарак ин интихоби шакли дурусти моликият ва идора мебошад. Масалан, дар баъзе кишварҳо таҷрибаи таъсиси корхонаҳои муштарак бо пешниҳоди давлат ташкил шуда, давлат барои дастгирӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон фаъолияти озодро таъмин менамояд.




**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои овардашуда

**Нақшаи 1. - Усулҳои гуногуни идоракунии соҳибкории муштарак дар кишварҳои пешрафта**

Идоракунии корхонаи муштарак малака ва дониши махсусро талаб мекунад, зеро он қабули қарорҳои муштарак ва идоракунии захираҳоро дар байни иштирокчиёни сершумор дар бар мегирад. Дар амалияи хориҷӣ усулҳои гуногуни идоракунӣ, аз қабили додани ваколатҳо, муқаррар намудани қоидаю расмиёти

муқаррааргардида, инчунин истифодаи воситаҳои махсуси баҳодиҳии самаранокии корхонаҳои муштарак васеъ истифода бурда мешаванд [18, с. 3], ки нақшаи 1 онҳоро муфассал шарҳ медиҳад. Таҷрибаи хориҷӣ дар ташкил ва идоракунии корхонаҳои муштарак метавонад барои рушди ин шакли тиҷорат муфид бошад. Омӯхтани моделҳои гуногуни ташкил ва идоракунии корхонаҳои муштарак, инчунин муайян кардани принсипҳо ва усулҳои асосие, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, муҳим мебошанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки иқтидори соҳибкории муштарак барои рушди иқтисодиёт ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ самаранок истифода шаванд. Айни замон ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак дар кишварҳои хориҷӣ бо рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи ташкил ва идоракунии дурусти он ба амал бароварда шудааст. Чунин рушди босуръати корхонаҳои муштарак, махсусан дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Шарқӣ, ИМА, Ҷопон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва ғайра ба назар мерасанд. Ташкили ширкатҳои муштараки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо кишварҳои Аврупои Ғарбӣ аз солҳои 70-ум фаъол шуда, шумораи зиёди шарикиҳои соҳибкорӣ бо давлати Британияи Кабир ба амал бароварда шудаанд. Яъне қариб дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳам ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иҷозати озоди соҳибкории муштаракро таъмин менамоянд, ки корхонаҳои муштаракро таъсис диҳанд, ба шарте ки онҳо қобилияти пурраи фаъолияти қонуниро дошта бошанд ва дар муомилоти шаҳрвандӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ баромад карда тавонанд. Ин нукта бо он асоснок карда мешавад, ки дар давлатҳои Ғарб шумораи зиёди корхонаҳо (масалан, дар ШМА аз 12 миллион корхонаю фирма 10 миллионаш) статуси шахси ҳуқуқиро надоранд. Аз ҷиҳати қонун ҳуқуқу уҳдадориҳои ин корхонаю фирмаҳо бо ҳуқуқу уҳдадориҳои соҳибмулк мувофиқат мекунанд. Аз рӯи уҳдадориҳои чунин корхонаҳо соҳиби онҳо бо тамоми молу мулки худ (ба ғайр аз молу мулки ба сармояи корхона ҷудошуда) ҷавобгар мебошад. Илова бар ин, барои дастгирии нақшаҳои имконпазири чунин корхона амволи аъзои оилаи молики он низ метавонад ҷалб карда шавад, агар он аз рӯи қонун ҷудо нашуда бошад [2, с. 73].

Ҳамин тавр, дар давлатҳои пешрафтаи хориҷа намудҳои гуногуни корхонаҳои муштарак сурат мегиранд. Дар мамлакатҳои Аврупо мавқеи асосиро корхонаҳои муштараки истеҳсоли мошинҳо (Германия, Фаронса), таҷҳизоти электронӣ, асбобҳои рӯзгор, истеҳсоли маҳсулоти кимиёӣ (Германия, Италия) ишғол мекунанд. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошад, корхонаҳои муштарак, инчунин дар саноати маъдани кӯҳӣ ва дар сохтмони роҳҳои оҳан, киштигардӣ, дар ҷустуҷӯи нефту тилло ва ғайра бештар фаъолият менамоянд [4].

Таҷрибаи Ҷумҳурии Халқии Хитой нишон медиҳад, ки дар ташкили корхонаҳои муштарак хеле беназир мебошад, зеро он бо тамаркузи зиёди сармоягузории хориҷӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар (ноҳияҳои наздисарҳадӣ), махсусан дар соҳаи хизматрасонӣ, сохтмон ва истифодабарии меҳмонхонаҳо ин корро самаранок ба роҳ мондааст. Дар ин давлат, инчунин ташкили соҳибкории муштарак бо ҷалби сармояи кишварҳои наздисарҳадӣ хос мебошад. Дар давлати Хитой аз соли 1979 то нимаи соли 2023 бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба маблағи 169 миллиарду 216 миллион доллар 134 ҳазору 423 корхонаи муштарак таъсис дода шуда, ба қайд гирифта шудааст, ки аллакай 43 миллиарду 750 миллион доллари он ба манфиати соҳибкорони муштарак аз худ карда шудааст. Чунин вазъи ташкил ва идоракунии фаъолияти соҳибкории муштарак имкон додааст, ки дар бахшҳои иқтисоди Ҷумҳурии Халқии Хитой беш аз 100 ҳазор технологияи нав, ки арзиши онҳо даҳҳо миллиард долларро ташкил медиҳанд, истифода бурда шаванд. Дар айни замон давомнокии муҳлати фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Халқии Хитой то ба 50 сол оварда расонида шудааст, ки пештар дар ин давлат то 35 сол муқаррар карда шуда буд. Ташкили корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Халқии Хитой дар доираи сиёсати «Дарҳои боз»

ба нигоҳ доштани суръати хеле баланди афзоиши истеҳсолот дар давоми 10 соли охир (дар корхонаҳои муштарак ба 50-90%), бо паст шудани касри савдо ва зиёд кардани ҳаҷми он дар заминаи суръати содироти молҳои ватанӣ мусоидат намудаст. Дар шаҳрҳои назди соҳилии ин давлат бо таҳкими фаъолияти соҳибкории муштарак маҷмуаҳои пуриқтидори машинасозӣ барпо карда шудаанд, ки имрӯзҳо зиёда аз 60 фоизи маҳсулоти содиротии ин давлат дар он маҷмуаҳо истеҳсол карда мешавад. Бо вуҷуди ин, тамоюлҳои манфии ҷалби сармояи хориҷӣ низ вуҷуд доранд, ки дар афзоиши қарзи байналмилалии Ҷумҳурии Халқии Хитой зоҳир мешаванд. Зиёда аз 20 фоизи қарзи берунӣ ба фаъолияти корхонаҳои муштарак алоқаманд мебошанд, гарчанде ки ҳиссаи маҳсулоти онҳо дар ҳаҷми умумӣ бештар аз 5 фоизро ташкил медиҳанд. Муваффақиятҳои корхонаҳои муштарак дар бобати баланд бардоштани дараҷаи техникии махсулот низ на он қадар назаррасанд. Масалан, ҳамагӣ 18%-и маҳсулоти онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, дар бозори хориҷӣ рақобатпазиранд. Қисми зиёди маҳсулоти онҳо ҳатто дар бозори дохилӣ рақобати паст доранд. Бинобар ин, дар шароити саноатикунонии босуръат, ки ҳадафи стратегии давлати мо ба шумор меравад, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд ба истеҳсоли молу маҳсулоти босифати ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ, фаъолияти соҳибкории муштаракро ба роҳ монда, онро дар заминаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта такмил диҳад [11].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати дарҳои бозро низ пеш гирифтааст, метавонад дар замири таҳкими муносибатҳои давлатҳои ҳамҷавор ташкили корхонаҳои муштаракро сол то сол бо ҷалби сармояҳои дохилию хориҷӣ зиёд намояд. Сарфи назар аз сармоягузориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳам фоизи баланди додани қарзҳои имтиёзнок аз тарафи ширкатҳои бонкӣ муқаррар гаштааст, ки на ҳама соҳибкорон ба гирифтани чунин қарзҳои бонкӣ шароит доранд. Бинобар ин, ҷалби сармоя ва паст намудани фоизи қарзҳои бонкӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосии ташкили соҳибкории муштарак ба шумор меравад.

Акнун мегузарем ба таҷрибаи давлати Венгрия дар ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак, зеро солҳои охир, ба ақидаи таҳқиқотчиёни Ғарб, шароити мусоидтарин барои инкишофи соҳибкории муштарак дар ин давлат муҳайё гардидааст. Дар ибтидо сар карда аз соли 1972 таъсиси соҳибкории муштарак дар ин давлат бидуни миёнаравӣ бо вазорату идораҳо ба роҳ монда шуда, ширкатҳои соҳибкории Венгрия то ба имрӯз тамоми корҳои ташкилиро бобати таъсис ва такмили фаъолияти соҳибкории муштарак мустақилона иҷро менамоянд. Чунин ҳолати таъсиси соҳибкории муштарак фазои озоди фаъолияти соҳибкориро дар ин давлат бунёд намудааст, ки барои дигар давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷриба шуда метавонад. Инчунин, дар ин давлат ҳуқуқҳои корхонаҳои муштарак пайваста васеъ шуда, ба онҳо бо назардошти самтҳои фаъолияти муносибатҳои дифференсиалӣ пеш гирифта шудааст. Ҳамин тавр, давлати Венгрия бо мизони умумии андоз аз даромад 40 фоиз, аз соли 1986 барои корхонаҳои муштарак дар самти саноат ва меҳмонхонаҳо имтиёзҳои андозӣ ҷорӣ карда шуда буд. Агар сармояи корхонаи муштараки ин давлат зиёда аз 25 миллион форинт ва ҳиссаи иштирокчии хориҷӣ дар он бештар аз 30 фоиз бошад, андоз аз даромад дар панҷ соли аввал 20 фоиз ва дар панҷ соли оянда 30 фоиз муқаррар карда мешуд. Дар шароити муосир бошад, барои корхонаҳои муштарак, ки дар соҳаҳои афзалиятноки давлатӣ, аз ҷумла саноат, электроника, технологияи бастабандӣ, технологияҳои каммасраф, соҳаи туризм ва ғайра таъсис дода мешуданд, дар панҷ соли аввал онҳо аз супоридани андоз озод шуда, баъди пурра ташаккул ёфтани ин фаъолияти соҳибкории муштарак ба андозаи 20 фоизи андоз аз фоида аз онҳо ситонида мешавад. Чунин намуди сиёсати андозӣ ба

рушди босуръати корхонаҳои муштараки давлати мазкур мусоидат кард. Агар соли 1988 дар Венгрия 200 корхонаи муштарак вуҷуд дошт, ҳоло зиёда аз 10 ҳазор чунин фаъолияти соҳибкорӣ дар ин давлат амал мекунад. Шумораи зиёди онҳо, яъне 72 фоизашон бо дастгирии ҳукумати ин давлат дар пойтахти он - шаҳри Будапешт ташкил карда шудаанд [14, с. 17]. Аз ин лиҳоз, муқаррар мегардад, ки фаъолияти соҳибкории муштарак барои рушди хоҷагидории давлатӣ ва маҳаллии давлати Венгрия манофеи бузурги иқтисодиро таъмин намудааст, ки инстифодаи таҷрибаи он низ барои шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоид мебошад.

Акнун мегузарем ба таҷрибаи Ҷумҳурии Полша дар ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак. Ҷумҳурии Полша бошад, чун дигар давлатҳои Ғарб фазои озоди фаъолияти соҳибкории муштаракро таъмин намуда, тамоми чораҳои маъмуриро аз фаъолияти соҳибкории муштарак бардоштааст. Фазои озоди фаъолияти соҳибкорӣ боиси афзоиши шумораи соҳибкории муштарак дар ин давлат гардидааст. Ҳоло дар Ҷумҳурии Полша зиёда аз 4000 корхонаи муштарак ташкил карда шудааст. Гузашта аз ин, танҳо ҳудуди 2 дарсади онҳо сармояи беш аз 1 миллион долларро доро мебошанд [8, с. 67]. Дар ин ҷо фазои озоди фаъолияти соҳибкорӣ тавонистааст, ки шумораи соҳибкорони муштаракро зиёд намуда, ба таъмини рушди иқтисодиёти ин давлат аз ҷиҳати мусбат таъсир расонанд.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои таъсис ва фаъолияти корхонаҳои муштарак дар ҳама кишварҳо на танҳо аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ, балки аз рӯи муносибатҳои беруние, ки бо дипломатияи муассир баландпояи такомул ёфтаанд, низ муайян карда мешаванд. Вобаста ба ин, гуфтан бо маврид аст, ки корхонаҳои муштарак дар таҷрибаи хориҷа ҳамчун шакли ҳамкории байналхалқии иқтисодӣ эътироф гардидаанд, ин ҷанба бешубҳа аз ҷониби ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад. Дар баробари ин, ҳуқуқи байналмилалӣ ба вазъи ҳуқуқии корхонаи муштарак, умуман таъсир намерасонад, балки дар навбати аввал ба танзими муносибатҳо бо иштирокчии хориҷӣ дахл дошта метавонад. Аз тарафи дигар, бо назардошти он, ки соҳибкории миллӣ низ иштирокчии корхонаи муштарак мебошад, фаъолияти онро санадҳои қонунгузории кишвари қабулкунанда танзим менамоянд.

Созишномаҳои асосии байналмилалӣ ва байнидавлатие, ки фаъолияти корхонаҳои муштаракро дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ танзим ва идора мекунанд, инҳо мебошанд:

Созишномаҳои байналмилалӣ “Дар бораи ҳифзи сармоягузории хориҷӣ”;

Созишномаҳои байналмилалӣ “Дар бораи канорагирии андозбандии дукарата”;

Созишномаҳои байналмилалӣ “Дар бораи ҳифзи технологияи сармоягузории хориҷӣ ба сифати саҳм ба сармояи оинномавӣ”.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар амалияи давлатҳои хориҷӣ танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва ё корхонаҳои муштарак бештар бо иштироки шарикии хориҷӣ сурат мегиранд. Ташкили корхонаи муштарак дар кишварҳои хориҷӣ одатан дар асоси созишнома ё шартномаи ҳуқуқии гражданӣ, ки тибқи қонунгузории кишвари яке аз тарафҳо, ки чунин шартнома баста шудааст, сурат мегирад. Ягон санади ҳуқуқии байналмилалӣ ё хусусии барои эътирофи чунин созишнома дар кишварҳои дигар талаб карда намешавад. Созишнома муомилаи одии гражданӣ эътироф мешавад, ки мутобиқи қонунгузории кишвари бақайдгириаш анҷом дода шудааст. Дар ин ҷо хусусиятҳои ташкил ва идоракунии соҳибкории муштаракро давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ бештар бо бастани шартномаҳои байналхалқӣ ва сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ эътироф менамоянд. Дар заминаи масъалаҳои дар боло овардашуда таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки соҳибкории муштарак ин татбиқи мушаххаси нақшаҳои байналмилалии соҳибкорӣ мебошад. Яъне соҳибкории муштарак дар фаъолияти истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратии шарикони ду ва ё зиёда

кишварҳо ифода меёбад, ки мазмуни он ҳамкориҳоро дар соҳаҳои истеҳсолот, илму техника, сармоягузорӣ, инноватсия, хизматрасонӣ ва ғайра ба роҳ мемонад. Таҳқиқот нишон дод, ки дар заминаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ду шакли гуногуни соҳибкории муштарак вуҷуд дорад:

- муттаҳид намудани иштирокчиён дар шакли ягонаи ташкилию ҳуқуқӣ (бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ), яъне таъсиси корхонаи муштарак (КМ);

- иттиҳодияи иштирокчиён дар асоси шартномаи фаъолияти муштарак, ҳамкорӣ ё шартномаи боварӣ (бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ). Вобаста ба ин, таҳқиқот муқаррар намуд, ки аломатҳои ташкили корхонаи муштарак мутобиқи таҷрибаи давлатҳои пешрафта инҳо шуда метавонанд (нақшаи 2).




**Нақшаи 2. - Аломатҳои ташкили корхонаи муштарак мутобиқи таҷрибаи давлатҳои пешрафта**

Сарчашма: коркарди муаллиф

Яъне таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки ташкили соҳибкории муштарак ба маънои васеи калима дар баробари фаъолияти корхонаи муштарак фаъолияти муштараки шарикони кишварҳои гуногунро дар асоси шартнома фаро мегирад. Соҳибкории муштарак метавонад ташкили истеҳсолоти якҷоя ё иҷрои дигар барномаҳои якҷояро дар бар гирад. Дар ин ҳолат иштироки намояндагони давлатҳои гуногун ҳатмӣ мебошанд. Ин намуди муносибатҳоро корхонаи муштараки шартномавӣ меноманд, онҳо тақсимоти маҳсулот ва созишномаҳои консессиониро низ дар бар мегиранд. Инчунин, таҷрибаи давлатҳои пешрафта вобаста ба ташкил ва идоракунии соҳибкории истеҳсолӣ ба омилҳои асосие, ки ба рушди муҳити муосири байналмилалии соҳибкории муштарак таъсир мерасонанд, такя менамоянд.

Дар шароити интернатсионализатсия ва ҷаҳонишавии тиҷорати байналмилалӣ омилҳои асосии зерин ба ташкил ва рушди муҳити берунии соҳибкории байналмилалӣ бештар таъсир мерасонанд, ки онҳо бояд дар ташкил ва идоракунии соҳибкории муштараки давлатҳои рӯ ба инкишоф намуда истифода бурда шаванд (нақш. 3):




**Нақшаи 3. - Омилҳои рушди муҳити берунии соҳибкории байналмилалӣ**

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои овардашуда

Омили якум ин нақш ва аҳамияти созишномаҳо ва созмонҳои бисёрҷонибаи байналмилалӣ дар либерализатсияи фазои ҳамкориҳои тиҷоратии байнидавлатӣ мебошад, ки ба онҳо дохил карда мешаванд:

1) Созмони умумиҷаҳонии савдо - СУС, (World Trade Organization, WTO), ки 1 январи соли 1995 таъсис ёфта, ба ивази Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо General Agreement on Tariffs and Trade, GATT (GATT), ки аз соли 1947 эътибор дошт, муқаррар карда шудааст. Созмони мазкур, инчунин дар дастгирии соҳибкории муштарак низ фаъолияти худро ба роҳ мемонад, ки мо мақсад ва принсипҳои асосии созмонро дар соҳаи мазкур дар нақшаи 4. пешниҳод менамоем.




**Накшаи** 4. - **Мақсад ва принсипҳои асосии СУС** (World Trade Organization, WTO) **дар дастгирии корхонаҳои муштарак**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси Низомномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо

Принсипи Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо ин низоми танзими молҳое мебошад, ки аз кишваре, ки ба мақсади фаъолияти соҳибкории муштарак ворид карда мешаванд, бояд шароитҳоеро доро бошанд, ки нисбат ба моли кишвари қабулкунанда мусоидтар бошанд. Ба ибораи дигар, намояндагони ҳамаи мамлакатҳои хориҷӣ аз ҳуқуқҳои баробар истифода мебаранд, ки ягон табъиз дар муросилоти молии корхонаҳои муштарак вуҷуд надорад. Принсипи низоми миллӣ (ПНМ) муносибати баробарро нисбат ба молҳо, хизматрасониҳо ва сармояи ватанӣ ва хориҷӣ талаб мекунад. Дар муқоиса бо принсипи низоми мусоиди миллӣ (МНМ), дар доираи принсипи низоми миллӣ (ПНМ), соҳибкорони хориҷӣ на танҳо дар байни худ, балки бо соҳибкорони маҳаллӣ низ ҳуқуқҳои баробарро доро мебошанд. Дар баробари татбиқи ҳадафҳо ва принсипҳои асосии СУС барои ширкатҳои кишварҳои гуногун барои пешбурди тиҷорати байналмилалӣ дар миқёси ҷаҳонӣ имкониятҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд.

2) Фонди байналмилалии асъор - ФБА (International Monetary Fund - IMF) ба кишварҳое, ки бо мушкилоти тавозуни пардохт рӯбарӯ ҳастанд, кумаки молӣ мерасонад, дар коҳиш додани хатарҳои молӣ ва асъорӣ барои ширкатҳое, ки дар ин кишварҳо тиҷорат мекунанд, кумак мекунад.

3) Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ - ГБА (World Bank). Бонки мазкур аз панҷ муассисаи ба ҳам зич алоқаманд иборат буда, барои расонидани дастгирии молиявӣ ва техникӣ барои рушди инфрасохтор, муҳити бозор ва соҳибкории хусусӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ равона карда мешавад:

А) Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд (ББТР) ҷузъи асосии гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ буда, соли 1945 таъсис ёфта, саъю кӯшиши худро ба додани қарзҳо ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои лоиҳаҳои дигаргунсозии сохторӣ, аз қабили либерализатсияи савдои хориҷӣ, хусусигардонӣ, ислоҳоти маориф нигаҳдории тандурустӣ, инкишофи инфраструктура равона мекунад.

Б) Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (АБР). Асосиатсия дар соли 1960 таъсис ёфта, ба кишварҳои камбизоаттарини рӯ ба тараққӣ, ки аз Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд қарз гирифта наметавонанд, қарзҳои махсусан имтиёзнок медиҳад.

В) Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (КБМ). Он соли 1956 таъсис ёфта, тавассути дастгирии бахши хусусӣ ба рушди иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ мусоидат мекунад.

Г) Агентии байналмилалии кафолати сармоягузорӣ (АБКС). Агентии макур соли 1988 таъсис ёфта, сармоягузории хориҷиро дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ тавассути пешниҳоди кафолатҳоро ба сармоягузорони хориҷӣ аз зиёнҳое, ки аз хавфҳои ғайритиҷоратӣ ба вуҷуд меоянд, ҳавасманд мекунад.

Д) Маркази байналмилалии ҳалли баҳсҳои сармоягузорӣ (МБҲБС). Он соли 1966 таъсис ёфта, ба ҷараёни сармоягузории байналмилалӣ тавассути пешниҳоди хидматҳои ҳакамӣ ва ҳалли баҳсҳо байни ҳукуматҳо ва сармоягузорони хориҷӣ, пешбурди машваратҳо, таҳқиқот ва маълумот оид ба қонунҳои сармоягузорӣ дар кишварҳои гуногунро мусоидат мекунад.

4) Созишномаҳои байналмилалӣ оид ба пешгирии андозбандии дукарата, ҳифзи корхонаҳо ва фирмаҳои байналмилалӣ аз чунин андозбандӣ дар дохил ва беруни кишвар ва баланд бардоштани сатҳи озодии фаъолияти соҳибкории байналмилалӣ.

Дуюм, рушди гурӯҳҳои минтақавии ҳамгироии кишварҳо барои соҳибкории озоди байнидавлатӣ ба ширкатҳои давлатҳои аъзо шароит фароҳам меорад, ки ҳаракати озоди молҳо, хизматрасониҳо, сармоя, меҳнат, иттилоот байни кишварҳо, инчунин ягонагии қонунгузории миллӣ ва танзими иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд. Ҳиссаи (Триада - Triad) аз се гурӯҳи калонтарини минтақавии ҳамгироӣ дар ҷаҳон иборат мебошад:

- Иттиҳоди Аврупо (ИА);
- Созишномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ (NAFTA);
- Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АОҶШ - АСЕАН) 80% ММД ва 75% савдои ҷаҳониро ташкил медиҳад.

Сеюм, рушди шаклҳои минтақавии ҷалби сармояи хориҷӣ дар шакли минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва оффшорӣ ба таъсис ва татбиқи нақшаҳои нави соҳибкорӣ аз ҷониби ширкатҳо барои пешбурди тиҷорати байналмилалӣ мусоидат мекунад. Дар ҳуҷҷатҳои Конвенсияи Киото (1973) минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) ҳамчун як қисми қаламрави кишвар фаҳмида мешавад, ки дар он молҳо ҳамчун объекти берун аз қаламрави гумрукӣ ҷойгир буда, таҳти назорати муқаррарии гумрукӣ ва андозбандӣ қарор надоранд. Дар ҳудуди МОИ низомҳои махсуси раводид, андоз, пулию қарзӣ, молиявӣ, инфрасохторӣ ва моликият муқаррар карда мешаванд [20, с. 145]. Минтақаҳои оффшорӣ ҳудудҳое мебошанд, ки дар онҳо андозситонӣ, муомилоти асъор ва дигар имтиёзҳо нисбат ба ғайрирезидентҳо, ки суратҳисобҳо ва ширкатҳои худро дар ин қаламравҳо ҷойгир мекунанд, татбиқ мешаванд. Дар ибтидои асри 21 беш аз 50% сармояи ҷаҳонӣ дар бонкҳо, ширкатҳои трастӣ ва сармоягузории минтақаҳои оффшорӣ ҷойгир карда шуда буд.

Чаҳорум, таҳким ва тағйирёбии сифатӣ дар рақобати байналмилалӣ соҳаи тиҷорати байналмилалиро ба фазои рақобати байни муносибатҳои соҳибкорӣ, идеология ва фарҳангҳои гуногун табдил медиҳад, ки дар бартариҳои рақобатии ширкатҳое, ки дар бозорҳои миллӣ, хориҷӣ ва байналмилалии молҳо ҳамчун хизматрасонӣ, меҳнат ва сармоя амал мекунанд, таҷассум ёфтааст [7].

Дар солҳои 80-ум корхонаҳои муштараки навъҳои гуногун дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ташкил карда шуда буданд. Имрӯзҳо бошад, дар амалияи хориҷӣ навъҳои гуногуни шартномаҳои корхонаҳои муштарак мавҷуданд ва тамоюли афзоиши минбаъдаи босуръати шумораи корхонаҳои муштараки байналмилалӣ аз сабаби бартариятҳои назарраси онҳо нисбат ба дигар шаклҳои тиҷорат мушоҳида

мешавад (8, с. 46), ки бархе аз онҳоро мо дар намудҳои гуногуни созишномаҳои корхонаҳои муштараки ИМА бо ҳадафҳои ташкили онҳо дар ҷадвали 1 нишон медиҳем.

**Ҷадвали 1. - Намунаҳои намудҳои гуногуни созишномаҳои корхонаҳои муштараки ИМА**

| № | Намудҳои шартномаҳо | Корхонаҳои муштарак | Ҳадафҳои ташкили корхонаи муштарак |
|---|---|---|---|
| 1 | Созишномаҳо байни ду ё зиёда ширкатҳои бахши хусусӣ | Boeing/Mitsubishi/Fuji/Kawasaki (истеҳсоли ҳавопаймоҳои хурд) | Тақсим ва таъмини технология ва коҳиши хароҷот |
| | | Ford/Mesasurex (автоматикунонии завод); | Коҳиш додани хароҷот |
| | | General Motors/ Toyota (саноати автомобилӣ) | Кам кардани хароҷот, ворид шудан ба бозори байналмилалӣ |
| | | Corning/CibaGeigy;Kodak/Cetus | воридшавии ба бозор нав |
| | | AT&T/Olivetti | воридшавӣ ба бозори хориҷӣ |
| | | Steel/Phong; Iron/ Steel | Афзоиши сармояи оҳан / пӯлод ва тавсеаи бозор |
| 2. | Корхонаҳои муштарак барои таҳқиқотҳои муштарак | Microelectronics/MCC (Computer Technology Corporation) (аз ҷониби 13 корпоратсияи бузурги ИМА дастгирӣ карда мешаванд), Штати Техас | Тадқиқоти дарозмуддат ва татбиқи натиҷаҳои он аз ҷониби ширкатҳои сарпараст |
| 3. | Корпоратсияҳои муштарак оид ба пешбурди тадқиқот | Semiconductor Research Corporation (шарикии 11 чипсозон ва ширкатҳои компютерии ИМА; ширкати умумии 35 аъзо), Каролинаи Шимолӣ | Сарпарастии тадқиқоти асосӣ ва омӯзиши олимон ва муҳандисони касбӣ барои рушди саноат |
| 4. | Созишномаҳои саноат ва донишгоҳ | Робототехникаи Westinghouse/Carnegie-Mellon | Гузаронидани тадқиқот; Westinghouse ҳуқуқҳои патентиро нигоҳ медорад ва Carnegie-Mellon як фоизи ҳама роялтиҳоро мегирад |
| | | Корпоратсияи Celanese/ Донишгоҳи Йел | Гузаронидани таҳқиқт оид ба сохт ва синтези ферментҳо |
| | | WR Grace/MIT (Институти технологии Массачусетс) Ширкати микробиологӣ | Гузаронидани таҳқиқот; MIT патентҳоро нигоҳ медорад ва метавонад онро ба ширкатҳои дигар бар ивази роялти иҷозатнома диҳад; WR Grace ба тадқиқот бидуни пардохти роялти иҷозатнома медиҳад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5. | Корхонаҳои муштараки байналмилалӣ | General Motors (GM)/Fanuc Ltd. (ИМА/Ҷопон) | Коркарди 20,000 роботи GM барои автоматикунонии корхонаҳои он; Шарикӣ бо саҳмияҳои 50%; GM тарҳи ибтидоиро пешниҳод мекунад; Fanuc бошад, тарроҳӣ ва технологияи таҳия ва истеҳсоли роботҳои рангубори мошинҳоро таъмин мекунад. |
| | | Cy/Ro барои пластикаи акрилӣ Cyamid/Rochm (ИМА/Олмон) мебошад | Cyamid шабакаи тақсимот ва фазои корхонаро барои технологияи нави пластикии акрилии Rochm таъмин мекунад. |
| | | Dow Chemical/Asaki Chemicals (ИМА/Ҷопон) | Таҳия ва фурӯши кимиёвӣ дар сатҳи байналмилалӣ; Asaki ашёи хомро таъмин мекунад; Dow технологияро таъмин мекунад ва дар бозори Ҷопон ба муомилот мебарорад. |

Сарчашма: Молчаненко С.А. Совместные предприятия в системе учета государственной статистики международной кооперации / С.А. Молчаненко // Приоритетные научные направления: от теории к практике. - 2015. - №15. - С. 114-120.

Дар шароити рушди пуршиддати бахши воқеии иқтисодиёт корхонаҳои муштарак ҳамчун шакли иттиҳодияҳои стратегии ширкатҳо ташкил карда мешаванд, ки барои ворид шудан ба бозори байналмилалӣ воситаи хуби ворид шудани соҳибкорӣ мебошанд. Таҳқиқи нақшаи 1. нишон медиҳад, ки корхонахои муштараки GeneralMotors ва Toyota ё GeneralElectric ва «Westinghouse» дар байни ширкатҳои америкоӣ ва рақибони хориҷии онҳо маҳз бо ҳамин мақсад ташкил карда шуданд. Таъсири мусбати истифодаи созишномаҳои стратегиро иттифоқҳои стратегии хориҷӣ, ки дар шаклҳои гуногуни корҳои ташкилӣ пешниҳод шудаанд, исбот мекунанд [16]. Масалан, ширкатҳои Proster & Gamble, Coca-Cola ва McDonald, ки иттиҳоди ширкатҳое мебошанд, ки рақиб нестанд, аввал мавқеи пешсафии худро дар бозори дохилии ИМА мустаҳкам намуда, танҳо пас аз он барномаҳои васеъмиқёси байналхалқии фаъолияти истеҳсолиро амалӣ намуданд [5, с. 131]. Мисоли интегратсияи амудӣ бастани иттиҳоди стратегии байни Hertz (лидери ҷаҳонии иҷораи мошин) ва Ford мебошад, ки дар натиҷаи ин иттифоқ фишангҳои нави пурқувватро ба даст овард, ки он тавонист мушкилоти маркетинги маҳсулоти худро ҳал кунад. Намунаи диверсификатсияи конгломератҳо иттиҳоди ширкати сохтмонии Bouygues бо таъмини канали TF1 мебошад. Ин иттифоқ ба Bouygues имкон дод, ки ба бозори телевизион ворид шавад.

Мисоли корхонаҳое, ки дар ду сектори ба ҳам наздик кор мекунанд ва шарикии амудӣ ба вуҷуд меоранд, фирмаи америкоии «Thomson», ки таҷҳизоти бортӣ истеҳсол

мекунад ва ширкати франсузии «Aerospatiale», ки ҳавопаймо истеҳсол мекунад, мисол шуда метавонанд. Дар ин фаъолияти муштарак Aerospatiale дар шарикии нав имкони харидани ҷузъҳои заруриро аз ширкати Thomson пайдо намудааст. Дар амалияи байналхалқӣ, одатан фоида нисбати зарари аз ташкил кардани корхонахои муштараки байналхалқӣ зиёд мебошад, ки ин вазъиятро мо, инчунин дар шароити Федератсияи Россия дар ҷадвали навбатӣ дида мебароем.

**Ҷадвали 2. - Корхонаҳои муштараки самарабахш дар Федератсияи Россия**

| № | Номгӯи КМ ФР | Фаъолияти КМ |
|---|---|---|
| | Корхонаи автомобилсозии ширкати «Форд Мотор Ко.» дар Санкт-Петербург | Ҳаҷми сармоягузорӣ дар лоиҳа 150 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Фурӯши мошинҳо дар соли 2004 ба ҷои 150 ҳазор дар нақша 176 ҳазор сумро ташкил дод. |
| 2. | Лоиҳаи муштараки AZLK ва ширкати мошинсозии фаронсавии Renault, ки соли 2005 корхонаи муштараки «Автофрамос»-ро таъсис дод. | Усули кластерӣ:<br>- 20% ҷузъи мошинҳо дар корхонаҳои Русия истеҳсол карда мешаванд;<br>- барои шишабандии мошинҳо маҳсулоти заводи шишаи Бор пешбинӣ шудааст;<br>- лой - яке аз талаботи беназири стандартҳои Русия<br>- аз ҷониби ширкати «Эласт-Технология» аз Санкт-Петербург ворид карда мешавад;<br>- барои тайёр кардани курсиҳо пусти пенофотии корхонаи «Сотекс»-и Нижний Новгород истифода мешавад. |
| 3. | Маркази саноати мошинсозӣ дар Калуга: | Равиши кластерӣ:<br>Олмониҳо дар корхонаи Volkswagen дар Калуга 370 миллион евро сармоягузорӣ карданд. Иқтидори пешбинишудаи ширкат дар як сол истеҳсоли 115 ҳазор автомобил; Корхонаи автомобилии Volvo-Trucks бо иқтидори лоиҳавии 15 ҳазор мошини боркаш дар як сол; корхонаи автомобилсозии ширкати фаронсавии PSA Peugeot Citroen якҷоя бо ширкати ҷопонии Mitsubishi Motors бо иқтидори 160 ҳазор мошин дар як сол, ҳаҷми сармоягузорӣ - 470 миллион евро. |
| 4. | Корхонаи мошинсозии Тойота дар Санкт-Петербург | Иқтидори аввалияи банақшагирифташуда 20 ҳазор мошин дар як сол ва баъдан ба 200 ҳазор мошин дар як сол афзоиш меёбад. Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда барои истеъмолкунандагони Русия ва Аврупо пешбинӣ шудааст. Ҳаҷми сармоягузорӣ 950 миллион евроро ташкил дод. |
| 5. | Ширкати «Данон» (саноати хӯрокворӣ) якҷоя бо ширкати «Вимм Билл Данн» | аз соли 1997 инҷониб маҳсулоти ширӣ истеҳсол мекунад. Ин ширкат ду корхонаи вилояти Москва, ноҳияи Чехов ва шаҳри Толятти дорад. |
| 6. | Ширкати Johnson & Johnson | маҳсулоти дорусозӣ ва маҳсулотро барои беморхонаҳо ва муассисаҳои нигоҳубини кӯдакон истеҳсол мекунад. |

Сарчашма: Королева Е.В. Стратегические альянсы: зарубежный опыт и российские особенности. / Е.В. Королева // Российский внешнеэкономический вестник. - 2009. - №5. - С. 3-12.

Дар шароити муосир шумораи бештари ширкатҳои русӣ ба тиҷорати муштарак рӯ овардаанд. Масалан, дар аминаи ташкили соҳибкории муштарак ба иттиҳоди стратегии «Завод труб большого диаметра" дар Нижний Тагил комбинати металлургии Нижний Тагил, Газпром ва Dufercos. A. (Швейтсария) ва Хазинаи федералии амволи Русия ҳамроҳ шудаанд. Корхонаи оҳану пӯлоди Нижний Тагил барои тақозои устувор ва қобили пардохт ба қубурҳо ва варақҳо замина дорад ва шарикони иттифоқ маҳсулоти мувофиқи талаботи Газпром истеҳсолшударо гирифта, ба дигар муштариён дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ мефурӯшанд [6, с. 10]. Бузургтарин холдинги саноати чӯбу тахта дар Федератсияи Россия «Илим Груп» ва консерни умумиҷаҳонии «International Paper» (IP) бораи таъсиси корхонаи муштараки ҶСК «Илим Групп» созишнома бастанд, ки ширкати муттаҳид барномаи дарозмуддати рушди 5 солро маблағгузорӣ менамояд. Тибқи созишнома, барои таҷдиди таҷҳизоти корхона 1,2 миллиард доллар сармоягузорӣ шуда, иқтидори истеҳсолии холдинг 1,5 баробар афзоиш хоҳад ёфт. Ва ин гуна мисолҳо торафт зиёданд. Инак танҳо баъзе аз иттифоқҳои стратегӣ дар саноати Россия баъд аз солҳои 2000-ум ташкил ёфтаанд, ба монанди Иттиҳоди комбинати металлургии Магнитогорск бо ширкати ангишти русии «Белон», Алянс дар саноати селлюлозаи коғаз бо корхонаи муштараки «Илим Групп», ки аз тарафи холдинги «Илим селлюлоза» ва консерни «Интернасионали коғаз» ташкил ёфтааст, Алянси «АвтоВАЗ» бо гурӯҳи ширкатҳои Renault-Nissan дар саноати автомобилсозӣ, Корхонаи муштараки "Ойл ва Газ Компанӣ" - иттиҳоди ширкатҳои Газпром нефт ва Лукойл дар соҳаи нафту газ, Иттиҳодия дар хоҷагии ҷангал ва саноати чӯбу тахтакории ширкатҳои «Северно-Западная лесопромышленная компания» ва «Светоч» [16]. Ҳамин тариқ, ширкатҳои фаромиллӣ бо мақсади ворид шудан ба бозорҳои нав корхонаҳои муштаракро ҳамчун як шакли ташкили тиҷорати худ интихоб намуда, интихоби худро ҳамчун роҳи кам кардани хатарҳо ва ҷалби сармоягузорӣ ба роҳ мондаанд. Омӯзиши рушди корхонаҳои муштарак дар Рosссия гуногунрангии онҳоро нишон дода, афзоиши рақобат дар бозорҳо ба он оварда мерасонад, ки корхонаҳо ба иттиҳодияҳои «бисёршумор» дохил мешаванд. Дар натиҷа, ҳамкории иштирокчиёни инфиродӣ ба ҳамкорӣ дар доираи иттифоқҳои «шабакавӣ» барои ба даст овардани афзалиятҳои рақобатӣ табдил меёбад. Муаллиф бо ақидаи олимон [10, с. 741] мувофиқ мебошад, ки дар Федератсияи Россия шароити ташкили корхонаҳои муштарак гуногун буда, таҷрибаи ҳамкории хориҷӣ ва дохилиро дар саросари кишвар пурра нусхабардорӣ кардан дар ин ҷода он қадар натиҷаи хуб намедиҳад. Ҳарчанд ҳар як субъекти Федератсияи Россия дар ташкили корхонаи муштарак таҷриба дошта бошад ҳам, онро бо назардошти хусусиятҳои соҳибкории муштараки ватанӣ омӯхта, дар амал татбиқ менамояд. Ба фикри мо, дар ин ҷода, фаъолияти соҳибкории муштарак бояд ояндадор буда, нақшаҳои он ба нақшаҳои стратегии давлат мувофиқат намоянд. Чунин нақшагузориро иттиҳодҳои стратегии ширкатҳо ба вуҷуд оварда метавонад. Иттиҳодҳои стратегии ширкатҳо як падидаи нав барои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Бо вуҷуди ин, рӯй овардан ба таҷрибаи хориҷӣ дар таъсис ва рушди корхонаҳои муштараки байналмилалӣ ба соҳибкорони ватании мо барои ворид шудан ба иттифоқҳо дар ҳоле, ки мустақил ва рақобатпазир боқӣ мемонанд, кумак хоҳад кард.

Ширкатҳои бузурги байналмилалӣ, ки дар истеҳсолот технологияи баланд ва Ноу-Ҳауро истифода мебаранд, дар минтақаҳои махсуси иқтисодӣ корхонаҳои худӣ ё муштарак таъсис медиҳанд, ки онҳо шаклҳои байналмилалии иқтисодӣ ба шумор

мераванд [10, с. 158]. Дар ин ҷода, дар мамлакатҳои пешрафта барои ташкил ва идоракунии дурусти соҳибкории муштарак, инчунин минтақаҳои махсуси иқтисодӣ (ММИ) таъсис дода шудаанд (ҷадвали 2). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, имрӯзҳо чунин ҷараёни кооперасия байни корхонаҳо вусъат ёфта, корхонаҳои муштараки махсусгардондашудаи истеҳсол ва фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ ташкил шуда, ин ҷараён дар марҳилаҳои ҳамроҳшавӣ ба чунин намуди муомилоти соҳибкории муштарак, қадамҳои аввалинро бо таҳияи нақшаҳои давлатӣ ба амал баровардa истодааст.

**Ҷадвали 3. - Намудҳои минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар кишварҳои гуногун**

| № | Намудҳои ММИ | Кишварҳое, ки ММИ фаъолият мекунанд |
|---|---|---|
| 1 | Минтақаҳои озоди саноатӣ | Полша: дар шакли ҷамъияти саҳомии «Минтақаи озоди гумрукӣ Шетсин-Свинуоютсе» |
| 2. | Минтақаҳои озоди тиҷоратӣ | Перу: минтақаҳои бандарҳои Ило, Савери, Пуэрто Малдонадо ва ғайра |
| 3. | Минтақаҳои истеҳсолии содиротӣ | Ҳиндустон: «Экспорти Мадрас. минтақаи коркарди мол» ва ғайра |
| 4. | Минтақаҳои махсуси иқтисодии типи анклавӣ | Ҷумҳурии Халқии Хитой: Тенжен, Ҷухай, Шанту |
| 5. | Минтақаҳои махсуси иқтисодӣ | Полша: Варшава - Мокатов; Венгрия: Сопрон |
| 6. | Шаҳрҳои кушода | Ҷумҳурии Халқии Хитой: Шанхай, Далян ва ғайра |
| 7. | Минтақаҳои савдои озоди берунӣ | ИМА |
| 8. | Минтақаҳои содиротию саноатӣ | Мексика, Малайзия, Бразилия ва ғайра. |
| 9. | Минтақаи озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистсон | "Суғд"<br>"Данғара"<br>"Ишкошим"<br>"Панҷ" |

**Сарчашма**: Мазоль С.И. О функционировании совместных предприятий в Польше / С.И. Мазоль // Экономическая наука и образование: проблемы и перспективы: тезисы докладов международной конференции. - Минск, 18-19 мая 1998 г. Секции 3-6 / Министерство образования Республики Беларусь, Белорусский государственный экономический университет. - Минск: БГЭУ, 1999. - С. 100-102.

Соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ (минбаъд «МОИ») дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, нисбати таъмини иҷроиши он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори махсус баъди омӯзиши шарт ва шароити мавзеъҳои интихобшуда ва таҷрибаи давлатҳои хориҷа, қарори махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми марти соли 2008-ум «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд", "Данғара", "Ишкошим" ва "Панҷ" таъсис дода шудаанд. Айни замон дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ 67 ширкати ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла дар МОИ "Суғд" 23, МОИ "Данғара" 28, МОИ "Панҷ" 14 ва "Ишкошим" 2. Аз миқдори умумии субъектҳои бақайдгирифташуда айни замон 17 ширкат, аз ҷумла дар МОИ "Суғд" 12 ва дар МОИ "Данғара" 3 ва дар МОИ "Панҷ" 2 ширкат фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва содиротию воридотиро ба роҳ мондаанд, ширкатҳои боқимонда ба оғоз намудани фаъолият ва ворид намудани

таҷҳизотҳои технологӣ машғуланд [9]. Барои таҳкими МОИ ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ на танҳо аз ширкатҳои ватанӣ, балки аз ширкатҳои хориҷӣ низ сармоягузорӣ лозим меоянд. Сармоягузории мустақими хориҷӣ таваҷҷуҳи дарозмуддати сармоягузорони хориҷиро ба рушди фаъолияти иқтисодӣ дар давлати мушаххас тавсиф мекунад.

Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки "Тайи бист соли охир ба кишвар беш аз 152 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шудааст. Аз маблағи зикршудаи сармояи мустақим зиёда аз 36 миллиард сомонии он танҳо барои рушди соҳаи саноат ҷалб гардидааст. Дар панҷ соли охир ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ беш аз 15 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст, вале ин нишондиҳанда ҳанӯз ба талаботи рушди иқтисодиёт ҷавобгӯй нест. То соли 2025 дар кишвар татбиқи беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ пешбинӣ гардида, танҳо ба бахши воқеӣ ва инфрасохтор зиёда аз 82 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ карда мешавад" [12]. Соҳибкории муштарак, ки яке аз шаклҳои муҳими ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва танзими муносибатҳои бозории байниши◌ркатӣ дар сатҳи байналмилалии ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шудааст, дар ташаккулёбии МОИ низ аҳамияти худро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти мо нишон дод, ки таҷрибаи қолибтари хориҷии фаъолияти соҳибкории муштарак дар байни кишварҳои овардашуда таҷрибаи давлати Венгрия ба ҳисоб меравад. Зеро, дар ин давлат фазои озоди фаъолияти соҳибкории муштарак аз тарафи ин давлат дуруст таъмин гардидааст. Таъсиси соҳибкории муштарак дар Венгрия бидуни миёнаравӣ бо вазорату идораҳо ба роҳ монда шуда, ширкатҳои соҳибкории Венгрия то ба имрӯз тамоми корҳои ташкилиро бобати таъсис ва такмили фаъолияти соҳибкории муштарак мустақилона иҷро менамоянд. Чунин ҳолати таъсиси соҳибкории муштарак фазои озоди фаъолияти соҳибкориро дар ин давлат бунёд намудааст, ки барои дигар давлатҳо аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷриба шуда метавонад.

Хулоса, дар заминаи омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак чунин роҳҳои муосири ташкил ва идоракунии соҳибкории муштаракро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем:

- баланд бардоштани маърифти ҳуқуқӣ, молиявӣ ва инноватсионии дар фаъолияти соҳибкорӣ;
- истифода аз шароитҳои муҳаёнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷалби сармояҳои хориҷӣ барои такмили соҳибкории муштарак ва истифодаи самаранокии онҳо;

- дар шароити саноатикунонии босуръат, ки ҳадафи стратегии давлатӣ ба шумор меравад, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба истеҳсоли молу маҳсулоти босифати ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ фаъолияти соҳибкории муштаракро ба роҳ монда, онро дар заминаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта такмил диҳад;

- ба роҳ мондани таъсиси соҳибкории муштарак бидуни миёнаравӣ бо вазорату идораҳо, бобати таъсиси мустақилона ва такмили фаъолияти онҳо;

- дастгирии давлатии қарздиҳии имтиёзнок;
- такмили имтиёзҳои сиёсати андозӣ барои ташкили соҳибкории муштарак.

## АДАБИЁТ


1. Андрианов Ю.В. Совместные предприятия как форма привлечения иностранных инвестиций / Ю.В. Андрианов. - М., 1995. – 124с.

2. Астапович А.З. Международные корпорации США: тенденции и противоречия развития / А.З. Астапович. - М., 1978. – 192с.
3. Бутенко О.В. Современная концепция совместного предпринимательства в мировой практике: теория и практика / О.В. Бутенко, Д. Косай, З.М. Округ. - М., 1995. - 90 с.
4. Варнавский В. Партнерство государства и частного сектора: теория и практика /В.Варнавский // Мировая экономика и международные отношения. – 2002. - №7. - С. 28-37.
5. Гаррет Б. Стратегические альянсы. / Б. Гаррет. - М.: ИНФРА-М, 2008. - 331 с.
6. Королева Е.В. Стратегические альянсы: зарубежный опыт и российские особенности. / Е.В. Королева // Российский внешнеэкономический вестник. - 2009. - №5. - С. 3-12.
7. Кузнецова С.Ю. Формирование стратегических альянсов компаний в условиях интенсификации развития реального сектора экономики. / С.Ю. Кузнецова. //Проблемы современной экономики. - 2011. - №4(40). – С.129-132.
8. Мазоль С.И. О функционировании совместных предприятий в Польше / С.И. Мазоль // Экономическая наука и образование: проблемы и перспективы: тезисы докладов международной конференции. - Минск, 18-19 мая 1998 г. Секции 3-6 / Министерство образования Республики Беларусь, Белорусский государственный экономический университет. - Минск: БГЭУ, 1999. - С. 100-102.
9. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронї]. – URL: https://investcom.tj/fez/48-mintaaoi-ozodi-itisod.html (санаи муроҷиат: 01.12.2023).
10. Михайлушкин П.В. Создание особых экономических зон - перспективное направление государственного стимулирования экономики в России / П.В. Михайлушкин, А.А. Баранников // Научный журнал КубГАУ - Scientific Journal of KubSAU. - 2013. - №90. - С. 762.
11. Молчаненко С.А. Совместные предприятия в системе учета государственной статистики международной кооперации / С.А. Молчаненко // Приоритетные научные направления: от теории к практике. - 2015. - №15. - С. 114-120.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23.12.2022 с., шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. – URL: http://prezident.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 12.11.2023)
13. Сыродоева О.Н. Акционерное право США и России (сравнительный анализ). / О.Н. Сыродоева. - М.: Издательство «Спарк», 1996. - 112 с.
14. Устав «ВТО». Приложение №6 УТВЕРЖДЕНО Наблюдательным советом «29» мая 2018 г. Протокол №4. Изменения внесены от 30 сентября 2022 г., Протокол №17
15. Ҷаласаи XXII Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ. - Душанбе, 16.03.2022 с. [Манбаи электронї]. – URL: https://khovar.tj/2022/03/peshvoi-millat (санаи муроҷиат: 12.03.2022)
16. Черкасова Е.Н. Особенности создания совместных предприятий в период рыночных преобразований. / Е.Н. Черкасова // Экономика и управление в XXI веке: тенденции развития. - 2015. - №21. - С. 151-156.
17. Hansen S. Eastwest joint ventures: incentives and disincentives Turku. / S. Hansen, V. Kivikari, 1994. - P. 4.
18. Harrigan K.R. Managing for Joint Venture Success Lexington / K.R. Harrigan Mass Lexiston Books. Sec. Edition, 1993. P. 16-18.
19. Pazmandi K. Konszernrendel kezesekesva Ualatcsoportravonat kozoszabalyozas. / K. Pazmandi. Gazdasagesjog, - 2011. - №7-8. -.P. 29.
20. Саидмуродов, Л. Х. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления / Л. Х.

Саидмуродов, В. Д. Сабуров. – Душанбе : ООО «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176 с. – ISBN 978-99975-384-6-8. – EDN VYJXSN.

**УДК**: 332.1

## ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Нурмаҳмадова Рухшона Мирмаҳмадовна*** - *унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов* 64/14. *Тел.*: 918-25-52-74. *Е*-mail: rukhshona.mirzoda.87@mail.ru.

*Муаллиф дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии рушди устувори минтақаро дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Таҳлили адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ оид ба пайдоиши истилоҳи "рушди устувор" гузаронида шуд. Дар мақола нишон дода шудааст, ки байни мафҳумҳои субот, мувозинат ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа робитаи зич вуҷуд дорад. Муаллиф қайд мекунад, ки консепсияи робитаи рушди устувори минтақавӣ таносуби мувофиқи намудҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ, шаклҳои тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда ва инфрасохтори онро дар комплекси иқтисоди минтақавӣ ба назар гирифта мешавад. Ба вуҷуд омадани рушди нобаробар дар татбиқи стратегияҳои рушди устувор мушкилоти иловагиеро ба миён меорад, ки бояд ба назар гирифт.*

***Калидвожаҳо***: *рушди устувор, минтақа, иқтисодиёти минтақавӣ, сиёсат, иқтисодӣ, рушд, истеҳсол, раванди такрористеҳсолот, неруи минтақавӣ.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Нурмахмадова Рухшона Мирмахмадовна*** - *соискатель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Тел.*:(+992) 918255274. *Е*-mail: rukhshona.mirzoda.87@mail.ru

*В данной статье автором исследованы теоретические аспекты устойчивого развития региона в современных условиях. Был проведен анализ отечественной и зарубежной литературы о происхождении термина "устойчивого развития". В статье выявлено, что существует тесная связь между понятиями стабильности, сбалансированности и социально-экономическим развитием региона. Автором отмечается, что под концепцией соотношения устойчивого регионального развития учитывается соответствующий баланс отдельных видов экономической деятельности, форм размещения производительных сил и ее инфраструктуры в комплексе региональной экономики. Возникновение неравномерности развития при реализации стратегий устойчивого развития создает дополнительные трудности, которые необходимо учитывать.*

***Ключевые слова***: *устойчивое развитие, регион, региональная экономика, социально-экономическая политика, региональная система, социально-экономическое развитие, процесс воспроизводства, региональный потенциал.*

## THEORETICAL ANALYSIS OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REGION IN MODERN CONDITIONS

Nurmakhmadova Rukhshona Mirmakhmadovna - applicant for the Department of Finance of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel.: 918-25-52-74. E-mail: rukhshona.mirzoda.87@mail.ru

In this article, the author explored the theoretical aspects of sustainable development of the region in modern conditions. An analysis of domestic and foreign literature on the origin of the term sustainable development was carried out. The article reveals that there is a close connection between the concepts of stability, balance and the socio-economic development of the

region. The author notes that the concept of the relationship between sustainable regional development takes into account the appropriate balance of individual types of economic activity, forms of distribution of productive forces and its infrastructure in the complex of the regional economy. The emergence of uneven development in the implementation of sustainable development strategies creates additional challenges that need to be taken into account.

Key words: sustainable development, region, regional economy, socio-economic policy, regional system, socio-economic development, reproduction process, regional potential.

Дар шароити ҷаҳонишавии истеҳсолот кишварҳои ҷаҳон ба минтақаҳое, ки рушди иқтисодашон бештар ба ташаббуси худи онҳо вобаста аст, диққати ҷиддӣ додаанд. Минтақаҳо ба қувваи пешбарандаи рушди дарозмуддати стратегии кишвар табдил меёбанд.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши равишҳои назариявии муайян кардани нақши минтақа дар рушди робитаҳои иқтисодии берунии кишвар аҳамияти бештар пайдо мекунад. Дар адабиёти илмии иқтисодӣ истилоҳоте истифода мешаванд, ки барои тавсифи таъсир ва дахолати мақсадноки давлат ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ равона гардидааст.[4, с. 178].

Таҳлили адабиёти муосири хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳад, ки оид ба мафҳуми «минтақа» бисёр таърифҳо мавҷуданд. Олимони амрикоӣ П. Ҷеймс ва Ҷ. Мартин қайд мекунанд, ки истилоҳи «минтақа» маънои минтақаи ҷудонашавандаи ҳудудро дорад, ки бо якхела будани аслиаш тавсиф мегардад. Гузашта аз ин, ин истилоҳ аксар вақт барои таъин кардани ҳудудҳо хеле калон истифода мешавад.

Намояндагони илми минтақавии Россия майл доранд, ки минтақаҳоро ҳамчун субъектҳои Федератсияи Россия баррасӣ кунанд. Ғайр аз ин, бисёр олимон мафҳумҳои минтақа ва ноҳияро муайян мекунанд. Олимон дар тафсири мафҳуми «минтақа» се хусусияти онро муайян кардаанд:

1. Ташкили ҳудуд бо захираҳои истеҳсолӣ, табиӣ ва меҳнатӣ;
2. Махсусгардонӣ дар ҳама гуна намуди фаъолият;
3. Алоқаҳои хоси берунӣ ва дохилӣ.

Ҳамин тариқ, аз як тараф, минтақа як воҳиди ҳудудӣ мебошад, ки дорои сарҳадҳои мушаххаси маъмурист, аз тарафи дигар, он низоми нисбатан мустақилест, ки бо мураккабӣ, якпорчагӣ, махсусгардонӣ ва назоратшаванда хос буда, ҳамкории мутақобила ва рушди мутақобилаи тамоми соҳаҳои ҳаёти аҳолиро таъмин мекунад. Минтақа дар як вақт ҳамчун унсури ташкили ҳудудии хоҷагии халқ, унсури низоми аҳолинишин ва унсури ташкили иҷтимоии ҷамъият ҳисоб кардан лозим аст.

Солҳои охир дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба назар мерасад, ки минтақа на танҳо ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, балки муносибатҳои бозорӣ низ баррасӣ мешавад. Минтақа ҳамчун бозор фазои ягонаи тиҷоратӣ дорад, ки дар он бозори молҳо, сармоя, меҳнат, захираҳои табиӣ, иттилоот бо сарҳади муайян (минтақа) амал мекунанд [9, с. 26].

Дарвоқеъ, минтақаи муосир як қисми алоҳидаи хоҷагии халқи кишвар мебошад ва даврҳои пурраи такрористеҳсоли ҷамъият аз рӯи марҳилаҳо (истеҳсолот, тақсимот, мубодила, истеъмолот), аз рӯи омилҳои асосии истеҳсолот (меҳнат, замин, сармоя). Аз рӯи натиҷаҳо (маҳсулоти умумии минтақа, даромади миллӣ, қувваи меҳнат, муносибатҳои истеҳсолӣ) амалӣ карда мешавад [13, с. 6-7].

Пас аз он ки мо мафҳуми минтақаҳоро кушодем, истилоҳи “рушди устувори минтақаҳо”-ро таҳлил мекунем.

Тадқиқотҳо дар соҳаи рушди устувори минтақа аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ бахшида шудаанд: асарҳои файласуфон Р. Декарт, Г.В.Ф. Гегел, Г. Спенсер, математикҳо Ҷ. Лагранж, У. Келвин, Х. Роуз, Н.Е. Жуковский, А.М. Ляпунова, В.В.

Новожилова, иқтисодчиён Р. Салоу, Ҷ. Стиглитс, Ҷ. Харвик, Н.Д. Кондратев ва асарҳои олимони дигар соҳаҳо.

Дар асосҳои назарияи рушди устувори минтақа В.А. Вернадский саҳми калон гузоштааст, ки муносибатҳои мутақобилан низоми «одам-табиат»-ро муайян кардааст.

Тафсири муосири мафҳуми «рушди устувор» пеш аз он буд, Резолюсияи Ассамблеяи Генералии СММ (1962), конференсияи СММ дар Стокголм (1972) ва дигар ҳуҷҷатҳои солҳои ҳафтодуми асри 20 пешниҳод гардид.

Дар байни таърифҳои рушди устувор, ки аз ҷониби олимони рус таҳлил шудааст, қайд кардан ба маврид аст, тафсири В. Коптюга, ки мувофиқи он рушди устувор таносуби оқилонаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии инсоният ва муҳофизати муҳити зист, инчунин қатъиян кам кардан тафовути иқтисодии байни мамлакатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ бо роҳи ҳамраванди технологӣ ва ҳам оқилонаи истеъмол ифода меёбад [6, с. 19].

Сиёсати минтақавии давлат бояд ба таъмини рушди мутаносиби иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, паст кардани сатҳи тақсимоти байниминтақавӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ва сифати зиндагӣ нигаронида шавад. Таъмини рушди мутаносиби иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ҳамчун яке аз самтҳои мақсадноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳамоҳангсозии самтҳои зерини сиёсати минтақавиро талаб мекунад:

1) ҳавасманд гардонидани рушди иқтисодиёти бо роҳи таъсис намудани марказҳои рушди иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти афзалиятҳои беназири рақобатии минтақа;

2) ҳамоҳангсозии сармоягузориҳои давлатӣ ва стратегияҳои сармоягузорӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳо бо назардошти афзалиятҳо инкишофи фазоӣ ва маҳдудияти захираҳо, аз ҷумла захираҳои демографӣ;

3) коҳиш додани тафовут дар сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳо бо ёрии механизмҳои самараноки сиёсати иҷтимоӣ ва буҷетӣ.

Зери мафҳуми мувозинати иқтисоди минтақавӣ муносибатҳои унсурҳои алоҳидаи низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, яъне аз шакли мутаносибӣ ифода мегиранд. Муҳимтарин, ки ба таносуби такрористеҳсоли минтақавӣ таъсир мерасонанд, метавонем инҳоро ҷудо кунед:

1) Сохтори талаботи пардохтпазирии истеъмолии аҳолӣ;

2) Хароҷотҳои моддӣ ва меҳнатии корҳои истеҳсолии минтақа;

3) Динамикаи ҳосилнокии меҳнат;

4) Ҳолати қувваҳои истеҳсолкунанда ва хусусияти минтақавӣ такрористеҳсолкунӣ;

5) Кооперация ва истеҳсолӣ; тағйироти сохторӣ дар иқтисоди минтақа;

6) Муносибатҳои иқтисодии байниминтақавӣ ва дохилиминтақавӣ.

Ба ақидаи мо, равиши маҷмуӣ ба рушди устувории минтақа, ки таъмин намудани мутаҳидшавии устувории институтсионалӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва молиявӣ мувофиқи мақсад мебошад (ниг. ба расми 1).

Дар таъмини рушди устувори минтақа "ниҳод" нақши муҳим дорад. Истилоҳи "ниҳод" ин як қатор ташкилотҳо, ки мақоми микро ва макроинститутсиониро дорад.

Мувофиқи Т. Веблен ниҳод ин маҷмуи қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, ки сохтори ҳамкории байни одамоне, ки созмон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд ва ҳамоҳангсозии байни онҳоро таъмин мекунанд мебошад [1, с. 156];




**Расми** 1. - **Равиши мазмунӣ бар рушди устувори минтақа**

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф

Ба фикри Р. Коуз, ниҳод ин ташкилот ва шабакаи мураккаби шартномаҳое мебошанд, ки барои кам кардани хароҷоти иҷтимоию иқтисодӣ имкон медиҳанд; [7, с.125].

Ба ақидаи В.В. Зотов, ниҳод ин воҳидҳои ташкилии устувори рамзии ҷомеа, ки барандагони хусусиятҳои арзишнокӣ ва фарҳангии он буда метавонад [3, с. 42].

Ҳамин тариқ, муайян карда шуд, ки асосҳои таҳқиқоти рушди устувори низомҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавиро намояндагони илмҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ таъсис додаанд.

Дар ҳалли масъалаи рушди устувори низомҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ назарияи системавӣ ва таҳлили системавӣ аҳамияти калон доранд. Равандҳои рушди системаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ бо мавҷудияти робитаи мураккаби байни устуворӣ ва тағйирпазирӣ тавсиф дода мешаванд.

Тадқиқоти дастгоҳи рушди устувори минтақа имконият дод, ки хулосаҳои зеринро тартиб диҳем: стратегияи рушди устувор, ҳамоҳангсозии ҷузъҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа пешбинӣ мекунад; модели идоракунии рушди устувори низоми иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ бояд манфиату эҳтиёҷоти наслҳои имрӯза ва ояндаро ба инобат гирифта шавад.

Идоракунии рушди устувори минтақа ин таъсири мақсадноки субъекти идоракунӣ ба равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, техникӣ, технологӣ, экологӣ ва дигар равандҳои дохили минтақа бо мақсади фароҳам овардани шароит барои ташаккул, истифодаи оқилона, рушд ва нигоҳдории потенсиали инсонии минтақа мебошад.

Рушди устувори минтақа тавассути маҷмуи механизмҳои идоракунӣ танзим карда мешавад. Гузашта аз ин, ташаккул ва такмили ин маҷмуаи механизмҳо ҳамкории самарабахши мақомоти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо, соҳибкорон ва ҷомеаро тақозо мекунад.

Мақсади танзим дар робита ба рушди устувори минтақа ба тартиб даровардани равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, нигоҳ доштани доимии муайян, сатҳи зарурии меъёрҳои фаъолияти низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад. Ҳамоҳангӣ дар таъмини ягонагии амали субъектҳои гуногуни минтақа барои ба таври оптималии ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор ифода ёфта, якпорчагӣ ва устувории фаъолияти низоми иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд.

Зимнан, ба масъалаи ташаккул ва арзёбии иқтидори иқтисодии минтақа ҳамчун асоси рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла тезонидани ҳаракат дар роҳи инноватсионии рушд таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардан зарур аст.

Бояд қайд кард, ки ду ҷузъи иқтидори рушди устувори минтақа ҷудо мекунанд: захиравӣ (маҷмуи захираҳо барои рушд мавҷудбуда) ва шароити институтсионалӣ (иқтидори институтсионалӣ).

Иқтидори институтсионалии рушди устувор дараҷаи самаранокии ниҳодҳоро ифода мекунад, ки имкони фаъолияти муътадили низоми иҷтимоию иқтисодии минтақаро дар шароити хатарҳои дохилӣ ва берунӣ таъмин мекунанд [12, с. 123]. Иқтидори институтсионалӣ мавҷудияти қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, сохторҳои ташкилиро инъикос мекунад, ки муносибатҳои мутақобилаи субъектҳои минтақаро оид ба таъмини шароити рушди устувори минтақа муайян мекунанд.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи онро зарур аст, ки консепсия ва самтҳои асосии танзими самарабахши давлатии рушди муҳити институтсионалии раванди сармоягузориро таҳия намоянд .[5, с.178].

Асоси моддии рушди устувори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро иқтидори иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки намудҳои зерини иқтидорҳоро дар бар мегирад: захиравӣ-табиӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ, инноватсионӣ, соҳибкорӣ, меҳнатӣ, демографӣ, таълимӣ, иттилоотӣ, инфрасохторӣ, содиротӣ, иқтидори ҳамгироӣ ва робитаҳои берунии иқтисодӣ.

Ҳамин тавр, иқтидори иқтисодии минтақа дар шароити рушди устувори минтақа ин маҷмуи муносибатҳои мутақобилаест, ки якпорчагӣ ва мувозинати фаъолият ва рушди иқтисоди минтақаро таъмин мекунанд .

Миқдори иқтидори иқтисодии минтақае, ки ба рушди устувор нигаронида шудааст, аз маҷмуи ҷузъҳои он аз ҳисоби таъсири синергетикӣ, ки дар натиҷаи таъсири мутақобилаи унсурҳои он ба вуҷуд меояд, зиёдтар аст.

Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ вазифаҳои идоракунӣ танҳо дар мақомоти ҳокимияти иҷроия мутамарказ шудаанд. Ҳамин тариқ, сиёсати самарабахши иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ, таъмини рушди ҳудуд, пеш аз ҳама, ба имкониятҳои иқтисодии минтақа, ки бо захираҳои табиӣ, истеҳсолӣ, кадрӣ ва молиявӣ муайян карда мешаванд, асос меёбад. Дар баробари ин, ҳифз ва истифодаи оқилонаи иқтидори иқтисодии минтақа вазифаи муҳими мақомоти давлатӣ мебошад.

**Адабиёт**


1. Веблен Т. Теория праздного класса / Т. Веблен. - М.: Прогресс, 1984. - 368 с.
2. Вернадский, В.И. Научная мысль как планетное явление / В.И. Вернадский. – М.: Наука, 1991. – 270 с.
3. Зотов В.В. Проблемы институционального анализа российских предприятий / В.В. Зотов, В.Ф. Песняков, В.О. Розенталь // Экономическая наука современной России. - 2002. - №3 - С. 40-55.
4. Кадыров Д.Б. Государственное регулирование экономики как составная часть системы государственного управления. /Д.Б. Кадыров, И.А. Ашмаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических *и* общественных наук. – 2015. - №2/1(157). - С. 50-58.
5. Кандиёрова Д.О. Инвестиционные процессы в Республике Таджикистан: региональный аспект / Д.О. Кандиёрова, Б.Г. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических *и* общественных наук. - 2015. - №2/1(157) - С. 176-185.
6. Коптюг В.А. Информационный обзор / В.А. Коптюг // Конференция ООН по окружающей среде и развитию (3-14 июня 1992 г. Рио-де-Жанейро). – Новосибирск: СО РАН, 1992. - 62 с.
7. Коуз, Р. Фирма, рынок, право / Р. Коуз. – М.: Дело ЛТД, 1993. – 192 с.
8. Кузнецов О.Л. Устойчивое развитие. Научные основы проектирования в системе природа-общество-человек / О.Л. Кузнецов, П.Г. Кузнецов, Б.Е.

Большаков. // Международный университет природы, общества и человека "Дубна"; Государственный научный центр РФ ВНИИ геосистем.- Дубна, 2001. - 604 с.

9. Мирзоева Е. Факторы и условия обеспечения инвестиционной привлекательности: проблемы и перспективы / Е. Мирзоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2013. - №2/1(103). - С. 169-173.
10. Орлова А.В. Непрерывные дроби / А.В. Орлова и др. // Современные проблемы науки и образования. (продолжающееся издание) - 2014. - №1. – [электронный ресурс]. - URL: www.science-education.ru/115-12151 (дата обращения: 22.10.2023).
11. Солехзода А.А. Совершенствование механизма Государственного регулирования рынка платных услуг. / А.А.Солехзода, Б.К. Рахимзода //Вестник Таджикского национального университета. - 2015. - №2/8 (181). - С. 279-286.
12. Саидмуродов, Л. Х. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления / Л. Х. Саидмуродов, В. Д. Сабуров. – Душанбе : ООО «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176 с. – ISBN 978-99975-384-6-8. – EDN VYJXSN.
13. Сафаров, Б. Г. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мафҳуми сармоягузории хориҷӣ / Б. Г. Сафаров, М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 4-2(34). – P. 34-42. – EDN BSYDQP.
14. Худойбердиев, Д. М. Современная внешнеторговая ситуация Республики Таджикистана / Д. М. Худойбердиев, Б. Рустамов // Наука и технологии : VI Международная научно-практическая конференция: материалы, Алматы, Казахстан, 05–25 апреля 2023 года. – Алматы, Казахстан: Общественный Фонд "Международный исследовательский центр "Endless Light in Science", 2023. – С. 211-216. – DOI 10.24412/2709-1201-2023-211-216.
15. Шарипов, Б. М. Финансовые механизмы стимулирования инновационного развития экономики Республики Таджикистан / Б. М. Шарипов, Ф. Файзуллоева, А. С. Холикзода // Экономика Таджикистана. – 2020. – № S4-1. – С. 41-50.
16. Шарипов, Б. М. Методы оценки влияния финансового рынка на экономический рост: эволюция подходов / Б. М. Шарипов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 1. – С. 47-55.

**УДК**: 657.6 (575.3)

# ИСТИФОДАИ МОДЕЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ)

## (дар мисоли водии Зарафшон)

***Бобомуродов Пайрав Хайриевич*** - *унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *ш. Душанбе*, *кӯчаи Нахимов* 64/14. *Телефон*: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

*Дар мақола модели рушди баҳисобгирии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳаммияти он дар шароити гузариш ба низоми саноатӣ-аграрии иқтисодиёт мавриди омӯзиши ҳамаҷониба ва хулосагирии зарурӣ қарор дода шудааст.*

*Муҳаққиқ дар мақолаи худ такомули баҳисобгирии муҳосибиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар асоси модели миллии рушди баҳисобгирӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ асоснок намуда, оид ба истифодаи он дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тавсияҳои амалӣ додааст. Аз маълумоти таҳлилкардашуда бармеояд, ки истифодаи модели муосири баҳисобгирӣ дар шароити хоҷагиҳои деҳқонӣ хуб буда, дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ тавсия мешавад.*

*Ба ақидаи муаллиф, тибқи ин модел нишондиҳандаҳо ва методикаи баҳодиҳӣ ба самаранокии фаъолияти хизматрасонии муҳосибӣ дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ асоснок карда шуда, муҳим шуморида мешавад.*

***Калидвожаҳо**: рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, модели идоракунӣ, хоҷагии қишлоқ, саноатикунонӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, аграрӣ-индустриалӣ.*

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ БУХГАЛТЕРСКОЙ МОДЕЛИ В ДЕХКАНСКИХ (ФЕРМЕРСКИХ) ХОЗЯЙСТВАХ

**(*на примере Зерафшанской долины*)**

***Бобомуродов Пайрав Хайриевич** - соискатель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Телефон*: 93- 539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

*В статье о модели развития бухгалтерского учета дехканских хозяйств и его значении в условиях перехода к индустриально-аграрной системе хозяйства дается всестороннее исследование и делаются необходимые выводы.*

*В своей статье исследователь обосновал совершенствование бухгалтерского учета в агрохолдингах на основе таджикской модели развития бухгалтерского учета в сфере сельского хозяйства и дал практические рекомендации по его использованию в агрохолдингах. Из проанализированных данных следует, что использование современной модели бухгалтерского учета целесообразно в условиях фермерских хозяйств и рекомендуется при управлении хозяйствующими субъектами.*

*По мнению автора, согласно этой модели, показатели и методы оценки эффективности бухгалтерской службы в сельскохозяйственных предприятиях являются обоснованными и важными.*

***Ключевые слова**: развитие фермерских хозяйств, модель управления, сельское хозяйство, индустриализация, сельскохозяйственное производство, агропромышленность.*

## USING THE ACCOUNTING MODEL IN DEKHKAN (FARM) FARMS

(on the example of the Zerafshan Valley)

Bobomurodov Pairav Hairievich - an applicant of department is an record-keeping of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

The article on the development model of accounting for dekhkan farms and its significance in the context of the transition to an industrial-agrarian system of economy provides a comprehensive study and draws the necessary conclusions.

In his article, the researcher substantiated the improvement of accounting in agricultural holdings on the basis of the Tajik model for the development of accounting in the field of agriculture and gave practical recommendations for its use in agricultural holdings. From the analyzed data it follows that the use of a modern accounting model is expedient in the conditions of farms and is recommended in the management of business entities.

According to the author, according to this model, the indicators and methods for assessing the effectiveness of the accounting service in agricultural enterprises are reasonable and important.

Key words: farm development, management model, agriculture, industrialization, agricultural production, agro-industry.

Тибқи Қонуни Ҷумурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» мафҳуми хоҷагиҳои деҳқонӣ бо мафҳуми хоҷагиҳои фермерӣ тавъам оварда шудаанд.

Мо пешниҳод мекунем, ки мафҳуми «хоҷагии деҳқонӣ» аз мафҳуми «хоҷагии фермерӣ» ҷудо карда шавад.

Хоҷагии деҳқонӣ – хоҷагиҳое мебошанд, ки масоҳати онҳо то 1 гектар бошад ва дар онҳо танҳо аъзоёни як оила кор кунанд. Ин гуна хоҷагиҳо бояд дар шакли соҳибкорони инфиродӣ ба қайд гирифта шаванд ва барои онҳо меъёри андозбандии муайян таҳия карда шавад [3]. Ҳоҷагиҳои фермерӣ – хоҷагиҳое бошанд, ки масоҳати онҳо зиёда аз 1 гектарро ташкил диҳанд ва онҳо дар шакли шахсони ҳуқуқӣ ташкил карда шаванд. Барои ин гуна хоҷагиҳо имтиёзҳои андозӣ пешниҳод карда шаванд.

Дар тӯли се соли аввал тамоми хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерии нав таъсисшаванда аз пардохти андозҳо озод карда шаванд. Чунки онҳо дар ин муддат аз ҷиҳати молиявӣ устувор гарданд ва барои фаъолияти минбаъдаи худ боварӣ пайдо кунанд. Шароити муайяни ҳуқуқӣ муҳайё карда шавад, то ин ки хоҷагиҳои деҳқонӣ сертификатҳои ҳуқуқи истифодабарии заминашонро дар бонкҳо ба сифати гарав гузошта, қарз гирифта тавонанд. Тоҷикистон мамлакати аграрӣ-индустриалӣ мебошад, бинобар ин, аз пешравӣ ва тараққиёти ояндаи ин соҳаи муҳимми хоҷагии халқ, пеш аз ҳама, зисту зиндагонии аҳолии мамлакати мо беҳтар мешавад, сатҳи камбизоатӣ паст шуда, таъминоти хӯрокворӣ, гӯшту шир хело беҳтар шуда, некуаҳволии умумии мамлакат ба пеш меравад. Аз ин рӯ, бояд дар хоҷагиҳо, ноҳияҳо, вилоятҳо тамоми сохторҳое, ки дар ин шароити вазнини бозоргонӣ кор карда истодаанд ва бояд чунин корҳои ташкилиеро истифода баранд, ки нақшаҳои истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ бечуну чаро иҷро шаванд [4, с. 75]. Баъди истиқлолият дар Тоҷикистон истеҳсолоти соҳаҳои гуногуни ҳамаи хоҷагии халқи мамлакат ба пастравӣ оғоз карда, фақат аз соли 1997 оҳиста - оҳиста истеҳсоли маҳсулот назар ба солҳои гузашта зиёд шуда, ба пешравӣ ноил шуд. Рушди кишоварзӣ - ҷузъи муҳимтарини иқтисодиёти гуногунҷабҳаи таҳияшуда дар бахши кишоварзӣ мебошад. Муносибатҳои бозорӣ муҳити мусоиди берунаро фароҳам меоранд, ки дар он хоҷагиҳои деҳқонӣ озодона мувофиқи манфиатҳои худ фаъолият карда метавонанд.

Ба ақидаи мо, дар шароити муносибатҳои бозорӣ танҳо амалия бояд самаранокии баъзеҳо ва ғайри қобили қабул будани дигаронро тасдиқ кунад ё ягон шаклҳои нави идоракунӣ пайдо намояд. Ҳамин тавр, кишоварзӣ - на алтернатива ба иқтисодиёти васеъмиқёси иҷтимоӣ, муқовимати шаклҳо, балки омезиш ва мукаммалсозии онҳо мебошад [10, с. 112]. Робита ва рақобатпазирии ин шаклҳо барои истифодаи пурраи захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Танҳо мулоҳизакорӣ, асоснокӣ, озмоиши амалии ҳар як қадами нав, истифодаи ҳадди аксари таҷрибаи ҷамъшудаи дигар кишварҳо дар рушди иқтисодиёти кишоварзӣ, аз ҷумла интихоби шаклҳои ояндадори ташкили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳалли мушкилоти озуқаворӣ мусоидат мекунад [1, с. 17].

Муносибатҳои методӣ оид ба рушди инноватсионӣ дар «Модели тоҷикии рушди маҷмааи агросаноатӣ» таъкид месозад, ки муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд аз рӯйи принсипи ягонаи муҳосибӣ амал кунанд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), аз рӯйи табиати худ, субъекти соҳибкории хурд мебошанд. Аз ин рӯ, ба онҳо дар доираи қонун бояд амали Қонун «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» паҳн шавад, ки ба амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба истифодаи озоди қобилият ва амволи худ барои анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ, ки қонун манъ накардааст, нигаронида шуда, муқарраротӣ умумиро дар соҳаи дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии рушди тиҷорати хурд дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт муқаррар менамояд, ки инро дар хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) водии Зарафшон васеъ истифода менамояд. Аз ин рӯ, мо ҳама паҳлуҳои илмию назариявии

баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқониро таҳқиқ намуда, модели баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқониро пешниҳод намудем (нигаред ба расми 1).




**Расми 1. Модели рушди баҳисобгирӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)**

**Манбаъ**: таҳияи муаллиф.

Модели тавсиягардида имкон медиҳад, ки таъсиси низоми таъминоти моддию техникии хоҷагиҳои деҳқонӣ тавассути тезонидани хусусигардонии корхонаҳо дар соҳаи хизматрасонии кишоварзӣ, бартараф намудани заминҳои хурдҳаҷм, мутаносибгардонии андозаи хоҷагиҳо мутобиқи ихтисоси саноатии онҳо дар асоси ҷорӣ кардани механизми меъёрии иҷораи замин ва ташкили бозори замин ҳамчун унсури муҳимми низоми ягонаи иқтисоди бозорӣ, рушди муносибатҳои иҷоравӣ, қитъаҳои шахсии ёрирасони аҳолӣ ҳамчун шарти воқеии иқтисодӣ барои тавсеаи шакли хусусии хоҷагидорӣ дар деҳот рушд намояд. Шаклҳои фаъолияти хоҷагӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар водии Зарафшон (ниг. ба расми 2).



**Расми 2. Шаклҳои фаъолияти хоҷагӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)**
**Манбаъ**: таҳияи муаллиф.

Дар деҳот асосан занҳо барои корҳои хоҷагидорӣ машғул мебошанд ва имрӯзҳо зиёда аз 70%-и аҳолӣ дар деҳот истиқомат менамоянд. Ба ҳисоби миёна 25-30%-и маҳсулоти умумии дохилӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз ин ҳисоб ташаккул ёфта, таъсис ва таҳовул додани шаклҳои нави хоҷагидориро дар шароити бозор тақозо менамояд.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҷамъияти инсонӣ элементи муҳимми муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти бозорӣ ва такмили идоракунӣ таҳияи стратегияи нави рушди корхонаҳо, нақш ва аҳаммияти баҳисобгирии муҳосибӣ меафзояд. Низоми аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ барои самаранок истифода кардани мазмун ва таҳлили ҳолати молиявию амволи корхона (ташкилот) мусоидат менамояд [6].

Хусусияти баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагии қишлоқ ба низоми ташкили он дар кишоварзӣ алоқаманд буда, аз хусусиятҳо ва ҳолатҳои зерини соҳа иборат аст:

1. Объекти калидии истеҳсолоти кишоварзӣ замин аст. Замини бо ифодаи натуравӣ баҳисобгирифташуда, бо ченаки гектар ифода карда мешавад. Дар ҳолати маблағгузорӣ барои беҳдошти ҳолати замин бо ифодаи гектар ва пулӣ чен карда мешавад.
2. Дар як субъекти иқтисодӣ ҷорӣ кардани якчанд шакли фаъолият (ғаллапарварӣ, пахтапарварӣ ва дигар соҳаи растанипарварӣ, чорводорӣ) зарурати пешбурди намудҳои гуногуни баҳисобгириро аз рӯйи ҳар як намуди фаъолият талаб мекунад.
3. Сарборӣ (ҳаҷми корҳо) дар давоми сол нобаробар тақсим карда шудааст, зеро қисми зиёди намудҳои корҳои хоҷагии қишлоқ мавсимӣ буда, бо якдигар мувофиқат намекунанд.
4. Баланд шудани талабот ба истифодаи масолеҳ ва ашё барои гардиши дохилии истеҳсоли хоҷагӣ, яъне захираҳои моддие, ки дар дохили корхона барои иҷрои мақсадҳои дохили хоҷагӣ аз рӯйи талабот истифода карда мешаванд (тухмӣ, хӯроки чорво, пору ва ғ.), баҳисобгирии алоҳидаро талаб мекунад.
5. Истифодаи миқдори зиёди техника ва таҷҳизоти худии корхона, инчунин воситаҳои ба иҷора гирифташуда, зарурати баҳисобгирии муҳосибиро дар ин самт ба амал меорад. Айни ҳол ба ҳисоб гирифтани воситаҳои асосӣ хеле муҳим аст.
6. Аз як зироат ё чорво гирифтани ду ва се намуди маҳсулот. Дуруст муайян кардани арзиши аслии он, ки дар ин самт нақши баҳисобгирии муҳосибӣ хеле назаррас аст.
7. Якхела набудани шароити табиии иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ. Вобаста ба ин дар вақтҳои гуногун гузаронидани шудгор, коркарди байни қаторҳо, ҷамъоварии ҳосил гузаронида мешавад. Ин ва дигар хусусиятҳо зарурати ташкили баҳисобгирӣ ва ба назорат гирифтани омилҳои истеҳсолӣ, хоҷагӣ, тақсими маводро талаб мекунад [4].

Бояд ёдовар шуд, ки дар айни ҳол дар соҳаи кишоварзӣ шаклҳои гуногуни истеҳсолоти саноатӣ фаъолият мекунанд ва зарурати ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва такмилдиҳии онро талаб мекунад.

Дар хоҷагии қишлоқ чунин корхонаҳои саноатӣ ё коркардкунандаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мавҷуд аст ва қисман ё пурра фаъолият мекунанд:

Истеҳсоли равған (аз пахта, зағир, офтобпараст, кунҷит);
Истеҳсоли орд;
Заводҳои консервабарорӣ (аз помидор, бодиринг, пиёзи анзур ва ғайра);
Нуқтаҳои молкушӣ, комбинатҳои гӯшт ва коркарди аввалияи он;
Оид ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмон (тахта, хишт, сафоли бомпӯшии хона);
Устохонаи оҳангар;
Истеҳсоли оҳак, қум барои сохтмон, сангреза, санг барои сохтмон ва ғайра;

Коркарди маҳсулоти чорводорӣ, махсусан шир ва маҳсулоти ширӣ;

Сеххои хурду миёнаи хушконидани мева (зардолу, себ, олуча, олу, ангур);

Коркарди саноатии себ ва ангур (шарбати мева, спирт, шароб ва ғайра);

Коркарди маҳсулоти паранда, маҳсулоти моҳипарварӣ ва ғ.

Барои ба ҳисоб гирифтани сарфи хароҷот ва истеҳсоли маҳсулоти истеҳсолшуда дар соҳаҳои баамаломада ва коркарди онҳо дар корхонаҳои дар боло зикршуда нақшаи ҳисоби махсус – 20/1,2,3 (10730,55100) "Истеҳсолоти асосӣ" ҳисоби ёрирасони "Саноат" пешбинӣ карда шудааст [4, с. 133].

Ҳамаи ин хароҷот ва маҳсулот дар ҳисоби 20/1,2,3 (10730, 55100) истеҳсолоти асосӣ, ҳисоби ёрирасони «Саноат» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки пойгоҳи асосии ахбори идоракунии корхонаҳои хоҷагии қишлоқро баҳисобгирии муҳосибӣ ташкил медиҳад. Вай бояд ҳамаи талаботи истеъмолкунандагони низоми идоракунии дохили муассиса ва истеъмолкунандагони беруниро бо ахбори зарурии ҳисоботи молиявӣ барои қабул ва татбиқи қарорҳои объективии иқтисодӣ таъмин намояд [11, с. 91].

Бинобар ин, ахбори баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити имрӯза бояд хусусиятҳои хоси худро дошта бошад (дуруст, эътиборнокӣ, саҳеҳ, боварибахш, асоснок, таъҷилӣ, дар ҷояш, бо маврид будан, ҳақиқӣ будан, фасеҳӣ (чандирӣ) ва хусусиятҳои сифатӣ (фоидаовар, фоидабахш, эътимоднок, мавҷуд будан ё вуҷуд доштани маълумотҳо) барои идоракунии раванди хоҷагидорӣ ва моликияти ташкилот дошта бошад. [5, с. 52].

Ин нисбатан қадамҳои устуворро дар роҳи татбиқи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагии қишлоқ, мувофиқ ба принсипҳои умумӣ қабулгардида (эътирофшуда) ва талаботи СБҲМ талаб мекунад. Дар асоси дастовардҳои гузошта ва ҳоло амалкунанда бояд ислоҳоти ташкил ва татбиқи баҳисобгирии муҳосибӣ гузаронида шавад, ки он ба талаботи масъалаҳои назариявӣ ва амалии саноатикунонии мамлакат мувофиқат кунад ва самаранокии саноат ва хоҷагии қишлоқро таъмин намояд.

Модели баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба хусусиятҳои махсуси пешбурди баҳисобгирӣ аз рӯйи аломатҳои зерин мувофиқат кунад: ахборӣ, нақшаи ҳисобҳо, низоми навишти дутарафа ва дараҷаи қабул кардани он, дар мавриди аз ҳад зиёд будани мураккабии дастгоҳи математикӣ, зарурати истифодаи низоми ҳозираи автоматии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, талаботи ҷиддии хизматрасонии андоз нисбат ба пешбурди баҳисобгирӣ, инчунин барои ҷорӣ кардани талаботи СБҲМ оид ба ҳалли бештар мушкилоти мавҷуда ба таври васеъ истифода кардани онҳо дар корҳои баҳисобгирӣ мусоидаткунандаро таъмин намояд [9, с. 40].

Ҳоло дар қисми зиёди корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, махсусан хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) водии Зарафшон, баҳисобгирии идоравӣ бо таври васеъ дар ҳар се шакли ташкили он тараққӣ накардааст. Низоми ягона ва меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва масъулият барои иҷро накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» дар хоҷагиҳои деҳқонӣ нест. Асосан дар низоми хоҷагиҳои деҳқонии миёна ва калон талаботи баҳисобгирии муҳосибии идоравӣ каме ба роҳ монда шудаасту халос.

Новобаста ба он ки бештари масъалаҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоравӣ аз тарафи олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқот қарор дода шуда бошанд ҳам, лекин ҳоло масъалаҳои зиёде ҳаст, ки бояд онҳо мутобиқи шароиту талаботи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан тибқи талаботи иқтисоди бозорӣ ва СБҲМ бояд мавриди омӯзиш, таҳлилу тадқиқот қарор дода шаванд.

Рушди устувор васеъшавии доимии истеҳсолоти молҳо ва хизматрасониро бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ талаб мекунад. Асоси рушди устуворро низоми бозор, нарх, ки инъикоскунандаи арзиши захираҳо аст, ташкил медиҳад. Ҳамзамон, истифодаи захираҳои табиӣ бояд оқилона ба роҳ монда шуда, раванди истеҳсолот ва истеъмолот - аз ҷиҳати экологӣ тоза бошад. Давлат бояд заминаҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва шароитро барои рушди интенсивии иқтисодиёти сабз бунёд намояд. Бозори озод метавонад механизми ҳавасмандиро барои гузариш ба иқтисодиёти сабз таъмин намояд.

Қобили зикр аст, ки ҷиҳати кам кардани таъсири омилҳои номусоиди зикршуда дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст, ки самтҳои зерини дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ татбиқ карда шаванд.

Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин мутамарказ гардонида мешавад:

1. Таъмини рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи беҳтар кардани сифати он ва кам кардани хароҷот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва татбиқи технологияи захирасарфакунанда, таҷҳизоти техникӣ ва такмил додани соҳаи аграрӣ;
2. Таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ дар маҷмуи агросаноатӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионии институтҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;
3. Баланд бардоштани самаранокии таҳқиқоти илмие, ки ҷиҳати ба вуҷуд овардани навъҳои нави рақобатпазир, воридотивазкунандаи зироатҳои кишоварзӣ, коркарди технологияҳои интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилхезии хок, истифодаи усулҳои ҳамгиросозандаи мубориза бар зараррасонандаҳои кишоварзӣ нигаронида шудаанд;
4. Ташкили ҷараёнҳои баҳисобгирӣ дар шароити диверсификатсияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда шавад;
5. Нишондиҳандаҳо ва методикаи баҳодиҳӣ ба самаранокии фаъолияти хизматрасонии муҳосибӣ дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ асоснок карда шавад;
6. Рушди ҳисоботи муҳосибӣ тибқи ба СБҲМ-41 “Хоҷагии қишлоқ” ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, фарқиятҳои асосӣ, принсипҳои он ва омилҳои ба мазмуни ҳисоботи молиявӣ таъсиркунанда дар хоҷагии қишлоқ муайян карда шавад;
7. Стратегияи ташаккули самараноки низоми баҳисобгирӣ дар корхонаҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки ба баланд бардоштани сатҳи таъмини ахбории хоҷагидорӣ, қабули қарорҳои идоракунии зарурии мусоидаткунандаро таҳия ва пешниҳод намудан лозим аст.

**АДАБИЁТ**


1. Ашуров И.С. Интенсификации молочного скотоводства региона / И.С. Ашуров, Х.А. Муллоев. – Душанбе: Эр-граф, 2017. - 171 с.
2. Бобомуродов П.Х. Хусусиятҳо ва аҳамияти фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар рушди идоракунии иқтисоди миллӣ [Матн] / П.Х. Бобомуродов, Х.Х. Бадалов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. - №1 (40). - С. 29-35.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», 25 марти соли 2011. - №702.
4. Низомов С.Ф. Ташкили баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) / С.Ф. Низомов, П.Х. Бобомуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - №8. - С. 133-140.

5. Низомов С.Ф. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ / С.Ф. Низомов, Д.Ҷ. Икромова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - №2. - С. 51-60.
6. Олимов Д.А. Таснифот ва истифодаи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи СБҲМ дар корхонаҳо / Д.А. Олимов, Т.Р. Иброҳимов // Паёми молия ва иқтисод. -2021. - №3 (32). - С. 185-191.
7. Сафаров, Б. Г. Формирование механизма привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан / Б. Г. Сафаров, Д. К. Ходжаев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 2(27). – С. 70-78.
8. Хендрексен Э.С. Теория бухгалтерского учета. Учебное пособие / Э.С. Хендрексен, М.Ф. Ван Бреда. - Москва: Финансы и статистика, 2000. – 576 с.
9. Шарифов З.Р. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи кишоварзӣ / З.Р. Шарифов, С.М. Саидов, Н.Ш. Кабиров, З.М. Маҳмадназаров. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 383 с.
10. Шарифов З.Р. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ / З.Р. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 316 с.
11. Шарифов З.Р. Моделҳои баҳисобгирии муҳосибӣ / З.Р. Шарифов, П.Х. Бобомуродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. - 256 с.
12. Шарипов, Б. М. Методы оценки влияния финансового рынка на экономический рост: эволюция подходов / Б. М. Шарипов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 1. – С. 47-55.

**УДК**: 336.71

## ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ-ОМОРИИ СОХТОРИ БОЗОРИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

***Одинаев Абдухолиқ Саторович*** *- муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *ш. Душанбе*, *кӯчаи Нахимов*, 64/14. *Тел*.: 919-33-63-63. E-mail: Odinaev - 8686@mail.ru.

*Дар мақола самтҳои асосии бозори қарзи бонкӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳимтарини омори макроиқтисодӣ, сохтори қарзгузории бонкҳо бо пули миллӣ, арзёбии омории самараноки бозори қарз ва иқтидори таъминнокии қарз дар соҳаҳои иқтисодиёт ва соҳаи истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада баррасӣ гардидаанд.*

*Муаллиф муносибатҳои мухталифи назариявӣ ва методологиро ба таҳқиқи масъалаи баррасишаванда хулосабандӣ намуда, собит намудааст, ки арзёбии омории самараноки бозори қарз ва иқтидори таъминнокии қарз дар соҳаҳои иқтисодиёт тавассути таҳлили омории сохторӣ ба даст оварда мешавад. Бозори қарзи бонкӣ яке аз унсури таркибӣ ва мустақили бозори молия буда, ҳамчун омили калидии таконди ҳандаи иқтисоди муосир ба дигар нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодӣ ё дар маҷмуъ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад.*

***Калидвожаҳо***: *бозор*, *қарз*, *сохтор*, *рушд*, *иқтисодиёт*, *омор*, *пул*, *молия*, *лизинг*, *соҳаи иҷтимоӣ*.

## ЭКОНОМИКО-СТАТИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СТРУКТУРЫ БАНКОВСКИХ КРЕДИТНЫХ РЫНКОВ В ОТРАСЛЯХ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

***Одинаев Абдухолик Саторович*** *– старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан*, *г. Душанбе*, *ул. Нахимова*, 64/14. *Телефон*: 919-33-63-63. E-mail: Odinaev - 8686@mail.ru.

*В статье рассмотрены основные направления развития банковского кредитного рынка как важнейшего показателя макроэкономической статистики, структура кредитования банков в национальной валюте, эффективная статистическая оценка кредитного рынка и потенциал улучшения кредитования в экономике и раскрыты области практического применения полученных результатов.*

*Автором сделаны выводы о различных теоретико-методологических подходах к исследованию рассматриваемого вопроса, доказано, что эффективная статистическая оценка кредитного рынка и емкости кредита в экономической сфере получается посредством структурного статистического анализа. Рынок банковских кредитов является одним из элементов состава и независимым от финансового рынка и как ключевой фактор, влияющий на современную экономику, влияет на другие показатели макроэкономического развития или в целом на уровень жизни населения.*

*Ключевые слова: рынок, кредит, структура, развитие, экономика, статистика, деньги, финансы, лизинг, социальная отрасль.*

## ECONOMIC-STATISTICAL ANALYSIS OF THE STRUCTURE OF THE BANK LOAN MARKET IN THE SECTORS OF THE NATIONAL ECONOMY

Odinaev Abduholic Satorovich - senior lecturer of the department of economic analysis and statistics of the State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734067. Tel: 919-33-63-63, E-mail: Odinaev - 8686@mail.ru.

In the article, the main directions of the bank credit market as the most important indicator of macroeconomic statistics, the structure of banks' lending in national currency, the effective statistical assessment of the credit market and the potential of credit improvement in the economy and the field of practical use of the obtained results are disclosed.

The author concluded various theoretical and methodological approaches to the study of the issue under consideration, and proved that the effective statistical assessment of the credit market and the credit capacity in the economy can be achieved through structural statistical analysis. The bank loan market is one of the elements of the composition and independent of the financial market, and as a key factor influencing the modern economy, it affects other indicators of macroeconomic development or, in general, the standard of living of the population.

Key words: market, credit, structure, development, economy, statistics, money, finance, leasing, social sphere.

Қобили зикр аст, ки омилҳои беруна ва дохили кишвар, аз он ҷумла таҳримҳои иқтисодӣ дар давраи муосир ба бозори қарз ва дар маҷмуъ, ба рушди иқтисодиёти ҷумҳури таъсири бевосита мерасонад. Ҳамзамон, ба воситаи низоми нишондиҳандаҳои бозори қарзӣ ба дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ низ таъсиррасон буда, зарурати омӯзиш ва таҳлили механизми бозори мазкурро тақозо менамояд. Арзёбии омории самараноки бозори қарз ва иқтидори таъминокии қарз дар соҳаҳои иқтисодиёт, тавассути таҳлили омории сохторӣ ба даст оварда мешавад. Бозори қарзи бонкӣ яке аз унсури таркиби ва мустақили бозори молия буда, ҳамчун омили калидии такондиҳандаи иқтисоди муосир ба дигар нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодӣ ё дар маҷмуъ, ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад.

Ба ақидаи аксари олимони соҳа, «бозори қарзи бонкӣ хусусияти объективии низомии иқтисодӣ мебошад ва тавсифи он бо фаъолияти воқеии рушди иқтисодиёт муқоиса карда мешавад" [10, с.93-97]. Ба ин маъно, таҳқиқоти назариявии рушди бозори қарзи бонкӣ аҳаммияти бузурги амалӣ дошта, бевосита бо назардошти системаи нишондиҳандаҳое, ки сохтори онҳоро инъикос мекунанд, гузаронида мешавад.

Сохтор, аз нигоҳи илми омор, ин воҳидҳои бо ҳам алоқаманде, ки маҷмуъро ташкил медиҳад, номида мешавад. Сохтор дар омори бозори қарзи бонкӣ аз рӯи воҳид андозагирӣ намуда, дар шакли маҷмуъ баҳогузорӣ мегардад. Шаклҳои қарз инъикоскунандаи сохтори муносибати қарзӣ буда, сохтори субъектҳо ва тағйирёбии гуногун дар дохил ва берун, инчунин, ҳамчун таркиби асосии алоқаманди бозори қарзӣ мебошад [9, с.161-162]. Ҳарчанд ин тағйирёбӣ байни қарздиҳанда ва қарзгир пайдо мегардад, ки дар асоси арзиш ва шакли қарз дар маҷмуъ мафҳуми вай ҳамчун категорияи иқтисодӣ боқӣ мемонад. Ба ақидаи олими рус И.И. Елисеева, “Сохтор ин сохт ё шакли ташкили маҷмуъ аст, ки аз унсурҳои алоҳида ё воҳид, ё ин ки гурӯҳҳои воҳидҳои маҷмуъ иборат мебошад” [5, с.45-46].

Вобаста ба ин нукта, бояд қайд намоем, ки сохтор танҳо ба воситаи ҳисса ё вазни қиёс андозагирӣ карда мешавад. Дар ҳолати нобаробарии тақсимоти воҳидҳои маҷмуъ ба гурӯҳҳои алоҳида дар таҳлили омори коэффитсиентҳои нобаробарии тақсимотии гуногун ва нишондиҳандаҳои мутамарказонидашуда, истифода мегардад. Дар асл аз тарафи олимони соҳа усулҳои гуногуни ҳисоби таҳлили сохтор таҳқиқ гаштаанд, ки мо низ пайравӣ намуда, чанде аз онҳоро қобили истифода дар таҳлили худ қарор хоҳем дод. Масалан, коэффитсиенти нобаробарии тақсимотӣ, ки аз тарафи олими рус пешниҳод гаштааст, чунин амал ва хусусиятро дорост [2, с.13-16]:

$$К_{н.б} = \frac{KJ}{K-1}\sum_{i=1}^{К}(d_i - p)^2 ; \quad (1)$$

Дар ин ҷо : К-шумораи унсурҳои тақсимгаштаи маҷмуъ;

$J$ – шумораи гурӯҳҳо ё унсурҳое, ки ҳиссаашон назар ба дигар болотаранд, яъне 60 фоиз ё зиёдтар аз воҳиди маҷмуъ;

$d_i$-ҳисса ё вазни қиёсии унсурҳо дар ҳаҷми умумии маҷмуъ;

$p$ – вазни қиёсии назариявӣ дар ҳолати баробарченакаи тақсимотии воҳиди маҷмуъ ба гуруҳҳо $p = \frac{1}{К}$.

Коэффитсиенти мазкур дар ҳудуди аз сифр то 1 тағйирёбӣ дорад [1, с.17-22]. Дар ҳолати ба сифр баробар гардидан, тақсимоти баробар ва агар чӣ қадар ба 1 наздик гардад, ҳамон қадар нобаробарӣ зиёд мушоҳида мегардад [4, с.133-134]. Дар ҷадвали дар поён овардашуда мувофиқи формулаи мазкур, аз сабабе ки ба 60% ягон унсури мо баробар ё зиёд нест, ба сифр баробар мегардад, ки ин гувоҳӣ он аст, ки баробарӣ дуруст ба роҳ монда шудааст. Аслан, мо ҳуқуқи истифодабарии формулаи мазкурро надорем, сабаб мувофиқи меъёри муайянгашта (60%), тибқи ақидаи Елисеева, нишондиҳанда вуҷуд надорад. Дар баробари ин, З.Х. Иматчоев ва дигарон қайд менамоянд, ки коэффитсиенти тақсимотии мутамарказ аз коэффитсиенти овардашуда фаркият надорад:

$$К_{мутамарказ} = \frac{1}{2}\sum_{i=1}^{К}\left|d_i - \frac{1}{К}\right| \quad ; \ (2)$$

Н.Н. Солиев дар китоби “Назарияи умумии омор” қайд менамояд, ки дар таҳлили тағйирёбии сохтори маҷмуъ дар муҳлати вақт нишондиҳандаҳои умумикардашудаи тағйироти сохтории гуногунро истифода менамоянд, монанди “коэффитсиенти Гатева, коэффитсиенти хаттии тағйироти сохтории мутлақ, квадратӣ, индекси фарқият ва ғ.” [11, с. 32-33]. Бо истифода аз идеяи мазкур коэффитсиенти интегралии тағйироти сохтории К. Гатеваро мавриди таҳқиқ қарор додем:

$$К_{Гатева} = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{К}(d_i - d_0)^2}{\sum_{i=1}^{К} {d_i}^2 + \sum_{i=1}^{К} {d_0}^2}} ; \ (3)$$

Дар ин ҷо: $d_i - d_0$-унсурҳо дар давраи базисӣ ва ҳисоботӣ.

Моҳияти формулаи мазкур низ аз 0 то 1 буда, чӣ қадар ба 1 наздик гардад, ҳамон қадар тағйироти қавии сохторӣ вуҷуд дорад [13, с.129-140]. Коэффитсиенти хаттии

тағйироти сохторӣ ва тамоили миёнаи квадратӣ низ моҳиятан ба коэффитсиенти мазкур наздикӣ дорад, ки чунин тасвир менамоем:

$$К_{хаттӣ} = \frac{\sum_{i=1}^{к}\left|d_1 - d_0\right|}{к}; \quad (4)$$

Дар ин ҷо: К-миқдори унсурҳои таҳлилшаванда.

Коэффитсиенти хаттии тағйироти сохтории мутлақ, дар натиҷа, нишон медиҳад, ки унсурҳо, ба ҳисоби миёна, чанд банди фоизӣ зиёд ё кам гаштаанд.

$$К_{квадратӣ} = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{к}(d_i - d_0)^2}{к}}; \quad (5)$$

Коэффитсиенти овардашуда бошад, ба монанди коэффитсиенти хаттии тағйироти сохтории мутлақ нишон медиҳад, ки унсурҳо дар давраи таҳлилшаванда чӣ қадар тамоили дуршавӣ ё наздикшавӣ доранд.

Дар ин асоси формулаҳои мазкур сохтори қарзгузории бонкҳоро бо пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем:

**Ҷадвали 1. - Сохтори қарзгузории бонкҳо бо пули миллӣ (млн сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Ҳиссаи қарзгузории бонкҳо дар ҳаҷми умумӣ (вобаста ба соҳаҳо бо %)** | | | | | | $\left\lvert R_1 - R_0 \right\rvert$ | $(R_1 - R_0)^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 ($R_0$) | **Бо %** | $(R_0)^2$ | 2022 ($R_1$) | **Бо %** | $(R_1)^2$ | | |
| **Ҳамагӣ** | 8741,3 | 100 | -- | 13657,0 | 100 | - | - | - |
| кӯтоҳмуддат | 3674,8 | 42,0 | 1764 | 4249,2 | 31,11 | 967,83 | 10,89 | 118,5921 |
| дарозмуддат | 5066,5 | 58,0 | 3364 | 9407,8 | 68,89 | 4745,83 | 10,89 | 118,5921 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| **Корхонаҳои тиҷоратӣ** | 2204,7 | 25,22 | 636,05* | 3171,8 | 23,22 | 539,16* | 2,0 | 4,0 |
| кӯтоҳмуддат | 861,9 | 23,45 | 549,90 | 471,0 | 11,08 | 122,76 | 12,37 | 153,0169 |
| дарозмуддат | 1342,8 | 26,50 | 702,25 | 2700,81 | 28,71 | 824,26 | 2,21 | 4,8841 |
| **Корхонаҳои давлатӣ** | 2168,2 | 24,80 | 615,04* | 2125,2 | 15,56 | 242,11* | 9,24 | 85,3776 |
| кӯтоҳмуддат | 64,1 | 1,75 | 3,0625 | 102,2 | 2,40 | 5,76 | 0,65 | 0,4225 |
| дарозмуддат | 2104,1 | 41,53 | 1724,74 | 2023,0 | 21,50 | 462,25 | 20,03 | 401,2009 |
| **Корхонаҳои кишоварзӣ** | 405,1 | 4,64 | 21,53* | 492,6 | 3,61 | 13,032* | 1,03 | 1,0609 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| кӯтоҳмуддат | 272,9 | 7,43 | 55,20 | 472,3 | 11,12 | 123,65 | 3,69 | 13,6161 |
| дарозмуддат | 132,2 | 2,61 | 6,812 | 20,3 | 0,215 | 0,046 | 2,395 | 5,736025 |
| **Шахсони воқеӣ** | 1827,4 | 20,91 | 437,23* | 4886,3 | 35,78 | 1280,20* | 14,87 | 221,1169 |
| кӯтоҳмуддат | 1299,7 | 35,37 | 1251,03 | 2055,3 | 48,37 | 2339,,65 | 13 | 169 |
| дарозмуддат | 527,7 | 10,41 | 108,37 | 2831,0 | 30,09 | 905,40 | 19,68 | 387,3024 |
| **Лизинг** | 2,8 | 0,03 | 0,0009* | 3,3 | 0,024 | 0,0005* | 0,006 | 0,000036 |
| кӯтоҳмуддат | 2,1 | 0,05 | 0,0025 | 0,2 | 0,005 | 0,000025 | 0,045 | 0,002025 |
| дарозмуддат | 0,7 | 0,01 | 0,0001 | 3,1 | 0,032 | 0,0010 | 0,022 | 0,000484 |
| **Дигарҳо** | 2133,1 | 24,40 | 595,36* | 2977,8 | 21,80 | 475,24* | 26,0 | 676,0 |
| кӯтоҳмуддат | 1174,1 | 31,95 | 1020,80 | 1148,2 | 27,02 | 730,08 | 4,93 | 24,3049 |
| дарозмуддат | 959,0 | 18,93 | 358,35 | 1829,6 | 19,45 | 378,30 | 0,52 | 0,2704 |
| | | | 2305,22 | | | 2549,7425 | 53,146 | 987,555436 |
| *Ҷамъ* | 8741,3 | 100 | 259088* | 13657,0 | 100 | 2879,24* | 18,44* | 115,31* |

***Сарчашма***: *дар асоси Маҷмуаи омории Тоҷикистон*: 30 *соли истиқлолияти давлатӣ аз тарафи муаллиф таҳия ва ҳисоб карда шудааст*.

Эзоҳ: (*) танҳо нишондиҳандаҳои калидии бозори қарзӣ $((R_0)^2)$ ва $((R_1)^2)$ ба инобат гирифта шудааст.

Дар ин маврид истифода аз рақамҳои ҳисобии ҷадвали мазкур бо формулаҳои дар боло овардашуда натиҷагирӣ менамоем:

$$К_{Гатева} = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{к}(d_i - d_0)^2}{\sum_{i=1}^{к} {d_i}^2 + \sum_{i=1}^{к} {d_0}^2}} = \sqrt{\frac{987{,}555436}{2549{,}7425 + 2305{,}22}} = \sqrt{0{,}2034} = 0{,}451;$$

Аз натиҷаи (0,451) формулаи мазкур бармеояд, ки тағйироти қавии сохторӣ дар бозори қарзӣ вобаста ба панҷсолаи охир вуҷуд дорад, ба ибораи дигар, тағйироти қавии устувори байни низоми нишондиҳандаҳои бозори қарзӣ вуҷуд дорад.

Бонк ва маҳсулоти бонкӣ барои ҷомеаи васеи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мурури замон дастрас ва наздиктар мегардад.

Афзоиши шумори шӯъбаҳои бонкиро бо ду ҷиҳат метавон баррасӣ кард: аз як тараф, на танҳо афзоиши шумораи нуқтаҳои фурӯши маҳсулот ва хидматрасонии бонкӣ, балки афзоиши талабот ба ин хизматрасониҳо аз ҷониби бонкҳо; шаҳрвандон, соҳибкорони инфиродӣ ва бахши соҳибкорӣ; аз тарафи дигар, инчунин хоҳиши ҳар як бонки ватанӣ ба мизочон наздик шудан.

Аммо васеъгардии шабакаи бахшҳо ва филиалҳои бонкиро метавон аз нуқтаи назари манфӣ арзёбӣ кард, зеро ин далели мустақими маҳдуд шудани равандҳои автоматикунонӣ ва ҷорӣ шудани технологияҳои электронӣ дар бахши бонкии Тоҷикистон аст.

Тавре ки дар амалия нишон медиҳад, дар соҳаи фаъолияти маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ дар Тоҷикистон реклама ҷои асосиро ишғол мекунад. Ин реклама ба доираи васеи аҳолӣ, ки дорои маълумот ва фарҳанги мувофиқ барои сармоягузорӣ кардани пасандозҳои худ дар шароити бозор набуданд, таъсири зиёд расонд. Илова бар ин, рекламае, ки бонкҳо пешниҳод мекунанд, барои баланд бардоштани маркетинг доираи маҳдуд доранд, зеро дар бораи вазъи молиявии онҳо маълумот намедиҳад ва худи бонкҳо маҷмӯи анъанавии хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод мекунанд. Бояд ба назар гирифт, ки рекламаи фаъоли бонкӣ дар давраҳои муайян, махсусан дар

давраи бӯҳрон, ҳатто муштариёнро метарсонад, бо назардошти стереотипҳо, масалан, «бонк дар бораи худ изҳороти баланд медиҳад, зеро мушкилот дорад».

Дар баробари реклама, маркетинги дохилии бонкӣ маркетинги SMS-ро истифода мебарад, ки дар байни усулҳои фаъоли онҳо паёмҳои SMS мебошанд. Имрӯз паёмнависии SMS яке аз ҷузъҳои сиёсати маркетингии бонкҳои Тоҷикистон ба шумор меравад. Маркетинги SMS ҳам барои реклама ва ҳам барои мақсадҳои иттилоотӣ истифода мешавад, аммо дар ҳарду ҳолат он ба он равона карда шудааст, ки ба мизоҷ ҳарчӣ зудтар ва пурра бо маълумоти муайян таъмин карда шавад. Рекламаи SMS самти асосӣ дар маркетинги мобилӣ мебошад, зеро беҳтар аст, ки муштарии эҳтимолиро дар бораи маҳсулоти нави бонкӣ ва манфиатҳои он огоҳ созед, шуморо дар бораи аксияҳо, низоми нави тахфифҳо ва тағйирот дар барномаи бонус огоҳ созад. Дар бештари маврид бонкҳо ва ташкилотҳои бузурги тиҷоратӣ аз қабили ҶСК “Бонки Арванд”, ТАҚХ “Имон-интернешнл” ва ТАҚХ “Ҳумо” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин усули сиёсати маркетингӣ муроҷиат мекунанд.

Яке аз усулҳои самараноки сиёсати маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб ва нигоҳ доштани мизоҷон тавассути схемаҳои ҳавасмандкунии бонусӣ, масалан, ҳангоми қарздиҳӣ бо назардошти истифодаи такрории қарзҳо ба мизоҷони доимӣ – қарзгирандагон мебошад.

Схемаҳои бонусӣ барои ҳавасмандгардонии истифодаи кортҳои пардохтӣ низ хеле муваффақанд. Ҷолибияти ин кортҳо дар он аст, ки муштарӣ ҳангоми пардохти хадамот ё маҳсулоти бонкӣ холҳои махсус (“cash back”) ба даст меорад – бонусҳое, ки ӯ метавонад ҳангоми хариди такрорӣ сарфа намуда, барои хариди минбаъдаи молу хизматрасонӣ сарф кунад. Унсури ҷамъкунӣ дар барномаҳои мукофотпулӣ кӯмак мекунад, ки муштарӣ ба таври худкор ба раванди хариди такрорӣ ҷалб карда шавад. Дар натиҷа, бонк муштарии доимӣ пайдо мекунад. Усули кортҳои бонусиро аксар вақт бонкҳо истифода мебаранд, аз қабили: бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ.

Яке аз усулҳои маъмули маркетинг дар бонкҳои ватанӣ дар шароити афзояндаи рақобат ин усули фурӯши хиёбонӣ мебошад, ки аз пешниҳоди ташкилоти қарзӣ ба муштарии мавҷуда ё нав, ки маҳсулоти муайяни бонкиро коркард мекунад, бо мақсади харидани дигар маҳсулоти иловагӣ ва ба он алоқаманд иборат аст. Инчунин хизматрасонӣ бо шартҳои нисбатан мусоид, ки асосан дар бонкҳои тиҷоратӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ мавҷуд аст.

Мавҷудияти базаи мизоҷони босифат бо тамоюли афзоиши он шарти асосии фаъолияти мӯътадили бонк мебошад, ки ба даст овардани нишондиҳандаҳои баланди эътимоднокӣ ва пардохтпазирии онро кафолат медиҳад.

Яке аз самтҳои амалигардонии сиёсати маркетингии бонк ташаккули стратегияи бонк мебошад. Аз ин рӯ, ҳадафҳои асосии стратегияи муштарии бонк бояд инҳо бошанд: васеъ намудани замина, таркиб, сифат ва ҳаҷми хизматрасонӣ; ҳавасмандгардонии талабот ба маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ; стратегияҳои самараноки забт кардани бозор; афзоиши фоидаи бонкҳо.

Таҷрибаи имрӯзаи пешбурди тиҷорат дар бозори бонкии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки рақобат ҳарчӣ бештар ба ғайри нархгузорӣ табдил ёфта, фоида аз

қаноатмандии муштариён аз сифати хизматрасонӣ ва эътимоднокии онҳо ба бонк бастагӣ дорад. Илова бар ин, эҳтимолияти муваффақияти дарозмуддати ширкатҳое, ки муштариёни доимӣ доранд, нисбат ба ширкатҳое, ки ба воридшавии муштариёни нав нигаронида шудаанд, хеле баландтар аст. Ҳамин тариқ, яке аз муҳимтарин вазифаҳои бонки муосири рақобатпазир нигоҳ доштани муштариёни хидматрасониаш мебошад.

Муҳимтарин сиёсат ва вазифаи ташкилоти қарзӣ ҳангоми кор бо мизоҷон «ҷалб, нигоҳ доштан ва рушди онҳо» мебошад [2, с. 59]. Барои ҳалли бомуваффақияти ин мушкилот, бояд сиёсати муштарии бонк дар асоси арзёбии ҳолати ибтидоии базаи муштариён таҳия карда шавад. Нақши стратегӣ ва тактикии бонк дар кор бо мизоҷон аз мақсадҳои дахлдори иҷрои ин кор, афзалиятҳо ва ҳаҷми захираҳои зарурӣ барои татбиқи онҳо иборат аст.

Сиёсати муштарӣ муҳимтарин ҳуҷҷати стратегии бонк мебошад. Ба гуфтаи Т.Н. Бондаренко, «таҳия ва татбиқи сиёсати нигоҳдории муштариён аз ҷониби бонк ва татбиқи он боиси коҳиши гузариши муштариён ба бонкҳои дигар, муайян кардани сабабҳои тарки мизоҷон ва пешгирии такрори онҳо ва баргардонидани як қисми муштариёни хориҷшуда» [1, с. 61].

Ҳамин тавр ҳар як бонки тиҷоратӣ ҳамчун як ҷузъи низоми бонкии Тоҷикистон хизматрасонии муштариёнро пайваста такмил дода, хизматҳо ва маҳсулоти нави бонкиро бояд эҷод кунад, то эҳтиёҷот ва манфиатҳои иштирокчиёни тамоми муносибатҳоро қонеъ гардонад. Дар баробари рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи муштариён ба сифати хизматрасонӣ ва маҳсулоти бонкӣ меафзояд, ки ин дар навбати худ омили рушди минбаъда ва такмили сиёсати муштариён мегардад.

Дар ин маврид ҳадафҳои асосии сиёсати муштарии бонк фарогирӣ чунин қисматҳо бошанд:

- васеъ намудани замина, таркиб, сифат ва номгӯи хизматрасонӣ ва маҳсулоти пешниҳодшаванда;
- ташаккул ва ҳавасмандгардонии талабот ба маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ;
- таҳияи стратегияҳои самараноки фатҳи бозори бонкӣ;
- афзоиши фоидаи бонк.

Дар натиҷаи ноил гаштан ба ҳадафҳо стратегияи маркетингии бонкро пайгирӣ мекунанд, аз ҷумла:

- эътимоднокии баланди бонк, пардохтпазирии онро, аз ҷумла, бо роҳи коҳиш додани хавфи обрӯ таъмин намояд;
- амалӣ намудани фаъолияти бомуваффақияти бонкӣ дар бозори рақобатпазири бонкӣ;
- ҳадди аксар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти муштариён ба хизматрасониҳои бонк.

Бонкҳо барои амалӣ намудани ҳадафҳои муайяншудаи сиёсати маркетинг дар раванди фаъолияти амалиётӣ аз чунин стандартҳо истифода мебаранд: шарикӣ бо мизоҷон; коммуникатсияҳои маркетингӣ барои пешбурди хизматҳо ва маҳсулоти бонкӣ; таъмини даромаднокии фаъолияти бонкӣ ва фоидаовар барои соҳибони бонкҳо; татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонии алоқа нисбат ба мизоҷони бонк.

Ҳамзамон боиси зикр аст, ки барои нигоҳ доштани муштариён мониторинги мунтазам гузаронидан лозим аст: сатҳи сифати хизматрасонӣ, сатҳи муошират бо муштарӣ, сатҳи садоқати муштариён ба бонк, сатҳи огоҳии муштариён аз маҳсулот, фазои ахлоқӣ ва психологии дар шӯъбаҳо ва умуман бонкҳо.

**АДАБИЁТ**


1. Бондаренко, Т. Н. Роль маркетинговых стратегий в организации работы коммерческого банка с клиентами [Текст] / Т. Н. Бондаренко // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2015. – № 3. – С. 59-62.
2. Дахова, З. Тенденции развития инновационной деятельности банков [Текст] / З. Дахова, И. Гюнтер // Финансовая жизнь. – 2013. – № 4. – С. 57-60.
3. Деньги. Кредиты. Банки / Под. ред. Г.С. Сейткасимова. – Алматы, 2006.
4. Маълумотҳои БМТ  аз сомона: https://nbt.tj/ru/banking_system /banks.php
5. Ноздрева, Р. Б. Маркетинг: как побеждать на рынке [Текст] / Р. Б. Ноздрева, Л. И. Цыгичко. – М.: Финансы и статистика, 2008. – 345 с.
6. Комилова К.Н., Шарипов Б.М., Равишҳои назариявӣ оид ба муайян намудани моҳияти фаъолияти маркетингӣ дар бонки тиҷоратӣ [Матн] // Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 3 (32). С. 39-45.
7. К.Н. Комилова, Ф.А.Курбонова, Шарипов Б.М. Развитие банковского маркетинга в Республике Таджикистан в период пандемии COVID-19 [Текст] // Финансовый вестник. 2022. № 1 (56). С. 13–19
8. Сафаров, Б. Г. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мафҳуми сармоягузории хориҷӣ / Б. Г. Сафаров, М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 4-2(34). – P. 34-42.
9. Шарипов, Б. М. Анализ конкуренции на рынке банковских услуг Республики Таджикистан и методы ее снижения / Б. М. Шарипов, З. Х. Нуруллоев // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. – 2014. – № 4(70). – С. 101-109.


**УДК**: 336.6

# ҲОЛАТИ МУОСИРИ КИШОВАРЗӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

***Пиризода Симбод*** *– унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Адрес*: 736025, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *шаҳри Душанбе*, *к. Ҳаёти нав*, 306. *Телефон*: 992919311111. Email: farzona070489@mail.ru

*Дар мақола ҳолати муосири соҳаи кишоварзӣ ва хусусиятҳои таъминоти бехатарии озуқавории он дар яке аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - вилояти Хатлон баррасӣ гардидаанд. Дар он таҳлили захираҳои табиӣ, иқтидори заминистифодабарӣ, ҳолати захираҳои обӣ таҳлил шудаанд.*

*Инчунин, таҳлили захираҳои меҳнатӣ ва саҳми он дар бахши воқеии иқтисодиёт таҳлил шудаанд. Муаллиф динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиёти вилоят, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар як сари аҳолӣ, таносуби ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва талаботи ҷомеа ба хӯрокворӣ, таҳлили имкониятҳои заминҳои обёришавандаро аз лиҳози самаранокӣ таҳлил намудааст.*

*Калидвожаҳо*: *самаранокии амнияти озуқаворӣ*, *комплекси агросаноатӣ*, *минтақаҳои наздикӯҳӣ*, *маҳсулоти гизоӣ*, *конюктураи бозор*, *камзаминӣ*, *мушкилоти озуқаворӣ*, *равандҳои деградатсионӣ*, *суботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ*.

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА И ОСОБЕННОСТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

***Пиризода Симбод*** – *соискатель Института экономики и систематических исследований развития сельского хозяйства Академии сельскохозяйственных наук Таджикистана. Адрес*: 736025, *Республика Таджикистан*, *г. Душанбе*, *ул. Хаёти нав*, 306. *Телефон*: 992919311111. E-mail: farzona070489@mail.ru

*В статье рассмотрены современные состояния сельского хозяйства и особенности обеспечения продовольственной безопасности одного из регионов Республики Таджикситан*, *Хатлонской области. В ней проведен анализ естественных ресурсов*, *потенциал землепользования*, *современного состояния водных ресурсов*.

*Проведён анализ трудовых ресурсов и их роль в экономике региона. Автор проанализировал основные показателы развития области*, *производство сельскохозяйственной продукции и потребность общества к продовольствию*, *возможностей поливных земель*, *с точки зрения эффективности*.

***Ключевые слова***: *эффективность продовольственной безопастности*, *агропромышленный комплекс*, *предгорные зоны*, *устойчивое развитие*, *конъюктура рынка*, *малоземелья*, *продовольственные проблемы*, *деградационные процессы*, *социально-экономическое благополучие*.

## CURRENT STATE OF AGRICULTURE AND FEATURES OF ENSURING FOOD SECURITY IN KHATLON REGION

Pirizoda Simbod - is an applicant for the Institute of Economics and Systematic Research of Agricultural Development of the Academy of Agricultural Sciences of Tajikistan. Address: Dushanbe, Khayoti Nav Street, 306. Phone: 992919311111 Email: farzona070489@mail.ru

The article considers the current state of the development of agriculture and the features of food supply in one of the regions of the Republic of Khatlon region. It analyzes natural resources, land use potential, and the current state of water resources.

Including the analysis of labor resources and their role in the economy of the region. The author analyzed the main indicators of the development of the region, the production of agricultural products and the need of the society for food, the possibilities of irrigated lands, in terms of efficiency.

Key words: food security efficiency, agro-industrial complex, foothill zones, sustainable development, market conditions, land shortages, food problems, degradation processes, socio-economic well-being.

Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ вобаста ба шароити муносибатҳои бозоргонӣ ҳолатҳои зуд коҳиш ёфтани шуғлварзӣ, паст гардидани сатҳи бекорӣ ва музди меҳнат ба амал омад, ки ба коҳиш ёфтани талаботи пардохпазири аҳолӣ нисбат ба озуқаворӣ ва паст гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ боис гардиданд. Дар баробари ин, сатҳи худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ на аз рӯйи пуррагии қонеъгардонии зуд коҳиш додани талаботи аҳолӣ нисбат ба озуқаворӣ, балки танҳо аз рӯйи дараҷаи қонеъ намудани эҳтиёҷоти меъёрии маҳсулоти озуқаворӣ муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз, барои муайян намудани ояндабинии танзими давлатӣ ва ташаккули иқтисодӣ-иҷтимоӣ нигаронидашуда бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти пардохтпазири аҳолӣ ба маҳсулоти озуқа вобаста ба меъёри эҳтиёҷоти онҳо дар минтақаҳои мамлакат таҳлил намудани

ҳолати муосири таъминоти озуқаворӣ ва баҳодиҳии самаранокии амнияти озуқаворӣ дар вилояти Хатлон зарур шуморида мешавад.

Ҳангоми баҳодиҳии вазъи муосири бозори озуқавории минтақа аз низоми нишондиҳандаҳое истифода бурда мешавад, ки онҳо истеҳсол ва истеъмоли намудҳои асосии озуқа, инчунин иқтидори минтақаро аз нигоҳи мутобиқати он барои бадастоварии миқдори зарурии маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ ифода мекунанд. Дар баробари ин, ба раванди истеҳсолоти кишоварзӣ тақрибан тамоми намудҳои иқтидори табиию захиравии минтақаҳои кишвар ҷалб карда шудаанд. Лекин бояд гурӯҳи захираҳои табиии базавиро ҷудо кард, аз ҷумла захираҳои заминӣ, обӣ, шароити агроиқлимӣ ва биологӣ, ки омилҳои асосии афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва қонеъгардонандаи эҳтиёҷоти аҳолӣ нисбат ба маҳсулоти озуқаворӣ мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати ҷанубӣ-шарқии Осиёи Миёна ҷойгир ёфтааст. Тоҷикистон аз ғарб ва шимол бо Узбекистон ва Қирғизистон, аз ҷануб бо Афғонистон ва аз машриқ бошад, бо Чин ҳамсарҳад буда, масоҳати умумии он 142,6 ҳазор км$^{2}$-ро ташкил медиҳад. Аз рӯйи хислат Тоҷикистон кишвари муқаррарӣ бо нишони баландиҳои мутлақ аз 3000 то 7495 м аз сатҳи баҳр мебошад. Зиёда аз 93%-и ҳудуди онро кӯҳҳое дар бар гирифтаанд, ки ба низоми баландтарини кӯҳии Осиёи Миёна - Тян-Шон ва Помир тааллуқ доранд. Шумораи асосии аҳолӣ ва фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба 7%-и ҳудуди он тамаркуз карда шуда, шумораи асосии аҳолӣ (зиёда аз 74%) дар деҳот умр ба сар мебаранд.

Нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии дар зер овардашуда ҳолати умумии иқтисодиёти кишварро ҷиҳати таҳлили вазъи амнияти озуқаворӣ ифода мекунанд (ҷадвали 1).

Мушкилоти бо озуқаворӣ таъмин намудани ҷумҳурӣ, ки барои минтақаҳои кӯҳии мамлакат нисбатан хос аст, пеш аз ҳама, барои вилояти Хатлон махсусан шадид арзёбӣ мегардад. Мувофиқан ба он «... шароити мураккаби табиӣ мусоидат мекунад, яъне ҷудогонагии қавии релеф, нишебиҳои мураккаб, нобаробарии боришот аз рӯйи вақт ва аз рӯйи минтақа, неруи заифи хок бар зидди эрозия, камёб будани гиёҳҳо ва чӯбу буттаҳо. Илова бар ин, қисми назарраси майдони заминҳои кишоварзӣ дар ин кишварҳо (дар Тоҷикистон) дар баландии аз 800 то 2500 м аз сатҳи баҳр, дар минтақа бо нишебии 10-20 градус ҷойгир шудаанд ...» [8, с.54].

Қайд кардан зарур аст, ки суръати баланди рушди аҳолӣ, ки хоси кишвар ва минтақа мебошад, ҳамчун омили муҳимми таъмини озуқаворӣ, рушди иқтисодиёти минтақа бо роҳи эҷоди миқдори кофии маҳсулоти озуқаворӣ ва тавсеаи миқёси деҳот ва иқтисодиёти деҳот баромад мекунад. Дар баробари ин, афзоиши аҳолӣ барои мамлакатҳои ба монанди Тоҷикистон ҳамчунин хислати манфӣ дорад. Сиёсати демографии дар мамлакат амалигардида аз рӯйи мазмун ва принсипҳои заминагузор ба иқтидори табиию захиравӣ аз нигоҳи принсипҳои рушди устувор мувофиқат намекунад [2, с.6].

Қувваи корӣ (нафарони машғул ва бекорони расман ба қайд гирифташуда) аз рӯйи баҳогузории пешакӣ дар моҳи декабри соли 2022 2578,0 нафарро ташкил дод, аз ҷумла 2524,5 нафар (97,9) машғул дар иқтисодиёт, 53,5 ҳазор нафар мақоми расмии бекорӣ доранд, ки 21%-и қувваи кориро ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали** 1. Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ- иқтисодӣ

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022[1] |
|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолӣ, дар охири давра (млн нафар) | 9,5 | 9,9 | 10,1 |
| ММД-и номиналӣ (млн сомонӣ) | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 |
| аз он ҷумла, %: | | | |
| Кишоварзӣ | 22,7 | 22,4 | 24,6 |
| Саноат | 23,1 | 23,8 | 17,0 |
| Хизматрасонӣ ва савдо | 45,2 | 44,2 | 49,3 |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | 8922,2 | 10312,0 | 11808,0 |
| Рушди ММД, бо фоиз нисбат ба давраи мувофиқи соли қаблӣ | 4,4 | 9,4 | 8,0 |
| Каср/изофаи буҷети давлат (% нисбат ба ММД) | -0,3 | 0,7 | 1,4 |
| Шохиси нархҳои истеъмолӣ, бо фоиз нисбат ба давраи мувофиқи соли қаблӣ | 108,6 | 109,0 | 106,6 |
| Шохиси нархи молҳои озуқаворӣ | 111,7 | 110,3 | 107,2 |
| Шохиси нархи хизматрасонӣ | 104,7 | 106,7 | 106,7 |
| Қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА | 10,3219 | 11,3089 | 11,0258 |
| Сатҳи расман ба қайд гирифташудаи бекорӣ, бо % | 2,1 | 2,1 | 2,1 |
| Шумораи бекорони ба қайд гирифташуда, ҳазор нафар | 50,8 | 52,7 | 55,1 |
| Бо фоиз нисбат ба давраи мувофиқи соли қаблӣ | 100,6 | 103,6 | 104,7 |
| Музди меҳнати миёнаи моҳона (сомонӣ) | 1393,77 | 1540,81 | 1760,29 |
| Бо фоиз нисбат ба давраи мувофиқи соли қаблӣ | 104,4 | 110,6 | 114,2 |
| Тавозуни савдо (млн доллари ИМА) | -1744,0 | -2059,9 | -3025,5 |
| Ҳиссаи озуқаворӣ дар воридот, бо % | 24,1 | 21,0 | 20,4 |
| Ҳиссаи озуқаворӣ дар содирот, бо % | 2,3 | 2,5 | 3,1 |

[1] *маълумоти пешакӣ*
*) *нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди иқтисодиёт* (*НКРИ*)

**Манбаъ**: Ҳисоботи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шумораи бекорони дар Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ба қайд гирифташуда дар охири моҳи декабри соли 2022 53,5 ҳазор нафарро ташкил дод, ки дар қиёс бо моҳи декабри соли 2021 1,9% коҳиш ёфтааст. Дар шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда занон 49,6% (26,6 ҳазор нафар)-ро ташкил доданд. Сатҳи бекорони расман ба қайд гирифташуда нисбат ба шумораи қувваи корӣ 2,1%-роташкил кардааст.

Дар бахши воқеии иқтисодиёт музди меҳнати аз ҳама пасттарин дар моҳи декабри соли 2022 кормандони соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ - 884,1 сомонӣ соҳиб гардиданд. Музди меҳнати баландтарин дар бахши воқеии иқтисодиёт ба кормандони соҳаҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок - 3661,35 сомонӣ, таъминти неруи барқ, газ, гармӣ ва ҳавои кондитсиониронидашуда – 4399,83 сомонӣ, сохтмон – 3451,87 сомонӣ, саноати коркард – 2669,80 сомонӣ ва таъминоти об, поксозӣ, коркарди партовҳо ва бадастоварии дубораи ашёи хом – 1203,68 сомонӣ рост омад. Дар маҷмуъ, дар бахши воқеии иқтисодиёт музди миёнаи меҳнати моҳона дар моҳи декабри соли 2022 – 2650,32 сомониро ташкил дода, нисбат ба моҳи декабри соли 2021 ба андозаи 14,4% афзоиш ёфтааст.

Қобили зикр аст, ки қисми назарраси маҷмуи маҳсулоти минтақавиро истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ташкил медиҳад. Маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон дар баробари ҳамчун манбаи асосии таъминоти амнияти озуқаворӣ дар мамлакат баромад намудан, инчунин, соҳаи саноатро бо ашёи хом ва аҳолиро бо ҷойи кор таъмин менамояд. Фаъолияти устувори соҳаи химатрасонӣ низ аз аксар ҷиҳат ба ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ вобаста мебошад. Дар баробари ин, релефи нобаробар,

мушкилии дастрасӣ ба баъзе аз минтақаҳои парвариши ғалла, мушкилоти обёрӣ ва камзаминӣ ба истифодаи самараноки захираҳои маҳдуди табиӣ бо назардошти рушди минбаъдаи соҳаи КАС (комплекси агросаноатӣ) боис мегардад [6, с.54].

Дар сохтори ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон минтақаи аграрӣ ҳисобида мешавад, зеро ҳаҷми асосии заминҳои ҳосилхез маҳз дар ҳамин минтақа ҷойгир аст. Вилояти Хатлон дар ҳудуди 24,6 ҳазор км$^2$ ҷойгир шудааст, ки 17,2%-и ҳудуди мамлакатро дар бар мегирад. Минтақаи мазкур аз рӯйи тобистони гарми хушк ва мутаносибан зимистони гарм тафовут дорад. Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ он дар шохаи ҷануби Ҳисору Олой, дар қисми ҷанубию ғарбии ҳудуди Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Вилояти Хатлон аз ҷануб бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳур, аз шарқ бо ВМКБ (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон), аз ғарб бо Узбекистон ва аз ҷануб дар масофаи 420 км бо Афғонистон ҳамсарҳад мебошад.

Аз рӯйи тақсимоти маъмурию ҳудудӣ ба ҳайати вилоят 21 ноҳия, 4 шаҳр, 21 шаҳрак ва 133 ҷамоати деҳот дохил мешаванд. Ба санаи 01.01.2021 шумораи аҳолии минтақа 3530 нафарро ташкил дод (дар соли 2017 3198,5 нафар). Зичии аҳолӣ 142,9 нафар/км$^2$-ро ташкил медиҳад (дар соли 2017 129,5 нафар/км$^2$).

Релефи минтақа дорои хислати хоси худ мебошад. Дар минтақа водиҳо бо минтақаҳои доманакӯҳ ва кӯҳӣ иваз мешаванд [3, с.31]. Дар қисми поёнии минтақа даштҳо ва дар қисмати ғарбӣ бошад, дараю водиҳо хукмфармо мебошанд. Дар байни низомҳои кӯҳии минтақа дараҳо тӯл кашида, дар атрофи ҳамвории пастиҳо минтақаҳои наздикӯҳӣ қарор гирифтаанд, ки онҳо ба сифати ҳам заминҳои киштва ҳам чарогоҳ истифода бурда мешаванд. Ҳудуди минтақа, дар умум, тавассути низомҳои кӯҳие муҳосира карда шудааст, ки баландии онҳо ба ҳисоби миёна 900 – 2500 метрро ташкил медиҳад.

Вилояти Хатлон дорои иқлими гарм ва хушк буда, аз нигоҳи минтақаҳои агроиқлимӣ онро чунин тақсимбандӣ намудан мумкин аст: Шимолӣ, ки дорои иқлими хунук аст; Марказӣ, ки иқлими гарм ва хушк дорад; Ҷанубӣ, ки иқлими гарм ва хушк дорад. Маълумот доир ба тавсифи мухтасари вилояти Хатлон дар ҷадвали 2. оварда шудааст.

**Ҷадвали** 2. - **Тавсифи мухтасари вилояти Хатлон барои давраи солҳои** 2017 – 2021

| **Нишондиҳандаҳо** | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳудуд, ҳазор км$^2$ | 24,7 | 24,7 | 24,7 | 24,7 | 24,7 | 100,0 |
| Аҳолӣ, ҳазор нафар | 3198,5 | 3274,8 | 3348,3 | 3459,7 | 3530,0 | 110,4 |
| Аҳолии шаҳрнишин, % | 18,1 | 18,0 | 17,9 | 18,3 | 17,5 | -3,4 |
| Аҳолии деҳот, % | 81,9 | 82,0 | 82,1 | 81,7 | 82,5 | +100,7 |
| Зичии аҳолӣ, ҳазор нафар | 129,5 | 132,6 | 135,6 | 138,7 | 142,9 | +110,3 |
| Шумораи шаҳрҳо | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 100,0 |
| Ноҳияҳо | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 | 100,0 |
| Корхонаҳои саноатӣ | | | | | | |
| Вазни қиёсии маҳсулоти саноатӣ, бо % нисбат ба ҷамъбаст | 29,9 | 30,5 | 31,4 | 29,1 | 26,1 | -13,0 |
| Вазни қиёсии маҳсулоти кишоварзӣ, бо % нисбат ба ҷамъбаст | 20,3 | 19,8 | 20,9 | 22,7 | 24,1 | 118,7 |

Сарчашма: Минтақаҳои ҶТ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023.

Таҳлили ҳолати муосири иқтисодиёти вилояти Хатлон нишон дод, ки дар минтақа, умуман, тамоюли рушди иҷтимоию иқтисодии самарабахш мушоҳида мегардад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон барои давраи солҳои** 2017 – 2021

| **Нишондиҳандаҳо** | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017,% **маротиба** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МММ, млн сомонӣ | 12522,7 | 14621,7 | 15030,1 | 15320,1 | 16120,3 | +128,7 |
| МММ ба ҳар сари аҳолӣ | 4108,8 | 4716,7 | 5105,3 | 5800,4 | 6200,5 | +150,9 |
| Суръати рушд, бо % | 100 | 114,8 | 124,3 | 141,2 | 150,9 | x |
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда | 12350 | 12346 | 12900 | 13210 | 13450 | +108,9 |
| Шумораи нафарони машғул, ҳазор нафар | 404,6 | 422,3 | 450,6 | 480,4 | 490,1 | +121,2 |
| Музди меҳнати миёнаи моҳона, сомонӣ | 645,1 | 714,3 | 750,6 | 780,9 | 810,4 | +125,6 |
| ММК, млн сомонӣ | 11381,6 | 11728,6 | 12040,1 | 12560,1 | 13040,3 | +114,6 |
| Маҳсулнокии меҳнат, сомонӣ/нафар | 30950,8 | 34624 | 33355,7 | 31892,3 | 32891,2 | +106,3 |

**Сарчашма**: **аз рӯйи омори солонаи вилояти Хатлон ҳисоб карда шудааст**. - **Душанбе**, 2021. – **С**.8-9.

Аз маълумоти ҷадвали 3 мушоҳида мегардад, ки нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии рушди вилоят тамоюли беҳгардӣ доранд. Ҳамин тавр, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар ин давра ба 2,2 афзоиш ёфта, 14621,7 млн сомониро ташкил додааст. Дар баробари ин, вазни қиёсии МММ дар сохтори ММД-и ҷумҳурӣ аз 20,5% то 26,8%, МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар ин давра тақрибан 2 маротиба ва шумораи корхонахои амалкунанда тақрибан 80% афзудааст. Ҳаҷми умумии ММК дар соли 2018 11728,7 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010 1,4 маротиба зиёд мебошад.

Вилояти Хатлон дорои иқтидори табиию захиравии назаррас мебошад. Мавҷудияти шароити мусоиди обу ҳаво ва иқлим барои рушди кулли соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан кишоварзӣ мусоидат намуда, саҳми соҳаро дар сохтори иқтисодиёти минтақа ба таври назаррас тақвият мебахшад, сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо озуқаворӣ ва ҷолибияти минтақаро аз нигоҳи ҷалби сармоягузорӣ баланд мебардорад. Лекин дар минтақа харҷ ва таназзули босуръати иқтидори табиию захиравӣ, махсусан захираҳои заминию обӣ ва гуногуни биологӣ арзи вуҷуд дорад. Тағйирёбии иқлим, ки мо аз он вобастагӣ дорем, ба захираҳо фишори нисбатан қавиро ба амал меорад. Ҳамин тавр, ноил гардидан ба ҳадафи таъмин намудани тамоми аҳолии кишвар бо озуқа аз тағйироти куллӣ дар низоми рушди кишоварзӣ ва истеҳсоли озуқаворӣ вобаста мебошад. Хоҷагии қишлоқ ва истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ пешниҳодкунандаи як қатор тадбирҳои калидии рушд буда, дар баробари ин, омили марказии суръатбахшанда ба ҳалли мушкилоти таъмини озқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ махсуб меёбад.

Афзоиши аҳолӣ дар вилояти Хатлон аз ҷиҳати норасоии маҳсулоти озуқа ва мураккабгарии равандҳои демографӣ ба хислатҳои манфӣ оварда мерасонад. Дар айни замон касри намудҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ дар қиёс ба меъёрҳои тиббӣ дар минтақа аз 22% то 75%-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ҳаётан муҳимми кишоварзӣ, ба монанди гӯшт, шир ва тухм нисбат ба эҳтиёҷоти бозори истеъмолот мутобиқан аз 10,0, 32 ва 5,5% боло намеравад. Мавҷуд набудани шароити зарурӣ барои коркард ва интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ ба талафоти бузург оварда

мерасонад ва ҳалли таъминоти озуқаворӣ дар оянда метавонад боз ҳам шадидтар гардад (ҷадвали 4)

**Ҷадвали 4. - Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, кг/нафар** (2017 - 2021)

| Навъи маҳсулот | Соли 2017 | Соли 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 2017 (+, - ) | Меъёри ғизо барои 1 нафар | Тафовут аз меъёри ғизо дар соли 2017 (+ , - ) |
|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона ва лубиёгӣ | 282,4 | 322,9 | +114,3 | 147,7 | +175,2 |
| Картошка | 50,9 | 66,8 | +131,2 | 92,0 | +25,4 |
| Сабзавот ва зироатҳои полезӣ | 521,0 | 685,7 | +131,6 | 166,1 | +519,6 |
| Меваҳо, буттамеваҳо ва ангур | 86,0 | 101,5 | +118,0 | 124,1 | +22,9 |
| Гӯшт (бо вазни зинда) | 43,1 | 56,7 | 131,6 | 40,8 | 32,8 |
| Шир | 146,2 | 150,2 | +102,7 | 115,3 | +34,9 |
| Тухм, ҳазор дона | 235,3 | 307,6 | +130,7 | 180 | +127,6 |

**Сарчашма**: аз рӯйи омори солонаи соҳаи кишоварзии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст. – Душанбе, 2023.

Маълумоти дар ҷадвал овардашуда нишон медиҳад, ки дар вилояти Хатлон маҳсулот ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба меъёрҳои физиологии тавсияшаванда хеле кам истеҳсол карда мешавад. Дар баробари ин, қонеъ намудани эҳтиёҷоти афзояндаи аҳолӣ ба маҳсулоти ғизой талаботи нисбатан баландро нисбат ба истифодаи иқтидори табиию захиравӣ ва дигар захираҳо ба миён меоварад. Бинобар ин, барои таъмин намудани рушди устувор ва амнияти озуқаворӣ дар вилоят бояд самаранокии зироати кишоварзӣ 2-3 маротиба баланд бардошта шавад.

Ҳалли мушкилоти озуқаворӣ дар заминаи истеҳсолоти худии вилоят, дар маҷмуъ, рушди динамикии КАС-ро ифода мекунад. Лекин мутобиқгардии соҳаҳои КАС ба шароити куллан тағйирёбандаи иқтисодиёт дар натиҷаи тамоюлҳои афзоянда ва умқгиранда дар иқтисодиёт ба амал меояд. Давраи баъдиислоҳотӣ дар вилояти Хатлон ва, умуман, дар ҷумҳурӣ тавассути поён рафтани истеҳсолоти кишоварзӣ, ки тақрибан ҳамаи сохторҳо ва шаклҳои хоҷагидории минтақаҳои кишварро фаро мегирад, тавсиф карда мешавад [11, с.16-20].

Ҳамин тариқ, ҳолати муосири кишоварзӣ ва хусусиятҳои таъмини афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла кулли комплекси агросаноатӣ, ҳамчун кафили амнияти озуқаворӣ ва суботи иҷтимой-иқтисодии вилояти Хатлон мебошад. Ин боиси ҷустуҷӯи усулҳои нисбатан самарабахш ва истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ мегардад. Муҳимтарини онҳоро ташкил медиҳанд:

– бунёди шароит барои тавсеаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ то сатҳи барои қонеъгардонии эҳтиёҷот ба он кофӣ, тибқи меъёрҳои илман асоснок, инчунин дастгирии талаботи пардохтпазирии аҳолӣ, ки барои ғизои оқилона кофӣ дар асоси рушди афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатии мамлакат;

– бадшавии ҳолати иқтидори табиию захиравии вилоят дар шароити авҷ гирифтани бuҳрони ҳам экологӣ ва ҳам ғизой дар хоҷагии қишлоқ бармало аён гардидааст. Суръати баланди афзоиши аҳолӣ, рушд ва инкишофи зироати дорои

самарабахшии баланд дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ба бадшавии захираҳои заминию обӣ оварда расонид, дар баробари ин, ба баланд гардидани арзишҳои истеъмолии аҳолӣ ва экосистемаи минтақавӣ, ки муъталигардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии кулли комплекси агросаноатиро тақозо менамояд, боис гардид;

– рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ танҳо дар шароити истифодаи самараноки иқтидори табиию захиравии минтақа имконпазир мегардад. Ин дар оянда истифода намудан аз захираҳои эҳтиётии табиӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии замин, муътадилгардонии иқтидори мавҷудаи заминию обии минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳиро ифода мекунад. Нуктаи охир омӯзиши амиқ ва имконоти истифодаи тамоми захираҳои минтақаҳои ҷумҳуриро ба сифати иқтидори эҳтиётии табиию захиравӣ талаб менамояд;

– таъмини маблағгузории самтҳои афзалиятноки рушди комплекси агросаноатӣ мутобиқ ба барномаҳои мақсадноки давлатии қабулгардида, ки ба иҷрои ҳатмӣ дар тамоми сатҳҳои фаъолияти маъмурӣ ва хоҷагидорӣ тааллуқ дорад. Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ барномаи ҳавасмандгардонии ислоҳоти аграрию замин, хотима бахшидан ба хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин мутобиқгардӣ ба шароити бозорӣ ва таъсиси сохторҳои бозорӣ қабул карда шавад.

Ҳамчунин, ҳалли ин гуна масъалаи мураккаб дар вилояти Хатлон аз бештар ҷиҳат ба сатҳи таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зандагии аҳолӣ вобаста мебошад, ки зербоби навбатии мақола ба он бахшида мешавад.

**Адабиёт**

1. Барномаи қарзгирии давлатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021. - 36 с.

2. Исайнов Х.Р. Эколого-экономические основы повышения эффективности мелиорации в сельском хозяйстве (теория, методология и практика) / Х.Р. Исайнов. - М., ФГОУ ВПО РГАУ-МСХА им. К.А. Тимирязева, 2007. – 235 с.

3. Кадыров Д.Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния / Д.Б. Кадыров. - Воронеж: Изд-во ВГУ, 2004. – 231 с.

4. Кандиёрова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономикой: теория, методология практика: монография / Д.О. Кандиёрова. – Душанбе, 2006. - 179 с.

5. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег. Избранное /Дж.М. Кейнс. - М.: Эксмо, 2007. - 960с.

6. Кудратов Р.Р. Национальный успех Таджикистана зависит от АПК / Р.Р. Кудратов, Х. Гафуров, Б. Дмитров и др. – Душанбе, 2003. – 138 с.

7. Мадаминов А.А. Микрофинансирование сельских товаропроизводителей основа устойчивого развития аграрного сектора / А.А. Мадаминов // Кишоварз. – 2004. - №4. – С. 68-71.

8. Пириев Дж.С. Региональные проблемы сельскохозяйственного развития Таджикистана / Дж.С. Пириев. - М.: МАКСПресс, 2004. - 154 с.

9. Пиризода Дж.С. Совершенствование размещения сельскохозяйственного производства в новых условиях хозяйствования / Дж.С. Пиризода // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. - Душанбе, 2002. - №5-6. – С.133-137.

10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. - 88 с.

11. Шарипов, Б.М. Теоретические аспекты формирования финансового рынка в условиях перехода экономики Таджикистана к новой модели развития / Б.М. Шарипов // Экономика: вчера, сегодня, завтра. - 2017. – Том 7. – №10А. - С.16-29.

12. Шарипов, Б. М. Роль денежных переводов в обеспечении макроэкономической стабильности экономики Республики Таджикистан / Б. М. Шарипов // Актуальные вопросы экономических наук : Материалы III Международной научной конференции : Лето, 2014. – С. 84-88.

**УДК**: 336.71

**МОҲИЯТ ВА ЗАРУРАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ РАҚАМӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

***Исхаков Дилшод Илҳомович** – унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға*: 734025, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён. Тел.*: (+992 88) 771-88-88. E-mail: di780-85@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои марбут ба асосҳои назариявии мафҳуми хизматрасониҳои рақамӣ, моҳият ва зарурати онҳо дар низоми бонкӣ баррасӣ мешаванд.*

*Равишҳои асосии тафсири мафҳуми хизматрасониҳои рақамии бонкӣ таҳлил ва фарқиятҳои асосии онҳо муайян карда шудаанд. Ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии тафсири мафҳуми хизматрасониҳои рақамии бонкӣ аз рӯи таъсири онҳо ба мизоҷон ва низоми бонкӣ ошкор гардидаанд. Омилҳои калидӣ ва заминаҳои ташаккулу рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ муайян карда шудаанд. Диққати махсус ба вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ва нақши давлат дар таъмини рушди ин намуди хизматрасониҳои бонкӣ дода шудааст.*

***Калидвожаҳо**: хизматрасониҳои рақамии бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, хизматрасониҳои алтернативӣ, низоми пардохт, интернет, технологияҳои нав.*

**СУЩНОСТЬ И НЕОБХОДИМОСТЬ ЦИФРОВЫХ УСЛУГ В БАНКОВСКОМ СЕКТОРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

***Исхаков Дилшод Илхамович** – соискатель кафедры банковского дела Таджикского национального университета. Адрес: 734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, Студенческий городок. Тел.:(+992 88) 771-88-88. E-mail: di780-85@mail.ru*

*В статье рассматриваются вопросы, связанные с теоретическими основами понятия цифровых услуг, их сущность и необходимость в банковском секторе. Проанализированы основные подходы в интерпретации понятия цифровые банковские услуги, выявлены их основные различия. Выявлены положительные и отрицательные стороны цифровых банковских услуг с точки зрения их влияния на клиентов и банковский сектор. Определены ключевые факторы и предпосылки дальнейшего совершенствования цифровых банковских услуг. Особое внимание уделено социально-экономическим функциям цифровых банковских услуг и роли государства в обеспечении развития данного вида банковских услуг.*

***Ключевые слова:** цифровые банковские услуги, кредитные организации, Национальный банк Таджикистана, альтернативные услуги, платежная система, интернет, новые технологии.*

**THE ESSENCE AND NECESSITY FOR DIGITAL SERVICES IN THE BANKING SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

***Iskhakov Dilshod Ilhomovich** – Applicant to the Department of Banking. Tajik National University. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Buni Hisorak str. Phone(+992 88) 771-88-88 E-mail: di780-85@mail.ru*

*The article discusses issues related to the theoretical foundations of the concept of digital services, their essence and necessity in the banking sector. The main approaches to the interpretation of the concept of digital banking services are analyzed and their main differences are identified. The positive and negative aspects of digital banking services are identified in terms of their impact on clients and the banking sector. Key factors and prerequisites for further improvement of digital banking services have been identified. Particular attention is paid to the socio-economic functions of digital banking services and the role of the state in ensuring the development of this type of banking services.*
***Key words:*** *digital banking services, credit organizations, National Bank of Tajikistan, alternative services, payment system, Internet, new technologies.*

Дар шароити рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ташкилотҳои қарзӣ нақши асосиро дар пешбурд ва татбиқи сиёсати рақамикунонӣ мебозанд. Ташкилотҳои қарзӣ яке аз аввалин шуда хизматрасониҳои рақамиро дар низоми бонкӣ ворид намуда, сол аз сол номгӯ ва шумораи ин хизматрасониҳо зиёд шуда истодаанд.

Дар айни замон рушди босуръати низоми бонкии ватанӣ мушоҳида карда мешавад. Суръати баланди рушди низоми бонкӣ, аз як тараф, ин натиҷаи рушди умумии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз тарафи дигар, имкониятҳои нав аз ҳисоби татбиқи босуръати навовариҳои технологӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ мебошад.

Ҳолати кунунӣ бо он омил шиддатнок мегардад, ки ташкилотҳои қарзӣ доираи фаъолияти худро дар соҳаи хизматрасониҳои рақамии бонкӣ васеъ карда истодаанд, аммо ташкилотҳои ғайрибонкӣ низ қисман хизматрасониҳоро иҷро карда истодаанд. Ҳамчун мисол метавон ширкатҳои мобилиро овард, ки имрӯз онҳо имконияти анҷом додани баъзе хизматрасониҳоеро, ки ба ташкилотҳои қарзӣ тааллуқ доранд, ба мизоҷони худ пешкаш карда истодаанд. Дар ин маврид рақобат васеъ гардида, он аз ҳудуди рақобати байнибонкӣ баромада, аз иштирокчиёни бозор (ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои мобилӣ ва дигар миёнаравҳои молиявии ғайрибонкӣ) беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ, суръати баланд ва шартҳои муфидро талаб менамояд.

Омили мусбати пурзӯр шудани рақобат ташкилотҳои қарзиро водор намуд, ки муносибати худро ба маҳсулоту хизматрасониҳои анъанавӣ дигар намуда, пешкаш ва фурӯши онҳоро бо усулҳои нави инноватсионӣ, бо истифодаи техника ва технологияҳои нав ба роҳ монанд.

Рушди босуръати хизматрасониҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ имкониятҳои васеъро, ки ба коркард ва пешниҳоди як қатор самтҳои нав дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ оварда расонид, ошкор намуд. Дигар омили мусбии рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ин баланд бардоштани самаранокӣ, коҳиш додани меҳнати дастӣ ва ҷалби кормандон буда, имкон фароҳам овард, ки қисми зиёди хизматрасониҳо бидуни ташрифи мизоҷ ба ташкилоти қарзӣ амалӣ гардад.

Рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ба ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, барои нигоҳ доштани мизоҷони худ кумак карда, хароҷоти амалиётиро кам мекунанд. Бо вуҷуди бартариҳо ва аҳаммияти муҳимми иқтисодӣ доштани хизматрасониҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ, ҷанбаҳои назариявии он то ҳол аз мадди назари олимон дур буда, ба омӯзиш ва таҳқиқот ниёз дорад.

Пеш аз ҳама, бояд мафҳуми «хизматрасониҳои рақамии бонкӣ»-ро шарҳ диҳем ва моҳияти онро муайян кунем. Бояд қайд намуд, ки мафҳуми ягона, ки аз тарафи омма қабул карда шудааст, вуҷуд надорад.

У. Маҳмудов чунин шарҳ додааст, ки хизматрасониҳои рақамии бонкӣ – ин ташкил намудани муносибат байни бонк ва мизоҷ тавассути технологияҳои рақамӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ аст [12, с.82].

Ба фикри Л.Р. Магомаева, хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ба бонкҳо имконияти истифодаи усули дифференсатсиониро медиҳанд, ки он, дар навбати худ, имконияти ба назар гирифтани хусусиятҳои мизоҷон ва пешниҳоди маҳсулоти бонкӣ бо дарназардошти хоҳиши онҳо мебошад [13, с.27].

И.И. Бичкова қайд намудааст, ки хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ин маҷмуи ягона, танзимшаванда ва стандартишудаи пешниҳодҳои маҳсулоти бонкӣ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон бо истифода аз технологияҳои иттилоотии молиявӣ ва хизматрасониҳо, ки ба талаботи муҳити инфокоммуникатсионӣ ҷавобгӯ мебошанд, нигаронида шудаанд. Омилҳои асосии ин раванд: а) дастрасӣ ва содагӣ; б) мувофиқат ба интизориҳои технологии мизоҷ; в) ҳамгирой бо шабакаҳои иҷтимоӣ [3, с.8].

Аз тарафи Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ чунин тавсиф оварда шудааст: хизматрасониҳои рақамии бонкӣ – ин пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкии чакана ва хурд тавассути шабакаҳои электронӣ, инчунин пардохтҳои электронии калон ва дигар хизматрасониҳои яклухти бонкӣ мебошад.

М. Сафарпур чунин мешуморад: „Хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ин хизматрасониҳое мебошанд, ки бо истифода аз технологияҳои электронӣ ба мизоҷон имкони дастрасии фавриро ба суратҳисобҳои худ тавассути интерфейсҳои бехатар фароҳам меорад“ [15, с.376].

Ба андешаи А.В. Карагодин, ба хусусиятҳои асосии истифодабарии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дохил мешаванд: утоқи рақамии мизоҷ, функсияи бонкинги мобилӣ, интернет-бонкинг, веб-сомонаҳо, инчунин барномаҳо ва хизматрасониҳои махсус барои мизоҷони инфиродӣ ва корпоративӣ [10, с.57].

Д.Г. Алексеева чунин ақида дорад, ки бо шарофати пайдо шудани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ, хизматрасониҳои бонкӣ, дар умум, ба таври назаррас васеъ шуданд - аз татбиқи интиқолҳои анъанавии пардохтӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ ва пешниҳоди маҳсулоти анъанавии бонкӣ то хизматрасонии пурраи рақамии мизоҷон [1, с.123].

Н.Е. Бровкина чунин мешуморад, ки хизматрасониҳои рақамии бонкӣ эҳтиёҷоти мизоҷро пурра қонеъ мегардонанд, яъне ба парадигмаи нав дар муносибатҳои байни бонк ва мизоҷ оварда мерасонанд. Пеш аз ҳама, бонк ба муҳити дастрас табдил меёбад, ки бо мизоҷон тавассути дастрасии фосилавӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳо, аз ҷумла ба хизматрасониҳои ғайрибонкӣ ҳамгирой менамояд [5, с.141].

Хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ин ҳамгироии технологияҳои нав ва рушдёбанда ба фаъолияти муассисаҳои молиявӣ дарякҷоягӣ бо тағйироти нав дар муносибатҳои дохилию берунии корпоративӣ бо мақсади беҳтар намудани хизматрасонӣ ба мизоҷон ва самаранокии фаъолияти бонк мебошад.

Хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ба таври васеъ ҷорӣ намудани усулҳои муосири хизматрасонии бонкиро дар назар доранд. Ин ба кам шудани шумораи филиалҳои бонкҳо, амалӣ намудани бисёри хизматрасониҳо ба таври фосилавӣ, хусусан ҳангоми додани қарз ё сармоягузорӣ оварда мерасонад.

Пешниҳоди О.С. Рудакова дар бораи ин мафҳум чунин аст: „Хизматрасонии рақамии бонкӣ ин чунин хизматрасониҳои бонкӣ мебошанд, ки бо ёрии васоити техникии ҳисоб ва телекоммуникатсия амалӣ мешаванд“ [14, с.201].

Ба фикри мо, таснифи О.С. Рудакова ниҳоят умумӣ буда, баҳснок мебошад. Танҳо истифода аз технологияҳои нав ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ ин гувоҳи он нест, ки хизматрасонии бонкӣ рақамӣ бошад.

Олимони ватанӣ дар бораи ин раванд чунин ақида доранд: “Дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар мамлакат аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масоили мукаммалсозии низоми автоматикунонӣ ва рақамикунонии бахшҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла соҳаи бонкӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад“ [17, с.44]. Дар шароити муосир рақамикунонии ботадриҷи бахши бонкӣ, ки бо

миқдори имконпазири амалиёт маҳз тавассути барномаҳои электронӣ ва низому шабакаҳои компютерӣ тавсиф карда мешавад, ба ҳавасмандкунии тавонои рушди инноватсия табдил ёфта истодааст. Истифодаи коркардҳо ва навовариҳои муосири иттилоотӣ ҳам барои эҷоди маҷроҳои самарабахши муошират байни таъминкунандагон ва гирандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳам таҳкими мавқеи бонк дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам меорад [18, с.75].

Ҳукумати кишвар ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои васеъ намудани доираи хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, пайвасти низоми бонкӣ бо низомҳои байналмилалии хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва инфрасохтори низоми пардохтии ғайринақдӣ ва, дар ин замина, мусоидат ба ташаккули иқтисодиёти рақамӣ тавассути амалигардонии консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда истода, самти мазкурро яке аз самтҳои стратегӣ дар сиёсати иқтисодӣ муайян намудааст [6, с.42]. Дар самти рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ технологияҳои муосири хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электрониро бомуваффақият татбиқ намуда истодаанд. Аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пайваста чораҳои ҳавасмандгардонии мизоҷон барои истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ ва анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ гузаронида шуда истодаанд, аз ҷумла пешниҳоди «Cash back», яъне баргардонидани маблағи муайян ба мизоҷ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ, иқдомҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва дигар чораҳои ҳавасмандгардонӣ татбиқ гардидааст. Инчунин, тадбирҳои андешидашуда ба мизоҷон имконият медиҳанд, ки як қатор хизматрасониҳоро бо истифодаи маблағҳои электронӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт намоянд [2, с.31].

Р.Ғ. Ғаниев чунин қайд намудааст: "Соҳаи бонкдорӣ яке аз соҳаҳои иқтисодиёт аст, ки аз рӯи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар паҳлуҳои гуногуни фаъолияти худ пешсаф мебошад. Муҳимтарин қисмати дилхоҳи низоми бонкӣ ин пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти ин, ба мадди аввал масъалаҳои истифодаи технологияи нав дар раванди фаъолияти худ мебароянд" [7, с.91-92].

Дар навбати худ, ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш бар он доранд, ки ҳарчи бештар технологияҳои молиявии дастрас ва қулайро ҷорӣ намуда, пешкаши мизоҷони худ гардонанд [20, с.62].

Бояд нақши Бонки миллии Тоҷикистонро дар ворид намудани технологияҳои рақамии молиявӣ дар бозори бонкӣ ва хизматрасониҳои пардохтӣ қайд намоем. Сиёсати пулию-қарзӣ ва сиёсати асъорӣ, инчунин, назорати низоми бонкӣ бояд бо истифодаи технологияҳои рақамии молиявии пешқадам амалӣ гарданд. Бонки миллии Тоҷикистон нақши калидиро дар рушди технологияҳои рақамии молиявӣ мебозад [11, с.2].

Дар Дастурамали №201 Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ" чунин омадааст: «Хизматрасонии фосилавии бонкӣ (бонкинги электронӣ) – хизматрасоние мебошад, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оид ба бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба мизоҷ дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ дар ташкилоти қарзӣ имконият медиҳад» [9, с.1].

Бояд қайд намуд, ки хизматрасонии фосилавии бонкӣ низоми кушода буда, фаъолияти он худмухтор мебошад, аммо он, дар навбати худ, бо дигар низомҳои бонкӣ алоқаи зич дошта, қисми низоми автоматизатсионии бонкӣ мебошад. Масалан, дархостҳои қарзӣ, ки тавассути низоми фосилавии бонкӣ ворид шудаанд, аз тарафи бонк коркард мешаванд. Низоми фосилавии бонкӣ, ба фикри мо, низоми худташкилкунанда мебошад, чунки номгӯи амалиёт ва хизматрасониҳо аз тарафи он амалишаванда метавонанд васеъ ва такмил гарданд.[8, с.102].

Бартариятҳои хизматрасониҳои рақамии бонкӣ аёнанд. Онҳо, пеш аз ҳама, имкониятҳои навро барои мизоҷон ва ташкилотҳои қарзӣ фароҳам меоранд. Имрӯз ғайр аз хизматрасониҳои анъанавӣ, инчунин хизматрасониҳои рақамӣ дастрас мебошанд, ки ин, бешубҳа, барои зиёд намудани мизоҷон ва амалиёти онҳо, боварӣ ба низоми бонкӣ ва инчунин барои паст кардани хароҷоти молиявӣ ва сарфаи вақт таъсири мусбӣ мерасонад.

Аммо, ғайр аз бартариҳо, мо бояд дар бораи норасоиҳо низ гуфта гузарем. Рақамикунонӣ дар низоми бонкӣ ва пеш аз ҳама, хизматрасониҳои рақамии бонкӣ аз ташкилотҳои қарзӣ сармоягузориро талаб менамояд. Аксаран, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзӣ барои коркард ва ворид намудани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ аз ширкатҳои беруна истифода мебаранд, ки нархи онҳо ниҳоят гарон аст. Сабаби истифодаи хизматрасонии беруна – ин норасоии мутахассисони дохила оид ба барномасозӣ ва, дар умум, мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ аст. Омили гаронии коркард ва ворид намудани хизматрасонии рақамии бонкӣ, ки чандон калон нестанд (сармояи начандон калон, имкониятҳои заифи молиявӣ ва ғайра), таъсири ҷиддӣ ба ташкилотҳои қарзӣ мерасонад. Чунин ҳолат ба ташкилотҳои қарзии навташкил низ таллуқ дорад. Ин душворӣ имкониятҳои онҳоро ҳангоми рақобат бо ташкилотҳои қарзии калон, ки имкониятҳои онҳо бештар мебошад, бамаротиб коҳиш медиҳад. Дар натиҷа, хавфҳои назаррас пайдо мешаванд, ки ба бехатарии молиявии ташкилотҳои хурд ва навтаъсис таъсир мерасонанд (аз ҳисоби ворид намудани хизматрасонии рақамии бонкӣ рақобатпазирии ташкилотҳои қарзии калон зиёд гашта, метавонанд рақибонеро, ки ба шароити бозор мутобиқ намешаванд, аз бозор бароранд).

Омили дигари манфӣ ин хавфҳое мебошанд, ки бо бехатарии иттилоотӣ вобастаанд. Ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми ворид намудани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ кӯшиш менамоянд, ки хароҷоти худро камтар намоянд. Ин, дар навбати худ, метавонад ба он расонад, ки барномаҳои иттилоотии дорои бехатарӣ ва сифати начандон баланд харидорӣ шаванд. Ҳангоми "ҳуҷумҳои хакерӣ" маълумотҳои шахсии мизоҷон метавонанд дастраси ҷинояткорон шаванд.

Дигар норасоӣ – ин хавфи коҳиш ёфтани шумораи кормандони ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, хизматрасонии рақамии бонкӣ ба кам шудани кор барои кормандон оварда мерасонад. Яъне, аксарияти амалиёт тавассути барномаҳои иттилоотӣ амалӣ гашта, зарурати "кори дастӣ"-ро дар аксарияти ҳолатҳо аз байн мебарад. Коҳиш ёфтани шумораи кормандон ба сиёсати иҷтимоӣ мухолифат карда, ба сатҳи бекорӣ метавонад таъсири манфӣ расонад. Ғайр аз ин омил, омили дигар, ки онҳо байни худ алоқамандии зич доранд, вуҷуд дорад. Ин омил ихтисор шудани нуқтаҳои хизматрасонӣ (филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ) мебошад. Коҳиш ёфтани шумораи кормандон ба коҳиш ёфтани филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ оварда мерасонад, ки ин омил, дар навбати худ, ба фарогирии молиявии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Тадқиқот нишон медиҳанд, ки аҳолии солхӯрда бисёртар ба хизматрасониҳои анъанавӣ одат кардаанд ва аз хизматрасониҳои рақамии бонкӣ аксар вақт истифода намебаранд. Онҳо одатан ба филиалу марказҳои хизматрасонии бонкӣ омада, амалиёти худро дар он ҷо анҷом медиҳанд. Нобоварӣ ба хизматрасониҳои рақамии бонкӣ, душворӣ ҳангоми анҷом додани амалиёт тавассути ҳамёнҳои мобилӣ ё интернет-бонкинг, саводнокии пасти молиявӣ яке аз омилҳои асосии пеши роҳи аҳолии солхӯрда ҳангоми истифода аз хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ба шумор меравад.

Боз як омили муҳим - ин сифат ва нархи интернет мебошад. Тибқи рейтинги Speedtest Global Index, Тоҷикистон мавқеи худро аз рӯи суръати интернет коҳиш дод. Дар асоси маълумотҳои моҳи августи соли 2023, кишвари мо ҷои 6-умро аз охир ишғол менамояд, яъне ҷои 139 байни 145 мамлакати ҷаҳон, бо суръати миёнаи 9,61 Мб/с зеркашӣ ва 5,71 Мб/с боргирӣ. Аз лиҳози нархи интернети мобилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи худро коҳиш дод. Тибқи рейтинги Worldwide mobile data pricing, аз нигоҳи нархи интернет (августи соли 2023)

мавқеи мо дар байни 237 мамлакат дар ҷои 142-юм аст. Дар охири соли 2022 мавқеи мо байни 230 мамлакат дар ҷои 103 буд [4].

Барои бартараф намудани норасоиҳо ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ва инчунин, зиёд намудани фарогирии молиявии аҳолӣ "Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026" қабул гардид.

Биниши фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили вазъи ҷорӣ, ба мувофиқа омадани тарафҳои манфиатдор ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси кишвар муайян карда шудааст. Низоми молиявӣ, ки дар он ҳар шахси калонсол ва шахси ҳуқуқӣ дастрасӣ, дониш ва қобилияти истифодаи доираи васеи хизматрасониҳои баландсифати молиявӣ (аз ҷумла, пасандоз, пардохт, интиқоли маблағ, қарзгирӣ, суғурта ва сармоягузорӣ)-ро доро буда, ба талаботи онҳо бояд ҷавобгӯ бошанд ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро низ таъмин намоянд. Барои ноил шудан ба биниш мақсадҳои зерин муайян шудааст [16, с.3-4]:

1) вобаста ба дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ:

- мавҷуд будани миқдори зиёди ташкилотҳои қарзии молиявии устувор, боэътимод ва ваколатдор, ки аз шабакаҳои технологияҳои инноватсионии таҳвил истифода мебаранд;
- интерфейси самараноки маҳсулоти бонкӣ ва ғайрибонкӣ, инчунин шабакаи таҳвил;
- истифодаи технологияи молиявии рақамӣ ва навовариҳои дигар барои фарогирии шахсони фароногирифтаи хизматрасониҳои молиявӣ, бахусус занҳо ва ҷавонон дар деҳот;
- таъмини рушди хизматрасониҳои фосилавии молиявӣ, маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки дар баробари ҷавобгӯ будан ба бозор пешравии бахшро низ вусъат медиҳанд ва мафкураи мизоҷонро иваз карда метавонад.

2) вобаста ба истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ:

- мавҷудияти доираи васеи маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии муносиб ва содаи таҳияшудаи махсус, ки ба сегментҳои гуногуни бозор хизмат мерасонанд;
- таъмини истифодаи самаранок ва фаъолонаи хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби мизоҷон, бахусус ҷавонон, занҳо, соҳибкорони хурд ва миёна;
- роҳандозӣ ва амалисозии чораҳои ҳавасмандгардонии истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ.

3) вобаста ба сифатнокии маҳсулоти молиявӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ:

- кафолати муҳиммият, фаврият ва сифатнокии маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ (яъне маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии ба таври муносиб тарҳрезигардидаю нархгузоришуда ва ба талаботи бозор мутобиқгардида);
- таъмини низоми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии ҳамаҷониба ва устувор;
- шаҳрвандони омӯзонидашуда ва ба таври кофӣ ҳимояшуда, ки барои қабули қарорҳои иттилоотноки молиявӣ эътимоди кофӣ доранд.

Новобаста аз камбудиву норасоиҳо, рақамикунонӣ ва ворид намудани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои рушди иқтисодиёти мамлакат ва инчунин низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз ин омил асос барои қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" гардид, ки дар он ба Бонки милли Тоҷикистон чунин супориш дода шудааст [19]. Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ:

- инфрасохтори заруриро барои қабули пардохтҳои ғайринақдии худ то 1 августи соли 2023 таҳия, ташкил ва таъмин намоянд;
- ҳамгироии инфрасохтори қабули пардохтҳои ғайринақдии худро ҷиҳати қабули хизматрасониҳои музднок то 1 августи соли 2023 таъмин намоянд;
- бо мақсади ҳавасмандгардонии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои анҷом додани хизматрасониҳои ғайринақдӣ, оид ба ҷорӣ намудани меъёри

ягонаи пардохти ҳаққи хизматрасониҳои ғайринақдӣ ва тартиби пардохти он чораҷӯӣ намоянд;

- якҷо бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотии пардохтҳои ғайринақдӣ чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, моҳияти хизматрасониҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ – ин пеш аз ҳама, аз рушди низоми бонкӣ, зиёд шудани рақобат ва таъмини мизоҷон бо роҳҳои алтернативии хизматрасонӣ бармеояд. Ба норасоиҳои ҷойдошта, бартариҳои мавҷуда бамаротиб самаранокии хизматрасониҳои бонкиро баланд бардошта ба яке аз роҳҳои асосии паст кардани хароҷоти ташкилотҳои қарзӣ мубаддал гаштанд.

Зарурати хизматрасониҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ – ин тақозои замон буда, як навъ муносибати ташкилотҳои қарзӣ ба эҳтиёҷоти мизоҷон, хусусан мизоҷони "пешрафта", ки омили сарфаи вақт барои онҳо ниҳоят муҳим мебошад. Ин навъ мизоҷон мехоҳанд, ки бо ташкилоти қарзӣ чунин ҳамкорӣ дошта бошанд, ки он аз "монеаҳо" озод бошад. Сухан дар ин ҷо дар бораи суръати ба даст овардани хизматрасонӣ, истифодаи ташкилоти қарзӣ ҳамчун шарики боэътимод дар реҷаи 24/7/365 ва озод будан аз маҳдудиятҳои сарҳадӣ (истифодаи хизматрасонӣ ҳангоми сафар берун аз давлат) меравад.

Инчунин, моҳият ва зарурати хизматрасониҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ дар ҳолатҳои душвор, хусусан ҳангоми сар задани эпидемияҳо ба ҳамагон аён шуд. Пандемияи COVID-19 ҳамагонро водор сохт, ки муносибати худро ба хизматрасониҳои рақамии бонкӣ аз нав дида бароянд. Мизоҷон роҳҳои ба даст овардани хизматрасониҳои бонкиро меҷустанд, ки аз як тараф, талаботи онҳоро қонеъ гардонад, аз тарафи дигар, хавфи аз даст додани саломатиро ба миён наорад.

Таҳлилҳои муаллиф, ки дар яке аз бонкҳои фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон – Спитамен Бонк гузаронида шудаанд, нишон медиҳанд, ки шумораи мозоҷони бонк, ки аз хизматрасониҳои рақамии бонкӣ то пандемия истифода мебурданд ба 17% баробар буд, ки ин нишондиҳанда дар давоми пандемия ба 43% баробар шуд. Шумораи дорандагони корт низ бамаротиб зиёд гашта, шумораи муроҷиатҳои мизоҷон барои гирифтани онлайн-қарзҳо бо имконияти бе ташрифи бонк афзуданд.

Омӯзиши мафҳуми «хизматрасониҳои рақамии бонкӣ» ба мо имкон дод, ки ақидаи худ ва дар замимаи он мафҳуми муаллифӣ пешниҳод карда шавад. Ба фикри мо, хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ин хизматрасониҳое мебошанд, ки бо роҳи алтернативӣ, бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ба мизоҷон пешниҳод карда мешаванд. Ба таври васеъ ин мафҳум – консепсияи фаъолияти бонкро дар бар мегирад, ки тибқи он мизоҷон хизматрасониҳоро тавассути таҷҳизоти гуногуни рақамӣ (компютер, ноутбук, планшет, телефони мобилӣ) амалӣ мегардонанд.

Кам шудани омили инсонӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ ба ташкилотҳои қарзӣ имконияти васеи ворид намудани маҳсулоти гуногуни рақамиро фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши моҳият ва зарурати хизматрасониҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои зеринро ба даст орем:

1. Хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ба ташкилотҳои қарзӣ имкониятҳои васеи зиёд намудани номгӯи хизматрасониҳоро медиҳанд, ки ин, дар навбати худ, барои нигоҳ доштани мизоҷони ҷорӣ ва барои ҷалби мизоҷони нав заминаи устувор фароҳам меоранд. Кам кардани хароҷот аз ҳисоби хизматрасониҳои рақамии бонкӣ рақобатпазирии ташкилотҳои қарзиро баланд карда, омили инсонӣ коҳиш меёбад, ки ин, дар навбати худ, ба баланд бардоштани самаранокӣ ва сатҳу сифати хизматрасониҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

2. Аз нигоҳи назари мизоҷон, хизматрасониҳои рақамии бонкӣ имконияти як навъ "озодӣ"-ро фароҳам меоранд. Он мизоҷро аз "вобастагӣ" аз филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ озод намуда, имконияти гузаронидани амалиётро аз дилхоҳ ҷой ва

вақту соат медиҳад. Акнун, вақти танаффуси кормандони ташкилоти қарзӣ, рӯзҳои истироҳат ва анҷом ёфтани соати корӣ, барои мизоҷ ягон мушкилиро ба бор намеорад.

3. Барои давлат, зиёд гаштани номгӯй ва шумораи хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ин, пеш аз ҳама, гувоҳӣ аз баланд шудани эътимоди аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба низоми бонкӣ, зиёд шудани шаффофияти равандҳо дар иқтисодиёт, паст шудани сатҳи коррупсия ва зиёд шудани ҳаҷми пардохти андозҳо ба буҷети давлат мебошад.

Ҳамин тавр, моҳият ва зарурати хизматрасониҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ аз чаҳорчӯбаи молиявӣ-иқтисодӣ баромада, омилҳои иҷтимоиро дар бар мегирад.

**Адабиёт**


1. Алексеева, Д.Г. Современная банковская система Российской Федерации: учебник для вузов / Д.Г. Алексеева, С.В. Пыхтин. – Москва: Издательство Юрайт, 2020. – 290 с.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, аз 26 октябри соли 2021, №460.
3. Бычкова, И.И. Цифровизация банковских продуктов как основа формирования экосистемы банка: автореферат дисс.... канд. эк. наук:..... / И.И. Бычкова. - Ростов-на-Дону, 2021. – 25 с.
4. Бег Сабур: «Проблемные регионы выявить, полноценный доступ к интернету обеспечить» [маводи электронӣ]. – URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20231025/beg-sabur-problemnie-regioni-viyavit-polnotsennii-dostup-k-internetu-obespechit. (санаи дастрасӣ: 29.10.2023)
5. Бровкина, Н.Е. Банк и банковские операции: учебник / Н.Е. Бровкина. – Москва: КНОРУС, 2020. – 268 с.
6. Вализода, Ш.Ш. Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ / Ш.Ш. Вализода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон – 2021. - №3 (37). – С. 41-49.
7. Ғаниев, Р.Ғ. Усули рақамии баҳодиҳӣ ба сифати хидматҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили маълумотҳои шабакаҳои иҷтимоӣ / Р.Ғ. Ғаниев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2019. – 4 (64). - С. 91-107.
8. Ғаюров, Ғ.Ҳ., Маҳмадов О.С.Хизматрасонии фосилавии бонкӣ ва нақши он дар ташаккули бахши бонкии ҶТ / Ғ.Ҳ. Ғаюров, О.С. Маҳмадов // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2017 – № 3 – С. 95-106.
9. Дастурамали №201 "Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ".№721, аз 20 ноябри соли 2013,
10. Карагодин, А.В. Некоторые аспекты цифровизации банковской сферы / А.В. Карагодин // Финансовая экономика. – 2020. – №7. – С. 56-62.
11. Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642. – С. 2.
12. Махмудов, У. Цифровые финансовые услуги в банковской системе: прогресс и решение предстоящих задач / У. Махмудов // Экономический вестник Узбекистана. – 2021. - №3. – С.82-86.
13. Магомаева, Л.Р. Банковские инновации в условиях цифровой экономики: теория и практика: дисс..... док-ра экон. наук: по спец. док.экон.наук / Л.Р. Магомаева. – Владикавказ, 2020. – 352 с.
14. Рудакова, О.С. Банковские электронные услуги. Учебное пособие для вузов / О.С. Рудакова. - М.: Вузовский учебник. ИНФРА-М, 2011. – 399 с.
15. Safarpour, M. Identification and ranking the barriers to adoption and development of electronic banking in Iran / M. Safarpour // Procedia Economics and Finance. – 2016. – T. 36. – C. 374-380.
16. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, аз 1 июли соли 2022, №314. – 74 с.

17. Султонов, З.С. Направления и механизмы развития инфраструктурного обеспечения предпринимательства в Республике Таджикистан / З.С. Султонов, М.Х. Саидова, Д.А. Табарова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. - №3 (28). - С. 43-47.
18. Файзов, Н.З. Ҷанбаҳои консептуалии инноватсияҳои бонкӣ ва рақамикунонии соҳаи бонкӣ дар шароити муосир / Н.З. Файзов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – №4-2 (34). – С.73-79.
19. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ“, 22 июни соли 2023, №586.
20. Юсупова, Г.А. Нақши технологияҳои молиявии муосир дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г.А. Юсупова // Паёми ДПДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2021. - №4 (21). - С.59-68.

**УДК**: 336.774.3

## ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ ҚАРЗӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким*** - *ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067. *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов* 64/14. E-mail: sharipova@dtmik.tj. *Тел.*: (+992)553336307

*Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи идоракунии хавфҳои бонк ва пешгирии онҳо меравад. Омилҳои пайдоиши хавф, пайвастаи хавфҳои бонкӣ ва вазифаҳои асосии механизм ва идоракунии он нишон дода шудаанд. Дар муқоисакунӣ бо таҷрибаи бойи ҷаҳонӣ оид ба низоми бонкӣ баъзе фикру ақидаҳо оварда шудаанд.*

*Таснифи хавфҳои бонкӣ ба он вобаста аст, ки ташкилоти қарзӣ хавфҳоеро, ки бо он дучор мешаванд, чӣ гуна муайян мекунад. Таснифи пайвастаи хавфҳои бонкӣ барои идоракунии хавфҳо хеле муҳим аст, зеро номуайянӣ метавонад боиси печида шудани ҳисоботдиҳӣ ва идоракунии хавфҳои бонкӣ гардад. Дар ин мақола сарчашмаҳои гуногуни мафҳуми «хавфҳои бонкӣ» ва таснифоти онҳо баррасӣ ва омӯхта шудаанд.*

***Калидвожаҳо***: *таваккал, тасниф, фаъолияти бонкӣ, низом, идоракунӣ, аломат, гурӯҳ, амалиёти бонкӣ, сатҳи хавфҳо, бонкҳои тиҷоратӣ.*

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМОВ УПРАВЛЕНИЯ БАНКОВСКИМИ РИСКАМИ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Шарифзода Гулрухсор Мирзохаким*** - *ассистент кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Тел.*: (+992)553336307. E-mail: sharipova@dtmik.tj.

*Данная статья посвящена управлению банковскими рисками и их предотвращению. Показаны факторы риска, непрерывность банковских рисков и основные задачи механизма и его управления. В сравнении с богатым мировым опытом банковской системы приводятся некоторые мнения.*

*Классификация банковских рисков связана с тем, как кредитная организация определяет риски, с которыми она сталкивается. Последовательная классификация банковских рисков имеет очень важное значение для управления рисками, так как двусмысленность сможет привести к запутанной отчетности и управлению банковскими рисками.*

***Ключевые слова***: *риск, классификация, банковская деятельность, систематизация, управление, признак, группа, банковская операция, уровень рисков, коммерческие банки.*

# IMPROVEMENT OF CREDIT RISK MANAGEMENT MECHANISMS IN THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Sharifzoda Gulrukhsor Mirzokhakim*** *- Assistant of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. E-mail: sharipova@dtmik.tj. Tel: (+992)553336307*

*This article is devoted to banking risk management and prevention. Risk factors, continuity of banking risks and the main tasks of the mechanism and its management are shown. Some opinions are presented in comparison with the rich world experience of the banking system.*

*The classification of banking risks is related to how a credit institution determines the risks it faces. Consistent classification of bank risks is very important for risk management, as ambiguity can lead to confusing reporting and bank risk management.*

***Key words:*** *risk, classification, banking activity, systematization, management, sign, group, banking operations, level of risks, commercial banks.*

Вазъи иқтисодии ҷаҳони имрӯза ҷомеаро ба он водор месозад, ки ҳамеша дар талоши роҳҳои имконпазири пиёда намудани мушкилоти дар иқтисодиёт бавуҷудоянда бошад. Аз ин лиҳоз, дар шароити буҳронҳои молиявӣ дар сатҳи иқтисодиёти рӯ ба рушд сектори осебпазири иқтисодиёт низоми бонкӣ мебошад, ки ба як қатор мушкилот дучор мегардад. Таҳаввулоти пайвастаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти дарк намудани сиёсати молиявию бонкӣ ва ворид шудан ба низоми технологияҳои иттилоотию иртиботӣ водор ба он месозад, ки низоми бонкии ҳамқадами замон бунёд гардад. Амали вазифаҳои муҳимтарини ҷомеаи ҷаҳонӣ рушди танзими меъёрҳои макропруденсиалии бонкдории ҷаҳонӣ, низомҳои ҳамчун воситаи ҳисоб ва пешгирии паҳншавии манбаъҳои ноустувор мувофиқи мақсад мебошад.

Дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ маҷмуан ҳар як самте, ки фаъолияти хусусияти молиявию иқтисодиро дорост, вобаста ба рушдёбии ҷараёнҳои молиявию иқтисодӣ дар худ хатарҳои хосеро дорад, ки чунин хатарҳо метавонанд, аз як тараф, ноустувории фаъолияти молиявиро ба миён оранд, аз тарафи дигар, ба фаъолияти ин соҳа хавфи калонро ворид созанд ё онро вобаста ба сохти фаъолияташ муфлис намоянд. Эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хатарро дар тамоми давру замон бояд, пеш аз ҳама, бонкҳои тиҷоратӣ дар стратегияи дарозмуддати худ пешбинӣ намоянд. Эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хатар вобаста ба ҳар як амалиёти бонкӣ дар лаҳзаҳои интизорнашаванда ояндабинӣ ва оқибатҳо ё ҳолатҳои эҳтимолии бавуҷудоянда ҳатман пешбинӣ гардад.

Дар айни замон, ин тамоюл ва тағйироти раванди ҷаҳонишавӣ ба осебпазир гардидани низоми бонкӣ таъсир расонида, вазъияти бонкҳоро муаммодор намуд. Ҳамин буд, ки сатҳи хавфҳо дар низоми бонкӣ афзоиш ёфта, муаммоҳои бехатарии онҳоро зиёд намуд [6, с. 197]. Ҳамзамон, шароити иқтисодиёт ва рушди он, дар баробари афзоиши ҳаҷми амалиёт, васеъшавии доираи фаъолияти институтҳои молиявӣ, аз он ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ баробар бо дигар хатарҳои мавҷуда дар низоми бонкӣ боз як хатари муосири бонкӣ, ки осебпазирии ташкилотҳои қарзиро ба миён меоварад, ҳукмфармост ва он метавонад ба пешрафти тамоми самтҳои афзалиятноки фаъолияти бонкҳо таъсири манфии худро расонад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки фаъолияти бонкҳо дар замони муосир аксаран ба хатарҳо вобаста мебошад ва яке боиси ба миён омадани дигаре мегардад. Хатари вобаста он хатарест, ки пайдоиш ва сарчашмагирии он аз як бонк оғоз ёфта, тавассути роҳу воситаҳои гуногун ба бонкҳои дигар мегузарад, ки дар натиҷа, ба камшавии захираҳои пулӣ оварда мерасонад.

Хатари вобаста аслан ба захираҳои пулии бонк ва обрӯю нуфузи он дар бозори байнибонкӣ таъсири манфӣ расонида, эътибори онро оид ба хизматрасонӣ аз байн мебарад. Ин хатар аслан дар давлатҳое ба вуҷуд меояд, ки он давлатҳо як маротиба буҳрони шадиди молиявиро аз сар гузаронидаанд.

Ҳадди сандуқи умумии қарз одатан ҳамчун таносуби маблағи сандуқи қарзӣ нисбат ба маблағи пасандозҳо, сармоя ё дороиҳои умумӣ ифода карда мешавад.

Дуруст аст, ки хавф ин ҳодисаи таърихӣ ва иқтисодӣ мебошад. Чун ҳодисаи таърихӣ хавф аз ҷониби одамон қабул карда шудааст. Аммо ҳамчун ҳодисаи иқтисодӣ мумкин аст ба вуҷуд ояд ё ба вуҷуд наояд. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки дар низоми бонкдории имрӯза тамоюлҳои бавуҷудоии хавфҳои бонкӣ сабабу ангезаҳои гуногун доранд, ки дар онҳо таъсири омилҳои субъективӣ ниҳоят калон мебошад [7, с. 197]. Ҳангоми муқаррар кардани ин ҳудудҳо омилҳои зерин, аз қабили талабот ба қарз, тағйирёбии пасандозҳо ва хавфи қарзӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Дар робита ба ин, ҳудудҳои ҷуғрофӣ одатан масъалаи мураккаб ба ҳисоб меравад. Агар фаъолияти бонк дар бозорҳои он ба таври хуб таҷаммуъ нашуда бошад ва бонк ба таври касбӣ идора карда нашавад, парокандагии ҷуғрофӣ метавонад сабаби тӯл кашидани мухлати пардохти қарз, яъне дарозмуҳлат шудани он гардад. Кормандони бонк бояд аз ҳудудҳои ҷуғрофии қарздиҳӣ пурра огоҳ бошанд.

Чунин хатар дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки як бонк қобилияти пардохти саривақтиашро аз даст медиҳад ва чунин ҳолат боиси он мегардад, ки дар байни мизоҷон шубҳаро нисбати дигар бонкҳо ба вуҷуд биоварад. Масъалаи пардохтазирӣ ва осебпазирии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан баъд аз давраи дуюми таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ мушоҳида гардид, ки раванди мазкурро аз ҷадвали 1. мушоҳида кардан мумкин аст.

**Ҷадвали** 1. - **Рушди нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ дар муқоисаи бо нишондиҳандаҳои ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(млн сом.)

| Номгӯ | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Маҷмуи махсулоти дохилӣ | 61,0 | 68,8 | 78,0 | 82,5 | 95,0 |
| Дороиҳои низоми бонкӣ | 20932 | 21201 | 21 975,9 | 26 307,4 | 22414,7 |
| Нисбат ба ММД | 34,28 | 30,80 | 28,41 | 31,87 | 22,66 |
| Дороиҳои пардохтпазир | 6283 | 6472 | 6 068 | 7 916,02 | 7 223,86 |
| Нисбат ба ММД | 10,28 | 9,4 | 7,54 | 9,59 | 7,30 |

***Сарчашма***: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ. 2018, №12 (281); - 2020, №13 (305).

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 1. нишон медиҳад, ки масъалаи фаъолияти низоми бонкӣ ва сатҳи хавфҳои ба ин низом хос аз рӯйи нишондиҳандаҳои мазкур бо назардошти аз байн рафтани як қатор бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ҳоло ҳам дар сатҳи осебпазир қарор дошта, зарурати такмили бомароми соҳаро аз тамоми мақомотҳои ваколатдор ва худи ташкилотҳои қарзӣ тақозо менамояд. Тамоюли рушди нишондиҳандаҳои ММД дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ тамоюли мусбат дошта, дар як сол, ба ҳисоби миёна, суръати рушди он 7%-ро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаҳои рушди низоми бонкӣ бошад, тақрибан дар 3 соли охир қариб ба сифр баробар аст, ки ин аз осебпазир будани низоми бонкӣ дар сатҳи иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Ғайр аз ин, як ишораи дигари мушоҳида нагардидани рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар муқоиса бо ММД ин кам гардидани ҳиссаи нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар муқоиса бо ММД аст, ки ин торафт кам мегардад, мебошад. Ҳиссаи дороиҳои низом аз 26,77%-и соли 2012, соли 2021, 66%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ММД тамоюли паствавиро касб намудаст.

Дар сурати пайдо шудани шубҳа дар байни мизоҷон, пеш аз ҳама, эътимоду боварии онҳо нисбати бонк аз байн меравад, ки ин боиси пеш аз мӯҳлати муқарраршудаи шартнома гирифтани маблағҳои дар ташкилотҳои қарзӣ гузошташуда, яъне амонату пасандоз шуда метавонад. Дар ҳамин замина, гуфтан мумкин аст, ки вақте ки як бонк қобилияти пардохтпазириашро гум мекунад, эътимоди мизоҷонро на танҳо аз худ, балки аз дигар бонкҳо низ аз байн мебарад, ки дар натиҷа, ба камшавии захираҳо ва аз бонкҳо бозпас гирифтани маблағҳои пулӣ ва ба бонкҳо дигар ворид нашудани маблағ дар шакли амонату пасандоз ё дигар шакли ҷалби он мегардад.

Нишондиҳандаҳои базавии устувории молиявӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар заминаи НУМ барои роҳандозии назорати бонкӣ ҳисоб карда мешавад. Бар замми нишондиҳандаҳои устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ, ки аз тарафи ХБА тасдиқ карда шудааст, дар Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ низ якчанд санадҳои меъёрӣ таҳия ва қабул карда шудаанд, ки дар баробари меъёрҳои байналхалқӣ, барои арзёбии вазъи иқтисодӣ ва устувории молиявии бонкҳо истифода бурда мешаванд. Дар онҳо як қатор коэффитсиентҳо мавҷуданд, ки имкон медиҳанд ҳолати бонкҳо арзёбӣ гардида, ба кадом гурӯҳ мансуб кардани онҳо вобаста ба сатҳи устувориашон маълум карда шавад [9, с. 207].

Аксарияти бонкҳо барои фаъолияти муътадил ва фоиданоки тиҷорат дар муддати дарози манфиатдор ҳавасманданд, ки ба он набояд хатарҳо ва бӯҳронҳо таъсири манфӣ расонанд. Яке аз роҳҳои самараноки ба ин ҳадаф ноил шудан - рушд додани низоми чандирӣ ва динамикии идоракунии хавф мебошад [1, с. 122].

Зери идоракунии хавфҳои бонкӣ маҷмуи чораҳое фаҳмида мешаванд, ки ба пешгирии пайдоиши ҳодисаи таваккал ва андешидани тадбирҳо барои паст намудани дараҷаи хавф нигаронида шудаанд. Идоракунии хавфҳо дар ду сатҳ амалӣ карда мешавад: дар сатҳи низоми бонки (сатҳи макро) ва дар сатҳи бонки тиҷоратӣ (сатҳи микро).

Вазифаҳои асосии идоракунии хавфҳо ҳамчун яке аз ҷузҳои идоракунии бонк инҳоянд:

- фаъолияти рушди устувори бонк ва воҳидҳои он дар идораҳои стратегияи хавф ва сармоя;
- таъмиии ҳифзи манфиатҳои амонатгузорон, иштирокчиён ва саҳмдорони бонк ва шахсони дигар;
- баланд бардоштани рақобатпазирӣ тавассути: фаҳмиши умумии хавфҳо дар сатҳи бонкӣ, пешниҳоди нақша ва стратегияҳо бо назардошти сатҳи хавфи қабулшуда; баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоя, баланд бардоштани арзиши бозории бонк; нигоҳ доштани устуворӣ ҳангоми васеъ кардани маҳсулоти пешниҳодшуда (коркарди маҳсулоти мураккабтар) тавассути баҳодиҳии танзим ва идоракунии ҳавфҳои қабулшуда;
- афзоиши эътимоди сармоягузорон аз ҳисоби ташкили низоми инъикоси софи идоракунии хавфҳои бонк.

Оптимизатсияи доимии идоракунии корпоративии бонҳои тиҷоратӣ бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самарнокӣ, инчунин, пешакӣ муайян кардан ва кам кардани оқибатҳои татбиқи ҳавфҳо дар шароити тағйирёбии динамикии муҳити беруна ба зарурати идораи низомии хавфҳо оварда мерасонад [3, с. 25].

Ташаккули низом ва идоракунии хавфҳо дар бонки тиҷоратӣ ба омилҳои зерин вобаста аст:

а) омилҳои муҳити зист:

- ҳолат ва дурнамои рушди иқтисодиёти кишвар дар маҷмуъ, сиёсати пулию қарзӣ, хориҷӣ ва дохилии давлат ва тағйироти имконпазирии он дар натиҷаи танзими давлатӣ;

- амали танзимгарони бозори хизматрасониҳои бонкӣ (Кумитаи Базел, бонкҳои марказӣ, ҳукуматҳо) сатҳи хавфҳои қобили қабулро ҳам тавассути маҳдудиятҳои қонунггузорӣ, талаботи меъёрӣ ва ҳам тавассути танзими сатҳи пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ, афзалияти меъёрҳои фоиз муайян менамоянд;

- сатҳи баланди рақобат дар бозори хизматрасонии бонкӣ;

- институтҳои рушди бозори молия ва ғ.

б) омилҳои муҳити дохилӣ:

- фаъолияти соҳибкории бонки тиҷоратӣ;

- сатҳи идоракунии бонки тиҷоратӣ, стратегияҳои намудӣ ва бозор. Низоми идоракунии хавфҳо дар бонки тиҷоратӣ ҳам ба маънои васеъ ва ҳам ба маънои том фаҳмида мешавад.

Ба маънои васеъ низом ва идоракунии хавфҳои бонкӣ маънои:

- мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ (талабот);

- танзими фишори муносибатҳои пулию қарзӣ, аз ҷумла сиёсати пулию қарзӣ;

- фаъолияти Бонки миллӣ;

- механизмҳои идораи давлатӣ ва танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар кишвар, инчунин, дигар тадбирҳое, ки бевосита ё бавосита ба вазъияти низоми бонкӣ таъсир мерасонанд.

Низоми идоракунии хавфҳо дар як бонки тиҷоратӣ дар заминаи меъёри дохилӣ сохта шудааст, ки он бояд ба қонунгузорӣ, дастурҳо ва меъёрҳои Бонки миллӣ пурра мувофиқат кунад.

Сиёсати идоракунии ҳавфҳо дар бонки тиҷоратӣ ҳуҷҷати асосии танзимкунии раванди идоракунии ҳавфҳо мебошад, ки дар он гурӯҳбандии ҳавфҳо барои бонк мушаххас пешбинӣ шуда, ҳадаф ва вазъи фардҳои идоракуниро муайян мекунад. Ҳуҷҷати мазкур принсипҳои асосии ташкил ва фаъолияти низоми идоракунии ҳавфҳои бонкиро тавсиф мекунад [2, с. 86].

Низомномаи идоракунии хавфҳои мушаххаси бонкӣ раванди идоракунии хавфҳоро танзим карда, ҳуқуқ ва вазифаҳои кумитаҳо ва зерсохторҳо, усулҳои асосии муайян ва арзёбии хавф, сохти имтиёзҳоро муайян мекунад.

Усулҳо, дар навбати худ, татбиқи усулҳои мушаххаси идоракунии хавфҳоро муайян мекунанд. Онҳо миқёс ва сарчашмаи ҳисобҳои пешниҳодшударо нишон медиҳанд. Бо ёрии санадҳои меъёрӣ ҳамкориҳои зерсохторҳои бонк дар раванди идоракунии ҳавфҳои бонкӣ муайян карда мешавад [4, с. 123].

Механизмҳои идоракунии хавфҳо, ба монанди низоми идоракунии хавфҳо аз якчанд сатҳ иборат аст:

- Дараҷаи якум байналмилалӣ мебошад. Дар ин сатҳ механизм ҳамкории низоми бонкҳои миллиро таъмин намуда, институтҳои байналмилалӣ ҳамчун танзимкунанда баромад мекунад.

- Сатҳи дуюм миллӣ аст. Дар ин сатҳ механизми идоракунии низоми хавфҳо фаъолият ва идоракунии хавфҳоро дар сатҳи макро бо назардошти талаботи Бонки миллӣ таъмин менамояд.

- Сатҳи сеюм дохилибонкӣ ё маҳаллӣ мебошад. Механизми идоракуниии хавфҳо фаъолияти сохтори ташкилотии бонкро дар сатҳи микро бо мақсади таъмини талаботи назорати бонкӣ, идоракунии хавфҳо ва татбиқи ҳадафҳои иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ ва гурӯҳҳои бонкиро таъмин менамояд.

Механизмҳои идоракунии хавфҳо маҷмуи унсурҳо (пайвандҳо) мебошад, ки фаъолият ва рушди самараноки низоми бонкиро тавассути ташаккул ва идоракунии хавфҳо таъмин мекунанд ва унсурҳои ба ҳам алоқаманди зеринро дар бар мегирад:

- идоравӣ - таъмини тадқиқоти зарурӣ, дастгирӣ аз усули фаъолияти механизмҳо ва идоракунии хавфҳо;
- таҳлил ва интихоби захираҳои мавҷуда;
- гузоштани мақсад ва вазифаҳо, интиҳоби воситаҳо барои ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ;
- дастгирии танзимкунанда ва захиравии механизмҳо ва идоракунии хавфҳо;
- таҳлил, мониторинг ва назорат, ворид намудани тағйирот ба фаъолияти механизмҳо ва идоракунии хавфҳо;
- воситаҳои механизмҳои идоракунии хавфҳо - стандартҳо, консепсияҳо, барномаҳо, усулҳо, алгоритмҳо, чорабиниҳо, технологияҳо, равандҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои идоракунии хавфҳо; муайян кардани хавфҳо, баҳодиҳӣ ва мониторинг, таҳлили сабабҳои амалии хавф; таъминоти ташкилотӣ, методӣ ва захиравии воситаҳои интихобшуда;
- иттилоотӣ - таъмини робитаҳои мустақим ва бозгашт дар механизмҳо ва идоракунии хавфҳо байни унсурҳои он, дараҷаи рушди робитаҳо аз воситаҳои истифодашуда вобастагӣ дорад.

Унсури иттилоотии механизмҳо ва идоракунии хавф се ҷузро дар бар мегирад:

а) гурӯҳбандӣ ва муайян кардани ҷараёнҳои иттилоотӣ, муайян кардани эътимоднокӣ ва мукаммалии маълумоти гирифташуда, татбиқи иттилоот дар низоми интихобшудаи идоракунии хавфҳо;

б) истифодабарии иттиҳоди касбии гирифташуда, ки дар бонк мавҷуд будани мутахассисони дорои маҷмуи кофии дониш ва малака дар соҳаи ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоотро дар назар дорад;

в) мавҷудияти дар бонк сохторе, ки қобилияти ҷамъварии маълумот оид ба ҳодисаҳои пешбинишаванда, пешгӯии сенарияҳо ва натиҷаҳои имконпазири рушди равандҳо ва падидаҳои иқтисодие, ки дар ҷомеа вуҷуд доранд;

- воситаҳо - воситаҳои зарурие, ки ҳамчун унсури механизми идоракунии хавфҳо ва ҳам воситаҳои он мебошанд;
- объекти идоракунӣ - ташаккул ва рушди низоми идоракунии хавфҳои бонки тиҷоратӣ, фаъолияти самараноки низоми бонк мебошад.

Мавҷудияти объекти мушаххаси идоракунӣ ва воситаҳои идоракунии он ҳамчун фарқияти асосии механизми идоракунии хавфҳо аз низоми идоракунии хавфҳо дар бонки тиҷоратӣ мебошад.

Механизми идоракуния хавфҳо ба маънои васеъ дар расми 1. нишон дода шудааст.

Вазифаҳои асосии механизм ва идоракунии хавфҳо инҳоянд:

1) ташкил ва татбиқи стандартҳо, консепсияҳо, стратегияҳои идоракунии ҳавфҳои бонкӣ дар сатҳҳои гуногун;

2) таъсир ба объекти идоракунӣ тавассути воситаҳои он;

3) воситаҳоро бо захираҳо таъмин мекунад; бе механизмҳои идоракунӣ асбобу анҷом кор мекунад ва ё бесамар кор мекунад.

Барои ҳар як бонки тиҷоратие, ки даромади асосии он даромади фоизӣ мебошад, хавфи хостарин хавфи қарзӣ мебошад. Аксар олимон-иқтисодчиён дар асарҳои худ мафҳуми «хавфи қарзӣ», аз ҷумла хавфи қарзиро дар бонки тиҷоратӣ ба назар гирифтаанд. Илова бар ин, мафҳуми «хавфи қарзӣ» ва оқибатҳои манфии эҳтимолии ин хавф муддати хеле тӯлонӣ мавзуи таҳқиқоти олимон буд. Масалан, ба андешаи Ҷ.К. Колли, хавфи қарзӣ, пеш аз ҳама, як навъ хавфи бонкие мебошад, ки метавонад то баргардонидани қарз ба вуҷуд ояд. Ба ақидаи Н.Ю. Ситников, таваккали қарзӣ ин

имкони зиёнест, ки дар он аз ҷониби контрагент иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ мебошад.

**Зернизоми идоравӣ**




**Расми** 1. **- Механизми идоракунии хавфҳо**

**Коркарди муаллиф**

Баъзе муаллифон хавфи кишвар, хавфи соҳибихтиёр ё хавфи контрагентро ба хавфи қарзӣ дохил мекунанд, ки на ҳамеша асоснок шудааст. Таваккали кишвар ва хавфи контрагент ба мавқеи тарафи дигари муомилоти қарзӣ вобаста аст, ки ба ҳолатҳои баргардонидани маблағҳои қарзӣ вобаста нест.[5, с. 18] Хавфи қарзӣ, дар навбати аввал, ба баргардонидани сармояи қарзӣ таъсир мерасонад. Баргардонидани маблағҳои қарзӣ тартиби муқаррарии хидматрасонии қарзро дар назар дорад, ки мавҷудияти қарзи ҷории мӯҳлаташ гузаштаро аз рӯи қарз пешбинӣ намекунад.

Бояд қайд кард, ки низоми идоракунии ҳавфҳои бонки тиҷоратӣ асосан субъективӣ аст ва он ба рӯйдодҳои оянда нигаронида шудааст. Таъмини меъёрии усули низоми идоракунии хавфҳои бонкӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ба анҷом нарасидааст, дар ҳоле ки сифати танзим ва назорати давлатӣ аз самаранокии механизмҳои ҷории идоракунии ҳавфҳо вобаста аст.

Сиёсати идоракунии хавфҳо бояд ба таври органикӣ ба стратегияи умумии рушд мувофиқат кунад. Масалан, агар бонк сиёсати хашмгинтареро пеш гирад, сатҳи хавфе, ки вай ба зиммаи худ мегирад, метавон хеле баланд гардад, назар ба он ки дар бонк сиёсати консервативӣ ҳукмфармо бошад. Маҳдудияти талафот ҳангоми сиёсати

хашмангез ҳаҷми сармояи бонк буда, ҳангоми сиёсати консервативӣ бошад - ин эҳтимолан фоидаи бонк аст.

Таҳлили самаранокии воситаю усулҳои идоракунии хавфи қарзӣ зарурати истифодаи маҷмуии онҳо, аз ҷумла баҳогузории сифатӣ, баҳогузории миқдорӣ, истифодаи усулҳои камшавии хавфи қарзӣ, мониторинг, меъёрҳои ҷойгиркунӣ, муқаррар намудани ҳудудҳо, идоракунии сандуқи қарзӣ, механизми баррасии қарз, раванди баҳогузории қарз, таҷдиди қарз, меъёри хизматрасонии қарз, таносуби қарз ва гарав, хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни ҳеҷингнашуда, таҷаммуъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ, таносуби қарз ба пасандозҳо, талабот ба кифоятии сармоя, меъёрҳои иқтисодӣ, тартиби ташкили захираҳоро талаб менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Адов Д.Е. Подходы к классификации систем дистанционного банковского обслуживания. / Д.Е. Адов // Банковское дело. - 2017. - №3. - С. 120-123.
2. Азиева Н.Н. Дистанционное банковское обслуживание в России: современное состояние и управление рисками. / Н.Н. Азиева // Экономика. Бизнес. Банки. - 2015. - №3(12). - С. 85-95.
3. Балдин К.В. Управление рисками. Учебное пособие для студентов вузов, обучающихся по специальностям экономики и управления / К.В. Балдин, С.Н. Воробьев. - М.: Юнити-Дана, 2017. - 511 с.
4. Бахрамов Ю.М. Финансовый менеджмент. Учебное пособие / Ю.М. Бахрамов, В.В. Глухов - СПб.: Издательство «Лань», - 2018. – 736 с.
5. Лаврушин О.И. Управление деятельностью коммерческого банка: (банковский менеджмент). Учебник /О. И. Лаврушин, И. Д. Мамонова, Н. И. Валенцева и др.; под ред. О.И. Лаврушина. – М.: Юристъ, 2005. – 687с.
6. Махшулов С.Ҷ. Хатари қарзӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии он. /С.Ҷ., Махшулов, Қ.С. Сафаров, Г.М. Шарифзода // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. - №4-1 (33). - С. 196-204.
7. Соколинская Н.Э. Управление кредитными рисками / Н.Э. Соколинская // Проблемы управления банковскими и корпоративными рисками: научный альманах фундаментальных и прикладных исследований. - М.: Финансы и статистика, - 2005.
8. Хандруев А.А. Управление рисками банков: научно-практический аспект / А.А. Хандруев // Деньги и кредит. - 1997. - №6. - С.12.
9. Шарипов Б.М. Методика оценки деятельности кредитных организации и её роль в определении коэффициентов и пороговых значений индикаторов финансовой безопасности (часть вторая) / Б.М. Шарипов // Таджикистан и современный мир. - 2018. - №4 (63). - С. 205-215.


**УДК**: 336.71

## МАСЪАЛАҲОИ ҚАРЗДИҲИИ СОҲАИ САНОАТ ВА ТАЪМИНИ РУШДИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

***Миршарипов Эмомалӣ Қурбоназиевич*** - *унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734025. *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов* 64/14. *Тел.*: +992 988-53-63-64. E-mail: emomali-95s@mail.ru.

*Қарздиҳии соҳаи саноат дар шароити имрӯза яке аз механизмҳои асосии расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар баҳри иқтисодиёти устувор мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қарздиҳӣ ба соҳаи саноат дар шароити имрӯза яке аз самтҳои афзалиятнок мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф дар мақола масъалаи ҳамгироии низоми қарзӣ ва соҳаи саноатро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, самтҳои афзалиятноки соҳаҳоро бо роҳи рушди низоми қарздиҳӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки*

*фаъолияти муназзами имрӯзаи бахши воқеии иқтисодиётро дар аксар мавриди бидуни қарздиҳии низоми бонкӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаи мазкур дар шароити имрӯза зарурӣ ва саривақтӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо***: *қарздиҳӣ, саноат, рушд, низоми иқтисодиёти нақшавӣ, кишоварзӣ, маҳсулот, истеҳсолкунандагон, устувор, иқтисодиёт, давлат, корхона, бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ.*

## ВОПРОСЫ КРЕДИТОВАНИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ И ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЕГО РАЗВИТИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Миршарипов Эмомали Курбоназиевич*** - *соискатель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова*, 64/14. *Телефон*: +992 988-53-63-64. E-mail: emomali-95s@mail.ru.

*Промышленное кредитование является одним из основных механизмов достижения стратегических целей страны по достижению устойчивой экономики. Анализ показывает, что кредитование промышленности является одним из приоритетных направлений развития отрасли в современных условиях. С этой точки зрения в своей статье автор анализирует и обсуждает вопрос интеграции кредитной системы и отрасли промышленности, а также анализирует и обсуждает приоритетные направления отраслей через развитие кредитной системы. Опыт показывает, что сегодняшнюю упорядоченную деятельность реального сектора экономики в большинстве случаев невозможно представить без кредитования банковской системы. С этой точки зрения исследование данного вопроса необходимо и своевременно в современных условиях.*

***Ключевые слова***: *кредитование, промышленность, развитие, система планового хозяйства, сельское хозяйство, продукция, производители, экономика, государство, предприятие, банки, кредитные организации.*

## CREDIT ISSUES IN INDUSTRY AND ENSURING ITS DEVELOPMENT IN MODERN CONDITIONS

***Mirsharipov Emomali Kurbonazievich*** - *applicant for the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova St., 64/14. Tel: +992* 988-53-63-64. E-mail: emomali-95s@mail.ru.

Industrial lending is one of the main mechanisms for achieving the country's strategic goals to achieve a sustainable economy. The analysis shows that lending to the industry is one of the priority areas for the development of the industry in modern conditions. From this point of view, in his article the author analyzes and discusses the issue of integration of the credit system and industry, and also analyzes and discusses the priority directions of industries through the development of the credit system. Experience shows that today's orderly activity of the real sector of the economy in most cases cannot be imagined without lending to the banking system. From this point of view, research on this issue is necessary and timely in modern conditions.

Keywords. Lending, industry, development, planned economy system, agriculture, products, manufacturers, stables, economy, state, enterprise, banks, credit organizations.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз гузариш ба низоми иқтисоди нақшавӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ баъд аз соли 1991 ба тамоми соҳаҳои муҳими иқтисодӣ аз он ҷумла бахши воқеии иқтисодиёт аҳамияти аввалиндараҷа дод. Илова бар фароҳам омадани чунин шароит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди васеъ шудани доираи фаъолияти субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва афзоиши сатҳи талабот дар бозор ба молу

маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ, ки сатҳи самаранокии онҳо ба соҳаи саноати кишвар рост меояд, ба амал баровардани маҳсулоти ниёзи аввал як фишанги асосӣ ва ҳадафи стратегии давлат дар самти таъмини амнияти озуқавории кишвар маҳсуб меёфт. Қобили тазаккур аст, ки истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ дар иваз намудани ҷойи маҳсулотҳои аз лиҳози экологӣ ноустувор, ки аз хориҷи кишвар ворид мешаванд ва коркарди онҳо барои истифода ва истеъмоли муддати тӯлонии вақт эҳтиёҷ дорад, мавқеи ҳалкунанда мебозад. Қайд кардан зарур аст, ки дар доираи имкониятҳои рушди бахшҳои воқеии кишвар соҳаи саноат ва кишоварзӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке ҷумҳуриҳое маҳсуб меёбад, ки аз ҳама нуқтаи назар дорои имкониятҳои васеи захираҳои табиию экологӣ, имкониятҳои иқлимӣ, истеҳсоли неруи барқ, рушди иқтисодиёти сабз, сохтани корхонаҳои хурду миёнаи кишоварзӣ, ки ин ҳама дар ташкили заминаҳои устувори иқтисодиёти давлат ва баланд кардани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мавқеи ҳалкунанда дорад, ҳамеша чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Дар сатҳи имкониятҳои мавҷудаи соҳавӣ ва дастгириҳои бевоситаи ҳаматарафа ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт соҳаи саноат ва кишоварзӣ дар таҳкими минбаъдаи рушди дигар шохаҳои иқтисодӣ бо роҳи дастрасӣ ба захираҳои арзони молиявию қарзӣ ва сармоягузорӣ метавонад мавқеи ҳалкунанда дошта бошад. Зеро аз аввали солҳои Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми иқтисодиёти миллиро тавассути аз низоми банақшагирии мутамаркази давлатӣ ба иқтисоди бозоргонӣ гузаронидани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба роҳ монда, дар ин самт як қатор корҳои муҳимро анҷом дод, ки ин масъалаҳо боиси ба як марҳалаи ҷадиди рушд қарор гирифтани давлатро инъикос намуд [7]. Дар ин самт барои гузаронидани ислоҳот қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайянкунанда ва танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодӣ қабул карда шуданд. Имкониятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамгироии рушди бахши воқеии иқтисодиёт бо бахши институтсионалии равандҳои қарзӣ ҳамеша зич буда, он ҳамеша дар маркази диққати роҳбарияти олии кишвар қарор дорад. Илова бар ин, дар самти таъминоти маблағгузории қарзӣ ба соҳаҳо ворид кардани чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт ва тақвияти минбаъдаи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҷдиди қарзҳои мушкилситони корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ мусоидат кард ва якчанд қарор низ қабул намуд. Аз ҷумла, мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 1997, таҳти №124 «Дар бораи реструктуризатсияи қарзҳои корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи кредитҳои бонкҳо», қарзҳои пештар ба хоҷагиҳои воқеъ дар ноҳияҳои куҳистон додашуда ва фоизҳои онҳо ба қарз дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуданд, ки то андозае сандуқи қарзии бонкҳоро беҳтар намуд [2, с. 45]. Дастгирии соҳаи саноат ва кишоварзӣ ҳамеша дар маркази диққати Пешвои миллат аз аввали соҳибистиқлолӣ қарор дошта, ба рушди ин соҳаҳо аҳамияти аввалиндараҷа медиҳауд. Новобаста ба ин дидани чорабиниҳои дахлдор оид ба беҳтар намудани авзои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, корхонаву ташкилотҳо ва хоҷагиҳои деҳқонию хоҷагиҳои хонавода, корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ имконияти хуби рушдро фароҳам овард, ки барои ғанигардонии бозор ва буҷаҳои мардум ва беҳтаршавии сифати зиндагии аҳолӣ мусоидати ҳаматарафа менамояд.

Ташкили раванди коркарди истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ва истеҳсолоти дигари барои кишвар зарур дар доираи табдили онҳо ба истеҳсолоти саноатӣ муҳим ва зарур буда, ташкили муҳити ҳамгироии истеҳсолот байни соҳаҳои мазкур шарти асосӣ мебошад. Фароҳам овардани шароити рушд барои истеҳсолоти молҳои саноатӣ ва ташкили корхонаҳои саноатӣ бояд ҳадафи асосии давлату ҳукумат қарор дошта бошад. Зеро дар айни замон масъалаи суръатбахшии рушди соҳаи саноат

ва устувории он, дигаргунсозии куллии сохторӣ, таъсиси корхонаҳои хусусӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, ҷорӣ намудани навовариҳои техникию технологӣ дар истеҳсолоти саноатӣ зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Аммо дар шароити имрӯза масъалаи норасоии захираҳои пулӣ дар сохторҳои алоҳидаи саноат ва истеҳсолот ҳамеша масъалаи баҳснок ва зери назорат қарор дорад, ки ин масъала бояд дар доираи имкониятҳои захиравии низоми бонкӣ ҳалли худро пайдо намояд.

Тамоюлҳои тағйирёбандаи ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки мутақилияти истеҳсолии ҳар як кишвари алоҳида дар сатҳи зарурӣ таъмин гардида, вобастагии он аз молҳои ба воридот нигаронидашуда то як андоза коҳиш дода шаванд. Дуруст қайд гардидааст, ки зарурати воридшавии муваффақона ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва кам кардани таъсири манфии он ба иқтисодиёту сатҳи зиндагии аҳолӣ талаб мекунад, ки сиёсати иқтисодии кишвар, аз ҷумла сиёсат дар соҳаи саноат, самаранок пеш бурда шуда, сохтори иқтисодиёт ва фаъолияти соҳаҳои он дуруст ба роҳ монда шавад [8, с. 102]. Сатҳи самаранокии рушди соҳаи саноатро дар шароити имрӯза, пеш аз ҳама, аз таъмини мустақилияти фаъолияти ташкилӣ, додани имтиёзҳои давлатӣ ва маблағгузорию сармоягузорӣ таъмин намудан имконпазир мебошад. Дар айни замон таъмини соҳаҳои алоҳидаи саноатро бо қарз ва сармоя метавон аз ҳисоби низоми бонкӣ ва сармоягузорони хориҷӣ таъмин кард. Беҳуда нест, ки дастрасӣ ба қарзҳоро яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва бунёди ҷойҳои нави корӣ мегӯянд [5, с. 45].

Воқеан, дар сохтори гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ бартарии истифодаи қарз барои васеъ кардани истеҳсолот нисбат ба истифодаи воситаҳои истеҳсолӣ, агар аз як тараф, ба рушди соҳаи саноат ва васеъ кардани доираи он мусоидат намояд, аз дигар тараф, қарзгирандагонро маҷбур месозад то маблағҳои пулиро самаранок истифода намуда, ба масъалаи бозпасгардонии онҳо аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд. Аз ҷониби дигар, назорати истифодаи самаранокии истифодаи воситаҳои қарзӣ бар дӯши бонк дучанд мегардад ва бонк кӯшиш менамояд, ки дар ҷараёни субъектҳои иқтисодӣ дар соҳаи саноат ҳамроҳ шавад. Зеро баъди гузаштан аз низоми аграрӣ-саноатии рушди иқтисодиёт ба низоми индустриалӣ-аграрӣ зарурати маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ ба соҳаи мазкур ба миён омада, таъмини ин масъала бо захираҳои пулӣ шарти асосӣ гардид. Қайд кардан зарур аст, ки қарздиҳӣ ба соҳаҳои гуногуни саноат дар бахши истеҳсолот яке аз механизмҳои асосие маҳсуб меёбад, ки он бояд аз тарафи низоми бонкӣ амалӣ гардад. Таҳлилҳо дар солҳои охир нишон медиҳад, ки пешравии ин ё он бахши воқеии иқтисодиётро бе дастгирии қарзҳои низоми бонкӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Динамикаи афзоиши қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки дар ин масъала қарздиҳӣ ба соҳаи саноат, кишоварзӣ ва қарзҳои истеъмолӣ афзалияти бештар доранд. Тавре аз ҷадвали 1 маълум аст, дар баробари дигар соҳаҳои муҳими ҷамъияти қарздиҳӣ ба ин соҳа дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад (ниг. ҷадвали 1)

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали мазкур бармеояд, ки тамоили қарздиҳии низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дошта, нишондиҳандаҳои дар ин самт мавҷудбуда сол то сол зиёд гардидаанд. Чунин таомили зиёдшавӣ агар, аз як тараф, аз ҳисоби фаъолияти самараноки соҳаҳо бошад, аз дигар тараф, аз беҳтар гардидани фазои фаъолияти низоми бонкӣ вобаста мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қарзҳои додашуда ва пардохтшудаи бонкҳо ба бахши воқеии иқтисодиёт дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад, ки ин масъала аз беҳтар гардидани қобилияти қарзадокунии бахши воқеии иқтисодиёт вобаста мебошад.

| | Қарзҳои додашуда, ҳамагӣ | | | | | | | | | 2022/2014 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| **Қарзҳои додашуда, ҳамагӣ** | 8 443 721 | 7 360 542 | 4 373 530 | 5 038 086 | 4 646 487 | 6 095 858 | 7 390 119 | 9 594 787,9 | 9 370 998,2 | 10,9 |
| **Саноат** | 1 072 899 | 2 112 528 | 1 551 525 | 2 373 050 | 893 336 | 167 633 | 884 632 | 1 027 859,2 | 922 139,1 | -14 |
| **Кишоварзӣ** | 1 023 646 | 611 585 | 474 359 | 329 259 | 403 661 | 417 665 | 697 235 | 1 006 037,4 | 1 039 738,4 | 1,5 |
| **Хизматрасонӣ** | 339 746 | 205 782 | 194 011 | 330 923 | 337 921 | 744 497 | 848 625 | 1 226 830,6 | 846 224,2 | 149 |
| **Истеъмолот** | 1 243 029 | 859 662 | 615 578 | 702 958 | 952 977 | 1 189 717 | 2 118 553 | 3 707 357,6 | 5 092 088,5 | 309,6 |

**Ҷадвали 1. - Қарзҳои додашуда ва пардохтшудаи низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар солҳои 2014-2022 (млн) сомонӣ**

**Сарчашма**: **Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ** 2014, №12 (233), 2016, №12 (257), 2018, №12 (281), 2020, №12 (305), 2021 №12 (316), 2022, №12 (329).

Тавре дида мешавад, ҳаҷми қарзҳои додашуда ва пардохтшудаи бонкҳо агар дар соли 2014 8443,7 млн сомониро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 9370,9 млн сомонӣ баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли 2014 10,9% афзоиш ёфтааст. Новобаста ба оне, ки пардохти қарзҳои додашуда ба соҳаи саноат дар соли 2022 ба андозаи -14% коҳиш ёфта бошанд ҳам, тибқи таҳлилҳо, қарзҳои додашуда дар ин соҳа тамоили зиёдшавиро доро мебошад. Новобаста ба оне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иқтисодиёти аграрӣ- саноатӣ ба низоми иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ гузашт, ҳамоно тавaҷҷуҳ ба соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи баланд қарор дорад ва таваҷҷуҳи низоми бонкӣ дар самти дастгирии соҳаи кишоварзӣ бештар гардидааст. Агарчанде ки қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ афзоиш ёфта бошад, дар баробари ин, пардохти қарзҳо низ аз тарафи соҳаи мазкур дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ додашуда агар дар соли 2014 1 023646 млн сомониро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 1 039 738,4 млн сомонӣ ё 1,5% зиёд гардидааст. Хизматрасонӣ бошад, 149% ва қарзҳои истеъмолӣ бошанд, 3,9 маротиба афзоиш ёфтаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи саноат ва дигар соҳаҳои ба он ёрирасон, пеш аз ҳама, додани имконияти қарздиҳӣ ва пардохти қарзҳо ба онҳо зарур мебошад. Дар айни замон то чӣ андозае, ки ба соҳа имконияти зиёд дода шавад, то ҳамон андоз

имконияти рушди он васеъ мегардад. Илова бар ин, ҷиҳати ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар се соли охир дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шуданд [6]. Воқеан, соҳаҳои аҳамияти ҷамъиятидошта бевосита зарурат ба имтиёз мебошанд, ки яке аз онҳо ин қарздиҳӣ ба соҳаҳои зикргардида, махсусан ба соҳаи саноат ва кишоварзӣ мебошад. Дар соҳои охир қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки ин тамоюл аз тарафи низоми бонкӣ, махсусан баъд аз соли 2021 дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои рушди қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар солҳои 2010-2022 (млн сомонӣ)**

| Солҳо | Соҳаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамаи қарзҳо | Саноат | Кишоварзӣ | Сохтмон | Хизматрасонӣ | Истеъмолот |
| 2010 | 3291,9 | 723,9 | 564,7 | 390,1 | 162,4 | 292,5 |
| 2011 | 4167,4 | 803,6 | 945,5 | 490,7 | 181,1 | 324,8 |
| 2012 | 4486,2 | 828,7 | 777,0 | 502,1 | 203,1 | 512,1 |
| 2013 | 6155,3 | 1254,1 | 931,7 | 688,3 | 2046,1 | 694,9 |
| 2014 | 7888,9 | 1502,5 | 945,0 | 847,4 | 243,6 | 872,6 |
| 2015 | 9350,0 | 2254,5 | 1003,0 | 1241,6 | 206,0 | 853,4 |
| 2016 | 8230,1 | 2424,7 | 1036,7 | 1037,0 | 251,4 | 846,0 |
| 2017 | 6913,0 | 2613,4 | 832,3 | 639,6 | 220,5 | 795,3 |
| 2018 | 6700,7 | 2529,9 | 770,7 | 529,8 | 233,4 | 863,1 |
| 2019 | 7664,6 | 670,6 | 154,2 | 350,2 | 574,9 | 1023,6 |
| 2020 | 8903,6 | 299,6 | 896,7 | 476,8 | 596,8 | 1120,6 |
| 2021 | 13682,2 | 1410,9 | 2104,1 | 5330,6 | 1794,3 | 4850,9 |
| 2022 | 14382,1 | 1478,5 | 2433,9 | 527,0 | 1463,8 | 5603,0 |
| Нисбат ба соли 2010 | 3,3 маротиба | 104,2 % | 3,3 маротиба | 35% | 9,0 маротиба | 18,2 маротиба |

**Сарчашма**. **Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ** 2014, №12 (233), 2016, №12 (257), 2018, №12 (281), 2020, №12 (305), 2021 №12 (316), 2022, №12 (329).

Қайд кардан ба маврид аст, ки қарздиҳии соҳаи саноат дар шароити имрӯза имконият медиҳад, ки соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои ба ин вобаста ба таври назаррас рушд намоянд. Зеро дар сурати рушди соҳаи саноат имконияти нигоҳубини маҳсулотҳои кишоварзӣ, коркард ва ба маҳсулоти тайёр табдил додани ашёи хоми таъиноти гуногундошта, коркарди маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ва як қатор масъалаҳои дигар дар пояи соҳаи саноат рушд меёбанд. Аз ҳамин лиҳоз, бо талошу пуштибонии бахши воқеии кишвар аз ҷониби Ҳукумат таваҷҷуҳу дастгирии соҳаҳои муҳим зиёд гардидааст. Илова бар ин, дар сатҳи низоми бонкӣ қарздиҳии соҳаи саноат дар солҳои охир тамоили болоравиро касб намудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки баъд аз соли 2010 тамоили қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ зиёд гардид. Ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ агар дар соли 2010 3291,9 млн сомониро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 14382,1 млн сомонӣ баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда 3,3 маротиба зиёд гардидааст. Дар бахши саноат бошад, агар қарзҳо дар соли 2010 723,9 ҳазор сомониро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2022 1478,5 млн сомониро ташкил

медиҳад, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда 104,2% зиёд гардидааст. Ҳамин нишондиҳанда дар соҳаи кишоварзӣ 3,3 маротиба, сохтмон 35%, хизматрасонӣ 9 маротиба ва истеъмолот бошад, 18,2 маротиба афзоиш ёфтааст. Агарчанде қарздиҳӣ ба соҳаи саноат дар муқоиса ба соли базавии таҳлилшаванда 104,2% афзоиш ёфта бошад ҳам, аммо ин нишондиҳанда қаноатмандкунанда нест. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳад, ки қарздиҳӣ ба соҳаи саноат дар маҷмуи худи соҳа агар тамоили зиёдшавӣ дошта бошад, пас ин нишондиҳанда дар муқоисаи ҳиссавӣ дар сандуқи қарзии низоми бонкӣ тамоили коҳишёбӣ дорад (Диаграммаи 1).

Саноат ҳамчун бахши афзалиятнок ва калидии иқтисодиёти давлат ҳамеша дар зери таваҷҷуҳи бевоситаи Ҳукумати кишвар ва низоми бонкӣ қарор дошта, ба рушди он ҳамавақт аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Қайд кардан лозим аст, ки ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ ҷиҳати рушди соҳа ва ислоҳоти фарогир дар ин соҳа ва соҳаҳои ёрирасони он такмили маблағгузорӣ, сармоягузорӣ ва қарздиҳии низоми бонкӣ бисёр зарурӣ мебошад.

**Диаграммаи** 1. - **Ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи саноат додашуда дар маҷмуи умумии сандуқи қарзҳои низоми бонкӣ бо** %




**Сарчашма**. **Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ** 2014, №12 (233), 2016, №12 (257), 2018, №12 (281), 2020, №12 (305), 2021 №12 (316), 2022, №12 (329).

Таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи саноат додашуда дар маҷмуи умумии сандуқи қарзҳои низоми бонкӣ ҳиссаи қарзҳои барои саноат додашуда агар дар соли 2010 13%-и сандуқи қарзии низоми бонкиро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2016 ба 34 ва дар соли 2017 ба 47% баробар гардид, ки дар соҳаи мазкур аз ҳама нишондиҳандаи баландтарин мебошад. Лекин ба таъсири як қатор омилҳо, аз он ҷумла осебпазир гардидани низоми бонкӣ ва таъсири як қатор омилҳои дигар ин ҳиссаи дар маҷмуи умумии сандуқи қарзии низоми бонкӣ тамоили коҳишёбиро касб намуда, мутаносибан баъд аз соли 2018 рӯ ба пастравӣ овард, ки ин нишондиҳанда аз 47%-и соли 2017 ба 10% дар соли 2022 баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли 2017 -37% кам гардидааст. Дар самти қарздиҳии бахши воқеӣ бехатарии бозпасгардонии қарзҳо низ шарти асосӣ буда, дар ҳама ҳолат аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Новобаста ба андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати паст кардани шиддати қарзҳои хавфнок дар сатҳи сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва таъмини амнияти низоми бонкӣ ҳоло ҳам мушкилоти дутарафа зиёданд, ки ин аз ҳарду ҷониб як қатор

тадбирҳоро тақозо менамояд ва ҳамаи соҳаҳоро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо бонкҳо ҳамкории зич намоянд [4, с. 73]. Барои татбиқи амалии ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 овардашуда якчанд вазифаҳои калидиро барои рушди ҳаматарафаи соҳа муайян менамояд. Дар ин раванд, вазифаи асосӣ таъмини рушди устувор тавассути диверсификатсия ва афзоиши рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Иҷрои муваффақонаи ин вазифа асосан аз ҳисоби соҳаи саноат ва афзоиши саҳми он дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ вобастагӣ дорад.

Илова бар ин, ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳо ва ҳадафҳои дигари ба ин вобаста дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- Фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Андешидани чораҳои зарурӣ дар самти ҳавасмандгардонии бахши институтсионалӣ қарздиҳӣ ба соҳаи саноат бо роҳи ҷалби диққати давлат ба ин самт;
- Зиёд намудани қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи саноат аз ҳисоби захираҳои арзон ва дарозмуддати қарзӣ;
- Додани кафолатҳои давлатӣ ба соҳаи саноат ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ;
- Додани имконият ба истеҳсолкунандагони молҳои саноатӣ ҷиҳати баромадан ба бозори рақобат;
- Афзоиш додани сатҳи сармоягузориҳои давлатӣ ба соҳаи саноат ва бо ин восита, иштирок намудан дар фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ;
- Назорат аз рӯи истеҳсолкунандагони субъектҳои соҳаи саноат ва ғ.

Суханҳои Пешвои миллат ба маврид аст, ки мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад [6].

Барои расидан ба ин ҳадафҳои олӣ муайян намудани омилҳои рушди иқтисодӣ ва дар заминаи имкониятҳои мавҷуда татбиқ намудани ин масъала шарти зарурӣ мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Ашуров, Н. Пул, қарз, бонк. Васоити таълимӣ [Матн] / Н.Ашуров. - Душанбе: Матбуот, 2011. – 314 с.
2. Бонкдорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ (1991-2011). – Душанбе, 2012. – 49с.
3. Лаврушин, О.И. Банковское дело. Учебник. Под ред. О.И. Лаврушина [Текст] /О.И. Лаврушин, И.Д. Мамонова, Н.И. Валенцева и др. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: КНОРУС, 2005. – 299 с.
4. Махшулов С.Ҷ. Таъмини бехатарии низоми қарздиҳӣ дар шароити муосир / С.Ҷ. Махшулов, И.Қ. Ҷумаев //Паёми молия ва иқтисод. - 2022. - № 4-2(34). - С. 72-79.
5. Муминов А. Дастрасӣ ба маблағузориҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ / А.Муминов // Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ. - 2023. - С. 45.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019. –[манбаи электронӣ]. – URL: http://prezident.tj/node/21975 (санаи дастрасӣ: 13.04.2022)
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе - [манбаи электронӣ]. - URL: http://prezident.tj/taxonomy/term/5/79, 26.01.2021. (санаи ворид: 02.02.2023)

8. Раҳимзода, Ш. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди миллӣ. Монографияи илмӣ [Матн] / Ш. Раҳимзода. – Душанбе: Эр-граф, 2019. - 219 с.
9. Сандалов, Ҳ.А. Асосҳои институтсионалии рушди захираҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Ҳ.А. Сандалов, Г.С. Латипова // Паёми молия ва иқтисод. - 2019. - № 4 (20). - С. 14-20.
10. Солеҳзода, А.А. Таҳлили хавфҳои низоми бонкии кишвар дар доираи чораҳои сиёсати макропруденсиалӣ [Матн] / А.А. Солеҳзода, Қ.С. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. - 2021. - № 1 (25). - С. 36-42.
11. Хайрзода, Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ: диссер. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Молия, гардиши пул ва қарз [Матн] / Ш.Қ. Хайрзода. - Душанбе, 2021. - 430 с.

**УДК**: 631.16

## ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ҶАЛБИ САРМОЯ БА СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

***Саидзода Дилмурод Саймаҳмад*** *– ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: 734067. *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов* 64/14. *Тел.*: 918-66-66-44.

*Дар иқтисодиёти имрӯза хоҷагии қишлоқ ҳамчун муҳаррики асосӣ ва пешбаранда маҳсуб ёфта, ба дастгирии ин масъала аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд. Дар шароити имрӯза давлат ба иқтисоди пурқувват манфиатдор бошад, пас бояд тамоми кӯшишҳоро дар сатҳи қонунгузорӣ барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар равона сохта, соҳаи кишоварзиро дар ҳама ҳолат ва шароит дастгирӣ намояд. Аз ин хотир, муаллиф масъалаи ҷалби сармоягузориро ба соҳаи кишоварзӣ омили муҳимми рушди соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон медонад. Аз дигар тараф бахши деҳоти кишвар дар иқтисодиёт ва таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳим дошта, ин масъала ҳамеша ба сармоягузории иловагӣ эҳтиёҷ дорад.*

***Калидвожаҳо***: *сармоягузорӣ, кишоварзӣ, давлат, таҳдидҳо, коҳиш, иқлим, муассир, сиёсат, моликият, захираҳо, ҳосилнокӣ, истеҳсолот, маҳсулот.*

## ОСОБЕННОСТИ ПРИВЛЕЧЕНИЯ КАПИТАЛА В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫЙ СЕКТОР

***Саидзода Дилмурод Саймахмад*** *– ассистент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*:734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова*, 64/14. *Тел.*: 918-66-66-44.

*В современной экономике сельское хозяйство рассматривается как главный двигатель и лидер, и поддержка этого вопроса имеет первостепенное значение. В сегодняшних условиях, если государство заинтересовано в сильной экономике, то оно должно направить все усилия на законодательном уровне на создание благоприятного инвестиционного климата в стране и поддержку аграрного сектора во всех случаях и условиях. По этой причине автор проанализировал вопрос привлечения инвестиций в сельское хозяйство как важный фактор его развития в Республике Таджикистан. С другой стороны, сельский сектор страны играет важную роль в экономике и обеспечении продовольственной безопасности, и этот вопрос всегда требует дополнительных инвестиций.*

***Ключевые слова***: *инвестиции, сельское хозяйство, государство, угрозы, сокращение, климат, эффективность, политика, собственность, ресурсы, производительность, производство, выпуск.*

## FEATURES OF ATTRACTING CAPITAL IN THE AGRICULTURAL SECTOR

***Saidzoda Dilmurod Saimakhmad*** *- is an assistant at the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14. Tel.:* 918-66-66-44.

*In today's economy, agriculture is seen as a major driver and leader and supporting this issue is of utmost importance. In today's conditions, if the state is interested in a strong economy, then it must direct all efforts at the legislative level to create a favorable investment climate in the country and support the agricultural sector in all cases and conditions. For this reason, the author analyzed the issue of attracting investment in agriculture as an important factor in its development in the Republic of Tajikistan. On the other hand, the country's rural sector plays an important role in the economy and food security, and this issue always requires additional investment.*

***Key words:*** *Investments, agriculture, state, threats, reduction, climate, efficiency, politics, property, resources, productivity, production, output.*

Соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои асосӣ ва муҳимми иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар татбиқ ва рушди он ҳама вақт аҳаммияти аввалиндарача дода мешавад. Аз ин хотир, ҳукумат бояд сиёсатеро таҳия ва амалӣ созад, ки барои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шароити мусоид фароҳам оварад. Он бояд кам кардани монеаҳои бюрократӣ, соддагардонии расмиёти иҷозатдиҳӣ, ҳифзи моликият ва таъмини суботи ҳуқуқро ба назар гирад.

Дар баробари афзоиши аҳолӣ ва афзоиши даромад, шакли истеъмол тағйир меёбад ва талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайриозуқавии кишоварзӣ меафзояд. Илова бар таҳдидҳои тағйирёбии иқлим, кишоварзӣ бояд бо нобудшавии афзояндаи заминаи захираҳои табиие, ки аз он вобаста аст, рӯ ба рӯ шавад. Аз ин рӯ, зарурати фаврӣ васеъ намудани имкониятҳои сармоягузорӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии захираҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва системаи озуқаворӣ, аз ҷумла чорводорӣ, чарогоҳҳо ва моҳидорӣ ба миён меояд.

Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва низоми мукаммали озуқаворӣ яке аз стратегияҳои самараноки коҳиш додани таҳдидҳо дар амнияти озуқаворӣи кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, дар шароити имрӯза якчанд роҳу воситаҳои ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзӣ вуҷуд дорад, ки асоситаринаш инҳо мебошанд:

- қарзҳо ва сармоягузориҳои давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ;
- қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
- сармоягузориҳои хориҷӣ ва маблағҳои қарзие, ки аз ҳисоби хориҷа дар асоси лоиҳаҳо ба соҳаи кишоварзӣ дода мешаванд;
- қарзҳои байниякдигарӣ, ки дар асоси дастгириҳои байниякдигарӣ бо назардошти тамдиди мӯҳлат ба якдигар дода мешаванд.

Бояд гуфт, ки сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва системаҳои озуқаворӣ, аз ҷумла тадқиқоти кишоварзӣ, маориф, инфрасохтор ва дигар хизматрасониҳои марбута аз ҷониби доираи васеи фаъолони ҳам хусусӣ ва ҳам давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ҳукумат метавонад барои сармоягузорони соҳаи кишоварзӣ имтиёзҳои молиявӣ, аз қабили имтиёзҳои андоз, субсидияҳо, қарзҳои имтиёзнок ва кафолати баргардонидани қарзҳоро пешниҳод кунад [3].

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксар маврид институтҳои молиявӣ бо сабабҳои зиёд аз қарздиҳӣ ё сармоягузорӣ ба бахши соҳаи кишоварзӣ худдорӣ мекарданд. Яке аз сабабҳои асосин ин масъала аксаран мушкилоти ҷуғрофӣ мебошад. Тавре маълум аст, 93%-и қаламрави Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил намуда, илова бар ин, кишвар зери таъсири маҳдудиятҳои умумии абиотикӣ қарор дорад, ки дар натиҷаи гармшавии

глобалӣ (тағйирёбии иқлим) ба кишоварзии минтақаҳои Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад. Дар аксари маврид набудани филиалҳои муассисаҳои молиявӣ боиси маҳдуд шудани маҳсулоти пасандоз, суғурта ва қарз ба деҳқонон ва хоҷагиҳои кишоварзӣ мегардад.

Омили дуюм, ки аз хизматрасонии ин бахш ба муассисаҳои молиявӣ монеъ мешавад, ба хавфи системавии ба фаъолияти кишоварзӣ хосбуда алоқаманд аст. Вақте ки офатҳои табиӣ ё обу ҳавои номусоид рух медиҳанд, онҳо одатан ба шумораи зиёди деҳқонон ва кооперативҳои кишоварзӣ таъсир мерасонанд, ки барои шарикони молиявӣ диверсификатсияи сатҳи муштариёни худро душвор мегардонанд, зеро вақте ки як муштарӣ қарзи гирифтаашро пардохт карда натавонад, дигарон дар ҳолати ногувор қарор мегиранд.

Мушкилоти дигари бонкҳо дар хизматрасонӣ ба бахши кишоварзӣ ин аст, ки зерсохтори молиявӣ дар деҳот умуман хеле заиф аст. Дар деҳот пайгирии шахсияти муштариён ё мониторинги натиҷаҳои истеҳсолот ниҳоят мушкил мегардад [8, с. 56].

Сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки ҳосилнокӣ дар бахши кишоварзӣ метавонад аз дастрасии беҳтар ба воситаҳои молиявие, ки ба эҳтиёҷоти деҳқонон ва хоҷагидорон мутобиқ карда шудаанд, баҳра барад. Ҳукумат метавонад барои амалӣ кардани ин як қатор чораҳо андешад. Аввалан, сармоягузорӣ ба инфрасохтори молиявии деҳот барои бартарафсозии асимметрияи иттилоотӣ, ки ба провайдерҳои хизматрасонии молиявӣ аз хизматрасонии ширкатҳои кишоварзӣ монеъ мешаванд, кумак хоҳад кард. Пойгоҳҳои дастрасии оммавии омори кишоварзӣ ва обу ҳаво ба қарздиҳандагон ва суғуртакунандагон имкон медиҳанд, ки муштариёни хубро аз бадкорон дақиқтар фарқ кунанд ва амалҳои онҳоро назорат баранд. Ҳукумат дар пешниҳоди маълумотҳо бартарии муқоисавӣ дорад, ки ба қарздиҳандагон ё суғуртакунандагон дар муайян кардани хатарҳои онҳо ва нархгузории онҳо мувофиқан кумак мерасонад.

Дуюм, таҳкими ҳуқуқи моликият ва иҷрои қарордодҳо метавонад дастрасии маҳсулоти муҳимми молиявиро барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва умуман бизнеси кишоварзӣ боз кунад.

Бояд гуфт, ки дар фаъолияти босамари хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дар баробари фаъолгардонии ҳаматарафаи ташкилотҳои имкониятдошта, ташаккули механизми самараноки зерсохтори қарзҳои дарозмуҳлат масъалаи асосӣ мебошад. Имрӯз дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо ҳиссаи қарзҳои дарозмуддат, ҳамчунин, ҳиссаи қарзҳои кӯтоҳмуддат низ назаррас нест, ҳол он ки дар муқоиса ба бонкҳои тиҷоратӣ ҳиссаи ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ чашмрас аст, ки дар диаграммаи 1 масъалаи мазкурро мушоҳида кардан мумкин аст.

Принсипҳо, амалия, заминаи қонунӣ, меъёрҳои фаъолият ва сохтори маблағгузории кооперативҳо бо кооперативҳои хусусӣ ё корхонаҳои давлатӣ яксон нестанд, гарчанде ки онҳо монандиҳои зиёд доранд. Тафовути аз ҳама муҳим вобастагии кооперативҳо аз узвият дар тиҷорат ва инчунин аз маблағгузории қарз мебошад - хусусият, ки метавонад густариши онҳоро маҳдуд кунад ва онҳоро дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ осебпазир гардонад.

Аз маълумоти диаграммаи 1 хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳиссаи қарзҳои низоми бонкии ба соҳа додашуда дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 17,3%-ро ташкил медиҳад, ки ин барои ба қадри кофӣ таъмин намудани рушди соҳа мусоидат карда наметавонад. Аз рӯйи маълумоти диаграммаи мазкур метавон гуфт, ки барои рушди бомароми соҳа ҳадди ақали қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ 50-60%-и ММК-ро бо назардошти имтиёзҳои мавҷуда ташкил намояд, то дар ҳадди имконпазир рушди соҳа таъмин карда шавад.

**Диаграммаи 1. - Ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2008-2019**




**Сарчашма**: **Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Бюллетени омори бонкӣ**, **солҳои** 2012-2019.

Бояд таъкид кард, ки мафхуми «кооператсия» яке аз мафҳумҳои печидатарин дар адабиёти иқтисодӣ мебошад. Дарки нодурусти моҳияти кооператив, ки асоси ин ихтилофҳо мебошад, аз муносибати омехтаю парешон ба худи мафҳуми корхона бармеояд. Барои асосгузорони идеяҳои кооперативӣ, назариячиёни равияи сотсиалистии асри 19 кооперативҳо ташкилоти комилан инсондӯст мебошанд. Барои онҳо принсипи овоздиҳии “1 нафар – 1 овоз” маънои бартарии шахс аз вазъи иқтисодӣ ва молиявӣ ҳисоб меёфт. Онҳо кооперативҳоро ташкилотҳои ғайрикапиталистӣ, ҳатто ташкилотҳои зиддикапиталистӣ ҳисоб мекарданд.

Таҳқиқот нишон дод, ки бофандагони англис назар ба файласуфони фаронсавӣ хеле амалашон тезтар буд, аввалин кооперативро соли 1844 таъсис доданд. Онҳо дар вақташ аз ин равиши инқилобӣ илҳом гирифта, номи «Пионерони диловари Роҷдал»-ро пайдо карданд. Онҳо мувофиқи таълимоти кооперативӣ қарор доданд, ки барои роҳбарӣ ба фаъолияти кооперативи худ якчанд принсипро кор карда бароянд.

Иттифоқи байналмилалии кооперативӣ муддати дуру дароз принсипҳои Роҷдалро асосӣ ҳисоб мекард. Аммо ахиран ин созмон консепсияҳои худро бознигарӣ кард. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳамаи мамлакатҳои либералӣ кооперативҳо мувофиқи хусусиятҳое амал мекунанд, ки барои ҳамаи корхонаҳои ин мамлакатҳо умумианд:

— кооперативҳо бо ташаббуси озодонаи гурӯҳи одамоне, ки бо хоҳиши ғаразноки беҳтар намудани вазъи молиявии шахсии худ ба амал омадаанд;

— кооперативҳо дар низоми муносибатҳои бозорӣ амал мекунанд, ки ба он дохил мешаванд, бо дигар корхонаҳо ва ҳатто бо дигар кооперативҳо рақобат мекунанд;

- кооперативҳо барои оқилона ба ҳам пайвастани омилҳои истеҳсолот кӯшиш карда, барои фурухтани маҳсулоти худ кӯшиш мекунанд, ки харидорони худро, ки аъзои кооператив нестанд, бештар қонеъ гардонанд;

— кооператив ҳам мисли ҳар як корхонаи дигар барои зиёд кардани фоидаи иқтисодии худ кӯшиш мекунад.

Хуллас, ба манфиати ҳамаи иштирокчиёни кооператив бояд оқилона инкишоф ёбад то бо кадрҳои мувофиқ таъмин бошад, сохтори молиявии солимро нигоҳ дорад, ки қобилият ва пардохтпазириро таъмин намояд, муносибатҳо ва расмиёти солими тиҷоратиро инкишоф диҳад ва барои дигар сифатҳои мусбати рушди тиҷорати зарурӣ

кӯшиш намояд. Хусусиятҳои ғайритиҷоратии кооперативҳо аксаран таъкид карда мешавад. Ин равиш метавонад дар муддати кӯтоҳ ҷолиб бошад, аммо дар муддати тӯлонӣ корношоям аст, агар аъзоён натавонанд ҳаҷми муомилоти барои муваффақияти тиҷоратии кооператив заруриро тавлид кунанд ва ба сармояи он тавассути даромади тақсимнашуда камтар саҳм гузоранд. Субсидияҳо бояд дар сурате дода шаванд, ки сабабҳои конунии иҷтимоӣ ташкил ва мавҷудияти кооперативҳоро асоснок карда, ба қобилияти молиявии тиҷоратии онҳо халал расонанд.

Бояд гуфт, ки мушкилии истифодаи усули камхарҷ ин муайян кардани арзиши «мақбул»-и хизматрасониҳо мебошад. Ҳатто, вақте ки ба кооперативҳо монополия дода мешавад, онҳо ҳар гуна нархе хоҳанд, гирифта наметавонанд. Дар бисёр мавридҳо меъёри хидматрасонии онҳо аз ҷониби ҳукумат паст карда мешавад. Стандартҳо барои хароҷоти қобили қабул талаб карда мешаванд. Азбаски кооперативҳо мехоҳанд доимӣ бошанд ва ба таври корӣ фаъолият кунанд, стандартҳо ё ҳадафҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ заруранд. Идоракунии кооперативхо ба қонеъ гардондани гурӯҳҳои манфиатҳои онҳо (аъзоён, кормандон ё мизоҷон) бе буҷчет ва стандартҳо душвор аст. Стандартҳо метавонанд бо истифода аз таносуби интихобшуда ё дигар нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва ҳатто сифатӣ муқаррар карда шаванд.

Танҳо маҷмуи дуруст интихобшудаи меъёрҳо метавонанд пешрафтро ба сӯи якчанд ҳадафҳо дақиқ инъикос кунанд. Коэффитсиентҳо ва стандартҳо бо назардошти хусусияти кооперативҳои омӯхташаванда интихоб карда мешаванд. Таҳаммулпазирӣ метавонад вобаста ба вазъият ва андоза зарур бошад. Гуногунии кооперативҳо як огоҳиро талаб мекунад: рақамҳое, ки барои муқоиса истифода мешаванд, бояд тағйирёбандаи ченшавандаро то ҳадди имкон пурра ва якхела фаро гиранд. Аксар вақт ислоҳот зарур аст, зеро баъзе маълумоти муфид бевосита дар тавозун ва ҳисоботи фоида мавҷуд нестанд. Масалан, фоидаи соф танҳо як нишондиҳандаи нишондиҳандаҳои умумии молиявӣ мебошад. Агар ба ин андоз ва истеҳлокро илова кунем, тасвири равшантар мегирем. Таҳлили он чи ки аз ҳисоби китоби кооператив берун аст, ҳамчунин таърифи «зиёди хизматрасонӣ» талаб карда мешавад.

Таҳлили молиявии кооперативҳо ҳамон категорияҳои коэффитсиентҳо ва стандартҳоро истифода мебарад, ки маъмулан ба дигар шаклҳои корхона татбиқ карда мешаванд. Ин бештар ба кооперативҳое дахл дорад, ки дар лоиҳаҳои маблағталаб иштирок мекунанд. Таносуби умумӣ инҳоянд, ки қобилияти пардохтпазирӣ, устуворӣ (ё пардохтпазирӣ), даромаднокӣ ва самаранокиро тавсиф мекунанд (инчунин маҳсулнокӣ номида мешаванд). Аммо, таносуби молиявӣ танҳо рақамҳо мебошанд. Барои тафсири онҳо ҳукм лозим аст. Яке аз роххои шарҳи нишондиҳандаҳои молиявии кооперативҳо муқоиса бо нишондиҳандаҳои дигари кооперативҳое, ки ба ҳамин гуна фаъолият машғуланд ё бо нормаҳои соҳае, ки кооперативҳо дар он амал мекунанд, мебошад. Аммо агар ин таносубҳо бо сабаби хусусияти хоси кооперативҳои таҳлилшаванда мувофиқ набошанд, онҳо барои омӯзиши минбаъда барои муайян кардани сабабҳои номувофиқӣ дар фаъолият замина фароҳам меоранд. Пас аз фаҳмидани ин дар бораи сифати фаъолияти кооперативҳо вобаста ба мақсад, ихтисос, интизориҳо ва сабабҳои асосӣ хулоса баровардан мумкин аст.

## АДАБИЁТ:

1. Бурых Е.С. Зарубежный опыт организации сельскохозяйственного кредитования /Е.С. Бурых // Вестник Алтайского государственного аграрного университета. - 2012. - № 1 (87). - С. 106-110.

2. Былыкбаева Р.С., Насретдинова М.Р. Сельскохозяйственный кредит в зарубежных странах // Экономика и социум. - 2014. - № 2 (11). [электронный ресурс]. - URL: http:// www.iupr.ru (дата обращения: 12.09.2023)

3. Махшулов, С.Ҷ. Таъсири қарзҳои бонкӣ ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ: дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 [Матн] / С.Ҷ. Махшулов. - Душанбе, 2021 – 193 с.

4. Нехамкин А.Н. Кредитование аграрного сектора: проблемы, перспективы развития. Монография. / А.Н.Нехамкин, И.И. Зайцев - Брянск: Ладомир, 2008. - 215с.

5. Новичков, В.И. Аграрная политика. Учеб.пособие. / В.И. Новичков, И.Б. Калашников, В.И. Новичков. - М.: Издательско-книготорговый центр «Маркетинг», 2001. - 288 с.

6. Сельскохозяйственная кредитная кооперация [Текст]: учебное пособие для студентов, обучающихся по специальностям: 080105 "Финансы и кредит", 080109 "Бухгалтерский учет, анализ и аудит", 080107 "Налоги и налогообложение" / С. Б. Коваленко [и др.]. - М.: Финансы и статистика, 2005. - 447 с.

7. Сафаров, Б. Г. Ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б. Г. Сафаров, Р. С. Раҳимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 3(32). – P. 74-80.

8. Ходжахонов, А.А. Совершенствование механизма кредитования сельского хозяйства Таджикистана в условиях переходного периода: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук: 08.00.05 [Текст] /А.А. Ходжахонов. – Душанбе, 2011. – 156 с.

9. Черняков, Б.А. Калифорнийская модель аграрного сектора США. Монография / Б.А. Черняков. - Москва, 2007. – 395 с.

10. Пошкус,Б. Тернистый путь системы кредитования сельского хозяйства России / Б.Пошкус// Экономика сельского хозяйства России.- 2011. - №2. - С.27-33.

11. Шарипов, Б. М. Формирование финансового рынка Республики Таджикистан: методология и практика / Б. М. Шарипов. – Душанбе : Институт экономики и демографии, 2019. – 334 с. – ISBN 978-99975-315-4-4.

---

**УДК: 339.72**

## ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БОЗОРИ МОЛӢ ДАР ҶАҲОН

***Султонзода Насиба*** *- ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога*: 735360. *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к.С. Сафаров* 16. *Тел*: (+992)988887128

*Муаллиф дар мақола паҳлуҳои гуногуни бозори молиро дида баромадааст, аз ҷумла омилҳои ба рушди бозор таъсиррасон, сектори молҳо, бозори захираҳои ҷаҳонӣ, рақобатпазирӣ, хусусиятҳои бозорҳои алоҳида дар ҷаҳон ва ғайраҳо. Омили ба самаранокии бозор таъсиргузор ин низоми мубодилавии савдо аст. Ҳамчун масъалаи актуалӣ саноатикунонии босуръат дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун стратегия қабул шуда, ҷиҳати баланд бардоштани истеҳсолоти ватанӣ ва пурра намудани бозорҳои молии кишвар бо молҳои ватанӣ ба ҳисоб меравад.*

*Ҳамчунин, барои бештар омӯхтани мафҳуми бозор дар мақола ҷадвали функсияҳои бозор дарҷ гардидааст.*

***Калидвожаҳо***: *бозори молӣ, иқтисодиёти миллӣ, рақобатпазирӣ, иқтисодиёт, истеҳсолот, талабот, нарх, механизми бозор, саноатикунонӣ, стратегия.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ТОВАРНОГО РЫНКА В МИРЕ

***Султонзода Насиба*** *- ассистент кафедры экономической теории Кулябского государственного университета им. Абуабдулло Рудаки. Адрес:* 735360. *Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16. Тел.: (+992)988887128.*

*В статье автор рассматривает различные аспекты товарного рынка, в том числе: факторы, влияющие на развитие рынка, сырьевой сектор, глобальный рынок ресурсов, конкурентоспособность, особенности отдельных рынков мира и т.д. Фактором, влияющим на эффективность рынка, является торговая система. Актуальный вопрос ускоренной индустриализации в современных условиях в Республике Таджикистан рассматривается как стратегия увеличения внутреннего производства и дополнения товарных рынков страны отечественными товарами.*

*Также, чтобы подробнее узнать о понятии рынка, в статью включена таблица функций рынка.*

***Ключевые слова:*** *товарный рынок, национальная экономика, конкурентоспособность, экономика, производство, спрос, цена, рыночный механизм, индустриализация, стратегия.*

## THEORETICAL BASICS OF FORMATION AND DEVELOPMENT COMMODITY MARKET IN THE WORLD

***Sultonzoda Nasiba*** *- Assistant of the Department of Economic Theory of Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. A*ddress: *735360,* Republic of Tajikistan, *Kulob, S. Safarov* street *16. Tel.: (+992) 9888827128*

*In the article, the author examines various aspects of the commodity market, including: factors influencing market development, the raw materials sector, the global resource market, competitiveness, features of individual markets in the world, etc. A factor influencing market efficiency is the trading system.*

*The pressing issue of accelerated industrialization in modern conditions in the Republic of Tajikistan is considered as a strategy for increasing domestic production and supplementing the country's commodity markets with domestic goods.*

*Also, to learn more about the concept of the market, the article includes a table of market functions.*

***Key words:*** *commodity market, national economy, competitiveness, economics, production, demand, price, market mechanism, industrialization, strategy.*

Бозорҳои молӣ яке аз низомҳои муҳимми иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳар як давраи муайян рушди бесобиқа доранд, ки аз рӯйи хусусиятҳои давраҳо ва муносибатҳои бозорї фарқ мекунанд. Давраҳои рушди бозорҳои молӣ гуногун буда, бевосита объекти омӯзиши ҳамаи синфҳои иқтисодӣ қарор гирифтаанд. Равиш ва усулҳои гуногун мавҷуд мебошанд, ки бо истифода онҳо мо метавонем бозорҳои молиро омӯхта, сатҳи рушд, сохтор ва тағйирёбии онҳоро арзёбї кунем.

Рушди муносибатҳои пулию молӣ яке аз сабабҳои асосии рушди муносибатҳои бозорӣ гардида, дар ташаккули шаклҳои гуногуни бозорҳо саҳми арзанда доранд.

Мафҳуми худи бозор то ба ҳол таснифи амиқ нагирифтааст. Таҳлилгарон ва иқтисодшиносон, тибқи дидгоҳ ва равишҳои худ, онро шарҳ дода, хусусияти асосии онро омӯхтаанд.

Профессор В.М. Галперин чунин меҳисобад, ки бозор ин механизми ҷамъиятии тақсими фоидаҳо ба воситаи мубодилавии ихтиёрии аҳолӣ ба ҳисоб меравад [3, с.11]. Яъне бо истифода аз механизмҳои бозор, нарх пешниҳодот ва талабот фоида байни иштирокчиёни он ба воситаи фурӯши молҳо ба роҳ монда мешавад. Саҳми рушди бозор ва муносибатҳои бозорї дар тақсимоти бойигариҳо ё худ фоидаҳо бузург арзёбї мегардад.

Аҳолӣ, ки бевосита иштирокчии васеи бозорҳо ба ҳисоб меравад, даромадҳои худро дар асоси талаботи бозор танзим намуда, саҳми худро дар ташаккули бозор ва муносибатҳои он гузаронида истодааст, ки то ҳол якчанд консепсияҳои нави рушди бозорҳо - иқтисодиёти бозор ва бозорӣ саноат ташаккул ёфтааст.

Вобаста ба мафҳуми "бозор" Д. Хоҷсон пешниҳод мекунад, ки бозор маҷмуи институтҳои иҷтимоӣ буда, дар доираи он мунтазам ҳаҷми калони аҳдҳо гардиш меёбанд, ки ин институтҳо ба гардиши ин аҳдҳо шароит муҳайё намуда, ба онҳо сохтори хос мебахшанд. Яъне мубодилаи аҳдҳо зимни аз як нафар ба нафари дигар гузаштани соҳибмулкиро ифода намуда, сохтори онҳоро тағйир медиҳанд. Бозор яке аз қисмҳои асосии ин механизмҳо ба ҳисоб рафта, сохтори умумии молҳоро ташкил медиҳад. Дар доираи андешаҳои олими мазкур, қайд кардан мумкин аст, ки дар бозор аҳдҳо ё шартномаҳое, ки дар бозорҳо байни иштирокчиёни он ба имзо расида, мавриди истифода ва иљро қарор мегиранд, бозорро ба як макони иттилоотӣ табдил медиҳанд, ки метавон аз он ҷо маълумот дар бораи молҳо, нархҳо, ҳаҷми молҳо ва амалиёти гуногун ва харидорон дастрас намудан мумкин мебошад.

Бозоршиноси дигар дар асоси таҳлилҳои худ мафҳуми бозорро аз нуқтаи назари харидорон омӯхта, қайд мекунад, ки бозор аз якчанд фирмаҳо иборат буда, барои пурра гардидани он, онҳо молҳои истеҳмолнамудаи худро пешниҳод мекунанд, ки онҳо ба талабот ва стандартҳои бозор ҷавобгӯ мебошанд. Дар идома, коршинос қайд мекунад, ки бозор аз нуќтаи назари истеҳсолчиён, аз маҷмуи харидорон иборат буда, тайёр ҳастанд, ки молҳои муайянро харидорӣ намуда, талаботи худро қонеъ намоянд [6, с.25]. Бозор, тибқи ин гуфтаҳо, маконе мебошад, ки дар он ҷо харидорон ва истеҳсолкунандагон иштирокчиёни асосӣ буда, дар асоси талаботи он молҳои худро истеҳсол мекунанд, ки харидорон маҳсули меҳнати онҳоро бар ивази моли дигар харидорӣ менамоянд. Маҳз, ҳамин иштирокчиён мебошанд, ки то ба ҳол ба рушд ва васеъ гардидани доираи омӯзиши мафҳуми бозор саҳми арзанда доранд.

Зимни омӯзиши мафҳуми бозор, В.Љ. Баумол бозорро ба ҳашт сохтор тақсим намудааст: рақобати комил, монополияи комил, раќобати монополистӣ, монопсония, монополияи табъиз, монополияи тарафайн, дуополия ва олигополия ҷудо намудааст. Бояд қайд кард, ки сохторҳои зерин бо ҳаҷми умумии сифати харидорон ва фурӯшандаҳо вобаста буда, дар бозор ба ташаккули механизмҳои гуногуни нарх оварда мерасонанд.

Мафҳуми бозор маҷмуи муносибатҳои баробарҳуқуқии уфуќӣ буда, дар асоси созишномаҳои фурӯш ва хариди молу маҳсулот, бегонасозии моликият ва таносуби манфиатҳои фурӯшанда ва харидорро баён мекунад. Бозор ин механизми мураккаб буда, мудирияти он бо истифода аз усулҳои эқтисодӣ ба роҳ монда мешавад. Бозор ҳамчун воситаи мудирияти иқтисодиёт дорои иқтидорҳои зерин мебошад: низоми оқилонаи идоракунӣ, маҳсулнокӣ, самаранокӣ, инкишофёбанда, мутобиқшавии истеҳсолот ба талаботи гуногуни истеъмолгарон, молрасонҳо ва таҳиягарони онҳо [7, с.64]. Дар баробари ин гуфтаҳо, олимони рус қайд мекунанд, ки мафҳуми бозор васеъ буда, яке аз механизмҳои идоракунӣ ба ҳисоб меравад [8, с.105]. А. Леш низ бозорро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки бозор яке аз омилҳое мебошад, ки ба ташаккули ноҳияҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ба андешаи олими мазкур, се шакли ноҳияҳои иқтисодӣ ҷудо мешаванд, ки инҳо мебошанд: минтақаи одии бозорӣ, минтақаи мураккаби бозорӣ ва низоми бозорҳо. Бозори истеъмолии минтақавӣ ба минтақаи одии бозор дохил мешавад. Ба минтақаи мураккаби бозорҳо, маҷмуи минтақаҳо дохил мешаванд, ки молҳои якранг ба фурӯш гузошта мешаванд. Мураккабтарин минтақаҳои бозор, ин ландшафти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Зимни таҳлили консепсияҳо оид ба ташаккули бозор ва муносибатҳои бозорӣ, Ф. Котлер қайд мекунад, ки фаъолияти самаранокии бозор бештар аз тақсимоти молҳо дар ин бозор ба ҳисоб меравад. Омили дигаре, ки ба самаранокии бозор таъсиргузор мебошад, ин низоми мубодилавии савдо мебошад. Лозим ба қайд мебошад, ки доираи омӯзиши

масълаҳои назариявии бозорро маҳз тақсимоти дуруст ва самаранокии мол ва хизматрасониҳо ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки бозор дар раванди ташаккулёбии худ пайваста васеъ гардида, муносибатҳои савдо ва бозориро ташкил ва танзим мекунад.

Намояндагони консепсияи институтсионалии бозор О. Уилямсон, Ҷ. Энсминстер, Г. Элиассон, бозорро ҳамчун ҷузъи асосии иқтисодиёт номида, қайд мекунанд, ки бозор ин низоми институтҳои иқтисодӣ буда, барои татбиқи фаъолияти хоҷагидории субъектони иқтисодӣ асос мегардад. Консепсияи мазкур рушди бозорро дар асоси ташаккули институтҳои марбутаи он дониста, пешниҳод мекунад, ки низоми институтї тањия карда шавад, ки интитутҳо асоси ташаккули бозорҳо ба ҳисоб мераванд, яъне барои рушди бозорҳо бояд институтҳои молия, савдо ва дигарҳо ташаккул дода шаванд.

Дар ин замина, коршиносон чунин ақида доранд, ки мафҳуми бозор ин маҷмуи гурӯҳҳои инсонҳоро ташкил мекунад, ки бо якдигар муносибатҳои кории зич дошта, барои хариду фурӯши молҳо шартномаҳои азимро ба имзо расонидаанд. Дар раванди рушд, мафҳуми бозор васеъ гардида, бозор ҳамчун “маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ дониста шуда, бо истифода аз механизмҳои гуногуни муомилот, гирдгардиши маҳсулоти ҷамъиятиро дар шакли полию молї ба роҳ мемонад”. Бо ибораи дигар, бозор ин “маҷмуи харидорон ва фурӯшандаҳо буда, ҳамкории онҳо дар натиҷа ба мубодилаи молҳо оварда мерасонад”.

Ногуфта намонад, ки яке аз олимони ватанї мафҳуми бозорро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки бозор яке аз мафҳумҳои муосири назарияи иқтисодӣ буда, ҳамчун категорияи иқтисодӣ муносибатҳои молию пулиро дар байни харидорон ва фурӯшандаҳо ифода намуда, дар худ маҷмуи воситаҳо, усулҳо, абзорҳо, сохтор ва шаклҳои ташкилии ҳуқуқиро дар бар мегирад, яъне фаъолияти муносибатҳои дар боло қайдшударо таъмин мекунад [8, с.54].

Чуноне ки зимни омӯзиши масъалаҳои назариявӣ доир ба мафҳуми бозор дар боло қайд шудааст, рушди муносибатҳои иқтисодӣ яке аз омилҳои асосї гардидаанд, ки географияи мафҳуми бозор торафт васеъ гардидааст. Дар ин росто, олимони соҳа [11, с.73] қайд мекунанд, ки мафҳуми бозор ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар худ якчанд намудҳои бозорро, ба монанди истењсолӣ, энержӣ, молиявӣ ва бозори металлҳои қиматнок (бозори молӣ) таҷассум намуда, маконе мебошад, ки дар он ҷо савдо ва хизматрасониҳо бо истифода аз технологияҳои муосир ба роҳ монда шудааст. Мафҳуми бозорро бо истифода аз механизмҳои молиявии он олимони зиёде таҳлил намудаанд, гурӯҳе аз онҳо қайд мекунанд, ки мафҳуми бозори молиявиро бояд аз нуқтаи назари равишҳои мақсаднок ва сохторӣ таҳлил кард. Яъне ин мафҳум васеъ буда, ҳамчун бозори хизматрасониҳои инвеститсионӣ ва пасандозї ба ҳисоб рафта, барои ҷалби маблағҳо аз тарафи субъектони иқтисодӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Дар заминаи омӯзиши тафсирҳо доир ба мафҳуми бозор, пешниҳод гардидааст, ки бозор ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар соҳаи мубодила буда, ба воситаи фурӯши молҳо ва дар интиҳо хусусияти ҷамъиятї дошта, дар он меҳнатҳои сарфшуда ифода мeёбанд [1, с.67].

Чуноне ки дар аввал қайд карда будем, ҷиҳати омӯзиши бозори молӣ бояд худи тафсирҳоро доир ба мафҳуми бозор таҳлил намоем, ки моҳият ва мазмуни онро бештар ифода мекунанд. Баъди таҳлили якчанд тафсир пешниҳод менамоем, ки бозор маконе мебошад, ки бо воситаҳои техникӣ ва технологияҳои мусоир ҷиҳозонида шуда, дар он ҷо тибқи талаботи мардум молу хизматрасониҳо пешниҳод карда мешаванд. Инчунин, ба хотири баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасониҳо дар бозор раванди мунтазами танзиму такмил бояд ба роҳ монда шавад. Барои бештар омӯхтани мафҳуми бозор бояд функсияҳое, ки бозор дар амалия иҷро мекунад, омӯхта шаванд. Дар ҷадвали 1 функсияҳои бозор дарҷ гардидаанд.

**Ҷадвали 1. - Функсияҳои бозор ва муҳтавои асосии онҳо**

| № | Номгӯи функсияҳо | Муҳтавои асосии онҳо |
|---|---|---|
| 1. | **Танзимкунанда** | Раванди истеҳсолоти мол ва истеъмолот дар асоси номгӯйи молҳо пешниҳод карда мешавад. Дар асоси васеъ гардидан ё паст шудани талабот ва пешниҳодоти бозор ихтисосҳои муҳимро дар хоҷагидорӣ дар сатҳи микро ва макро танзим мекунад. |
| 2. | **Нархгузорӣ** | Бозор сатҳи хароҷот ва натиҷаҳоро амиқ намуда, ба воситаи шумори меҳнати сарфшуда арзиши молҳоро муаяйн мекунад. |
| 3. | **Ҳавасмандӣ** | Бозор кормандони истеҳсолотро барои истеҳсоли молҳои зарурӣ бо хароҷотҳои паст ва гирифтани даромади кифоягӣ бо истифода аз татбиқи технологияҳои инноватсионӣ таъмин мекунад. |
| 4. | **Миёнаравӣ** | Баробарии пропорсионалии рушди минтақаҳо, вилоятҳо ва хоҷагиҳои миллиро дар шароити тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва рушди ҳамгироии равандҳои иқтисодиёт таъмин мекунад. |
| 5. | **Назоратӣ** | Баробарии пропорсионалии рушди минтақаҳо, вилоятҳо ва хоҷагиҳои миллиро дар шароити тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва рушди ҳамгироии равандҳои иқтисодиёт таъмин мекунад. |
| 6. | **Фаъолгардонӣ** | Бозор ин механизми мураккаб буда, байни иштирокчиёни субъектони хоҷагидорӣ интихобро ба роҳ мемонад. Бо истифода аз механизми рақобат бозор иқтисодиётро аз корхонаҳое, ки фаъолияташон самаранок нест, тоза мекунад. Дар натиҷаи ин гуна селексия бозор самаранокӣ ва устувории иқтисодиётро боло мебарад. |

**Сарчашма:** Сафрончук, М.В. Преимущества и недостатки рыночного механизма. Курс экономической теории: учебник. 5-е исправленное, дополненное и переработанное издание. – Киров: АСА, 2004. – С. 316-340.

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки зимни иҷрои функсияҳои худ бозор якчанд амалиёти махсусро иҷро намуда, барои рушди иқтисодиёти миллї мусоидат мекунад. Барои дар сатҳи зарурї гирдгардиши мол хизматрасониҳоро маҳз функсияҳои бозор иҷро мекунанд [2, с.90]. Масалан, функсияи ҳавасмандии бозор нишон медиҳад, ки дар бозор ба ин ё дигар мол талабот ҳасту аммо пешниҳодот нест. Ин гуна таносуб соҳибкоронро барои истеҳсоли моли нав ё моли воридотивазкунанда ҳавасманд гардонида, талаботи бозор ва аҳолии кишварро қонеъ мегардонад.

Молу хизматрасониҳо яке аз объектҳои асосии муносибатҳои молию тиҷории ҳар як бозор ба ҳисоб рафта, барои ташаккули он заминаҳои бунёдї мегузорад. Молу хизматрасониҳо натиҷаи меҳнати оқилонаи инсон ба ҳисоб рафта, дар таъмини амнияти озуқаворecho кишвар саҳми арзанда доранд. Мол ҳамчун категорияи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар замони муосир рушди технологияҳои рақамӣ истеҳсолоти молҳо ва дар умум, тамоми муносибатҳои иқтисодиро ба сатҳи нави рушд такон дод, ки дар ин раванд саҳми технологияҳои рақамӣ арзанда мебошанд. Арзи вуҷуд кардани ин гуна технологияҳо философияи муносибатҳои иқтисодиро куллан тағйир додааст. Яъне имрӯз мо мол ва хизматрасонии дилхоҳро ба воситаи технологияҳо ва платформаҳои рақамӣ аз тамоми гӯшаю канори дунё дастрас хоҳем кард. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки амсилаҳои тиҷории

платформаҳои рақамӣ дар асоси маълумотномаҳои шабакаҳои истифодабарї таҳия гардида, сатҳи хизматрасонии контентро такмил бахшида, молиякунонии худро бо истифода аз технологияҳои нотакрори рақамӣ қувват мебахшанд. Дар ҳамин самт мутахассисон қайд мекунанд, ки дар бозор моли нав бунёд мегардад, ки арзиши он нисбат ба молҳои дигар баландтар мебошад, ки номаш маълумот аст [10, с.50]. Бояд қайд кард, ки дар замони муосир молҳое вуҷуд доранд, ки бо истифода аз технологияҳои рақамӣ тавлид гардидаанд, ки бо хусусияти хоси худ аз дигар молҳои истеьсолї, ки онҳоро ба даст гирифтану эҳсос кардан мумкин мебошад, куллан фарқ мекунанд. Яъне онҳо дар шакли маълумотномаьо ва файлҳои махсуси рақамӣ таҳия гардида, мавриди истифода қарор мегиранд, ки бозори молиро такмилбахш мебошанд. Чунки онҳо дар ин бозор яке аз молҳои шакли навтарин ба ҳисоб мераванд.

Тафсирҳо доир ба молро мутахассисон омӯхта, қайд мекунанд, ки мол дар бозори истеҳсолӣ яке аз объектҳои асосӣ буда, зимни муносибатҳои хариду фурӯш аз истеҳсолгарон ба миёнарав ё ба истеъмолгарон расонида мешавад. Дар ин самт чунин андеша намудан мумкин мебошад, ки аслан моли истеҳсолшуда бо истифода аз се усул ба бозор расонида мешавад.

Пайдоиши мол дар шаклҳои мухталиф, яке аз сабабҳои асосии пайдоиш ва рушди бозор ба ҳисоб меравад, ки онро метавон бозори молӣ номид.

Бозори молӣ дорои механизми мураккаб ба ҳисоб рафта, муносибатҳои хариду фурӯши молҳо ва хизматрасониҳои гуногунро дар доираи қонунҳои он ташкил ва мудирият ва танзим карда мешавад. Бозори молї чист?

Рушди минбаъдаи бозори молиро консепсияҳои гуногун таъмин ва танзим мекунанд, ки ин консепсияи иқтисодиёти бозор ва саноатикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Бозори молӣ дар доираи консепсияҳои мазкур, механизмҳои танзими он куллан тағийр ёфта, сабаби пайдоиши муносибатҳои нави бозорӣ ба ҳисоб мераванд. Мазмун ва моҳияти консепсияҳои мазкур ба таъсири онҳоро дар ташаккули минбаъдаи бозори молӣ таҳлил менамоем. Мавҷудияти бозорҳои молї дар шаклҳои мухталиф гувоҳи мавҷуд будани иқтисодиёти бозориро нишон медиҳанд. Аммо истифода ва татбиқи ҳадаф ва принсипҳои асосии консепсияи иқтисодиёти бозорӣ бозори молиро ба сатҳи нави рушд такон дода, таснифоти сохтории онро таҳким медиҳад.

Рушди бесобиқаи муносибатҳои молӣ, тиҷорӣ ва пулӣ, ки дар худ маҷмуи фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҷамъиятиро ифода намуда, ба равандҳои иқтисодию иҷтимої ҳамроҳ гардида, дар рушди иқтисодиёти миллӣ саҳми назаррас доранд. Равандҳои мазкур ба ташккули иқтисодиёти бозорӣ меорад, ки он дар асоси муносибатҳои молию пулӣ асос меёбад, ки дар замони мусоир яке аз амсилаҳои нави рушди иқтисодиёти миллии давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Иқтисодиёти бозорӣ чунин маъно дорад, ки бозор дар асоси принсипҳо ва мехнизмҳои асосии он ба монанди нарх, пешниҳодот ва талабот ташкил ёфта, дар он рақобати озод бояд ҳукмфармо бошад. Дар ин радиф, иқтисодиёти бозор низоми иқтисодие, мебошад, ки вобастагии истеҳсолот ва истеъмолчиён дар асоси қобилияти пардохтпазирии талабот муайян гардида, пул ва дигар абзорҳои молиявӣ яке аз воситаҳои асосии хоҷагидорӣ ба ҳисоб мераванд, ки муносибатҳои иқтисодиро дар байни субъектони истеҳсолот таъмин мекунад. Принсипҳои зерини иқтисодиёти бозор маъмул мебошанд, ки инҳо дохил мешаванд: соҳибкорӣ, гуногуншаклии моликият, нархгузорӣ дар асоси қонунҳои бозорӣ, муносибатҳои шартномавӣ дар байни субъектони иқтисодиёт, маҳдудияти саҳми давлат дар фаъолияти хоҷагидорӣ.

Дар доираи консепсияи иқтисодиёти бозорӣ бозорҳои молӣ дорои хусусиятҳои зерин мегарданд:

1. Озодии иқтисодии молистеҳсолкунандагон дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ҳуқуқи интихоби ҳаҷм ва сохтори истеҳсоли худӣ гардида, дар нархгузории молу

маҳсулот озод буда, интихоби дурусти ҳамкориро ҷиҳати такмил додани фаъолияти истеҳсолию иқтисодӣ ба роҳ мемонанд.

2. Субъектони бозори молӣ ҳуқуқи ба тамоми молиякияте, ки ба корхона ва истеҳсолоти онҳо вобаста мебошад, соҳиби онҳо ҳисобида мешаванд, ки ин гуна муносибат метавонад соҳибкоронро ҳавасманд гардонад.

3. Баробарҳуқуқии ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар бозори молӣ ба пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, истеҳсолӣ ва тиҷорӣ машғул мебошанд. Маҳз баробарҳуқуқӣ мебошад, ки шароитҳои лозимаро барои ҳамаи иштирокчиёни бозор, зимни таҳия ва истеҳсоли молҳои гуногун таъмин намуда, шаффоф, бисёрбахшӣ ва рақобати озодро муҳайё мекунад.

4. Нархгузории озод дар заминаи тағйирёбии пешниҳод ва талабот. Натиҷаи талабот ва пешниҳодот нархи озодро ба вуҷуд оварда, ба қобилияти пардохтпазирии истеъмолгарон таъсири манфӣ намерасонад. Яъне аҳолӣ дар доираи қобилияти харидории худ нархи озодро ташаккул дода, молро дар бозорҳои молии кишвар харидорӣ намуда, талаботи мухталифи худро қонеъ мегардонад.

5. Таъмини сифати аълои мол зимни таҳия ва истеҳсоли молҳои нав ва воридотивазкунанда. Консепсияи иқтисодӣ бозорӣ иштирокчиёни бозори молиро маҷбур мекунад, ки ба сатҳу сифати моли истеҳсолнамудаи худ диққати махсус диҳанд, зеро яке аз механизмҳои асосии ин консепсия рақобат ба ҳисоб меравад, ки сифати хуб ва нархи паст метавонад молро рақобатнок гардонад.

Дар ҳолатҳои буҳронӣ ва берун овардани ҳолатҳои ноустувор дар иқтисодиёт ва бозор, асосгузори сиёсати танзимкунанда Љон Мейнард Кейнс зарурати дахолати давлатро пешниҳод карда буд [4]. Яъне ӯ барои танзимкунии бозор ва иқтисодиёт механизмҳои асосиро ба монанди молия, андоз, ќарзи давлатї, фоизи ќарзи давлатї пешниҳод намуда, қайд мекунад, ки давлат бояд ба иқтисодиёт ва муносибатҳои бозорӣ бо истифода аз механизмҳои дар боло нишон додашуда дахолат намуда, муносибатҳои муҳимми бозориро бояд ба танзим дарорад.

Дар низоми иқтисодӣ бозорӣ, бозори мол яке аз чор бахши иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дар гирдгардиши молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи фирмаҳо, хоҷагиҳои хонавода ва хизматрасониҳои молиявӣ саҳми назарраси он мушоҳида карда мешавад. Инчунин, ба воситаи бозори молӣ даромадҳои чор сектори иқтисодиёт ташаккул ёфта, рақобатпазирии секторҳои мазкурро таъмин мекунанд.

Дар шароити саноатикунонии иқтисодиёти кишвар, шакл ва ассортименти молҳои истеҳсолгардида дар бозорҳои молӣ афзоиш ёфта, тартиби фаъолияти бозорҳои молиро куллан тағйир медиҳад. Дар СМР - 2030 яке аз равишҳои татбиқи стратегияи мазкур интихоб гардида, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ равона карда мешавад. Ҳамчунин, дар стратегия қайд карда шудааст: “Иқтидори иқдисодии кишвар бояд ҳамчун заминаи моддии амнияти миллї арзёбӣ гардад. Дар ин робита истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ ва табиӣ, аз ҷумла таҳкимбахшии иқтидори институтсионалии рушд дар самти баланд бардоштани самаранокӣ, диверсификатсия ва рақобатпазирии иќтисодиёти миллї, рушди индустриалии ояндаро муайян месозад ва гузаришро аз иќтисоди аграрию индустриалӣ ба индустриалию аграрӣ таъмин менамояд” [13].

Яке аз мақсадҳои асосии стратегия дар он аст, ки то соли 2030 бояд иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурї рушд дода шавад, ки яке аз усулҳои рушд додани иқтисодиёти миллӣ низ дар оянда ин саноатикунонї интихоб гардидааст. Консепсияи сонатикунонї ҷиҳати баланд бардоштани истеҳсолоти ватанӣ ва пурра намудани бозорҳои молии кишвар бо молҳои ватанї ба ҳисоб меравад. Таҳлили адабиёти илмии соњаи иқтисод нишон медиҳад, ки дар ҷаҳон аллакай раванди таҳияи консепсияи “Саноатикунонии нав” ба миён омадааст ва он дар асоси техника ва технологияҳои муосири рақамӣ истифода

мегардад. Дар ин робита олимон қайд мекунанд, ки саноатикунонии нав ин раванди муттаҳидсозии бахшҳои иқтисодиётест, ки дар сатҳи баланди татбиқи технологияҳо ва азнавсозии самаранокии инноватсионӣ дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт, зимни ба инобат гирифтани сифат ва таҳвили бахшҳои техникию иқтисодӣ ва иҷтимоию индустриалӣ, фаро гирифта мешавад. Саноатикунонии нави иқтисодиёт танҳо дар он сурат татбиқ карда мешавад, ки давлат танзими фаъолро зимни рушди иқтисодиёт бо истифода аз банақшагирии дарозмуддат, амалӣ намудани сиёсати миллии саноатӣ ва рушди институтҳои ва абзорҳои асосии сиёсати саноатикунонӣ ба роҳ монад [12, с.25].

Муаллифон дуруст қайд мекунанд, ки саҳми давлатӣ дар амали татбиқ намудани консепсияи бунёди саноат назаррас мебошад, ки заминаҳои ташаккули онро маҳз давлат бояд муҳайё кунад. Чуноне ки дар боло қайд кардем, яке аз ҳадафҳои олии кишвари мо низ ин саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Омор нишон медиҳад, ки афзоиши солонаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-7%-ро ташкил мекунад. Ба ин нигоҳ накарда, то ба ҳол истеҳсолоти ватанӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст, ки бозори молии кишвар бо молҳои воридотӣ пурра карда мешавад. Ҷиҳати бартараф намудани таносуби мазкур, яъне бо молҳои ватанӣ пур кардани бозорҳои молии кишвар, саноатикунонӣ ҳамчун усули ҳадафнок ва самаранок дар ин самт қабул карда шуд, ки ҳадафи чоруми стратегӣ ба шумор меравад.

Барои ба ҳадафҳои саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ расидан, аз тарафи Ҳукумати кишвар Барноми саноатикунонии босуръати кишвар барои солҳои 2020-2025 таҳия ва қабул карда шудааст, ки дар асоси барномаи мазкур такмили истеҳсолот ба роҳ монда шуда, авлавият ба молҳои воридотивазкунанда дода мешавад. Яъне дар доираи барномаи мазкур, бояд корхонаҳои саноатие бунёд карда шаванд, ки танҳо молҳои воридотивазкунандаро истеҳсол намуда, талаботи бозорҳои молиро таъмин намоянд. Инчунин, дар доираи саноатикунонӣ пешбинӣ шудааст, ки молҳое бояд истеҳсол карда шаванд, ки дар бозорҳои молии ҷаҳонӣ роҳ ёфта, бо молҳое, ки дар ин бозорҳои ҷаҳонӣ ҳастанд, тавони рақобат дошта бошанд. Ба бозорҳои молии ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадаф дорад, ки дар баробари таъмин намудани бозорҳои дохилӣ бо молҳои ватанӣ, на кам аз як миллиард сомонӣ мол пешниҳод намояд, ки бояд ҳамаи онҳо дар асоси стандартҳои байналмилалӣ истеҳсол карда шаванд. Ҷиҳати роҳ ёфтан ба бозорҳои молии ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дар ярмаркаҳои сатҳи байналмилалӣ дар давлатҳои Туркия, Россия, Арабистони Саудӣ ва ғайра иштироки фаъолона дошта, мол ва хизматрасониҳои туристиро муаррифӣ мекунад.
Бинобар ин, саноатикунонӣ дар асоси принсипҳои соҳавӣ таҳия ва ташкил карда мешавад, ки объектҳои асосии онҳо кластерҳои байнисоҳавӣ, бозорҳои молӣ ва занҷири ташаккули арзиши молҳо ба шумор меравад.

**Адабиёт**


1. Аннаев, А.А. Развитие социально ответственного инвестирования на фондовых рынках / А.А. Аннаев // Аудит и финансовый анализ. – 2012. – № 2. – С. 233–235.
2. Блаженкова, Н.М. Рынки: современное состояние и дальнейшее развитие / Н.М. Блаженкова, Э.Р. Калимуллина // Bulletin USUES. Science. Education. Economy. Series: Economy. – 2014. - №2 (8). - С. 87-91.
3. Галперин, В.М. Эффективность и цены новой техники / В.М. Галперин // Вопросы экономики. - 1977. - № 3. – С.7-17.
Позитивное восприятие страны и его компаний за рубежом имеет немаловажное значение для формирования конкурентного преимущества страны и выступает основой для эффективного взаимодействия с различными сегментами, зарубежными бизнес партнерами, инвесторами, потребителями и СМИ. Привлекательный имидж страны позволяет создавать дополнительные возможности для развития международного сотрудничества в экспортном секторе и привлечения инвестиций и заключения выгодных контрактов. Исходя из этого, наряду с другими приведенными мерами для расширения экспорта необходимо уделять особое внимание формированию позитивного образа страны на международной арене.

Таким образом, учет комплекса приведенных направлений совершенствования институциональных основ функционирования предприятий-экспортеров Республики Таджикистан позволяет принимать неотложные шаги по формированию целостной системы мер стимулирования экспорта с учетом соблюдения принципов и норм ВТО, которые способствуют эффективному преодолению существующих проблем и препятствий в экспортной деятельности и освоения новых рынков сбыта отечественных продукций за рубежом.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Арутюнян, Г.А. Пути стимулирования экспорта малых и средних предприятий: мировой опыт и возможности Армении / Г.А. Арутюнян // Ученые записки. – 2019. - № 2. - С. 344-355.
2. Государственная Программа содействия экспорту и импортозамещению в Республике Таджикистан на 2016-2020 годы от 26 ноября 2016 года, № 503. – 95 с.
3. Гулзода, Ф.М. Анализ динамики развития экспорта Республики Таджикистан в контексте ее членства в ВТО / Ф.М. Гулзода // Вестник Таджикского национального унверситета. - Душанбе: Сино, 2023. - № 2. – С. 110-118.
4. Имомёрбеков, Ф.М. Роль производственного предпринимательства в развитии экспорта страны / Ф.М. Имомёрбеков / Материалы республиканской научно-практ. конф. «Перспективы развития менеджмента и маркетинга в условиях цифровой экономики». – Душанбе. - 2022. – С. 115-119.
5. Кодирзода Д.Б. Внутренний рынок Республики Таджикистан: современное состояние и меры его защиты / Д.Б. Кодирзода, Р.Х. Бобохонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук: – Душанбе. - 2019. - № 6. - С. 5-10
6. Кодирзода, Д.Б. Теоретико-методологические основы совершенствования механизма стимулирования экспорта в условиях членства в ВТО / Д.Б. Кодирзода, Ф.М. Гулзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. - № 2. - С. 13-19.
7. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г. - Душанбе: Контраст, 2016. – 104 с.
8. Рейтинг «DOING BUSINESS 2020»: Таджикистан вошел в ТОП-20 стран-реформаторов в сфере ведения бизнеса [электронный ресурс]. - URL: https://b2b.tj/ru/articles/details/fb29089d-14fd-482b-b83b-730ac51a3e9e (дата обращения: 12.11.2023)
9. Юсупов, И.Н. Обеспечение развития инновационно-промышленного предпринимательства в условиях импортозамещения (на тадж. яз.) / И.Н. Юсупов // Материалы республиканской научно-практ. конф. «Перспективы развития менеджмента и маркетинга в условиях цифровой экономики». – Душанбе, 2022. – С. 443-447.

УДК: 336.6

# МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМИ ТАВАРРУМ ВА СИЁСАТИ ЗИДДИТАВАРРУМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Қурбонов Вафохуҷа Намозалиевич*** - *докторанти* PhD *кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: 734067. *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов* 64/14. *Тел.*: 931069904. E-mail: kuafo1995@mail.ru

*Иқтисодиёти ҷаҳон дар зери равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор дошта, таъсири онҳо иқтисодиёти кишварҳои алоҳидаро фаро гирифтааст. Дар ин масъала Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор дошта, ҳамеша бо таъсири манфии ин масъалаҳо рӯ ба рӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, яке аз масъалаҳое, ки дар зери равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор дорад, ин сиёсати пулию қарзӣ ва сатҳи таваррум мебошад. Дар шароити имрӯза масъалаи асосии танзими сиёсати пулию қарзӣ ва нигоҳ доштани мувозинати сатҳи таваррум дар маркази диққати давлатҳои алоҳида қарор дошта, ҳамеша нисбати он чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Бинобар ин, муаллиф ба масъалаҳои муҳимми танзими таваррум ва сиёсати зиддитаваррумӣ, ки тобеи сиёсати пулию қарзӣ мебошад, таҳқиқоти ҳадафманд анҷом додааст.*

***Калидвожаҳо***: *таваррум, сиёсат, механизм, танзим, пешбинӣ, ҷараён, сармоягузорӣ, талабот, даромад, эътимод, мусоидат, рушд, устувор, иқтисодиёт.*

# МЕХАНИЗМЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ИНФЛЯЦИИ И АНТИИНФЛЯЦИОННАЯ ПОЛИТИКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Курбанов Вафохуджа Намозалиевич*** - *докторант* PhD *кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова*, 64/14. *Телефон*: 931069904. E-mail: kuafo1995@mail.ru

*Мировая экономика находится в процессе глобализации, и ее влияние охватывает соединение экономик отдельных стран. В этом вопросе Республика Таджикистан также находится под влиянием глобализации и всегда сталкивается с негативными последствиями этих проблем. В связи с этим одним из вопросов в условиях глобализации является денежно-кредитная политика и уровень инфляции. В сегодняшних условиях основной вопрос регулирования денежно-кредитной политики и поддержания баланса уровня инфляции находится во внимании отдельных государств, и в этом отношении всегда принимаются необходимые меры. С этой точки зрения автором проведено целенаправленное исследование важных вопросов инфляционного регулирования и антиинфляционной политики, которым подчиняется денежно-кредитная политика.*

***Ключевые слова***: *инфляция, политика, механизм, регулирование, прогноз, поток, инвестиции, спрос, доход, уверенность, продвижение, развитие, стабильность, экономика.*

# INFLATION REGULATION MECHANISMS AND ANTI-INFLATION POLICY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Kurbonov Vafohuja Namozalievich - PhD student of the Department of Finance of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 931069904. E-mail: kuafo1995@mail.ru

The world economy is in the process of globalization, and its influence covers the connection of the economies of individual countries. In this matter, the Republic of Tajikistan is also under the influence of globalization and always faces the negative consequences of these

problems. In this regard, one of the issues in the context of globalization is monetary policy and the level of inflation. From this point of view, in today's conditions, the main issue of regulating monetary policy and maintaining a balance in the inflation rate is in the attention of individual states, and the necessary measures are always taken in this regard. From this point of view, the author conducted a targeted study of important issues of inflation regulation and anti-inflationary policy, which are subject to monetary policy.

Keywords: inflation, policy, mechanism, regulation, forecast, flow, investment, demand, income, confidence, promotion, development, stability, economy.

Вазъи мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъминоти аҳолӣ бо ғизои хушсифати аз ҷиҳати экологӣ тоза моро водор месозад барои расидан ба яке аз ҳадафҳои олӣ - таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, ки аҳаммияти умумимиллӣ дорад, диққати аввалиндараҷа диҳем [2, с.138]. Албатта, ин масъала ба мувозинати сатҳи нархҳо ва таваррум бисёр вобаста мебошад. Таҳаввулоти замони охир, ҷангҳо, буҳронҳо ва пандемия иқтисодиёти тамоми давлатҳои ҷаҳонро хатарафзо намуда, як қатор мушкилотро ба миён овардааст, ки ин, аз як тараф, ба болоравии сатҳи таваррум ва аз дигар тараф, ба паст гардидани сатҳи истеҳсолот боис гардидааст. Тибқи таҳлилҳо ва пешгӯиҳои институтҳои байналхалқӣ ва таҳқиқотӣ, интизор меравад, ки суръати афзоиши иқтисоди ҷаҳонӣ дар соли 2021 5,7% ва дар соли 2022 2,9% коҳиш ёфтаст, ки нисбат ба пешбиниҳои моҳи январи ҳамин сол 4,1 фоиз зиёд мебошад. Ҷараёнҳои доимотағйирёбанда бозгӯи онанд, ки дар соли 2023-2024 суръати афзоиш дар доира ва таъсири вазъияти сиёсии як қатор кишварҳои ҷаҳон мушкил гардида, талаботи даромади иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва тиҷорат тадриҷан суст мешаванд ва сиёсати ҳавасмандкунандаи сиёсати молиявӣ ва пулию қарзӣ мушкилтар мегардад. Зарари расонидашуда вобаста ба таъсири вазъи сиёсӣ ба он оварда мерасонад, ки дар соли ҷорӣ сатҳи даромади пулии аҳолӣ дар соҳаи рушди ташаккулёфтаи иқтисодиёт тақрибан 5% камтар хоҳад гардид. Аз ин лиҳоз, истифодаи механизмҳои имконпазири боздорандаи сатҳи таваррум дар иқтисодиёти ҳар як кишвари алоҳида мувофиқи мақсад мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Бонки миллии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои асосие, ки таваррумро дар сатҳи зарурӣ танзим менамояд, ин суботи нархҳо мебошад. Зеро тибқи меъёр ва талаботи ин масъала асосан суботи нархҳо маънои сатҳи паст ва муътадили нархҳо (таваррум) дар иқтисодиётро дорад, ки меъёри он бо намояи (индекси) нархҳои истеъмолӣ муайян карда мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, таъмини суботи нархҳо ва нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои фундаменталии макроиқтисодӣ барои коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, зиёд гаштани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти босамари захираҳо, афзоиши пасандозҳо ва сармоягузориҳои аҳолӣ, ки дар маҷмуъ, дар рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва сатҳи некуаҳволии мардум инъикос мегардад, заминаи мусоид фароҳам меорад. Бинобар ин, сатҳи муътадили таваррум ҳамчун омили муҳимми рушди устувори иқтисодиёт барои таъмини суботи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ аҳаммияти хосса дорад.

Барои дар як сатҳи мутавозин нигоҳ доштани таваррум механизмҳои танзими таваррум ва сиёсатҳои зиддитаваррумӣ истифода мегарданд, ки дар он мувозинати таъминкунандаи рушди иқтисодиёт ба назар гирифта мешаванд. Зеро сатҳи баланд ва ноустувори таваррум ба рушди устувори иқтисодиёт ва сатҳи даромаднокии аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, барои паст гардидани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти ғайрисамараноки захираҳо ва сармоягузориҳо дар иқтисодиёт, зиёд шудани номуайянӣ ва интизориҳои манфии агентҳои иқтисодӣ ва ниҳоят эҳтимоли пайдо шудани шиддати иҷтимоӣ замина мегузорад.

Пӯшида нест, ки вобаста ба омилҳои фундаменталию сохторӣ ҳиссаи асосии даромади аҳолии кишвар ба хариди молу маҳсулоти истеъмолии талаботи рӯзмарра, бахусус маҳсулоти хӯрокворӣ, ки айни ҳол вазни зиёдтарини сабади истеъмолии аҳолиро ташкил медиҳад, харҷ мешавад. Ҳамзамон, тибқи ҳисобҳо, ҳиссаи зиёди номгӯи маҳсулоти сабади истеъмолиро молҳои воридотӣ ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин, болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ва ё маҳсулоти воридотӣ ба сатҳи таваррум фишор оварда, метавонад ба қобилияти харидории даромадҳои пулӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири манфӣ расонад. Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки самаранокии сиёсати пулию қарзӣ дар самти иҷрои мақсади асосӣ – таъмини суботи нархҳо аз дараҷаи таъсири омилҳои ғайримонетарӣ, пеш аз ҳама, аз вазъ ва фишорҳои берунӣ низ вобаста аст. Зеро таконҳои хусусияти ғайримонетаридошта, аз қабили тағйирёбии нархҳои ҷаҳонии ашёи хом, омилҳои берунии қурбӣ, нарху тарифаҳои хизматрасонӣ ва мавсимӣ, ки берун аз доираи танзими сиёсати пулию қарзӣ мебошанд, метавонанд ба зиёд ё кам шудани сатҳи нархҳо таъсир расонанд. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пояи асосии раванди давлатдорӣ маҳсуб ёфта, он барои мусоидат намудан ба ташкили сохторҳои муҳимми иқтисодӣ ва низоми мукаммали бонкӣ муҳим мебошад [3, с.142].

Тавре ҳам назария ва ҳам амалия нишон медиҳад, сиёсати пулию қарзӣ дар давраи дарозмуддат метавонад танҳо ба сатҳи умумии нархҳо таъсир расонад, зеро дар ин давра қобилияти бевосита таъсир расонидани он ба рушди нишондиҳандаҳои воқеии иқтисодӣ, ба монанди ММД-и воқеӣ ва ё сатҳи бекорӣ маҳдуд аст. Яъне, сиёсати пулию қарзӣ наметавонад ба афзоиши давомнок ва фавқулодаи ҳаҷми пул, ки аз талаботи аслии иқтисодиёт зиёдтар аст, роҳ диҳад, дар акси ҳол ин ба болоравии сатҳи нархҳо боис мегардад.

Сабаби ин дар он аст, ки дар давраи дарозмуддат рушди иқтисодӣ бештар ба омилҳои хусусияти сохторию фундаменталидошта, аз ҷумла ба имкониятҳои истеҳсолии дохилӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, захираҳои меҳнатии баландсифат, сатҳи илму технология ва сифати идоракунии иқтисодиёт вобастагии зиёд дорад.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон, ки дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи пули нақд мебошад, нигоҳдории суботи нархҳоро дар давраи дарозмуҳлат мақсади асосии худ қарор додааст. Дар баробари Бонки миллии Тоҷикистон, ки вазифаи асосии он нигоҳ доштани сатҳи мӯътадили нархҳо дар давраи дарозмуддат мебошад, масъалаи нигоҳ доштани мувозинати сатҳи нархҳо ва қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ин вазифаи бозор ва истеҳсолкунандагони дохилӣ мебошад. Таҷрибаи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки новобаста аз оне, ки талаботи аҳолӣ аз ҳисоби молҳои аз хориҷ воридгардида қонеъ карда мешавад, аммо ин ба сатҳи болоравии нархҳо дар ҳама ҳолат (ҷангҳо, бӯҳронҳо, таҳримҳо, тағйирёбиҳои пулӣ, тағйирёбиҳои таркибӣ) оварда мерасонад, ки як қатор мушкилотро ба миён меорад. Новобаста аз ин, дигар олимон дар масъалаи зуҳуроти таваррум назари дигар дошта, онҳо бовар бар он доранд, ки афзоиши бемайлони музди меҳнат боиси болоравии сатҳи нархҳо мегардад. Ҳангоми таваррум пули коғазӣ нисбат ба тилло (тиллои стандартӣ), молҳо ва хизматрасониҳо, нисбат ба нишонаҳои пулҳои дигар давлатҳо муқоиса карда мешавад [4, с.14-20].

Дар дигар маврид манбаъҳои асосии таваррум зиёд шудани музди меҳнат, баланд шудани нархи молҳо, ашёи хом ва энергия, андози зиёд мебошанд. Вобаста ба ҷараён таваррумҳои ошкор ё кушода ва пинҳониро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар сатҳи иқтисодиёт таварруми кушод бо афзоиши мунтазами сатҳи миёнаи нархҳо ифода меёбад, ки он мувозинати сатҳи нархҳоро дар бар мегирад. Таварруми пинҳонӣ дар

касри мол ё маҳдудияти сунъии истеъмол ифода ёфта, бо нишондиҳандаҳои ғайрирасмӣ чен карда мешаванд.

Ғайр аз ин, иловатан вобаста ба омилҳои бозорӣ ва таъсири фарогирии таваррум аз рӯи талабот ва таварруми берунӣ фарқ карда мешавад.

Сабабҳои таварруми талабот афзоиши ҳаҷми пул, берун рафтани пул аз бахши амвол, тағйир додани рафтори субъектҳои хоҷагидорӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Таваррум вазъиятест, ки «фишори талаботи маҷмуи ба мол ва хизматрасонӣ, инчунин захираи мавҷудаи маҳсулоти аз меъёр зиёд аст. Дар чунин вазъият баланд шудани дараҷаи нарх ҳамчун натиҷаи табиӣ болоравии сатҳи таваррум мебошад.

Чунон ки маълум аст, талаботи умумӣ маҷмуи хароҷоти истеъмолӣ ба молҳои ҳозира ва хизматрасонӣ ва сармоягузориҳои соф буда, аз ҷониби соҳибкорон ба нақша гирифта шудаанд" [1, с.36-39].

Вобаста ба ин гуфтаҳо, дуруст қайд гардидааст, ки оқибатҳои ногувори тавaррумро ба инобат гирифта, одамони алоҳида ва корхонаҳо бо роҳҳои гуногун маблағҳои пулиро аз таъсири он ҳимоя мекунанд. Танзим ва ё дар сатҳи барои ҷамъият мусоид нигоҳ доштани таваррум вазифаи ҳукумат аст, ки бо пешбурди сиёсати дурусти макроиқтисодӣ таъмин карда мешавад [6, с.42].

Пайваст намудани занҷираи равандҳои таъсири таваррум ба иқтисодиёт, истеҳсолот ва буҷаҳои шахсони алоҳида аз танзими дурусти ҳаҷми пул ва дигар масъалаҳои бо пул ифодаёфта вобастагӣ дорад. Дар ҳар як кишвар ҳукуматҳо кӯшиш мекунанд тавассути мақомот ва сохторҳои марбутаи худ бо роҳҳои гуногун сатҳи тавaррумро танзим намуда, шиддати таъсири манфии онро дар иқтисодиёт паст намоянд. Ин масъаларо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита БМТ ба уҳда дорад, ки тавассути роҳу воситаҳои гуногун дар такя ба таҷрибаи хориҷӣ тавaррумро дар сатҳи муайян нигоҳ медорад.

Тағйирёбии арзиши сабади истеъмолии давраи ҷорӣ ҳамчун таносуби ҷории хароҷоти истеъмолӣ ба хароҷоти ба даст овардани як навъ ассортимент, ки дар нархҳо муқаррар карда шудааст, ҳисоб карда мешавад. Ин нишондиҳанда тағйирёбии нархҳоро дар сабади истеъмолӣ инъикос мекунад [5, с.33].

Нишондиҳандаҳои асосии сатҳи таваррум индекси нархҳои истеъмолӣ, индекси дигар нархҳо мебошанд, ки истеҳсолкунандагон ба дефлятори ММД, паритети қобилияти харидорӣ, индекси Пааше ҳисоб карда мешаванд. Индекси Пааше индекси нархҳоест, ки барои тавсифи тағйирёбии нархи молҳо истифода гардида, ба воситаи он сатҳи таваррум ҳисоб карда мешавад. Ҳисобгирии сатҳи тағйирёбии таваррум маънои истифодаи роҳҳои муассири зиддитавaррумро дорад, ки дар заминаи он аз имкониятҳои мавҷуда барои паст кардани шиддат ва занҷираи таваррум давлатҳо ва мақомоти дахлдор истифода мебаранд. Ҳамчунин, ҳар як давлат ба қадри имкон масъала ва механизмҳои танзими тавaррумро истифода бурда, таъсири манфии онро дар сатҳи ҷомеа коҳиш медиҳад. Новобаста аз ин, дар сатҳи иқтисодиёт механизмҳои зерини танзими таваррум ва паст кардани шиддати таъсири манфии он вуҷуд дорад (расми 1).

Дар шароити имрӯза ва равандҳои доимотағйирёбандаи иқтисодӣ пешбурди сиёсати дурусти пулӣ яке аз механизмҳои асосии танзими таваррум ба ҳисоб рафта, мувозинати он дар сатҳи ҳаматарафа нигоҳ дошта мешавад. Ғайр аз ин, дигар омилҳои ба танзими таваррум хос аз сиёсати дурусти пулӣ сарчашма мегиранд. Вобаста ба масъул будан ба ин масъала бонки марказӣ ва сохторҳои дахлдори Ҳукумат дар чорчӯбаи сиёсати иқтисодӣ ҳаҷми пул ва сохтори онро танзим менамоянд




**Расми** 1. **Масъалаҳои асосии танзими таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Сарчашма**: таҳияи муаллиф.

Тибқи таҳлилҳо ва равандҳои таъсиррасони таваррум сиёсати дурусти пулӣ бо назардошти сатҳи монетизатсия дар таркиби он рушди иқтисодиёт бо дарназардошти мувозинати сатҳи таваррум бояд пеш бурда шавад. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки ба ҳисоби миёна, бояд ҳаҷми пул тавре ба муомилот бароварда шавад, ки боиси болоравии сатҳи нархҳо нагардад. Дар асари худ Ш. Раҳимзода қайд менамояд, ки вобаста ба он ки Тоҷикистон кишвари тозаистиқлол ва дар раванди гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ қарордошта мебошад, зиёдшавии ҳаҷми пул метавонад аз болоравии сатҳи таваррум фарқ дошта бошад [6, с.27]. Илова бар ин, ҳисоби миёнаи болоравии таваррум дар солҳои 2001-2017 дар Тоҷикистон 6-8% буд, вале зиёдшавии ҳаҷми пул ҳар сол ба ҳисоби миёна 16-20%-ро ташкил медиҳад.

Тибқи дигар сарчашмаҳо, ҳангоми дар ҳадди аксар баланд шудани нархҳо ин маънои мавҷуд будани таваррумро дорад, ки он ба дараҷаи дуюм дар тамоми иқтисодиёт паҳн гардидааст. Тибқи ин сарчашма, имконият ба чор омиле, ки ҳар кадоми онҳо бо асоси иқтисодӣ алоқамананд, ба вуҷуд меояд, ки онҳоро принсипҳои тағйирёбии талабот ва пешниҳод меноманд [8].

1. Афзоиши ҳаҷми бемайлони пул.
2. Паст шудани талабот ба пули нақд.
3. Камшавии ҳаҷми умумии мол ва хизматрасонӣ.
4. Афзоиши талабот ба мол ва хизматрасонӣ.

Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки агарчанде ки таваррум вобаста ба омилҳои бавуҷудоии он танзим карда мешавад, аммо дар ҳар кишвар хусусиятҳои гуногуни бавуҷудой ва танзимнамой дорад. Дар ин масъала ба андешаи профессор Шариф Раҳимзода [6] розӣ шудан мумкин аст. Зеро, дарвоқеъ, дар аксар маврид зиёдшавии ҳаҷми пул дар муомилот боиси болоравии сатҳи таваррум намегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксаран таваррум вобаста ба вайрон шудани мувозинат байни талабот ва таклифоти молу хизматрасониҳо ба вуҷуд меояд.

Дар иқтисодиёт сиёсати дурусти қарзӣ низ яке аз омилҳои дигари танзими таваррум мебошад. Ин маънои онро дорад, ки қарз ва ҳаҷми қарздиҳӣ бе дарназардошти вазъияти иқтисодии давлат метавонад боиси боло рафтани сатҳи таваррум гардад. Аз дигар нуқтаи назар, қарзҳои пешниҳоднамудаи бонкҳо дар ҷомеа

бояд манфиати иқтисодӣ дошта бошанд, то ба болоравии нархҳо боис нагарданд. Сиёсати қарзии бонки марказӣ бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки он:

1. Ба барзиёд додани қарзҳо ва бо ин роҳ зиёд кардани ҳаҷми пул роҳ надиҳад;
2. Мусбат будани фоизи қарзро нисбат ба сатҳи таварруми пешбинишуда таъмин намояд.

Масалан, агар мувофиқи барномаи молиявии Ҳукумат сатҳи таваррум барои соли оянда 8 фоиз пешбинӣ шуда бошад, зарур аст, ки фоизи қарзи бонкӣ аз ин зиёд бошад.

Илова бар ин, махсусан дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати дурусти асъорӣ яке аз индикаторҳои асосии танзими сатҳи мувозинатии таваррум мебошад. Мақсади он таъмини устувории қурби пули миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ мебошад, ки барои пешрафти иқтисодиёт ва ҳавасмандгардонии содироту воридот зарур аст. Зарур аст, ки таносуби байни қурби пул ва таваррум дар сатҳи лозимӣ нигоҳ дошта шавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки таносуби дурусти байни онҳо дар баробарии онҳост, яъне сатҳи пастшавии қурби пули миллӣ бояд якхела ва ё ба ҳам наздик бошад. Мувофиқ намудани ин ду нишондиҳанда ё ба ҳам наздик набудани онҳо нишонаи нодурустии сиёсати иқтисодӣ аст.

Агар соле сатҳи таваррум 13 фоизро ташкил дода бошад, бояд сатҳи пастравии қурби пули миллӣ низ ба ҳамин фоиз баробар бошад. Бо сабабҳои объективӣ он метавонад каму беш (2 фоиз) фарқ кунад, аммо на зиёдтар аз ин.

Сиёсати дурусти буҷетӣ низ дар танзими таваррум баробарии даромаду хароҷоти Ҳукуматро тақозо мекунад ва агар хароҷот аз даромадҳо зиёд бошанд, Ҳукумат вазифадор аст чораҳои зарурии кам кардани онҳоро андешад.

Илова бар ин, дар татбиқи сиёсати дурусти сохторӣ Ҳукуматро зарур аст, ки дар асоси таҳлили молиявӣ пайваста миқдори корхонаҳои зарароварро кам карда, корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти истифодаи умумро дастгирӣ намояд. Сохтори иқтисодиётро (ҳиссаи соҳаҳои алоҳида) тарзе бояд ташкил дод, ки он ба зиёдшавии талабот нисбат ба пешниҳод мусоидат накунад.

Ҳамчунин, сиёсати дурусти антимонополӣ, ки назоратро аз болои нархи молҳои истеҳсоли корхонаҳои ягона ё монополӣ талаб мекунад. Нархи моли корхонаҳои монополӣ бояд аз ҷониби сохторҳои дахлдори ҳукуматӣ муайян карда шавад. Масалан, ширкати «Барқи тоҷик» корхонаи ягонаи истеҳсолкунандаю фурӯшандаи барқ аст ва дар ҳолати набудани рақобату соҳибихтиёрӣ метавонад нархи барқро пайваста зиёд намояд. Барои роҳ надодан ба ин амал нархи моли чунин корхонаҳо аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо муайян шуда, риояи он назорат карда мешавад.

Роҳ надодан ба истифодаи асъорҳои хориҷӣ дар савдои дохилӣ (долларикунонӣ ё еврокунии иқтисодиёт). Қариб дар ҳамаи мамлакатҳои дунё пули миллӣ вобастаи ягонаи муомилот аст, вале дар амал аҳолии аксари кишварҳо бештар ба истифодаи асъорҳои озод табдилшавандаи хориҷӣ (хусусан доллару евро) рағбат доранд. Азбаски гардиши озоди асъорҳои хориҷӣ дар дохили кишвар ба иқтисодиёти он зарар дорад, қонунан истифодааш манъ аст. Мутобиқ ба талаби Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» воситаи ягонаи муомилот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонӣ мебошад, вале дар асл то соли 2008 сомонӣ зиёд бо доллар анҷом меёфт, ки ба иқтисодиёти мамлакат зарари калон дошт.

Ҳамин тариқ, сиёсати дурусти иқтисодӣ имкон медиҳад, ки таваррум дар сатҳи аз ҷониби Ҳукумат муайяншуда нигоҳ дошта шавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи мамлакатҳо дар давраҳои алоҳида буҳрони иқтисодӣ, аз он ҷумла боварии нархҳо (таварруми тезпарвоз)-ро аз сар гузаронида, барои аз он баромадан чораҳо андешидаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин таҷриба ба мақсад мувофиқ аст.

Илова бар гуфтаҳои боло, қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз омилҳои зикршудаи танзимнамоии таваррум ҳангоми зарурат сиёсати дефлятсионӣ истифода

мегардад, ки он барои коҳиш додани тамоили болоравии таваррум мусоидат менамояд. Дар дигар маврид сиёсати дефлятсионӣ ба рушди истеҳсолот аз ҳисоби боздорандагии нархҳо таъсири манфӣ расонида, ҳавасмандии истеҳсолкунандагонро коҳиш медиҳад. Аз ҳамин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки сиёсати дефлятсионӣ хусусияти муваққатӣ дошта, он доимӣ нест.

Дар сатҳи илм дефлятсия (аз калимаи лотинӣ deflatio «дефлятсия» гирифта шуда, ифодаи он пастшавии сатҳи умумии нархҳои молу хизматрасонӣ; раванди баръакси таваррум мебошад [7]. Дар баробари ин, ҳангоми пешбурди ин сиёсат нархҳо бо пули миллӣ таҳлил карда мешаванд.

Дефлятсия метавонад бо инқилоби болоравии қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ ҳамроҳ шавад. Аммо дар амал бонкҳои марказӣ ҳангоми дефлятсия одатан кӯшиш мекунанд, ки пули миллиро беқурб кунанд, то талаботро афзоиш диҳанд.

Дар самти идоракунӣ ва танзими раванди болоравии таваррум сиёсати дефлятсионӣ маҷмуи тадбирҳоест, ки давлат бо мақсади пешгирии таваррум ва беҳтар намудани тавозуни пардохт андешида мешавад. Дар байни ин тадбирҳо зиёд кардани андозҳо, кам кардани хароҷоти буҷет, пеш аз ҳама, барои бо пул таъмин намудани хоҷагии халқ, кам кардани маблағгузориҳои пулӣ ва қарздиҳӣ, зиёд кардани меъёри ҳисоби бонки марказӣ ва ғайра ҷои асосиро ишғол менамояд. Дар сатҳи иқтисодиёт давлат ҳангоми танзим ва паст кардани шиддати таваррум тадбирҳои сиёсати дефлятсионии молиявиро истифода мебарад:

1. Маҳдудияти пешниҳоди пул. Ҳукумат барои воридоти молиявӣ ба иқтисодиёт маҳдудият муқаррар мекунад. Дар баробари ин, ба вазъияти ҳозираи буҷети давлатӣ эътибор намедиҳанд — агар он каср бошад ҳам, чунин чораҳо дида мешаванд. Дар ин ҷо механизми асосӣ Бонки марказӣ мебошад. Бо якбора поин рафтани қурби пули миллӣ қурби асосиро боло мебарад, ки воридшавии пулҳои нав ба иқтисодиётро мушкил мекунад. Қарзҳои гаронтар барои бонкҳо - барои истеъмолкунандагон ва соҳибкорон гаронтар.

2. Ҷорӣ намудани меъёри захиравӣ. Меъёри захиравӣ ин маблағест, ки бояд дар дороии ҳар як бонк ҳамчун захираи озод мавҷуд бошад. Ҳамин тариқ, мизони фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ танзим карда мешавад.

3. Амалиёти Бонки марказӣ бо вомбаргҳои давлатӣ ва дигар коғазҳои қиматнок. Дар шароити афзоиши босуръати таваррум ва болоравии босуръати нархҳо Бонки марказӣ, бешубҳа, ба бозори коғазҳои қиматнок ворид мешавад. Агар мақсади ӯ паст кардани таваррум бошад, пас вай облигатсияҳои давлатиро мефурӯшад ва бо ҳамин маблағи пулиро дар иқтисодиёт кам мекунад. Вақте ки бuҳрон мегузарад, танзимкунанда тадриҷан ба худ бармегардад, ки фурӯхта шудааст. Дар айни замон сиёсати пулию қарзии дефлятсионӣ танзими талаботи пулро тавассути механизмҳои пулию қарзӣ бо роҳи кам кардани хароҷоти давлатӣ, баланд бардоштани фоизи қарзҳо, зиёд кардани меъёри андоз, маҳдуд кардани ҳаҷми пул пешбинӣ мекунад. Иловатан гуфтан зарур аст, ки ин ба афзоиши иқтисодиёт мусоидат намекунад, балки, баръакс, суръати истеҳсоли маҳсулотро паст карда, боиси бuҳрони иқтисодӣ мегардад.

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ давлат ва мақомотҳои марбутаи тобеи он ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки равандҳои таваррумро танзим намуда, шиддати таъсири манфии онро ба иқтисодиёт кам намоянд. Аз ҳамин хотир, дар масъалаи танзим ва бехатаргардонии таъсири таваррум равишҳои гуногуни илмию методологӣ истифода мегардад, ки ҳар кадоми он ба қадри имкон вобаста ба имкониятҳои иқтисодии давлат ба роҳ монда мешавад. Ҳамчунин, зуҳуроти таваррум ва стратегияҳои паст кардани он аз сӯи мақомотҳои дахлдор бо истифода аз фишангҳои амиқ санҷида шуда, танзим карда мешаванд. Бо ин мақсад, дар сатҳи

иқтисодиёт усулҳои гуногун ва сиёсатҳои амиқ санҷидашударо истифода мебаранд, ки назорати иҷроиши онро вазифаи худ қарор медиҳанд. Дар ҳошияи ин гуфтаҳо қайд кардан зарур аст, ки механизмҳои танзими таваррум ва сиёсатҳои зиддитаваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тавассути омилҳои зерин ҷорӣ карда шавад:

1. Васеъ кардани блоки содирот ва истеҳсоли молҳои ба воридот нигаронидашуда;
2. Баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии давлат ва дар заминаи ин коҳиш додани ҳамон намуд ва миқдори моле, ки аз хориҷи кишвар ворида Тоҷикистон мегардад;
3. Ба таври стратегӣ зиёд намудани манбаъҳои воридоти асъори серталаби хориҷӣ;
4. Диверсификатсияи муносибатҳои тиҷоратӣ дар заминаи асъори мамлакатҳои шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Адабиёт**


1. Красавина, Л.Н. Регулирование инфляции как фактор экономической стабилизации / Л.Н. Красавина // Финансы. - 2000. - N 4. - С.36-39.
2. Махшулов, С.Ҷ. Механизмҳои асосии фаъолгардонии қарздиҳии низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт / С.Ҷ. Махшулов, Б. Ахмедова // Паёми молия ва иқтисод. - 2023. - №2 (36). - С. 137-151.
3. Махшулов, С.Ҷ. Равандҳои идоракунии осебпазирии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.Ҷ. Махшулов, М.Ҳ. Ҷулиев // Паёми молия ва иқтисод. - 2021. - №4 (28). - С. 147-155.
4. Осадчая, И. Инфляция: суть, причины, формы проявления / И. Осадчая // Наука и жизнь. - 2008. - N 4. - С.14-20.
5. Плышевский, Б. Инфляция: причины и механизм / Б. Плышевский // Экономист. - 2008. - N7. - С. 25-33.
6. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Китоби дарсӣ / Ш. Раҳимзода. – Душанбе, 2018. – 202 с.
7. Экономическая теория. Макроэкономика-1, 2. Архивная копия от 7 января 2019 на Wayback Machine. 3-е изд. / Под общ. ред. Г.П. Журавлёвой. — М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2014. – 243 с.
8. Cost-Push Inflation versus Demand-Pull Inflation. URL: http://www.investopedia.com /articles/05/012005.asp.


**УДК**: 338,46(575,3)

# МАСЪАЛАҲОИ ИЛМИВУ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР

***Назарова Нилуфар Нусратуллоевна*** - *ассистенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел*: (+992)908-90-80-06. E-mail: nilufar-93-93-93@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои илмиву назариявии ташаккулёбии соҳибкорӣ ҳамчун шарти муҳими рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар омӯхта мешавад. Қайд карда шудааст, ки соҳибкорӣ ҳамчун омили рушди фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвар дар таъмини тараққиёти босуботи иқтисодӣ ва рушди босуръат заминаи басо калонро доро мебошад.*

*Диққати махсус ба омӯзиши ақидаҳои гуногуни мактабҳои иқтисодӣ ва олимони иқтисоддон ҷиҳати махсусият ва ташаккулёбии соҳибкорӣ дода мешавад. Инчунин, дар мақола масъалаҳои консепсияи муосири соҳибкорӣ, омӯзиши корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ перомуни фаъолияти соҳибкорӣ, таҳлили самтҳои назариявии ташаккулёбии соҳибкорӣ ва нақши он дар низоми иқтисодиёти муосир баррасӣ мегардад.*

*Қайд карда мешавад, ки соҳибкорӣ дар шароити муосири рушди муносибатҳои бозоргонӣ як намуди фаъолияти иқтисодие мебошад, ки дар натиҷаи эҷоди навгонӣ, идеяи нави истеҳсолӣ, эҷоди маҳсулоти нави инноватсионӣ ва ҷустуҷӯи доимии имкониятҳои нав бо мақсади гирифтани фоида ба вуҷуд омада, дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ саҳми бениҳоят калонро доро мебошад.*

***Калидвожаҳо***: *фаъолияти соҳибкорӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ, танзими давлатии соҳибкорӣ, соҳибкории хурду миёна, фаъолияти хоҷагидорӣ, хизматрасонӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, иштирокчиёни бозор, маҳсулнокии меҳнат, қувваи корӣ ва иқтисодиёти миллӣ.*

## НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ОРГАНИЗАЦИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В УСЛОВИЯХ РЫНКА

***Назарова Нилуфар Нусратуллоевна*** – *ассистент кафедры прикладной информатики в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова*, 64/4. *Тел.*: (+992)908-90-80-06E-mail: nilufar-93-93-93@mail.ru

*В статье исследуются научно-теоретические вопросы формирования предпринимательства как важного условия развития экономической деятельности страны. Отмечается, что предпринимательство как фактор развития экономической деятельности любой страны имеет весомую основу в обеспечении стабильного экономического развития и опережающего роста.*

*Особое внимание уделено изучению различных взглядов экономических школ и экономистов на специализацию и формирование предпринимательства. Также в статье рассматриваются вопросы современной концепции предпринимательства, изучения научных работ отечественных и зарубежных ученых по предпринимательству, анализ теоретических направлений формирования предпринимательства и его роли в современной экономической системе.*

*Отмечается, что предпринимательство в современных условиях развития рыночных отношений представляет собой вид экономической деятельности, возникающий в результате создания новшество, новой производственной идеи, создания новых инновационных продуктов и постоянного поиска новых возможностей с целью получения прибыли и обеспечения стабильного экономического развития.*

***Ключевые слова***: *предпринимательская деятельность, рыночная экономика, государственное регулирование предпринимательской деятельности, малый и средний бизнес, экономическая деятельность, услуги, деловые отношения, инвестиции, участники рынка, производительность труда, рабочая сила и национальная экономика.*

## SCIENTIFIC AND THEORETICAL ISSUES OF THE ORGANIZATION OF ENTREPRENEURSHIP IN MARKET CONDITIONS

Nazarova Nilufar Nusratulloevna - Assistant of the Department of Applied Informatics in Economics, Tajik State Financial and Economic University, Nakhimova street 64/1, E-mail: nilufar-93-93-93@mail.ru, Tel: (+992)908-90-80-06

The article examines the scientific and theoretical issues of the formation of entrepreneurship as an important condition for the development of the country's economic activity. It is noted that entrepreneurship as a factor in the development of the economic activity of any country has a significant basis in ensuring stable economic development and rapid growth.

Particular attention is paid to the study of different views of economic schools and economists on specialization and the formation of entrepreneurship. The article also discusses the issues of the modern concept of entrepreneurship, the study of scientific works of domestic

and foreign scientists on entrepreneurship, the analysis of theoretical directions for the formation of entrepreneurship and its role in the modern economic system.

It is noted that entrepreneurship in modern conditions of the development of market relations is a type of economic activity that arises as a result of creating an innovation, a new production idea, creating new innovative products and constantly searching for new opportunities in order to make a profit and ensure stable economic development.

Key words: Entrepreneurial activity, market economy, state regulation of entrepreneurial activity, small and medium business, economic activity, services, business relations, investments, market participants, labor productivity, labor force and national economy.

Яке аз масъалаҳои пешрафти фаъолияти хоҷагидории кишвар дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ташаккулёбии соҳибкорӣ ба шумор меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки соҳибкорӣ барои дигар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ заминаи калони молиявию инфрасохторӣ гузошта, барои таҳкими муносибатҳои бозоргонӣ ва афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидаткунанда мебошад. Аз ин рӯ, масъалаҳои таъсиси мусоид барои рушди ин соҳаи муҳим имрӯз низ рӯзмарра барои илми иқтисодӣ махсуб меёбад.

Қайд кардан зарур аст, ки таърихи соҳибкорӣ дар шакли фаъолияти тиҷоратӣ аз замонҳои қадим оғоз меёбад. Тоҷирон ва косибон дар он давра воқеан соҳибкорони навкор буданд. Масалан, дар ҳуқуқи Рим соҳибкориро ҳамчун бизнес ё фаъолият, дурусттараш, фаъолияти тиҷоратӣ мешумурданд ва соҳибкор шахсеро дар назар доштанд, ки хоҷагидории ҷамъиятиро пеш мебарад.

Масалан, дар Шарқи Миёна ва Наздик, соҳибкорӣ як шуғли эҳтиром ба шумор мерафт. Шаҳрвандони Фин ва юнониён тоҷирони фаъол буданд. Ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ аллакай дар Рими қадим вуҷуд доштанд ва сатҳи фаъолияти онҳо дар он вақт хеле назаррас буд.

Яъне аз ҳамон давра соҳибкорӣ вуҷуд дошта, бо мурури замон бо рушди муносибатҳои тиҷоративу истеҳсолӣ мунтазам васеъ гашт. Инчунин, бо тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ консепсияи имии он низ ба таври васеъ аз тарафи олимону сиёсатмадорон ошкор гардид. Қайд кардан муҳим аст, ки аввалин маротиба дар илми иқтисодӣ мафҳуми соҳибкориро иқтисодчӣ ва бонкдори англис Р. Кантилон дар асри XVIII мавриди истифода қарор дод.

Р. Кантилон таъкид намуд, ки соҳибкор ин шахсест, ки дар зери таваккал фаъолияти хешро амалӣ менамояд ва боварӣ дошт, ки барои соҳибкор дурандешӣ ва қабули таваккал хусусиятҳои ҳатмӣ мебошанд. Намояндагони мактаби классикони англис А. Смит ва Д. Рикардо соҳибкорро ҳамчун капиталист мефаҳмиданд. А. Смит дар асари худ соҳибкорро тадбиркор, соҳиби сармоя эътироф мекард, ки барои амалӣ гардондани ҳар як идеяи иқтисодӣ, бо мақсади ба даст овардани фоида, амалӣ менамояд.

Истилоҳи “соҳибкор” дар марҳилаҳои аввали пайдошавии илми иқтисод пайдо мешавад. Бо рушди ҷомеа ақидаҳо дар бораи ин намуди фаъолият тағйир меёбанд. Бисьёр намояндагони мактабхои гуногун ба омӯзиши соҳибкорӣ машғул буданд. Аммо баҳс дар бораи он, ки мафҳуми соҳибкорӣ чист?, соҳибкор кист?, даромади чунин шахсро чӣ гуна муаррифӣ кардан мумкин аст?, кадом ҳадафу ангезаҳои ӯро дар интихоби ин навъи шуғл ҳидоят мекунад?, идома дорад.

Пайдо, ташаккул ва рушди назарияи соҳибкорӣ ба таври стандартӣ бо равишҳои консептуалии таҳлили соҳибкорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманд аст ва аз ин рӯ, дар пайдарпайии хронологии инкишофи афкори иқтисодӣ баррасӣ мешавад.

Аммо барои фаҳмидан ва ҷамъоварии минбаъдаи тамоми донишҳои оид ба соҳибкорӣ мувофиқи хусусиятҳои методологии таҳлил аз иқтисодшиносони гуногун ва мактабҳои гуногуни иқтисодӣ моҳияти соҳибкориро ба як низоми муайян даровардан дуруст мебуд [5, с.163].

Бояд қайд кард, ки консепсияи моҳияти соҳибкорӣ дар рафти тараққиёти таърихии худ тағйир ёфт. Эҷодкорони классикии иқтисоди сиёсӣ соҳибкориро дар сохтори се омили истеҳсолот ҷузъи асосӣ намешуморанд, дар ҳоле ки неоклассикҳо онро чорум омил эътироф мекунанд.

Инчунин, нақши соҳибкорӣ аз ҷониби Й Шумпетер хеле баланд шуда, онро ҳамчун омили асосии рушди инноватсионии ҷомеа таъкид намуд. Тадқиқотчиёни мактаби неоклассикӣ ба соҳибкорӣ моликияте медиҳанд, ки тамоми системаи иқтисодии ҷамъиятро ба мувозинат медарорад. Гарчанде, олимони иқтисоддон дар марҳилаҳои гуногуни рушд мафҳуми соҳибкориро ба таври мухталиф маънидод карда бошанд ҳам, дар маҷмуъ, онро ҳамчун омили рушди фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвар номидан мумкин мебошад.

Масалан, дар таълимоти Д. Рикардо функсияи соҳибкорӣ бо функсияи моликият муайян карда шуд. Сабаби асосии ҷудо карда натавонистани ин вазифаҳо дар он аст, ки дар давраи инқилоби саноатӣ дар Англия шакли асосии моликият тиҷорати хурди оилавӣ ва воридоти сармоя аз ҷониби соҳибмулк, дӯстон ё хешу табор сурат мегирифт.

Д. Рикардо аввалин шуда проблемаҳои масъулияти тиҷоратро нишон дод. Ӯ боварӣ дошт, ки фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо ба гирифтани фоида нигаронида шудааст, балки дар баробари фоидаи шахсӣ бояд барои тамоми ҷамъият фоидаи моддӣ биёрад.

Ақидаи Д. Рикардо ҷиҳати нафъ овардан ба ҷамъият аз тарафи иштирокчиёни бозор ва соҳибкорон аз нуқтаи назари афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлат ва рушди муносибатҳои тиҷоративу истеҳсолӣ аҳамияти илмиву таҷрибавиро пайдо кард.

Ҳамчунин, олими дигар М. Вебер асоси фаъолияти соҳибкориро таҷассуми оқилона медонист. М. Вебер ин таърифро самаранокии функсионалӣ, ба даст овардани фоида мефаҳмид. Ба ақидаи ӯ, соҳибкор қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисоди миллӣ ба шумор меравад [7, с.189].

Қайд кардан муҳим аст, ки бо мурури замон ва рушди муносибатҳои нав консепсия ва назарияи соҳибкорӣ ташаккул ёфт. Акнун фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ҷустуҷӯ ва татбиқи идеяҳое, ки роли омили инсониро дар истеҳсолот хеле баланд бардоштанд, фаҳмида мешуд. Асосгузори ин ақида Й. Шумпетер мебошад. Маҳз неоклассикҳо соҳибкориро дар баробари замин, меҳнат ва сармоя омили чоруми истеҳсолот муайян карданд.

Дар ташаккулёбии назарияи соҳибкорӣ олимони дигар ба монанди К.Р. Макконнелл ва С.Л. Брю дар китоби «Экономикс» нуқтаи назари ҷолиброро пешниҳод кардаанд. Муаллифони ин китоб соҳибкориро ҳамчун манбаи инсонӣ медонанд. Ба андешаи онҳо, соҳибкор шахсест, ки пеш аз ҳама, ташаббусро ба уҳда мегирад, таваккал мекунад ва, инчунин, дар пешбурди тиҷорати худ тамоми қарорҳои муҳимро қабул мекунад [6, с.38].

Дар адабиёти иқтисодӣ, инчунин, мафҳумҳои зиёде ба назар мерасанд, ки ба соҳибкорӣ бевосита алоқаи зич доранд. Масалан, мафҳумҳои “соҳибкорӣ” ва “бизнес” алоқамандии зич дошта, қариб як чизро ифода мекунанд. Истилоҳи “бизнес” аз калимаи англисӣ буда, маънояш кор, фаъолият ё машғулият мебошад. Бинобар ин, мафҳуми “бизнес” ва “соҳибкорӣ” як намуди фаъолияти иқтисодӣ, ки мақсади ба даст овардани фоида доранд, фаҳмида мешавад.

Вобаста ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки профессори англис А. Хоскинг дар тадқиқоти худ бизнесро ҳамчун фаъолият, ки аз тарафи шахсони инфиродӣ ва ташкилотҳо бо мақсади ба даст овардани неъматҳои табиии истеҳсолот ҳангоми мубодилаи мол ва хизматрасонӣ сурат мегирад, маънидод мекунад.

Ба ақидаи баъзе аз олимон ҷаҳонбинии муосири соҳибкор, пеш аз ҳама, аз таърифи фоиданокии тиҷорат бармеояд, ки дар он ҷузъи асосӣ мубодила ё муомилот мебошад. Айни замон дар адабиёти илмии иктисодӣ ба масъулияти иҷтимоӣ диққати махсус дода шуда, соҳибкорӣ ҳамчун раванди иҷтимоии пайдоиш ва инкишоф додани навъҳои нави муносибатҳои вобаста ба фаъолияти хоҷагии ҷомеаҳои гуногуни иҷтимоӣ муайян карда мешавад [10, с.16].

Дар рушди назарияи соҳибкорӣ саҳми бузурги намояндагони мактаби иқтисодии австро-олмонӣ Л. Брентано, М. Вебер ва В. Зомбарт назаррас мебошад. М. Вебер фаъолияти соҳибкориро ҳамчун таҷассуми ратсионализм (самараи максималӣ аз маблағгузорӣ, ошкори роҳҳои оптималии расидан ба мақсадҳои дарпешгузошта, имконияти самараи максималӣ аз фаъолияти хоҷагидорӣ ва ғ.) арзёбӣ намудааст [7, с.84].

Аз нуқтаи назари таҳқиқот қайд кардан муҳим аст, ки дар рушди назарияи соҳибкорӣ мактабҳои мухталифи иқтисодӣ ва олимони иқтисоддон дар марҳилаҳои гуногуни рушди фаъолияти хоҷагидорӣ саҳми бузург гузоштаанд. Тавре ки мо дар боло қайд кардем, мазмуни иқтисодии соҳибкорӣ вобаста бо мурури замон ва рушди муносибатҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ васеъ мегардад. Бо тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ саҳми олимон низ дар таҳия ва арзёбии иқтисодии консепсияи муосири соҳибкорӣ васеъ мегардад.

**Ҷадвали 1. - Тавсифи соҳибкор ва соҳибкорӣ дар осори олимони хориҷӣ ва ватанӣ**

| **Намояндаи мактаби иқтисодӣ** | **Тавсифи соҳибкор ва соҳибкорӣ** |
|---|---|
| Р. Кантилон | Соҳибкор шахсест, ки характери таваккали соҳибкориро асоснок карда, дар асоси таваккали тиҷоратӣ фаъолият мекунад. |
| Адам Смит | Соҳибкор соҳиби сармояе мебошад, ки ба хотири амалӣ намудани идеяи тиҷоратӣ ва ба даст овардани фоида таваккали иқтисодиро ба дӯш мегирад. |
| Ж.Б. Сей | Соҳибкор субъекти иқтисодиест, ки омилҳои истеҳсолотро муттаҳид менамояд. |
| А. Маршалл | Соҳибкор - шахсе, ки усулҳои нав ва такмилёфтаи идоракуниро кашф мекунад. |
| Й. Шумпетер | Соҳибкорӣ фаъолияти эҷодии маҳсулоти нави инноватсионӣ мебошад. |
| П. Самуэлсон | Соҳибкор навовар, яъне шахси дорои фаҳмиш, асолати тафаккур ва ҷасорат аст. |
| Р. Макконнелл | Соҳибкор - навовар, шахсе, ки кӯшиши эҷоди маҳсулоти нав, технологияҳои нави истеҳсолӣ ё ҳатто ташкили шаклҳои нави тиҷоратро дорад. |
| Ш. Исмаилов | Соҳибкорӣ фаъолиятест, ки барои ба даст овардани фоида равона гардидааст. |
| А.Б. Крутик | Соҳибкорӣ ин эҷодкорӣ, ки бо миқдори одилонаи таваккал алоқаманд аст, инчунин ҳавасмандии иқтисодиро ташаккул медиҳад. |

| | |
|---|---|
| С.Д. Комилов | Соҳибкорӣ ташкили фаъолияти шахс аст, ки барои ба даст овардани фоида равона гардидааст. |
| Мадаминов А.А. | Соҳибкорӣ ба услуби навоварӣ, зиддибюрократии рафтори иқтисодӣ, ки дар ҷустуҷӯи доимии имкониятҳои нав қарор дорад, асос ёфтааст. |
| Низомова Т.Д. | Соҳибкор танҳо шахси дорои фарҳанги васеъ, ақли равшан ва хислатҳои барҷастаи иродаи қавӣ буда метавонад. |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ

Тавре аз ҷадвали 1 бармеояд, соҳибкорӣ мафҳуми васеъ буда, дар иқтисодиёт яке аз қувваҳои ҳаракатдиҳанда ба шумор меравад. Тадқиқоти масъалаҳои ташаккулёбии соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт аз тарафи олимони хориҷиву ватанӣ корҳои зиёд ба анҷом расонида шудаанд.

Масалан, иқтисоддони фаронсавӣ Жан-Батист Сей, дар таърихи афкори иқтисодӣ ҳамчун муаллифи қонуни Сей машҳур мебошад. Қонуни Сей ба ҳайси принсипи методологии назарияи пешниҳод, ки дар соли 70-ум ташаккул ёфтааст, қабул гардида, дар азнавташкилкунии механизми хоҷагидории ИМА дар солҳои 80-ум замина гузошт. Ж.Б. Сей соҳибкорро ҳамчун шахсе, ки аз ҳисоби худ ва таваккал барои манфиати хеш ягон намуд маҳсулотро истеҳсол мекунад, маънидод мекунад.

Ҳамин тариқ, олимони хориҷӣ дар рушди таҳқиқоти назариявии масъалаҳои ташаккулёбии соҳибкорӣ саҳми басо калонро доро мебошанд. Инчунин, бояд қайд кард, ки барои ташаккулёбии соҳибкорӣ ва масъалаҳои назариявию илмии ин самти муҳим дар кишвар низ олимони ватанӣ саҳми босазо доранд. [11, с.148].

Дар таҳияи назарияи соҳибкорӣ саҳми олимони ватании Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Д. Комилов ва Н.Х. Забирова хеле намоён аст. Онҳо қайд мекунанд, ки соҳибкорӣ ин ташкили фаъолияти иқтисодии шахсест, ки барои гирифтани фоида нигаронида шудааст ва ҳамчун як раванди динамикӣ он қобилияти соҳибкорӣ мебошад, ки ба суръати рушди иқтисодӣ, навоварӣ таъсир мерасонад [3, с.5].

Аз нигоҳи Т.Д. Низомова, танҳо шахси дорои фарҳанги васеъ, зеҳни равшан ва сифатҳои барҷастаи иродавӣ соҳибкор шуда метавонад. Баъзе аз ин сифатҳо ҳатто дар давраи кӯдакӣ тарбия меёбанд, аммо фарҳанги соҳибкорӣ тавассути омӯзиши мувофиқ ба даст оварда мешавад [8, с.10-17].

Дуруст дарк кардан муҳим аст, ки дар адабиёти илмӣ таърифи ягонаи моҳияти соҳибкорӣ мавҷуд намебошад. Иқтисоддонҳо ва дигар намояндагони илм мувофиқи мақсади таҳқиқот ва донишҳои андухташуда мафҳуми соҳибкориро ҳар хел шарҳ медоданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ барои фаъолияти хоҷагидории кишвар заминаи устувори инфрасохториву иқтисодӣ гузошт.

Солҳои охир тадқиқоти соҳибкорӣ ба яке аз соҳаҳои пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ табдил ёфтааст. Бояд қайд кард, ки назарияи соҳибкорӣ бо рушди фаъолияти иқтисодии инсон ташаккул ёфтааст. Олимони иқтисоддон дар марҳилаҳои гуногуни рушд соҳаи соҳибкорӣ ва шаклҳои соҳибкориро бо роҳҳои гуногун таҳлил кардаанд.

Тарафдорони самти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ кӯшиш мекарданд, ки намуди психологии соҳибкорро ошкор намуда, ба фаъолияти шахсии соҳибкор хосиятҳои зиёд бахшанд. И. Киртснер интеллект ва майли ба даст овардани донишҳои навро дар соҳибкор ва Ҷ. Шекл бошад, тасаввуроти ғанӣ ва заковати мустақими соҳибкорро ошкор кардаанд

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот қайд кардан муҳим аст, ки раванди ислоҳоти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди соҳибкорӣ ба чунин ҷиҳатҳои муносибатҳои иқтисодӣ, ба мисли пайдоиши шаклҳои нави моликият, низоми

тақсимкунӣ, мубодила ва истеъмол таъсир расонида, дар натиҷа, боиси афзоиши иқтисодиёт гардид.

Инчунин, аҳамияти соҳибкориро дарк карда, дар кишвар барои рушди фаъолияти хоҷагидорӣ, бахусус, барои тараққиёти соҳибкорӣ ҳамчун шарти муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ тамоми шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуд. Инчунин, дар кишвар базаи ҳуқуқӣ барои рушди ин соҳаи муҳим таҳия гардида, вобаста ба рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ мукаммал мегардад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ, ки соли 1991 қабул гардид, барои рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар заминаи устувори ҳуқуқӣ гузошт. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ", пеш аз ҳама, манфиатҳои иқтисодии иштирокчиёни бозорро ҳимоя намуда, барои баланд бардоштани рақобатпазирии соҳибкорӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодӣ равона гардидааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" дар зери мафҳуми соҳибкорӣ фаъолияти мустақилонае, ки бо таваккали худ аз ҷониби шахсоне, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, бо мақсади ба даст овардани фоида аз истифодаи амвол, истеҳсол, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ нигаронида шудааст, маънидод мегардад.

Мувофиқи қонуни мазкур ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ ин фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди соҳибкорӣ равона карда шудаанд, ба ҳисоб меравад [4].

Қайд кардан зарур аст, ки ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ, беҳтар шудани сифати фаъолияти соҳибкорӣ, ба вуҷуд омадани муносибати нав ба рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир шарҳи нави мафҳумҳои соҳибкориро тақозо мекунад.

Дар асоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва омӯхтани ақидаҳои мухталифи олимон ҷиҳати ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкорӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки соҳибкорӣ шарти муҳими тараққиёти фаъолияти хоҷагидорӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ба шумор меравад. Ҳамаи далелҳои дар боло овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар айни замон вазифаи аввалиндараҷаи илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидорӣ эҷоди назарияи муосири фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Ба ақидаи мо, соҳибкорӣ дар шароити муосири рушди муносибатҳои бозоргонӣ ин намуди фаъолияти иқтисодие мебошад, ки дар натиҷаи эҷоди навгонӣ, идеяи нави истеҳсолӣ, эҷодии маҳсулоти нави инноватсионӣ ва ҷустуҷӯи доимии имкониятҳои нав бо мақсади гирифтани фоида мебошад.

Вобаста ба рушди муносибатҳои бозорӣ қайд кардан муҳим аст, ки фаъолияти соҳибкорӣ имрӯз дар тамоми кишварҳо дар шароити афзояндаи номуайянӣ ва ноустувории муҳити иқтисодӣ ба роҳ монда шудааст. Дар чунин шароит фаъолияти соҳибкорӣ ба дастгирии давлат эҳтиёҷи басо калон дорад. Маҳз танзими давлатӣ дар шароити бозор ва рушди гуногуншаклии моликият дар шакли имтиёзҳои молиявию андозбандӣ ифода мегардад.

Аҳамияти иқтисодии соҳибкориро дарк карда, кишварҳои дунё барои ин соҳаи муҳими иқтисодӣ тамоми шароитҳои муфиди хоҷагидорӣ муҳайё менамоянд. Фаъолияти соҳибкорӣ, бешубҳа, дар низоми илмҳои иқтисодӣ ва ҷомеаи муосир мавқеи асосиро ишғол мекунад. Маҳз соҳибкорӣ кафили субот ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир яке аз омилҳои асосии ташкили низоми иқтисоди бозоргонӣ ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, дар асоси гузаронидани таҳлилҳои дар боло зикршуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки соҳибкорӣ категорияест, ки натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорон ва объекти омӯзиши макроиқтисодро инъикос карда, яке аз қувваи ҳаракатдиҳандаи

фаъолияти хоҷагидории кишвар мебошад. Фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти зеҳнии шахс мебошад, ки соҳибкор дар асоси як навъи идоракунӣ, дониш, малака ва қобилияти истифода ва ҷустуҷӯи ғояҳои нав онро бо мақсади гирифтани фоида амалӣ менамояд. Аз тарафи дигар, чунин фоида барои фаъолияти хоҷагидории кишвар ва рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва инчунин таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ мегузорад.

**Адабиёт**


1. Блауг, М. Экономическая мысль в ретроспективе: Пер. с англ. 4-е изд. / М. Блауг. – М.: Дело ЛТД, 1994. - 720 с.
2. Быкова, Н.В. Оценка эффективности государственной поддержки малого предпринимательства: дисс…к.э.н.: 08.00.05 / Н.В. Быкова. - Санкт-Петербург, 2018. - 187 с.

*На основе анализа текущего состояния страны по реализации и реализации плана - государственной деятельности в направлении развития цифровизации или цифровой экономики в Республике Таджикистан, по результатам обработки данных, предложены следующие предложения: были сделаны: предоставление финансовых ресурсов для развития цифровой экономики, сотрудничество государства и частного сектора в обеспечении развития цифровой экономики, создание благоприятных условий в направлении цифровой экономики, наличие стабильной инфраструктуры определенная цифровая экономика, прозрачность государственного управления в условиях цифровизации и цифровой экономики и т.д.*

***Ключевые слова:*** *цифровая экономика, цифровизация, электронное правительство, государственное управление, концепция цифровой экономики, нормативно-правовые акты, экономическая культура.*

## ECONOMIC CULTURALITY - IS THE MAIN FACTOR OF ENSURING THE DIGITAL ECONOMY

***Davlatov Rahmatullo Jurabekovich*** *- International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of information technologies. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. Phone: (+992) 918-92-91-90. E-mail: davlatov_r@mail.ru*

***Bobonazarova Sayohat Mengboboevna****- International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, assistant of the Department of State and Municipal Administration.* ***Address:*** *734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. Phone:* ***(+992) 987-42-55-42*** *E-mail: bobonazarovas.97@mail.ru*

***Nematulloi Mirzoshoh –*** *is a graduate of the first department of the Tajik State Financial and Economic Univtrsity. Addres: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14, phone: 805262626. E – mail: mirzosh97@mail.ru*

*The article discusses the general issues of the digital economy, the acts of the digital economy, the parts of digitalization in the digital economy, and the importance of providing electronic government, especially the enrichment of the economic culture of citizens.*

*Based on an analysis of the current state of the country regarding the implementation and implementation of the plan - government activities towards the development of digitalization or digital economy in the Republic of Tajikistan, based on the results of data processing, the following proposals were made: the provision of financial resources for the development of the digital economy, cooperation between the state and the private sector in ensuring the development of the digital economy, creating favorable conditions in the direction of the digital economy, the presence of a stable infrastructure for a certain digital economy, transparency of public administration in the conditions of digitalization and the digital economy, etc.*

***Key words:*** *digital economy, digitalization, e-government, public administration, concept of digital economy, regulations, economic culture.*

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат ва беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардум ҳамасола аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор барнома ва стратегияҳо қабул ва роҳандозӣ мегардад. Чӣ тавре дар яке суханони Президенти мамлакат ироа гардида буд, «… Дар ҳафт соли минбаъда дар бахши иқтисодӣ ба се вазифаи асосӣ - бо роҳи баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии *иқтисоди миллӣ* таъмин намудани рушди устувор, афзоиш додани ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ва расидан ба сатҳи

рушди иҷтимоиву иқтисодии кишварҳои даромадашон миёна афзалият дода мешавад», ки амалишаваии он дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (минбаъд СМР-2030) омадааст. Яке аз қисматҳои амалишавии он дар «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ниҳоят хуб дарҷ ёфтааст, ки он барои таъмини иҷрои марҳилаи дуюми СМР-2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст, хуб инъикос ёфтааст.

Ҷиҳати кам кардани вобастагии иқтисоди миллӣ аз таъсири омилҳои манфии беруна, баланд бардоштани рақобатпазирии он ва диверсификатсияи истеҳсолот Сарвари давлат манбаъҳои иловагии зерини рушди устувори иқтисоди миллиро пешниҳод намуданд: рушди иқтисоди рақамӣ, рушди иқтисоди «сабз», зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди изофашуда дар соҳаҳои истеҳсолоти миллӣ ва ғ. Яъне, рушди иқтисодиёти рақамӣ яке аз аввалин пешниҳоди Роҳбари давлат дар ҳалли масъалаи болозикр арзёбӣ мегардад.

Чӣ тавре аз барнома бармеояд, иқтисоди рақамӣ дар таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нақши муҳимро бозида, соли 2019 ҳиссаи иқтисоди рақамӣ дар ММД-и Ҷумҳурии Халқии Хитой 36,2 фоиз, Кореяи Ҷанубӣ 12 фоиз, Британияи Кабир 8 фоиз, ИМА 6 фоиз ва Россия 3 фоизро ташкил додааст. Раванди рақамикунонӣ на танҳо дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, балки хизматрасониҳои бонкӣ, идоракунии истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, тандурустӣ ва маориф, савдо ва логистика ва дигар соҳаҳо ба таври васеъ инкишоф ёфта истодааст. Тибқи Индекси глобалии ҳамгироӣ, дар давоми 15 соли охир суръати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон нисбат ба рушди иқтисоди ҷаҳонӣ 2,5 маротиба зиёд мебошад. Дар сурати таъмини ҳамгироии пурраи рақамии иқтисоди глобалӣ ММД-и ҷаҳонӣ иловатан ба 23 трлн доллари ИМА то соли 2025 афзоиш меёбад.

Дар ин робита дар мамлакат айни замон заминаҳои меъёрии ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ ташаккул ёфта, якчанд ҳуҷҷатҳои давлатӣ, аз ҷумла Консепсияи ҳукумати электронӣ, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва мавриди истифода қарор доранд. Аммо, новобаста ба ин, чӣ тавре дар барнома низ иброз гардидааст, истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ҳанӯз назаррас нест.

Бо ин мақсад, дар доираи Барномаи рушди иқтисодиёти рақамӣ барои солҳои 2021-2025 андешидани тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад:

- мукаммалсозии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии соҳа;
- ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори зарурӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ (аз ҷумла, Digital CASA);
- татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои савдо ва хизматрасонии молиявӣ;
- омода намудани кадрҳо дар самти ТИК ва ташаккули заминаҳо барои рушди шуғли фосилавӣ, аз ҷумла занон, маъюбон ва дигар гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа дар заминаи баланд бардоштани саводнокии рақамӣ;
- таъмин намудани тамоми минтақаҳои кишвар бо хатҳои баландсифати алоқаи нахи оптикӣ ва интернети баландсуръат бо нархи дастрас;
- татбиқи лоиҳаи «Шаҳри бехатар» дар дигар минтақаҳои кишвар, ҳамзамон ҷорӣ намудани он дар самти назорати таваққуфи нақлиёт дар роҳҳои дохилишаҳрӣ.

Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои дунё барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва зиндагии арзанда мунтазам ҳадафҳои заруриро роҳандозӣ ва амалӣ менамояд.

Дар асоси таҳқиқотҳои Наг Йеон Ли, ки дар Силсилаи модулҳои Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ (Модул 3: Татбиқи ҳукумати электронӣ), ки аз тарафи Маркази бозомӯзии СММ марбут ба Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором барои ТИК ва

рушд (UN-APCICT) гузаронида шудааст, ҳукумати электронӣ чунин тавсиф дода шудааст [8, с. 20].

Ҳукумати электронӣ ин на танҳо воқеаи ягона дар тӯли кӯтоҳи вақт, балки раванди дарозмуддати такомулии тағйири идоракунии давлат ҷиҳати тамаркуз ба хадамоти шаҳрвандон мебошад. Ҳамин тавр, таъсиси «харитаи роҳ» дар сатҳи баланди (тарҳрезӣ аз самти боло ба поён) ҳукумати электронӣ бо нақшаи муфассали иҷро аз самти поён ба боло зарур аст. Дар модули 2-и Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ консепсия ва стратегияи эҷод намудани «харитаи роҳ»-и ҳукумати электронӣ муҳокима карда мешавад. Дар модули мазкур нақшаи амалисозӣ аз самти поён ба боло муҳокима карда мешавад.

Ҳадафи таъсис додани ҳукумати электронӣ ба таври бештар муассир расонидани хадамоти давлатӣ ба шаҳрвандон мебошад. Умуман, ҳар қадар хадамот дар интернет дастрас бошад ва ҳар кадар истифодаи ин хадамот васеътар бошад, таъсири ҳукумати электронӣ ҳамон қадар бештар хоҳад буд. Ҳамин тавр, барои ба даст овардани таъсири устувор ҳукумати электронӣ, берун аз доираи муассири дохилӣ ва шаффофияти идоракунии давлат, анбӯҳи зиёди «шаҳрвандони электронӣ» (e-citizens) ва «муассисаҳои электронӣ»-ро (e-business) талаб менамояд. Ҳамзамон, муваффақ шудан ба ин анбӯҳи зиёд кори осон нест. Таҳқиқоти Бонки ҷаҳонӣ дар бораи аҳамияти эҷод кардани шумораи зиёди хадамоти бархатӣ (онлайнӣ), ки масалан, ба шаҳрвандони электронӣ ва бизнеси электронӣ дастрас аст, муқаррар намудааст.

Агарчӣ, имрӯз технологияҳои иттилоотӣ (ТИ) ба як воситаи пуриқтидори амалкунанда, ки метавонад дар ҷабҳаҳои гуногун истифода гардад, рӯи кор ояд ҳам, лекин он бе мавҷудияти низом ва иҷрои он дар доираи ҳадафҳои сатҳи давлатӣ дуруст ба роҳ монда шуда наметавонанд. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрию ҳуқуқии зиёд ва қонунҳои амалкунандае, ки махсусан барои амалӣ намудани гуфтаҳои боло заруранд, қабул гардидаанд.

*Иқтисодиёти рақамӣ* дар замони муосир ин маҳз он иқтисодиётест, ки ҷомеаи навин ба он ниёз дорад.

Ба андешаи мо, иқтисодиёти рақамӣ - алоқамандии муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки бо технологияҳои навини муосир асос ёфта, ҳамгироии онҳоро дар системаҳои давлатию худидоракунӣ бо тариқи содакунонидашуда ба танзим медарорад.

Яке аз қадамҳои устувори дар сатҳи ҷумҳурӣ дуруст ба роҳ мондани татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ин қабули «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, таҳти №642 тасдиқ шудааст, мебошад.

Чӣ тавре аз консепсия бармеояд, он гузариши муттасили марҳила ба марҳиларо ба амалисозии дурнамои табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ пешбинӣ менамояд, ки он дар аввал се марҳила то соли 2040 ба нақша гирифта мешавад. Марҳилаи якум то соли 2025, марҳилаи дуюм то соли 2030 ва марҳилаи сеюм то соли 2040. Ҳамаи марҳилаҳо оид ба амалисозии табодули рақамӣ, инчунин дар доираи лоиҳаи Digital CASA амалӣ карда мешаванд.

Аз консепсия бармеояд, ки он ҳалли масъалаҳои зеринро барои ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ зарур мебошанд, пешбинӣ менамояд:

– такмили ҳукумати электронӣ ва гузариш ба ҳукумати электронӣ ҳамчун шакли баъди саноатӣ ҳамкории давлат, бизнес ва аҳолӣ. Таъсиси ҳукумат ҳамчун платформа барои ҳамкории рақамӣ байни ҳамаи иштирокчиёни ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар;
– рушди минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва гузариш ба ҷомеаи рақамӣ ҳамчун зинаи нави ҷомеаи пасиндустралӣ, ки дар он маълумоти рақамӣ, ҳамзамон ҳамчун воситаҳои меҳнат ва ҳамчун ашёи меҳнат амал намуда, қисми зиёди кормандон ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, таҳлил, коркард ва амалисозии маълумот машғул мебошанд;

– ташаккули иқтисоди рақамӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ, ки ба истифодаи маълумот асос ёфтааст. Ҳоло иттилоот, хусусан дар ҳошияи истифодаи маълумот бо мақсадҳои нав ва истифодаи он барои амалисозии ғояҳои нав ба дороии нав мубаддал мегардад. Дар ин робита Консепсия рушди сохтори «Коркарди минбаъдаи маълумот»-ро (Data Continuum) пешбинӣ менамояд, ки таъсис, ҷамъоварӣ, ирсол, нигоҳдорӣ, бехатарӣ, истифодаи муштарак, таҳлил ва шинохти маълумотро дар бар мегирад. Консепсия таҳияи стратегияи рушди иқтисодиёти маълумотро дар ҷумҳурӣ, аллакай дар марҳилаи дуюм пешбинӣ менамояд.

Чӣ тавре аз сарчашмаҳои иттилоотӣ ва «Барномаи рушди иқтисоди рақамӣ дар Федератсияи Русия то соли 2035. Марҳилаи 1.» низ бармеояд, «Иқтисодиёти рақамӣ барои рушди системаи идоракунии давлатӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки дар ояндаи наздик муҳити платформаи рақамии баландтехнологии идоракунии давлатӣ фароҳам оварда шавад, ки он кам кардани омили инсонӣ, коррупсия ва хатоиҳоро таъмин намуда, ҷамъоварии ҳисоботи оморӣ, андоз ва дигар ҳисоботҳоро худкор мекунад, қабули қарорро дар асоси таҳлили вазъияти воқеӣ таъмин намояд»[5].

Таъсири бемории ҳамагири COVID-19, ки соли 2020 тамоми ҷаҳонро фаро гирифт, ба тамоми кишварҳои ҷаҳон таъсири манфии худро расонид. Алалхусус, дар ин давра кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ҷиҳати дастрасии аҳолӣ ба маълумотҳои оморӣ-таҳлилӣ сарчашмаҳои иттилоотӣ таҳия намуда, дар ин давра аксари аҳолӣ бо истифодаи самараноки ТИК тавонист аз он истифода намояд. Ҳамзамон, ҷиҳати фарогии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ бо истифода аз замимаҳои компютерӣ дар шакли фосилавӣ ба таълим фаро гирифта шуданд. Инчунин, фармоиши хӯрока, пӯшона, маҳсулотҳо ва ғ. аз тарафи шаҳрвандон характери нав касб намуд. Яъне, он аллакай аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун усули нави зиндагӣ арзёбӣ гардид. Аз ин ҷо хулоса намудан мумкин аст, ки дар ин давра эътимоди аҳолӣ барои пешбурди фаъолияти хоҷагидории худ, дар ҳама самт боз ҳам зиёдтар гардид.

Давлатҳои тараққинамудаи дунё маҳз бо таҳкими фарҳанги иқтисодии аҳолӣ тавонистанд дар тӯли садсолаҳо ба тамоми муваффақиятҳо ноил гарданд. Маҳз ташаккули фарҳанги иқтисодӣ дар аҳолӣ тавонист ба рақамикунонии ҷомеа таъсири мусбии худро расонида, ба он мусоидат намояд.

Иқтисоди рақамӣ моделҳои маъмулии бозорҳои саноатро тағйир дода, рақобатпазирии иштирокчиёни бозорро афзоиш медиҳад. Мавҷудияти рақобат дар бозори мол ё хизматрасоние, ки сохтори соҳибкорӣ дар он фаъолият мекунад, аз он талаб мекунад, ки рақобатпазирии муайянро таъмин намояд.

Рақамикунонӣ яке аз вазифаҳои асосии иқтисодиёти рақамӣ ба ҳисоб меравад. Дар иқтисодиёти рақамӣ 3 қисмати рақамикунониро дар назар доранд: рақамикунонии ҳукумат, рақамикунонии бизнез (тиҷорат) ва рақамикунонии ҷомеа.




**Расми 1. - Қисматҳои рақамикунонӣ дар иқтисодиёти рақамӣ**

Чӣ тавре аз расм бармеояд, қисмати аввали рақамикунонӣ рақамикунонии ҳукуматро тақозо менамояд, ки натиҷаи ниҳоии он ***ҳукумати электронӣ*** аст.

Иқтисоди рақамӣ моделҳои маъмулии бозорҳои саноатиро тағйир дода, рақобатпазирии иштирокчиёни бозорро афзоиш медиҳад. Мавҷудияти рақобат дар бозори мол ё хизматрасоние, ки сохтори соҳибкорӣ дар он фаъолият мекунад, аз он талаб мекунад,

ки рақобатпазирии муайянро таъмин намояд. Бинобар гуфтаҳои боло бармеояд, ки агар асоси давлату ҳукуматро ҷамъият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил диҳанд, пас аз ин ҷо гуфтан зарур аст сарчашмаи ҳамаи онро шаҳрвандон ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани ***фарҳанги иқтисодии*** шаҳрвандон яке аз масъалаҳои калидии тамоми мушкилиҳост.

**Фарҳанги иқтисодӣ** - ҷузъи маданияти умумии ҷомеа ва шахс буда, ҳам дар раванди идоракунӣ (дар дохили корхона, минтақа, кишвар), ҳам дар муносибатҳои иқтисодии байни одамон ва тафаккури иқтисодӣ зуҳур меёбад.

*Фарҳанги иқтисодӣ* яке аз омилҳои асосии таъмини иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Яъне, барои болобарии фарҳанги иқтисодии шаҳрвандон, пеш аз ҳама, чунин корҳоро ба сомон расонидан зарур аст ва аз он кадом самараро интизор шудан мумкин аст:

- мунтазам ташфиқи сарфаю сариштакорӣ;
- самаранок сарфа намудани вақт бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ;
- аз байн бурдани масофа ҷиҳати иртиботи иттилоотии шаҳрвандон;
- камтар намудани сарфи қувваи ҷисмонӣ дар раванди истеҳсолот ва таъмини босифати натиҷаҳои истеҳсолӣ;
- дурнамо ва ояндабинии пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳудуди оила, ҷомеа ва ғ.

Барои иҷро ва татбиқ намудани нақшаи чорабиниҳои давлатӣ дар самти ривоҷ додани рақамикунонӣ ва ё иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи натиҷаи коркарди маълумотҳо чунин пешниҳодҳо иброз медорем:

- Таъмини манбаҳои молиявӣ ҷиҳати рушди иқтисоди рақамӣ;
- Ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар таъмини рушди иқтисоди рақамӣ;
- Фароҳам овардани шароити мусоид дар самти иқтисоди рақамӣ;
- Мавҷудияти заминаи устувори инфрасохтори муайяни иқтисоди рақамӣ;
- Шаффофияти идоракунии давлатӣ дар рақамикунонӣ ва иқтисоди рақамӣ;
- Кафолати пурраи давлат дар самти идоракунии иқтисоди рақамӣ;
- Фарҳанги дуруст истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар самти иқтисоди рақамӣ;
- Имконияти пайдо намудани хоҳиши иртибот бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
- Таъмин намудани таҷҳизотҳо дар минтақаҳои дурдаст, хусусан ноҳияҳо, шаҳракҳо, деҳот оид ба пешрафти рақамикунонии дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;
- Муҳайё намудани мутахассисони баландихтисос ва фаҳмондадиҳиҳо дар самти мазкур;
- Аз тарафи мақомотҳои давлатӣ андешидани чораҳои зарурӣ дар бораи маблағгузориҳо ва бо пуррагӣ аз худ намудани ҳукумати электронӣ дар байни сохторҳои худ;
- Аз роҳбарони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигарон қатъиёна талаб карда шавад, ки иҷроиши нақшаҳои Консепсияҳои иқтисоди рақамӣ ва ҳукумати электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намоянд;
- Боварироро бедор намудан дар мафкураи шаҳрвандон аз ҷониби сохторҳои муайяншуда дар самти рақамикунонӣ;
- Дастгирии сохторҳои гуногуни давлатӣ ва шаҳрвандон оид ба татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар ҷумҳурӣ.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки барои татбиқи самараноки иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, таъмини ҳукумати электронии мамлакат нақши

ногусастанӣ дошта, танҳо дар мавриди рушди фарҳанги иқтисодии аҳолӣ ва дидани чораҳои мушаххас дар ин самт мо ба комёбиҳо муваффақ шуда метавонем.

**Адабиёт**

1. Давлатов Р.Ҷ. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ - заминаи асосии иқтисодиёти рақамӣ/ Р.Ҷ. Давлатов, С. Расулов// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, - 2021 - №3(35) - С. 193.

2. Давлатов Р.Ҷ. Иқтисодиёти рақамӣ ва баъзе масоили он дар татбиқи ҳукумати электронӣ/ Р.Ҷ. Давлатов, А.Ф. Гадоев, С.М. Бобоназарова// Муаммоҳои муосири илмҳои дақиқ дар омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи кӯҳию металургии кишвар. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». 11 марти 2023. Донишкадаи кӯҳию металургии Тоҷикистон: ш. Бӯстон. - С. 405-407.

3. Комилиён Ф.С. Методикаи татбиқи босамари технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар омодасозии иқтисодчиёни оянда. Монография / Ф.С. Комилиён, Р.Д. Давлатов. - Душанбе: Бахманруд, 2022. - 164 с.

4. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, таҳти №642.

5. Мацкуляк И.Д. Цифровая экономика: теория, практика и перспектива / Мацкуляк И.Д. и дрг. // Вестник ГУУ. - 2020. - №9.

6. Программа развития цифровой экономики в Российской Федерации до 2035 года. 1-й этап. [Электронный ресурс: https://spkurdyumov.ru/uploads/2017/05/strategy.pdf]

7. Цветков В.А. Цифровая экономика: проблемы развития и новые вызови для экономической науки. Устойчивое и инновационное развитие в цифровую эпоху. Часть I. Материалы международной научно-практической конференции, 22-23 мая 2019 г. Москва, 2019. - 405 с.

8. Наг Йеон Ли, Силсилаи модулҳои Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ (Модул 3: Татбиқи ҳукумати электронӣ)/ Маркази бозомӯзии СММ марбут ба Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором барои ТИК ва рушд (UN-APCICT). 2009. – 130 с.

---

**УДК**: 334+338

## ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

***Сафаров Ҷовидон Азизмадович*** - *муаллими калони кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Сурога*: *734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½. Тел.*: +(992) 93 444 48 85. Email: jonik.8877@mail.ru

***Ашуров Фируз Маҳмадалиевич*** - *доктор* PhD, *и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Сурога*: *734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½. Тел.*: (+992) 938854646. Email: Ashurov1990tguk@mail.ru

*Дар асоси таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар рушди иқтисодии мамлакат дар мақолаи мазкур раванди ҷорӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ва ҷараёни рушди он то имрӯз дида баромада шуда, мавриди тадқиқоти илмӣ қарор дода шудааст. Инчунин, масъалаи танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва рақамикунонии босуръат қариб ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти инсониро дахл намуда, асосан соҳаҳои сиёсӣ, маданӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоиро фаро гирифта, он дар мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Нишондиҳандаҳои рақамӣ аз маълумотҳои сатҳи микро ва*

*макроиқтисодӣ иборат мебошанд. Чунин нишондиҳандаҳо барои коркард, тасдиқ намудан, минбаъда ба амал баровардани сиёсати иҷтимоию иқтисодии мамлакат зарур ба ҳисоб меравад.*

***Калидвожаҳо***: *соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ, рушди соҳибкорӣ, рақамикунонии босуръати фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, фаъолият тибқи патент, соҳаҳои сиёсӣ, маданӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, фаъолият тибқи шаҳодатнома.*

## ИНДИВИДУАЛЬНАЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ И ЕЕ РОЛЬ В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

***Сафаров Джовидон Азизмадович*** *– старший преподаватель кафедры мировой экономики и международных отношений, Таджикскый государственный университет коммерции. Адрес: 734055, Республика Раджикистан, г. Душанбе, ул.Дехоти ½. Телефон: + (992)934444857. E-mail: jonik.8877@mail.ru /*

***Ашуров Фируз Махмадалиевич*** *- доктор PhD, и.о. доцента кафедры бухгалтерского учета и аудита, Таджикский государственный университет коммерции. Адрес: 734055, Республика Раджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½. Тел.: (+992) 938854646. E-mail: Ashurov1990tguk@mail.ru.*

*На основе анализа предпринимательской деятельности и ее роли в экономическом развитии страны, в данной статье рассматривается и подвергается научному исследованию процесс внедрения предпринимательской деятельности отдельными лицами в эпоху независимости страны и процесс ее развития до сегодняшнего дня. Также вопрос регулирования и государственной поддержки индивидуальной предпринимательской деятельности и стремительной цифровизации затрагивает практически все стороны жизни человека, и изучался в стране, в основном охватывая политическую, культурную, экономическую, финансовую и социальную сферы.*

*Цифровые индикаторы состоят из данных микро- и макроэкономического уровня. Такие показатели считаются необходимыми для разработки, утверждения и дальнейшей реализации социально-экономической политики страны.*

***Ключевые слова***: *предпринимательство, индивидуальное предпринимательство, развитие предпринимательства, эффективная цифровизация индивидуального предпринимательства, государственная поддержка предпринимательства, регистрация субъектов хозяйствования, деятельность по патенту, политическая, культурная, экономическая, финансовая сферы, деятельность по сертификату.*

## INDIVIDUAL ENTREPRENEURIAL ACTIVITY AND ITS ROLE IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

***Safarov Jovidon Azizmadovich*** *- senior lecturer of the Department of World Economy and International Relations Tajik State University of Commerce. Address: 734055, Republic of Rajikistan, Dushanbe, Dehoti street ½, Email: jonik.8877@mail.ru / phone: + (992)934444857*

***Ashurov Firuz Mahmadalievich,*** *Doctor PhD, acting Associate Professor, Department of Accounting and Auditing, Tajik State University of Commerce. Address: 734055, Republic of Rajikistan, Dushanbe, Dehoti street ½, Ashurov1990tguk@mail.ru. Тел: (+992) 938854646*

*Based on the analysis of business activity and its role in the economic development of the country, in this article, the process of introducing business activity by individuals in the era of the country's independence and the process of its development until today are examined and subjected to scientific research. In addition, the issue of regulation and state support of individual business*

*activity and rapid digitization touches almost all aspects of human life, mainly covering political, cultural, economic, financial and social spheres, and it was studied in the country.*

*Also, the issue of regulation and state support of individual business activity and rapid digitization touches almost all aspects of human life, mainly covering political, cultural, economic, financial and social spheres, and it was studied in the country.*

***Keywords:*** *entrepreneurship, individual entrepreneurship, entrepreneurship development, effective digitalization of individual entrepreneurship, state support for entrepreneurship, registration of business entities, patent activities, political, cultural, economic, financial spheres, certificate activities.*

Ташаккули соҳибкории муосир ва рушди он дар фазои иқтисодии ҷумҳурӣ муҳимтарин омили пешрафти иқтисодӣ ва ба даст овардани сатҳи муносиби зиндагии аҳолӣ мебошад.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, «... соҳибкорӣ фаъолияти ташаббускорона ва мустақилонаи шаҳрвандон мебошад, ки ба гирифтани фоида ё даромади шахсӣ нигаронида шудааст» [3]. Яъне, тибқи муқарраароти мазкур ба фаъолияти соҳибкорӣ шаҳрвандон метавонанд бо таъсиси шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ машғул шаванд. Мақсади асосии фаъолияти соҳибкорӣ ин гирифтани фоида маҳсуб шуда, ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ низ бар дӯши онҳост.

Соҳибкории инфиродиро шахси воқеӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ намуда, соҳиби амвол маҳсуб мешавад. Қарору хулосаҳои худро соҳибкори инфиродӣ дар асоси таваккали худ бароварда, фаъолият менамояд.

Тибқи талаботи қонунгузорӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ, шахсони воқеӣ бақайдгирии давлатиро дар мақомоти андози маҳалли зисташон мегузаранд. Мувофиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба соҳибкорони инфиродӣ барои фаъолият патент ё шаҳодатнома вобаста ба баъзе хусусиятҳо муқаррар шудааст.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инфиродӣ гузошта шуда, чун як механизми зинда такмили доимии худро талаб менамояд. Инчунин, таҳаввули назарияҳои соҳибкорӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки он асрҳои аср вуҷуд дошта, олимону муҳаққиқони зиёд дар масъалаи мазкур таҳқиқоти илмӣ гузаронида бошанд ҳам, то ба ҳол мафҳуми ягонаи қабулшудаи соҳибкории инфиродӣ мавҷуд набуда, бо гузашти вақт ва тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, мафҳумҳои нави он ногузир мегарданд.

Соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи худро дошта, аз қадимулайём дар шаклҳои истеҳсолӣ, косибӣ, кишоварзӣ, тиҷоратӣ ва дигар шаклҳо вуҷуд дошт. Аввалин соҳибкоронро оҳангарон, косибон, кишоварзон ва тоҷирон ташкил менамуданд.

Худи бозор дар мамлакатҳои Шарқ ва Осиёи Марказӣ як ҷузъи маданияти миллии халқҳои маскуни ин минтақаҳо маҳсуб шуда, бо он тарзи фаъолияти истеҳсолӣ, косибӣ, хариду фурӯш, шуғлу фаъолияти гуногун ва ғайра алоқамандии зич дорад.

Асосан мардум фаъолияти соҳибкориро инфиродӣ, авлодӣ ё шарикӣ ба роҳ мемонданд, яъне тақсимоти соҳибкорӣ ба шаклҳои мазкур амал мекард.

Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи Роҳи Бузурги Абрешим ҳанӯз дар давраҳои қадим фаъолияти соҳибкориашонро бо мамлакатҳои Ҳиндустон, Чин ва кишварҳои Аврупо хело ҳам тақвият дода буданд.

С. Тиллоев дар таҳқиқоти худ чунин менигорад: «... таърихи соҳибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистони муосир асрҳои аср тӯл кашида, Роҳи Бузурги Абрешим барои рушди тиҷорати байни кишварҳои Шарқ ва Ғарб аҳаммияти бузурги таърихӣ дошт» [7].

Дар навбати худ, С. Тиллоев дар асарҳои илмии худ тасдиқ мекунад, ки "... якчанд масири Роҳи Бузурги Абрешим аз қаламрави муосири Тоҷикистон (Суғд, Қаротегин, Хатлон ва Помир) гузаштааст» [8].

Бояд қайд намуд, ки дар охири асри 15 ва аввали асри 16 дар натиҷаи кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ, рушди киштиронӣ ва роҳҳои тиҷорати байниқитъавӣ аҳаммияти Роҳи Бузурги Абрешим коҳиш ёфт. Дар охири асри 19 - ибтидои асри 20, ба муносибати барқарор шудани муносибатҳои тиҷоратии Аморати Бухоро бо империяи Россия ва воруди бештари тоҷирони рус ба Бухоро ва Туркистон фаъолияти соҳибкорӣ ба таври назаррас шиддат гирифт.

"Бузургтарин рушди соҳибкорӣ ба охири асри 19 ва аввали асри 20 тааллуқ дорад. Дар ин вақт фаъолияти тоҷирони рус ва хориҷӣ дар Туркистон ва Бухоро якбора афзуд. Бо мақсади ба даст овардани фоидаи калон, онҳо сармояи худро ба соҳаҳои сӯзишворӣ ва коркард, ба сохтмони роҳи оҳан ва иншооти обёрӣ сарф карданд. Ширкатҳои тиҷоратӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва филиалҳои бонкҳои бузурги Россия таъсис дода шуданд, ки фаъолияташон асосан ба амалиёти пахта алоқаманд буд. Бо кумаки сармояи хориҷӣ сохтмони роҳи оҳан, иншооти гуногуни саноатӣ, эҳёи фаъолияти саҳомӣ ва рушди саноати нафт оғоз ёфт" [8].

Бобоҷон Ғафуров дар асари худ «Тоҷикон» қайд менамояд, ки дар нимаи аввали асри 19 дар Аморати Бухоро "тоҷирони миёна ва хурд иттиҳодияи худро ташкил дода буданд, ки ба он оқсақол сардорӣ мекард. Аксаран аз рӯйи принсипи хонаводагӣ ширкати савдогарон таъсис карда мешуд"[10].

Аммо, пас аз барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ иқтисодиёти нақшавӣ роҳандозӣ гашт, ки мувофиқи он машғул гаштани шахсони воқеӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ номумкин буд. Ҳатто дар доираи шахсони ҳуқуқӣ низ ҳамчун моликияти шахси корхона ташкил карда намешуд ва асосан корхонаҳои давлатӣ ва кооперативӣ амал менамуданд. Солҳои сиёсати нави иқтисодӣ (НЭП) фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон аз нав эҳё гардид. Аммо дар охири солҳои 30-юм фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ маҳдуд карда мешавад ва ин бо илми иқтисодии давраи шуравӣ алоқаманд буд, ки ҷанбаҳои назариявии соҳибкориро аз нуқтаи назари танқиди назарияҳои буржуазӣ баррасӣ мекард.

Заминаи ибтидоии танқид муқаррарот дар бораи номутобиқатии соҳибкории хусусӣ бо низоми такрористеҳсолкунии сотсиалистӣ буд. Аммо, дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми асри 20 дар ИҶШС муносибати нав ва тағйироти иқтисодӣ ташаккул ёфт. Давлат имконнопазирии рушди самарабахши иҷтимоию иқтисодии кишварро бидуни фаъолсозии меҳнат, аз ҷумла иқтидори соҳибкории аҳолӣ дарк кард. Қонуни ИҶШС "Дар бораи фаъолияти меҳнатии инфиродӣ", ки соли 1987 мавриди амал қарор гирифт, боиси афзоиши соҳибкории инфиродӣ шуд.

"Соли 1988 Қонуни ИҶШС "Дар бораи кооператсия" қабул гардид, ки кооперативҳо дар байни ҳамаи намудҳои корхонаҳои хурд, ки дар давраи бозсозӣ пайдо шудаанд, ба шароити мусоид ҷавобгӯ буданд. Ғайр аз он, шурои вазирони ИҶШС 08.08.1990, тибқи қарори №2790 "Дар бораи чораҳо оид ба ташкил ва рушди корхонаҳои хурд"-ро қабул кард, ки дар он гуфта мешуд, гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, таъсиси босуръати шабакаи корхонаҳои хурдро, ки қодиранд фаъолсозии таҷдиди сохтори иқтисодиёт бошанд, талаб мекунад, таъмини озодии васеи интихоб ва ҷойҳои кори иловагӣ, хароҷоти зудро таъмин намуда, ба тағйирёбии талаботи истеъмолкунандагон фавран посух диҳанд" [8].

Рушди корхонаҳои хурд мебоист ба зудтар пур шудани бозор бо молҳо ва хидматҳо, рафъи монополияи соҳавӣ ва минтақавӣ, густариши рақобат, ҷорӣ

намудани дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ мусоидат мекард.

Дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт фаъолияти кооперативҳо оғоз ёфт. Манбаъҳои асосии пайдоиши корхонаҳои хурд дар солҳои аввали соҳибихтиёрӣ ихтисор ва азнавташкилдиҳии корхонаҳои давлатӣ бо хусусигардонии минбаъдаи онҳоро мефаҳмонд.

Маҳз, ташкили кооперативҳо ба шахсони воқеӣ имкон дод, ки фаъолияти соҳибкориро дар ин доира оғоз намоянд, ки ин, ба ақидаи мо, ба ташаккули соҳибкории инфиродии ҳозиразамон заминаи мусоид гузошт.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ оғоз гашт, ки он ташкили фаъолияти соҳибкории инфиродиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар бар мегирифт. Вобаста ба ин як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ташкили фаъолияти соҳибкорӣ қабул карда шуд, ки мувофиқи он шахсони воқеӣ тариқи шаҳодатнома ва ё патент метавонанд ба қайд гирифта шуда, дар бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ фаъолият намоянд.

Ҳамин тариқ, зикр бояд намуд, ки заминаи иқтисодию методологии соҳибкории инфиродии мамлакат дар даврони ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, имрӯз имконияти рушди он мавҷуд аст, ки чунин имкониятҳо дар мавриди таҳқиқоти амиқи илмии соҳа ба вуқуъ хоҳанд пайваст.

Рушди соҳибкорӣ дигаргунсозии сохтории иктисодиётро фаъол мегардонад, ки ба ҷорӣ намудани комёбиҳои илмӣ-техникӣ ҳавасманд месозад ва ба ҳаматарафа баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот мусоидат менамояд.

Ҳар як иқдоми соҳибкор ин ташкили робитаи мутақобилаи байни одамон буда, аз истифодаи фаъолияти навоварона, техникаю технологияи навин, гирифтани фоидаи бештар, ки мақсади асосии соҳибкор аст, вобастагӣ дорад.

Аз ақидаҳои илмии аксари муҳаққиқон чунин бармеояд, ки фаъолияти соҳибкорӣ аслан барои гирифтани фоида роҳандозӣ карда шуда, инчунин вазифаи он таъмин намудани бозор бо молҳои сифатнок ва ба роҳ мондани хизматрасонии босифат мебошад.

Инчунин, муҳаққиқони ватанӣ соҳибкориро ҳамчун як амали ташаббускоронае, ки аз истифодаи инноватсия ва ғояҳои нави техникӣ ба роҳ мондани фаъолиятро дарҷ менамояд, ки он қобили дастгирист.

Дар баробари олимону муҳаққиқони ватанӣ тадқиқотчиёни барҷастаи хориҷӣ низ вобаста ба назария ва рушду такомули соҳибкорӣ таҳқиқоти фаровони илмиро ба анҷом расонидаанд.

Бисёре аз муҳаққиқон Р. Кантилонро аввалин назариётчии фаъолияти соҳибкорӣ мешуморанд, ки дар ин масъала чунин андеша дорад: “... соҳибкорро шахсе муаррифӣ мекунад, ки бо нархи муайян воситаҳои истеҳсолотро барои истеҳсоли маҳсулоти муайян ба даст меорад ва онро барои ба даст овардани даромад мефурӯшад ва бо назардошти арзиш ва уҳдадориҳо намедонад, ки онро бо кадом нархҳо татбиқ кардан мумкин аст”. Маҳз, ӯ таҳияи ақидаро ба уҳда дорад, ки мувофиқи он ихтилофи байни талабот ва пешниҳод дар бозор ба субъектҳои алоҳидаи муносибатҳои бозорӣ имкон медиҳад, ки молҳоро арзонтар харанд ва гаронтар фурӯшанд. Маҳз, ӯ ин субъектҳои бозорро соҳибкор номид ("соҳибкор" аз фаронсавӣ ба маънои "миёнарав").

Дар баробари амалӣ намудани вазифаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ аз ҷониби соҳибкор, таърифи зикршуда аллакай ҳолати хавфро аз сабаби надонистани нархҳои фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда инъикос менамояд, ки ин барои соҳибкорӣ дар давраи ҷамъоварии ибтидоии сармоя хос аст.

А. Смит соҳибкорро ҳамчун соҳиби корхона маънидод менамуд ва мувофиқан, ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ - гирифтани даромади соҳибкориро тафсир мекард. А. Смит барои аз будаш зиёд нишон додани арзиши меҳнатро (маънои музди меҳнати идоракунӣ), ки хароҷоти дигари тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад, дар робита ба беасос ба даст овардани сарват танқид мекунад. Чунин фаҳмиши ин категорияҳо аз ҷониби яке аз асосгузорони мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ таърихан асоснок буд, зеро шакли асосии фаъолияти моликият дар он замон як оилаи хурд ва як ширкати миёна буд, ки дар он сармоя, чун қоида, аз ҷониби соҳиби воситаҳои истеҳсолот, хешовандон ва шариконӣ ӯ такрористеҳсол мешуд.

Мувофиқи ақидаи П. Друкер, соҳибкорӣ дар асоси таҷриба ҳосил шуда, ба илм ва санъат робитаи зиёд надошта, як намуди фаъолияти амалии мушаххас мебошад, ки мазмуни он дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар раванди идоракунӣ ворид намудани навовариро тараннум мекунад. П. Друкер қайд менамояд: "... навоварӣ як воситаи махсуси соҳибкорон, василае мебошад, ки онҳо барои амалисозии ғояҳои худ дар соҳаи тиҷорат ва хизматрасонӣ истифода мекунанд".

Ж.Б. Сей дар навиштаҳои худ фарқи байни даромади асосӣ ва даромади соҳибкориро таъкид кардааст. Вай чунин мешуморид: "... вазифаҳои соҳибкор ин қобилияти ҳамбастагӣ, омезиши омилҳои истеҳсолот буда, вазифаи асосии соҳибкорро на дар ба вуҷуд овардани арзиши изофа (фоида), балки дар ташкил ва идоракунии такрористеҳсолкунӣ дар доираи фаъолияти одии иқтисодӣ медид".

Й. Шумпетер, бар хилофи дигар муҳаққиқон, диққати худро ба соҳибкор ва таъсири ӯ ба иқтисод равона кардааст. Сарфи назар аз он ки ҳар як иқтисоддон аҳаммияти рисолати соҳибкорро дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа мефаҳмад, дар айни замон, соҳибкорӣ барои онҳо як навъ падидаи метаиқтисодӣ мебошад, ки ба иқтисодиёт таъсири ҷиддӣ мерасонад ва онро ташаккул медиҳад. Вай бо ишора ба ғояҳои Ж.Б. Сэй дар китоби худ "Назарияи рушди иқтисодӣ (омӯзиши фоидаи соҳибкорӣ, сармоя, фоиз ва сикли бозор)" аз иқтисодиёти анъанавӣ даст кашид ва изҳор дошт, ки "меъёри иқтисоди солим, асоси воқеияти назария ва амалияи иқтисодӣ мувозинат ё оптимизатсия нест, балки номутаносибии динамикӣ мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти соҳибкори навовар ба амал омадааст". Нақшаи умумии рушди иқтисодии ҷомеа,- ба ақидаи ӯ, чунин менамояд: "мувозинат"-и иқтисодиёт - вайрон кардани "мувозинат"-и иқтисод дар натиҷаи татбиқи инноватсия. Й. Шумпетер дар таҳқиқоти худ аз робитаи байни соҳибкорӣ ва номуайянии динамикӣ истифода мекард. Тибқи хулосаҳои ӯ, дар иқтисодиёте, ки пешрафти техникӣ вуҷуд надорад, такрористеҳсолкунӣ як раванди маъмулист, ки дар он ҷо бобати оянда номуайянӣ вуҷуд дорад. Дар чунин вазъият ҷое барои даромади соҳибкорон нест.

Мувофиқи ақидаҳои Ф. Ҳайек, "соҳибкор як навъ фарди иҷтимоию психологии идоракунии соҳибкорӣ мебошад, ки дар муҳити номаҳдуд ва рақобатпазир барои ноил шудан ба омезиши самарабахши дониши беназири худ мекӯшад ва ғояҳои инноватсиониро бо истифода аз имкониятҳои гуногуни бозор амалӣ менамояд. Ҳолатҳои ғайримувозинатӣ ба ихтилофи байни талабот ва таклифот ҳам дар замон ва ҳам дар фазо асос меёбанд. Аз ин рӯ, имкони ба даст овардани фоидаи иловагӣ мавҷуд аст, ки бо истифодаи онҳо моҳияти соҳибкорӣ ба ҳам пайваст мешавад".

Дар асоси таҳлили ақидаҳои илмии олимони дохилию хориҷӣ, ба андешаи мо, соҳибкорӣ ин фаъолияти мақсадноки иқтисодии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, қобилият ва ҳаракати онҳо барои ба даст овардани фоида, бо роҳи истифодаи имкониятҳои фикрӣ ва технологӣ мебошад. Рушду инкишофи соҳибкорӣ дар шароити муосири иқтисодӣ ба афзоиши бозори истеъмолӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии давлат замина мегузорад.

Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, назарияи муосири соҳибкорӣ тариқи се давраи ҷараёни асосӣ - неоклассикӣ, назарияи капитализми танзимшаванда ва институтсионализм рушд мекунад. Неоклассикҳо ташаббуси хусусӣ ва озодии комили соҳибкории хусусиро таъкид мекунанд; тарафдорони назарияи капитализми танзимшаванда кумаки давлат ва дастгирии соҳибкориро ҷонибдорӣ мекунанд, дар ҳоле ки тарафдорони институтсионализм пешниҳод мекунанд, ки тамоми шароит ва омилҳои ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсиркунанда ба назар гирифта шаванд.

Мо чунин мешуморем, ки равишҳо ба рушди соҳибкорӣ бояд дар самтҳои зерин; рақобати озод, танзими рақобати озод, танзими давлатии иқтисодиёт ва идоракунии давлатии он гурӯҳбандӣ карда шаванд.




**Расми 1. Гурӯҳбандии равишҳои рушди соҳибкорӣ(таҳияи муаллиф)**

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ дар бораи мафҳуми «соҳибкорӣ» таърифҳои зиёде мавҷуданд. Бомуваффақият онҳое ҳастанд, ки дар он ҷо ӯ ҳамчун омилҳои хоси такрористеҳсоли ҷамъиятӣ (дар муқоиса бо замин, сармоя, меҳнат) тафсир карда мешавад. Хусусият ва вазифаҳояш дар он зоҳир мегардад, ки субъекти фаъолияти соҳибкорӣ - соҳибкор қодир аст омилҳои истеҳсолотро ба тарзи махсус муттаҳид созад. Соҳибкорӣ, ҳамчун раванд, мустақиман бо сифатҳои шахсии соҳибкор ҳамчун субъекти асосии ин раванд алоқаманд аст.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ оид ба назария ва амалияи соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми муайян кардани моҳияти иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ аз хусусиятҳои категорияи «соҳибкор» оғоз намудан мувофиқи мақсад аст. Ба андешаи мо, соҳибкор омили субъективии такрористеҳсолкунӣ мебошад, ки қодир аст бо ташаббускорӣ ва фаъолияти инноватсионӣ бидуни тарси масъулияти пурраи иқтисодӣ таваккал кунад ва омилҳои дигари истеҳсолотро ба тарзи махсус муттаҳид созад, то ки арзиши иловагӣ гирад.

Ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, гирифтани даромад мебошад, ки барои рушди ин фаъолият ва қонеъ кардани ниёзҳои инсонии худ сарф карда мешавад. Ин ҷо сухан дар бораи ангезаҳои сирф иқтисодӣ меравад. Дар адабиёт омили дигар аксар вақт қайд карда мешавад - худидоракунии шахс, вақте ки соҳибкорӣ на танҳо ба фаъолият, балки ба тарзи ҳаёт табдил меёбад.

Соҳибкорони истеҳсолӣ қобилияти худро дар маҷмуи вазифаҳои асосӣ ҳангоми фаъолияти амалӣ бояд омилҳои зеринро ба назар гиранд: а) омӯзиши талаботи харидорон ва қобилияти пардохтии онҳо; б) муайян кардани ҳаҷми маҳсулот, намуди истеҳсолот, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ба нақша гирифташуда, бозорҳои фурӯш ва роҳҳои ҳаракати маҳсулот; в) дар асоси барномаи ба нақша гирифташудаи истеҳсолот муайян кардани ашёи хоми зарурӣ ва бозорҳое, ки ашёи хоми зарурро бо нархҳои пасттарин харидан мумкин аст; г) интихоби нақшаи мукаммали технологии

истеҳсолот ва манбаъҳои навсозии доимии он; д) ташкил ва идоракунии истеҳсоли молҳое, ки барои фурӯш пешбинӣ шудаанд ва ғайра.

Таърифи "соҳибкорӣ", ба назари мо, бояд ба ду меъёр ҷавобгӯ бошад: аввал, табиати соҳибкории муосирро ҳамчун як намуди махсуси асосии такрористеҳсол инъикос намояд; дувум, барои соҳибкори воқеӣ дар фаъолияти амалии худ як нуқтаи истинод бошад.




**Расми 2. Омилҳои ба инобатгирандаи соҳибкорони истеҳсолӣ (таҳияи муаллиф)**

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ, дар аксари ҳолатҳо, моҳияти ин падида бо ҳадафи фаъолияти соҳибкорӣ иваз карда мешавад. Аммо, тавре ки дар боло қайд кардем, соҳибкорӣ як намуди махсуси фаъолияте мебошад, ки ҳадафи он на ба даст овардани фоида дар маҷмуъ, балки фоидаи фавқулода аст, яъне даромади соҳибкорӣ. Соҳибкор хидмати маркетингиро ба қадри имкон муассир месозад. Вай аз дигарон беҳтар бозореро муайян мекунад, ки дар он хариди воситаҳои истеҳсолот аз ҳама фоидаовартар аст, аниқтараш, барои кадом маҳсулот, дар кадом вақт, дар кадом сегменти бозор талаботи муассиртаринро «тахмин мезананд». Ҳамин тариқ, ӯ назар ба соҳибкорони каммасъулияту коҳил фоидаи бештар ба даст меорад, яъне як навъ ҷуброн барои ин хавф.

Ба ибораи дигар, соҳибкорӣ шакли махсуси инноватсионии истеҳсолот мебошад, ки дар шароити мувофиқи таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ бартарӣ пайдо мекунад, то ин ки барои тамоми такрористеҳсоли ҷамъиятӣ динамикаи зарурира таъмин менамояд.

Омӯзиши соҳибкорӣ ҳамчун як намуди махсуси такрористеҳсоли ҷамъиятӣ бидуни таваҷҷуҳи махсус ба ҷузъи идоракунии он номукаммал хоҳад буд. Сухан дар бораи ташкил ва идоракунии тамоми раванди ташкили даромади соҳибкорон меравад. Ин лаҳза бо моҳияти иқтисодии соҳибкорӣ ба таври органикӣ алоқаманд аст ва сохтори хоси охиринро дар ҳар як давраи муайян татбиқ мекунад. Ҷузъи ташкилӣ ва идоракунии соҳибкорӣ на танҳо истеҳсолот, балки марҳилаҳои мубодила ва тақсимотро низ дар бар мегирад. Дар амал, ин ҷузъ, аз ҷумла тавассути банақшагирии

стратегӣ, системаҳои ҳавасмандгардонии доимии меҳнатӣ ва навсозии заминаи техникии истеҳсолот, инчунин тавассути маркетинг амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, соҳибкор шахсе мебошад, ки ташаббуси якҷоя кардани захираҳои замин, сармоя ва меҳнатро ба раванди ягонаи истеҳсоли маҳсулот ё хидматҳо, инчунин вазифаи душвори қабули қарорҳои асосӣ дар раванди пешбурди тиҷоратро нишон медиҳад. Ғайр аз он, "... соҳибкор як навоварест, ки мехоҳад ба тиҷоратикунонии маҳсулоти нав, технологияҳои нави истеҳсолӣ ё шаклҳои нави ташкили тиҷорат машғул шавад; ӯ шахсе аст, ки таваккал мекунад" [2].

Дар баъзе таҳқиқоти илмӣ "соҳибкорӣ ҳамчун як намуди махсуси фаъолияти иқтисодӣ ҳисобида мешавад, ки ҳамчун фаъолияти мақсадноки ба даст овардани фоида, даромад равона карда шудааст ва ҳадафи фаъолияти соҳибкорӣ тавлид ва пешниҳоди бозор маҳсулотест, ки таваҷҷуҳро ба он бедор мекунад ва бозор ба соҳибкор фоида меорад". Дигар олимон соҳибкориро ҳамчун "як бахши хоси иқтисодиёт, ки мутобиқи як қатор қонунҳои ҷудогонаи он амал мекунад", мешуморанд.

"Аксар вақт, соҳибкорӣ ҳамчун раванди ташкил ё истеҳсоли чизи нав бо мақсади ба даст овардани даромад (фоида) тафсир карда мешавад, ки дар робита бо ин соҳибкор масъулияти молиявӣ, маънавӣ ва иҷтимоиро ба дӯш мегирад".

Таърифи аввал соҳибкориро ҳамчун як намуди фаъолияти иқтисодӣ, дувум ҳамчун як бахши иқтисод ва сеюм ҳамчун раванди инноватсионӣ баррасӣ мекунад. Ҳангоми рӯшан кардани моҳияти падидаи соҳибкорӣ олимон чунин ҷанбаҳои ба худ хосро, ба монанди ташаббус дар самти ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар, ҷустуҷӯйи роҳҳо ва усулҳои нави ноил шудан ба онҳо, эҷодкорӣ, омодагӣ ба таваккал, масъулияти баланд барои қабул ва татбиқи қарорҳо таъкид мекунанд.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки таърифҳои дар боло зикршуда ҷанбаҳои муҳим, аммо фақат падидаҳои бисёрҷабҳаи соҳибкориро тавсиф мекунанд. Дар изҳороти муаллифони дигар, ин хусусиятҳо бо дигар хислатҳои соҳибкорӣ илова карда мешаванд, ба монанди ҳадафи ташкили сарвати миллӣ, таъмини некуаҳволии миллат, рушди моликият, ки ба афзоиши сармоя ва азхудкунии фоида нигаронида шудааст ва ташкили корхонаи нав, раванди татбиқи хусусиятҳои психологии соҳибкор ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун соҳаи мустақил, ки дорои намудҳои мушаххаси фаъолият ва идоракунӣ мебошад, пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона рушд намуд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки "... дар марҳилаи ҳозира дар рушди соҳибкории инфиродӣ баҳисобгирии омилҳои махсуси хавфҳо нақши муҳимро мебозад" [4].

Дар шароити рақобати шадид он соҳибкоре метавонад муваффақ бошад, ки хавфҳои мавҷудаи фаъолияти мазкурро ба назар гирифта, дар асоси қабули нақшаи соҳибкорӣ амалиёти худро ба роҳ монад.

Ба ақидаи мо, ба хавфҳое, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуданд, гурӯҳҳои зерин тасниф карда мешаванд (расми 3).

Мутаассифона, чунин ҳодисаҳо дар мамлакат солҳои охир ба чашм мерасанд, ки дар бозорҳо ва дигар мавзеъҳои фаъолияти соҳибкорон сӯхторҳо ба вуқуъ мепайванданд ё ҳодисаҳои обхезӣ ва ғайра ба чашм мерасанд.

**Ҷадвали 1. - Намудҳои хавф дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ**

| № | Хавфҳои ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ таъсиррасон |
|---|---|
| 1. | - талабот ба молу маҳсулот ё хизматрасонӣ на ҳама вақт бо интизории соҳибкор мутобиқат менамояд. Мисол, соҳибкор молҳоро аз талаботи бозор зиёд истеҳсол менамояд, ки метавонад қисмати он ба фурӯш наравад ё корношоям гардад |

| | |
|---|---|
| 2. | - фоидаи ҳақиқӣ ба он рақамҳое, ки дар нақшаи соҳибкорӣ мавҷуданд, мувофиқат наменамоянд |
| 3. | - шарикон ё мизоҷон қаллоб буда, пардохти таҳвили мол, кор ва хизматрасониро сари вақт ё пурра амалӣ наменамоянд |
| 4. | - баланд гардидани қурби асъори хориҷӣ нисбати асъори миллӣ, ки ин омил дар иқтисоди мамлакатҳои рӯй ба инкишоф зиёд мавҷуд аст |
| 5. | - тағйирот дар қонунгузории андоз, яъне баланд гардидани меъёрҳои андоз |
| 6. | - ҳодисаҳои техногенӣ, ки дар он молҳои соҳибкорон талаф меёбанд |

**Сарчашма**: таҳияи муаллифон

Ба ақидаи мо, ташкили фондҳои захиравӣ ва суғурта метавонад барои рафъи оқибатҳои хавфҳои мазкур асос гарданд.

Дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, таҳти рақами 151 "Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд, хизматрасониҳои нақлиётӣ ва дигар намуди фаъолият (8 намуд) муайян ва меъёргузорӣ карда шудааст, ки ба ақидаи мо, ҳамаи намудҳои фаъолиятро дар бар нагирифта, як қатор фаъолияти соҳибкории инфиродӣ аз мадди назар дур мондаанд.

Вобаста ба ин, ба андешаи мо, аз рӯи бузургии гардиши мол, кор ва хизматрасонӣ соҳибкорони инфиродӣ ба шаклҳои зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд: соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда, соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда, соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо низоми махсус фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (шахси воқеӣ).

Инчунин, соҳибкории инфиродӣ аз рӯи фаъолият чунин гурӯҳбандӣ мешавад: фаъолияти тиҷоратӣ, миёнаравӣ, истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, машваратӣ ва кишоварзӣ.

**Расми 3. Гурӯҳбандии соҳибкорони инфиродӣ (таҳияи муаллифон)**




Ба андешаи мо, соҳибкорӣ падидаи мураккаби ҳамаҷонибаи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки хусусиятҳои онро муаллифони дигар ҳамчун як намуди фаъолияти

иқтисодӣ, як бахши иқтисоди бозорӣ, раванди эҷоди чизи нав ё раванди навоварона муайян кардаанд.

Бо фаҳмиши хусусияти соҳибкории муосир бояд ҳамчун як омили ташаккулёбандаи низоми иқтисоди бозорӣ, ки иқтидори дохилии худшиносӣ, рушди худ ва такмили худро дорад, илова карда шавад.

Ҳамин тариқ, соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инфиродӣ ифодаи диаллектикии омезиши омилҳои истеҳсолот ва дараҷаи баланди дастовардҳои ташкилот, ҷустуҷӯйи шаклҳои нави ташкили истеҳсолот ва хизматрасонӣ, усулҳои нави идоракунӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Ҳар як иқдоми соҳибкорӣ ин ташкили робитаи мутақобилаи байни одамон мебошад. Ҳар қадаре ки он хуб ба роҳ мондаву танзим карда шавад, ҳамон қадар умед ба гирифтани фоидаи зиёд баланд мешавад.

Дар асоси нуқтаи назари олимони соҳа, мо ба чунин ақида омадем, ки "соҳибкории инфиродӣ ин амали мақсадноки шахсони воқеӣ маҳсуб шуда, онҳо таваккалкорона дар соҳаҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ баҳри ба даст овардани манфиати пулию молиявӣ ва иҷрои мақсадҳои иҷтимоӣ фаъолият менамоянд".

Бо вуҷуди ин, рушди соҳибкорӣ ва соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ба афзун гардонидани бозори истеъмолӣ бо молҳо ва таҳким додани хизматҳо оварда расонида, барои ташкили ҷойҳои нави корӣ боис мегардад. Рушди соҳибкорӣ дигаргунсозии сохтории иктисодиётро фаъол мегардонад, ба ҷорӣ намудани комёбиҳои илмӣ-техникӣ ҳавасманд сохта, ба ҳаматарафа баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Алимов, Р.К. Таджикистан - Китай: на пути друг к другу. Возможен ли равноправный и взаимовыгодный диалог? / Р.К. Алимов. - М.: ИДВ РАН, 2012. - 248 с.
2. Кемпбелл, Р. Макконнелл. Экономикс / Р. Макконнелл Кемпбелл, Л. Брю Стенли. - М.: Изд-во "Республика", 1992. – С.37-38.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ». – Душанбе, 2014.
4. Лапуста, М.Г. Предпринимательство / М.Г. Лапуста. – М.: ИНФРА-М, 2008. – 501 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 23.12.2022.
6. Сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
7. Тиллоев, С. Таджикистан на маршрутах Великого шелкового пути / С. Тиллоев // Вестник Таджикского технического университета. - 2013. - № 1(21). - С. 130–135.
8. Хайдаров, Г. История Таджикской ССР / Г. Хайдаров. – Душанбе, 1991. - с-8.


**УДК**: 37.014.54

# РОҲҲОИ БЕҲТАРНАМОИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРГОНӢ

***Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло*** – *докторанти ихтисоси иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Данғара*. *Суроға*: 735320, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *н. Данғара*, *к. Марказӣ* 25. *Тел.*: 900-94-17-00.

***Ятимов Амирхон Ҷурахонович*** - *номзади илмҳои иқтисодӣ*, *декани факултети иқтисод ва молияи филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон*. *Суроға*: *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *ш. Леваканд*, *кӯчаи Рӯдакӣ* 21. *Тел.*: 907-58-54-65.

*Муаллифон дар мақолаи худ масъалаи роҳҳои беҳтарнамоии иқтидори илмӣ-техникии инноватсиониро дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додаанд. Ба андешаи муаллифон, таваҷҷуҳи махсус бояд ба тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи менеҷменти инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти муосир равона карда шавад. Муҳимтарин ҷузъиислоҳоти системаи идораи соҳаи илм дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ такмили механизмҳои маблағгузорӣ, ташкили таҳқиқот, сиёсати андоз ва дастгирии иҷтимоии кормандони соҳаи илм мебошад.*

***Калидвожаҳо***: *иқтидори илмӣ-техникӣ, инноватсия, иқтисодиёти бозоргонӣ, сармоягузорӣ, менеҷмент, иқтисодиёт, назарияи иқтидори илмӣ-техникӣ, самаранокӣ, иқтисодиёти муосир.*

## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ИННОВАЦИОННОГО НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

***Хабибуллозода Шохрамазон Мухибулло*** *– докторант экономики Дангаринского государственного университета. Адрес: 735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, ул. Маркази, 25. Тел.: 900-94-17-00.*

***Ятимов Амирхон Джурахонович*** *– кандидат экономических наук, декан факултета экономики и финансов филиала Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана в Хатлонской области. Адрес: Республика Таджикистан, г. Левакан, ул. Рудаки,* 21. *Тел.*: 907-58-54-65.

*Авторы в своей статье проанализировали и изучили пути повышения инновационного научно-технического потенциала в условиях рыночной экономики. Они отметили, что в целях повышения научно-технического потенциала особое внимание следует уделить подготовке специалистов в области инновационного менеджмента в условиях современной экономики. Важнейшими составляющими реформы системы управления наукой в условиях рыночной экономики являются совершенствование механизмов финансирования, организация научных исследований, налоговая политика и социальная поддержка работников науки.*

***Ключевые слова***: *научно-технический потенциал, инновации, рыночная экономика, инвестиции, менеджмент, экономика, теория научно-технического потенциала, эффективность, современная экономика.*

## WAYS TO INCREASE INNOVATIVE SCIENTIFIC AND TECHNICAL POTENTIAL IN A MARKET ECONOMY

Habibullozoda Shohramazon Muhibullo – doctorant of economics at Dangara State University. Address: 735320, Dangara, st. Markazi 25. Tel 900-94-17-00

Yatimov Amirkhon Jurakhonovich – Candidate of Economic Sciences, Dean of the Faculty of Economics and Finance of the branch of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan in the Khatlon region. Address: Levakand city. 21 Ridaki street. Tel: 907-58-54-65.

The authors in their article analyzed and studied ways to increase innovative scientific and technical potential in a market economy. They noted that in order to increase scientific and technical potential, special attention should be paid to training specialists in the field of innovation management in a modern economy. According to the authors, special attention should be paid to the training of specialists in the field of innovation management in the modern economy. The most important components of the reform of the science management system in a market economy are the improvement of financing mechanisms, the organization of scientific research, tax policy and social support for science workers.

Key words: scientific and technical potential, innovation, market economy, investment, management, economics, theory of scientific and technical potential, efficiency, modern economy.

Рақобатпазирӣ аз рӯи суръати истифодаи навоварии илмиву техникӣ ва ҳавасмандии истеҳсолоти илмталаб, самаранокии равандҳои инноватсионӣ муайян карда мешавад. Вобаста ба ин, истифодаи захираҳои зеҳнӣ ва ташаккули заминаи илмиву технологӣ яке аз вазифаҳои муҳим мебошад, ки қабули тадбирҳои махсусро доир ба рушди инноватсионӣ ба вуҷуд овардани шароити зарурии ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро талаб мекунад. Бо андозаи фароҳам омадани шароити зарурӣ инфрасохтори инноватсионӣ низ дар шакли марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои трансфери технологияҳо ва монанди ин оҳиста-оҳиста ташаккул меёбад.

Ба фаъолгардонӣ ва ҳавасмандии фаъолияти ихтироотӣ кӯшиш ба харҷ додан зарур аст, зеро патентҳо ба ихтироот яке аз омилҳои муайянкунандаи неруи инноватсионӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ мебошад [1, с.65].

Таваҷҷуҳи махсус бояд ба тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи менеҷменти инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти муосир равона карда шавад. Ба шумори самтҳои афзалиятдоштаи фаъолияти инноватсионӣ дар шароити имрӯза ва ҳамкориҳои байниминтақавии инноватсионӣ, ки дар асоси онҳо лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳия шуда метавонистанд, инҳоро номбар кардан мумкин аст: маводи металлии конструксионӣ, маводи полимерии композитсионӣ, технологияҳои сарфаи энергия, мувофиқсозии кори гидроузелҳо бо истифодаи усулҳои моделсозии математикӣ, технологияи истеҳсоли пектини камметил, технологияҳо дар соҳаи мониторинги муҳити зист ва пешгирӣ кардани офатҳои табиӣ ва техногенӣ, инженерия ва биотехнологияи генӣ, истифодаи тестҳои физиологии дар селексияи навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ, технологияҳои истеҳсоли доруҳои нави табобатӣ дар асоси истифодаи ашёи хоми растаниҳои маҳаллӣ, ташхис, пешгирӣ ва табобати касалиҳои инсон.

Яке аз роҳҳои инкишофи илму технология дар шароити иқтисоди бозоргонӣ аз он иборат аст, ки ҳамгироии институтҳои академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ тақвият дода шавад. Ин ҷо ҷалби кормандони пешбари илмии академӣ ба кор дар асоси ҳамкориҳо дар мактабҳои олӣ барои анҷом додани таҳқиқоти муштарак, хондани лексияҳо ва роҳбарӣ ба аспирантон, навиштани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар мадди назар аст. Донишҷӯён барои ҷалб шудан ба кори илмӣ ва гузаронидани таҳқиқот дар институтҳои академӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ имкониятҳои бештар ба даст меоранд. Зарур аст, ки шаклҳои хеле гуногуни ҳамгироии бахшҳои академӣ ва мактабҳои олии илм истифода шаванд. Аз ин нуқтаи назар ташаббуси Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав доир ба кушодани Маркази Мавлоношиносии Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табиӣ-техникӣ дар назди ин донишгоҳ қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар он дар баробари кормандони ДДБ ба номи Носири Хусрав, ҳамчунин олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - мутахассисон дар соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, техникӣ кор мекунанд ва аспиранту донишҷӯёни факултаҳои математика, информатика, техникӣ ва технологӣ, химия ва биология, филологияи тоҷик имкон доранд, ки корҳои илмиро зери назари роҳбарони илмии олимони ҳам ДДБ ба номи Носири Хусрав ва ҳам институтҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии минтақа ва ҷумҳурӣ анҷом диҳанд.

Бо мақсади ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ ва дастгирии вазъи моддии мутахассисони ҷавон, хатмкардагони мактабҳои олӣ дар

асоси шартнома ба кор қабул намудани онҳо, аз ҷумла барои иштирок дар иҷрои лоиҳаҳои илмӣ, барномаҳои комплексиву мақсаднок ва шартномаҳо бо хоҷагиҳо бо муқаррар кардани музди меҳнати мувофиқ пешбинӣ мегардад.

Гузаронидани корҳои муштараки илмӣ-таҳқиқотии кормандони институтҳои академӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ ва мактабҳои олӣ аз рӯи шартномаҳои ҳамкорӣ, лоиҳаҳои муштарак аз рӯи грантҳои ташкилотҳои байналхалқӣ ва аз рӯи фармоишҳои вазоратҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо дар асоси бастани шартномаҳо бо хоҷагиҳо пешниҳод мешавад.

Бо мақсади дастгирии иҷтимоии кормандони соҳаи илм мебояд, ки як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва меъёриву ҳуқуқӣ омода ва қабул карда шаванд, аз ҷумла [8, с.149]:

- дар бораи такмил додани системаи пардохти меҳнат дар соҳаи илм; дар бораи давра ба давра ҷорӣ намудани системаи шартномавии пардохти меҳнат;
- дар бораи шароит ва тартиби пардохти меҳнати олимони Академияи миллии илмҳо ва ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, ки дар асоси ҳамкорӣ дар мактабҳои олӣ кор мекунанд ва ғайра.

Дастгирии давлатии кормандони соҳаи илм, хусусан аспирантҳо, докторантҳо ва олимони ҷавон ҷиҳати беҳтар кардани шароити зиндагонии онҳо зарур аст.

Натиҷабахшии таҳқиқоти илмӣ ва афзалиятҳои он, рақобатпазирии коркардҳои олимон аз бисёр ҷиҳат ба ҳолат ва модернизатсияи заминаи моддиву техникӣ, таъмини муҳаққиқон бо навтарин асбобу таҷҳизот, мунтазам нав ва пурра кардани маҷмуи асбобҳои илмӣ, таъминот бо реактиву препаратҳои кимиёӣ ва монанди инҳо вобаста мебошад.

Бар асари воқеаҳои маълум дар Тоҷикистон, дар понздаҳ соли охир имконият ба дастгирии илмӣ ҷиҳати модернизатсияи заминаи моддиву техникии илм ва навсозии маҷмуи асбобҳои муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имкон надошт. Дар айни замон дар вилоят шароити бештари мусоид барои дастгирии молиявии рушди заминаи моддиву техникии илм вуҷуд дорад. Бо дарназардошти ин, аз ҷумлаи тадбирҳои аввалиндараҷа муайян кардани модернизатсия, тармим ва таъмири иншоотҳои бузурги илмӣ – институтҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, марказҳои илмӣ, кафедраҳо ва лабораторияҳои таҷрибавии мактабҳои олӣ, расадхонаҳо, пойгоҳҳои зилзиласанҷӣ, боғҳои ботаникӣ, пойгоҳҳои биологӣ ва кишоварзӣ, парваришгоҳҳо, осорхонаҳо зарур аст.

Мебояд, ки зиёд намудани маблағҳои молиявиро ба хариди реактивҳои кимиёӣ, препаратҳо, лавозимоти сафарӣ ва маводи гуногуне, ки барои гузаронидани таҳқиқоти лабораторӣ ва корҳои саҳроӣ ба нақша гирифта шавад.

Бо мақсади ташаккули заминаи иттилоотиву коммуникатсионии илм таҳияи Барномаи махсуси рушди заминаи иттилоотиву коммуникатсионии илм ва иҷрои як қатор чорабиниҳое, ки ба иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи муосир мусоидат мекунанд, пешбинӣ мешавад.

Ташаккул додани шабакаи иттилоотӣ бо пайвастан ва ба шабакаи байналхалқии иттилоот ИНТЕРНЕТ баромадани ҳамаи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳурӣ низ аҳаммият дорад. Барои амалӣ кардани ин мақсад бо миқдори кофии компютерҳо ва техникаи дигари иттилоотӣ таъмин намудани институтҳо, лабораторияҳо ва кафедраҳо зарур аст [6, с.19]. Дар натиҷа, ба гирифтани иттилооти илмӣ аз давлатҳои дигар, марказҳои илмӣ, китобхонаҳо ва монанди инҳо имконият фароҳам меояд. Ҳамчунин, таъсиси китобхонаҳои махсусгардонидашудаи электронӣ, маҷаллаҳои электронӣ ва базаҳои иттилоотии маълумот доир ба самтҳои алоҳидаи илм бояд амалӣ гардад.

Бо мусоидати Ассотсиатсияи тоҷикистонии истифодакунандагони шабакаҳои компютерии академӣ, таҳқиқотӣ ва таҳсилотии институтҳои академӣ ва мактабҳои олӣ ба истифодаи системаи алоқаи оптикӣ-нахии муосир гузаронида мешаванд.

Дар амалияи илмӣ татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии насли нав тайёр кардани мутахассисони баландихтисосро дар мактабҳои олӣ ва ба тартиб даровардани системаи тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандони илмӣ ва мутахассисонро дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ талаб мекунад.

Дар баробари тараққӣ додани коммуникатсия ва технологияҳои компютерӣ таваҷҷуҳи зарурӣ ба дастгирӣ ва таҳкими заминаҳои иттилоотии анъанавии илм - китобхонаи илмӣ бояд дода шавад. Дар солҳои охир, тавре ки маълум аст, ба китобхонаҳои илмӣ ворид гардидани адабиёти махсуси илмӣ аз давлатҳои дигар якбора кам гардид. Мубодилаи байналхалқии байни китобхонаҳо дар сатҳи паст қарор дорад, барои бо нашрияҳои нави илмӣ пурра кардани китобхонаҳо хеле кам маблағ ҷудо мешавад.

Инкишофи илму техника дасггирии китобхонаҳои илмӣ ва пурра кардани фондҳои адабиёти илмӣ, ба базаи маълумот пайвастани нашриётҳои пешсафи илмӣ ва маҷаллаҳо, дастгирии нашри асарҳои илмӣ, адабиёти иттилоотиву маълумотӣ, дастурҳои илмиву методиро пешбинӣ мекунад.

Ояндаи илми Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки он то чӣ андоза тез ва самаранок ба фазои ҷаҳонии илм ворид шуда метавонад. Бо дарназардошти ин чораҳое андешида мешаванд, ки ба дастгирӣ ва рушди шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ ва шарикии олимони ҷумҳурӣ бо олимони давлатҳои дигар равона гардидаанд [4, с.28]. Дар инкишофи илму техника ба таври назаррас тавсиа бахшидан ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳо бо ташкилот ва муассисаҳои илмии давлатҳои ИДМ, давлатҳои дигар, ташкилотҳои байналмилалӣ, фондҳо, ассотсиатсияҳо ба монанди инҳо ҳам дар асоси шартномаву созишномаҳо бояд сурат гирад.

Ҳамчунин, ҷалби олимон ба иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар чаҳорчӯбаи созишномаву шартномаҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, бо давлатҳои ИДМ, барномаву лоиҳаҳо аз рӯи грантҳо, ки аз тарафи марказҳо, фондҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Маркази байналхалқии илмӣ-техникӣ, Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО), Фонди ҷаҳонии экологӣ, Ташкилоти умумиҷаҳонии СММ доир ба масъалаҳои тандурустӣ, Ташкилоти СММ доир ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Ташкилоти давлатҳои исломӣ доир ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ИСЕСКО), Агентии байналхалқии энергияи атомӣ (МАГАТЭ), Маркази байналмилалӣ доир ба таҳқиқоти кишоварзӣ дар минтақаҳои хушкида (ККАРДА), Маркази байналмилалӣ доир ба беҳтар кардани ҷуворимакка ва гандум (СИММИТ), Институти байналмилалии захираҳои генетикӣ (ЯЛГРИ) низ пешбинӣ гардидаанд. Тавсиаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи байналхалқии илмӣ аз рӯи самтҳои Ассотсиатсияи байналмилалии академияи илмҳо (МААН), Ассотсиатсияи Академияи илмҳои Осиёи Марказӣ (ААНСЦА), Академияи илмҳо барои ҷаҳони рушдкунанда (ТВАС), Кумитаи доимии ҳамкории илмӣ ва технологии Ташкилоти конференсияи исломӣ (КОМСТЕК) дурнамои хуб дорад.

Таваҷҷуҳи махсус ба тавсиаи имкониятҳои сафари олимон ба марказҳои пешсафи илмӣ-таҳқиқотии хориҷӣ барои кори илмӣ ва барои иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ ва чорабиниҳои дигари илмӣ бояд равона карда шавад.

Дар натиҷаи амалисозии ин чорабиниҳо имконияти иштироки олимони вилояти Хатлон дар баргузории таҳқиқоти муштарак бо олимони хориҷа аз рӯи

лоиҳаву барномаҳои байналмилалӣ, истифодаи базаи муосири таҷрибавӣ ва асбобии марказҳои илмии хориҷӣ, таҳсил ва такмили ихтисоси олимони ҷавон ба таври назаррас тавсиа меёбад. Намояндагии васеи олимони Тоҷикистон дар конференсияҳо ва чорабиниҳои дигари илмӣ ва давлатҳои хориҷӣ ва баргузории онҳо бо баромади илмӣ ба фазои байналмилалии илм, таҳкими афзалиятҳои дастовардҳои олимони тоҷик ва ба даст овардани иттилооти зарурӣ доир ба комёбиҳо ва равишҳои рушди илм дар ҷаҳон мусоидат менамояд.

Бо мақсади дастгирии неруи илмӣ ва тақвияти таъсири он ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, таъмини маблағгузории босуботи давлатӣ, афзоиши давра ба давраи захираҳои молиявӣ дар соҳаи илм муҳим мебошад.

Муҳимтарин ҷузъҳои ислоҳоти системаи идораи соҳаи илм дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ такмили механизмҳои маблағгузорӣ, ташкили таҳқиқот, сиёсати андоз ва дасггирии иҷтимоии кормандони соҳаи илм мебошанд, аз ҷумла:

- қабули санади қонунгузорӣ дар бораи ҷорӣ намудани имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ барои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии фаъолияти илмӣ. Яке аз мехнизмҳои рушди инноватсионии сиёсати андозӣ ва механизми андозӣ мебошад. Онҳо дар тамоми ҷаҳон ё андоз пардохт намекунанд, ё имтиёзҳои андозӣ ба таври васеъ ба кор бурда мешаванд. Масалан, дар Кореяи Ҷанубӣ муассисаҳои давлатии соҳаи маориф тамоман андоз пардохт намекунанд, муассисаҳои ғайридавлатӣ бошанд, дар қисми азнавсармоягузорӣ ба раванди таҳсилот андоз парохт намекунанд. Ин муқаррарот инъикоси худро дар қонун дар бораи маориф ёфтааст, ки ба ҳамаи муассисаҳои таҳсилот дахл дошт. Дар ИМА низ муассисаҳои соҳаи таҳсилот андозро аз фаъолияти асосӣ пардохт намекунанд. Онҳо дар ҳолатҳое андоз пардохт мекунанд, вақте ки лоиҳаҳои ҷонибӣ, тиҷоратие, ки андозҳоро меоранд, ташаккул ёбанд. Дар Англия муассисаҳои давлатии соҳаи таҳсилот андоз пардохт намекунанд, муассисаҳои ғайридавлатӣ бошанд, агар онҳо бе судоварӣ фаъолият баранд, инчунин андозҳоро пардохт намекунанд. Ин тадбирҳо шароити умумиро барои рушди муассисаҳои илмӣ-техникӣ шароит фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, низоми андозӣ дар дастгирии фаъолнокии инноватсионии муассисаҳои илмӣ-техникӣ ҳамчун андозсупорандагон нақши бузург мебозад. Хусусан, он ба андозсупорандаи пурарзиш вақте мубаддал мешавад, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ гузарад, яъне вақте ки тиҷорикунонии истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳо, хусусан, хизматрасонии инноватсиониро амалӣ месозад. Дар чунин шароит низоми андозӣ шароитро барои зиёдшавии талабот ба хизматрасониҳои инноватсионӣ эҷод карда, ангезаҳо дар муосиркунонии равандҳои истеҳсолот ва пешниҳоди хизматрасониҳо, сармоягузориҳо ба технологияҳои нав фаъолнок мешаванд. Дар амалияи кишварҳои хориҷӣ инструментҳои зерини дастгирии андозии фаъолияти инноватсионӣ интишор ёфтаанд [3]:

- аз поя доир ба андоз барои суд ё даромад коэффитсиенти баландшудаи хароҷот ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тарҳ карда шавад;
- додани қарзи андозӣ ба маблағи хароҷот ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- воридсозии низоми суръатбахшии истеҳлок (то хат задани яквақтинаи воситаҳо барои хароҷоти ҷорӣ);
- зарарҳои пешинаро ба оянда барои муассисаҳои алоҳидаи инноватсионӣ интиқол медиҳанд;
- пешниҳоди таътилҳои андозӣ барои он муассисаҳое (андозсупорандагоне), ки корҳои илмӣ таҳқиқотиро амалӣ месозанд;
- қарзҳои андозии хусусияти сармоягузоридошта барои сармоягузориҳо ба таҷҳизоти баландтехнологӣ.

Вале сиёсати андозии Ҳукумати ҷумҳурӣ нисбат ба низоми муассисаҳои илмӣ ба вазифаи баёншудаи баланд бардоштани сифати он мухолиф аст. Экспертҳо қайд мекунанд, ки ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ таҳсилоти буҷетӣ нисбатан босифат боқӣ мемонад [7, с.175]. Аз ин рӯ, зимни коҳиш додани ҷойҳои буҷетӣ сифати таҳсилот низ паст рафтанаш мумкин аст. Чунин вазъият нисбат ба сиёстати андозӣ низ вуҷуд дорад. Масалан, ҷорӣ намудани андоз ба замин ва молу мулк муассисаҳои соҳаи илму техникаро, ки моликияти шахсиятии моддиро эҷод мекунанд, аз ҷиҳати иқтисодӣ муҷозот мекунад. Аз ин бармеояд, ки баръакс, нафароне, ки пояи моддию техникиро эҷод намекунанд, аз чунин тамоюлоти умумиҷаҳонӣ ранҷ намекашанд. Бинобар ин, барои он ки ба тамоюлоти умумиҷаҳонӣ дар соҳаи илм ҷавоб дода шавад, ба низоми имтиёзҳои андозӣ баргаштан лозим аст.

- такмили системаи пардохти меҳнат дар соҳаи илм;
- коркард ва амалисозии механизми фармоиши давлатӣ ба таҳқиқоти илмӣ;
- таъмини сершумории манбаъҳои маблағгузории корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ аз ҳисоби дастгирии фаъолонаи онҳо бо фондҳои мақсадноки давлатӣ;
- ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои инвеститсияи маблағҳои корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва соҳибкорон ба илм;
- рушди оғози асосҳои озмунӣ дар тақсимоти маблағҳо ба барномаҳои илмӣ;
- давра ба давра ҷорӣ намудани системаи шартномавии пардохти меҳнат дар соҳаи илм;
- ба вуҷуд овардани шароит ва фароҳам намудани захираҳои зарурӣ барои иштироки олимони вилоят дар лоиҳаҳои байналмилалӣ;
- фароҳам овардани шароит барои фаъолияти иттиҳодияҳои илмии ҷамъиятӣ.

Чораҳои асосии ҳавасмандгардонии давлатии фаъолияти илмӣ, илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ инҳо мебошанд:

- таъмини истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷет, ки барои маблағгузории таҳқиқоти илмӣ ва мусоидат ба пешрафти илмӣ-техникӣ ҷудо мешаванд;
- мутамарказ гардонидани захираҳои буҷетӣ ба сатҳҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва барномаҳои мақсадноку комплексии илмӣ ва илмӣ-техникӣ.

Манбаи таъминоти захиравии илм маблағгузории буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ва дигар манбаъҳо мебошад.

Дар шароити маҳдуд будани маблағҳои буҷетии ба соҳаи илм ҷудошаванда бояд роҳҳои ҷустуҷӯ ва истифодаи самараноки манбаъҳои ғайрибуҷетӣ барои маблағгузории корҳои амалӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, ҳамчунин барои ба гардиши хоҷагидорӣ ҷалб намудани дастовардҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ амалӣ шаванд.

Аз ин рӯ, бо мақсади рушди неруи инсонӣ дар сатҳе, ки талаботи муосир мувофиқат мекунад, сармоягузории инноватсионӣ ба рушди илмӣ-техникӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати маориф, мебошад.

Вазифаи муҳимтарини сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ ин сармоягузории инноватсионӣ мебошад [5, с.137]. Бо кумаки сармоягузорӣ таҷдиди инноватсионии фондҳои асосӣ амалӣ мешавад, ки дар асоси истифодаи дастовардҳои илмию техникӣ ё технологияҳои нав, ё муосиркунонидашудаи самаранок татбиқ мешавад. Сармоягузориҳо шарти зарурии амалисозии инноватсияҳо буда, ҳамчун маблағгузориҳо хизмат мекунанд. Бе инноватсияҳо маблағгузориҳои сармоявӣ ғайрисамаранок гардида, истеҳсоли ояндаи неъматҳоро ҳамчун рақобатнопазир ба таъхир меандозанд. Умуман, бе инноватсияҳо сармоягузориҳо низ имконнопазир

мешаванд, зеро таҷҳизоти ивазшавандаи куҳнашуда таҷдиди онҳоро ба нав талаб мекунад.

Тавре дар боло зикр шуд, сармоягузориҳо ба бахшҳои соҳаи илму техника нақши калидиро дар рушди низоми иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мебозанд. Сармоягузориҳо ё хароҷот барои таҳсилот ва сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари ҷомеа (дар миқёсҳои ҷомеа) на хароҷоти истеъмолӣ, балки сармоягузориҳо мебошанд. Сармоягузориҳо ба илму техника минбаъд боздеҳро ҳам барои худи инсон, ҳам барои ҷомеа, дар маҷмуъ, медиҳанд. Барои инсони алоҳида боздеҳи пулӣ - даромад, барои ҷомеа бошад - болоравӣ ва рушди иқтисодӣ мебошад. Таваҷҷуҳ ба сармоягузориҳо дар соҳаи илму техника бо татбиқи вазифаҳои инноватсионӣ бо мақсади дастгирии рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ алоқаманд аст. Тавре чанд бор такрор кардем, шарти рахназании бомуваффақияти инноватсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисод афзоиш додани неруи илму техника мебошад.

Сармоягузориҳои инноватсионӣ ба соҳаи илму техника таъсири синергетикӣ дошта, ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа таъсири инноватсионӣ мерасонанд. Раванди сармоягузорӣ ба илму техника ва сармояи инсонӣ, ба ғайр аз даромадҳои пулӣ даромадҳои ғайрипулӣ низ доранд, ки аксар вақт дар ҳисобкуниҳои самаранокии сармоягузориҳо, меъёрҳои боздеҳ ба эътибор гирифта намешаванд. Аз ин рӯ, баҳисобгирии танҳо даромаднокии пулии илму техника арзиши воқеии сармоягузориҳоро ба илму техника коҳиш медиҳад. Дар ин робита, таъсироти зерини мусбати берунаи сармоягузориҳоро ба илму техника ҷудо кардан мумкин аст.

1. Самаранокии намудҳои гуногуни фаъолияти инсониро берун аз ҳудудҳои бозори меҳнат низ баланд мебардорад: шахсиятро рушд дода, ба касби чунин сифатҳо, ба мисли мустақилият ва боварӣ ба худ, таҳаммулпазирӣ дар низоми робитаҳои мутақобила байни одамон мусоидат намуда, сатҳи эҳтиромро ба арзишҳои зебоишиносӣ, фарҳангӣ ва дархостҳои зеҳнӣ баланд мебардоранд [2, с.205].

2. Ба шароити меҳнат, муносибатҳои мусоиди муносибатҳои байнишахсиятӣ, сатҳи бекорӣ ва ғ. таъсири калон мерасонанд: шароити меҳнат, фазои мусоид ва фарҳанги инноватсионӣ дар он гурӯҳҳои меҳнатие баландтар аст, ки дар он шахсони бо омодагии беҳтари таҳсилотӣ бартарӣ доранд.

3. Одамони таҳсилгирифта, мутахассисони баландихтисос осонтар ва зудтар ҷойи кор ёфта, бозхост ба ин кормандон аз ҷониби корфармоён хеле баланд аст. Зеро кормандони илмдошта дорои мустақилият ва эҷодкории бештар зимни қабули қарорҳо мебошанд. Дар ин категорияҳои кормандон хусусияти якхелаи меҳнатии камтар вуҷуд дошта, имкониятҳои бештар барои муошират бо шахсони дигар мавҷуданд, ки иқтидори иҷтимоию фарҳангӣ, дар айни замон қобилиятҳои инноватсионии муассисаҳои соҳаи илм ва техникаро баланд мебардоранд.

4. Таҳсилот ба сайқал додани чунин малакаҳо, ба мисли қобилият ба қабул кардани қарори эҷодкоронаи инноватсионӣ, муоширатнокӣ, тақсимоти оқилонаи вақт ва ғ. таъсир мерасонад. Ин сифатҳо на танҳо дар бозори меҳнат, балки, инчунин, зимни иштирок дар муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ манфиат оварда, ба ташаккули фард ҳамчун субъекти фаъоли иҷтимоӣ мусоидат намуда, дар айни ҳол ба омили асосии ташаккул ва рушди иттилоотии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии он табдил меёбад.

Самаранокии сармоягузориҳои инноватсионии илмӣ-техникӣ, тавре дар боло қайд карда шуд, дар нишондиҳандаи синтезшудаи индекси рушди инсонӣ ифода меёбад. Таъкид кардан зарур аст, ки муносибат ба арзёбии самаранокии илмӣ, ки дар принсипҳои рушди инсонӣ асос ёфта, ҳанӯз дар охири солҳои 80-уми асри гузашта ба

вуҷуд омадааст, имрӯз ба сатҳи якум низоми арзёбии нишондиҳандаи самаранокиро пешбарӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, сармоягузориҳои хориҷӣ шароитро барои рахназании инноватсионии бахшҳои соҳаҳои маориф, аз ҷумла иқтидори илмӣ-техникӣ фароҳам месозанд.

Ҳавасманд кардани соҳибкории хурд ва миёнаи илмӣ-техникӣ, технологӣ ва инноватсионӣ бо дарназардошти рушди инфрасохтори тиҷорати хурд ва миёна, ҳамчунин, дар асоси озмун дастгирӣ кардани лоиҳаҳои ояндадори илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ зарур аст. Ба назар гирифтан мебояд, ки дар бисёре аз кишварҳо ҳиссаи зиёди маҳсулоти инноватсиониро ширкатҳои тиҷорати хурд ва миёна ворид месозанд.

Манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ маблағҳои ташкилот ва фондҳои байналмилалӣ, корхонаву ширкатҳои хусусӣ ва маблағҳои хусусии ташкилотҳои илмӣ буда метавонанд.

**Адабиёт**


1. Рустамов, Ф.М. Рушди иқтидори кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ: диссертатсияи илмӣ / Ф.М. Рустамов. – Душанбе, 2021. – 65 с.
2. Раджабов, Р.К. Совершенствование механизма государственной поддержки инновационного предпринимательства в сфере услуг Республики Таджикистан / Р.К. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2013. - № 2/7 (124). - С. 203-210.
3. Рогова, Е.М. Формирование и реализация механизмов технологического трансфера / Е.М. Рогова. – Санкт-Петербург: Издательство СПб ГУ ЭФ, 2005.
4. Самадов, Р.И. Управление процессами формирования инновационного потенциала национальной экономики: диссертация / Р.И. Самадов. – Душанбе, 2018. - С. 28
5. Саидмуродов, Ш.М. Механизмҳои асосноккунӣ ва интихоб намудани афзалиятҳо барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон / Ш.М. Саидмуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2017. - №2/4. Қисми 1. - С. 137.
6. Файзуллоев, М.К. Формирование и развитие национальной инновационной системы Республики Таджикистан (методологические подходы и механизм управления). Автореферат дис. на соис. уч. степ. докт. экон. наук М.К. Файзуллоев. – М., 2012. - С.19.
7. Файзуллоев, М.К. Основы инновационного процесса: особенности и государственное регулирование [Текст] / М.К. Файзуллоев // Сборник научных трудов молодых ученых Таджикистана. - Душанбе, 2008. – С.174-190.
8. Ятимов, А.Ҷ. Иқтидори илмӣ-техникии минтақа асоси рушди инноватсионии он: диссертатсияи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / А.Ҷ. Ятимов. – Бохбар, 2023. – 149 с.


**УДК**: 332.012

## МУНОСИБАТҲОИ НАЗАРИЯВӢ ДОИР БА ТАВСИФИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ВА ХУСУСИЯТИ ОН ДАР БАХШИ ХУСУСИИ ИҚТИСОДИЁТ

***Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло*** - *докторанти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Сурога*: 734061, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *ш. Душанбе*, *к. Деҳотӣ ½*. *Тел.*: +(992) 907 50 00 44, E-mail.: shoev75@mail.ru

*Дар мақола тавсифи назариявии шарикии иҷтимоӣ дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, мавқеи институти шарикии иҷтимоӣ дар бахши хусусии иқтисодиёт, назари муҳаққиқони ватанию хориҷӣ вобаста ба зарурати татбиқи*

*шарикии иҷтимоӣ ва заминаҳои ташаккули он дар иқтисодиёти кишвар баррасӣ мегардад. Таъкид мегардад, ки бо дигаргуншавии низоми сиёсии ҷомеа ва хусусигардонии моликияти давлатӣ дар кишвар, пайдоиши шаклҳои гуногуни моликият ва рушди бахши соҳибкорӣ ҷиҳати саҳм гузоштан дар рушди иқтисоди миллӣ зарурати ташаккули институти шарикии иҷтимоӣ, хусусан, дар бахши хусусии иқтисодиёт ба миён омадааст. Инчунин, дар мақола субъектҳо - манфиатдорони институти шарикии иҷтимоӣ дар сатҳҳои гуногун баррасӣ мегардад.*

***Калидвожаҳо***: *давлат, шарикии иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, шаклҳои моликият, соҳибкорӣ, коргар, корфармо, бахси хусусии иқтисодиёт, коллективи меҳнатӣ, соҳибкории хурду миёна, қонунгузории миллӣ.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ СООТНОШЕНИЯ ПО ОПИСАНИЮ СОЦИАЛЬНОГО ПАРТНЕРСТВА И ЕГО ХАРАКТЕРИСТИК В ЧАСТНОМ СЕКТОРЕ ЭКОНОМИКИ

***Шохиён Абдурахим Махмадулло*** - *докторант кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского государственного университета коммерции. Адрес*: 734061, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти* 1/2, *Тел.*: +(992) 907 50 00 44, E-mail.: shoev75@mail.ru

*В статье рассматривается теоретические описания социального партнерства в системе социально-трудовых отношений, место института социального партнерства в частном секторе экономики, взгляды отечественных и зарубежных исследователей относительно необходимости реализации социального партнерства и основания его формирования в экономике страны. Подчеркивается, что с изменением политической системы общества и приватизацией государственной собственности в стране, появлением различных форм собственности и развитием предпринимательского сектора в целях содействия развитию национальной экономики возникла необходимость формирования института социального партнерства, особенно в частном секторе экономики. Также в статье рассматриваются субъекты-стейкхолдеры института социального партнерства на разных уровнях.*

***Ключевые слова***: *состояние, социальное партнерство, социально-трудовые отношения, формы собственности, бизнес, рабочий, работодатель, частный сектор экономики, трудовой коллектив, малый и средний бизнес, национальное законодательство.*

## THEORETICAL RELATIONSHIPS FOR DESCRIBING SOCIAL PARTNERSHIP AND ITS CHARACTERISTICS IN THE PRIVATE SECTOR OF THE ECONOMY

Shohiyon Abdurahim Mahmadullo - doctoral of the Department of Management and Marketing Tajik State University of Commerce 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti str. 1/2, *Te*l.: +(992) 907 50 00 44, E-mail.: shoev75@mail.ru

The article examines the theoretical description of social partnership in the system of social and labor relations, the place of the institution of social partnership in the private sector of the economy, the views of domestic and foreign researchers regarding the need to implement social partnership and the basis for its formation in the country's economy. It is emphasized that with the change in the political system of society and the privatization of state property in the country, the emergence of various forms of ownership and the development of the business sector in order to promote the development of the national economy, the need arose to form the institution of social partnership, especially in the private sector of the economy. The article also examines the stakeholders of the institution of social partnership at different levels.

Keywords: state, social partnership, social and labor relations, forms of ownership, business, worker, employer, private sector of the economy, labor collective, small and medium businesses, national legislation.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин сатрҳо қайд мегардад: "Зарурати афзоиши ҳамзамони миқдории шуғли устувори пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш барои Тоҷикистон ҳадафи асосии рушд дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмуҳлат хоҳад шуд. Ҳамзамон, шуғли пурмаҳсул масъалаҳои пайвасти рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, масъалаҳои ҳифзи манфиат ва ҳуқуқҳои кормандон ва ҳамчун омили муҳимму самаранок дар роҳи баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишварро дар бар мегирад" [11]. Ҳалли ин вазифаҳои стратегӣ бештар ба рушди институти шарикии иҷтимоӣ дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии корхонаҳои бахши хусусии иқтисодиёт вобаста аст. Дарвоқеъ, замина ва шарт барои тағйироти ҷиддӣ дар хусусияти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ки шарикии иҷтимоӣ ҷузъи муҳимми онро ташкил медиҳад, бо тағйирот дар муносибат бо моликият, шаклу усулҳои идораи иқдисодиёти Тоҷикистон ва ислоҳот дар ин самт алоқаманд аст. Бо рушди муносибатҳои бозорӣ, соҳибкорӣ ва модели танзимшаванда зарурати таъҷилии амалиёти мувофиқашудаи ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, корфармоён ва коргарони кироя дар ҳалли номутобиқатии манфиати субъектҳои муносибати иҷтимоӣ-меҳнатӣ мавҷудбуда ба миён омад.

Мушкилоти давраи аввали пайдоиш ва ташаккули муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ниҳоди (институт) муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пешниҳодкунандаи усулҳо, механизмҳо, мувофиқатӣ ва тартиби ба даст овардани созишҳо аз он иборат аст, ки бояд он зуҳуроти пештар мавҷудбудаи муборизаи оштинопазир миёни коргарони кироя ва корфарморо иваз намояд.

Вобаста ба мавҷудияти арзишҳои заминавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ризоият ва манфиатҳои мутақобилаи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ асоси ҳама гуна ҷомеаи демократӣ буда, тафсири муосири моҳияти шарикии иҷтимоӣ мебошад.

Дар доираи таҳқиқот, дар ҷойи аввал маҳз муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии субъектҳои шарикӣ, шароит, марҳила ва муҳтавои муносибат ва ҳамкориҳои онҳо гузошта мешавад, ки тамоми системаи мураккаб ва гуногунҷабҳаи сиёсӣ ва ҷамъиятии муносибатҳои шарикии иҷтимоиро дар канор мегузорад.

Сохтори предмети таҳқиқот бисёрсатҳа мебошад. Зеро дар сатҳи корхонаҳои бахши хусусӣ ин муносибатҳои меҳнатӣ ба шартҳои ба кор гирифтан ва озод кардан, шароити меҳнат ва музди маош, масъалаҳои такмили ихтисоси кадрҳо ва бозомӯзӣ, таъминоти таҷҳизоти техникии ҷойи кор, шароити истироҳат, мушкилоти манзилу нақлиёт ва ғайра вобаста мебошад. Ҳамаи ин манфиатҳои инфиродиро дар динамикаи "корманд-корфармо" инъикос менамояд. Дар соҳаи соҳибкории хурду миёна ин аз ҳама ҷанбаи маъмулии муносибатҳо мебошад. Дар соҳаи соҳибкорӣ шаклҳои хурд ва миёнаи тиҷорат дар рушди иқтисодии кишвар мақоми созгор дошта, қисми зиёди маҷмуи маҳсулоти дохилиро истеҳсол намуда, қисмати асосии аҳолии қобили меҳнатро бо шуғл таъмин менамоянд.

Баръакси тиҷорати калон соҳибкории хурд дар соҳаҳои меҳнатталаби саноат тамоюли рушд дошта, зуд ба тағйирот ва имкониятҳои бозор мутобиқ гардида, ба рушди прогресси илмӣ-техникӣ мусоидат менамояд. Тавассути соҳибкории хурд қисмати зиёди навовариҳо дар иқтисодиёт ба миён омада, рақобати солим рушд мекунад. Дар заминаи рушди соҳибкории хурд - "табақаи миёна" ҳамчун омили муҳимми суботи иҷтимоӣ-иқдисодии ҷомеаи муосир ва манбаи андозҳо ташаккул меёбад, ки тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то

соли 2023 яке аз вазифаи асосии кишвар барои марҳилаи нави рушд маҳсуб меёбад. Дар он қайд гардидааст: “Дар марҳилаи нави рушд се вазифаи асосӣ дар назди кишвар меистад:

- **якум**, ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда;
- **дуюм**, таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ;
- **сеюм**, вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна”[1].

Сатҳи муносибатҳои коллективии меҳнатӣ моҳияти муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ мебошад. Шарикии иҷтимоӣ намояндагони манфиатҳои коллективӣ: гурӯҳҳои истеҳсолӣ, иттиҳодияҳои коргарӣ, иттифоқҳои касаба, аз якҷониб ва аз ҷониби дигар, иттиҳодияи корфармоёнро дар як ниҳод (институт) муттаҳид менамояд. Баъзан, чунин гурӯҳҳо на дар асоси касбӣ, балки дар асоси ҳудудӣ ташкил карда мешаванд. Чунин раванди ҳамкории “уфуқӣ” бештар дар ҷумҳурӣ ба соҳибкории хурду миёна хос мебошад.

Дар доираи “идоракунии амудӣ” аслан ҳамкории мутақобила тибқи механизмҳои ҳуқуқие, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар намудааст: андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва даромад аз тиҷорати хурд, муносибатҳои қарзӣ бо шарикони молиявӣ ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Вобаста ба ин, дар доираи шарикии иҷтимоӣ предмети муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар сатҳи коллективӣ танзим гардида (масалан, дар доираи комплекси хоҷагидории ҳудудӣ), маҷмуи масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки ба муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар соҳаи меҳнат хос аст: гардиши қувваи корӣ, кафолатҳои иҷтимоӣ дар истеҳсолот, реҷаи корӣ ва истироҳат, дастгирии иҷтимоӣ, кумак ба бекорон ва ғайра.

Дар доираи шарикии иҷтимоӣ фарқи байни муносибатҳои танзимшаванда аз дигар муносибатҳои истеҳсолие, ки бо қонунгузории меҳнатӣ, хоҷагидорӣ ва шаҳрвандӣ танзим мешаванд, дар он аст, ки аввалӣ ҷанбаҳои баҳсталаб, ба ҳам мухолифи масъалаҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар бар гирифта, дуюмин муносибатҳои муқарраршуда ва барқароршударо дар бар мегирад ва онҳоро метавон ба расмият дароварда, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ хусусиятҳои маъмулию танзимкунандаи онҳоро муайян намуд. Субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар доираи “ҷудо намудан”-и муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар соҳаи соҳибкории хурду миёна дар расми 1 оварда шудааст.

Дар бахши муайяни иқтисодиёт давлат то ҳол вазифаи корфарморо иҷро менамояд, вале ин ба соҳибкории хурду миёна хос нест. Дар баробари ин, давлат дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ ҳамчун шахси сеюм дар роли ҳакам баромад намуда, дар низоъҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ нисбат ба манфиатҳои ҳар ду тараф бетафовут нест. Ин нақш барои мақоми давлатӣ нисбатан нав аст. Ин натиҷаи ғайридавлатигардонии корхонаҳо ва коҳиш додани ҳиссаи давлат дар иқтисодиёти кишвар аст.




**Расми 1. Субъектҳои шарикии иҷтимоӣ**

***Манбаъ***: таҳияи муаллиф

Чуноне ки маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, дар давраи соҳибистқлолии мамлакат барои таҳкими заминаҳои рушди низоми бозорӣ хусусигардонии амволи давлатӣ сурат гирифтааст. Шумораи хеле бисёри объектҳои хусусгардонидашуда аслан дар давраи солҳои 2000-2005 рост меояд: дар ин давра 1317 объекти давлатӣ хусусӣ гардонида шудааст, ки беш аз 17 фоизи он ба соҳаи нақлиёту алоқа ва беш аз 19,5% ба соҳаи кишоварзӣ, 75 фоиз ба соҳаи саноат рост омада буданд. Ҳамин тариқ, дар ин соҳаҳо соҳибкорӣ ва ё субъектҳои хусусӣ инкишоф ёфта, минбаъд васеъ гардиданд, ки айни ҳол дар мамлакат қариб 70 фоизи корхонаҳои иқтисодиро субъектҳои бахши хусусӣ ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 1. - Тамоюли хусусигардонии амволи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | 39 | 647 | 670 | 292 | 201 | 77 | 34 |
| **Саноат** | 1 | 21 | 90 | 9 | 6 | 3 | 1 |
| **Сохтмон** | - | 16 | 22 | 2 | 2 | - | - |
| **Нақлиёт ва алоқа** | - | 19 | 79 | 15 | 8 | 4 | - |
| **Савдо** | 17 | 150 | 78 | 6 | - | 2 | - |
| **Хизмати маишӣ** | 17 | 90 | 50 | 13 | 26 | 2 | - |
| **Кишоварзӣ** | - | 76 | 182 | 181 | 101 | 37 | - |
| **Дигар соҳаҳо** | 4 | 275 | 116 | 66 | 58 | 29 | 33 |

***Манбаъ***: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. – 234 с.

Шарикии иҷтимоиро набояд ба категорияи бо таври одилона муқарраршуда ва тавсири якдилонаи моҳияти он нисбат дод. Тафсирҳои ба ҳам мухолифи мундариҷаи шарикии иҷтимоӣ мавҷуданд. Масалан, С.Ю. Чуча таърифи зерини шарикии иҷтимоиро медиҳад: “Шарикии иҷтимоӣ - ин системаи муносибатҳо миёни коллективҳои меҳнатӣ, иттифоқҳои касаба, аз якҷониб, корфармоён, аз дигар ҷониб, инчунин, давлат, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, намояндагон ва мақомоти муштараки онҳо, ки аз машваратҳои мутақобила, гуфтушунидҳо ва расмиёти созиш дар асоси принсипҳои озодии иттиҳодияҳо, трипартизм, ҳамкории бисёрсатҳа, шарикии ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқ, уҳдадории иҷрои созишномаҳо, мурофиаи

арбитражии баҳсҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати коргарон, корфармоён ва давлат иборат аст” [8, с.237].

О.Г. Разумилов шарикии иҷтимоиро ҳамчун системаи махсуси муносибатҳои мутақобилаи миёни коргарони кироя ва корфармоён бо нақши танзимкунандаи давлат, ки ҷиҳати мувофиқати манфиатҳои иқтисодӣ ва танзими низомҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити нисбатан баробар миёни меҳнат ва сармоя самаранок амал мекунанд, ифода менамояд [5, с.167].

Муҳаққиқи ватанӣ А.Б. Мирсаидов институти шарикии иҷтимоиро ҳамчун тартиботу шакли ташкил ва ҳамкории корфармоён ва кормандон барои танзими муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ (ва унсури муҳимми идоракунии иҷтимоӣ), ки дар пояи ҳифзи манфиатҳои тарафайн сурат мегирад, баррасӣ намудааст. Вай дар сохтори ниҳодӣ ва ё маҷмуи муносибати шарикии иҷтимоӣ шаклҳои гуногуни ҳамкориро ба монанди муоширати коллективӣ, бастани шартномахои коллективӣ, иштироки якҷоя дар идоракунии корхона ё ташкилот, инчунин, ҳамкорӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ғ. дохил намудааст [2, с.43-56].

Таҳлили таҷрибаи инъикоси шарикии иҷтимоӣ, равишҳои пайдошуда барои фаҳмидани муҳити он, кӯшишҳои тавсифи ҳамкориҳои шарикӣ имкон медиҳад, то собит намоем, ки дар илми ватанӣ ҷиҳати баррасии баҳси ин падида норавшанӣ ва гуногуншаклӣ хос аст. Ин бештар дар ташаккули се равиши асосӣ, ки миёни худ аз ҷиҳати истифодаи васеи иқтидори шарикӣ дар ҳаёти ҷомеа фарқ мекунанд, равшан зоҳир мегардад.

Дар доираи равиши якум, шарикии иҷтимоӣ ба сифати зуҳуроте, ки ба самти алоҳидаи ҷамъиятӣ хос аст (бозори меҳнат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сиёсати давлатӣ ва ҷамъиятии ҷавонон ва ғайра), баромад менамояд. Дар чунин ҳолат, шарикӣ ба таври маҳдуд ва бештар якфунксионалӣ баррасӣ мегардад. Пешбинӣ мегардад, ки усулҳо ва технологияҳои шарикӣ бояд ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ба амалия нигаронидашуда, бисёрсатҳа ва аслан монанд, дар самти муайян истифода гардад. Масалан, шарикии иҷтимоӣ дар муҳити ташаккулёфтаи субъектҳои бозори меҳнат дар сатҳи корхона, минтақа, соҳа, ҷумҳурӣ барои пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои меҳнатӣ, ташкили низоми иловагии кафолатҳои иҷтимоии кормандон, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ғайра баррасӣ карда мешавад.

Равандҳои байнисоҳавии шарикии иҷтимоӣ аз ҷониби В.Н. Якиметс [9, с.78] ва тарафдоронаш фаъолона коркард мегардад. Дар ин ҷо, шарикии иҷтимоӣ муносибати субъектҳои ягон соҳаи махсус ё самти ҳаёти иҷтимоӣ набуда, балки тарафҳои намояндагии бахшҳои гуногуни ҷомеа - давлат, доираҳои соҳибкорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар мегирад.

Дар ин тафсир “шарикии иҷтимоии идеалии байнисоҳавӣ ҳамчун ҳамкории созандаи ду ё се бахш барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, ки дар алоҳидагӣ барои ҳар як тараф ва аҳолии ҳамин ҳудуде, ки дар он ҷо татбиқ мегардад, манфиат дорад”. Тавре мебинем, ин шакли таҳлили шарикӣ ба сатҳи ҳамкориҳои мутақобилаи омилҳои иҷтимоие, ки фақат бахшҳои гуногуни ҷамъиятиро намояндагӣ намуда, миёни худ вобаста ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамкорӣ менамоянд, мутобиқат намекунад.

Ҳамин тавр, баъзе тадқиқотчиён шарикии иҷтимоиро хеле маҳдуд, асосан ҳамчун ниҳоди мақсадноки дохилиистеҳсолии бо механизмҳои танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ҳалли ихтилоф ва низоъҳо миёни кормандон ва корфармоён баррасӣ менамоянд. Дигарон ба масъала ба таври васеъ муносибат намуда, онро ба ҳамаи масъалаҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла равандҳо ва падидаҳои сиёсӣ хос днониста, ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ, раванди иҷтимоии гуногунҷанба, бисёрсоҳа ва зиддиятнок тавсиф менамоянд, ки моҳияти танзими мутамаддин ва

самараноки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, пешгирӣ ё ҳалли осоиштаи низоъҳои иҷтимоӣ ва ниҳоят, кафолати ризояти ҷамъиятӣ ва суботи ҷомеаро дар бар мегирад.

Ба андешаи мо, моҳияти падидаи шарикии иҷтимоӣ ҳангоми баррасии он аз нигоҳи муносибати универсалӣ пурратар зоҳир мегардад. Он шарикиро ҳамчун яке аз намудҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар баробари ҳамкорӣ, шарикӣ, рақобат, низоъ ва ғайра ташкил медиҳад. Муносибати универсалиро ба таври зайл муайян кардан мумкин аст: "Дар марҳилаи муосири инкишофи донишҳои илмӣ шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ниҳоди махсуси иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, ки дар асоси он шакли муайяни муносибатҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардад, ки ба ташаккули ҳамфикрӣ ва натиҷаи мусбат дар раванди ҳамкории субъектҳои иҷтимоӣ - шарикони ин муносибатҳо нигаронида шудааст. Ба маънои умумӣ, истилоҳи "шарикии иҷтимоӣ" тамоми доираи муносибатҳои иҷтимоӣ миёни субъектҳои иҷтимоиро тавсиф мекунад, ки ҳадафи он ноил шудан ба созиш ва даст кашидан аз мухолифат ва муқобилият мебошад. Ин робитаи ҳамоҳангшудаи амалии мунтазам бо мақсади ҳалли мушкилоти умумӣ мебошад" [7, с.459-460].

Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки дар умум, ҳар як таърифи дар боло зикршуда бо якдигар мухолифат накарда, якдигарро пурра менамоянд. Он гоҳ, чӣ тавре В.А. Михеев дар доираи равиши дуюм менависад: "Шарикии иҷтимоӣ ҳамчун шакли муосири муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ баромад намуда, ҳамоҳангсозӣ ва ҳифзи манфиатҳои коргарон, корфармоён (соҳибкорон), мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро таъмин менамояд" [3, с.448]. Аммо ин ба бахши давлатии иқтисодиёт хос аст. Дар мавриди бахши ғайридавлатии иқтисодиёт, ки аксари онро соҳибкории хурду миёна муаррифӣ менамояд, дар қисми зиёди он шарикӣ, бахусус шарикии иҷтимоӣ, мутаассифона, ҳоло "китоби дорои ҳафт муҳр"-ро мемонад.

Ҳамин тариқ, иддае аз иқтисоддонҳо бар ин назаранд, ки шарикии иҷтимоӣ дар соҳибкории хурду миёна яке аз намудҳои маъмултарини муносибатҳои корпоративӣ ва неокорпоративии намояндагони ду субъекти он - соҳибкорӣ ва иттифоқҳои касаба бо мақсади муқобилият ба субъекти сеюм - давлат ба шумор меравад [6].

Баъзе муаллифон бахши ғайридавлатиро як сегменти мушаххаси иқтисод мешуморанд, ки фаъолияти номуайяни муносибатҳои ибтидоии миёни коргарон ё идоракунии табиии тиҷорат мебошад, ки, дар умум, аз рушди сусти иқтисоди кишвар дарак медиҳад. Аз ин рӯ, муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ дар бахши ғайридавлатӣ, ки аксар вақт шабеҳи норавшанӣ аст, муҳиммияти онро тавассути бастани шартномаҳо, созишномаҳо ва кӯшиши мувофиқати манфиатҳо, созиш дар самтҳои муҳимтарини рушди иҷтимоию иқтисодиро орзуе мешуморанд, ки гӯё татбиқи он воқеият надорад. Сарчашмаи чунин назарҳои манфӣ дар он аст, дар ҳақиқат, дар сохтори бахши ғайридавлатии иқтисодиёт сегменти ғайрирасмӣ вуҷуд дорад [4]. Онҳо мутмаинанд, ки дар айни замон ҳамаи ин намудҳои фаъолият талаботи мавҷудаи ҷамъиятиро қонеъ намуда, ба маҳсули фаъолияти онҳо талаботи воқеӣ вуҷуд дорад.

Моҳияти чунин фаъолияти ғайрирасмӣ даромади онҳоро ғайриқонунӣ намуда, натиҷаи низои муносибатҳои "субъекти фаъолияти соҳибкорӣ - давлат" мегардад. Аммо соҳибкории бо тарзи "тасодуфӣ", муваққатӣ ё бо мақсади санҷиши неруи худ роҳандозигардида, гарчанде бозори фурӯши маҳсулоти худро ёбад ҳам, дар натиҷа, ба хулосаи дарёфти мақоми расмӣ меояд, ки роҳкушои фаъолияти бештари пурмаҳсул мебошад.

То чӣ андоза он ба шарикии иҷтимоӣ ниёз дорад? Воқеан, дар ибтидои ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар масъалаи баланд бардоштани иқтисодиёти оилавӣ бо мақсади нигоҳдорӣ бештар ба назар мерасид. Ин на танҳо вусъати муносибатҳои сабабу натиҷавиро, аз қабили уҳдадориҳои шифоҳию хешутаборӣ, қарзи дар асоси боварии

шахсӣ ва ғайраро дар назар дошт, балки тадриҷан ба амалӣ намудани созишҳои шифоҳии дар баробари муносибатҳои шартномавӣ мавҷудбударо дар бар мегирифт.

Далелҳои асосноке мавҷуд аст, ки дар соҳибкории хурду миёна нақши рӯзафзунро ташаккули шабакаҳои тиҷоратӣ дошта, маҷмуи устувор ва нисбатан пӯшидаи робитаҳои байни шарикони доимиро ифода мекунад. Мисоли чунин робитаҳо хусусияти муносибатҳои тиҷоратӣ дар давраи аморати Бухоро шуда метавонад, ки он ҷо аз чор се ҳиссаи муносибатҳои тиҷоратӣ "аз рӯйи калом" додаи косибон ё соҳибкорон "бо ном" роҳандозӣ мегардид.

Фаъолияти шабакаҳои тиҷорӣ дар ин маврид ба он асос ёфтааст, ки муносибатҳои шартномавӣ аз ҷониби системаи инкишофёфтаи хизматрасониҳои мутақобилаи ғайрирасмӣ, аз ҷумла, на дар асоси «бозорӣ» таъмин карда мешаванд. Муносибат миёни агентҳои бозор на ба шакли муносибатҳои миёни корхонаҳо-шарикон, балки дар асоси бовариҳои шахсӣ миёни роҳбарон ё шахсони масъули корхонаҳо роҳандозӣ мегардад.

Чунин муомилот, ки ба маҷмуи воситаҳои назорати расмӣ ва ғайрирасмии табодули хизматҳо вобаста ба ваколатҳои шахсӣ ва боварӣ ба он асос ёфтааст, кафолати иҷрои уҳдадориҳои тиҷоратиро боло мебарад. Дар чунин "муҳит" муносибатҳои "коргари кироя-соҳибкор" низ аввал асосан бо созишҳои шифоҳӣ асос ёфта буданд.

Ин шабакаҳои тиҷоратии институтсионалӣ на ҳамеша ба расмият даровarda мешаванд ва худи ниҳодҳои ғайридавлатии соҳибкории хурд ҳанӯз дар воқеияти муосир чун гузаштагони таърихии худ устувор ва таъсиргузор нестанд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ тамоюли пароканда шудани "даста"-ҳои ибтидоии соҳибкорӣ мушоҳида мегардад, ки аз хешу табор, дӯстон ва шиносони наздик иборатанд.

Ин тамоюл бо муқаррар намудани назорати қатъии авторитарӣ дар дохили ташкилотҳо ва ташаккули нисбатан чандирии блокҳои байнинширкатӣ алоқаманд аст, ки дар асоси кордонӣ ва баъзан аз рӯи принсипи ҳудудӣ сохта шудааст. Ин вазъ воқеияти мавҷуд будани ҳолатҳои муноқишавӣ миёни корфармо ва коргарони кироя вобаста ба шароити шуғл, музди меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайраро возеҳтар намуда, зарурати татбиқи муносибатҳои шарикии иҷтимоиро дар бахши ғайридавлатии иқтисодиёт мубрам мегардонад. Аз ин рӯ, дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ дар баробари бахши соҳибкории калон ҳамаи субъектҳои бахши соҳибкории хурду миёна низ дар роҳандозӣ намудани шарикии иҷтимоӣ манфиатдор ҳастанд. Дар ин ҷо, шарикии иҷтимоӣ дар эътироф намудани зарурат ва арзиш барои муҳити иқтисодии (бигузор дар ҳудуди муайян, минтақа) ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоию касбии ташкилкунандаи сохтори он, дар эътирофи ҳуқуқҳои он ҷиҳати ҳимояи кафолатҳои иҷтимоӣ ва баррасии манфиатҳои иқтисодӣ, ҳалли низоъҳои бамиёномада бо таври осоишта тавассути созишномаҳои коллективию шартномавӣ асос меёбад.

Моҳияти чунин ҳамкорӣ набояд гумроҳкунанда, балки дар ин ҷо шарикӣ бояд сирф хусусияти иҷтимоӣ дошта бошад:

***Якум***, қонунгузории миллии меҳнат, ки тартиби ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ, иҷрои раванди шартномавӣ-коллективиро ба танзим медарорад, ки барои ҳама субъектҳои шарикӣ новобаста аз андозаи ташкилот ҳатмӣ аст. Тавассути механизми ҳуқуқии давлатӣ дар ин ҷо принсипи трипартизм дар муносибатҳои "коргар-корфармо" амал мекунад.

***Дуюм***, мавриди зарурат дар раванди гуфтушунид ба ҳайси шахси бетараф метавонад намояндаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ иштирок намояд, ки ҳокимияти давлатиро дар маҳал ифода мекунад. Ҳамин тариқ, субъектҳо - манфиатдорони тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравaнд, ки дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

**Ҷадвали** 2. – **Субъектҳо - манфиатдорони тарафҳои шарикии иҷтимоӣ**

| № | Субъекҳо | Тарафҳо |
|---|---|---|
| 1. | **Аз номи коргарон** | иттифоқҳои касаба дар симои мақомоти дахлдор ё дигар коргарони ваколатдори мақомоти намояндагӣ (маҷлиси умумӣ, конференсияҳо ва ғайра) баромад мекунанд. Дар соҳибкории хурду миёна дар ҷумҳурӣ айни замон - ин гурӯҳҳои ваколатдори намояндагони коргарон мебошанд, ки ба шакли хурди тиҷорат ё дастаҷамъона аслан аз рӯйи территориявӣ машғул ҳастанд на аз рӯйи аломати касбӣ; |
| 2. | **Аз номи корфармоён** | дар сатҳи соҳавӣ ва территориявӣ - мақомоти намояндагии иттиҳодияҳои корфармоён баромад мекунанд, ки дорои ваколатҳои муайян мебошанд; дар сатҳи корхонаи алоҳида - роҳбари корхона, соҳибмулк ё директори идоракунанда. Дар соҳибкории хурди ҷумҳурӣ манфиати кормармоён ифода мегардад: дар муносибатҳои мутақобила “ба таври уфуқӣ” – бо шарикони сатҳи худ, инчунин, дар ҷанбаи дохилиистеҳсолии ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-меҳнатӣ-корфармо-кирогари қувваи корӣ; дар муносибатҳои мутақобила “ба таври амудӣ” оид ба масъалаҳои баҳсноки муносибатҳо бо мақомоти маҳаллӣ - иттиҳодияҳои ҳудудии корфармоён; |
| 3. | **Аз номи давлат** | дар сурати иштироки бевосита аз рӯйи схемаи ҳамкории сеҷонибаи шарикон (трипартизм) сохторҳои давлатӣ, ё намояндагони он, ки дорои ваколатҳои зарурӣ ҳастанд, иштирок менамоянд. Дар шакли иштироки бавосита, аз ҷумла дар шарикии иҷтимоӣ дар бахши ғайридавлатии шуғл давлат вазифаи ҳакамӣ, кафили риояи қонунгузории амалкунанда дар ин соҳа, ҳамоҳангсоз ва ташкилотчии ҳамаи расмиёти миёнаравиро иҷро мекунад. |

***Манбаъ***: таҳияи муаллиф

Шарикии иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ бо дарназардошти заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ), конвенсия ва тавсияҳои дахлдори он мураттаб ва тасдиқ шудаанд, инкишоф меёбад. Миёни онҳо муҳимтарин принсипҳои ҳуқуқӣ инҳо мебошанд: “трипартизм”, ҳамкориҳои гуногунҷабҳа, озодии иттиҳодияҳо, соҳибихтиёрӣ ва баробарҳуқуқӣ, ҳатмияти иҷрои шартҳои шартнома ва созишномаҳо, созиш ва мурофиаҳои арбитражии низоъҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ.

Принсипҳои “корӣ”-и шарикии иҷтимоӣ, ки дар раванди гуфтушунид ва дар ҷанбаҳои гуногуни гуфтугӯи иҷтимоии субъектҳо-тарафҳо новобаста аз шакли моликият истифода мегардад, инҳоянд:

- баробарҳуқуқӣ ва ваколати тарафҳо дар масъалагузорӣ ва муҳокима, дар гуфтушунид ва машваратҳо, дар ба даст овардани созишҳо ва инчунин, баробарҳуқуқӣ низ дар назорат барои татбиқи онҳо;
- ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаи тарафҳо - иштироккунандагони гуфтушунид;
- риояи дақиқи санадҳои қонунгузорӣ;
- масъулияти пурра дар иҷрои шартномаю уҳдадориҳои қабулшуда.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи навбунёди шарикии иҷтимоӣ дар бахши ғайридавлатии иқтисодиёти кишвар нишон медиҳад, ки принсипҳои дар боло зикршудаи ҳамкории тарафҳоро метавон ба «хоҳиш» нисбат дод, на дар асл истифодашаванда. Баъзан,

қонуният ва намояндагии қисмати сохторҳои ғайридавлатӣ, ки дар раванди гуфтушунид ҳамчун тараф иштирок намуда, манфиати корфармоёнро ҳимоя менамоянд, боиси шубҳаи намояндагони меҳнаткашон мегардад. Ин ба иҷрои созишномаҳо вобаста ба масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ-иқтисодии хусусияти шуғл, сатҳ ва пардохти сарибақтии музди меҳнат, эътимоднокии кафолати риояи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва истироҳат ва ғайра дахл дорад.

## АДАБИЁТ


1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
2. Мирсаидов, А.Б. Метологические аспекты оценки институционального потенциала индустриального развитие регионов страны / А.Б. Мирсаидов, Р.М. Бободжанов // Экономика Таджикистан. – 2023. - № 2. – С. 43-56.
3. Михеев, В.А. Основы социальной партнерства: теория и политика: Учеб. для ВУЗов / В.А. Михеев. - М.: Экзамен, 2001. – 448 с.
4. Понятие неформального сектора в нашем исследовании нетождественно понятию «теневой» экономики.
5. Разумилов, О. Г. Научно-организационные основы развития социального партнерства в сфере социально-трудовых отношений: дисс. канд. экон. наук, специальность 080005 / О.Г. Разумилов. - М., 2003. - 167 с.
6. Социальные императивы современной экономики и Российские реалии. - М.: ИЭРАН, 1998.
7. Теория управления: социально-технологический подход. Энциклопедический словарь / Под ред. В.Н. Иванова, В.И. Патрушева; Академия наук социал.технологий и местного самоуправления. 3-е изд., перераб. - М., 2004. - С. 459-460.
8. Чуча, С.Ю. Становление и перспектива развития социального партнерства в Российской Федерации / С.Ю. Чуча. - М.: Вердикт, 2001. – 237 с.
9. Якимец, В.Н. Межсекторное социальное партнерство: основы, теория, принципы, механизмы / В.Н. Якимец. - М., 2004. – 78 с.


**УДК**: 336(557.3)

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪСИРИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ

***Изатуллоев Муҳаммадсаид Насимҷонович*** *– ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов* 64/14. *Тел.*:905-66-47-47.

*Мақола ба хусусиятҳои мафҳуми «сармоягузорӣ» ва нақши он дар рушди иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон бахшида шудааст. Нақши пешбарандаи маблаггузорӣ дар тараққиёти иқтисодиёт аз он иборат аст, ки ба шарофати онҳо сармоя дар корхонаҳо ҷамъ мешавад ва ин табиист, ки заминаи муайяне ба вуҷуд меоварад, ки барои васеъ намудани иқтидори истеҳсолии мамлакат ва тараққӣ додани хоҷагии халқ пешбинӣ шудааст. Дар асоси хусусият ва динамикаи равандҳое, ки дар соҳаи сармоягузорӣ амалӣ мешаванд, вазъи иқтисоди кишварро таҳлил кардан мумкин аст. Сармоягузорӣ як навъ нишондодест, ки вазъи дохилии кишвар, аз ҷумла сатҳи даромади миллӣ ва ҷолибияти сармоягузории ин давлатро инъикос мекунад.*

***Калидвожаҳо***: *сармоягузорӣ,иқтисод, саноат, арзёбӣ, иқтидори сармоягузорӣ, ҳавасмандкунӣ, рушд, коғазҳои қиматнок, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ВЛИЯНИЯ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ НА РАЗВИТИЕ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Изатуллоев Мухаммадсаид Насимджонович*** – *ассистент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.*: 905-66-47-47.

*Статья посвящена особенностям такого понятия, как «инвестиция», и ее роли в развитии экономики стран мира. Ведущая роль инвестиций в развитии экономики определяется тем, что благодаря им капитал накопляется в предприятиях, и это естественно создает определенную базу, предназначенную расширить производственные возможности страны и развития национальной экономики. На основе характера и динамики процессов, которые осуществляются в сфере инвестиций, можно анализировать состояние экономики страны. Инвестиции являются своеобразным индикатором, которые отражают внутреннее состояние страны, в том числе, уровень национального дохода и инвестиционной привлекательности этого государства.*

***Ключевые слова***: *инвестиции, экономика, промышленность, оценка, инвестиционный потенциал, стимулирование, развитие, ценные бумаги, международные экономические отношения.*

## THEORETICAL ASPECTS OF THE IMPACT OF FOREIGN NVESTMENT ON THE DEVELOPMENT OF INVESTMENT ACTIVITY

Izatulloev Muhammadsaid Nasimjonovich - assistant of the department of economic analysis and statistics of the State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, k. Nakhimov 64/14. Phone: 905-66-47-47.

The article is devoted to the features of such a concept as "investment" and its role in the development of the economy of the economies of the world. The leading role of investments in the development of the economy is determined by the fact that, thanks to them, capital is accumulated in enterprises, and this naturally creates a certain base designed to expand the country's production capabilities and develop the national economy. Based on the nature and dynamics of the processes that are carried out in the field of investment, it is possible to analyze the state of the country's economy. Investments are a kind of indicator that reflect the internal state of the country, including the level of national income and the investment attractiveness of this state.

Key words: investments, economy, industry, evaluation, investment potential, stimulation, development, securities, international economic relations.

Дар айни замон дар саросари ҷаҳон сармоягузорӣ дар рушд ва устувории иқтисодиёти ҳам кишварҳои рушди устувор ва ҳам дар давлатҳои рӯ ба тараққиёт нақши ҳалкунанда дорад. Таъсири сармоягузорӣ ба дараҷае бузург аст, ки ҳатто кишварҳои пешрафтатарин новобаста аз низоми сиёсӣ ва хусусиятҳои миллии худ, барои таҳияи сиёсати сармоягузорӣ, инчунин барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишварашон кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд.

Мафҳуми «сармоягузорӣ» бисёрҷанба буда, дар он якчанд маъноҳои гуногунро мушоҳида кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама, вақте ки сухан дар бораи сармоягузорӣ меравад, дар бораи таҷҳизот, технология, ки тавассути ҷорӣ намудани онхо раванди истеҳсолот амалӣ карда мешавад, гуфтан мумкин аст. Ҳангоми харидани коғазҳои киматнок ва саҳмияҳо бошад, чунин тафсир хусусияти маҳдудкунанда дорад, зеро, ба маънои васеъ, он як раванди муайян бо хусусияти иҷрои пай дар пайи амалиёти гуногуншакл ба назар мерасад. Аз рӯи оқибатҳои иҷтимоиву иқтисодии ин раванд онро метавон механизми муайяне баҳо дод, ки рушди иқтисодиётро таъмин менамояд [4, с. 184].

Дар навбати худ, Л. Гитман дар бораи сармоягузорӣ чунин мегӯяд: «Сиёсати давлатии сармоягузорӣ маҷмуи равишҳо ва роҳҳои ҳалли иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки дар бахшҳо ва соҳаҳои хоҷагии халқ самтҳои истифода бурдани

маблағгузории капиталиро мекунанд. Сиёсати сармоягузории ҳар як кишвар аз хусусияти иқтисодӣ, вазифаҳои илмию техникӣ ва иҷтимоие, ки дар ин ё дигар марҳила ҳал мешаванд, вобаста аст [3].

Аз он ҷумла, онҳо қайд менамоянд, ки худи мафҳуми сармоягузорӣ ин ҳар гуна олотест, ки дар он пул метавонад бо интизории нигоҳ доштан ё афзоиш додани арзиши он ва/ё фоидаи мусбӣ ҷойгир карда шавад. Вале бо ин изҳорот розӣ шудан низ комилан имконнопазир аст, зеро он омили вақтро ба назар намегирад.

Аксари вақт дар иқтисодиёт мафҳуми «сармоя» ҳамчун синоним ба маънои шакли муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ истифода мешавад, ки он аз рӯи динамика бештар мебошад ва барои ҳаракати байналхалқии сармоя хизмат менамояд. Сармояи байналмилалӣ дар ҳаракати худ аз омилҳо ва ангезаҳои гуногун вобастагӣ дорад ва дар ин ҳаракат ҳадафҳои гуногунро пайгирӣ мекунад, ки дар байни онҳо дар шаклҳои гуногун ба даст овардани даромаднокии баланд дар соҳаи саноатӣ, бонкӣ, тиҷоратӣ, фоизи қарз, иҷораи замин ва ғайра нақши махсусро мебозад.

Дар адабиёти иқтисодӣ тафсирҳои гуногуни мафҳуми сармоягузорӣ мавҷуданд. Равишҳои гуногуни муайянкунандаи ин мафҳумро таҳлил намуда, мо таснифоти дар асари А.М. Марголин овардашударо истифода мебарем. «Дастгирии молиявӣ ва арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ», ки дар он ҷо ақидаҳои иқтисоддонҳои бузургтарин дар як ҷадвал ҷамъ оварда шуда, дар байни онҳо яке ҷудо карда мешавад, ки ба гуфтаи муаллиф, мафҳуми сармоягузориро нисбат ба дигарон дақиқтар нишон медиҳад. Ва бояд қайд кард, ки аз ақидаҳои дар боло овардашуда мазмуни иқтисодии сармоягузориро таърифи П. Самуэлсон бештар нишон медиҳад. Он ду ҷиҳати ба ҳам алоқамандии раванди баррасишаванда - характери дарозмуддати он ва қонеъ гардондани талаботи васеъро инъикос мекунад [5, с.5].

Ақидаи мазкур чунин омадааст: «Сармоягузорӣ ин рад кардани истифодаи даромад барои истеъмоли ҷорӣ ба манфиати ташаккули сармоя ва тавсеаи пешбинишудаи истеъмол дар оянда мебошад» [6]. Маълум аст, ки ақидае, ки П. Самуэлсон додааст, танҳо муҳлатнокии сармоягузориро инъикос мекунад, дар ҳоле ки давомнокии ин муҳлатҳо ба инобат гирифта намешавад.

Ҳамин тавр, «дар зери мафҳуми сармоягузорӣ ҳама гуна маблағгузориҳои фаврӣ (ба гуфтаи А.М. Марголин - дарозмуддат) бо мақсади ба даст овардани самараи иқтисодӣ ва (ё) иҷтимоӣ фаҳмида мешавад» [5, с.5]. Дар ин маврид зери мафҳуми сармоягузории фаврӣ имконияти маблағгузории капиталӣ - кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлатро фаҳмидан мумкин аст.

Дар навбати худ, бо дарназардошти ҳамаи намудҳои имконпазири сармоягузорӣ И.Т. Балабанов онҳоро ба чор категория: таваккалӣ, мустақим, портфелӣ ва аннуитетӣ тақсим мекунад [1, с.24].

Сармоягузориҳои хатарнокро ӯ ҳамчун сармояи венчурӣ баррасӣ менамояд. Ба ин категория И.Т. Балабанов он сармоягузориҳоеро дохил мекунад, ки тавассути барориши саҳмияҳо дар ташкили намудҳои нави фаъолияти соҳибкорӣ, маблағгузории фирмаҳои инноватсионӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ғайра анҷом дода мешаванд. Сармоягузории мустақимро бошад, бо сармоягузорӣ ба сармояи оинномавии субъекти хоҷагидор, бо мақсади ба даст овардани даромад ва гирифтани ҳуқуқи иштирок дар идоракунии он, алоқаманд мекунад. Ва сармоягузориҳои портфелиро бо ба даст овардани коғазҳои қиматнок ва дигар дороиҳо барои ноил шудан ба ҳадафи сармоягузории сармоягузор. Ӯ махсус қайд мекунад, ки портфели сармоягузорӣ метавонад коғазҳои қиматноки як намуд ё арзишҳои гуногуни сармоягузориро (саҳмияҳо, вомбаргҳо, сертификатҳои амонатӣ, шаҳодатномаҳои гарав, полисҳои суғурта ва ғайра) дар бар гирад. Ба категорияи аннуитет И.Т. Балабанов ҳиссаҷудокуниро ба фондҳои суғуртаю нафақа тасниф намуда, онҳоро ба категорияи мустақил ҷудо мекунад, ки онҳо ба пасандозгузор дар даврaҳои муқаррарӣ даромад меоранд.

Таҳлили назариявиро гузаронида, метавонем гуфта, ки дар айни замон дар доираи он гурӯҳбандии муфассали сармоягузориҳо ташаккул ёфтааст, ки на танҳо он чизеро, ки мо баррасӣ кардем, балки бисёр хусусиятҳои дигари сармоягузориро аз нуқтаи назари қабули қарорҳо инъикос мекунад ва муҳим мебошанд (расми 1).

Ҳама сармоягузориҳо ба намудҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1. Сармоягузориҳо аз сарчашмаҳои дохилӣ ва берунӣ;
2. Давлатӣ ва хусусӣ;
3. Мустақим, портфелӣ ва ғайра.

Дар адабиёти иқтисодӣ дар бораи мафҳуми «сармоягузорӣ» хусусиятҳои гуногун дода шудааст, ки тибқи онҳо, гуфтан мумкин аст, ки аз тарафи ҳар кадом шахс барои ба фаъолияти соҳибкорӣ гузоштани молу мулки худ кадом намуд амалҳоро иҷро мекунад.

Вобаста аз он ки сармоягузорӣ чӣ гуна аст ё дар кадом соҳа маблағгузорӣ карда мешавад, онро ба «аслӣ» ва «сармоягузории истеҳсолӣ» ҷудо мекунанд.




**Расми 1. Таснифоти сармоягузорӣ**

Коркарди муаллифон.

Ба сармоягузории «аслӣ» ғайримолиявӣ ва зеҳнӣ дохил мешаванд. Ба сармоягузории «истеҳсолӣ» бошад, сармоягузорие, ки ба соҳаи рушди воситаҳои истеҳсолот ҷалб карда мешаванд, дохил мешавад.

Сармоягузориҳои соҳаи истеҳсоли мол ва хизматрасониро иқтисоддонҳо бо «ғайримаҳсул» мутаносиб медонанд, яъне бо сармоягузориҳое, ки барои қонеъ кардани талаботи ҷамъиятӣ (масалан, барои сохтани беморхона ё мактаб) маблағгузорӣ карда мешаванд. Аммо ҳама намудҳои сармоягузории дар боло зикргардида ба хусусиятҳои консепсияи ҳуқуқии сармоягузорӣ алоқаманд нестанд, балки танҳо соҳаи фаъолияти иқтисодиро, ки дар он ҷо онҳо амалӣ мегарданд, нишон дода мешаванд.

Ногуфта намонад, ки мафҳуми «сармоягузорӣ» аллакай чанд вақт аст, ки ба дастгоҳи меъёрии илми иқтисоди ҷаҳонӣ ба таври устувор ворид гардидааст. Дар илми иқтисодии ватанӣ бошад, муддати дароз ақидае буд, ки истилоҳи мусовӣ, яъне монанд ба «сармоягузорӣ» - ин мафҳуми «маблағгузории капиталӣ» мебошад.

Дар адабиёт мафҳумҳои сармоягузории мустақим ва портфелӣ ба таври васеъ истифода карда мешаванд. Мафҳумҳои мазкур бо мавқеи ҳуқуқии «сармоягузорӣ» алоқаманд буда, ба мафҳумҳои сармоягузории аслӣ ва молиявӣ кам мутобиқат мекунанд. Аммо ҷудоии сармоягузорӣ ҳатман бо мафҳуми ҳуқуқии «сармоягузорӣ» алоқаманд нест ва метавонад танҳо мазмуни иқтисодии онро инъикос намояд. Дар адабиёти хориҷӣ худи ҷудоии сармоягузорӣ ба мустақим ва портфелӣ, бо рушди бозори коғазҳои қиматнок ва махсусан бо институтҳои тахассусие, ки барои сармоягузории коллективӣ (фондҳои сармоягузорӣ) таъйин гардидаанд, алоқаманд мебошанд. Портфели коғазҳои қиматноки институтҳои мазкур махсус барои кам кардани таваккалҳое, ки бо гузоштани сармоя ба коғазҳои қиматнок ва амалигардонии шартномаҳо бо коғазҳои қиматнок алоқаманд мебошанд, ташаккул мегарданд.

Тадқиқоте, ки аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, нишон медиҳад, ки дар назария ва амалияи иқтисодии муосир мафҳуми ягонаи сармоягузории мустақими хориҷӣ, аз он ҷумла фарқияти аниқи онҳо аз сармоягузории портфелӣ вуҷуд надорад.

Мувофиқи таснифоти UNCTAD, сармоягузории мустақими хориҷӣ он сармоягузориҳои хориҷиро дар бар мегирад, ки муносибатҳои дарозмуддати байни шариконро пешбинӣ менамояд. Аз он ҷумла, иштироки устувори агенти иқтисодиро аз як кишвар (сармоягузори хориҷӣ ё «фирмаи асосӣ» ва аз тарафи ӯ назорат аз болои ташкилоти хоҷагие, ки дар дигар давлат, яъне давлате, ки ҷои зисти сармоягузор низ намебошад, дар бар мегирад [8, с.27].

Ба сармоягузории хориҷии мустақим одатан дохил менамоянд (расми 2):




**Расми 2. Намудҳои сармоягузориҳои хориҷӣ**

Сармоягузории портфелӣ, тибқи маълумоти UNCTAD, сармоягузориҳоеро дар бар мегирад, ки барои хариди саҳмияҳое, ки ба сармоягузорон ҳуқуқи таъсир расонидан ба фаъолияти корхонаҳоро намедиҳанд ва камтар аз 10% сармояи умумии корхонаро ташкил медиҳанд. Ба онҳо харид ва дастрасии вомбаргҳо, векселҳои мубодилавӣ ва дигар уҳдадориҳои қарзӣ дохил мешаванд.

Чӣ тавре ки таҳлил нишон медиҳад, дар аксари давлатҳои ҷаҳон ҳиссаи 10% ва бештар аз он дар сармояи оинномавии ширкати хориҷӣ сармоягузории мустақими

хориҷӣ дониста мешавад. Дар баъзе мавридҳо (масалан Олмон, Британияи Кабир) ин ҳадди 20% аст, дар ҳоле ки ҳамаи муомилоти сармояи хурдтар сармоягузориҳои портфелӣ мебошанд. Ба далели ин тафовут байни кишварҳо, омори сармоягузории мустақими хориҷӣ на ҳамеша мувофиқ аст. Дар натиҷаи ин гуна фарқиятҳо омори сармоягузории мустақими хориҷӣ байни кишварҳо на ҳамеша ба ҳамдигар мувофиқ меояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, масъалаҳои ҷалби сармоягузорӣ дар мадди аввал дар қонунҳо ва барномаҳои махсусе, ки барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ таҳия ва қабул шудаанд, дарҷ гардидаанд.

Барои ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ба роҳ монда шудааст. Мамлакат узви Созмони ҷаҳонии тиҷорат, Конвенсияи СММ дар бораи эътирофи қарорҳои судҳои ҳакамии хориҷӣ, Конвенсияи Гаага дар бораи қонунигардонии ҳуҷҷатҳои давлатии хориҷӣ гардид. Дар самти хусусигардонии моликияти давлатӣ, дастрасӣ ба маблағгузорӣ, инфрасохтори рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ, сифат ва бехатарии маҳсулот, модернизатсияи хизматрасонии давлатӣ ба соҳибкорону сармоягузорон корҳои мушаххас анҷом дода шуданд [2, с.33].

Бинобар ин, дар асоси таҳлили адабиёти хориҷӣ ва қисман ватанӣ чанд гуна усулҳои ба гурӯҳ ҷудокунии сармоягузорӣ дида мешавад (расми 3).




**Расми 3. Субъектҳои сармоягузорӣ**

Агар аз рӯи таъсирнокӣ бошад, аксарияти олимони хориҷа сармоягузориро ба чор категория ҷудо мекунанд.

1. Сармоягузории мустақими фаъол (ҳангоми мавҷуд будани субъектҳои сармоягузорӣ ва объектҳои сармояшаванда, ки бо субъекти татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ мутобиқат менамояд);
2. Сармоягузории омехта (вақте ки субъект ва объекти сармоягузорӣ дар ҷараёни амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ ба ҳамдигар таъсир мерасонанд);

3. Сармоягузории воридшавандаи ғайримустақим (вақте ки сармоягузор ба объекти сармоягузорӣ бо роҳи ба даст овардани як қисми саҳмияҳо ё амволи корхона маблағгузорӣ менамояд);

4. Сармоягузории мустақими ғайрифаъол (ҳангоми мавҷуд будани субъекти сармоягузорӣ ва объекти сармояшаванда, ки бо субъекти татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ мутобиқат наменамояд).

Имрӯз вазифаи ҳар як давлат - ин на танҳо ҷалб намудани сармояи хориҷӣ мебошад, балки ин сармоя бояд самаранок истифода бурда шавад. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, аз ҳама намуди сармоягузориҳо ин сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мебошанд, ба монанди сармоягузории бонкӣ, сармоягузории корпоратсияҳои фаромилалӣ ва ширкатҳои бузург, инчунин ширкатҳои миёна ва хурд мебошанд, ки ҳадафҳои татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузориро ба воситаи ташкили истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот амалӣ менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Балабанов И.Т. Риск-менеджмент /И.Т. Балабанов. - М.: Финансы и статистика, 1996.
2. Барномаи сармоягузории давлатӣ барои солҳои 2015-2025. Аз 2 сентябри соли 2021. №358. Боби 2. Банди 33.
3. Гитман Л.Дж. Основы инвестирования /Л.Дж. Гитман, М.Д. Джонк // Академия народного хозяйства при Правительстве Российской Федерации. - Москва. Издательство «Дело». - 1999. – С.35.
4. Мадиярова Д.М. Стратегия формирования внешнеэкономической деятельности /Д.М.Мадиярова. - Алматы: Экономика, 1999. -184 с.
5. Марголин А.М. Финансовое обеспечение и оценка эффективности инвестиционных проектов /А.М. Марголин. - М.: Мелиорация и водное хозяйство, 1997. - 5 с.
6. Самуэльсон П. Экономика. -Т.1 и 2. /П. Самуэльсон. - М.: МГП "Алгон". 1992. - 799 с.
7. Сафаров, Б. Г. Формирование механизма привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан / Б. Г. Сафаров, Д. К. Ходжаев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 2(27). – С. 70-78. – EDN NUWFLJ.
8. Тагоев Дж.Х. Пути активизации инвестиционной деятельности предприятий (на примере сельскохозяйственных предприятий РТ) /Дж.Х. Тагоев. - Душанбе: Ирфон, 2009. – 130с.
9. Цветков Н. На мировом рынке инвестиционных капиталов Н.Цветков // Инвестиции в России. - 1997. - № 11. – С.27-32.
10. Шарипов У.А. Использование инвестиционного потенциала регионов Республики Таджикистан как основной фактор развития энергетического сектора /У.А. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. - 2022. - №2. - С.56-63.
11. Шарипов У.А. Иинвестиционные риски в энергетике Республики Таджикистан: методы управления и их оценка на региональном уровне /У.А. Шарипов, З.М. Зиёев //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. - 2022. - №8. - С.37-45.
12. Шарипов, Б. М. Роль валютного сегмента финансового рынка Таджикистана в изменении модели национальной экономики / Б. М. Шарипов, Б. М. Джураев, С. Зарифзода // Вестник Таджикского национального

университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 2. – С. 157-163.

**УДК**: 339.5.

# МОҲИЯТ ВА ЗАРУРАТИ ЗИРОАТКОРИИ САРФАКУНАНДАИ ИҚТИДОРИ ЗАМИНҲОИ ЛАЛМИИ КӮҲИСТОНИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

***Азизов Бадриддин Мирзовалиевич*** *- муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға*: 735320, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *ноҳияи Данғара*, *кӯчаи Марказӣ*. *Тел.*: 933445965, *е*-mail: Badriddin Aziz@mail.ru.

*Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи самараноки сарфакунандаи иқтидори захираҳои заминҳои лалмӣ дар сатҳи минтақаи Кӯлоб мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии минтақаи Кӯлоб баҳри рушди вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақа ба ҳисоб рафта, дар он мавқеи муҳимро заминҳои корам ишғол менамоянд. Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки мушкилоти асосии истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва дар амал татбиқ намудани имкониятҳои иқтисодии он, дар бештари мавридҳо аз вазъи молиявии соҳаи кишоварзӣ бо назардошти таъсири омилҳои гуногуни нархӣ ва ғайринархӣ вобаста буда, зарурат пеш омадааст, ки самаранок ва сарфакорона истифодабарии заминҳо дар айни замон ниҳоят бомаврид мебошад.*

*Бо назардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он асосан минтақаи Кӯлоб кӯҳистон мебошад, зарур муаллиф зарур шуморидааст, ки мушкилоти ташкил ва рушди кишоварзии кӯҳӣ ҳамчун намуди махсуси «зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин» қарор гирад.*

***Калидвожаҳо***: *иқтисодиёти минтақа*, *кишоварзӣ*, *захираҳои замин*, *минтақаи Кӯлоб*, *истифодаи самаранок*, *имкониятҳо*, *маҳсулоти кишоварзӣ*, *дастгирии молиявӣ*, *минтақаҳои кӯҳӣ*, *заминҳои лалмӣ*.

# ЗНАЧЕНИЕ И НЕОБХОДИМОСТЬ РЕСУРСОСБЕРЕГАЮЩЕГО ЗЕМЛЕДЕЛИЯ В БОГАРНЫХ ГОРНЫХ УСЛОВИЯХ КУЛЯБСКОЙ ЗОНЫ

***Азизов Бадриддин Мирзовалиевич*** - *старший преподаватель кафедры бухгалтерского учёта и налогообложения Дангаринского государственного университета. Адрес*: 735320, *Республика Таджикистан*, *Дангаринский район*, *ул.Маркази. Тел.*: 933445965. E-mail:Badriddin Aziz@mail.ru.

*В статье исследуются теоретические и практические аспекты эффективного использования потенциала ресурсов богарных земель на региональном уровне Куляба. Следует отметить, что аграрный сектор считается одним из приоритетных отраслей экономики Кулябской области для развития социально-экономического положения региона, и пахотные земли занимают в ней важное место. При этом следует подчеркнуть, что основная проблема рационального использования земельных ресурсов и реализация их экономических возможностей в большинстве случаев зависит от финансового положения аграрного сектора с учетом влияния различных ценовых и неэкономических факторов, и существует необходимость эффективного и экономного использования земли, что очень важно в настоящее время.*

*Учитывая тот факт, что Республика Таджикистан и ее регионы представляют собой преимущественно горную Кулябскую область, мы считаем необходимым решить проблемы организации и развития горного земледелия как особого вида «землесберегающего земледелия».*

***Ключевые слова***: *экономика региона, сельское хозяйство, земельные ресурсы, Кулябский регион, эффективное использование, возможности, сельскохозяйственная продукция, финансовая поддержка, горные регионы, богарные земли.*

## ESSENCE AND NECESSITY OF RESOURCE-CONSERVING AGRICULTURE IN DRY MOUNTAIN CONDITIONS OF THE KULOB ZONE

Azizov Badriddin Mirzovalievich – Senior Lecturer, Department of Accounting and Taxation, Dangara State University. Address: 735320, Republic of Tajikistan, region Dangara, Central street. Tel: 933445965, *e*-mail:Badriddin Aziz@mail.ru

The article examines the theoretical and practical aspects of the effective use of the potential of rainfed lands at the regional level of Kulob. It should be noted that the agricultural sector is considered one of the priority sectors of the economy of the Kulob zone for the development of the socio-economic situation of the region, and arable land occupies an important place in it. It should be emphasized that the main problem of the rational use of land resources and the realization of their economic opportunities in most cases depends on the financial situation of the agricultural sector, taking into account the influence of various price and non-economic factors. price factors, and there is a need for efficient and economical use of land, which is very important nowadays.

Considering the fact that the Republic of Tajikistan and its regions are predominantly the mountainous Kulob zone, we consider it necessary to solve the problems of organizing and developing mountain agriculture as a special type of “land-saving agriculture”.

Key words: Economy of the region, agriculture, land resources, Khatlon region, efftcient use, opportunities, agricultural products, financial support, mountainous regions, rainfed lands.

Хусусияти хоси рушди кишоварзии лалмии кӯҳистон, ки аз тарзи истеҳсоли осиёӣ сарчашма мегирад, афзоиши табиии аҳолӣ, бартарии аҳолии деҳот дар якҷоягӣ бо маҳдудияти захираҳои замин вобаста мебошад. Анъанаҳо, расму оинҳои халқ, маданият ва тафаккури иқтисодии онҳо хусусиятҳои муҳими ҷумҳурӣ мебошанд. Онҳо, инчунин дар тарзи истеҳсоли осиёӣ (шакли коллективии меҳнат ҳамчун соҳибкори коллективӣ) рушд ёфта, ҳамзамон худро ба усулҳои фаъолияти хоҷагидорӣ боқӣ мемонад. Аз ин нуқтаи назар бояд қайд кард, ки моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии «зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин», ҳамчун шакли нави истифодаи самараноки ҳудудҳои деҳоти кӯҳию лалмии ҷумҳурӣ муносибати навро ба масъалаҳои рушд ва ҷойгиронии неруҳои миллии истеҳсолкунанда дар ягонагӣ бо шаклҳои гуногун ва намудҳои муносибатҳои истеҳсолӣ бо назардошти хусусиятҳои муносибатҳои бозорӣ тақозо мекунад.

Аз ин рӯ, омӯзиши имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон барои ташкил ва рушди соҳаи "истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ" бо соҳаҳои пешрафтаи растанипарварӣ ва чорводорӣ дар сохтори иқтисоди миллӣ имконият фароҳам меорад.

Ба андешаи мо, таҳкими нақши давлат дар гузаронидани сиёсати иқтисодӣ нисбати мушкилот дохил намудани ҳудудҳои кӯҳӣ ба гардиши муфиди хоҷагидорӣ бо мақсади татбиқи ҳадафҳои миллӣ зарур аст:

а) таъмини амнияти иқтисодии кишвар;

б) ҳалли масъалаҳои таъсиси заминаи мустаҳками озуқаворӣ дар рушди ҷумҳурӣ.

Ин тамоил якчанд хусусиятҳои асосии давраи гузаришро дар ҷумҳурӣ инъикос мекунад:

1). Нақши давлат дар рушди ҳудудҳои кӯҳӣ муайян карда нашудааст.

2). Камтаҷрибагии шаклҳои моликият ва шаклҳои хоҷагидорӣ тавозуни байни танзими давлатӣ ва худтанзимкунии бозори иқтисодиёти хоҷагиҳои кӯҳиро таъмин карда наметавонанд.

Сабабҳо инҳоянд:

а) ҷудокунии нисбии иқтисодиёти кӯҳӣ аз манфиатҳои умумимиллӣ;

б) нархи баланди молҳои ба ноҳияҳои кӯҳӣ расонидашаванда;

в) афзоиши назарраси ақибмонии минтақаҳои кӯҳӣ ва ноҳияҳо аз ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодӣ.

Зери мафҳуми «зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин», ки хусусияти тарзи ҳаёти аҳолӣ ва иқтисодиёти миллии вобаста ба истифодаи самараноки қитъаи заминҳои кӯҳӣ, наздикӯҳӣ ва доманакӯҳҳо фаҳмида мешавад. Сухан дар бораи он намеравад, ки «зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин» ин шакли нави иқтисодиёти деҳот аст. Сухан дар бораи гузариш ба «зироаткории сарфакоронаи иқтидори замин» меравад, ки таҳти он истифода бурдани ҳар як порча замин, обу манбаъҳои об, қувваи арзони корӣ, имконияти ба муомилоти хоҷагии фоиданок дохил намудани заминҳои дар минтақаҳои баланди байникӯҳӣ, дар канори роҳҳо воқеъгардида, имконияти дар ду соҳили дарёҳо ба вуҷуд овардани заминҳои нав бо роҳи кашонидани хок аз минтақаҳои водигӣ ва ғайра бо мақсади ташкили кишоварзии серсоҳа ҳамчун асоси гузаштан ба «зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин» фаҳмидан мумкин аст. Ин намудҳои кишоварзӣ метавонанд (кишоварзии кӯҳӣ, кишоварзии лалмӣ, кишоварзии наздишаҳрӣ, кишоварзии водигӣ ва ғайра) бошанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки "самаранокии иқтисодии зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин" маҷмуи намудҳои гуногуни иқтисодиёти деҳот аст ва ба он кишварҳое хос аст, ки дар иҳотаи кӯҳҳо ҳастанд ва ба баҳру уқёнусҳо дастрасӣ надоранд, роҳҳои фаромиллии ба стандарти байналмилалӣ ҷавобгӯ надоранд ва асосан аз бозорҳои ҷаҳонӣ ҷудо карда шудаанд. Ин ва як қатор сабабҳои дигар объективона аз олимон, иқтисоддонҳо ва алалхусус, олимони соҳаи иқтисодиёти кишоварзӣ на танҳо ҷумҳурӣ, балки намояндагони илми ҷаҳонӣ чунин моделҳои рушдро бояд таҳия ва пешниҳод кунанд, то кишварҳои кӯҳӣ дар баробари дигар кишварҳои ҷаҳон устуворона рушд кунанд. Аҳамияти кишварҳои кӯҳӣ, ки дорои релефи бойи кӯҳистонианд, аз он иборат мебошад:

1. Метавонанд дар бозорҳои ҷаҳонии аграрӣ маҳсулоти озуқавории аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бонуфузро таъмин кунанд;

2. Кишварҳои кӯҳӣ тавассути рушди оқилонаи «зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин» ҳамчун асоси иқтисодиёти бисёршаклаи деҳот метавонанд, ҳамзамон омили рушди хоҷагии халқи ҷаҳон гардад.

Аз ин рӯ, ҳар як таърифи иқтисодиёти деҳот аз ҷиҳати методологӣ дуруст ва аз ҷиҳати назариявӣ самаранок хоҳад буд. Бо назардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он асосан минтақаи Кӯлоб кӯҳистон мебошад, зарур мешуморем, ки ба мушкилоти ташкил ва рушди кишоварзии кӯҳӣ ҳамчун намуди махсуси «зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин» қарор гирад.

Дар шароити Тоҷикистон ҳанӯз гузаштагони мо, инчунин олимони пешқадам, ки мушкилоти рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷумҳуриро таҳқиқ намуда, ба иқтидори табиию захиравии он далелҳои арзишманд додаанд, имрӯз метавонанд ҳамчун барномаи махсуси ташкил ва рушди «самаранокии иқтисодии зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин» ҳамчун асоси рушди ҳамаи намудҳои иқтисодиёти деҳот мусоидат намоянд.

Дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна дар Тоҷикистони Ҷанубӣ одамон на танҳо ба кишоварзӣ, зироаткорӣ ва чорводорӣ, балки ба намудҳои гуногуни ҳунарҳо низ бомуваффақият машғул буданд. Истеҳсолоти бофандагӣ низ рушд карда буд, ки дар

он намудҳои гуногуни матоъҳои пашмин ва пахтагӣ, сафолӣ, кӯлолгарӣ, истеҳсоли шиша коркард карда шуданд [2, с. 27].

Аз нуқтаи назари илмӣ-назариявӣ ва методологӣ нишон додани мавқеи минтақаи Кӯлоб дар дурнамои рушди ҷумҳурӣ бениҳоят муҳим аст. Бояд қайд намуд, ки роҳи ҷаҳонии Абрешим, тавре ки дар сарчашмаҳои таърихӣ таъкид шудааст, аз ин минтақа гузаштааст, сокинони минтақа бо дигар минтақаҳо робитаҳои наздики тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ доштанд.

Бояд он ҳақиқатро эътироф кард, ки дар бисёре аз соҳаҳо мушкилот ва монеаҳо дар гузариш ба "зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин" монеъ мешаванд. Ҳанӯз мушкилоти зиёде мавҷуданд, ки ҳалли худро талаб мекунанд ва бо сабаби маҳдуд будани имкониятҳои иқтисодӣ ва молиявӣ, ҳалли онҳо кори душвор мегардад ва иштироки фаъоли олимони аграриро талаб мекунад.

Таҳлили ҷиддӣ ва намоиши дурнамои рушди кишоварзии ноҳияҳои минтақа, омӯзиши имкониятҳо ва шароити мусоиди он воқеъбинона таҳияи модели «самаранокии иқтисодии зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин»-и шакли минтақавиро талаб мекунад.

Бо вуҷуди ин, барои пурра ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои "самаранокии иқтисодии зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин" бояд корҳои зиёде анҷом дода шаванд ва қадамҳо ва ташаббусҳои воқеӣ андешида шаванд. Аз ин рӯ, вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи сохторҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия ва ҳар як сокин ҳангоми такя ба таҷрибаи ҷаҳонии хоҷагидорӣ ва илм бояд татбиқи амалии ин модел дар шароити муҳити бисёрсоҳа бошад.

Мо ҳамаи ин далелҳоро бо як мақсад овардем, то таъкид намоем, ки дар шароити истиқлолият ва гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ масъулияти вазифаву мушкилот бояд бе истисно рушди ҳама намудҳо ва шаклҳои зироаткории сарфакунандаи иқтидори замини минтақа бошанд.

Ба ин маъно, тафсирҳои ҳам назариётшиносон ва ҳам таҷрибаомӯзон низ ба таври афсонавӣ беасосанд, ки мувофиқи он истифодаи имкониятҳои рушди соҳаҳои анъанавии иқтисодиёти деҳот, аз ҷумла «зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин» бо роҳи рушди стартегӣ амалӣ гардад. Сухан дар бораи он меравад, ки байни кишоварзии «кӯҳнашуда» ва «нав» мукаммалӣ, ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобила ба ҳамдигар нигоҳ дошта шудаанд ва бояд то ҳол боқӣ монанд, зеро тавлидкунандаи иқтисоди аграрӣ худи халқ, қобилияти он ба истифодаи оқилонаи ҳудуди худ, майдонҳои муфид, неъматҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ ва фарҳанги эҷодкардаи ӯ мебошад. Сухан дар бораи он меравад, ки дар шароити соҳибистиқлол мо бояд на танҳо дорои кишоварзии самарабахш, балки "кишоварзии сарфакоронаи иқтидори замин" бо роҳи рушди иқтисодиёти бисёрҷонибаи деҳот бошем, ки онро агар дигар хел карда гӯем, ҳамчун "кишоварзии сарфакунандаи заминҳои аз гардиши кишоварзӣ бозмонда" номидан мумкин аст, зеро иқтисодиёти аграрӣ шохаи асосии хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Фридрих меандешад, ки «Зироаткорӣ - ин санъат буда, бидуни он на тоҷирон, на дарбориён, на подшоҳон, на шоирон ва на файласуфон вуҷуд надоранд, танҳо он сарвати ҳақиқӣ аст, ки замин истеҳсол мекунад. Касоне, ки заминҳои худро обод мекунад, онҳоро аз ҷаҳолат бармегардонад». [2, с. 45].

Инчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуданд, ки «Се ҳазор сол қабл, - патриархи заминдорони Сайёраи Заратустра дар китоби муқаддаси худ «Авесто» меҳнати деҳқонон ва муқаддасии онро машҳур намуда, гуфтааст: «Замин манбаи ҳаёт ва идомаи он аст. Касе, ки заминро шудгор мекунад ва онро мекорад, ба замин фоидаи калон меорад. Замин бошад, дар навбати худ, мегӯяд: «Инсоне, ки маро

кишт мекунад, - ман ҳамеша ӯро бо озуқа таъмин хоҳам кард, ҳаркӣ дар рӯи замин гандум мекорад, ба касе монанд аст, ки ҳаёт ва некӣ мекорад» [4, с. 18].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши ҳалкунандаи истеҳсоли ғалла ва маводи тухмии ватанӣ ва нақши мақомоти ҳокимият ва муассисаҳои илмиро дар ин ҷода арзёбӣ намуда, таъкид намудаанд: «Талабот ба тухмипарварӣ ва банақшагирии ҷиддии истеҳсоли маводи тухмӣ бояд пурзӯр карда шавад», «Дар ҷараёниислоҳот мо бояд таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонро омӯзем ва самтҳои асосии стратегияи рушди соҳаи кишоварзиро муайян кунем». [4, с. 21].

Ҳамаи ин гуфтаҳо ба таври объективӣ муайян кардани мавқеъ ва истифодаи ояндадори иқтидори табиӣ-захиравиро ба манфиати кишвар ва иқтисодиёти он талаб мекунад. Дар ин ҷо, бидуни такя ба назарияи иқтисодӣ ва алахусус, назарияи хоҷагии деҳқонии Русия, ки онро академик А.В. Чаянов таҳия кардааст, қаноат нахоҳем кард, ки моҳияти он дар рушди шаклҳои гуногуни кооператсияи кишоварзӣ иборат мебошад. Такя ба мероси классикони назарияи иқтисодӣ имкониятҳои нави рушди кишоварзӣ ва тамоми иқтисодиёти миллиро боз мекунад.

Ба ақидаи Чаянов В., дар кооператсия «оптимуми дифференсиалӣ» вуҷуд дорад ва аз он иборат аст, ки барои ҳар як соҳае, ки ба хоҷагӣ ба сифати унсури он дохил мешавад, андозаи оптималии он мавҷуд аст. [7, с. 78].

Бо такя ба таснифи кооперативҳо аз рӯи гурӯҳҳои умумии равандҳои хоҷагидорӣ, ки аз ҷониби А.В. Чаянов дода шудааст, мо онро ба қадри имкон дар намуди модел бо номи умумии «Модели Чаянов" (ба таври мухтасар - МЧ) (нақшаи 1) тасвир кардем, ки барои ташкили намудҳои гуногуни кооперативҳои кишоварзӣ оид ба истифодаи ҳудудҳои кӯҳӣ ва лалмикорӣ ва махсусан, барои истифодаи самараноки ҳудуди минтақаи Кӯлоб, ки асосан минтақаи аграрии ҷануби ҷумҳурӣ муофиқаткунанда мебошад, истифода барем. Дуюм, дар шароити бозор ин шакли меҳнат ва истеҳсолот, яъне кооперативҳои кишоварзӣ, зудамалкунанда буда, ба талаботи аҳолӣ ва бозор ҷавобгӯ мебошанд. Сеюм, онҳо метавонанд омилҳои шуғли муфиди аҳолии маҳаллӣ ва истифодаи самараноки захираҳо шаванд.

Аз расми 1 дидан мумкин аст, ки хусусиятҳои тарзи ҳаёт ва психологияи деҳқонон ва кишоварзон ғайриимкон аст. Барои пешбурди устувори кишоварзӣ ва рушди он бояд дастгирии давлат дар madди авал бошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки афзоиши гардиши мол, ташкили фурӯш ва коркарди кооперативии маҳсулоти зироаткорӣ, ташкили шаклҳои гуногуни кооператсияи гӯшту шир, истифодаи самараноки агро-лизинг, ташкили шарикии мошинсозӣ ва мелиоративӣ, кори суғуртавӣ ва принсипҳои бунёди дастгоҳи кооператсия омилҳои махсуси рушди кишоварзии бисёрҷонибаи минтақавӣ хоҳанд буд.




**Расми** 1. **Чараёни истифодаи захираҳои замин**
**Коркарди муаллиф**.

Аз нақша дида мешавад, ки дар марҳилаи тағйирёбии сохтории кишоварзии минтақа дар шароити бозор, чӣ гуногунии нодири табиӣ-иқлимӣ ва ҳудудӣ доранд, азхудкунӣ ва рушди онҳо бо роҳи ташкили шаклҳои хусусии оилавии иҷора, истифодаи қарзҳои хурд ва лизинг ҳамчун омили рушди ҳудудҳои деҳот, ворид кардани онҳо ба гардиши иқтисодии муфиди соҳилҳои дарёҳо хеле муҳим аст.

| Намудҳои фаъолият ва таркиби онҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Намуди водигии зироаткории сарфакунанда и замин | Намуди лалмии зироаткори сарфакунанда и замин | Шакли кӯҳии зироаткории сарфакунанда и замин | Шакли наздишаҳрии зироаткории сарфакунанда и замин | Шакли хусусии оилавии зироаткории сарфакунанда и замин |

**Расми** 2. - **Сохтори зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин**
**Сарчашма**: **таҳияи муаллиф**.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳонии муосир барои ноҳияҳои минтақа имконияти рушди устувори иқтисодиёти хурди деҳоти намудҳои гуногун, яъне хурд - "кӯҳӣ", "лалмӣ", "наздишаҳрӣ", "водигӣ" ва инчунин, навсозии онҳо кушода мешавад. Дар ин ҷо муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди шаклҳои зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин на танҳо барои минтақа, балки бо назардошти манфиатҳои бозор низ муҳим аст. Ёдовар мешавем, ки байни ин намудҳои фаъолият бояд муттасилӣ вуҷуд дошта бошад. Дар шароити минтақа шаклҳои «кӯҳӣ», «наздишаҳрӣ» ва «лалмикорӣ» ба тамоми кишоварзии минтақа хосияти нав бахшида,

ба сохтори иқтисодиёти минтақа дар маҷмуъ, ворид шуда, онро тағйир медиҳад. Амиқии мафҳум ва вазифаҳои функсионалии онро дар шароити нави хоҷагидорӣ васеъ менамояд, ки аз нуқтаи назария ва амалия ноил шудан ба худтаъминкунии озуқаворӣ минтақа хеле муҳим аст.

Аз ҷониби олимони агроиқтисодӣ на танҳо масъалаҳои таъсис, балки манфиатдории моддии кормандони соҳаи кишоварзӣ дар рушди истеҳсолот кам таҳқиқшуда боқӣ мемонад.

Чаянов В. қайд менамояд, «Барои роҳ надодан ба баробарии ҳамаи кормандон оид ба бадтарин, ё рӯҳбаландии кории тамоми коллектив ё чунин системаи ташкили меҳнат ва ҳавасмандгардонии он, ки шиддатнокии зарурии кори ҳар як иштирокчии коллективро таъмин мекунад, зарур аст. [7, с. 79].

Қайд намудан зарур аст, ки дар асарҳои олимони ғарб ва оид ба омӯзиши сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷуғрофии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтааст. Дар давраи пеш аз инқилоб муаллифони монографияи коллективӣ “Тоҷикистон - захираҳои табиӣ” нашр намудаанд.

Ба ақидаи мо, самаранок ва оқилона истифодабарии иқтидори захираҳои табиии ҷумҳурӣ, аз ҷумла замин ва об дар минтақаҳои он, инчунин, махсусгардонӣ, ташкил ва рушди КАС-и ҷумҳурӣ саҳми олимони иқтисоддонҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ нақши муҳим бозидааст.

Дар хулоса барои рушди самаранокии зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин чунин пешниҳодҳо менамоям:

1. Дар минтақаи Кӯлоб ва дар ҳудудҳои он заминҳои васеи баландкӯҳ, байникӯҳӣ, лалмӣ ва наздишаҳрии мавҷуданд, ки барои рушди самараноки зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин, ҳамчун шароити табиию иқлими мусоидаткунанда мувофиқат мекунад. Барои ин ба таври куллӣ ислоҳот даровардани муносибатҳои моликият, ташкил ва идоракунии кишоварзӣ зарур аст;

2. Маданияти дуруст истифодабарии заминдорӣ, ки дар даврони пеш аз ИШ замима гузошта, инчунин ҳамкорӣ бо олимони кишварҳои хориҷӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, аз ҷумла таҷрибаи ташкили "самараноки зироаткории сарфакунандаи иқтидори замин" дар Ҳолланд, Канада, Ҷопон, Чин, Олмон, Эрон, Исроил, Федератсияи Россия ва ғайра бояд дар фаъолияти тадқиқотии олимони ҷумҳурӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ самти пурра гардад. Бе чунин равиш, ноил шудан ба натиҷаҳои баланди иқтисодӣ ва таъмин намудани афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар ғайриимкон мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Авакян Г.Е. Люди и горы /Г.Е. Авакян – М., 1989. - 350 с.

2. Ғафуров Х. Тоҷикистон дар охири асри XXI: Президент Эмомалӣ Раҳмон ва иқтисодиёти миллӣ / Х. Ғафуров. - Душанбе, 1999.

3. Ильичев Б.А. Географический анализ трансформации горных территорий: итоги науки и техники / Б.А. Ильичев – М., 1988.- Т.18. - 325 с.

4. Рахмонов Э. О неотложных мерах по стабилизации и развитию агропромышленного комплекса страны / Э. Рахмонов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе.- -2000. - №1.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои милат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021 с.

6. Шарипов У. Иқтисодиёти кишоварзӣ / У. Шарипов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 227 с.

7. Чаянов А.В. Основные идеи и формы сельскохозяйственной кооперации. 2-е изд / А.В. Чаянов - М.: Книгосоюз, 1927. - 345 с.

**УДК**: 332

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ ИНВЕСТИТСИОНӢ ДАР РУШДИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ МАМЛАКАТ

***Тоҷиддинов Меҳриддин*** - *унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *ш. Душанбе*, *кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел.*: 93-175-44-75.

***Сайфиддинов Фирдавс*** - *сармутахассиси шуъбаи рабитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *ш. Душанбе*, *кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел.*: 904-29-23-80.

*Дар мақола моҳият ва аҳаммияти истифодаи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дида баромада шуда, дар он муаллифон кӯшиш кардаанд, ки муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли мушкилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намоянд. Таваҷҷуҳи муаллифон ба самте нигаронида шудааст, ки нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар аз тариқи ҷалби лоиҳаҳои инвеститсионӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шавад.*

*Ба муаллифони мақола муяссар гардидааст, ки функсияи назорати давлатиро дар таъмини татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ нишон диҳанд. Дар ин замина, захираҳои ҷойдоштаро барои таъмини рушди низоми таълим ва мунтазамии иқтидори кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат аз нигоҳи назариявӣ бо истифода аз дастовардҳои илмӣ-методӣ пешниҳод намоянд.*

***Калиндвожаҳо***: *лоиҳаҳои инвеститсионӣ*, *таркиб*, *муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ*, *рушд*, *ҷалб*, *назорати давлатӣ*, *таълим*, *кадр*.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РЕАЛИЗАЦИИ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ В РАЗВИТИИ ВУЗОВ СТРАНЫ

***Тоджиддинов Мехриддин*** - *соискатель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан*, *г. Душанбе*, *ул.Нахимова*, 64/14. 64/14. *Тел.*: 93-175-44-75.

***Сайфиддинов Фирдавс*** – *специалист отдела международных отношений Таджикского государтсвенного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан*, *г. Душанбе*, *ул.Нахимова*, 64/14. *Тел.*: 904-29-23-80.

*В статье авторами были рассмотрены сущность и важность использования инвестиционных проектов в учреждениях высшего профессионального образования, в которых попытались рассмотреть проблемы и пути решения развития учреждений высшего профессионального образования Республики Таджикистан. Внимание исследователей сосредоточено в том направлении, что будет исследована и изучена роль высших профессиональных учебных заведений Республики Таджикистан в социально-экономическом положении страны от тарифа на привлечение инвестиционных проектов.*

*Авторам статьи удалось продемонстрировать функцию государственного контроля в обеспечении реализации инвестиционных проектов. В данном контексте показать имеющиеся ресурсы для обеспечения развития системы образования и регулярности кадрового потенциала в учреждениях высшего профессионального*

*образования страны с теоретической точки зрения с использованием научно-методических достижений и предложений.*

***Ключевые слова***: *инвестиционные проекты, состав, высшие учебные заведения, развитие, привлечение, государтсвенный контроль, обучение, кадр.*

## THEORETICAL BASIS OF IMPLEMENTATION OF INVESTMENT PROJECTS IN THE DEVELOPMENT OF HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS OF THE COUNTRY

Tojiddinov Mehriddin - aspirant of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Tel.: 93-175-44-75.

Saifiddinov Firdavs -specialist of the department of international relations of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Tel: 904-29-23-80.

The article examined the essence and importance of using investment projects in institutions of higher professional education, in which the author tried to consider the problems and ways to solve the development of institutions of higher professional education in the Republic of Tajikistan. The attention of the author is directed in the direction that the role of higher professional educational institutions of the Republic of Tajikistan in the socio-economic situation of the country from the tariff for attracting investment projects will be investigated and studied.

The authors of the article managed to demonstrate the function of state control in ensuring the implementation of investment projects, in this context, the available resources to ensure the development of the education system and the regularity of human resources in the institutions of higher professional education of the country from a theoretical point of view, using scientific and methodological achievements and proposals to show

Key words: investment projects, composition, higher educational institutions, development, placement, state control, training, personnel.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ татбиқи лоиҳаҳо яке аз воситаҳои муфиди такмили муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад. Аз ин ҳисоб, ҷараёни таълим тавассути ҷалб ва муфид сафарбар намудани захира ва имкониятҳои ҷойдоштаи маблағгузорӣ дар соҳаи маориф муътадил мегардад. Мутобиқ ба маълумотҳои коршиносон, то имрӯз ҳаҷми маблағгузории лоиҳаҳои грантии барномаи грантҳои озмунӣ дар соҳаи маориф 850 миллион сомонӣ (8,5 миллион доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад. Бинобар ин, таҳқиқот дар ин самт мубрам буда, ин кӯшиш намудан дар самти ҳалли вазифаҳои консептуалӣ ва амалие мебошад, ки ҳалли онҳо самаранокии татбиқи лоиҳавиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардонанд.

Бо вусъат пайдо кардани самаранокии лоиҳавӣ дар ин самт кор нисбатан фаъол гардида, дар ниҳояти кор, маънои эҳтимолияти баланди рушди низоми таълим пайдо мекунад. Боиси устувор пеш рафтани фаъолияти омӯзишӣ ва мувофиқан ба амал омадани мунтазамии иқтидори кадрӣ аз ҳисоби воридоти маблағҳои лоиҳавӣ дар амал татбиқ карда мешавад. Таъйиноти чунин маблағҳо аслан барои ҳалли муаммоҳо ва таъмини базаи моддию техникии ҷараёнгирии таълим, базаи моддӣ-техникии он ва мувофиқа намудани онҳо бо системаи Болония (Аврупо) дар мамлакат нигаронида шудаанд. Яке аз лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, ки аз тарафи Бонки ҷаҳонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалӣ ва маблағгузорӣ карда мешавад, асосан корҳо дар самтҳои таҳия ва коркарди стандарту барномаҳои таълимӣ, такмили ситемаи дохилии мониторинги сифати таҳсилот, ҷорӣ намудани

технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим, такмили ихтисоси омӯзгорон ва омодагӣ барои аккредитатсияи байналмилалӣ мавриди амал қарор дода шуд.

Объекти таҳқиқот - самтҳои баланд бардоштани истифодабарии лоиҳаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат мебошад. Усулҳои таҳқиқот аз истифодаи систематикунонӣ ва дар маҷмуъ, муттаҳидкунонӣ, муқоисакунӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия, таҳлили оморию эконометрикӣ ва хулосабароӣҳо иборат мебошад. Вазифаи муҳимтарин ин коркарди присипҳои мувофиқ барои гузариш ба роҳи лоиҳавӣ мебошад. Дар ин замина, табдили техника ва таҷҳизот, ҷорӣ намудани технологияи нав дар раванди таълим, вусъат додани рақобати касбӣ, баланд бардоштани талабот ба натиҷаҳои фаъолияти кадрӣ ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат мебошад. Мавриди таҳқиқ қарор додани ҷиҳатҳои консептуалии имкониятҳои лоиҳавӣ бо дигаргуниҳои гуногуни принсипҳои асоснокгардонии илмӣ, хусусиятҳо ва зуҳуроти воқеиро дар бар мегирад. Ҷиҳатҳои гуногуни дарёфт намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи лоиҳа дар муассисаҳои таълимӣ ба дарёфт ва истифодаи имкониятҳои истифоданашуда асос мeёбанд. Исбот кардан лозим меояд, ки на дар ҳама маврид лоиҳаҳо ба ҳаракати самараноки таълим дар кишвар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Аҳаммиятнокии таҳқиқоти мавзуъ аз он бармеояд, ки дар он низоми муфиди идоракунии ҷараёнгирии таълим дар кишвар барои пешниҳод дида баромада мешавад. Бо ин мақсад, нисбатан дуруст ба роҳ мондани гурӯҳбандии захираҳои истифодашаванда, баҳодиҳии гардиши онҳо дар ҷараёни таҳсилот, фаъолнокии кории субъектҳои таълимӣ, ба роҳ мондани назорат аз рӯи маблағҳои лоиҳавӣ, моддӣ, меҳнатӣ омилҳои муайянкунанда баромад мекунанд. Дар натиҷаи таҳлили лоиҳаҳо ва захираҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардонида мешавад, ки соҳаи таҳсилоти кишвар имкониятҳои бештари таъмини самаранокии лоиҳавиро ифода карда метавонад. Алалхусус, ҷиҳате асоснок гардонида мешавад, ки вазъи ҷории таълим ва мунтазамии омӯзиши таълим бештар аз ҳамин соҳа дар робитаи зич бо фаъолияти хизматрасонии лоиҳавӣ ва истифодаи самараноки маблағгузориҳо алоқамандии зич дошта, ҳалли ин муаммо аз тариқи омӯзиш ва таҳқиқи комплексӣ вобаста бошад.

Дар ин самт омӯзиш ва таҳқиқи рафти татбиқи Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» мақоми махсус мегирад.

Лоиҳа бо назардошти истифодаи маблағҳои сарфагардида то 31 октябри соли 2022 аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ва Вазорати молияи ҶТ ба имзо расонида шуда, тибқи он, дар ин давра, ҷиҳати беҳтар намудани шароити таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳаҷми 3,8 миллион доллари ИМА муайян шуда, аз моҳи ноябри соли 2021 оғоз гардид [6]. Лоиҳа аз қисматҳои таркибӣ иборат буда, татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар рушди муассисаҳои таълимӣ мазмуни зеринро мегирад (нигаред ба расми 1).

Ҳамин тавр, дар доираи беҳбудиҳо дар сатҳи институтсионалӣ грантҳои хурд барои баландбардории тахассуси қувваи корӣ муайян карда шуд. Дар ин раванд, додани грант ба муассисаҳои таълимии комилҳуқуқ барои таҳия ва интишори барномаҳо ё курсҳои кӯтоҳмуддати мутобиқ ба бахшҳо, малака ё салоҳияте, ки дар бозори меҳнат муқаррар карда шуд. Ҳамзамон, дар доираи зерқисмати институтсионалӣ барномаи грантҳои озмунӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) мавриди ҷорӣ қарор гирифт. Дар ин самт барои мукаммалгардонии фаъолияти МТОК маблағгузорӣ пешбинӣ гардида, дар доираи Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» ба МТОК грантҳои мақсаднок мавриди истифода қарор гирифтанд.




**Расми 1. - Таркиби лоиҳавии инвеститсионӣ дар рушди муассисаҳо**

Пеш аз ҳама, ин баландбардории мутобиқати барномаҳои академии МТОК ба талаботи бозори маҳаллӣ ва минтақавӣ арзёбӣ гардида, дар ин самт таҷдиди назар ба заминаҳои инфрасохтории таълим дода шуд. Ба монанди нақшаҳои таълимӣ, курсҳои академӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, дастгирии афзоиши касбӣ, таъмири лабораторияҳо, ҷиҳозонидан бо таҷҳизот ва таъмин бо маводи таълимӣ. Вобаста ба ҷиҳатҳои тахассусӣ мутахассисони соҳаи педагогика ва кортаъминкунандагон ба эътибор гирифта шуданд.

Давраи дигар, ин пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ барои дастгирии академӣ ба шумор меравад. Дар ин ҷода, дастгирии донишҷӯён, алалхусус духтарон, бо мақсади мусоидат барои дохилшавии онҳо ба донишгоҳҳои олӣ ва минбаъд бо кор таъмин гардидани онҳо мақоми махсус гирифт. Дар ин замина, имкониятҳое ба эътибор гирифта шуд, ки хизматрасонии пешниҳодшуда дар қатори дигар барномаҳои таълимӣ инфрасохтори таълимиро тақвият диҳанд. Яъне ба таври иловагӣ шароитҳои зиндагӣ, барномаҳои тарбиявӣ, силсилаи лексияҳо барои занҳои дар бозори меҳнат бандбуда, семинарҳо барои дарёфти ҷойҳои корӣ фарогир бошанд. Алалхусус, дар шароити рақамигардонии равияҳои иқтисодӣ ва молиявӣ. Яъне беҳтар намудани шароити таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) бо роҳи ташкили озмун дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо таҷҳизоти технологияи иттилоотӣ ва таҷҳизоти лабораторӣ хеле саривақтӣ бароман намуданд.

Давраи дигари татбиқ ин зерқисмати беҳтар кардани сифат муқаррар гардидааст. Дар ин қисмат вусъат бахшидани иқтидор барои мониторинг ва беҳтар намудани сифати таҳсилоти олӣ муайян карда шуд. Дар ин замина, амалӣ намудани ҳадди ақали стандартҳо барои гузаронидани таҳқиқоти баъдидипломӣ ва ҳисоботдиҳӣ аз рӯи онҳо бо кумаки индикаторҳо, тақвияти иқтидори мақомот ва муассисаҳои таҳсилоти олии дахлдори гирандаи грант барои таъмини кафолати сифат мутобиқи стандарту дастурҳои аврупоӣ барои таъмини сифат дар соҳаи таҳсилоти олӣ, инчунин, таҳия, ҷорикунии пилотӣ ва тасдиқи стандарту дастурҳои нав барои кафолати берунаву дохилии сифат дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ муқаррар карда шуд. Ҳамзамон, ба эътибор гирифтани навсозии барномаҳои таълимӣ дар системаи маориф муайянкунанда баромад намуд. Нишондиҳандаҳои асосӣ дар ин самт, аз он бармеомад, ки дастгирии гирандаи грант дар навсозии барномаҳои таълимӣ дар сатҳи

донишгоҳҳо тавассути амалиёт хизматрасонии муайянро ба роҳ мемонад. Аз ҷумла, гузаронидани пурсиши муфассали кордеҳ ба монанди арзёбии малака дар мавриди қобилияти меҳнат ва маҳсулнокӣ, расонидани кумак дар мавриди таҷдиди назар намудани барномаҳои таълимии давлатӣ барои ҳадди ақал барои гурӯҳҳои муайяни тахассусҳои донишгоҳӣ.

Давраи махсуси татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар рушди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ин арзёбии маблағгузории таҳсилоти олӣ ба шумор меравад. Дар ин ҷода, гузаронидани арзёбии муносибати гирандаи грант ба механизмҳои маблағгузории таҳсилоти олӣ муқаррар гардонида шуд. Дар раванди татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ мониторинг ва назорат, муайян кардани дараҷаи иҷроиши корҳо дар робита ба муайян кардани камбудиҳо ва роҳҳои бартараф намудани онҳо муайянкунанда баромад мекунад. Бинобар ин, идоракунӣ, мониторинг ва арзёбии лоиҳа дар раванди татбиқи лоиҳаҳо қисми асосӣ барои дар оянда устувор ба роҳ мондани чорабиниҳои лоиҳавӣ мебошанд. Дастгирии Вазорати маориф ва илм ҷиҳати ҳамоҳангсозӣ, марбутсозӣ, татбиқ, идоракунӣ, мониторинг ва арзёбии аз тариқи таъминоти мол, хизматрасонии машваратчиён, хизматрасониҳои ғайримашваратӣ, тренинг, хароҷоти иловагии ҷорӣ ва аудити лоиҳавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар соли 2022 тибқи «Барномаи грантҳои саривақтӣ» татбиқи 21 лоиҳаи грантии хурд аз тарафи 21 муассисаи таълимӣ ба роҳ монда шуд (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои асосии татбиқи грантҳои саривақтӣ**

| Нишондиҳандаҳои асосӣ | Натиҷаи татбиқ |
|---|---|
| Арзиши умумии лоиҳа (млн сомонӣ) | 42 |
| Теъдоди шунавандаи касбомӯз (нафар) | 3499 |
| Аз ҷумла, занон (%) | 60 |

Манбаъ: Ҳисоботи «Барномаи грантҳои саривақтӣ»

Ҳамин тавр, дар натиҷаи татбиқи лоиҳа имкониятҳои зиёди рушд ба амал омаданд, ки бо фарогирии дастгирии лоиҳавӣ, курсҳои касбомӯзӣ бомуваффақият ба анҷом расонида шуда, шахсони соҳибкасб дар самти касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумии мувофиқ ба талаботи замони бозорӣ омода гардиданд. Аз раванди таҳқиқи коршиносони татбиқи лоиҳавӣ маълум мегардад, ки омӯзиши касбҳо дар доираи 33 касбу ҳунар доир гардидааст. Ҳамзамон, дар доираи «Барномаи грантҳои озмунӣ» татбиқи 49 лоиҳаи грантӣ (29 лоиҳа барои беҳтар намудани сифати таҳсилоти олӣ ва 20 лоиҳа (ҷиҳати дастгирии донишҷӯдухтарон) дар ҳаҷми умумии 85,0 миллион сомонӣ (8,8 млн доллари ИМА) аз тарафи 26 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) мавриди амал қарор дода шуданд. Инчунин, тамоми 49 лоиҳаи грантӣ (100%) аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олӣ пурра амалӣ гардида, дар ҳаҷми 81,9 миллион сомонӣ маблағ аз худ карда шудааст. Нишондиҳандаи мазкур беш аз 96 фоизи маблағи умумии лоиҳаҳои грантиро ташкил дода, ҷиҳати самаранокии татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати таълим дарак медиҳад.

Дар маҷмуъ, вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар рушди муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ва дар ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ пешравиҳои назаррас ба амал омаданд. Мувофиқ намудани системаи дохилии сифати таҳсилот ба стандартҳои аврупоӣ натиҷаи муҳим ба шумор рафта, ҳамзамон, дар

доираи татбиқи 20 лоиҳаи грантӣ зиёда аз 3822 нафар донишҷӯдухтарон аз хизматрасониҳои махсуси таълимӣ бо роҳи дастгирии ҷалби онҳо ба таҳсилоти олӣ ва тақвият додани малакаҳои шахсӣ ва иловагии онҳо амалӣ гардид.

Қисми таркибии ин раванд идоракунӣ, мониторинг ва арзёбии Лоиҳа мебошад. Дар ин самт дастгирии Вазорати маориф ва илм ҷиҳати ҳамоҳангсозӣ, марбутсозӣ, татбиқ, идоракунӣ, мониторинг ва арзёбии Лоиҳа ба шумор рафта, ин бо роҳи таъминоти мол, хизматрасонии машваратчиён, хизматрасониҳои ғайримашваратӣ, тренинг, хароҷоти иловагии ҷорӣ ва аудит ба роҳ монда мешавад. Амалиёти баанҷомрасонида дар соли 2022 нишон медиҳанд, ки дар доираи «Барномаи грантҳои саривақтӣ» татбиқи 21 лоиҳаи грантии хурд аз тарафи 21 муассисаи таълимӣ бо арзиши умумии 4,2 миллион сомонӣ (448,7 ҳазор доллари ИМА) пурра ба анҷом расид. Дар ин раванд 3499 нафар шунаванда, ки 60%-и онҳо занҳо мебошанд, курсҳои касбомӯзиро бомуваффақият хатм намуда, соҳиби касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумии мутобиқ ба бозори меҳнат, соҳиби ҷойҳои корӣ ва даромадгирии мувофиқ гадиданд.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки таркиби омӯзиши касбҳо хело бой ва ғанӣ таъсис ёфт. Маълум гардид, ки аз рӯи 33 касбу ҳунар дар бозори меҳнат талаботи зиёд ҷой дорад. Онҳо асосан дар самтҳои рушди саноати хӯрокворӣ (қаннодӣ, консервакунонии меваю сабзавот), саноати бофандагӣ (дӯзандагӣ, тарроҳ ва технологияи дӯхти либосҳои миллӣ ва аврупоӣ, адрасбофӣ), хизматрасонӣ (ороиши мӯй, тайёр кардани ронанда, истифодаи компютер, забономӯзӣ барои муҳоҷирон) буда, қисми зиёди онҳоро занҳо ташкил додаанд.

Тавассути татбиқи лоиҳаҳои грантӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ ва маҳаллӣ таҳия ва таҷдиди барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯи 76 ихтисоси академӣ ва такмили 305 барномаи таълимии фаннӣ ба анҷом расонида шудааст. Дар ин раванд зиёда аз 2800 омӯзгор ва кормандони муассисаҳои таълимӣ малакаву маҳорати худро такмил доданд. Чунин кор аз тариқи семинару тренингҳо ва сафарҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар амалӣ гардонида шуданд. Аз таҳлилҳо чунин бармеояд, ки бо 75 муассисаи таълимии давлатҳои хориҷии пешрафтатарини ҷаҳон ҳамкориҳои мутақобила ба роҳ монда шуданд. Дар доираи татбиқи 20 лоиҳаи грантӣ зиёда аз 3822 нафар донишҷӯдухтарон аз хизматрасониҳои махсуси таълимӣ, аз қабили дастгирӣ ҷиҳати ҷалби онҳо ба таҳсилоти олӣ, рушди малакаҳои шахсӣ ва иловагӣ бархӯрдор гардиданд. Ҳамзамон, аз тарафи муассисаҳои таълимӣ дар ҳаҷми беш аз 40 миллион сомонӣ таҷҳизоти таълимӣ ва мебел харидорӣ намуда, лабораторияву синфхонаҳои худро бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардониданд. Ҳамзамон, як қисми муассисаҳои таълимӣ бо маблағгузории лоиҳаҳои грантӣ лабораторияҳо ва кабинетҳои таълимии худро таъмир намуданд, ки ин ба беҳтар гардидани шароити таълим дар ин муассисаҳо таъсири мусбӣ расонид. Зиёда аз ин, тавассути татбиқи лоиҳаҳои грантӣ иқтидорҳои техникӣ, технологӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ замонавӣ ҷиҳозонида шуданд. Бахусус, дар самтҳои таҳия ва коркарди стандарту барномаҳои таълимӣ, такмили системаи дохилии мониторинги сифати таҳсилоти олӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим, такмили ихтисоси омӯзгорон, омодагӣ барои аккредитатсияи байналмилалӣ ва ҷиҳати дастгирии донишҷӯдухтарон корҳои пурсамар анҷом дода шуданд.

Ҷиҳати беҳтар намудани имкониятҳои Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ, ҳисоботи ниҳоӣ ва презентатсия вобаста ба сифати таҳсилоти дохила ва беруна дар муқоиса бо ҷараёни Болони омода гардид ва аз аккредитатсияи институтсионалӣ гузаштани 3 муассисаи таҳсилоти олии касбии пилотӣ гузаронида шуд.

Бо мақсади муайян намудани талаботи корфармоён барои босифат омода намудани касбҳои мувофиқ дар доираи 400 корхона дар панҷ бахши афзалиятноки соҳаи иқтисодиёт (саноати сабук, сохтмон, энергетика, иқтисодиёт ва молия, сайёҳӣ ва меҳмондорӣ), ки дар онҳо қариб 30 ҳазор коргар фаъолият доранд, таҳқиқот гузаронида шуд. Маълум гардид,ки дар раванди таҳия ва такмили стандарту барномаҳои таълимии ихтисосҳои академӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди истифода қарор дода шуда, дар маҷмуъ, татбиқи Лоиҳа тибқи нақшаи бо Бонки ҷаҳонӣ мувофиқашуда ҷамъбаст гардид. Аз назари мо, барои минбаъд вусъат бахшидани татбиқи лоиҳаҳо алоқамандии танзим ва назорат, ҳамоҳангии муассисаҳои таълимӣ ва рушди соҳаҳо хело муҳим мебошад. Айни замон, бо малағгузории Бонки Осиёии Рушд дар ҷумҳурӣ 15 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ бо маблағи 922,8 млн доллари ИМА дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, обтаъминкунӣ, ирригатсия, экология ва дигар соҳаҳо амалӣ шуда истодааст. Лекин, вобаста ба рафти амалисозии лоиҳаҳо, дастовардҳо ва мушкилоти ҷойдошта ҳисоботи роҳбарони агентиҳои иҷроия ва татбиқкунандаи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии барои таъмини саривақтии онҳо дар самти татбиқи ҳадафҳои стратегӣ хело зарур гардидааст.

## АДАБИЁТ


1. Абрамов, А.П. Оценка эффективности инвестиционных проектов / А.П. Абрамов // Железнодорожный транспорт. - 1999. - №2. - С. 54-58.
2. Боронина, Л.Н. Основы управления проектами: учебное пособие / Л.Н. Боронина, З.В. Сенук: М-во образования и науки Рос. Федерации, Урал. федер. ун-т. - Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2015. - 112 с.
3. Стратегия управления государственными финансами Республики Таджикистан на период до 2030 года. - Душанбе, 2020. - 88 с.
4. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года // Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636. - Душанбе, 2016. - 104 с.
5. Таджикистан: 30 лет государственной независимости. Статистический сборник. Агенство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021.
6. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумотҳои ҳисоботӣ оид ба рафти татбиқи Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» дар моҳи октябри соли 2022. – Душанбе, 2022.
7. Финансы Таджикистана: статистический сборник / Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2021. - 125 с.
8. Маъдиев, С. Производительность, заработная плата и цены. Сборник эксперта компонента проекта ЕС «Поддержка отдельных направлений реформирования в сфере УГФ: ЛОТ-1, совместно с Аналитическим центром «Think-Tank». – Душанбе: Финансово экономический институт Таджикистана, ноябрь 2017.
9. Разу, М.Л. Управление проектом. Основы проектного управления / М.Л. Разу, А.М. Ляпин, Т.М. Бронникова. - М.: Кнорус, 2012. - 760 с.
10. Шеремет, В.В. Управление инвестициями / В.В. Шеремет, В.М. Павлюченко, В.Д. Шапиро. - М.: Высшая школа, 1998. - Т. 1. - 416 с.
11. Шарипов, Б. М. Финансовые механизмы стимулирования инновационного развития экономики Республики Таджикистан / Б. М. Шарипов, Ф. Файзуллоева, А. С. Холикзода // Экономика Таджикистана. – 2020. – № S4-1. – С. 41-50.

**УДК:336.14**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАШАКУЛЁБИИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

***Ҷураев Хуррам Гафарович*** *– н.и.и, Директори Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроа 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14 E-mail: khjuraev@mai.ru, Тел.: 909-80-80-15;*

***Буризода Хуршед Бури*** *– унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлати молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Сардори шуъбаи хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур Суроа: 734066. Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе н. Шоҳмансур, к. Айнӣ 22/7 E-mail: kh.kholmirzoev@moliya.tj, Тел.: 939-99-95-78.*

*Дар мақлола масъалаҳои назариявӣ, ташаккулёбии буҷети давлатӣ ва вазифаҳои он мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф, қайд намудааст, ки дар шароити дигаргунсозии иқтисоди миллӣ, буҷети давлатӣ нақши калидиро дар рушди ичтимоӣ-иқтисодии ҷомеа иҷро менамояд. Ҳамзамон, муаллиф иброз доштааст, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки иқтисоди бозорӣ дар қиёс бо дигар намудҳои он, аз ҷумла иқтисоди нақшавӣ ва анъанавӣ бо маром рушд ва тавсеъа ёфтаистодааст ва нақши он дар рушди ичтимоӣ-иқтсиодии беназир мебошад. Бинобар ин, ҳукумати кишвар зимни омӯзиш, таҳия ва татбиқи буҷети ҷумҳуриявӣ бояд аз таҷрибаи таърихӣ-тамаддунии кишвар ва таҷрибаи кишварҳои пешсаф васеъ истифода намояд. Инчунин дар раванди таҳлили мавзӯи баррасишаванда, муаллиф андешаҳои муҳаққиқони мухталифро доир ба масъалаи буҷети давлатӣ пешкаш гардонидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Буҷети давлатӣ, иқтисодиёт, таҷрибаи ҷаҳонӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, хоҷагиҳо, муносибатҳои бозорӣ, рушд, афзоиш, касри буҷет, иқтсоди бозорӣ, иқтисоди миллӣ, иқтисоди нақшавӣ.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ И ФОРМИРОВАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА

***Джураев Хуррам Гафарович*** *– к.э.н, Директор Центра повышения квалификации сотрудников финансовых органов Республики Таджикистан. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14 E-mail: khjuraev@mai.ru, Тел.: 909-80-80-15;*

***Буризода Хуршед Бури*** *– соискатель кафедры финансы Таджикского финансового-экономического университета Таджикистана, Начальник отдела казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан в районе Шохмансур. Адрес: 734066. Республика Таджикистан г. Душанбе р. Шохмансур, ул. Айнӣ 22/7 E-mail: kh.kholmirzoev@moliya.tj, Тел.: 939-99-95-78.*

*В статье рассмотрены теоретические основы функционирования государственного бюджета. Автором отмечено, что в условиях трансформации национальной экономики, роль государственного бюджета приобретает ключевое значения для социально-экономического развития общества.*

*Автор отмечает, что мировой практикой доказано, что рыночная экономика по сравнению с другими формами хозяйствования, такими как командная и традиционная, представляет собой одну из более прогрессивных и развитых типов социально-экономической системы. Поэтому в условиях перехода к рыночным отношениям, Республике Таджикистан необходимо формировать и развивать государственный бюджет с оглядкой на историко-цивилизационные ценности, а также использовать мировой опыт развития государственного бюджета и бюджетных отношений. Также в процессе анализа, автором изучены и изложены взгляды ученых и научных деятелей касающихся вопросов государственного бюджета.*

***Ключевые слова:*** *Государственный бюджет, экономика, мировой опыт, социально-экономические отношения, фермерские хозяйства, рыночные отношения, развитие, рост, дефицит бюджета, рыночная экономика, народное хозяйство, плановая экономика.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS AND FORMATION OF THE STATE BUDGET

***Juraev Khurram Gafarovich.*** *– Ph.D., Director of the Center for Advanced Training of Employees of Financial Bodies of the Republic of Tajikistan. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14 E-mail: khjuraev@mai.ru, Tel.: 909-80-80-15;*

***Burizoda Khurshed Buri*** *– applicant for the Department of Finance at the Tajik Finance and Economics University of Tajikistan, Head of the Treasury Department of the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan in the Shokhmansur region. Address: 734066. Republic of Tajikistan, Dushanbe district. Shokhmansur, st. Aini 22/7 E-mail: kh.kholmirzoev@moliya.tj, Tel.: 939-99-95-78.*

*The article discusses the theoretical foundations of the functioning of the state budget. The author noted that in the context of the transformation of the national economy, the role of the state budget is of key importance for the socio-economic development of society.*

*The author notes that world practice has proven that the market economy, in comparison with other forms of economic management, such as command and traditional, is one of the more progressive and developed types of socio-economic system. Therefore, in the context of the transition to market relations, the Republic of Tajikistan needs to form and develop the state budget with an eye on historical and civilizational values, as well as use world experience in the development of the state budget and budget relations. Also in the process of analysis, the author studied and presented the views of scientists and academics regarding issues of the state budget.*

***Key words:*** *State budget, economy, world experience, socio-economic relations, farms, market relations, development, growth, budget deficit, market economy, national economy, planned economy.*

Дар шароити муосир зимни инкишофёбии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, буҷети давлатӣ дар давоми солҳои охир, дар аксар кишвари ҷаҳон ба унвони воситаи асосии татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва буҷетӣ-андозӣ баромад менамояд. Дигаргуниҳои бозорӣ дар иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, ки аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузаштаба вуқуъ омада буданд, дар тайири шакли идоракунии хоҷагидорӣ, ба фаъолияти тамоми сохторҳои иқтисодӣ, аз ҷумла бахши давлатӣ талаботи сифатан навро пешниҳод намуданд. Буҷети давлатӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии идоракунии низоми молиявии кишвар, аз нав ташаккул ёфта, фаъолияти худро куллан дигаргун намуд.

Саидзода Ш. Чунин меандешад, ки “Ташкили идоракунии давлатии давлатӣ раванди мурраккаб ва серҷабҳа буда, барои самаранок гардидани он тадбирҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва ташкилӣ аз ҷониби давлат ба роҳ монда мешавад. Хусусан барои амалигардии вазифа ва мақсадҳои идоракунии давлатӣ функсияҳои он муайян гардидаанд, моҳиятан ифодагари самтҳои асосии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ мебошанд. Тавре маълум аст, идоракунии давлатӣ функсияҳои гуногун дошта, ҳар яки онҳо мазмун ва таъиноти ба худ хос дорад”[5,283].

Дар солҳои аввали сохибистиқлолӣ тамоми сохторхои давлатӣ ва буҷети онҳо аз окибатхои бухрони дигаргунсозиҳо зарар диданд. Зеро то ба ҳол, рукнҳои асосии иқтисоди бозорӣ дар иқтисоди миллӣ ҷорӣ нагардида буданд, бинобар ин ташкили буҷети давлатӣ ва зинаҳои мухталифи он ба таври мушаххас коркард нашуда буд.

Рустамзода Ҷ.Ю. қайд мекунад, ки “...ҳама гуна фаъолият, аз ҷумла фаъолияти сохторҳои гуногуни давлатӣ, ҳамеша ба асоси принсипҳои мушаххас асос ёфтааст, ки риояи онҳо ба субъектҳо барои самараноктар кор кардан кӯмак мерасонад. Принсипҳои назорати буҷети давлатӣ дар амал фаъолона татбиқ карда мешаванд, зеро онҳо санҷида шудаанд ва

зиёда аз ин, дар меъёрҳои ҳуқуқ ифода ёфтаанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо барои ҳама субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошанд” [4,195].

Буҷети давлатӣ қисми зиёди даромади миллии кишварҳои ҷаҳонро ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, омили муҳими рушди иқтисодии кишварҳо мебошад. Масъалаи интихоби маблағҳои умумии буљетӣ, ки барои иљрои вазифаҳои давлатӣ заруранд, яке аз вазифаҳои асосии сохтори давлатӣ мебошад. Сиёсати каср ва барзиёдии буҷет ҳам бо интихоби стратегияҳои банақшагирии дарозмуддат ва ҳам бо омилҳои иқтисодии берунӣ алоқаманд аст. Таҳлили тақсимоти моддаҳои асосии харољот дар доираи харољоти муқарраршуда бо муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати буљети давлатӣ алоқаманд буда, инъикоси омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба шумор мераванд. Ҳамин тариқ, раванди буҷет ва сохтори буҷет ҳам аз ҷониби назарияи иқтисодӣ ва ҳам амалия мавриди таваҷҷӯҳи ҷиддӣ қарор дорад.

Ҳикматов С. бошад, чунин меандеша, ки “Идоракунии самаранокии молияи давлатӣ (буҷети давлатӣ) дар Ҷумҳури Тоҷикистон тибқи ҳодисаҳои стратегии қабулгардида ва вазифаҳои иқтисодию иҷтимоии давлат, ки пеш аз ҳама ба таъминсозии рушди устувор иқтисодӣ ва афзоиши ҳаҷми солона нишондиҳандаи макроиқтисодӣ равона, сурат мегирад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт идоракунии самаранок ва масъулиятноки молияи ҷамъиятӣ аҳамияти бундиро барои ҳамаи мамлакатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, аз нуқтаи назари таъминоти устувории низомъои миллии буҷетӣ ва инчунин амнияти умуми молияви ва рушди устувори иқтисодӣ доро мебошад” [11, 239].

Кишварҳои мухталиф сохторҳои гуногуни буҷаро бартарӣ медиҳанд. Ҳамин тариқ, табиист, ки дар мамлакатҳои дар ҳолати ҷангӣ қарор дошта, қисми хароҷоти буҷет ба хароҷоти мудофиа гузаронда мешавад. Аммо, дар мамлакатхое, ки дар он ҷамъият ҳисси ичтимоӣ пурзур аст, мо бояд аз нав тақсим кардани даромад, ҳиссаи бештари хароҷоти давлатиро барои соҳаи беҳдошт, маориф ва дигар соҳаҳои ичтимоӣ сафарбар намоем. Маълум аст, ки сохтори буҷетҳо баъзе хусусиятҳои мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии давлатро инъикос намуда, ба афзалияти соҳаҳои муайяни дар иқтисод рушдкунанда вобаста мебошанд.

Исупов С.И. ишора мекунад, ки “Барои амалисозии ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷрои вазифаҳои давлат маблаҳои муайян зарур мебошанд, ки асосан аз ҷониби буҷети давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Ин маблаҳо хароҷоти буҷети давлатиро ифода мекунанд ва омили муҳими рушди давлат буда, ба равандҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дар мамлакат таъсир мерасонанд” [2, 206].

Буҷет барои ҳар як давлат зарур аст, зеро талаботи объективии худро ба фондҳои пулие, ки барои иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, сафарбар гардидаанд, хизмат менамояд. Ба буҷет категорияҳои зерин дохил мешаванд: андозҳо, қарзҳо, хароҷотҳо ва айра, ки мазмуни он дар вақти аз як форматсияи ҷамъиятию иқтисодӣ гузаштан ба дигараш тайир намеёбад. Чунин вазъ ба мо имкон медиҳад то буҷетро ҳамчун категорияи иқтисодӣ муайян кунем.

Мақсади буҷети давлатӣ таъмини молиявии вазифаҳои давлат мебошад. Шакли фаъолияти буҷетҳо мунтазамӣ, яъне пешакӣ тартиб додани нақшаҳои ташаккул ва истифодаи буҷет, ҳамоҳангсозии онҳо мебошад.

Давомнокии давраи буҷет вақтест, ки дар давоми он буҷети мушаххас иҷро мешавад. Дар ин ҷо, аз ҷиҳати назариявӣ, ҳар як вақт аз як рӯз то якчанд сол имконпазир аст. Аммо дар амал буҷети солона бештар истифода мешавад. Илова бар ин, он метавонад дар ҳар рӯз ва моҳ оғоз шавад. Ҳамин тариқ, дар ИМА соли молиявӣ аз 1 октябр то 30 сентябри соли оянда, дар Ҷопон, Канада - аз 1 апрел то 31 март, дар Шветсия, Норвегия - аз 1 июл то 30 июн давом мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли буҷет ба соли тақвимӣ баробар буда, 12 моҳ – аз 1 январ то 31 декабр давом мекунад.

Буҷети давлатӣ муносибатҳои пулие мебошад, ки байни давлат ва шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ вобаста ба азнавтақсимкунии ММД ва ташаккули фонди буҷетӣ ва истифодаи

мақсадноки маблаҳо барои амалӣ намудани тамоми вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар вазифаҳое, ки дар доираи низоми дахлдори хоҷагӣ ба зиммаи он гузошта шудаанд.

Хусусиятҳои фарққунандаи буҷети давлатӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ:

– шакли пулии муносибатҳо (миёнаравии ҳаракати захираҳои молиявӣ);

- доираи маҳдуди раванди буҷет, ки бо қонунгузории дахлдор танзим карда мешавад Кодекси андоз ва .;

— иштирокчиёни муносибатҳо, аз як тараф давлат, субъектҳои кишвар ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва аз тарафи дигар корхонахо, муассисаҳо ва аҳолӣ мебошанд;

-бепул будани ҳаракати арзиш дар шакли андозҳо ва пардохтҳо, инчунин маблагузории буҷетӣ (ба истиснои пешниҳоди қарзҳои буҷетӣ);

— хусусияти таърихии пайдоиши давлат ва инкишофи муносибатҳои молию пулй.

Бинобар ин, аз нуқтаи назари моҳияти иқтисодӣ буҷети давлатӣ ҳамчун категорияи мустақили иқтисодӣ ҳисобида мешавад. Ба маънои меъёрӣ- ҳуқуқӣ ин нақшаи асосии молиявии кишвар аст.

Мақсади буљети давлатӣ фароҳам овардани шароит барои рушди босамари иқтисодиёт, ҳалли масъалаҳои миллӣ, мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавӣ бо маблағҳои молиявӣ мебошад.

Моҳияти буљети Моҳияти буљети давлатӣ тавассути вазифаҳои иљрокунандаи он амалӣ мегардад (расми 1.).

**Расми 1. Вазифаҳои асосии буҷет.**




**Расми.1.Аз тарафи муаллиф бар асоси маълумотҳо сохта шудааст**

Ба таври объективӣ, буҷет як вазифаро иҷро мекунад - аз нав тақсим кардани захираҳои молиявӣ аз субъектҳои дорои арзишҳои ҳаётан муҳим ба субъектҳои камбизоат - истеъмолкунандагон. Он тавассути механизми ташаккул ва истифодаи фонди буҷетӣ амалӣ карда мешавад.

Буҷети давлатӣ бо роҳи ҷамъ кардани як қисми маблаҳои субъектҳои соҳаи истеҳсолии ҷамъият, тақсимоти иловагии (ё аз нав тақсимкунии) даромади миллии мамлакатро дар амал татбиқ менамояд. Дар баробари ин, дархости субъектҳои камбизоат бо як пайдарпаии муайян қонеъ карда мешавад. Аввал барои таъминот ва эҳтиёҷоти субъектҳои аппарати давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қувваҳои мусаллаҳ, баъд барои шаҳрвандони камбизоат ва маъюбон, зимнан барои соҳаҳои эхтиёҷманди истеҳсолот ва минтақаҳо ва ниҳоят барои қонеъ гардонии талаботи бахши гайриистеҳсолӣ мабла ҷудо карда мешавад.

Доираи вазифаи тақсимоитро тахминан муайян мекунанд, зеро ҳама иштирокчиёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ бо буҷет муносибат доранд. Бо ёрии вазифаи тақсимотӣ, буҷет маблаҳоро ба соҳаҳои истеҳсолӣ ва гайриистеҳсолӣ тақсим менамояд. Соҳаи гайриистеҳсолӣ дар ба вучуд овардани даромади миллӣ иштирок намекунад, балки истеъмолкунандаи фаъоли он мебошад. Аз ҳисобии буҷет барои коркунони ин соҳаҳо барои музди кор, таҷҳизоти техникӣ ва нигоҳубини муассисаҳои соҳаи гайриистеҳсолӣ (нигаҳхдории тандурустӣ, маориф) мабла ҷудо карда мешавад.

Буҷети давлатӣ тавассути хароҷот ва андозҳо ҳамчун воситаи муҳими танзим ва ҳавасмандгардонии иқтисодиёт ва сармоягузорӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот баромад мекунад. Тавассути буҷет ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ёрии давлатӣ дода мешавад. Ҳангоми тақсими маблаҳои молиявӣ тавассути буҷет самти иҷтимоии маблаҳои буҷетӣ муҳим аст. Дар сиёсати иљтимоӣ дастгирии қишрҳои кам ҳифзи љомеа, ҳамчунин дастгирии муассисаҳои тандурустӣ, маориф ва фарҳанг самтҳои асосӣ мебошанд [9, 38].

Асоси вазифаи назоратро ҳаракати маблаҳои буҷети ташкил медиҳад, ки дар нишондиҳандаҳои дахлдори даромад ва хароҷоти буҷет инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тавр, дар марҳилаи ҳозираи инкишофи муносибатҳои иқтисодии мамлакат нақши буҷет ҳамчун нақшаи асосии молиявии давлат, ки дар сатҳи қонунгузорӣ тасдиқ карда шудааст, аз он иборат аст, ки буҷет:

— ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва азнавсозии сохтори иқтисодиёт мусоидат мекунад;

— манбаи асосии маблагузории соҳаи гайриистеҳсолӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолӣ мебошад;

— ҳамчун нақшаи молиявии синтетики баромад мекунад, ки дар рафти тартиб додан, тасдиқ кардан ва иҷрои он нақшаҳои молиявӣ ва пешгуии корхонаю ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият ва усулҳои хоҷагидорӣ ислоҳ карда мешаванд. Бояд гуфт, ки буҷети давлатӣ бузургтарин фонди мутамарказонидашудаи пули мебошад, ки дар натиҷаи тақсимоти даромади миллӣ ҷамъ шуда, аз тарафи давлат барои иҷрои вазифаҳои худ харҷкарда мешавад.

Илми иқтисодии чаҳон оид ба роль ва усулҳои таъсири молияи давлат ва ҷамъият ба иқтисодиёт як катор назарияхо кор карда баромад. Дар охири асри XIX - ибтидои асри XX, ақидаҳои ба ном мактаби классикӣ, ки ба ақидаҳои А.Смит асос ёфтаанд, бартарӣ доштанд. Асосгузорони мактаби классикӣ дар иқтисод А.Смит, В.Петит, Д.Риккардо, Ҷ.Мил иқтисодро ҳамчун низоми худтанзимкунандае баррасӣ карданд, ки дар он талабот пешниҳодро ба вуҷуд меорад ва дар сурати аз ҳад зиёд будани талабот ё пешниҳод низом мустақилона ба ҳолати мувозинат дар асоси аз ҳад зиёди сармоя меояд.

Чунин мешумориданд, ки танзимгари асосии равандҳои иқтисодӣ механизми бозорӣ мебошад, ки ба таъсири рақобати озод ва дахолат накардани давлат ба иқтисодиёт асос ёфтааст. Аз ин бармеояд, ки А.Смит дар «Таҳқиқот оид ба моҳият ва сабабҳои дорои халқ» (1776) фаҳмиши худро дар бораи молияи давлатӣ ташаккул дода, онҳоро ҳамчун каму беш ботартиб кашида гирифтани як қисми даромади субъектҳои хоҷагӣ. Андозҳо танҳо ҳамчун манбаи даромади давлат ҳисобида мешуданд. Ба хамин тарик, кам кардани хароҷоти давлат ва мувофиқи он даромад ба мақсад мувофиқ дониста шуд.

Низоми андозбандӣ, ки асосан ба ситонидани андозҳои ғайримустақим ва андозҳои амвол асос ёфта буд, мебоист эҳтиёљоти зарурии буљет ва баланси онро таъмин мекард.

Мураккабшавии иқтисоди бозорӣ дар рафти инкишофи табиӣ ва тезу тунд шудани мушкилоти ичтимоию иқтисоди дар ибтидои асри 20, боиси дарки зарурати танзими давлатии иқтисодиёт ва ба ин мақсад истифода бурдани фишангхои сиёсати молиявӣ гардид. Ин ақидаҳоро Ҷ. М. Кейнс дар асари худ «Назарияи умумии шул, фоиз ва пул» (1936) истифода бурдани механизми молиявиро барои пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ва паст кардани сатҳи бекорӣ зарур донистааст. Аз ду воситаи

танзими талабот – пули ва буљетӣ – Кейнс воситаи буљетиро афзалтар донистааст. Мувофиқи назарияи Кейнс муҳимтарин шарти афзоиши истеҳсол ва фуруши махсулот талаботи самарабахш мебошад.

Тарафдорони назарияҳои Кейнсиёнӣ чунин мешуморанд, ки давлат бояд талаботи умумиро бо кумаки буҷети давлати идора карда, ба пешниход тавассути талабот таъсир расонад. Ба ин мақсад дар шароити буҳрон зиёд кардани касри буҷети давлатӣ, кам кардани андоз ва зиёд кардани хароҷоти давлат фоиданок дониста мешавад. Тарсҳои марбут ба афзоиши қарзи давлатӣ ва таваррум дар пасманзар гузошта шудаанд [6,168].

Дар баробари ин, дар нашри илмии С.Глазев кайд карда шудааст, ки андешпҳои кейнсӣ бо сохтори ашёи хоми иқтисодиёт аз сабаби паст будани чандирии афзоиши истеҳсолот вобаста ба афзоиши талаботи ниҳоӣ чандон хуб кор намекунанд. айр аз он, дар шароити бӯҳрони сохторӣ, пешниҳодҳои Кейнсӣ метавонанд зараровар бошанд.

Агар тарафдорони мактаби классикӣ асоси сарвати миллиро дар сарфакорӣ медонистанд, пас Кейнс ояҳои ташаббуси соҳибкориро инкишоф дода, фаъолияти иқтисодиро бо сиёсати пулию қарзии давлатӣ пайваст мекунад, ки метавонад бо роҳи ислоҳи меъёри фоиз сармоягузориро ҳавасманд кунад ва ба иқтисодиёт таъсир расонад.

Дар муқоиса бо мактаби классикӣ дар соҳаи андозбандӣ, ба андоз аз даромад бо истифода аз ҷадвали прогрессивии андозбандӣ диққати бештар дода мешавад. Барои бо пул таъмин намудани касри буҷет қарзҳои миёна ва дарозмуддати давлатӣ, ки ба манбаи асосии маблаҳои буҷет табдил ёфтаанд, васеъ истифода мешаванд.

Дар солхои 70-уми асри XX. назарияи неоклассикӣ таҳия шудааст, ки аз нуқтаи назари он соҳаи танзими давлатӣ рушди иқтисодӣ, шули аҳолӣ, муомилоти пул, қурби асъор, соҳаи иҷтимоӣ, танзими сохторӣ мебошад. Вазифаи механизми молиявӣ аз он иборат аст, ки аз нав тақсим кардани даромад ба воситаи низоми молиявии давлатӣ, кам кардани касри буҷет, хавасмандгардонии пасандозҳо ба мақсадхои маблагузории истеҳсолӣ, коҳиш додани андозбандӣ башумор меравад.

Самтҳои асосии назарияи неоклассикӣ ояҳои иқтисоди таъминот ва назарияи монетаристӣ мебошанд. Муқарраротӣ асосии назарияи монетаризм вобаста ба сабабҳои касри буљет ва проблемаҳои таваррум дар таҳқиқоти фундаменталии М.Фридман «Таърихи низоми монетарӣ» (1936) оварда шудааст. Дар баробари ин дар нашрияи илмии Ю.Любимцев кайд карда мешавад, ки «сиёсати директивию монетаристии ногузир боиси буҳрони тамоми низоми молия ва иқтисодиёт, дефолти низоми буҷети давлатӣ ва буҳрони умумии пардохт гардид». И.Погосов ин фикрро инкишоф дода, кайд мекунад: «аз ҳисобии афзоиши ММД ва муътадил гардондани ҳисобиу китоби молиявӣ даромади андоз зиёд шуд, муносибатҳо бо буҷет каму беш муътадил гардиданд. Амалия нишон дод, ки роҳи монетаристӣ, ки дар иқтисодиёт пеш гирифта шуда буд ва холо нигох дошта мешавад, ба хаёти воқеӣ мухолифи бевосита дорад [3, 27].

Таҳқиқотҳо дар соҳаи муносибатҳои буҷетӣ низ асосианд, ки аз ҷониби ҷонибдорони идеяи иқтисодии таъминот гузаронида мешаванд, ки масъалаи андозаи андозбандиро аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардаанд. Иқтисодшиноси амрикой Артур Лаффер таносуби байни меъёри андоз ва даромадҳои буҷети давлатиро тахкик намуда, нишон дод, ки афзоиши меъёри андоз на ҳамеша боиси зиёд шудани даромади андози давлат мегардад. Вай мавкеи худро бо ёрии графике, ки баъдтар номи «каҷи Лаффер» гирифтааст, баҳс мекард. Вай дар асоси таҳлили равандҳои иқтисодие, ки солхои 70-ум ба амал омада буд ва кушиш мекард, ки ба саволе чавоб дихад, ки оё афзоиши меъёри андоз ҳамеша боиси афзоиши даромадҳои андозӣ мегардад,дар рафти таҳқиқ ба хулосае омад, ки дар байни сатҳи андозҳо баъзе алокаҳо мавҷуданд, махсусан байни меъёрҳои андоз ва даромадҳои андозӣ.

А.Лаффер исбот кард, ки як микдори даромади буҷети давлатиро хам бо меъёрҳои баланд ва ҳам бо меъёрҳои пасти андоз таъмин кардан мумкин аст. Аммо дар амал татбиқ намудани ақидаҳои Лаффер хеле душвор аст, зеро муайян кардан душвор аст, ки иқтисодиёти мамлакат хозир дар кадом тараф (чап ё рост) карор дорад. Ҳамин тавр, бинобар

номукаммалии ин назария «эффектҳои Лаффер» дар замони президентии Р.Рейган амалӣ нагардиданд, ҳарчанд кам кардани андозҳо боиси афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ гардид.

Ҳамин тариқ, дар асоси ҳисобҳои сирф назариявӣ сохтани миқёси идеалии андозбандӣ қариб айриимкон аст. Назария бояд дар амал хаматарафа такмил дода шавад. Масалан, дар асари худ «Низоми молиявӣ ва самаранокии танзими он» (2011). Ю.Любимцев қайд мекунад, ки дар амалияи танзими андоз дар Русия се механизми таъсири мутақобилаи сатҳҳои низоми молиявӣ хеле муфассал таҳия ва ваколатҳои буҷетӣ муқаррар карда шудаанд: делимитатсияи ӯҳдадориҳои хароҷот, тақсимоти меъёрии манбаи андоз ва интиқолҳои байнибуҷетӣ, ки дар навбати худ барои се фонд — иловапулиҳо, иловапулӣ ва субвенция асос ёфтааст. Тавре маълум аст, ин маблағҳо ба тавозуни уфуқӣ алоқаманданд, аммо онҳо асосан ба робитаҳо дар низоми молиявӣ дахл доранд, ки манбаъҳои аслии даромадро инъикос намекунанд.

Методологияи ягонаи синтези моделсозии низоми молиявии кишвар зарурати фаъолияти муассисаҳои молиявиро муайян мекунад, ки на танҳо ба маблаҳо, балки барои идоракунии даромадҳое, ки ин маблаҳо ташкил медиҳанд ва аз он бармеоянд.

Дар баробари ин доир ба сиёсати махсуси буҷетӣ асарҳои илмии хеле кам мавҷуданд. Асосан, дар адабиёти иқтисодӣ ва таълимӣ танҳо параграф ё љанбаҳои алоҳидаи марбут ба масъалаи номбурда мављуданд. Ҳамин тавр, дар асари Ю.Любимцев стратегияи молиявию буҷетии сари вақт муайян карда шуда, захираҳои молиявӣ дар доираи тадбирҳои зиддибуҳронӣ пешниҳод карда шудаанд [7,48].

Хулоса, дар асоси назарияҳои қаблан зикргардида, зарурати ташаккул, такмил ва иҷрои механизми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Дар натиҷи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва вазифаҳои буҷет мо ба чунин хулоса омадем, ки инкишофи механизми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ ва тамаддунӣ бояд муайян намуд. Зимни коркарди заминаҳои пойгоҳии буҷет, бояд ба таҷрибаи ҷаҳонии буҷет ва сиёсати буҷетӣ, аҳамияти аввалид дода шавад.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023” 1 декабри соли 2022, № 920;
2. Исупов, С. И. Гурӯҳбандӣ ва хусусиятҳои хароҷоти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. И. Исупов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 3(42). – P. 206-216;
3. Погосов, И. Особенности текущего социально-экономического развития / И.Погосов // Экономист, 2009. - № 9. - с. 27;
4. Рустамзода, Ҷ. Ю. Принсипҳои назорати буҷетӣ ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии онҳо / Ҷ. Ю. Рустамзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – No. 2(61). – P. 195-200;
5. Саидзода, Ш. Мазмуни функсияи назорати давлатии молиявӣ дар идоракунии давлатӣ / Ш. Саидзода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – No. 1(55). – P. 238-243.
6. Сенчагов, В.К. Финансы, денежное обращение и кредит / В.К. Сенчагов, А.И., Архипов // учебник. - М.: ТК Велби Проспект, 2004. - с. 230;
7. Соколов, М. Фантом в теории, или кривая Лаффера / М.Соколов // Экономист, 2010. - № 2. - с. 46-53.
8. Султонов, А. Н. Нақши маблагузориҳои буҷетӣ дар таъмини рушди соҳаи маориф ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт / А. Н. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. – No. 1(26). – P. 79-82;
9. Тищенко, Т.А. Государственный бюджет / Т.А. Тищенко // Экономико-политическая ситуация в России.– 2018. – № 1. – С. 37-40;
10. Турсунқулов, Ш. Р. Усулҳои баҳодиҳии иқтидори буҷетҳои маҳаллӣ / Ш. Р. Турсунқулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 2. – P. 137-143;

11. Ҳикматов, С. Буҷети давлатӣ ва нақши он дар идоракунии молияи давлатӣ / С. Ҳикматов, М. И. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – No. 4-2(39). – P. 239-247.

---

**УДК**: 657.1

## МОҲИЯТИ ТАЪМИНОТИ БАҲИСОБГИРӢ-ТАҲЛИЛИИ ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ҶАНБАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАШАККУЛИ ОН

***Файзализода Муҳаммадраббӣ Музаффар*** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/16. Тел.: 987-48-98-94. E-mail: fayzalizodam@list.ru

***Аннототсия***. Ҳадафи стратегии ҳар як корхонаи истеҳсолӣ баланд бардоштани сатҳи фоиданокӣ мебошад, ки тавассути идоракунии самараноки фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ба даст меояд. Барои ноил гардидан ба ҳадафои стратегии асосӣ ва баланд бардоштани сатҳи фоиданокии истеҳсолот низоми босамараи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ зарур мебошад. Вазифаи асосии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ташаккули низоми иттилоотие мебошад, ки барои саривақт таъмин намудани дастгоҳи идоракунӣ бо иттилооти саҳеҳ ва пурра барои омадасозӣ ва қабули қарораҳои идоракунӣ ба шумор меравад.

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва ташкилии бунёди таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ баррасӣ карда шудааст. Муҳтавои мафҳуми «низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» таҳқиқ ва мафҳумҳои дигари бо ташаккули таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхона алоқаманд маънидод карда шудаанд. Таҳлили маънидодкуниҳои мухталиф дар адабиёт овардашудаи мафҳумҳои мазкур ба ҷо оварда шудааст. Ақидаи худии муаллиф нисбат ба маънидодкунии мафҳуми «таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» таҳия гардидааст. Сохтори низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии корхона ва унсурҳои асосии он муайян карда шудааст. Тасдиқ карда шудааст, ки дар натиҷаи қабули қарорҳои идоракунии оқилона дар асоси маълумоти низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар тамоми самтҳои фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ натиаҳои молиявӣ ба андозаи назаррас баланд мешаванд.

***Калидвожаҳо***: низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, қарорҳои идоракунӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ.

## СУЩНОСТЬ УЧЕТНО-АНАЛИТИЧЕСКОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ УПРАВЛЕНИЯ ПРОИЗВОДСТВЕННЫМИ ПРОЦЕССАМИ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ ЕГО ФОРМИРОВАНИЯ

***Файзализода Мухаммадрабби Музаффар*** - ассистент кафедры бухгалтерского учёта Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/16. Тел: 987-48-98-94. Email:fayzalizodam@list.ru

***Аннотация***. Стратегической целью каждого производственного предприятия является повышение уровня рентабельности, что достигается за счет эффективного управления финансово-хозяйственной деятельностью. Для достижения основных стратегических целей и повышения уровня рентабельности производства необходима эффективная система учетно-аналитическое обеспечения управления производственными процессами. Основной задачей учетно-аналитического

обеспечения управления производственными процессами необходимо формирование информационной системы, под которой понимается своевременное обеспечение аппарата управления с точной и полной информацией для подготовки и принятия управленческих решений.

В данной статье рассмотрены теоретические, методические и организационные аспекты построения учетно-аналитического обеспечения управления производственными процессами. Объяснено содержание понятия «учетно-аналитическая система» и других понятий, связанных с формированием учетно-аналитического обеспечения управления производственными процессами предприятия. Проведен анализ различных трактовок этих понятий, представленных в литературе. Разработано собственное мнение автора о трактовке понятия «учетно-аналитического обеспечения». Определена структура системы учетно-аналитического обеспечения предприятия и ее основные элементы. Подтверждено, что в результате принятия рациональных управленческих решений на основе данных учетно-аналитической системы производственных потоков во всех сферах деятельности производственных предприятий финансовые результаты существенно возрастают.

***Ключевые слова***: учетно-аналитическая система, учетно-аналитическое обеспечение управления производственными процессами, учетно-аналитическая информация, управленческие решения, управленческий учет, производственные предприятия.

## ESSENCE OF ACCOUNTING AND ANALYTICAL SUPPORT OF MANAGEMENT OF PRODUCTION PROCESSES AND CONCEPTUAL ASPECTS OF ITS FORMATION

Faizalizoda Muhammadrabbi Muzaffar - assistant of the Department of Accounting, Tajik State University of Finance and Economics. Address: Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/16 Nakhimov street. Tel: 987-48-98-94. E-mail: fayzalizodam@list.ru

Annotation. The strategic goal of each production enterprise is to increase the level of profitability, which is achieved through effective management of financial and economic activities. In order to achieve the main strategic goals and increase the level of profitability of production, an effective system of accounting and analytical support of management of production processes is needed. The main task of accounting and analytical support of management of production processes requires the formation of an information system, which means the timely provision of a control apparatus with accurate and complete information for the preparation and adoption of managerial decisions.

The article considers theoretical, methodical and organizational aspects of building accounting and analytical support of management of production processes. The content of the concept of «accounting and analytical system» and other concepts related to the formation of accounting and analytical support for the management of production processes of enterprise has been explained. The analysis of different interpretations of these concepts, presented in the literature, is conducted. The author’s own opinion on interpretation of the concept of «accounting and analytical provision» has been developed. The structure of the system of accounting and analytical support of enterprise and its main elements have been determined. It has been confirmed that as a result of making rational managerial decisions based on data of the accounting and analytical system of production flows in all spheres of activity of production enterprises, financial results increase significantly.

Keywords: accounting and analytical system, accounting and analytical support of management of production processes, accounting and analytical information, managerial decisions, management accounting, production enterprises.

Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ барои идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ низоми босамари таъминоти иттилоотӣ зурур мебошад. Ин гуна низом бояд қодир бошад, ки ҳайати роҳбарикунандаи корхонаро бо иттилооти саривақтӣ, саҳеҳ, пурра ва шаффоф таъмин намояд. Ҳалли масъалаи мазкур бо мафҳуми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхона алоқаманд мебошад.

Ташаккули низоми босамари баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ба ноилгардии идоракунии маҳсулноки корхона мусоидат намуда, шароит фароҳам меоварад, ки дар корхона заминаи ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад ва раванди қабули қарорҳои идоракунӣ ба он такя намояд.

Дар раванди идоракунии корхонаҳои истеҳсолии муосир мушкилоти гуногуне ба миён меоянд, ки асоси ҳастии онҳо мувофиқ набудани низомҳои амалкунандаи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ бо масъалаҳои рушди стратегии онҳо мебошад. Вобаста ба ин, фаъолияти низоми дар корхонаҳои истеҳсолии муосир амалкунандаи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ бо ду сабаби асосӣ босамар буда наметавонад: якум, низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ барои ҳалли саривақтии масъалаҳои дар назди худ гузошташуда қодир нест; дуюм, - хароҷот барои амалкунии низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ниҳоят назаррас мебошанд, бинобар ин, мушкилот оид ба мақсаднокии кори воҳидҳои сохтории алоҳидаи корхона, ки бо коркарди иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ машғул мебошанд, ба миён меоянд [16, с.200-207].

Имрӯз дар байни муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхонаҳо баҳсҳо оид ба мафҳум, аҳамият ва нақши таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар идоракунии корхонаҳо ҷой доранд. Асарҳои илмии пурарзиш дар ин самт ба нашр расидаанд. Бо вуҷуди ин, мушкилоти ҳалталаби бо раванди ташаккули низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии босамар алоқаманд низ ҳастанд.

Омӯзиши адабиёти хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳоло паҳлӯҳои зиёди асосҳои назариявӣ-методологии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳо таҳия гардидаанд, аксари масъалаҳо оид ба муайянкунии моҳият ва хосиятҳо, таркиби унсурҳо, объектҳо, субъектҳо ва дигар ҷанбаҳои таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ба таври амиқ коркард шудаанд.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми «таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» ҳосила аз мафҳуми «низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» мебошад, ки инро муҳаққиқон қайд намудаанд[12, с. 102]. Аввалин маротиба мафҳуми «низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» дар нимаи аввали солҳои 1990 аз ҷониби муҳаққиқ Л.В. Попова чун мафҳуми иқтисодии мустақил баррасӣ шудааст [14, с. 78]. Ба ақидаи муаллиф, низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ба маънои васеъ – низоме мебошад, ки ба иттилооти муҳосибии дарбаргирандаи маълумоти фаврӣ асос ёфта, барои ба ҷо овардани таҳлили иқтисодӣ иттилооти оморӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва дигар намудҳоро истифода мебарад. Ҳамин тавр, низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ҷамъоварӣ, коркард ва баҳодиҳии ҳамаи намудҳои иттилооти барои қабули қарорҳои идоракунӣ заруриро ифода менамояд.

Бо вуҷуди зиёд будани асарҳои илмӣ оид ба таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхонаҳо ҳанӯз ҳам мушкилоти зиёди бо ташаккули низоми босамари баҳисобгирӣ-таҳлилии корхонаҳои муосир алоқаманд мавҷуд мебошанд. Дар асарҳои илмӣ мафҳуми «таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» ба таври яксон шарҳ дода нашудааст. Баъзе муаллифон фарогирии маълумоти коркардшавандаеро, ки бояд дар таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ истифода шаванд, маҳдуд менамоянд, муаллифони дигар – вазифаҳо, усулҳо ва тарзҳои истифодашавандаи коркарди иттилоот, миқдори унсурҳои таркибии боҳамалоқаманди онро маҳдуд мекунанд.

Дар рафти таҳқиқот ба муаллиф маълум гардид, ки дар адабиёти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили иқтисодӣ мафҳумҳои мухталифи бо муҳтавои худ ба мафҳумҳои «низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» ва «таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» наздик истифода мешаванд, аз ҷумла: «механизми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ»[13], «низоми баҳисобгирӣ-иттилоотӣ»[21], «таъминоти баҳисобгирӣ-итилоотӣ»[2], «фазои иттилоотии баҳисобгирӣ»[15], «фазои баҳисобгирӣ-иттилоотӣ»[4].

Дар ҷадвали 1.1 тарзҳои гуногуни тафсири мафҳуми «низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» ва муҳтавои он оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.1. – Тафсири мафҳуми «низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» ва муҳтавои он дар адабиёт**

| Муаллиф | Тафсири мафҳум |
|---|---|
| В.Н. Алферов [1, с.14] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ гуфта маҷмуи ҷузъҳои якҷоя амалкунанда ва боҳамалоқаманде фаҳмида мешавад, ки раванди беист ва мақсадноки ҷамъоварӣ, коркард ва баҳодиҳии иттилооти барои банақшагирӣ ва омодасозии қарорҳои идоракунии самаранок заруриро таъмин менамояд. |
| Д.Р. Андрияшина [3, с. 11] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ҷамъоварӣ, коркард ва баҳодиҳии ҳамаи намудҳои иттилооти барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифодашавандаро дар зинаҳои микро ва макро ифода менамояд. |
| Е.А. Боброва [6, с. 20] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ба маънои васеъ – ин низомест, ки ба иттилооти муҳосибӣ такя намуда, маълумоти фаврӣ, оморӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва дигар намудҳои иттилоотро дар бар мегирад. |
| И.Н. Богатая [7, с. 70] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ба маънои васеъ – ин низоме мебошад, ки ба иттилооти муҳосибӣ асос ёфта, маълумоти фавриро дар бар мегирад ва барои ба ҷо овардани таҳлили иқтисодӣ маълумоти оморӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва дигар намудҳои иттилоотро истифода мебарад. |
| Е.А. Иванов [8, с. 165] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ чун мафҳуми иқтисодӣ низоми ҳамгирои дастгирии менеҷментро ифода менамояд, ки асоси иттилоотии чорабиниҳои ба равандҳои истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ таъсиррасонро дар ягонагии амалкунии якҷояи зернизомҳои баҳисобгирӣ, таҳлилӣ ва назоратӣ омода менамояд. |
| И.В. Калнитская [9, с. 2] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии ҳамгиро барои ҳадафҳои идоракунӣ чун низоми бутун маҷмуи муайяни унсурҳои низомбунёдкунандаи боҳамалоқамандро ифода менамояд, ки бо мақсади ягонаи амалкунии худ – таъмини эҳтиёҷоти иттилоотии низоми идоракунӣ дар сатҳи нави сифатӣ муттаҳид гардидаанд. |
| Л.В. Попова [14, с. 78] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ба маънои васеъ – ин низоме мебошад, ки ба иттилооти муҳосибӣ асос ёфта, маълумоти фавриро дар бар мегирад ва барои таҳлили иқтисодӣ иттилооти оморӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва дигар намудҳои иттилоотро истифода мебарад. Бинобар ин, ба таври васеъ низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ҷамъоварӣ, коркард ва баҳодиҳии ҳамаи намудҳои иттилооти барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар зинаҳои микро ва макро истифодашавандаро ифода менамояд. |
| Н.А. Тичинина [17, с. 105] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии корхона аз чор зернизоми боҳамалоқаманд иборат аст: иттилоотӣ, баҳисобгирӣ, таҳлилӣ ва аудиторӣ. Дар низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ зернизоми баҳисобгирӣ асосӣ мебошад, чунки маҳз дар асоси иттилооти он таҳлили фаъолияти корхона бунёд мешавад. |

| | |
|---|---|
| А.Х. Файзуллоев [19, с. 56] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ низомеро ифода менамояд, ки баҳисобгирии идоракунӣ, таҳлили идоракунӣ ва назорати идоракуниро дар бар гирифта, барои қонеъ намудани эҳтиёҷи иттилоотӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ имконият медиҳад. |
| Н.Н. Хахонова [20, с. 234] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ – ин низомест, ки зернизомҳои баҳисобгирӣ, таҳлилӣ ва назоратиро дар бар гирифта, ба иттилооти баҳисобгирӣ ва ғайрибаҳисобгирӣ такя менамояд ва имконият медиҳад, ки на танҳо идоракунии фаврии ҷорӣ, инчунин идоракунии стратегии корхонаи тиҷоратиро бо иттилооти зарурӣ таъмин карда шавад. |
| Т.Г. Шешукова, Е.Р. Мухина [23, с. 158] | Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ гуфта зернизоми низоми идоракунии корхона фаҳмида мешавад, ки ба маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ асос ёфта, барои ба ҷо овардани таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхона имкон медиҳад. Дар навбати худ, таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ чун маҷмуи ҷузъҳои таъминотӣ (амалҳо, воситаҳо, усулҳо)-и низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, ки дастгирии баҳисобгирӣ-таҳлилии раванди қабули қарорҳои идоракуниро таъмин менамоянд, фаҳмида мешавад. |

**Сарчашма: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия кардааст**

Таҳлили тарзҳои гуногуни тафсири мафҳуми «низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» ба мо имкон дод, то хулоса барорем, ки аксари муаллифон низоми мазкурро чун низоми дарбаргирандаи унсурҳои бо ҳам алоқаманд – зернизомҳо шарҳ медиҳанд. Ҳамин тавр, ба ақидаи И.А. Маслова, модели мукаммалкардашудаи низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ зернизомҳои баҳисобгирӣ-ҳисоботӣ, таҳлилӣ ва аудитро дар бар мегирад[11, с.255]. Айнан ҳамин гуна нуктаи назарро муаллиф М.У. Базарова ва дигарон дар интишороти худ ҷонибдорӣ менамоянд [5, с. 246]. Нуктаи назари Н.Н. Хахонова чанде дигар аст. Ба ақидаи ӯ “низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ аз зернизомҳои баҳисобгирӣ, таҳлилӣ ва назоратӣ иборат аст”[20, с. 231]. А.Х. Файзуллоев дар таркиби низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ унсурҳои баҳисобгирии идоракунӣ, таҳлили идоракунӣ ва назорати идоракуниро ҷудо менамояд.

Муҳаққиқони пешбари соҳаи баҳисобгирӣ-иқтисодӣ дар асарҳои илмии худ нигоҳ ва ақидаҳои фардиро оид ба моҳият ва унсурҳои таркибии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ва таъиноти онҳо дар қабули қарорҳои идоракунӣ арз менамоянд. Онҳо мафҳумҳои «низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» ва «таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ»-ро асосан дар вобастагӣ бо мафҳуми «низоми иттилоотӣ» баррасӣ менамоянд. Дар ин маврид, мафҳуми низоми иттилоотӣ бо маънои васеъ ва маҳдуд шарҳ дода мешавад.

Ба маънои васеъ, низоми иттилоотӣ маҷмуи таъминоти техникӣ, барномавӣ, ташкилӣ ва ҳайати кормандон мебошад, ки барои таъмини саривақтии кормандони дахлдор бо иттилооти муносиб таъин шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» низ мафҳуми низоми иттилоотиро ба таври васеъ – чун «маҷмуи асноди аз нигоҳи ташкилӣ танзимшуда, ҳаҷми аснод ва технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарор ва алоқа, ки ҷараёни иттилоотиро татбиқ месозанд», шарҳ додааст[10]. Низоми иттилоотӣ ба маънои маҳдуд чун низоми барномавӣ-техникие баррасӣ мешаввад, ки «барои автоматикунонии фаъолияти мақсадноки истифодабарандагони ниҳоӣ таъин гардида, имкони гирифтан, нав кардан ва нигоҳ доштани иттилоотро мутобиқи мантиқи муайяни коркард таъмин менамояд»[20, с. 233].

**Мақсади мақола** – ин баррасии моҳияти таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ мебошад.

Имрӯз бо сабаби шароити бухронӣ масъалаи баланд бардоштани таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар фаъолияти корхонаҳои истеҳсолкунанда боз ҳам мубрам гардида истодааст. Мушкилоти мазкур нав нест, вале дар ҷаҳони муосир муваффақияти корхонаҳои истеҳсолӣ имрӯз на танҳо аз рушди техника ва технологияи истеҳсолӣ, балки аз мукаммалсозии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ вобаста мебошад.

Низоми иттилоотӣ – ин маҷмуи бо ҳам алоқаманди воситаҳо, усулҳо ва кормандон мебошад, ки барои нигоҳдорӣ, коркард ва додугирифти иттилоот ба хотири ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ба кор бурда мешаванд. Унсури ҷудонопазири мафҳуми мазкур зернизоми таъминоти иттилоотӣ мебошад, ки раванди мураккаб ва маҷмуии таъминкунандаи қонеъгардонии эҳтиёҷоти иттилотии идоракуниро ифода намуда, вазифаи муносибгардонии фаъолияти идоракунии корхонаро иҷро менамояд.

Таъминоти иттилоотӣ чун низом (зернизом) маҷмуи ҷузъҳои бо ҳам алоқамандро ифода менамояд, ки расмиёти байниҳамдигарии онҳо ба таври муайян дар технологияи ягонаи татбиқкунандаи қоидаҳо ва принсипҳои методологии табдилиҳии босамари иттилоот мутобиқи эҳтиёҷоти идоракунӣ ташкил карда шудаанд. Зернизоми таъминоти иттилоотӣ маълумоти фаврӣ, банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, ҳисоботӣ, меъёрӣ, инчунин таснифоти иттилооти техникӣ-иқтисодӣ, низоми ҳуҷҷатҳои ҳамсонкардашуда ва махсусро дар бар мегирад.

Унсури таркибии таъминоти иттилоотӣ – таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ мебошад, ки дар аксар ҳолатҳо бо мафҳуми низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ як хел маънидод карда мешавад. Вобаста ба ин, имрӯз дар соҳаи назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили иқтисодӣ, инчунин дар фаъолияти амалии муҳосибон ва таҳлилгарон як қатор мафҳумҳое ба кор бурда мешаванд, ки пештар мавриди истифода набуданд. Масалан, тавре муҳаққиқ А.Н. Хорин қайд менамояд, «имрӯз зарурате ба миён омадааст, ки ҷомеаи илмӣ, мақомоти қонунгузорӣ ва идораҳои давлатӣ, ки барои ба ҷо овардани роҳбарии методологӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ масъул мебошанд, бояд олоти мафҳумии соҳаи мазкурро ба таври бонизом таҳия намоянд ва истифодабарии онро дар тамоми бахшҳои корӣ ба танзим даророанд»[22, с. 22].

Ба фикри мо, ақидаи нисбатан ҷолиб аз ҷониби муҳаққиқ И.В. Калнитская пешниҳод гардидааст. Дарвоқеъ, ҳалли мушкилоти таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ (истеҳсолот) дар корхонаҳои муосир бояд хосияти ҳамафарогир ва маҷмуӣ дошта бошад ва ба таҳқиқоти масъалаҳои методологӣ ва ташкилии ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ барои ҳадафҳои идоракунии корхона дар алоқамандии чунин унсурҳои вазифавии соҳаи таъминоти иттилоотии идоракунӣ такя намояд [9, с. 3]:

- низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии баҳисобгирии молиявӣ;
- низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии баҳисобгирии идоракунӣ;
- низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии баҳисобгирии андоз.

Вобаста ба ин, яке аз самтҳои дар оянда муҳими мукаммалгардонии таъминоти иттилоотии низоми идоракунии корхонаҳои муосир таҳия намудани муқаррароти назариявӣ ва методологии низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии ҳамгиро ба хотири иҷрои ҳадафҳои идоракунӣ (ҷорӣ ё стратегӣ) мебошад. Сабаби асосии корбурди равиши ҳамгиро ба ташаккули низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ барои иҷрои ҳадафҳои идоракунии корхона аз нақши иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар идоракунӣ ва иқтидори ҳамгироёнаи иттилооти мазкур бармеояд, чунки иттилоот идора, одамон, равандҳо, технологияҳоро, ки на чун ҷузъҳои алоҳида, балки чун низоми ягона баррасӣ мешаванд, муттаҳид менамояд. Дар натиҷаи алоқамандиҳо ва

ҳамкории байниҳамдигарии ҷузъҳо дар низом сифати наве ҳосил мешавад, ки ба ягон ҷузъи алоҳидаи низом дар алоҳидагӣ хос нест.

Дар таърифи пешниҳоднамудаи муҳаққиқон Т.Г. Шешукова ва Е.Р. Мухина низ ҷиҳати ҳамгирой дида мешавад, вале ба ақидаи онҳо низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ зернизомҳои баҳисобгирӣ, ҳисобот, таҳлил ва назоратро муттаҳид намуда, бештар ба иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ таваҷҷуҳ менамояд. Вобаста ба ин баҳисобгирии муҳосибиро метавон чун низоми иттилоотии корхона ифода намуд, ки дар он тамоми далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ бо усули саросарӣ ба қайд гирифта мешаванд. Дар ин маврид се унсури асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ҷудо карда мешавад, ки бо таъсири омилҳои муҳити берунӣ ва дохилӣ чун зернизомҳои алоҳидаи баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ташаккул ёфтаанд[2, с.16]. Консепсияи муосири ташаккули таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ низ ба ҳамин пояи ҳамгирой асос меёбад.

Ҳама гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, чунин тарҳи сохтори низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхонаро пешниҳод менамоем, ки дар расми 1 инъикос карда шудааст.

Ба андешаи мо, дар таркиби низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии корхона мақоми калидиро бояд зернизоми баҳисобгирӣ-ҳисоботӣ дошта бошад, чунки маҳз дар асоси унсурҳои асосии он - ҳисоботи молиявӣ, ҳисоботи идоракунӣ ва ҳисоботи андоз таҳлил ва назорати фаъолияти хоҷагидории корхона ба ҷо оварда мешавад. Зернизоми баҳисобгирӣ-ҳисоботӣ ташаккул, ҷамъоварӣ, тасниф ва ҷамъбасткунии иттилооти барои идоракунии фаъолияти истеҳсолию молиявии корхона заруриро таъмин менамояд.




**Расми** 1. - **Сохтори низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхона**[18, с.180].

Ҳамин тавр, таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхона – раванди беисти ташаккул ва коркарди иттилооти бо баҷоории фаъолияти истеҳсолию молиявии корхона алоқаманд ва пешниҳод кардани натиҷаҳои он барои қабули қарорҳои идоракунии асоснок ва босамар мебошад.

Хусусияти ҳамгироӣ доштани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои истеҳсолии муосир имкон медиҳад, ки расмиёти баҳисобгирӣ ва таҳлилӣ дар як раванди ягона муттаҳид карда шаванд. Дар ин маврид, ҳам методологияи умумӣ ва ҳам муқаррароти меъёрии баҳисобгирӣ ва таҳлил барои истифодаи оқилона дар низоми ягонаи баҳисобгирӣ-таҳлилӣ мукаммал мегарданд. Бефосилагии ин раванд ва истифодаи натиҷаҳои он дар корхона барои қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби роҳбарияти корхона зарур мебошанд [20, с. 233].

## АДАБИЁТ


1. Алферов, В.Н. Теоретико-методологические аспекты построения учетно-аналитической системы затрат дорожно-строительных организаций при переходе на МСФО [Текст] / В.Н. Алферов // Экономика и социум: современные модели развития. – 2013. - № 6. – С. 14-35, с. 14
2. Андреева, С.В. Учетно-информационное обеспечение деятельности малых предприятий в современных условиях [Текст] / С.В. Андреева // Бухгалтерский учет, статистика. – 2010. - № 5 (66). – С. 213-216
3. Андрияшина, Д.Р. Интегрированная информационная система внутреннего контроля за внешнеэкономической деятельностью организации: проблемы организации и варианты построения [Текст] / Д.Р. Андрияшина // Международный бухгалтерский учет. – 2013. - № 3 (249). – С. 9-17, с. 11
4. Баева, Е.А., Баев А.В. Компоненты учетно-информационного пространства организации [Текст] / Е.А. Баева, А.В. Баев // Социально-экономические явления и процессы. – 2012. - № 10 (044). – С. 16-20
5. Базарова, М.У. Критерии и принципы формирования учетно-аналитической системы обеспечения финансовой устойчивости предприятия [Текст] / М.У. Базарова // Актуальные вопросы современной науки. - 2013. - № 27. - С. 245–253, с. 245
6. Боброва, Е.А. Учетно-аналитическая система затрат на производство: виды учета и аудита [Текст] / Е.А. Боброва // Аудиторские ведомости. – 2007. - № 2. – С. 20-26, с. 20
7. Богатая, И.Н., Евстафьева Е.М. Учетно-аналитическая система коммерческих организаций как основа для управления денежными потоками при банкротстве [Текст] / И.Н. Богатая, Е.М. Евстафьева // Учет и статистика. - 2009. - №3. - С. 69–74, с. 70
8. Иванов, Е.А. Сущностные характеристики и концептуальная модель учетно-аналитической системы [Текст] / Е.А. Иванов // Бизнес. Образование. Право. - 2014. - № 1 (26). - С. 162–166, с. 165
9. Кальницкая, И.В. Интегрированная учетно-аналитическая система для целей управления организацией [Текст] / И.В. Кальницкая // Международный бухгалтерский учет. – 2014. - № 22 (316). – С. 2-13, с. 2
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, № 55 [Сарчашмаи электронӣ] / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2002. - № 4 / Низоми дастрасӣ: URL: http://base.mmk.tj/content
11. Маслова, И.А. Системная концепция учета и распределения стоимости в посттрансформационной экономике России и ее адаптация к международным стандартам финансовой отчетности [Текст] / И.А. Маслова // Дис. на соиск. учен. степ. докт. экон. наук. - Орел, 2006. - 336 с.

12. Оборин, М.С., Гудков, А.А. Учетно-аналитическое обеспечение управления деятельностью предприятия / М.С. Оборин, А.А. Гудков // Вестник Забайкальского государственного университета. – 2019. – Т. 25. - № 4. – С. 102-115, с. 102
13. Омельченко, И.А. Развитие учетно-аналитического механизма внешнеэкономической деятельности [Текст] / И.А. Омельченко // Вестник Томского государственного университета. – 2008. - № 317. – С. 210-216
14. Попова, Л.В. Основные теоретические принципы построения учетно-аналитической системы [Текст] / Л.В. Попова, Б.Г. Маслов, И.А. Маслова // Финансовый менеджмент. – 2003. – № 5. – С. 78-82
15. Рожнова, О.В. Структура учетного информационного пространства [Текст] / О.В. Рожнова // Международный бухгалтерский учет. – 2000. - № 4 (16). – С. 13-22
16. Тхагапсо, М.Б. Роль учетно-аналитического обеспечения в управлении предприятием [Текст] / М.Б. Тхагапсо // Вестник Адыгейского государственного университета. Серия 5: Экономика. - 2015. - № 3 (165). – С. 200-207
17. Тычинина, Н.А. Теоретическое обоснование содержания учетно-аналитического обеспечения устойчивого развития предприятия / Н.А. Тычинина // Вестник оренбургского государственного университета. – 2009. - № 2 (96). – С. 102-107
18. Файзализода М.М. Ташаккули таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхона [Матн] / М.М. Файзализода // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021 – №4/2 (54). – С. 175-186.
19. Файзуллоев, А.Х. Учетно-аналитическая система управления сельскохозяйственным производством [Текст] / А.Х. Файзуллоев // Дис. на соиск. учен. степ. кан. экон. наук. – Душанбе, 2020. – 186 с., с. 56
20. Хахонова, Н.Н. Теоретико-методологическое исследование категории «учетно-аналитическая система» управления коммерческой организации / Н.Н. Хахонова // Фундаментальные исследования. – 2012. - № 9. – С. 231-234, с. 233
21. Хмелев, С.А. Методология и организация комплексной учетно-информационной системы обеспечения экономической безопасности предприятия [Текст] / С.А. Хмелев // Дис. на соиск. учен. степ. докт. экон. наук. – Москва, 2012. – 441 с.;
22. Хорин, А.Н. О достоверности и существенности показателей бухгалтерской отчетности [Текст] / А.Н. Хорин // Бухгалтерский учет. – 2000. - № 11. – С. 22-25, с. 22
23. Шешукова, Т.Г., Мухина, Е.Р. Исследование структурных составляющих учетно-аналитической системы / Т.Г. Шешукова, Е.Р. Мухина // Вестник Томского государственного университета. Экономика. – 2016. - № 2 (34). – С. 155-162
24. Шарипов, Б. М. Роль валютного сегмента финансового рынка Таджикистана в изменении модели национальной экономики / Б. М. Шарипов, Б. М. Джураев, С. Зарифзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 2. – С. 157-163.

**УДК**: 330

# ХУСУСИЯТИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТ

***Бобомуродов Бобомурод Элмуродович*** *– Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Нахимов* 64/14 *Телефон*: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru.

***Анотатсия****. Мақола ба муайян кардани нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар идоракунии ташкилот бахшида шудааст. Дар мақола моҳият, мафҳумҳои асосӣ, усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ баррасӣ шуда, инчунин нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар рушди*

*ташкилоти муосир муайян карда шудааст. Ба роҳ мондани баҳисобгирии идоракунӣ барои фаъолияти ҳар як ташкилот ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ муҳим аст. Баҳисобгирии идоракунӣ фаъолиятро ҳавасманд мекунад, арзишҳои фарҳангиро, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, тактикӣ ва амалиётии ташкилот заруранд, дастгирӣ ва бунёд мекунад.*

***Калид вожаҳо***: *баҳисобгирии идоракунӣ, идоракунии ташкилот, рақобатпазирӣ, қарорҳои идоракунӣ, натиҷаҳои молиявӣ.*

## ОСОБЕННОСТЬ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ

***Бобомуродов Бобомурод Элмуродович***-*Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент заведующей кафедрой бухгалтерского учета. Адрес*: 734064, *Республика Таджикистан, город Душанбе, Нахимов* 64/14 *Телефон*: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru.

***Аннотация***. *Статья посвящена определению роли управленческого учета в управлении организацией. В статье рассмотрены сущность, основные понятия, методы управленческого учета, а также определена роль управленческого учета в развитии современной организации. Ведение управленческого учета важно для функционирования любой организации при принятии управленческих решений. Управленческий учет стимулирует деятельность, поддерживает и строит культурные ценности, необходимые для достижения стратегических, тактических и операционных целей организации.*

***Ключевые слова***: *управленческий учет, управление организацией, конкурентоспособность, управленческие решения, финансовые результаты.*

## THE PECULIARITY OF MANAGEMENT ACCOUNTING IN THE ACTIVITIES OF THE ORGANIZATION

Bobomurodov Bobomurod Elmurodovich -Tajik State University of Finance and Economics, PhD in Economics, Associate Professor at the head of the Accounting Department. Address: 734064, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov 64/14 Phone: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru .

Abstract. The article is devoted to the definition of the role of management accounting in the management of an organization. The article examines the essence, basic concepts, methods of management accounting, and defines the role of management accounting in the development of a modern organization. Management accounting is important for the functioning of any organization when making management decisions. Management accounting stimulates activities, supports and builds cultural values necessary to achieve the strategic, tactical and operational goals of the organization.

Keywords: management accounting, organization management, competitiveness, management decisions, financial results.

Таҳаввулоти гуногун, аз қабили ҷаҳонишавии прогрессивӣ, тавсеаи робитаҳои тиҷоратӣ дар саросари ҷаҳон, навоварӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, афзоиши таъсири ташкилотҳои касбӣ ва истифодаи интенсивии ҳисобгирии идоракунӣ дар амалияҳои тиҷоратӣ сабаби тағйирёбии доимии баҳисобгирии идоракунӣ мебошанд. Стратегияи хуб таҳияшуда барои бисёр ташкилотҳо аҳамияти бештар пайдо мекунад. Хусусияти муҳими чунин стратегия таърифи инфрасохтори истеҳсолӣ мебошад, ки ба рақобати маҳсулот ва хидматҳо дар бозори интихобшуда мувофиқат мекунад. Низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҷузъи асосии ин инфрасохтор мебошад. Нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар идоракунии ташкилот хеле муҳим аст.

Новобаста аз тахияи накшаи бизнес ё қабули қарорҳои тиҷоратӣ, тағйирёбандаҳои зиёде мавҷуданд, ки пеш аз қабули қарор бояд ба назар гирифта шаванд. Ин аҳамияти таҳқиқотро муайян мекунад.

Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқотро назарияҳо, хулосаҳо ва консепсияҳое, ки дар асарҳои мутахассисони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба баҳисобгирии идоракунӣ нашр шудаанд, ташкил медиҳад.

Ба таъриф ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ фаҳмишҳои зиёде мавҷуданд. Таърихи баҳисобгирии идоракунӣ қисмати таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ буда, дар навбати худ дар баробари баҳисобгирии оморӣ ва андоз ҷузъҳои баҳисобгирии хоҷагиро ташкил медиҳад. Дар процесси инкишофи инсон хисоби идоракунӣ дар як чо истода намондааст, вай такомул ёфта, кисмхои навро дарбар мегирад. Имрӯз, тибқи яке аз равишҳо, баҳисобгирии идоракунӣ зерсистемаи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки соҳаи дониш ва соҳаи фаъолиятест, ки бо ташаккул ва истифодаи иттилооти иқтисодӣ барои идоракунии субъекти хоҷагидор алоқаманд аст [2]. Ин равиш бештар консервативӣ аст, аммо ягона нест. Муносибати дуюми муайян кардани баҳисобгирии идоракунӣ мегӯяд, ки баҳисобгирии идоравӣ баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии андоз, баҳисобгирии муҳосибӣ ва амалиётиро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, тамоми маълумоти барои идоракунии корхона зарурӣ ҷамъ карда шуда, ба мудир дар шакли кулайтарин ба воситаи системаи хисоби идоракунӣ дода мешавад. Сарфи назар аз равишҳо, соҳаи фаъолияти баррасишаванда ба муайян кардан, андозагирӣ, таҳлил ва тафсири иттилооти гирифташуда нигаронида шудааст, ки натиҷаҳои онҳо минбаъд барои асосноккунии қарорҳои оперативӣ истифода мешаванд [2]. Баҳисобгирии идоракуниро бо баҳисобгирии молиявӣ, ки ба ҳамоҳангсозӣ ва ҳисоботдиҳии молиявии ширкат нигаронида шудааст, набояд омехта кард. Мутахассисони баҳисобгирии идоракунӣ вазифадоранд, ки рӯйдодҳо ва калидҳоро таҳлил кунанд нишондиҳандаҳои фаъолияти ширкат, онҳоро ба маълумот тарҷума кунед ва гузориш диҳед, то онҳо дар раванди қабули қарорҳои созмон истифода шаванд [4].

Ҳадафҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ дар расми 1 оварда шудаанд.



**Расми 1. Ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ**

Нақши муҳосиби идоракунӣ дар банақшагирии тиҷорат аз он иборат аст, ки ба менеҷерон бо маълумот ва маълумоте, ки барои раванди қабули қарор заруранд, таъмин намояд. Муҳосиби идоракунӣ тавассути таҳлили хатҳои алоҳидаи маҳсулот, амалиёт, иқтидори истеҳсолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои муҳим, ба менеҷерҳо дар қабули қарорҳои асоснок кӯмак мерасонад [6]. Дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ, шумо метавонед ҳамчун таҳлилгари буҷет, таҳлилгари молиявӣ, менеҷери баҳисобгирӣ ва назоратчӣ тахассус дошта бошед.

Имрӯз дар соҳаи идоракунии хароҷот ва натиҷаҳои молиявии корхона ду мушкилоти асосӣ вуҷуд дорад. Аввал - тағйир додани самти назария ва таҷрибаи андӯхташуда барои ҳалли проблемаҳои наве, ки дар шароити бозор дар назди идоракунии корхона истодаанд [1]. Дуюм, таъсиси системаҳои нави ғайрианъанавии ба даст овардани маълумот дар бораи хароҷот, истифодаи усулҳои нави ҳисобкунии хароҷот, ҳисобкунии натиҷаҳои молиявӣ, инчунин усулҳои таҳлил, назорат ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар ин асос мебошад [1].

Ба ин муносибат омӯзиши системаҳои баҳисобгирии идоракунӣ барои корхонаҳои муосир таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Ба таври умум эътироф шудааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ воситаи зарурии идоракунии ташкилот мебошад, ки имкон медиҳад сифат ва самаранокии қарорҳои идоракунӣ, ба ҳадди аксар расонидани натиҷаи интизорӣ ва назорати самараноки хавфҳои фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намояд [5].

Ҳамин тариқ, мавқеи баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми молиявии корхона комилан махсус буда, таъсис ва нигоҳдории он нисбат ба онҳое, ки ба бахши муҳосибӣ ва андоз хизмат мерасонанд, муносибати гуногун ва мутахассисони дигарро тақозо мекунад.

Банақшагирӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ якчанд усулҳои тафсир ва пешниҳоди маълумоти заруриро дар бар мегирад. Мувофиқи маълумоти Институти молияи корпоративӣ, ин усулҳо таҳлили маржа, таҳлили маҳдудият, буҷаи сармоя, арзёбии захираҳо ва хароҷоти маҳсулот, таҳлили тамоюл ва пешгӯиро дар бар мегиранд [4].

Таҳлили маржиналӣ яке аз усулҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки асосан ба манфиатҳои оптимизатсияи истеҳсолот нигаронида шудааст [3]. Таҳлили маржа ба шумо имкон медиҳад, ки ҳаҷми оптималии фурӯшро тавассути ҳисоб кардани нуқтаи зараровар муайян кунед. Таҳлили маҳдудият ба истеҳсолот нигаронида шудааст самтҳои тиҷорат, муайян кардани он, ки монеаҳои асосӣ ба даромад ва фоидаи ширкат чӣ гуна таъсир мерасонанд.

Ҳамчун як қисми буҷети сармоя, муҳосибони идоракунӣ арзиши ҳозираи соф ва меъёри дохилии даромадро барои огоҳ кардани қарорҳои буҷет ҳисоб мекунанд, дар ҳоле ки арзёбии инвентаризатсия ва арзиши маҳсулот хароҷоти воқеии марбут ба маҳсулот ва инвентаризатсияи ширкатро таҳлил мекунанд. Ниҳоят, таҳлил ва пешгӯии тамоюлҳо шаклҳо ва тамоюлҳои тағирёбии хароҷоти маҳсулотро муайян мекунанд. Ин усул инчунин барои муайян кардани инҳироф аз арзишҳои пешбинишуда ҳангоми муайян кардани омилҳое истифода мешавад, ки метавонанд ба инҳирофҳо мусоидат кунанд[8].

Якчанд ҳисоботҳо дар баҳисобгирии идоракунӣ барои кӯмак ба ширкат дар қабули қарорҳои асоснок истифода мешаванд. Ҳисоботҳои маъмулан истифодашаванда ҳисоботи пиршавии қарзи дебиторӣ, ҳисобот оид ба иҷроиш ва ҳисоботи баҳисобгирии хароҷоти идоракунӣ мебошанд. Ҳисоботи пиршавии қарзи

дебиторӣ барои тақсим кардани бақияи муштариён дар давраҳои мушаххас истифода мешавад [6]. Ин гузориш ба менеҷерҳо дар муайян кардани қарздорон ва мушкилот дар раванди ҷамъоварии қарзи ширкат кӯмак мекунад.

Ҳисобот оид ба иҷроиш дар охири ҳар семестр тартиб дода мешавад ва тамоми ширкатро, аз ҷумла ҳар як шӯъба ва ҳар як кормандро фаро мегирад. Ин гузоришҳо барои муайян кардани камбудиҳо дар ҷараёни кор истифода мешаванд. Онҳо ба ширкат дар роҳи расидан ба ҳадафҳои худ кӯмак мекунанд. Ҳисоботи баҳисобгирии хароҷоти идоракунӣ хароҷоти истеҳсолот, аз ҷумла арзиши мавод, хароҷоти иловагӣ, меҳнат ва хароҷоти иловагиро муайян мекунад. Баъд финаларзишҳо ба миқдори маҳсулоти истеҳсолшуда тақсим карда мешаванд.

Ҳисоботи мазкур ба менеҷерҳо дар банақшагирии тиҷорат тавассути пешниҳоди тақсимоти хароҷоти истеҳсолӣ ва нархи фурӯши маҳсулот барои ҳисоб кардан ва назорат кардани маржаи фоида кӯмак мекунад [4]. Ҳисоботи дигаре, ки метавонанд дар қабули қарорҳои тиҷоратӣ кӯмак расонанд, аз қабили гузоришҳои фармоишӣ, ҳисоботи лоиҳа ва таҳлили рақибон, вобаста ба захираҳои ширкат метавонанд берун аз он истифода шаванд.

Шӯъбаи баҳисобгирии идоракунӣ яке аз бахшҳои муҳимтарини ширкат ба шумор меравад, аммо аксари соҳибкорон инро аз сабаби услуби кори «пинҳонӣ» дарк намекунанд [1]. Муҳосибони идоракунӣ инсайдерҳо мебошанд, ки барои муайян кардани стратегияи умумии тиҷорат таҳлили дохилӣ мегузаронанд. Тибқи таъриф, вазифаи онҳо омода кардани ҳисоботи молиявии дохилӣ, сабтҳо ва ҳисобҳо барои кӯмак ба менеҷерҳо дар раванди қабули қарорҳо дар ноил шудан ба ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати тиҷорат мебошад [7]. Ба ибораи дигар, кори онҳо содда кардани маълумоти мураккаби молиявӣ ва табдил додани он ба иттилооти муфид аст. Вазифаи муҳимтарини баҳисобгирии идоракуни гузаронидани таҳлили дурусти хароҷот бо мақсади муайян намудани хароҷоти мавҷуда ва пешниҳод намудани таклифҳо оид ба фаъолияти оянда мебошад. Пеш аз он ки ширкат ягон амалеро анҷом диҳад, вай бояд тамоми вариантҳоро таҳқиқ кунад ва тактикаи беҳтарини афзоиши фоидаро муайян кунад [8]. Ин маънои онро дорад, ки муҳосибони менеҷмент бояд каналҳои гуногуни фурӯш, маҳсулот, хидматҳо ва фаъолиятҳои маркетингиро таҳлил кунанд, то модели фоидаовартаринро пайдо кунанд. Вақте ки гурӯҳи баҳисобгирии идоракунӣ таҳлили мувофиқи хароҷотро анҷом медиҳад, ширкат метавонад қарорҳои муассиртар ва огоҳона қабул кунад.

Вазифаи навбатӣ ҳадафи шунавандагон аст. Маркетингҳо бояд ба истеъмолкунандагони худ диққати махсус диҳанд. Онҳо лангари тиҷоратро намояндагӣ мекунанд, аз ин рӯ ҳар як ширкат бояд шахсияти харидорро бо тамоми хусусиятҳои марбут ба монанди: синну сол, ҷинс, макон, сатҳи даромад, маълумоти илмӣ, тарзи зиндагӣ, арзишҳои шахсӣ эҷод кунад. Муҳосибони идоракунӣ бояд арзиши ҳар як гурӯҳи муштариёнро таҳлил кунанд, то воҳидҳои фоидаоварро муайян кунанд [6]. Бо ин намуди махсуси мақсадноки шунавандагон, ширкат метавонад вақт ва захираҳои иловагӣ ба бозорҳое, ки метавонад дар дарозмуддат фоидаи бештар ба даст оварад, сармоягузорӣ кунад.

Истеҳсоли маҳсулот аксар вақт гаронарзиштарин сегменти тиҷорат аст, бинобар ин боварӣ ҳосил кардан муҳим аст, ки кадом вариант ба эҳтиёҷоти созмон ҷавобгӯ аст [5]. Умуман, ду роҳ вуҷуд дорад - маҳсулотро худатон созед ё онҳоро аз таъминкунандаи тарафи сеюм харед. Дар ин ҳолат, мутахассисони баҳисобгирии идоракунӣ бояд варианти ояндадор ва самаранокро муайян кунанд. Онҳо метавонанд арзиши ҳақиқии ҳар як қарорро арзёбӣ кунанд ва муайян кунанд, ки оё истеҳсоли мол дар дохили худ ва ё аз истеҳсолкунанда харидани он маъно дорад [8]. Ин метавонад як

қарори оддӣ ба назар расад, аммо он ниҳоят ҳассос аст ва метавонад тиҷоратро кунад ё вайрон кунад.

Вазифаи дигари муҳими баҳисобгирии идоракунӣ дар доираи идоракунии ташкилот муайян кардани буҷетҳо мебошад. Муҳосибони идоракунӣ бояд фаъолияти гузаштаро таҳлил кунанд ва сармоягузорӣ барои фаъолияти ояндаро муайян кунанд. Онҳо нақшаҳои молиявиро барои ҳар як шӯъба, лоиҳа, маъракаи маркетингӣ, маҳсулоти нав ё ягон корхонаи дигар таҳия мекунанд[6].

Назорати дигар ҷанбаи муҳими баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Махз, вай ба фаъолияти хамаи шуъбахои корхона бахо дода, ба натичахои молиявӣ вобаста аст. Хамин тавр ташкилот сабабхои хам зиён ва хам фоидаи ба подразделенияхо гирифтаро муайян карда метавонад. Дар чунин шароит барои роҳбарони калон кам кардани хароҷоти амалиётӣ хеле осонтар аст[7]. Масалан, онҳо метавонанд музди меҳнати шӯъбаҳоро кам кунанд ё шумораи кормандонро кам кунанд. Аз тарафи дигар, онҳо инчунин метавонанд ба соҳаҳое сармоягузорӣ кунанд, ки даромади баланд доранд ва ба ин васила даромаднокии умумии тиҷоратро зиёд мекунанд.

Фоидаи ниҳоии баҳисобгирии идоракунӣ қобилияти он барои муайян кардани шаклҳои молиявӣ ва пешгӯии рӯйдодҳои оянда барои идоракунии самараноки ташкилот мебошад. Ин ба созмон имкон медиҳад, ки аз тамоюлҳои навтарини соҳа огоҳ бошад, яъне ташкилот метавонад сари вақт вокуниш нишон диҳад ва стратегияҳоеро амалӣ созад, ки ба созмон имкон медиҳад аз рақибони худ бартарӣ диҳад [8].

Бо ёрии имкониятҳои банақшагирии баҳисобгирии идоракунӣ, ташкилот инчунин метавонад сиёсати дарозмуддати тиҷоратро эҷод кунад. Бо ин кор, тамоми даста дар як роҳ мемонад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои асосии тиҷоратии созмон яксон кор мекунад [3].

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир баҳисобгирии идоракунӣ тавассути вазифаҳои худ ҳамчун заминаи асосии иттилоотии идоракунии фаъолияти дохилии корхона, стратегия ва тактикаи он баромад мекунад. Мақсади асосии он омода кардани иттилоот барои қабули қарорҳои оперативӣ ва пешгӯии идоракунӣ мебошад. Дар робита ба ҷаҳонишавӣ ва бозорҳои наве, ки ба рақобат боз мешаванд, созмонҳо бо афзоиши ва рақобат бештар. Афзоиши рақобат метавонад ба чунин тағйирёбии сатҳи рақобат оварда расонад, ки ширкатҳо бояд стратегияи худро тағйир диҳанд. Дарвоқеъ, муҳити рақобат яке аз панҷ қувваест, ки Портер ҳамчун стратегияи пешбаранда муайян кардааст. Дар ин шароит нақши баҳисобгирии идоракунӣ аз татбиқи ин стратегияи эволютсионӣ иборат аст. Баҳисобгирии идоракунӣ ҷузъи муҳими фаъолияти бомуваффақияти ҳама гуна равандҳои тиҷоратӣ мебошад, ки ба ташкилот, ширкат ё шахс дар қабули қарорҳои марбут ба истеҳсолот, фаъолият ва сармоягузорӣ дар бозор кӯмак мекунад. Ба ширкатҳо баҳисобгирии идоракунӣ лозим аст, то самаранокии буҷети худ, арзиши амалиёти худро донад ва сипас барои истеҳсол, фурӯш ва сармоягузорӣ маблағ ҷудо кунад. Ҳамин тариқ, нақши муҳосиби идоракунӣ барои некӯаҳволии ширкат хеле муҳим аст. Нақш ва масъулияти ӯ ба дараҷае бузург аст, ки ҳатто як маротиба нодуруст ҳисоб кардан ё баҳо надодани ҳар як нақшаи тиҷорат метавонад ояндаи ширкатро зери хатар гузорад.

Азбаски баҳисобгирии идоракунӣ як фанни нисбатан ҷавон аст, дар марҳалаи ҳозира мушоҳидаи ташаккул ва рушди пайвастаи он ҷолиб аст. Баҳисобгирии идоракуниро ояндаи бузург дар пеш дорад, нақши онро дар фаъолияти ташкилот аз ҳад зиёд баҳо додан мумкин нест. Баҳисобгирии идоравӣ муҳимият ва аҳамияти худро дар амалия дар давраи пандемия нишон дод. Корхонаҳое, ки тавонистанд ба вазъият бидуни талафоти назаррас мутобиқ шаванд ва ин корро тавассути қабули қарорҳои босалоҳияти идоракунӣ анҷом доданд.

**АДАБИЁТ**

1. Абдусаломова Н.Б. Роль внутреннего контроля в управленческом учете / Н.Б. Абдусаломова // Управление социально-экономическим развитием регионов: проблемы и пути их решения. – 2019.№. 1. С. 13- 16.
2. Бобомуродов, Б. Э. Цифровая экономика и бухгалтерская деятельность / Б. Э. Бобомуродов // Актуальные вопросы развития бухгалтерского учета, аудита, анализа, налогообложения, государственного финансового контроля: современные вызовы и вектор развития : Материалы I Международной научно-практической конференции, Душанбе, 18–19 января 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2024. – С. 61-65.
3. Бобомуродов, Б. Э. Самтҳои дастгирӣ ва танзими давлатии устувории захираҳои молиявии хонаводаҳо / Б. Э. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 2(26). – P. 112-122.
4. Бобомуродов Б.Э. Персональный бухгалтерский учет домашнего хозяйства: проблемы теории./ Б.Э. Бобомуродов, Б.К. Рахматов.// Сборник материалов респ. научно-практ. конф. «Бухгалтерский учет и его совершенствовние» - Душанбе: ТАУ имени Ш.Шотемур, 2020. стр.386-392.
5. Остаев Г.Я. Эффективный управленческий учет: методы, инструменты, подходы / Г.Я. Остаев // Землеустройство и экономика АПК: информационно-аналитическое и налоговое обеспечение управления. – 2019. – №. 2.– С. 156-159.
6. Панахов А.У. Проблемы и перспективы управленческого учета в цифровой экономике / А.У. Панахов // Учет. Анализ. Аудит. – 2020. – Т. №. 5. – С. 6-14.
7. Речапова Д.А., Никулина С.Н. Совершенствование управленческого учета в организации малого бизнеса / Д.А. Речапова, С.Н. Никулина // Актуальные вопросы современной экономики. – 2021. – №. 4. – С. 314-322.
8. Субботина Л.В., Никулина С.Н., Гривас Н.В. Управленческий учет как элемент информационной системы организации / Л.В. Субботина, С.Н. Никулина, Н.В. Гривас // Актуальные вопросы современной экономики. – 2019. – №. 5. – С. 348-355.

**УДК**: 330.332.01

# ОБЗОР ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ПОДХОДОВ К ФОРМИРОВАНИЮ ПОНЯТИЙНОГО АППАРАТА ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Комилов Сироджиддин Джамолиддинович*** - *д.э.н., профессор, профессор кафедры экономической теории и мировой экономики Российско-таджикского (славянского) университета. Адрес*: 734000, *г.Душанбе, ул. М.Турсунзаде*, 30. *Тел.*: (992) 37 221-35-50. e-mail: sirodj.tj@mail.ru

***Зияева Манижа Давроновна*** *–к.э.н., доцент, докторант кафедры экономики предприятия и предпринимательства Таджикского национального университета*: 918618654, e-mail: z_manija@mail.ru

*В статье рассмотрены подходы зарубежных и отечественных ученых к определению категорий понятийного аппарата инвестиционной деятельности, а также представлены авторские формулировки исследуемых понятий. Классифицированы объекты инвестиционной деятельности, отмечены критерии выбора тех или иных инвестиционных инструментов, представлено взаимодействие отдельных категорий понятийного аппарата в ходе реализации инвестиционной деятельности. В статье представлен обзор характеристики свойств и структуры инвестиций и инвестиционных отношений, инвестиционного климата, а также условий успешного развития инвестиционной деятельности. Доказано, что понятийный аппарат является одной из*

*огромного перечня проблем, с которыми сталкиваются в своей деятельности участники инвестиционного процесса.*

***Ключевые слова**: инвестиции, субъект и объект инвестиционной деятельности, инвестиционная привлекательность, потенциал, инвестиционный климат.*

## БАРРАСИИ РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВӢ БА ТАШАККУЛИ ДАСТГОҲИ МАФҲУМИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ

***Комилов Сироҷиддин Ҷамолиддинович** - доктори илми иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон. Сурога*: 734000, *ш. Душанбе, к. М.Турсунзода*, 30. *Тел.*: (992) 37 221-35-50. e-mail: sirodj.tj@mail.ru

***Зияева Манижа Давроновна** – н.и.и., дотсент, докторанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*: 918618654. e-mail: z_manija@mail.ru

*Дар мақола равишҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба муайян кардани категорияҳои дастгоҳи мафҳумии фаъолияти сармоягузорӣ баррасӣ шуда, инчунин консепсияҳои муаллифии мафҳумҳои мавриди омӯзиш пешниҳод карда шудаанд. Объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ тасниф карда шуда, меъёрҳои интихоби ин ё он воситаҳои сармоягузорӣ қайд карда шуда, алоқамандии категорияҳои алоҳидаи дастгоҳи мафҳумӣ ҳангоми амалигардонии фаъолияти сармоягузори исбот карда шудааст. Дар мақола шарҳи хусусиятҳои хос ва сохтори сармоягузорӣ ва муносибатҳои сармоягузорӣ, фазои сармоягузорӣ, инчунин шароити рушди бомуваффақияти фаъолияти сармоягузорӣ оварда шудааст. Исбот шудааст, ки дастгоҳи мафҳуми аз ҷумлаи мушкилоти мубраме ба ҳисоб меравад, ки дар назария ва амалияи фаъолияти сармоягузорӣ мавҷуд аст.*

*Калидвожаҳо: сармоягузорӣ, субъект ва объекти фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, иқтидор, фазои сармоягузорӣ.*

## REVIEW OF THEORETICAL APPROACHES TO THE FORMATION OF THE CONCEPTUAL APPARATUS OF INVESTMENT ACTIVITY

Komilov Sirodzhiddin Jamoliddinovich - Doctor of Economics, Professor, Professor of the Department of Economic Theory and World Economy of the Russian-Tajik (Slavic) University. Address: 734000, Dushanbe, st. M. Tursunzade, 30. Tel.: (992) 37 221-35-50. e-mail: sirodj.tj@mail.ru

Ziyaeva Manizha Davronovna – Ph.D., Associate Professor, doctoral student of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship, Tajik National University: 918618654, e-mail: z_manija@mail.ru

The article discusses the approaches of foreign and domestic scientists to defining the categories of the conceptual apparatus of investment activity, and also presents the author's formulations of the concepts under study. The objects of investment activity are classified, the criteria for selecting certain investment instruments are noted, and the interaction of individual categories of the conceptual apparatus during the implementation of investment activity is presented. The article provides an overview of the characteristics and structure of investments and investment relations, the investment climate, as well as the conditions for the successful

development of investment activities. It has been proven that the conceptual apparatus is one of a huge list of problems that participants in the investment process face in their activities.
Key words: investments, subject and object of investment activity, investment attractiveness, potential, investment climate.

Необходимость изложения категориального и понятийного аппарата инвестиционной деятельности, как логично выстроенной системы специальных терминов, позволяющих единообразно токовать и понимать процессы в исследуемой области, предопределено актуальностью тематики инвестирования и инвестиционного развития в современных условиях.

Инвестиции и их позитивная роль в обеспечении экономического роста признается всеми научными школами на протяжении всего периода развития экономической мысли. Учитывая это качественной свойство инвестиций, перманентный интерес к ним как к экономической категории предопределяет наличие множества трактовок понятия инвестиций в научной среде, которые, естественно, в процессе эволюции экономической мысли претерпевают разного рода трансформации. Так, например, понятие «инвестиции» в период становления классической политэкономии было идентичным понятию «капитал», в советский период истории использовался термин «капиталовложения», а в современной практике рыночного хозяйствования широкое применение получило именно формулировка «инвестиции».

В экономической науке единодушие в понимании экономической сущности инвестиций отсутствует. Современные и классические трактовки понятия инвестиций характеризуются многообразием. При этом неоспоримыми остаются два его постулата – ориентированность на прибыль и позитивное влияние на экономический рост [5, с.173].

Субъектами инвестиционной деятельности могут быть физические и юридические лица, в том числе иностранные граждане, а также государства и международные организации. В первую очередь под субъектами инвестиционной деятельности понимают инвесторов, т.е. лиц принимающих решения и вкладывающие собственные, привлеченные или заемные средства в объекты инвестиционной деятельности. Упрощенно можно сказать, что субъекты инвестиционной деятельности это те, кто обладает инвестиционными ресурсами и намерением их вкладывать. Специфика инвесторов заключается в их отказе от немедленного потребления имеющихся средств в пользу удовлетворения собственных потребностей в будущем на новом, более высоком уровне.

Кроме самих инвесторов, статусом субъекта инвестиционной деятельности могут обладать и другие участники инвестиционного процесса - заказчики, исполнители работ, пользователи объектов инвестирования, поставщики ресурсов, посреднические, банковские, страховые организации, инвестиционные фонды и др.

К объекту инвестиционной деятельности относят тот объект, на который направлен процесс инвестирования, т.е. получатель инвестиционных ресурсов. В качестве ***объектов инвестиционной деятельности в первую очередь относят предприятия***, ***проекты***, ***программы и прочие объекты***, ***обладающие способностью генерировать прибыль***.

Стоит отметить, что понятие объект инвестиционной деятельности носит обобщенный характер, который следует конкретизировать с помощью имеющихся в его распоряжении инвестиционных продуктов или инвестиционных инструментов. Причем понятия «объект инвестиционной деятельности», «объект инвестирования», «инвестиционный инструмент», «инвестиционный продукт» по нашему мнению не следует противопоставлять друг другу, так как они несут идентичный смысловой посыл, поэтому не будем искать отличия в них, а напротив остановимся на их единой экономической сущности как способа инвестирования.

***Инвестиционные продукты (или инструменты) представляют собой конкретизированные виды активов, куда инвестор вкладывает ресурсы с целью из приумножения и получения прибыли***. В роли инвестиционных продуктов могут выступать основные и оборотные фонды предприятия, его ценные бумаги (долевые и долговые), технологические разработки и патенты, кадры и трудовые ресурсы, нематериальные и цифровые активы предприятия.

В общем виде становится эту совокупность можно разделить на три основные группы: материальные, нематериальные (виртуальные, неосязаемые) и финансовые активы (Табл.1.).

**Таблица** 1

**Объекты инвестиционной деятельности**

| Объекты инвестирования => Инвестиционные инструменты (продукты) | | |
|---|---|---|
| Материальные активы: | Нематериальные активы: | Финансовые активы: |
| • Здания и сооружения;<br>• Машины и оборудования;<br>• Транспортные средства;<br>• Земельные участки;<br>• Готовая продукция;<br>• Золото и т.д. | • Патенты и лицензии;<br>• Цифровые продукты;<br>• НИОКР;<br>• Технология;<br>• Знания и квалификация;<br>• Бренд, гудвил и т.д. | • Акции;<br>• Облигации;<br>• Дебиторская задолженность;<br>• Депозит;<br>• Денежные средства и т.д. |

Составлена автором.

В общем виде можно констатировать, что если субъектом выступает лицо, обладающее инвестиционными ресурсами, то объектом служит то, куда субъект намерен вложить собственные (привлеченные) ресурсы, а конкретизация объекта инвестирования раскрывается в инвестиционных инструментах. Инвестиционные инструменты можно разделить на инструменты сбережения, которые призваны защитить капитал от инфляционных рисков и инструменты приумножения, которые нацелены на более амбициозные цели и максимизацию прибыли.

На выбор инвестиционного инструмента оказывают как потенциальные риски, так и отношение самого инвестора к рискам; вслед за рисками инвестор анализирует рентабельность инвестиционного проекта; немаловажным является временной лаг после которого инвестор может ожидать результаты по вложенным инвестициям; инвестиционные продукты могут быть нацелены, как на получение единоразового дохода, так и на периодичные выплаты; ценовой диапазон инвестиционных продуктов может варьировать в широких пределах и должен быть гармонизирован с другими критериями; и наконец, валюта инвестирования в зависимости от степени своей

инфляционной составляющей и других объективных макроэкономических особенностей может существенно влиять на конечные результаты инвестиционной деятельности (Рис. 1.).




**Рис.1. Критерии выбора инвестиционного продукта**

Рассматривая инвестиционные инструменты как экономическую категорию в рамках понятийного аппарата инвестиционной деятельности следует видеть четкое отличие между схожим по своему видовому содержанию другому понятию – форма инвестиций. Инвестиции могут осуществляться в идентичных инвестиционным инструментам активах, т.е. материальные, нематериальные и финансовые активы. Принципиальная разница заключается в том, что под инвестиционными инструментами следует понимать объект вложения, т.е. куда будут направлены инвестиционные ресурсы, а под формами инвестиций, то в какой форме будут осуществлены вложения этих самых инвестиционных ресурсов (Рис. 2).



**Рис. 2. Основные элементы инвестиционной деятельности**

Развитие и активизация инвестиционной деятельности тесно связано с понятийными элементами инвестиционной деятельности, среди которых понятие «инвестиционный потенциал», наряду с такими понятиями как «инвестиционная активность», «инвестиционная привлекательность» и «инвестиционный климат», играет ведущую роль. Определение, анализ и оценка инвестиционного потенциала лежат в основе дальнейшего построения инвестиционной политики, как на уровне предприятия, так и региона и национальной экономики в целом. Кроме того, глобальные инвестиционные процессы так же сфокусированы на полюсах роста, которые формируются в тесной связи с качественными и количественными характеристиками инвестиционного потенциала.

А.М. Марголин и А.Я. Бастряков считают, что «…под инвестиционным потенциалом следует понимать некоторым образом упорядоченную систему инвестиционных ресурсов, обеспечивающих достижение эффекта синергии и получить выгоду от взаимодействия различных индикаторов…» [10,35].

Отечественные ученые также не оставляют без внимания важность категории инвестиционный потенциал. Так, Х.А. Хофизов определяет это понятие как совокупность имеющихся возможностей вовлечения природных, климатических, демографических и инфраструктурных ресурсов региона в производственный оборот. Вовлечение названных ресурсов в производственный оборот требует финансовых вложений, что связано с определенным риском. Величина инвестиционного потенциала определяет степень инвестиционного риска в определенном регионе [14,63].

Т.Н. Назаров отмечает, что факторы роста и эффективности экономики должны быть в тесной связи с системным подходом развития экономического потенциала страны, где особое место отводится финансовому и инвестиционному обеспечению развития человеческого капитала[11,12] и с этим мнением сложно не согласиться. Человеческий капитал, трудовые ресурсы, кадры без сомнения являются приоритетным направлением в теории инвестиционного развития.

По мнению Н.М. Дададжанова Н.М. «инвестиционный потенциал это совокупность инвестиционных ресурсов, вложение которых, при благоприятном инвестиционном климате, может обеспечить экономический рост и повышение конкурентоспособности национальной экономики» [3,153]. По нашему мнению, данная формулировка значительно улучшила бы свое смысловое назначение, если бы автор вместо категории «инвестиционных ресурсов» использовала «инвестиционные инструменты».

С.Дж. Комилов и Ф.М. Гафаров формулируют следующее мнение об экономической сущности инвестиционного потенциала «…отражает степень возможности вложения средств в активы длительного пользования и включает в себя готовность региона по всем показателям экономических ресурсов и институциональных предпосылок для привлечения потенциальных инвесторов с целью удовлетворения своих потребностей и развития» [6,25]. В такой трактовке понятия «инвестиционный потенциал» достаточно ясно отражается его свойство как критерия качественной оценки развития инвестиционной среды.

По нашему мнению, можно выделить как минимум два подхода к определению понятия «инвестиционный потенциал». В первом случае, под инвестиционными

потенциалом предполагают способность субъекта к осуществлению собственной инвестиционной деятельности, т.е. обеспеченность свободными средствами, которые предприятие (регион, государство) может направить на реализацию каких-либо инвестиционных проектов. В данном случае речь идет о степени финансовой и экономической состоятельности субъекта как потенциального инвестора, его способности расширять собственное дело или вкладывать средства в новые проекты, наряду с осуществлением своей основной деятельности.

Во втором случае, под инвестиционным потенциалом следует понимать способность субъекта (предприятие, регион, государство) предложить потенциальному инвестору проект или совокупность имеющихся у него сырьевых, материально – технических, трудовых и прочих активов для взаимовыгодного сотрудничества, т.е. в отличии от первого варианта, где субъект рассматривается как потенциальный инвестор, в данной интерпретации понятия инвестиционный потенциал, субъект будет выступать уже как возможный, потенциальный объект инвестирования и оценка его тех же показателей дается в ракурсе его инвестиционной привлекательности.

В целом, несмотря на две кардинально разные позиции в отношении одного и того же понятия и применительно к одному и тому же субъекту, можно тем не менее сформулировать основные составляющие инвестиционного потенциала для обоих случаев, т.е. общее понятие инвестиционного потенциала будет складываться по частным потенциалам оцениваемого субъекта.

Во-первых, это финансовый и материально-технический потенциалы, которые будут характеризовать привлекательность субъекта экономики с одинаковой значимостью независимо от того выступал бы он инвестором или объектом инвестирования.

Трудовой и производственный потенциалы дают характеристику субъекту как по численности и качеству его трудовых ресурсов, так и в совокупности с его производственными показателями могут быть синтезированы в интегральные показатели, которые будут отражать корреляционную связь между структурой трудовых ресурсов субъекта и его производственной мощностью, что даст возможность проследить эффективность имеющегося трудового потенциала предприятия (региона).

Инфраструктурный потенциал предприятия или региона, в первую очередь, характеризует его коммуникационные и логистические связи, опосредующие осуществления его основной деятельности, и, соответственно, может выступать преимуществом или недостатком инвестиционного потенциала как инвестора, так и объекта инвестирования. Кроме перечисленных выше составляющих, общее понятия «инвестиционный потенциал» формулируется под воздействием политических, экологических, рисковых, социальных, потребительских и имиджевых аспектов.

Таким образом, ***инвестиционный потенциал представляет собой комплексную экономическую оценку хозяйствующего субъекта*** (***предприятие***, ***отрасль***, ***регион***, ***национальная экономика***) ***с точки зрения эффективного осуществления инвестиционной деятельности***. При этом стоит отметить, что составные (частные) ресурсные мощности (потенциалы) имеют тенденции к изменению, и соответственно, инвестиционный потенциал также следует рассматривать в динамике.

Широкое распространение в современной экономической литературе и практике наряду с понятием «инвестиционный потенциал» получили также такие категории как «инвестиционный климат» и «инвестиционная привлекательность». Иногда эти термины используют как схожие понятия, однако, между ними есть существенная разница.

Исходя из лексики понятия «инвестиционная привлекательность» в наиболее общем виде можно сделать вывод о наличии каких-либо благоприятных условий и характеристик объекта инвестирования, что может повлиять на выбор и предпочтения инвестора. На основании этого можно предположить, что между инвестиционной привлекательностью и инвестиционным потенциалом есть тесная связь, а вернее то, что первое вытекает из второго.

Так, например, А.Н. Асаул и И.Н. Пасяда характеризуют инвестиционную привлекательность как совокупность инвестиционного потенциала и инвестиционных рисков [1,120]. По нашему мнению, рассмотрение инвестиционной привлекательность с точки зрения наличия инвестиционных рисков более близко к понятию «инвестиционного климата».

М.Н. Крейнина отмечает, что инвестиционная привлекательность зависит от всех показателей, характеризующих финансовое состояние [8,256]. О тесной связи финансовой устойчивости объекта и его инвестиционной привлекательность также отмечает Э.И. Крылов. Несомненно, что рентабельность предприятия всегда служит благоприятным фактором для потенциального инвестора, целью которого и есть приумножить свои вложения, однако, при основательном обзоре показателей финансовой стабильности и устойчивости также лежит наличие ресурсного мощности предприятия, иными словами ресурсного потенциала. На наш взгляд, опираться на показатели финансового состояния, без понимания факторов его определяющих, несколько сужает обзор экономической природы исследуемой категории.

Интересным представляется мнение Г. С. Староверовой, которая отмечает: «инвестиционная привлекательность - это обобщающая характеристика преимуществ и недостатков отдельных объектов инвестирования с позиций конкретного инвестора по формируемым им критериям» [12,237]. По нашему мнению, говоря об инвестиционной привлекательности все-таки более уместным будет остановиться на преимуществах объекта инвестирования, но при этом можно допустить, что у различных инвесторов могут быть различные критерии, определяющие преимущественное положение того или иного объекта инвестирования. Несомненно, что отрицательные факторы и риски снижают объективные параметры инвестиционной привлекательности объекта, но исходя из семантики понятия, на наш взгляд, все же инвестиционная привлекательность представляет ту часть характеристик объекта, которые мотивируют на принятие решений в пользу реализации инвестиционной деятельности.

Рассмотрим подходы отечественных ученых-экономистов касательно категории «инвестиционная привлекательность». К.К. Давлатзода и М.М. Сатторов под инвестиционной привлекательностью региона подразумевают «совокупность положительных и отрицательных факторов воздействующих на предпочтение инвестора в выборе объекта инвестирования, где положительные факторы превосходят отрицательные факторы и где отрицательные факторы легко устранимы» [2,41].

По мнению Дж.Х. Тагоева инвестиционная привлекательность региона связана с инвестиционным климатом региона и является «…результатом сформировавшегося инвестиционного климата» [13,30].

Академик Н.К.Каюмов и Х.У.Умаров под инвестиционной привлекательностью подразумевают рейтинг страны, ее положительные достоинства, способные привлекать инвестиционные ресурсы [6,20].

Авторский подход в определении понятия «инвестиционная привлекательность» наиболее близок к последней формулировке и имеет следующий вид: ***инвестиционная привлекательность – это динамичная и в определенной степени субъективная оценка исключительно благоприятных, мотивационных составляющих условий осуществления инвестиционной деятельности, которые обладают потенциальной способностью для достижения инвестором целей по получению прибыли (эффектов)***.

В данном определении под субъективностью оценки инвестиционной привлекательности мы понимаем дифференциацию определяющих критерии привлекательности в зависимости от подхода к инвестированию конкретного инвестора. Например, если для консервативного предпринимателя исключительная инновационность инвестиционного проекта будет ассоциироваться с инвестиционным риском, то для венчурного инвестора это наоборот может стать определяющим мотивом в пользу этого проекта.

В научной среде также широкое распространение получили определения термина «инвестиционный климат» на основе различных коллабораций с такими дефинициями как «инвестиционный потенциал», «инвестиционные риски», «инвестиционная привлекательность», «инвестиционная активность».

Так, например, в понимании В. Е. Есипова и др. «инвестиционный климат - баланс инвестиционной привлекательности и инвестиционного риска» [4,345].

В. В. Кирюхин рассматривает понятие инвестиционного климата как совокупность инвестиционной привлекательности и инвестиционной активности. Он говорит, что «что инвестиционный климат предприятия или региона подразделяется на две составляющие: инвестиционная привлекательность и инвестиционная активность» [7].

Западная теория еще более углублено смотрит на экономическую природу этой категории и определяет инвестиционный климат как «экономические, финансовые и социально-политические условия в регионе, которые влияют на склонность инвестора не только вкладывать в долю предприятия, а также брать кредиты или занимать» [15].

Не вступая в полемику с каждым из представленных подходов отметим:

Во-первых, инвестиционный климат это категория макроэкономическая, которую применять следует как минимум на уровне региона или отрасли, но никак не в отношении отдельного предприятия. В то время как термин «инвестиционная привлекательность» применим как на макро так и на микро уровнях.

Во-вторых, инвестиционный климат в общем виде можно рассматривать идентично предпринимательской среде или его части. Мы отмечали выше, что инвестиционная деятельность по своей природе является вариацией предпринимательской деятельности. Эффективная предпринимательская среда стимулирует развитие бизнеса, которое в свою очередь невозможно без активизации инвестиционной деятельности.

В-третьих, инвестиционный потенциал, как совокупность частных потенциалов (с учетом его сильных и слабых свойств) является составной частью инвестиционного климата, но при этом, только лишь его преимущественные свойства входят в инвестиционную привлекательность.

В-четвертых, инвестиционная привлекательность никак не может быть равнозначной инвестиционному климату ввиду того, что первое понятие отражает побудительные, мотивирующие (привлекательные) аспекты для инвестора, а второе понятие рассматривается в совокупности политических, социально-экономических, финансовых, организационно-правовых и географических факторов, как привлекающих, так и отталкивающих потенциальных инвесторов.

В-пятых, инвестиционные риски однозначно имеют место при определении и формировании инвестиционного климата, в то время как инвестиционная активность является результативным, оценочным показателем степени развитости инвестиционного климата.

В-шестых, ***инвестиционный климат – это обобщенная характеристика совокупности экономических и неэкономических факторов, предопределяющих развитие не только инвестиционных процессов, но и макроэкономическое развитие страны.***

Таким образом, проведенный обзор категориального аппарата, необходимый для смыслового разделения понятийного многообразия и уточнения места каждого из них в общем механизме инвестиционной деятельности, позволил сформировать следующее определение:

## ЛИТЕРАТУРА


1. Асаул А.Н., Пасяда И.Н. Инвестиционная привлекательность региона. СПб: СпбГАСУ, 2008. 120 с.
2. Давлатов К.К., Сатторов М.М. Социально-экономическая сущность и особенности инвестиционной привлекательности региона//Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: «СИНО», 2014. - № 2/1(127). - 41 с.
3. Дадажданова Н.М. Особенности формирования и проблемы развития инвестиционного потенциала Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики/ Автореферат диссерт. Кан.эк.наук. Худжанд. 2015.с.153.
4. Есипов В. Е. Коммерческая оценка инвестиций. М.: КноРус, 2009. 2011. 704 с.
5. Зияева М.Д. исследование теоретических подходов к определению инвестиций как экономической категории // Таджикистан и современный мир: научный журнал. – Душанбе, 2023. - №2(82). – с. 173.
6. Комилов С.Дж, Гафаров Ф.М. Инвестиционный потенциал региона: теория формирования и пути развития / С.Дж. Комилов, Ф.М. Гафаров – Душанбе: «Ирфон», 2017. – 215с.
7. Кирюхин В. В Финансово-кредитная система, бюджетное, валютное и кредитное регулирование экономики, инвестиционные ресурсы // Проблемы современной экономики. № 3 (19). 2010.
8. Крейнина М.Н Анализ финансового состояния и инвестиционной привлекательности акционерных обществ в промышленности, строительстве и торговле. М.: Дело и Сервис, 2005. 256 с.
9. Крылов Э.И., Власова В.М. и др. Анализ финансового состояния и инвестиционной привлекательности предприятия: Учебн. пособие / - М.: Финансы и статистика, 2003. 192 с.

10. Марголин А.М., Быстряков А.Я. Экономическая оценка инвестиций.-М.:2001,с 35.
11. Назаров Т.Н. Экономика: факторы роста и эффективность. Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. 2021. № 1 (262). С. 7-20.
12. Староверова Г.С. Экономическая оценка инвестиций : учебное пособие / Г.С. Староверова, А.Ю. Медведев, И.В. Сорокина. - М.: КНОРУС, 2006. - 312 с.
13. Тагоев Дж.Х. Пути активизации инвестиционной деятельности предприятий (на примере сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан). - Душанбе: «Ирфон», 2009. - 30 с.
14. Хофизов Х.А. Инвестиционный потенциал Зеравшанской долины Согдийской области// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2017. № 2/5-2. С. 63-66.
15. Hayes A. Investment Climate // Investopedia, 15.05.2019.

---

**УДК** 657.1

## ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН: МУАММОҲО ВА ДУРНАМО

***Наврӯз-зода Бахтиёр Негматович*** - *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бухоро, Ҷумҳурии Ӯзбекистон*, 100018, *ш. Бухоро, кӯчаи М.Иқбол*, 11, E-mail: bnzoda@mail.ru, *Тел*: (+99890)5119051

***Аннотатсия***. *Мақола ба масъалаҳои раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси дастовардҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) бахшида шудааст. Зарурат ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ нишон дода шудаанд. Дар натиҷаи омӯзиши муқоисавии принсипҳои асосии баҳисобгирии ватанӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ номувофиқатҳои асосӣ муайян карда шуданд. Муваффақиятҳои асосии интегратсияи низоми миллии ҳисобдорӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ тавсиф карда шудаанд. Дар ҷамъбаст оид ба самтҳои афзалиятноки ислоҳоти минбаъдаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси СБҲМ тавсияҳо дода шуданд.*

***Вожаҳои калидӣ***: *баҳисобгирии муҳосибӣ, ислоҳоти низом, нақшаи ҳисобҳои миллӣ, стандартҳои байналмилалӣ, стандартҳои миллӣ, меъёрҳо, ҳисоботи молиявӣ, равишҳои методологӣ, моделҳо.*

## РЕФОРМА СИСТЕМЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В РЕСПУБЛИКЕ УЗБЕКИСТАН: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

***Навруз-Зода Бахтиёр Негматович*** - *доктор экономических наук, профессор кафедры экономики и туризма, Бухарского государственного университета, Республика Узбекистан, г. Бухара, ул. М.Икбола*, 11, 100018, E-mail: bnzoda@mail.ru, *Телефон*: (+99890) 5119051

***Аннотация***. *Статья посвящена вопросам процесса реформирования бухгалтерского учета на основе достижений мирового опыта, в том числе международных стандартов финансовой отчетности (МСФО). Обозначены необходимость и основные направления реформирования системы бухгалтерского учета.*

*В результате сравнительного исследования основных принципов отечественного бухгалтерского учета и международных стандартов финансовой отчетности были выявлены некоторые несоответствия. Описаны основные достижения интеграции национальной системы бухгалтерского учета в процессы глобализации. В заключение были даны рекомендации по приоритетным направлениям дальнейшего реформирования бухгалтерского учета на основе МСФО.*

***Ключевые слова***: *бухгалтерский учет, системная реформа, план национальных счетов, международные стандарты, национальные стандарты, стандарты, финансовая отчетность, методические подходы, модели.*

## REFORM OF THE ACCOUNTING SYSTEM IN THE REPUBLIC OF UZBEKISTAN: PROBLEMS AND PROSPECTS

Navruz-Zoda Bakhtiyor Negmatovich - Doctor of Economics, Professor of the Department of Economics and Tourism, Bukhara State University, Republic of Uzbekistan, Bukhara, st. M.Ikbola, 11, 100018, E-mail: bnzoda@mail.ru, Phone: (+99890) 5119051

Annotation. The article is devoted to the process of reforming accounting based on the achievements of world experience, including international financial reporting standards (IFRS). The necessity and main directions of reforming the accounting system are outlined. As a result of a comparative study of the basic principles of domestic accounting and international financial reporting standards, some inconsistencies were identified. The main achievements of the integration of the national accounting system into the processes of globalization are described. In conclusion, recommendations were given on priority areas for further reform of accounting based on IFRS.

Key words: accounting, system reform, chart of national accounts, international standards, national standards, standards, financial reporting, methodological approaches, models.

Ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар асоси истифодаи дастовардҳои илми баҳисобгирии муҳосибӣ, омор ва амалияи ҷаҳонӣ, ки дар низоми ҳисобҳои миллӣ (НҲМ) ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) инъикос ёфтааст, инчунин ҳамчун бо назардошти хусусиятҳои хоси пешрафти хоҷагии халқи мамлакат сурат мегирад [5].

Низоми ҳисобҳои миллӣ (НҲМ) барои баҳисобгирии миллӣ мебошад, ки ба иқтисодиёти бозорӣ мувофиқ буда, дар сатҳи макроиқтисодӣ, бо низоми нишондиҳандаҳои омории ба ҳам алоқаманд мукаммал гардида, дар шакли маҷмӯи муайяни ҳисобҳо ва ҳисоботи тавозунӣ, ки натиҷаҳои фаъолияти иқтисодиро тавсиф мекунанд, таҳия шуда, сохтори иқтисодиёт ва муносибатҳои муҳимтарин дар хоҷагии халқро ба инобат гирифтаанд [6].

Омӯзиш ва таҳлилу баррасии ҷараёни ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва мутобиқ намудани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо талаботи иқтисоди бозорӣ ва СБҲМ дар шапити муосир хеле муҳим мебошад.

Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) қоидаҳои ба таври умум қабулшуда барои эътироф, андозагирӣ ва ифшои муомилоти молиявӣ ва тиҷоратӣ барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби ширкатҳо дар тамоми кишварҳои ҷаҳон мебошанд [4].

Таърихи ислоҳоти ҳисобдорӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳанӯз соли 1994 дар доираи Барномаи давлатии гузариш ба низоми ҳисобдорӣ ва омори Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба низоми ҳисобдорӣ ва омор, ки дар амалияи байналмилалӣ қабул шудааст, аз 24 августи соли 1994, № 433 оғоз гардида буд. Гузариши кишвар ба муносибатҳои бозорӣ низоми мувофиқи ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳои қабули қарорҳо дар миқёси макроиқтисодиро тақозо мекард, ки аз ин рӯ ҳадафи асосии Барномаи давлатӣ фароҳам овардани шароит барои танзими самарабахши давлатии иқтисодиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, таҳлили объективии нақш ва аҳамияти соҳаҳои гуногуни фаъолияти он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар асоси системаи иттилоотии ба сохтори иқтисоди бозорӣ мувофик, сари вақт муайян намудани тамоюлҳо, пешгӯии рушди онҳо ва арзёбии оқибатҳои қарорҳои идоракунӣ буд.

Муносибати комплексӣ ба ислоҳот, ки то ҳадди ҷузъӣ кор карда баромада шудааст, асоси натиҷаҳои оянда гардид. Чорабиниҳои дар Барномаи давлатӣ пешбинишударо таҳлил намуда, бо камоли боварӣ қайд кардан мумкин аст, ки ба ягонагии принсипҳои методологии бахисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии оморӣ, тадриҷан ба ҳам мувофиқ кунонидани мафҳумҳо ва таснифҳо ва тадриҷан гузаштан аз системаи нишондиҳандаҳои баланси хоҷагии халқ (БНХ) ва системаи ҳисобҳои миллӣ (СНС) аҳамияти калон дода шуд. Ба таҳия ва татбиқи низоми ягонаи тасниф ва рамзгузории иттилооти техникӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар соҳаи омори давлатӣ ва дигар соҳаҳои идоракунии Ҷумҳурии Ӯзбекистон заминаи мувофиқи методологӣ, меъёрии ҳуқуқӣ ва ба вазорату идораҳо вогузор кардани идоракунии ин таснифҳо диққати махсус дода шуд. Омили муҳим низ мутобиқсозии стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи тасниф ва рамзгузорӣ ба шароити дохилӣ буд.

Ҳамгон хеле возеҳ фаҳмиданд, ки пай дар пай аз нав дида баромадани маълумоти ибтидоии статистикӣ, ҳисобу китоби муҳосибӣ, молиявӣ ва бонкӣ, инчунин барои иҷрои вазифаҳои ба миён гузоштashуда тайёр кардани кадрҳои дахлдор талаб карда мешавад. Дар плани муфассали тартибдодашудаи чорабиниҳо, мӯҳлатҳои муҳим пешбинӣ карда шуданд, ки дар онҳо солҳои кори мураттаби ҳамаи вазорату идораҳо нишон дода шуданд.

Тафовутҳои бунёдии ташкили баҳисобгирии ватанӣ ва бисёр стандартҳои байналмилалӣ афзалият ва пайдарҳамии ислоҳоти низоми ҳисобдории бухгалтериро дар Ӯзбекистон муайян карданд.

Дар марҳилаи аввал равишҳои умумии рушди низоми танзими ҳуқуқӣ таҳия гардида, номгӯи стандартҳои афзалиятноки миллии баҳисобгирии муҳосибӣ тартиб дода шуданд. Тамоюлҳои муносибатҳои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ, инчунин масъалаҳои танзими баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии касбӣ таҳлил карда мешаванд.

Қадами аввалин дар ин самт бо қабули Барномаи давлатии гузаштани Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба низоми ҳисобдорӣ ва омор, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ мутобиқи талаботи рушди иқтисоди бозорӣ қабул шудааст, гузошта шуд. Барномаи давлатӣ ба идеяи таҳияи низоми ҳисобҳои миллӣ асос ёфтааст, ки имкон медиҳад дар асоси ягонагии методологӣ баҳодиҳии муносиби фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор дар ҳама сатҳҳо: сар карда, аз шахси воқеӣ, корхона, баъд дар сатҳи соҳа ва давлатӣ

ташаккул дода шавад. Нишондиҳандаҳои натиҷавӣ бояд бо нишондиҳандаҳои шабеҳе, ки дар дигар кишварҳо истифода мешаванд, муқоисашаванда бошанд. Чунин шаффофияти иқтисодӣ ба ҳамгироии кишвар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намуда, барои ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Барномаи давлатииислоҳоти низоми баҳисогирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар соли 1994 қабул шуда буд, 4 самти асосиро дар бар мегирад:

— ба воқеияти нави иқтисодии мамлакат мувофиқ кунондани консепсияи баҳисогирии муҳосибӣ. Дар асоси консепсияи нав қоидаю меъёрҳои ташкил ва татбиқи баҳисобгирӣ ва назорати ташаккули иттилооти молиявиро, ки ба талаботи истифодабарандагони он мувофиқ аст, таҳия намоянд;

– аз нав ташкилдиҳии низоми танзими меъёрии бахисобгирии муҳосибӣ бо роҳи мутобиқат кардани он ба заминаи нави ба вуҷуд омадаистодаи қонунгузорӣ, дар навбати аввал риояи анъанаҳои мусбии муқарраргардида дар соҳаи баҳисогирии муҳосибӣ, то ҳадди имкон ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ;

– ташаккули касби муҳосибӣ дар доираи талаботе, ки воқеияти иқтисодии муосир ба он гузоштааст ва бо талабот ба ин касб дар кишварҳои мутараққӣ;

— аз нав ташкил кардани низоми тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳои муҳосибӣ.

Дар натиҷаи омӯзиши муқоисавии принсипҳои асосии баҳисобгирии ватанӣ ва стандартҳои байналмилалӣ инҳо муайян карда шуданд:

1. Набудани консепсияи мукаммали баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба рушди муносибатҳои бозор нигаронида шудааст.

2. Мутобиқ набудани низоми амалкунандаи танзими ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ба меъёрҳои қонунгузории гражданӣ, андоз ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ ҳам дар худи ҷумҳурӣ ва ҳам бо меъёрҳои давлатҳои мутараққии ҷаҳон.

Дар доираи самти якум номутобиқатӣ дар масъалаҳои асосии методологияи низоми ҳисобдорӣ бо стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ бартараф карда шуд. Тартиби ташаккули хароҷоти ҷории истеҳсоли маҳсулот, корҳои иҷрошуда ва хизматрасонӣ, инчунин ташаккули натиҷаҳои молиявӣ муайян карда шудааст. Аниқтараш «Низомнома дар бораи таркиби хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) ва тартиби ба вуҷуд овардани натиҷаҳои молиявӣ» қабул ва шарҳу эзоҳ ба он таҳия гардид. Усулҳои баҳодиҳии навъҳои алоҳидаи амвол ва ӯҳдадориҳо ба тартиб дароварда шуданд: воситаҳое таҳия шуданд, ки равишҳои фундаменталиро ташкил медиҳанд, ки эътимоднокии ҳисоботи молиявиро таъмин мекунанд. Инчунин низоми назорати мустақили аудитории ғайриидоравӣ барои таъмини эътимоднокии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи иттилооти молиявӣ таъсис дода шуд.

Дар доираи самти дуюм ба ҳама истифодабарандагони манфиатдор имконияти гирифтани иттилооти муқоисашаванда оид ба ҳолати молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ пешниҳод карда шуд. Дар натиҷа масъалаҳои аз ҷараёни баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоботи молиявӣ тағйир додани заминаи меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳалли худро ёфтанд. Таъмини методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ба ташкили баҳисобгирии молиявӣ нигаронида шудааст, ки ба худи ташкилот имкон

медиҳад, ки дар доираи қонунгузории ҷорӣ ва тавсияҳои сохторҳои касбӣ модели баҳисобгирии идоракуниро бо назардошти стратегияи рушди он муайян намояд.

Муносибатҳои методологие, ки дар Барномаи давлатии ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» муқаррар шудаанд, баъдан дар стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос ёфтаанд. То 1 январи соли 2016 аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёда аз 25 стандарти миллии баҳисогирии муҳосибӣ кор карда баромада шуданд.

Ин санадҳои меъёрӣ омезиши оқилонаи анъанаҳои миллиро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ бо баъзе стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро инъикос мекунанд.

Истифодаи минбаъдаи ин стандартҳоро бе иштироки ташкилотҳои касбӣ (ҷамъиятӣ) тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки ин баланд бардоштани мақоми худи касби муҳосибиро талаб мекунад. Ҳамин тавр, самти сейӯми ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ талаб карда мешавад. Асоси он бояд ташкили иттиҳодияҳои худтанзимкунӣ бошад, ки қобилияти омода намудани чунин стандартҳоро барои таъминоти методии объектҳои баҳисобгирии алоҳида ташкил карда метавонад. Барои ҳалли ин проблемаҳо низоми аттестатсияи касбии бухгалтерон ва аудиторонро ба вуҷуд овардан, инчунин назорати ҷамъиятиро аз болои фаъолияти онҳо ташкил кардан зарур аст. Ин муносибатҳо кор карда баромадани маҷмӯи тадбирҳои нав кардани тамоми низоми тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳои бухгалтериро талаб мекунанд.

Дар давраи гузашта пас аз қабули Барномаи давлатии ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар нақшаи консептуалии ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ заминаҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ гузошта шуда, масъалаҳои таҳияи усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ объектҳое ҳал карда шуданд, ки пештар барои иқтисодиёти мо хос набуданд: оид ба дороиҳои ғайримоддӣ, маблағгузориҳои молиявӣ, гардиши маблағҳои пулӣ ва ғайра. Мафҳумҳои асосии баҳисогирии муҳосибӣ дар иқтисоди бозорӣ ва равишҳои асосии ташаккули ҳисоботи оммавӣ ташаккул ва ба таври меъёрӣ муқаррар карда шудаанд. Инҳирофҳои иҷозатдодашуда аз стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) муайян карда шудаанд. Фаҳмидани он, ки аудит бояд ҳамчун як намуди мушаххаси фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёт кадом ҷойро ишғол кунад, муқаррар карда шудааст. Модели ҳамзистии баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз таҳия шудааст. Дар асоси ин консепсия инҳо муайян карда мешаванд:

– сохтори умумии низоми танзими баҳисобгирӣ;

– нақшаи оптималии ба ҳам пайвастани танзими давлатӣ ва фаъолияти доираҳои касбӣ;

– ва заминаи қонунгузории баҳисобгирии муҳосибӣ таъсис дода шуд.

Тавре зикр гардид, мутобиқгардонии баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тағйироти онро аз раванди соф баҳисобгирии муҳосибӣ ба таҳияи ҳисоботи шаффофи молиявиро дар бар мегирад. Душвории халли ин масъала пеш аз ҳама ба номутобиқатии мутақобилаи баҳисогирии

муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз вобаста аст. Ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки то ба наздикӣ амал мекарданд, дар бораи фарқияти байни меъёрҳои ҳисобдорӣ ва андоз номувофиқатиҳои зиёде доштанд.

Аз ин ҷо ба хулосае меоем, ки дуршавӣ аз принсипи мутобиқати иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ бо маълумоти барои мақсадҳои андозбандӣ истифодашаванда ва қабули меъёрҳои таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба талаботи мақомоти андоз нигаронида нашудаанд, вуҷуд дорад.

Ин дуршавӣ ба яке аз принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар Ғарб амал мекунанд - принсипи «пешниҳоди ҳақиқӣ ва одилона» мувофиқат мекунад. Мундариҷаи он ба §8 «Эзоҳнома»-и «Қоидаҳои пур кардани варақаҳои ҳисоботи молиявӣ» мувофиқат мекунад, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 27 декабри соли 2002, № 140 тасдиқ шудааст. Дар он гуфта мешавад: «Эзоҳҳои ҳисоботи молиявӣ бояд сиёсати баҳисобгирии корхонаро ифшо кунанд ва ба истифодабарандагони ҳисобот маълумотҳои иловагие пешниҳод кунанд, ки барои баҳодиҳии воқеии моликият ва вазъи молиявии корхона заруранд».

Агар талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда ва асоснокии методологии онҳо имкон надиҳанд, ки далелҳои ҳодисаҳои иқтисодӣ аз нуқтаи назари таъсири онҳо ба вазъи молиявии ширкат баҳо дода шаванд, ҳангоми баҳодиҳии онҳо усулҳои дигари мувофиқтар истифода бурда шаванд. Ҳодисаҳо, аммо аз муҳосиб талаб мекунад, ки агар имкон бошад, дар шарҳи ҳисоботи солона нишондодҳои мутлақи чунин тағйиротро инъикос намояд.

Ҳамин тариқ, афзалияти қонунгузории андоз ва зарурати риояи онро эътироф намуда, ташкилот вазифадор аст, ки дар сиёсати баҳисобгирии худ ҳолатҳоеро, ки ӯро маҷбур карданд, ки чунин афзалиятҳоро қабул кунад, ошкор намояд.

Тамоюлҳои зикргардида дар коҳиш додани вобастагии раванди баҳисобгирии муҳосибӣ ва қоидаҳои баҳисобгирӣ аз қонунгузории андоз ба таҷрибаи ҷаҳонӣ мувофиқанд. Он аз он иборат аст, ки барои ба даст овардани маълумоти зарурӣ оид ба ситонидани пардохтҳои андоз усулҳое истифода мешаванд, ки ҳисобкунии бевоситаи онҳоро аз рӯи маълумоти ниҳоии баҳисобгирӣ истисно мекунанд.

Сохтори умумии низоми танзими баҳисогирии муҳосибӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» ба роҳ монда шуда, он ба стандартҳои милии баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (НСБУ РУз) асос ёфтааст [1].

Ассотсиатсияи миллии бухгалтерон ва аудиторони Ҷумҳурии Ӯзбекистон (НАБАРУз) нақшаи оптималии ҳамбастагии танзими давлатӣ ва назорати ҷамъияиро барои риояи стандартҳои милии баҳисобгирии муҳосибиро таҳия менамояд.

Ассотсиатсияи миллии бухгалтерон ва аудиторони Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

– узви вобастаи Федератсияи байналмилалии муҳосибон (IFAC);

– узви шӯрои ҳамоҳангсозии кишварҳои ИДМ оид ба методология ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ;

– узви Ассотсиатсияи муҳосибон ва аудиторони “Иттиҳод”;

– бо ассотсиатсияҳои миллии муҳосибон ва палатаҳои аудити ИМА, Англия, Фаронса, Олмон ва дигар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон робитаи мустаҳкам дорад.

Ҳадафҳои асосии фаъолияти он аз инҳо иборатанд:
– ташаккули тафаккури нави иқтисодӣ;
– рушди касби муҳосибӣ ва аудиторӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва наздик кардани онҳо ба стандартҳои байналмиллалӣ, ки ба меъёрҳои узвият дар IFAC ҷавобгӯ мебошанд;
– таъмини амнияти касбии муҳосибон ва аудиторҳо;
– ташаккул ва истифодаи хазинаи маълумот дар бораи хислатҳои касбӣ ва сатҳи касбии кори муҳосибон ва аудиторҳо дар шароити бозор.

Дар натиҷаи ислоҳоти гузаронидашуда имрӯз дар Ӯзбекистон низоми чорсатҳи танзими ҳуқуқии баҳисобгирӣ ташаккул ёфтааст (расми 1).




**Расми 1. Низоми танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисогирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Ба созмонҳои байналмиллалии касбӣ дохил шудани Ӯзбекистон имкон медиҳад, ки ҳалли ин мушкилотро суръат бахшем. Аз ин лиҳоз, ворид шудани Ассотсиатсияи миллии муҳосибон ва аудиторҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон (NABA RUz) ба Федератсияи байналмилалии муҳосибон (IFAC) муҳим аст. Бо дигар ташкилотҳои байналмилалии махсусгардонидашуда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ: Кумитаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IASC), шӯъбаи баҳисобгирии Кумитаи савдо ва рушди СММ, Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд ва ғайра ҳамкории зичро ба роҳ мондан лозим аст. Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ислоҳоти баҳисобгирии дохилӣ самти мустақил дониста мешавад. Дар бобати тартиб додани стандартҳои баҳисогирии муҳосибӣ ҳамкории зичтар бо ташкилотҳои миллии касбии муҳосибӣ пешбинӣ шудааст [2].

Ҳадафи ниҳоии такмили танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ таъмини шаффофияти маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар бораи вазъи молиявӣ ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва дастрасии ҳамаи истифодабарандагони

манфиатдор, вазоратҳо ва идораҳои соҳавӣ бо стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ (СМБМ) ба он мебошад.

Ниҳоят, таъмини омезиши оқилонаи равишҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо стандартҳои байналмилалӣ дар ин соҳа муҳим аст.

Татбиқи ин равишҳо дар ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла ҷузъи он - танзими ҳуқуқӣ, бештар ба нигоҳ доштани устувории рушди худи низоми баҳисобгирӣ вобаста аст.

Вазифаи асосӣ иборат аз он аст, ки тадриҷан аз танзими қатъии давлатии баҳисогирии муҳосибӣ даст кашида, як қисми ин вазифаҳо ба ташкилотҳои ҷамъиятии касбии бухгалтерон, дар навбати аввал ба Ассотсиатсияи миллии бухгалтерон ва аудиторон дар марказ ва дар маҳалҳо тавассути субъектҳои ҳудудии он дода шаванд.

Бояд қайд намоем, ки аз 1 январи соли 2021 барои ҷамъиятҳои саҳомӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба андозсупорандагони бузург дар асоси СБҲМ тасниф шудаанд, баҳисобгирии муҳосибӣ ташкил карда шуда, аз соли 2021 ҳисоботи молиявиро дар асоси СБҲМ омода мекунанд [3].

Ҳамин тавр, барои ислоҳоти минбаъдаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси СБҲМ, мо самтҳои афзалиятноки зеринро тавсия медиҳем:
– бо назардошти тағйироти охирин оид ба татбиқи СБҲМ корҳои тайёриро анҷом диҳанд;
– такмили низоми мавҷудаи танзим дар асоси СБҲМ;
– таъмини тарҷумаи сифатноки СБҲМ, ки ба стандартҳои аслӣ ва лингвистии забони ўзбекӣ мувофиқ аст;
– рафъи номутобиқатӣ дар ҷанбаҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз;
– таҳия ва татбиқи таъминоти методӣ (дастурҳо, дастурамалҳо, низомномаҳо, эзоҳот) дар сатҳи соҳа;
– ҳамоҳангсозии истилоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит, андозбандӣ ва дигар соҳаҳо;
– таъминоти кадрӣ (ташаккули касби муҳосибӣ, тайёр кардан ва такмили ихтисоси мутахассисони ҳисобдорӣ);
— инкишофи минбаъдаи ҳамкории байналхалқӣ.

Такмил додани танзими ҳукуқӣ бояд дар самти ба талаботи байналхалқӣ расондани на танҳо стандартҳои миллии баҳисогирии муҳосибӣ, балки қонунгузории граждани, андоз ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ, инчунин истифодаи тамоми таҷрибаи мусбате, ки дар рафти ислоҳоти соҳаи иктисодиёт ба даст оварда шудааст, ба амал баровaрда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Закон Республики Узбекистан “О бухгалтерском учете” (в новой редакции от 13.04.2016 г.).
2. Даргачева Т., Шайданов Т. К вопросу перехода на МСФО в Республике Узбекистан // Общество и инновации. –2020. – №01. – С. 2
3. Игамбердиева К.Э. Развитие бухгалтерского учета в Республике Узбекистан, "Экономика и социум" №1(92)-2 2022, С. 576-579

4. Маренков Н.Л., Веселова Т.Н. Международные стандарты бухгалтерского учета, финансовой отчетности и аудита в российских фирмах: М.: Едиториал УРРС, 2002. – 200 с.
5. Международные стандарты финансовой отчетности, 2011: издание на русском языке. М.: Аскери–АССА, 2011. – 998 с.
6. Рябушкин Б.Т, Хоменко Т.А. Система национальных счетов. – М.: Финансы и статистика, 1993. – 96 с.

**УДК**: 339.924

## ДАВРАҲОИ ТАШАККУЛ ВА САМТҲОИ РУШДИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ХОҶАГИИ ҶАҲОНИИ БИСЁРҚУТБӢ

***Мирбобоев Раҳматуло Мадаюбович*** - *номзади илмҳои иктисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Адрес*: 734025. *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки* 17, *Тел*: (+992) 903447000. E-mail: mirrah56@mail.ru

***Аннотатсия***. *Дар мақола омӯзиши давраҳои ташаккул ва таҳлили самтҳои муосири рушди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, инчунин муайян кардани омилҳо ва хусусиятҳои асосии он дар шароити гузариш ба хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутбӣ ба амал бароварда шудааст. Давраҳои таърихии инкишофи ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ таҳқиқ карда шуда, хусусиятҳои хоси онҳо дар қаринаи тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ муайян карда шудааст. Дар мақола қайд карда мешавад, ки аз нуқтаи назари илмӣ таҳқиқи таъсири мутақобилаи равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити гузариш аз иқтисоди ҷаҳонии яккутбӣ ба бисёрқутбӣ танҳо бо назардошти тамоюлҳои инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда (иқтисодӣ)-и муосир ҷоиз аст, ки имкони муайян кардани аломати муосири сифатии равандҳои ҳамгироиро дар ҷаҳони муосир медиҳад. Ҳамчунин, самтҳои муосир, бартариҳо ва мушкилоти рушди ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ муайян карда шуда, пешниҳод гардидааст, ки ҳамгироии бомуваффақияти иқтисодиёти миллӣ ба ҷаҳонӣ муносибати маҷмӯӣ ва стратегияи дарозмуддатро талаб мекунад.*

***Калидвожаҳо***: *ҳамгироии иқтисодӣ, қувваҳои истеҳсолкунанда, тақсимоти меҳнат, махсусгардонӣ, ҷаҳони яккутбӣ, ҷаҳони бисёрқутбӣ, объектҳои ҳамгироӣ, марҳалаҳои ҳамгироӣ.*

## ПЕРИОДЫ СТАНОВЛЕНИЯ И НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К МНОГОПОЛЯРНОМУ МИРОВОМУ ХОЗЯЙСТВУ

***Мирбобоев Рахматуло Мадаюбович*** – *кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики Таджикского национального университета. Адрес*: 734025, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки* 17. *Тел.*: (+992) 903447000. E-mail: mirrah56@mail.ru

***Аннотация***. *В статье рассматриваются периоды становления и анализируются современные тенденции развития региональной экономической интеграции, а также выявляются ее основные факторы и особенности в условиях перехода к многополярной мировой экономике. Исследуются исторические периоды развития международной экономической интеграции и определяется их специфика в условиях меняющейся мировой экономики. В статье отмечается, что с научной точки зрения изучение взаимодействия*

*процессов экономической интеграции в условиях перехода от однополярного мирового хозяйства к многополярному необходимо осуществлять с учетом тенденции развития современных производительных (экономических) сил, что позволяет выявить современные качественные признаки процессов, обеспечивающих развитие интеграции в современном мире. Также обозначены современные направления, преимущества и проблемы развития региональной экономической интеграции и обосновано, что успешная интеграция национальной экономики в мировую требует комплексного подхода и долгосрочной стратегии.*

***Ключевые слова**: экономическая интеграция, производительные силы, разделение труда, специализация, однополярный мир, многополярный мир, объекты интеграции, этапы интеграции.*

## PERIODS OF FORMATION AND DIRECTIONS OF DEVELOPMENT OF REGIONAL ECONOMIC INTEGRATION IN CONDITIONS OF TRANSITION TO A MULTIPOLAR WORLD ECONOMY

Mirboboev Rahmatulo Madayubovich, Candidate of Economic Sciences assistant professor world economy Tajik National University. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe. Rudaki 17. Tel: (+992) 903447000. E-mail: mirrah56@mail.ru

Annotation. The article examines the periods of formation and analyzes current trends in the development of regional economic integration, and also identifies its main factors and features in the context of the transition to a multipolar world economy. The historical periods of development of international economic integration are studied and their specificity in the conditions of a changing world economy is determined. The article notes that from a scientific point of view, the study of the interaction of economic integration processes in the context of the transition from a unipolar world economy to a multipolar one must be carried out taking into account the development trend of modern productive (economic) forces, which allows us to identify modern qualitative signs of the processes that ensure the development of integration in the modern world. The current directions, advantages and problems of the development of regional economic integration are also outlined and it is justified that the successful integration of the national economy into the world economy requires an integrated approach and a long-term strategy.

Key words: economic integration, productive forces, division of labor, specialization, unipolar world, multipolar world, objects of integration, stages of integration.

Дар замони муосир воқеияти иқтисодӣ дар шароити гузариш аз хоҷагии ҷаҳони яккутбӣ ба бисёрқутбӣ ва муваффақияти иҷтимоию иқтисодии кишварҳо ва халқҳо ва рушди устувори муштараки онҳо дар оянда ба таври назаррас аз равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Дар сурати ба вуҷуд омадани натиҷаҳои номусоид оқибати ин равандҳо, метавонад ба таври ҷиддӣ ба ногувор шудани ҳамкориҳои иқтисодии байни кишварҳо оварад. Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳи бештари таҳқиқгаронро ин падида ба худ ҷалб карда истодааст. Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ имкони чунин хулоса карданро медиҳад, ки мақсади асосии аксари равандҳои ҳамгироӣ бунёди фазои ягона мебошад ва он на танҳо мавҷудияти робитаҳои иқтисодӣ, балки иҷтимоию фарҳангӣ ва инчунин сиёсати умумии бехатариро барои минтақа пешбинӣ менамояд.

Дар доираи ҳамгироии муассир механизми қобили қабул барои ҳамаи кишварҳои иштирокчӣ ҷиҳати танзими раванди ҳаракати озоди молҳо, хизматрасониҳо, қувваи корӣ ва сармоя ба вуҷуд оварда мешавад. Ин механизм ноил гаштанро ба самараи ҳадди аксар аз истифодаи ҳамаи намуди захираҳо ва азнавтақсимкунии даромадҳо дар баробари нигоҳ доштани дараҷаи муайяни соҳибихтиёрии мамлакатҳои иштироккунанда имконпазир мегардонад.

Ҳамин тавр, ҳамгироии муосири иқтисодии минтақавӣ имкони на танҳо ба озодии ҳаракати молҳо ва хизматрасониҳо, балки ба дараҷаи баландтари ҳамгироии иқтисодӣ, дар сурати дар шартномаҳои институтсионалӣ ҷойгир кардани масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ, гардиши сармоя, таъсиси асъори ягона, ҳамоҳангсозии сиёсати дохилии иқтисодии мамлакатҳо расиданро фароҳам оварда, инчунин барои ба ҷои маркази пештар бартаридоштаи қудрат ва нуфуз ба вуҷуд омадани марказҳои гуногуншакли қудрат ва таъсиррасониро имконпазир мегардонад, яъне барои гузаштан аз хоҷагии ҷаҳонии яккутбӣ ба бисёрқутбӣ мусоидат мекунад.

Таҳлили таҳқиқоти гузаронидашуда ва нашрияҳои солҳои охир шаҳодат медиҳанд, ки асосҳои назариявӣ ва амалии рушди равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ ба объекти таҳқиқоти олимони ватанӣ ва кишварҳои хориҷӣ табдил ёфтааст.

Дар омӯзиши равандҳои ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ саҳми олимон-иқтисоддонони ватанӣ (Т.Н. Назаров, Н.Қ. Қаюмов, Ҳ.У. Умаров, Д.О. Қандиёрова, А.А. Урунов) хориҷӣ (С.Ю. Глазев, Е.Г. Журавская,  В.С. Кудряшов, В.В. Перская, Ю.В. Шишков, И.А. Черкасов) ва дигарон хеле зиёд аст.

Ба таҳқиқи хусусиятҳои рушди муосири равандҳои ҳамгирии иқтисодии минтақавӣ дар шароити гузариш аз хоҷагии ҷаҳонии яккутбӣ ба бисёрқутбӣ, аз ҷумла иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он, асарҳои олимон Л.Ҳ. Саидмуродзода, И.А. Асроров, А.А. Бойматов, Н.С. Зиядуллаев, Д.Ю. Миропольский, Б.А. Хейфетс, Н.Н. Шумский, А.И. Асламов, У.С. Асрорзода ва дигарон бахшида шудааст.

Масъалаи душвори таъсири мутақобилаи равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва хоҷагии ҷаҳонии яккутбӣ ва бисёрқутбиро танҳо бо дарназардошти тамоюлҳои рушди қувваҳои истеҳсолкунанда (иқтисодӣ)-и муосир аз нигоҳи илмӣ таҳқиқ кардан қобили қабул аст [6]. Бояд ба назар гирифт, ки мафҳуми қувваҳои истеҳсолкунанда дар назарияи марксистӣ эътироф гардида, инкишоф ёфтаст. Дар назарияи марксистӣ қувваҳои истеҳсолкунанда гуфта, қувваҳои табиат дар назар дошта мешавад, ки инсон ба худ тобеъ кардааст, яъне ба қувваҳои истеҳсолкунандаи худ табдил додааст. Қувваҳои истеҳсолкунанда аз воситаи истеҳсолот ва нерӯи кории худи инсон иборат мебошанд. Дар баробари ин қувваҳои табиат, ки инсон онҳоро ба хизмати худ гузоштааст, ҳамеша бо қувваҳои табиат, ки инсон онҳоро ҳануз азхуд накардааст, дар ба ҳам печидагӣ ва таъсири мутоқобила қарор мегиранд. Аз ин рӯ, муҳити табиӣ ба ҳолат ва инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи инсон ҳамеша таъсири мустақим ва қавӣ дошт ва дорад[4, с.524].

Чунон ки маълум аст, системаи муосири хоҷагии ҷаҳонӣ аз ду зернизом: иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти байналхалқӣ иборат аст. Диалектикаи байналмилалишавии истеҳсолот бевосита ба ҳамкории зернизомҳои баррасишаванда

алоқаманд аст. Якҷоя истифода бурдани иқтидори хоҷагиҳои миллӣ дигаргунсозииро дар онҳо метезонад, ба бо ҳамдигар наздик шудани онҳо ва минбаъд байналмилалишавии истеҳсолот мусоидат мекунад. Дар баробари ин ба имкониятҳои байналмилалишавии истеҳсолот аз ҳад зиёд баҳо дода, иқтидори иқтисодиёти миллиро нодида гирифтан мумкин нест. Робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ аз системаҳои миллӣ сарчашма мегиранд, гарчанде алоқаи баръакс низ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, барои фаҳмидани маънои ҳамгироӣ арзёбии назариявии он зарур аст, гарчанде бебаҳс маълум аст, ки вобастагии байни тақсимоти миллӣ ва байналмилалии меҳнат бояд бо назардошти тамоюлҳои умумии рушди хоҷагии ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Танҳо равиши комплексӣ ба маҷмӯи омилҳои ҳамгироӣ метавонад на танҳо мазмуни консепсияи муосири ҳамгироиро ғанӣ гардонад, балки ба вазъи иқтисодиёти худи мамлакат низ таъсири мусбат расонад.

Дар айни замон кишварҳои мухталиф ба марказҳои иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд, ки моҳият ва дурнамои ҳамгироиро барои рушди тамаддуни ҷаҳонӣ беҳтар ошкор мекунанд.

Дар ин ҷо сухан дар бораи он мамлакатҳое меравад, ки нақши бағоят муҳими омили инсонӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандаи муосирро дар дигаргунсозии ҷамъият ва нақши онҳоро дар мустаҳкам намудани байналмилалишавии хоҷагӣ нишон медиҳанд. Қайд кардан зарур аст, ки ҷустуҷӯи шаклҳои нав, калонтари ташкили самараноки ҳаёти иқтисодӣ амалӣ шуда истодааст. Саҳнаи чунин ҷустуҷӯҳо наметавонад дар як вақт тамоми кишварҳои ҷаҳон ё тамоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ бошад. Ба ақидаи баъзе муаллифон, комплексҳои минтақавӣ дар аввал аз якчанд мамлакате ташкил меёбанд, ки на танҳо аз ҷиҳати территориявӣ, балки аз ҷиҳати дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт ва фарҳанг, инчунин аз ҷиҳати навъи хоҷагӣ низ ба ҳам наздик мебошанд. Ин бо роҳи тадриҷан ба ҳам наздик шудани узвҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, яъне ба ҳам дохил шудан ва пайвастани онҳо ба узви минтақавии иҷтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба амал меояд» [10, с.248].

Чунон ки маълум аст, ҷаҳон дар як ҷо намеистад, балки дар тараққиёти пай дар пай қарор мегирад, ки дар натиҷаи он падидаи нави беназири таърихию иқтисодӣ ба вуҷуд меояд: шаклҳои хурди ташкили меҳнат ба шаклҳои калонтар табдил меёбанд ва дар натиҷа хоҷагиҳои миллии намуд ва мазмуни нав ба худ касб мекунанд. Мувофиқи ақидаи дурусти муаллифони китоби дарсии номбурда, «Узвҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии монодавлатӣ (моногосударственные) (хоҷагии миллӣ) тадриҷан ба комплексҳои калони полидавлатӣ (полигосударственные) табдил меёбанд, ки аз рӯи шакл дар як давраи муайян байналмилалӣ боқӣ монда, аз ҷиҳати мазмун бошад, торафт бештар ба узви ягонаи хоҷагӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ табдил меёбанд» [10, с.249].

Бори аввал узвҳои «монодавлатӣ ва полидавлатӣ»-и иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, яъне комплексҳо дар охири солҳои 50-уми асри ХХ дар Аврупои Ғарбӣ дар шакли Иттиҳоди Аврупо (аз ноябри соли 1993 - Иттифоқи Аврупо - (ИА) ва Ассотсиатсияи аврупоии тиҷорати озод (ААТО) худро нишон доданд [10, с.249]. Муҳимияти иҷтимоию иқтисодии ин марҳилаи нави байналмилалишавии ҳаёти иқтисодӣ дар таърихи кишварҳои Аврупо аз он иборат аст, ки равандҳои

такрористеҳсол дар кишварҳои Аврупо на танҳо якдигарро мукаммал мекунанд, балки ба ҳамдигар ворид шуда, ба ҳам мепайванданд ва дар оянда бо фаро гирифтани минтақаҳои дигари чахон як раванди комили истеҳсолотро ташкил мекунанд. Ҳамаи ин дар бораи ташаккулёбии «ҳамгироии минтақавӣ» шаҳодат медиҳад, ки моҳияти он аз ба раванди ҳамгироии минтақавӣ ҷалб кардани кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва техникӣ рушдкарда иборат аст.

Бояд дар назар дошт, ки раванди инкишофи муносибатҳои ҳамгироӣ як бор ва абадан дода шуда намебошад ва вобаста ба дараҷаи тараққиёти иқтисодиёти миллӣ, дараҷаи камолоти қувваҳои истеҳсолкунандаи миллӣ ва шаклҳои муносибатҳои истеҳсолии он метавонад вусъат ёбад ё баръакс. Масалан, бинобар нокифоя будани сатҳи баланди тараққиёти техникӣ-иктисодӣ кӯшиши дар бисьёр минтақаҳои тараққиёбандаи хоҷагии ҷаҳонӣ ташкил намудани созмонҳои қобили ҳамгироии минтақавӣ аслан ба муваффақият анҷом наёфтанд.

Дар ибтидо мабдаъи робитаҳои ҳамгироӣ тамоми системаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад. Баъдан, ҳамгироӣ инкишоф ёфта ба яке аз омилҳои тавонои интенсификатсияи алоқаҳои иқтисодӣ табдил меёбад. Сохтори баранда ё яке аз шаклҳои асосии ҳамгироӣ тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошад, ки минбаъд мубодилаи натиҷаҳои фаъолияти байни иштирокчиёни робитаҳои барқароргаштаро муайян мекунад.

Таҳлили масъалаҳои ҳамгироӣ ва байналмилалишавӣ аз он сабаб душвор мегардад, ки бар зарари арзёбии маҷмӯӣ, тақсимоти меҳнат ё ба қувваҳои истеҳсолкунанда, ё ба муносибатҳои истеҳсолӣ ва ё ба ҳар ду дар як вақт нисбат дода мешавад.

Тақсимоти меҳнат ягонагии ду тараф – тақсимоти меҳнат ва мубодиларо ифода мекунад, навъҳои гуногуни меҳнат бошад, на танҳо аз якдигар ҷудо мешаванд, балки ҳамчун ҷузъи таркибии раванди ягонаи истеҳсолот амал мекунанд. Аломати тақсимоти меҳнат мубодилаи мунтазам мебошад. Аммо ин аломати берунаест, ки дар меҳнат тафовут ба миён намеоварад, балки ҳамчун натиҷаи тафовут мебошад. Тақсимоти меҳнат асоси мубодила аст. Тақсимоти меҳнат ва мубодила ду тарафи раванди ягона - фаъолияти муштаракро ифода мекунанд. Мубодилаи фаъолият ва фаъолияти муштарак тавассути «воситаҳои» гуногун, хусусиятҳои ҳамгироӣ ва байналмилалишавии истеҳсолот тартиби сатҳӣ нисбат ба тақсимоти меҳнат ва махсусгардонӣ мебошанд.

Қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ мазмуни системаи истеҳсолиро тавсиф мекунанд, ки шакли асосии он тақсимоти меҳнат буда, дар навбати худ мафҳуми бисёрсатҳӣ мебошад. «Шакли асосии тамоми истеҳсолоти то ҳол мавҷударо тақсимоти меҳнат, аз як тараф, дар дохили ҷамъият, аз тарафи дигар, дар дохили ҳар як корхонаи алоҳидаи истеҳсолӣ ташкил медихад» [3, с.301]. Истеҳсолот – ин якҷоякунии маҷмӯи намудҳои гуногуни меҳнат мебошад. Ҳамчун шакли истеҳсолот тақсимоти меҳнат алоқаи байни қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро дар миқьёси итиҳодияҳои ҳамгироӣ ба миён мегузорад. Таҳлили иттиҳодияҳои ҳамгироӣ дар мавриде дуруст буда метавонад, ки робитаи мутақобилаи бевоситаи байни қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ ошкор карда

шуда бошад; иттиҳодияҳои ҳамгирой - бо тақсимоти меҳнат; тақсимоти меҳнат - бо муносибатҳои истеҳсолӣ; тақсимоти меҳнат - бо мубодилаи байниҳамдигарии фаъолият.

Яке аз хусусиятҳои ҳамгирӣ ба вуҷуд омадани ташкилоту корхонаҳои гуногуни иқтисодии байналмилалӣ барои барқарор намудани робитаҳои устувор ва пайдо шудани унсурҳои умумият дар сохтор ва мазмуни онҳо мебошад. Нақши ҳамгироиро дар рушди онҳо ин тавр муайян кардан мумкин аст: фароҳам овардани шароит барои истифодаи оқилонаи захираҳо, дар натиҷаи гузаштан аз робитаҳои ғайримустақим ба ҳамкории мутақобилаи мустақим; инкишоф додани махсусгардонии байналхалқии муфассал ва технологӣ; ноил шудан ба дараҷаи ҷаҳонӣ дар истеҳсолот ва тадқиқоти илмӣ; фароҳам овардани заминаҳо барои бомуваффақият ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

Имкониятҳои унсурҳои қувваҳои истеҳсолкунандаи миллӣ бо хусусиятҳо ва манфиатҳои махсус маҳдуд шуда метавонанд, ки ин дар баъзе мавридҳо қобилияти ҳамгирошавиро кам мекунад. Ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳудудҳои фазои иқтисодиро васеъ мекунад, имкониятҳои нави истифодаи захираҳои меҳнатӣ, иқтидорхои истеҳсолӣ, ашьёи хом ва энергияро пешниҳод мекунад; махсусгардонии байналхалқии комплексҳои пештар барпошударо таъмин менамояд; барои бартараф намудани маҳдудиятҳои миллӣ ва ҷустуҷӯи шаклҳои самараноки тақсимоти самараи истеҳсолот мусоидат мекунад. Бе ҳамгирой ноил шудан ба стандартҳои ҷаҳонӣ аз рӯи бисьёр нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ имаконнопазир аст.

Ифодаи дигари тақсимоти байналхалқии меҳнат махсусгардонӣ мебошад. Инкишофи минбаъдаи тақсимоти чамъиятии меҳнат ҳамчун асос барои ҳамгироии иқтисодии хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи миллӣ ва комплексҳои байналхалқӣ хизмат мекунад. Мо махсусгардониро «...дар маънои умумииқтисодӣ ва махсусгардонӣ ҳамчун мафҳуми техникӣ-иқтисодӣ...» фарқ мекунем [9]. Махсусгардонӣ шакли умумитарини ҳама гуна истеҳсолот буда, ба маънои васеъ ба сифати фаъолияти моддӣ ва маънавӣ фаҳмида мешавад. Дар мавриди дуюм, махсусгардонӣ - ин махсусгардонии комплексҳои истеҳсолӣ, мафҳуми ба истеҳсолот алоқаманд буда, хусусиятҳои технологӣ, техникӣ ва ташкили онро тавсиф мекунад. Ҳангоми таҳлили тамоюлҳои тараққиёти корхонаҳо мо махсусгардониро дар маънои дуюмаш ба назар мегирем. Дар вақти таҳлили масъалаҳои тараққиёти комплексҳои истеҳсолӣ-территориявӣ, махсусгардонии онҳо, аз ҷумла махсусгардонии байналхалқӣ маънои якум дар назар дошта мешавад. Яке аз масъалаҳои асосии ба хам пайвастани махсусгардонии комплекс бо тараққиёти бисьёртарафаи он мушкилоти ба ҳам пайвастани манфиатҳои иқтисодии маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ буда метавонад.

Махсусгардонӣ метавонад боис ба дигаргуниҳо ҳам дар сохтори корхонаи алоҳида ва ҳам дар соҳаҳои дар дар ҳамин қаламрави хоҷагӣ ҷойгиршуда гардад. Ин маънои ба системаи байналхалқии меҳнат дохил шудани комплексҳои миллиро дорад. Тақсимоти байналхалқии меҳнат метавонад дар баробари дигаргуниҳо дар таҷҳизот ва технология, тағйироти сохториро низ ба миён меорад.

Махсусгардонии байналхалқӣ барои бартараф намудани проблемаҳо дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат карда метавонад. Бинобар ин дохил кардани комплексҳои миллӣ ба тақсимоти байналхалқии меҳнат бояд дар асоси ба назар гирифтани тамоми маҷмӯи омилҳо асос ёбад. Ғайр аз ин, масоили байналмилалишавии истеҳсолот баробар кардани дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт мебошад, зеро ҳар қадар тараққиёти иқтисодӣ баланд бошад, ҳамон қадар сохтори иқтисодиёт мураккабтар мешавад; ҳар қадар сохтори иқтисодиёт мураккабтар бошад, ҳамон қадар имкониятҳои махсусгардонии байналхалқӣ васеътар мешавад; ҳар қадар эҳтимолияти пайваст шудани иқтисодиёт ба тақсимоти байналхалқии меҳнат бештар бошад, ҳамон қадар дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт баланд мешавад. Чунин аст мантиқи омилҳои тараққиёти техникӣ-иқтисодӣ.

Мутобиқ кардани сатҳҳои тараққиёти иқтисодиёт, ҳамчун қисми таркибии масъалаи махсусгардонии байналхалқӣ, муқоиса кардани сатҳи иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида, муайян намудани тағйироти сохтори иқтисодиёт ва зиддиятҳои тақсимоти байналхалқии меҳнатро пешбинӣ мекунад. Танҳо дар ҳамин ҳолат макон ва дараҳаҳои тараққиёти иқтисодии хоҷагии миллиро муайян кардан мумкин аст.

Ба фикри мо, акнун, баъзе соҳаҳои таҳлилро нишон додан зарур аст, ки онҳо имкони ноил шуданро ба риояи принсипҳои таҳқиқоти илмӣ фароҳам меоваранд. Ҳангоми тавсифи соҳаҳои махсусгардонӣ дар тақсимоти байналхалқии меҳнат муқоиса кардани сарватҳои табиии давлатҳои иштироккунанда дар раванди муҳим арзёбӣ мегардад, зеро он имкон медихад пешомадҳои инкишофи махсусгардонии байналхалқӣ муайян карда шавад. Самти дигари таҳлил бояд муайян кардани пешомадҳои соҳаҳои пешрафткунанда ва ба пешрафти илму техника мувофиқ будани онҳо бошад. Инчунин омӯхтани шаклҳои ташкилии махсусгардонии байналхалқӣ дар саноат ва хоҷагии қишлоқ дар алоқамандии мутақобил бо нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва баробар кардани дараҷаи тараққиёти иктисодӣ, таъсири содирот ва воридот ба рушди иқтисодӣ хеле муҳим мебошад. Самтхои баррасишуда аз рӯи мазмуни асосии худ зарурати нигоҳ доштани таносуби дарозмуддатро дар сатҳи хоҷагии миллӣ пешбинӣ менамоянд ва дар алоқамандӣ бо ҳамдигар барои пурранамоии афзояндаи сохторҳои ҳамгирошаванда, ки дар раванди кооператсияи истеҳсолӣ ва илмию техникӣ ба миён меоянд ва метавонанд мураккабтар шаванд, мусоидат мекунад Аз ин рӯ, зарурати пайваст кардани нишондиҳандаҳо ва стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ барои ноил шудан ба робитаҳои мутақобилаи устувор ба миён меояд.

Шаклхои гуногуни робитаҳои ҳамгироӣ натиҷаи фаъолияти мақсаднок, динамикаи омилҳои объективӣ ва субъективии тараққиёти истеҳсолот, шароити дохилӣ ва берунӣ мебошанд. Фаъолияти ҳамгироӣ, пеш аз ҳама, намуди идоракунии ҳамкорӣ, таҳия кардани тадбирхои банақшагирии ҷорӣ ва перспективӣ, кооператсияи корхонаҳои миллии мамлакатҳои гуногунро фаро мегирад. Дар ин маврид наздикии сохторҳо, майлу хоҳишҳои истеъмолкунандагон дар пешбурди робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳамгироӣ нақши муҳим мебозанд.

Ҳангоми таҳлили ҳамаҷонибаи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, зарурати аниқ кардани марҳалабандии рушди он ба миён меояд. Ба фикри мо, меъёри муайян

кардани марҳалаҳои сифатии гуногун дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда шуда метавонад. Маҳз инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда объективона раванди ҳамгироиро ба ҳаёт татбиқ намуда, дар навбати худ барои тараққиёти иқтисодиёт заминаи макроҳавасмандкуниро ба вуҷуд меоварад ва дар заминаи тақвиятёбии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, афзоиши махсусгардонӣ ва кооперативонӣ, афзоиши миқёси истеҳсоли маҳсулот, тезондани пешрафти илмию техникӣ ва сохторбандии хоҷагии миллӣ мусоидат мекунад. Табиист, ки марҳалаи аввал аз марҳалаҳои баъдӣ, инчунин аз марҳалаи ҳозира бо ҳолати сифатии қувваҳои истеҳсолкунанда фарқ мекунад. Марҳалаи аввалро метавон бо мураккабии камтари муносибатҳо, пас аз он гузариш аз шаклҳои камтар мураккаб ба шакли олӣ тавсиф кард ва дар айни замон бошад, ҳамгироӣ на танҳо маҷмӯи муносибатҳои базисӣ, балки инчунин болосохт (надстройка)-ро низ фаро мегирад. Савдои берунӣ бо содироти сармоя, муҳоҷирати қувваи корӣ, интиқоли инноватсияҳо пурра карда мешавад, иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ пайвастшавии ногусастанӣ касб мекунад ва аз рӯи тамоюлҳои рушди он пеш меравад. Дар тафсири васеъ, тамоми таърихи тамаддун таърихи рушди робитаҳои ҳамгироӣ мебошад. Зарурати робитаҳои мустақими мустаҳкам байни мамлакатҳо ҳануз дар мамлакатҳои қадима ифодаи сиёсии худро пайдо карда буд, ки ин раванди қонунист. Намунаи возеҳи нопурраи рушди равандҳои ҳамгироиро метавон охири асри XVIII ҳисоб кард. Вай дар заминаи инкишофи соҳаи муомилот, савдои байналхалқӣ ва тадриҷан ба ҷаҳонӣ табдил додани он оғоз ёфтааст.

Пас аз он ба давраҳои рушд ҷудонамоии ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ шурӯъ мешавад, ки дар бисёр сарчашмаҳо ба амал бароварда шуда, эътироф гардидааст [1, 5, 7, 8].

Давраи аввал (солҳои 20-30-юми асри XX то соли 1945) бо падидаҳои бӯҳронии рушди хоҷагии ҷаҳонӣ тавсиф меёбад. Буҳрони шадиди иҷтимоию иқтисодии хоҷагии ҷаҳонӣ бо ноустувории умумии робитаҳои иқтисодӣ ҳамчун натиҷаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, Депрессияи бузурги охири солҳои 20-30-юми асри XX дар рушди иқтисодиёти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон якҷоя ба вуҷуд омаданд. Ба ин давра пеш аз ҳама бастани созишномаҳои тиҷоратии дуҷонибаи байни кишварҳои алоҳида хос буда, дар воридоти молҳо монеаҳои гумрукӣ ва квотаҳо вуҷуд доштанд.

Давраи дуюм барқароркунии баъдиҷангӣ ва созмонҳои бисьёртарафа (солҳои 1945-1980-уми асри XX). Дар ин муддат пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, созмонҳое аз қабили Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) ва Бонки ҷаҳонӣ барои мусоидат ба суботи молиявӣ ва барқарорнамоии иқтисодиёти кишварҳои харобшуда таъсис дода шуданд. Ҳамзамон, Созишномаҳои бисёртарафа савдо, аз қабили Созишномаи генералӣ оид ба тарифҳо ва савдо (GATT) низ таъсис дода шуданд. Афзоиши босуръати содироти сармояи соҳибкорӣ хислати хоси ин давра маҳсуб меёбад. Дар ин давра афзоиши истеҳсолот ба нишондиҳандаҳои ташкилию иқтисодии хоҷагии ҷаҳонӣ таъсири калон расонд.

Ба қувваи асосӣ дар робитаҳои истеҳсолӣ корпоратсияҳои фаромиллӣ (КФМ) табдил ёфта, комплексҳои байналмилалии истеҳсолиро ташкил карданд, ки онҳо истеҳсоли маҳсулот, фурӯши он, ҳисоббаробаркунӣ ва қарздиҳиро ба амал мебароранд. Барҳам додани системаи мустамликадорӣ дар миёнаи солҳои 60-ум

бисьёр мамлакатхои нави рӯ ба тараққиро ба саҳнаи байналхалкӣ баровард, ки онҳо имрӯз дар хоҷагии ҷаҳонӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд.

Оғози давраи сеюми рушди ҳамгироии иқтисодиро марҳалаи ҷаҳонишавӣ (солҳои 1980–2008) фаро мегирад, ки дар он дараҷаи азхуднамоии фазои ҷуғрофӣ, ташаккули қувваҳои истеҳсолкунандаи байналмиллалӣ ва дар баъзе мавридҳо умумиҷаҳонӣ ба миён омада, таъсири мутақобила ва вобастагии байниҳамдигарии иқтисодӣ тақвият ёфт. Ба ин давра ҳамкории фаъолтари байни кишварҳо тавассути ташкили минтақаҳои тиҷоратии минтақавӣ ва байниминтақавӣ хос аст. Равандҳои либерализатсияи тиҷорат ва сармоягузорӣ боз ҳам васеътар шуданд. Намунаи барҷастатарин таъсиси Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва имзои Созишномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ (NAFTA) мебошад. Дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ равандҳои ба вуҷуд омадани сохторҳои иқтисодию сиёсии ба давлатҳои Ғарб наздик шурӯъ шуданд. Дар ин давра фаъол шудани ҳамкории байни мамлакатҳо ба назар расид, ки боис ба таҳкими ягонагии сохтори иқтисодию сиёсии онҳо гардид.

Дар доираи давраи сеюми рушди худ, ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ дучори тағйироти сифатии ба назар намоён гардид. Баъди барҳам хурдани системаи ҷаҳонии сотсиалистӣ дар робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ шумораи зиёди мамлакатҳо ҷалб шуданд; либерализатсияи робитаҳои иқтисодии берунӣ шумораи торафт зиёди мамлакатҳоро фаро гирифт; стандартҳои ягона ба технология, муҳити зист, молия, баҳисобгирии муҳосибӣ ва омор, инчунин маориф ва фарҳанг барои ҳамаи кишварҳои узви иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодӣ татбиқ карда мешаванд.

Давраи чоруми рушди ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ фосилаи пас аз бӯҳрони соли 2008 ва замони муосирро фаро мегирад. Пас аз бӯҳрони ҷаҳонии молиявии соли 2008 бисёр кишварҳо ба масъалаҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иқтисодӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карданд, ки боиси суст гардидани равандҳои ҳамгироии байналхалқӣ дар давраи кӯтоҳ гардид. Бо вуҷуди ин, дар ин давра равандҳои ҳамгироии минтақавӣ фаъол гардида, якчанд созишномаҳои нав ба имзо расиданд, аз ҷумла таъсиси Шарикии Уқёнуси Ором, Созишномаи ҳамаҷонибаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Канада ва Шарики Фароуқёнусиором байни Иёлоти Муттаҳида ва кишварҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором, Созмони щамкории Шанхай, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва дигарҳо.

Дар замони муосир, яке аз сифатҳои муосири ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ хислати умумии он мебошад. Сармоя, истеҳсолот, меҳнат, барқарор ва ташаккул додани инфрасохтор барои хизматрасониҳо, истифодаи муштараки захираҳо ва ғайра ҳамгиро гардида «бояд боиси ба вуҷуд омадани бозори ягона гардад, ки бо алоқаҳои мустаҳками иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ тақвият дода мешавад. Илова бар он, ки тамоюлҳои ҳамгироӣ рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии давлатҳои ҳамкорикунандаро таъмин мекунанд, онҳо инчунин ба таҳкими суботи сиёсӣ дар ҷаҳон мусоидат мекунанд, зеро самараи мусбат аз муттаҳидшавии иқтисодиёти миллӣ бавосита ҳам бошад, барои пешгирӣ кардани ҳолатҳои низоӣ кӯмак мерасонад» [2, с.81-82].

Сифати дигари умумии ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ дар давраи муосир хусусияти «суръатнокӣ», ҳамаро фарогиранда ва тадриҷии он мебошад, ки ба андешаи

мо, маънои инкишофи равандҳои ҳамгироиро ба дохил ва паҳноӣ (амудӣ ва уфуқӣ) дорад. Якум, маънои системаи идоракунӣ, хусусияти соҳавӣ, қувваҳои истеҳсолкунанда, тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ғайраро дар бар гирифта, дуюм, дорои мазмуни фазоӣ мебошад.

Ин давраҳо рушди ҳамгироии байналмилалии иқтисодиро дар ибтидо шурӯъ аз савдои дуҷониба то созишномаҳои нисбатан мураккаби бисёрҷониба, ки раванди ҷаҳонишавӣ муайян мекунад, инъикос менамоянд ва то дараҷае вокуниш ба мураккабӣ ва чолишҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошанд.

Барои пурра кардани манзараи таҳқиқ, ба назари мо, объектҳои (самтҳои) ҳамгироии иқтисодии байналхалқиро, ки дар айни замон мазмуни сохтории раванди ҳамгироиро ташкил медиҳанд, баррасӣ кардан лозим аст.

Ин, пеш аз ҳама, байналмилалишавии қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад, ки онро дар вариантҳои сершумор ҷамъбаст кардан мумкин аст.

Ҳамаи объектҳои минбаъда ҳосилшуда аз қувваҳои истеҳсолкунанда мебошанд. Аз ҷумла, байналмилалишавии тақсимоти байналхалқии меҳнат асоси объективии мубодилаи байналмилалии молҳо, хизматрасониҳо ва донишҳо, инкишофи ҳамкории гуногунсоҳаи байни мамлакатҳо, новобаста аз дараҷаи тараққиёти иқтисодии онҳо ва хусусияти сохти ҷамъиятиро ташкил менамояд. Тақсимоти байналмилалии меҳнат асоси хоҷагии ҷаҳонии муосир буда, ба он имкони пешрафтро дар тараққиёти худ фароҳам меорад ва ба вуҷуд овардани заминаи моддиро барои пайдоиши қонунҳои иқтисодӣ имконпазир мегардонад. Ҷамъбасти маълумот шаҳодат медиҳад, ки тақсимоти байналмилалии меҳнат дар оянда низ мубодилаи байналхалқии молҳо ва хизматрасониҳоро пай дар пай тақвият дода афзун мегардонад.

Объекти дигари ҳамгироии иқтисодии байналхалқиро, ки аз объектҳои пештара ҳосил мешавад, афзоиши миқъёс ва тағйироти сифатии мазмуни савдои байналхалқӣ ҳам дар шакли алоқаҳои бевосита ва ҳам бо кӯмаки созмонҳои гуногуни байналхалқӣ ташкил менамояд.

Объекти чорум – ҳаракати байналмилалии захираҳои истеҳсолӣ мебошад, ки ҳамбастагӣ ва робитаи мутақобилаи равандҳои миллии истеҳсолии давлатҳои мухталифро таъмин менамояд.

Объекти панҷуми ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ рушди соҳаи хизматрасонӣ мебошад, ки аз ҷиҳати гуногуншаклии худ аз дигар соҳаҳои ҳамгироӣ камӣ надорад. Хизматрасниҳо дар шакли фурӯши байналхалқии корҳои сохтмонию монтажкунӣ, маъмурию идоракунӣ ва хизматрасониҳои технологӣ, навъҳои нави хизматрасониҳои инжинирингӣ, консалтингӣ, лизингӣ, иттилоотӣ ва ғайра аҳамияти калон пайдо кардаанд.

Ҳаракати маблағҳои молиявии байналмилалӣ объекти дигари ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ мебошад, ки бо ба вуҷуд овардани қоидаҳои умумӣ барои сармоягузорӣ, воситаҳои муштараки молиявӣ, ҳамоҳангнамоии бозорҳои молиявӣ алоқаманд буда, ҳамоҳангсозии сиёсати молиявӣ, мувофиқанамоии сиёсати бонкию буҷетиро дарбар мегирад.

Яке аз муҳимтарин объектҳое, ки дар шароити ҳозира бе он тасаввур кардани худи ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ гайриимкон аст, инноватсия, мубодилаи

донишҳои илмию техникӣ байни иштирокчиёни равандҳои ҳамгирой мебошад. Дар айни замон мубодилаи литсензияҳо, патентҳо ва ноу-хау босуръат вусъат меёбад. Афзун шудани нақши таъминоти иттилоот, моликияти зеҳнӣ, васеъ ҷорӣ намудани низоми патентгирӣ, литсензиягирӣ ба ихтироот ва кашфиёт, созишномаҳои байнидавлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ заминаро барои рушди бозори иттилооти илмию техникӣ ба вуҷуд меоранд.

Муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ яке аз объектҳои асосии ҳамгироии иқтисодии байналмилалиро ташкил менамояд. Тафовут дар таъмини захираҳои меҳнатии байни давлатҳо, имкониятҳо ва шароити шуғли аҳолӣ, пайдоиш ва инкишофи ҳаракати маҷрои байнидавлатии қувваи корӣ, ташаккули бозори байналхалқии меҳнатро муайян мекунанд.

Объекти дигари ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти глобалии замони муосир (бо ҷаҳонишавӣ набояд омехта кард): ҳифзи муҳити зист, ҳалли мушкилоти озуқаворӣ ва энергетикӣ, азхуд кардани уқёнусҳои ҷаҳонӣ ва фазои кайҳон маҳсуб меёбанд.

Ҳар яке аз ин объектҳо афзалиятҳо ва мушкилоти худро доранд ва ҳамгироии муваффақи иқтисодии байналхалқӣ одатан бархӯрди ҳамаҷониба ва стратегияи дарозмуддатро тақозо мекунад.

Марҳилаи дигари таҳқиқ ва таҳлили ҳамгироии иқтисодии байналмилалиро дараҷаҳо ва шаклҳо (моделҳо)-и он ташкил менамоянд. Дар иртибот бо ин, одатан, марҳилаҳои зерини ҳамгироии минтақавӣ ҷудо мешаванд: иттиҳоди гумрукӣ (сиёсати ягонаи тарифӣ), бозори умумӣ бо ҳаракати озоди на танҳо молҳо ва хизматрасониҳо, балки сармоя ва захираҳои меҳнатӣ, иттиҳоди иқтисодӣ бо ҳамоҳангсозиаи сиёсати иқтисодӣ; иттифоқи иқтисодӣ ва асъорӣ бо ҷорӣ намудани асъори умумӣ [11]. Дар адабиёти иқтисодӣ сохтор ва мазмуни шаклҳои ҳамгироии иқтисодӣ ба таври умум мушаххас ва аллакай бо тафовутҳои ночиз муқаррар карда шудаанд. Дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ тамоми маҷмӯи шаклҳо инъикоси худро ёфтаанд. Дар баробари ин равандҳои муттаҳидшавии иқтисодӣ ва сиёсии мамлакатҳо тадриҷан пеш рафта, марҳала ба марҳала заминаро барои гузаштан ба шаклҳои баркамол фароҳам меоварад.

Раванди ташаккули сохторҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавиро, ки пеш аз ҳама ба танзим ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тиҷоратию иқтисодӣ нигаронида шуда буданд, Б. Баласса дар аввалин асари бунёдии худ ҷамъбаст кардааст [11]. Дар ин асари илмӣ вай танҳо бо дида баромадани ҳаракати молҳо маҳдуд шуда, масъалаҳои ҳаракати озоди се омили дигарро, ки аксар вақт самараи равандҳои ҳамгироиро муайян мекунанд, ба назар нагирифтааст. Доираи васеи иқтисоддонҳо ба ҷумлаи ин омилҳо хизматрасонӣ, сармоягузорӣ ва қувваи кориро мансуб медонанд. Модели Б. Баласса дар аввал бо формати иттиҳоди гумрукӣ маҳдуд шуда буд ва танҳо баъдан ин модел аз ҷониби ӯ то формати иттиҳоди иқтисодӣ тавсеа ёфт, ки дар замони муосир аз тарафи як қатор олимон тасҳеҳ шуда истодаанд.

**Ҷадвали** 1. **Марҳалаҳои ҳамгироии иқтисодӣ***

| Дараҷаи ҳамгироӣ | Соҳаи фарогирии ҳамгироӣ |
|---|---|
| Савдои имтиёзнок | Қисман бекор кардани тарифҳои гумрукӣ дар сарҳадҳои дохилии давлатҳои узв |
| Минтақаи савдои озод | Пурра бекор кардани тарифҳои гумрукӣ дар сарҳадҳои дохилии давлатҳои узв |
| Иттиҳоди гумрукӣ | Тарифҳои ягона (умумии берунӣ) дар сарҳадҳои берунии иттиҳод |
| Бозори умумӣ | Дар созишнома дар бораи тиҷорати озод ворид кардани ҳаракати озоди сармоя, қувваи корӣ ва хизматрасонӣ |
| Иттиҳоди иқтисодӣ | Тавъамкунии иттиҳоди гумрукӣ ва бозори умумӣ |
| Иттиҳоди молиявӣ | Истифода кардани сиёсати умумии андозу буҷет |
| Иттиҳоди асъорӣ | Ҷорӣ намудани асъори ягона |
| Ҳамгироии пурраи иқтисодӣ | якхелагардонии сиёсати иқтисодӣ (андозҳо, имтиёзҳои иҷтимоӣ ва ғайра), коҳиш додани монеаҳои тиҷоратии ҷойдошта, ҷорӣ намудани мақомоти боломиллӣ ва тадриҷан пеш рафтан ба марҳилаи ниҳоӣ - «иттифоқи сиёсӣ». |

***Таҳияи муаллиф**

Ҷадвали мавриди назар ба назарияи ҳамгироии иқтисодии Б.Баласса асос ёфтааст [11]. Тибқи ин назария, ҳамгироӣ боиси эҷоди бозорҳои умумӣ, афзоиши ҳаҷми савдо, кам шудани хароҷоти истеҳсолот ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ мегардад. Б.Баласса исбот кард, ки ҳамгироии иқтисодӣ барои ҳамаи иштироккунандагон фоиданок буда метавонад, зеро вай ба самараноктар истифода бурдани захираҳо ва махсусгардонии истеҳсолот мусоидат мекунад. Вай ҳамчунин асоснок кардааст, ки ширкат дар равандҳои ҳамгироӣ метавонад ба кишварҳои дорои иқтисодҳои рушд кардаистода аз шарикони пешрафта омӯхта ва рақобатпазирии иқтисодиёти худро баланд бардоранд.

Дар марҳилаи кунунӣ ҳамгироӣ ҳамчун падидаи таърихии мураккаб, гуногунҷанба, худинкишофёбанда ба ҳисоб меравад, ки нахуст дар минтақаҳои мутараққии ҷаҳон ба вуҷуд меояд ва баробари ба даст овардани сатҳи баланди рушд минтақаҳои дигар ҳам ба он мепайванданд.

Гузаштан ба хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутбӣ маънои афзудани шумораи давлатхо ва гурӯҳҳо (блокҳо)-и минтақавиро дорад, ки дар арсаи байналхалқӣ нақши фаъолро иҷро мекунанд. Ин боис ба афзун шудани гуногунии системаҳои иқтисодӣ, қоидаҳо ва меъёрҳо меоварад, ки он дар раванди ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ ифода меёбад. «Дар иқтисодиёти ҷаҳонии бисёрқутбӣ, гурӯҳҳои кишварҳое ба миён меоянд, ки дорои нуфуз ва ҳавасмандгардониҳои кофӣ барои татбиқи стратегияҳои иқтисодӣ ҳастанд ва дар сурати амалӣ гардонидан, онҳо асосан дар қатори дигар марказҳои ҷаҳонии қудрат ба як самт намераванд» [12].

Бояд қайд кард, ки дар давоми се даҳсолаи охир дар саросари ҷаҳон тағйироти босуръати тақсимоти қудрат ба вуқуъ пайваст. Дар ин давра хоҷагии ҷаҳонӣ аз сохтори дуқутбӣ (солҳои 1945-1989) ба сохтори яккутбӣ (солҳои 1989-2008) ворид гардид ва дар айни замон ба хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутбӣ пай дар пай ворид шуда истодааст.

Яке аз оқибатҳои асосии хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутбӣ барои рушди ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ афзоиши рақобати байни гурӯҳҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад. Давлатҳо ва иттиҳодияҳои минтақавӣ барои ба худ ҷалб кардани сармоягузорӣ, васеъ намудани бозорҳои фурӯш ва дастрасӣ ба технологияҳои нав кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки афзоиши савдои байналхалқӣ, сармоягузорӣ ва муттаҳидшавии гурӯҳҳои иқтисодиро ҳавасманд менамояд.

Дар баробари ин, ҷаҳони бисёрқутбӣ ҳамчунин маънои афзоиш ёфтани мураккабиро дар пешбурди гуфтушунидҳо ва ба даст овардани созишҳо байни бозигарони мухталиф дар арсаи ҷаҳон дорад. Гуногунии манфиатҳо, арзишҳо ва мавқеъҳои сиёсӣ раванди қабули қарорҳои умумӣ ва эҷоди ҳамгироии ягонаи иқтисодиро душвор мегардонад.

Дар шароити муосир ҷаҳони бисёрқутбӣ бо мавҷудияти якчанд давлатҳои қавӣ ва бонуфуз ва гурӯҳҳои онҳо, ки дорои захираҳои назарраси сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ мебошанд, тавсиф меёбад. Дар чунин ҷаҳон бартарии равшани як абарқудрат вуҷуд надорад, аммо қудрат (ҳокимият) дар байни иштирокчиёни гуногун тақсим карда шудааст. Дар асоси ин ҳамгироии байналхалқии давлатҳо шаклҳои гуногуни ҳамкориро, аз қабили гурӯҳҳои ҳамгироии иқтисодӣ, иттифоқҳои сиёсию ҳарбӣ, мубодилаи фарҳангӣ, ҳалли якҷояи масъалаҳои иҷтимоии давлатҳои ба иттиҳоди ҳамгироӣ дохилшаванда ва ғайраро дарбар мегирад. Чунин равандҳои ҳамгироӣ ба мустаҳкам шудани муносибатҳои мутақобилаи судманди байни давлатҳо, афзудани иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии онҳо хизмат мекунанд.

**Ҳамин тариқ**, навиштаҳои болоиро ҷамъбаст намуда, метавон чунин қайд кард.

Ҷаҳони бисёрқутбӣ зарурати ногузирро барои давлатҳо ҷиҳати инкишоф додани ҳамкориҳо ва ҳамгироӣ ба мақсади таҳким бахшидан ба мавқеи худ дар арсаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меорад. Ҳамгироӣ ба давлатҳо имкон медиҳад, ки захираҳо ва қувваҳои худро барои ба даст овардани афзалият дар рақобат бо дигар қутбҳои ҷаҳон муттаҳид кунанд.

Аз тарафи дигар, худи ҳамгироии байналхалқии давлатҳо ба ташаккули ҷаҳони бисьёрқутбӣ мусоидат мекунад. Гурӯҳҳои ҳамгироӣ, аз қабили Иттиҳоди Аврупо, СҲШ ё БРИКС маҷбуранд, ки дар сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ қутбҳои алтернативӣ эҷод кунанд ва барои ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ва муқовимат ба гегемонияи як давлат мубориза баранд. Дар иртибот бо ин дар заминаи ҷой доштани танишҳои геосиёсӣ байни ИМА ва Чин моделҳои нави ҳамгироӣ барои таъмини рушд ва афзун кардани таъсири худ дар иқтисодиёт ва сиёсати ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада истодаанд. Беҳтаршавии муносибатҳои Чин ва Россия, пешниҳод гардидани ташаббуси «Камарбанд ва роҳ», таъсис додани Бонки сармоягузории инфрасохтории Осиё ва Бонки нави рушд (собиқ Бонки БРИКС) нишонаҳои возеҳи гузариш ба ҷаҳони бисёрқутбӣ мебошанд, ки алтернативаро нисбати сохторҳои Бреттон Вудс фароҳам

оварда, рақобатро барои нуфуз байни ИМА ва кишварҳои ба ин сохторҳо шомил буда эҷод мекунанд.

Дар маҷмӯъ, алоқамандии мутақобилаи равандҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалии давлатҳо ва ҷаҳони бисёрқутбӣ дар он зоҳир мешавад, ки ҳамгироӣ василаи таҳкими мавқеи давлатҳо дар низоми бисёрқутбӣ гардида, ҳамзамон ба гуногуншаклӣ ва гуногунии марказҳои сиёсию иқтисодии қудрат дар ҷаҳони муосир меоварад.

**Адабиёт**


1. Журавская Е.Г. Региональная интеграция в развивающему мире: немарксистские теории и реальности (на примере АСЕАН). – М.: Наука, 1990;

2. Кудряшов В.С. Международная экономическая интеграция: теоретические аспекты и мировая практика. – 2019. – С.81-82. https://cyberleninka.ru/article/n/mezhdunarodnaya-ekonomicheskaya-integratsiya-teoreticheskie-aspekty-i-mirovaya-praktika [Захираи электронӣ]

3. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т. 20. - М.: Госполитиздат. 1960. - С. 301.

4. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т. 23. - М.: Госполитиздат. 1960. - С. 524.

5. Мировая экономика: тенденции 90-х годов. Под ред. Королева И.С. – М.: Наука, 1999.

6. Миропольский Д.Ю. Евразийская интеграция в контексте диалектики однополярного и многополярного миров. Проблемы современной экономики, №3 (83), 2022. https://www.m-economy.ru/art.php?nArtId=7383 [Электронный ресурс].

7. Нухович Э.С., Смитиенко Б.М., Эскиндаров М.А. Мировая экономика на рубеже XX-XXI веков. – М., 1995

8. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика. Перевод с английского. – М., Дело ЛТД, 1993.

9. Черкасов И.А. Интернационализация производства и социалистическая экономическая интеграция. М., 1986. - С. 63 - 135.

10. Экономическая теория национальной экономики и мирового хозяйства. Учебник. Под ред. профессоров А.Г. Грязновой, Т.В. Чечеловой. - М.: Банки и биржи, ЮНИТИ, 1998. - С. 248.

11. Balassa, B. The Theory of Economic Integration / B. Balassa. – London: Routledge, 2012. – 318 p.

12. Five Reasons for Trend Towards Multipolarity. URL: https://www.morganstanley.com.au/ideas/five-reasons-for-the-trend-towards-multipolarity [Захираи электронӣ].


**УДК**: 330.567.26: 31 (575.3)

## АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИ ЗАМИНАИ МУҲИМИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ НЕКӮАҲВОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Тагоев Баҳром Дустмаҳмадович*** - *Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти мудири кафедраи Иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Суроға*: 734025, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ*, 17. *Телефон*: 907651441 *Почтаи электронӣ*: behruzt@mail.ru

***Сафаров Навруз Умаралиевич*** - *Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Суроға*: 734025,

*Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,* 17. *Телефон*: 988-72-21-23. *Почтаи электронӣ*: cheh-16@mail.ru

*Дар мақола амнияти озуқаворӣ ҳамчун заминаи муҳими баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу бараси гардидааст. Яке аз ҳадафҳои стратегӣ дар Тоҷикистон зарурати таъмини шуғли пурсамар дар кишвар, ки бо афзоиши шуғли расмӣ ва ҳосилнокии меҳнат, сатҳи муносиби музди меҳнат ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум таъмин хоҳад гашт. Дар давраи то соли* 2030 *бояд ҳар сол на камтар аз* 100 *ҳазор ҷойҳои нави корӣ дар мамлакат таъсис дода шавад. Ҳамчунин барои амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ гузариш ба ташкили истеҳсоли маҳсулот бо арзиши иловашудаи баланд, бо назардошти таъмини рақобатпазирии молҳои ватанӣ аввал дар рақобати нархӣ ва минбаъд дар рақобати ғайринархӣ зарур аст. Дар баробари ин, суръати баланди афзоиши аҳолии қобили меҳнати деҳот нисбат ба шаҳрҳо афзоиши босуръати таъсиси ҷойҳои корӣ, асосан дар деҳотро тақозо мекунад, ки аксари мардум бевосита дар замину кишти он машгул буда талаботи рузафзуни худро таъмин месозанд, зеро тақрибан* 73 *фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Имрӯз барои самараноктар паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани некуахволии аҳолӣ дар минтақаҳо дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ Ҳукумат бояд ба кӯмаки сурогавии иҷтимоӣ гузарад, ки дигар кишварҳо кайҳо ба ин амал гузаштаанд. Дар охири мақолла барои татбиқи минбаъдаи барномаҳои давлатии заминаи амнияти озуқаворӣии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор пешниҳодҳо гардидааст.*

***Калидвожаҳо***: *амнияти озуқаворӣ, сатҳи некӯаҳволӣ, сифати зиндагии аҳолӣ, рушди кишвар, захираҳои инсонӣ, даромади аҳолӣ, сабади истеъмолӣ.*

## ПРОДОВОЛЬСТВЕННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ ВАЖНАЯ ОСНОВА ПОВЫШЕНИЯ *УРОВНЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН*

***Тагоев Бахром Дустмахмадович*** *– Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета. Адрес*: 734025, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки* 17. *Телефон*: 907651441. E-mail: behruzt@mail.ru

***Сафаров Навруз Умаралиевич*** - *Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности Адрес*: 734025, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки* 17. *Телефон*: 988-72-21-23. E-mail: cheh-16@mail.ru

*В статье анализируется продовольственная безопасность как важная основа повышения уровня благосостояния населения Республики Таджикистан. Одной из стратегических целей в Таджикистане является необходимость обеспечения эффективной занятости в стране, которая будет обеспечена за счет повышения формальной занятости и производительности труда, адекватного уровня заработной платы и тем самым повышения уровня жизни народа. В период до* 2030 *года в стране должно создаваться не менее* 100 *тысяч новых рабочих мест ежегодно. Также для реализации стратегии импортозамещения необходим переход к производству продукции с высокой добавленной стоимостью с учетом обеспечения конкурентоспособности*

*отечественных товаров сначала в ценовой, а затем и в неценовой конкуренции. В то же время высокие темпы роста трудоспособного населения в сельской местности по сравнению с городом требуют быстрого увеличения создания рабочих мест, главным образом в сельской местности, где большинство людей непосредственно занимается земледелием и ее обработкой для удовлетворения своих потребностей. потребности растут, поскольку около* 73 *процентов населения проживает в сельской местности. Сегодня для более эффективного снижения уровня бедности и повышения благосостояния населения регионов в целом по республике Правительству следует перейти на социальную помощь, что уже сделали другие страны. В конце статьи дан ряд предложений по дальнейшей реализации государственных программ обеспечения продовольственной безопасности страны и повышения уровня жизни населения Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова***: *продовольственная безопасность, уровень благосостояния, качество жизни населения, развития страны, человеческие ресурсы, доходы населения, потребительская корзина.*

## FOOD SECURITY AN IMPORTANT BASIS FOR INCREASING WELFARE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Tagoev Bakhrom Dustmakhmadovich - Tajik national university, candidate of economic sciences, senior lecturer of the department of national economy and economic Security Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, rudaki avenue 17. Phone: 907651441E-mail: behruzt@mail.ru

Safarov Navruz Umaralievich - Tajik national university, candidate of economic sciences, senior lecturer of the department of national economy and economic Security Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, rudaki avenue 17. Phone: 988-72-21-23. E-mail: cheh-16@mail.ru

The article analyzes food security as an important basis for increasing the level of well-being of the population of the Republic of Tajikistan. One of the strategic goals in Tajikistan is the need to ensure effective employment in the country, which will be achieved by increasing formal employment and labor productivity, adequate wages and thereby increasing the standard of living of the people. In the period until 2030, at least 100 thousand new jobs should be created in the country annually. Also, to implement the import substitution strategy, a transition to the production of products with high added value is necessary, taking into account ensuring the competitiveness of domestic goods, first in price and then in non-price competition. At the same time, the high growth rate of the working population in rural areas compared to cities requires a rapid increase in job creation, mainly in rural areas, where most people are directly involved in agriculture and its processing to meet their needs. needs are growing as about 73 percent of the population lives in rural areas. Today, in order to more effectively reduce the level of poverty and increase the well-being of the population of the regions as a whole in the republic, the Government should switch to social assistance, which other countries have already done. At the end of the article, a number of proposals are given for the further implementation of state programs to ensure the country's food security and improve the standard of living of the population of the Republic of Tajikistan.

Key words: food security, welfare level, quality of life of the population, development of the country, human resources, income of the population, consumer basket.

Асоси назариявии зарурати таҳия ва ҳифзи сиёсати миллии саноатӣ дар консепсияи иқтисоддони олмонии асри XIX Ф.Лист, ки аз нуктаи назар бо индустрикунонии воридотивазкунанда зич алокаманд мебошад, мавҷуд аст. Ф.Лист дар тадқиқоти худ «Низоми миллии иқтисоди сиёсӣ» (1841), чунин мешуморад, ки савдои озод танҳо барои мамлакатҳое фоиданок аст, ки дар мархала ё зинаи тараккиётанд. Дар акси ҳол, кишвари аз ҷиҳати иқтисодӣ заифтар "худро ба ақибмонии иқтисодӣ ва шикасти сиёсӣ маҳкум мекунад". Ба акидаи Ф.Лист озодии мубодила, мамлакати сусттараққикардаро ба ҳолати тараққиёти иқтисодӣ намеоварад. Ф.Лист ғояи «протекционизми таълимӣ» -ро дар асоси принсипҳои зерин ба миён гузошт:

- хифзи гумрукии соҳаҳои ҷавони хочагии халқ;
- афзалияти бозори дохилӣ нисбат ба бозори беруна;
- ваҳдати миллӣ ва ассотсиатсияи миллии истехсолкунандагон;
- истифодаи «протекционизми тарбиявӣ» ҳамчун чораи муваққатӣ.

Баръакси иқтисоддонҳои аврупоӣ, иқтисоддонҳои амрикоӣ сиёсати протекционизмро шадидан ҳимоя мекарданд: агар А.Гэмилтон ва баъд аз ӯ Д.Реймонд тарофаҳои баланди гумрукиро ҷонибдорӣ мекарданд, пас Ҳ.С.Кэри боҷҳои баландро, на ҳамчун чораи муваққатии рушди соҳаҳои ҷавони саноати миллӣ, балки хамчун сиёсати доимӣ тарафдор буданд. Ниҳоят тарафдорони далели «саноати навтавлидшаванда» розӣ мешаванд, ки протекционизм танҳо ба шарте окилона ва самарабахш буда метавонад, ки вай ба тараккиёти иктисодии миллате, ки онро татбик мекунад, халал нарасонад.

Яке аз калонтарин назарияҷии сиёсати воридотивазкунанда Р.Пребиш мебошад. Аз нуқтаи назари Р.Пребиш ва Ҳ.Сингер таксимоти мавчудаи меҳнат дар байни мамлакатхои бой ва мамлакатхои камбағал онҳоро ба қашшоқии доимӣ маҳкум мекунад. Бозори озод мушкили сусттараққиро ҳал намекунад, гайр аз ин, бозори озод василаест, ки кишварҳои фақирро фақиртар ва сарватмандонро сарватмандтар мегардонад. Дар сурати набудани дигаргуниҳои ҷиддӣ дар сохтори иқтисодиёти ҷаҳон даромад аз савдои байни мамлакатҳое, ки асосан ашё (маҳсулотҳои нотайёр ё ашёи хом) содир мекунанд ва мамлакатхое, ки махсулоти тайёрро содир мекунанд, нобаробар тақсим карда мешаванд. Илова бар ин, нобаробарӣ ба даромад ба ҳар сари аҳолӣ байни ин ду намуди кишварҳо бо мурури замон аз ҳисоби афзоиши савдо, на кам баръакс кафомонии технологӣ ва иктисодӣ аз мамлакатҳои тараққикардаро такрор шуда, на танҳо ба сохтори иктисодиёти мамлакати содиркунандаи мол, балки ба тамоми соҳаи иҷтимоию иқтисодии он низ таъсир мерасонад.

Умуман, танқид аз ошкорбаёнии иқтисодӣ ва либерализатсияи тиҷорат дар миёнаҳои солҳои 1980 шиддат гирифт, аммо ин маънои ҳимояи сиёсати ивазкунандаи воридотро дар шакле, ки дар бисёр кишварҳо амалӣ мешуд, надошт. Гузашта аз ин, баъзе идеяҳои ӯ бо назардошти донишҳои нав пайдошуда мавриди танқиди иловагӣ қарор гирифтанд.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи умумӣ татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ ширкатҳо дар кишвари рӯ ба тараққӣ метавонанд ба осонӣ аз як тартиби технологӣ ба тартиби дигари баландтар гузаранд ва дарҳол дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир шаванд, бояд мавриди интиқод қарор гирад.

Тараққиёти низоми иқтисодӣ дар амалияи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки рафъи ҳар гуна шаклҳои буҳронҳо ва оқибатҳои онҳо бе дахолати фаъолонаи давлат ғайриимкон аст. Аз руи табиати худ ташаккули кувваҳои истеҳсолкунандаи миллӣ иктисодиёт пеш аз ҳама бо диверсификацияи онҳо алоқаманд аст. Дар асоси ин бояд гуфт, ки дар шароити гузариш иктисодиёти Точикистон, ин масъаларо низ диққати ҷидди додан лозим. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони ҳозира мархалаи инкишофи он, ки вазъияти ҳақиқӣ шаҳодат медихад, ки эхтиёҷот ба танзими давлатии равандҳои иктисодӣ оварда мерасонад.

Мушкилоти воридотивазкунӣ яке аз мушкилиҳои хеле актуалӣ ба ҳисоб рафта асоси таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Аҳамияти он на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои бисёре аз кишварҳои хориҷӣ низ қобили зикр аст. Хамин тавр, сиёсати протекционизмро ШМА, Япония ва Германия пеш гирифта, барои пурратар таъмин намудани талаботи дохилӣ бо роҳи тараққӣ додани истеҳсолоти дохилӣ кушиш мекарданд. Сиёсати воридотивазкуниро «як шакли озод шудан аз тобеияти мустамликавӣ ё бартараф намудани пешомади тараққиёт дар шароити ҳукмронии давлатҳои хоричӣ дар бозори чахонӣ ба ҳисоб меравад.

Имрӯз ба феҳристи кишварҳое, ки миқдори зиёди маҳсулоти озуқавориро ворид мекунанд, чунин кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта, аз қабили ИМА, Олмон, Ҷопон, Британияи Кабир, инчунин Чину Русия шомиланд. Таҷриба нишон медиҳад ворид кардани миқдори зиёди маводи ғизоӣ маънои онро надорад, ки кишвар аз ғизо таъмин аст. Имрӯз, ки таъминоти чаҳонии озукаворӣ дар даҳсолаҳои охир дигаргуниҳои чиддӣ ба амал овард. Чунки дар давоми 70 соли охир аҳолии чаҳон бештар аз ду баробар афзуд, амалияи истеҳсоли озукаворӣ аз хоҷагии анъанавӣ ба истеҳсолоти интенсивӣ, яъне бо технологияи имрӯза таъминшуда ва бо саноат алоқаманд гузаштааст. Афзоиши сарват ва урбанизатсия одатҳои истеъмолии шахсии ғизоро таъғир додааст. Таъғирёбии иқлим рақобатро барои захираҳои табиӣ афзоиш дода истодааст. Дар байни 40 кишвари воридкунандаи маводи ғизоӣ аксари онҳо дар қатори бузургтарин содиркунандагони маводи ғизоӣ қарор доранд. Камшавии назарраси вобастагӣ аз воридоти озуқаворӣ, ки бисёре аз муҳаққиқон қайд кардаанд, худтаъминкуниро дар молҳои алоҳида дар доираи гурӯҳҳои озуқа ба инобат намегирад. Яъне нишондиҳандаҳои расмии дараҷаи вобастагӣ аз воридот аксар вақт бо нишондиҳандаҳои воқеӣ мувофиқат намекунанд. Бо вуҷуди ин, аз сабаби аҳамияти стратегӣ доштани бахши озуқаворӣ, аксарияти кишварҳо барои худтаъминкунии бештари ғизо талошҳои зиёд мекунанд.

Танзими давлатии чараёнҳои бо рушди иқтисодии воридотивазкунанда алоқамандбуда ба таври васеъ дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ, Ҳиндустон, Хитой ва дигар кишварҳо истифода шудаанд. Тачрибаи ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии воридотивазкунанда дар ин мамлакатҳо нишон медиҳад, ки бе дахолати фаъоли давлат ба ин ҷараён дастрас шудани натиҷаҳои самаранокии он ғайриимкон аст. Лаҳзаи ибтидоии ин аксиома дар он зоҳир мегардад, ки рушди иқтисодии воридотивазкунанда бо худ васеъшавии истеҳсолоти он молҳоро дар назар дорад, ки мамлакат воридот намуда, дар натичаи чунин ивазкунӣ шароити савдои мамлакат нисбат ба ҳамкорони савдоии он беҳтар мешавад. Албатта, ҳамаи ин чораҳо бо хоҳиши давлат ва истифодаи маҷмӯи чораҳои аз тарафи он амалӣ карда мешавад. Тачрибаи мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки барқароршавӣ, муътадилгардонӣ

ва инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат дар сатҳи муайян аз нақши давлат дар танзимкунии ҷараёнҳои такрористеҳсол вобастагӣ дорад.

Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки дар шароити иқтисодиёти гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала аҳамияти заруриро ҷудо намудан зарур аст. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири тараққиёт, чи хеле ки ҳолати воқеӣ нишон медиҳад, ба танзими оқилонаи давлатии ҷараёнҳои иқтисодӣ ниёз дорад.

Тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои гуногун, аз ҷумла мамлакатҳои мушоҳидакарда, нишон медиҳад, ки ба ҳиссаи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт нигоҳ накарда, омили асосии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ давлат ҳамавақ бо механизмҳои танзимкунии худ баромад мекунад. Танзими давлатӣ ба сифати механизми зарурӣ ва ногузири бартараф намудани оқибатҳои манфии фаъолияти бозор баромад мекунад. Дар ҳама ҳолатҳо мақсади асосии амалисозии танзими давлатии иқтисодиёт таъмини сатҳи баланди зиндагии мардум ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ аз сифати рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад.

Ҳадафи сиёсати имрузаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба воридотивазкунӣ бештар дар бахши кишоварзӣ коҳиш додани вобастагии воридот дар ин самтро дар бар мегирад. Чунки ду стратегияи муҳиме, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат қабул гардидааст, яъне расидан ба истиқлолияти амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат бевосита дар ин бахши муҳими иқтисодию иҷтимоӣ равона гардидааст. Дар мақолаи мо зикр гардидааст, ки ба далели пайвастагии фаромиллии бозорҳо, ҷаҳонишавӣ метавонад ноустувории истеҳсолоти мамлакатро мувозинат кунад, аммо ин метавонад кишварро вобастагии бештар аз воридоти маводи ғизоӣ гардонад ва амнияти озуқавориро бадтар гардонад. Яъне воридоти маводи ғизоӣ бо мавҷудияти рузмара будани истеъмоли шахсӣ ва иқтисодӣ ба озуқаворӣ алоқамандии мусбат дорад, аммо бо устувории системаи озуқаворӣ алоқамандии манфӣ дорад. Яке аз самтҳои асосии беҳбуди содироти маҳсулоти кишоварзӣ афзоиши содироти маҳсулоти ғизоии дорои арзиши иловашуда мебошад. Потенсиали афзоиши истеҳсоли озуқа ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар натиҷаи он ҳам аз омилҳои табиӣ ва ҳам иқтисодӣ вобаста аст.

Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама нишастҳову баромадҳои худ ба Ҳукумати мамлакат атрофи масъалаи амнияти озуқаворӣ ва то ду сол захира кардани ҳар як оила бо маҳсулоти озуқавориро таъкид месозанд. Ҳамин тавр, муайян намудан ва тадқиқи имкониятҳои гузариши иқтисодиёти миллӣ ба сӯи коҳиш додани воридоти намудҳои алоҳидаи молҳо ва иваз намудани онҳо бо молҳои ватанӣ барои илм ва амалияи иқтисодиёти муосири Тоҷикистон ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад.

Яке аз ҳадафҳои стратегӣ дар Тоҷикистон зарурати таъмини шуғли пурсамар дар кишвар, ки бо афзоиши шуғли расмӣ ва ҳосилнокии меҳнат, сатҳи муносиби музди меҳнат ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум таъмин хоҳад гашт. Дар давраи то соли 2030 бояд ҳар сол на камтар аз 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ дар мамлакат таъсис дода шавад. Ҳамчунин барои амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ гузариш ба ташкили истеҳсоли маҳсулот бо арзиши иловашудаи баланд, бо назардошти таъмини рақобатпазирии молҳои ватанӣ аввал дар рақобати нархӣ ва минбаъд дар рақобати ғайринархӣ зарур аст. Дар баробари ин,

суръати баланди афзоиши аҳолии қобили меҳнати деҳот нисбат ба шаҳрҳо афзоиши босуръати таъсиси ҷойҳои корӣ, асосан дар деҳотро тақозо мекунад, ки аксари мардум бевосита дар замину кишти он машғул буда талаботи рузафзуни худро таъмин месозанд, зеро тақрибан 73 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Имрӯз барои самараноктар паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани некуахволии аҳолӣ дар минтақаҳо дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ Ҳукумат бояд ба кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ гузарад, ки дигар кишварҳо кайҳо ба ин амал гузаштаанд. Дигаргуниҳо дар иқтисодиёт ва дигаргуниҳои иҷтимои дар Ҷумхурии Тоҷикистон дар баробари амиқи тафовути байниминтақавии сатҳи зиндагӣ ва шуғли аҳолӣ, инчунин тақсимоти минтақаҳо аз руи дараҷаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омаданд[5, с. 86-87].

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ, сатҳи камбизоатӣ дар байни аҳолии деҳот назар ба шаҳр баландтар аст. Сатҳи камбизоатӣ дар шаҳрҳо 15,4 бошад, дар деҳот 26,1 фоизро ташкил медиҳад. Сатҳи камбизоатии шадид дар шаҳр 6,6 фоиз ва дар деҳот 11,3 фоизро ташкил медиҳад. Ба фикри мо, сабаби ин тафовут дар он аст, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Точикистон асосан шаҳру ноҳияҳо нисбатан рушд кардаанд. Дар шаҳрҳо корхонаҳо сохта, корҳои ҷой таъсис дода мешаванд, ки ба ин васила даромади аҳолии шаҳрҳо зиёд мегардад [5, с. 56-57].

Баланд бардоштани дараҷаи зиндагонӣ аз хисоби маблаггузорӣ ба иктисодиёти замин ва алоқа мебошад. Сарфи назар аз коҳиши мунтазами сатҳи камбизоатӣ, Тоҷикистон ба душвориҳои иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, давом дорад дараҷаи зиндагонии деҳот ва шаҳрҳо, аз ҷумла онҳое, ки даромад надоранд ва озуқаворӣ, бекорӣ, офати табиӣ, беэътимод таъмини нерӯи барқ, маҳдудиятҳои пайвастшавӣ ва нокифоя будани шаҳру деҳот таъминоти об ва ғайра ба ҳисоб меравад. Яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи нархҳо дар бозор ин индекси нархҳои истеъмолӣ мебошад, ки дар моҳи июни соли 2023 89,9 фоиз, аз ҷумла ба маҳсулоти хӯрокворӣ 85,2 фоиз, маҳсулоти ғайриозуқа 101,1 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 101,6 фоизро ташкил дод. Аз аввали соли 2023 индекси нархҳои истеъмолӣ 104,3 фоиз, аз ҷумла ба маҳсулоти хӯрокворӣ 107,5 фоиз, маҳсулоти ғайриозуқа 100,6 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 100,6 фоизро ташкил дод. [9, с. 85-86].

***Диаграммаи* 1. *Динамикаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар паритети қобилияти харидорӣ дар кишварҳои ИДМ дар соли* 2023 (*бо доллар*)**



**Сарчашма**: аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2024 тартиб дода шудааст.

Бояд қайд намоем, ки камбизоатии шадид табиати камбизоатии озуқаворӣ аст, зеро он "сабати ҳадди ақали ғизо" -ро бо 2250 калория барои як нафар дар як рӯз инъикос мекунад. Маблағи маводи озуқа ва ҷузъҳои ғайриозуқай хатти камбизоатӣ 285,83 сумро ташкил медиҳад. дар як моҳ. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад, вазифа гузоштааст, ки барои аксарияти аҳолии ҷумҳурӣ ва махсусан барои табақаҳои камбизоати он имтиёзҳо фароҳам оварда шаванд. Қисми зиёди аҳолии ҷумхури дар деҳот зиндагӣ мекунад ва мутаносибан шумораи зиёди аҳолии камбизоати ҷумҳурӣ дар ин ҷо зиндагӣ мекунад.Омори расми нишон медихад, ки кариб 4/5 ҳиссаи камбизоатон дар хоҷагихои деҳот зиндагӣ мекунанд[5, с. 90-91].

***Расми*** 2. **Нишондиҳандаҳои асосии камбизоатӣ – шаҳр ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли** 2022.




***Сарчашма**: Муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст*

Дар асоси таҳлили сатҳи камбизоатӣ дар шароити минтақавӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити минтақаҳо ин нишондиҳанда дорои хусусиятҳои хос буда, аз шумораи хонаводаҳо, шумораи шахсони вобастаи оила, дараҷаи инкишофи минтақаҳои мамлакат ва тақсимоти даромад дар байни аъзоёни хоҷагӣ ба ҳисоб меравад. Барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳо сатҳи шуғли аҳолӣ дар деҳот баланд бардошта, иқтисодиёти оилавӣ барои истеҳсол ва ҷамъоварии сармоя, ки боиси афзоиши бахши даромади буҷети хоҷагиҳо мегардад, зарур мебошад[5, с. 95-96].

Махс омилҳои дар боло номбаргардида метавонад заминаи муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

## АДАБИЁТ

1. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "26" ноябри соли 2016, № 503 тасдиқ шудааст.

2. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "26" ноябри соли 2016, № 503 тасдиқ шудааст.

3. Давлатов, К. К. Бедность в современном мире: Теория и практика / К. К. Давлатов, Н. У. Сафаров. – Душанбе: Типография Таджикского национального университета, 2019. – 151 с. – ISBN 978-4-16-004577-1. – EDN STARZQ.

4. **Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо**. **Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**, **Душанбе соли** 2023, **с**. 44.

5. **Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли** 2030 [**манбаи электронӣ**].URL: https: //vkd.tj/index.php/tj/masoili-mubram/18246 strategiyai-millii-rushdi-um-urii-to-ikiston-baroi-davrai-to-soli-2030. (**санаи истифодабарӣ** 22.02.2024).

6. Сафаров Н.У. Социально-экономические проблемы бедности и повышение уровня жизни населения в Республике Таджикистан: специальность 08.00.01 "Экономическая теория": автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук / Сафаров Навруз. – Душанбе, 2019. – 54 с. – EDN DJVRWF.

7. Сафаров, Н. Социально-экономические проблемы бедности и повышение уровня жизни населения в Республике Таджикистан: специальность 08.00.01 "Экономическая теория": автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук / Сафаров Навруз. – Душанбе, 2019. – 54 с. – EDN DJVRWF.

8. Сафаров, Н. У. Таҳлили тағйирёбии сатҳи нишондиҳандаҳои некӯаҳволӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н. У. Сафаров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – No. 3(260). – P. 112-119. – EDN RXJKWQ.

9. Сафаров, Н. У. Масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми ТОҶИКИСТОН / Н. У. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 1. – P. 103-108. – EDN TWNBOQ.

10. Сафаров, Н. У. Роль продовольственного рынка в повышении уровня благосостояния страны / Н. У. Сафаров, А. Абдуллоев // Экономическая безопасность национальной экономики: возможности развития и вопросы цифровой экономики : Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 31 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 73-83. – EDN YTLMVO.

11. Сафаров, Н. У. Макроиктисод: воситаи таълимӣ / Н. У. Сафаров. – Душанбе: Нушбод, 2023. – 207 с. – ISBN 978-99985--4193-1. – EDN HGSVSM.

12. Тагоев, Б. Д. Продовольственная безопасность как составляющая уровня благосостояния региона / Б. Д. Тагоев, Н. У. Сафаров // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 1. – С. 106-114. – EDN KSFQOT.

13. Тағоев, Б. Д. Таҷрибаи ҷаҳонии воридотивазкунии маҳсулоти ғизоӣ ва таъсири он ба сатҳу сифати некӯаҳволӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / Б. Д. Тағоев, Н. У. Сафаров // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2023. – No. 3(63). – P. 67-72. – EDN TPPJBC.

14. Тагоев, Б. Д. Макроэкономика / Б. Д. Тагоев, Н. У. Сафаров. – Душанбе: Нушбод, 2022. – 199 с. – ISBN 978-99985—3609-8. – EDN EFOLCN.

15. Исследование ООН «Положение дел в области продовольственной безопасности и питания в мире 2024» [электроный источник].URL: https://www.fao.org/publications/sofi/2024/ru/ (дата обращения 30.01.2024).

**УДК**:336.02

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Эмомов М.Н.*** *– доторанти* (Phd) *кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов* 64/14.

*Барои таъмини соҳаҳои афзалиятноки минтақа бо маблағгузорӣ сарчашмҳои гуногун, аз қабили маблағгузории давлатӣ дар раванди ҳаракати захираҳои молиявии корхона зарур мебошад. Ҷустуҷӯи манбаъҳои маблағгузорӣ, таъмин ва харҷ кардани захираҳои молиявӣ тавассути татбиқи хароҷоти ҷорӣ ва дарозмуддатро дар бар мегирад. Сохтор ва сифати маблағгузориҳо асосан аз сарчашмаҳои ҷалби он вобаста мебошад.*

*Муаллиф дар асоси таҳқиқи адабиётҳои иқтисодӣ ва осорҳои олимони ватанию хориҷӣ тавонистаанд, ки нақши маблағгузориҳоро дар рушди минтақаҳо пурра таҳлил намуда, муайян намудааст, ки самаранокии маблағгузориҳо аз истифодабарии он ба соҳаҳои даромаднок вобаста аст. Дар асоси таҳқиқоти ин масъала муаллиф роҳҳои муайян намудани самаранокии маблағгузорӣ ва истифодаи дурусти онро пешниҳод намудааст.*

*Дар хулосаи мақола муаллиф доир ба муайян намудани самаранокӣ ва идоракунии онҳо пешниҳодҳои мушаххас намудааст, ки дар амалия татбиқи онҳоро ба мақсад мувофиқ шумоaccording мумкин аст.*

***Калидвожаҳо***: *маблағгузорӣ, сармоягузорӣ, минтақа, рушди минтақа, маблағгузории давлатӣ, сарчашмаҳои худӣ, субъектони иқтисодӣ, сармоя, қарзҳо, фоидаи тақсимнашуда.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИИ ФИНАНСИРОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Эмомов М.Н.*** *- докторант* (PhD) *кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова* 64/14.

*Для обеспечения финансированием приоритетных направлений региона в процессе движения финансовых ресурсов компании необходимы различные источники, в том числе государственное финансирование. Он включает в себя поиск источников финансирования, предоставление и расходование финансовых ресурсов посредством осуществления текущих и долгосрочных расходов. Структура и качество финансирования во многом зависят от источников его привлечения.*

*На основе исследования экономической литературы и работ отечественных и зарубежных ученых автор смог полностью проанализировать роль финансирования в развитии регионов и определил, что эффективность финансирования зависит от его использования в прибыльных отраслях. На основе исследования данного вопроса автором*

*предложены способы определения эффективности финансирования и его правильного использования.*

*В заключении статьи автором сделаны конкретные предложения по определению их эффективности и управления, которые можно считать целесообразными на практике.*

***Ключевые слова***: *финансирование, инвестиции, регион, региональное развитие, государственное финансирование, собственные источники, хозяйствующие субъекты, капитал, кредиты, нераспределенная прибыль.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF FUNDING FORMATION IN MODERN CONDITIONS

Emomov M.N. - assistant professor (PhD) of the Department of Finance of Tajikistan State University of Finance and Economy. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov Street 64/14.

In order to provide the priority areas of the region with financing, various sources, such as state financing, are necessary in the process of moving the company's financial resources. It includes finding sources of financing, providing and spending financial resources through the implementation of current and long-term expenses. The structure and quality of financing mainly depends on the sources of its attraction.

Based on the research of economic literature and the works of domestic and foreign scientists, the author was able to fully analyze the role of financing in the development of regions and determined that the effectiveness of financing depends on its use in profitable industries. Based on the study of this issue, the author proposed ways to determine the effectiveness of financing and its proper use.

In the conclusion of the article, the author made specific suggestions on determining their effectiveness and management, which can be considered appropriate in practice.

Keywords: financing, investment, region, regional development, state funding, own sources, economic entities, capital, loans, retained earnings.

Дар шароити муосир фаъолияти тамоми корхонаву ташкилотҳои тиҷоратии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, корхонаҳои ғайритиҷоратӣ ва шахсони алоҳида ба маблағгузорӣ ниёз дорад. Айни замон ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, ки ба маблағгузорӣ, аз ҷумла ба маблағгузори давлатӣ эҳтиёҷ доранд, мунтазам афзоиш ёфта истодаанд.

Рушди иқтисодиёти аксарияти мамлакатҳо ба иқтидори сармогузорӣ ва маблағгузории он вобаста буда, истифода намудани имкониятҳои дохилию берунӣ доир ба ҷалби он вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Дар ҳақиқат, ҳеҷ як аз субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ, аз қабили корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ бе маблағгузорӣ ва сармоягузории дохилию беруна фаъолияти мунтазаму самаранок дошта наметавонанд. Инчунин, қайд намудан зарур аст, ки на танҳо корхонаҳои алоҳида ба маблағгузорӣ ниёз доранд, балки, дар маҷмуъ тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ низ бе маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ ба пешравии назаррас ноил гаштанашон ғайриимкон аст.

Истилоҳи маблағгузорӣ, ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ бо истилоҳи молия зич алоқаманд буда, қисман аз ин истилоҳ бармеояд ва дар сарчашмаҳо дар доираи асоси назариявӣ ба таври гуногун пешниҳод шудааст.

Алоқамандии маблағгузорӣ бо молия дар он асос меёбад, ки молия маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиро, ки бо ҷамъоварӣ, тақсимот ва истифодаи маблағҳои фондҳои мутамарказ ва ғайримарказонидашуда алоқамананд, тавсиф мекунад. Маблағгузорӣ бошад – ин маҷмӯи шакл, намуд, усулҳо ва воситаҳои рӯйпуш намудани хароҷотҳои корхона аст. Маблағгузорӣ ин маънои ҷамъ наудани воситаҳо барои таъмини ҳама намуди фаъолияти корхона мебошад[6, 350].

Инчунин, бояд қайд кард, ки молия мафҳуми пул аст, ки воситаи аз ҷиҳати иқтисодӣ муомилот ва захираҳои молиявиро ифода мекунад, ки дар адабиёти илмӣ нисбат ба пул мафҳуми васеътар дорад. Ҳамин тариқ, дар луғати иқтисодӣ қайд мекунанд, ки пули нақд пули давлат, корхонаҳо, аҳолӣ ва дигар маблағҳои дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ ҷамъшуда мебошад, ки ба осонӣ ба пул табдил меёбанд[8].

Ҳамаи ин ро ба инобат гирифта иқтисодшиносони ватанию хориҷӣ доир ба маблағгузорӣ ба минтақа ва таъмини рушди он корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ гузаронида, рушди минтақаро яке аз омили асосии пешбарандаи иқтисоди миллӣ медонанд. Бинобар ин олимони машҳури соҳаи иқтисод Л.Ҳ. Саидмуродов, М.Н. Худоиев, Д.О. Қандиёрова, Т.Н. Назаров, А. Зелль, А.Б. Крутик, М.М. Хайкин сармоягузорӣ ва маблағгузориро ҳамчун омили муҳимтарини рушди тамоми соҳа аз он ҷумла рушди минтақа меҳисобанд.

Ҳарчанд, ки дар ин масъала таҳқиқотчиёни зиёди ватанию хориҷӣ корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ гузаронидаанд, аммо бо вуҷуди ин дар ин самт бо сабаби пешрафти ҷараёнҳои иқтисодӣ талаботҳои нав пайдо мегардад, ки он талаб мекунад то роҳҳои нави рушди минтақа ва сарчашмаҳои нави маблағгузории он пайдо карда шавад.

Дар низоми иқтисодии ҳар як малакати мустақили дар низоми иқтисоди бозорӣ қарордошта бояд ба нигоҳ доштани раванди маблағгузорӣ дар дохил таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, чунки содир шудани сармоя ба берун аз мамлакат боиси коста шудани иқтидори маблағгузории иқтисоди миллӣ мегардад. Аммо нишондиҳандаҳое, мавҷуданд, ки барои хуруҷи сармоя боис мегарданд, ки ба ин мисол шуда метавонад: фоидаи нокифоя, суст тараққӣ намудани бозори дохилӣ, суръати пасти рушди ММД, заминаи номусоиди маблағгузорӣ, ноустувории низоми сиёсӣ ва иҷтимоии давлат ва ғайра.

Сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҳамчун маҷмӯи захираҳои молиявии сафарбаршуда муайян карда мешаванд, ки метавонанд дар рушди минтақа равона карда шуда, дар соҳаҳои афзалиятноки он саҳмгузор бошад. Дар доираи ин захираҳои молиявии номбаршуда даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии буҷет, маблағҳои ҷалбшуда, фондҳои истеҳлокӣ ва фоидаи субъектҳои хоҷагидориро дохил мешаванд.

Бинобар ин нигоҳ доштани сармоя дар дохили мамлакат ва истифода намудани он барои рушди минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ва самтҳои афзалиятноки он вазифаи аввалиндараҷа барои тамоми субъектони иқтисодӣ мебошад ва дар ин раванд пайдо намудани сарчашмаҳои нави маблағгузориро низ ба он дохил намудан зарур аст.

Маблағгузорӣ ин маънои раванди ҳаракати захираҳои молиявии корхона мебошад, ҷустуҷӯи манбаъҳои маблағгузорӣ, таъмин ва харҷ кардани захираҳои молиявӣ тавассути татбиқи хароҷоти ҷорӣ ва дарозмуддатро дар бар мегирад. Инро хулосаҳои А.Зелл, ки дар асарҳои худ шарҳи зерини маблағгузориро медиҳад, тасдиқ мекунанд: Якум, "Маблағгузорӣ ҷалби муваққатии маблағ (сармоя) мебошад."

Дуюм, «Фарқи байни мафҳумҳои классикӣ ва васеъи маблағгузорӣ бо тафсири гуногуни мафҳуми сармоя шарҳ дода мешавад, гарчанде ки дар ҳарду ҳолат сухан дар бораи таъмини сармоя меравад. Аммо бо мафҳуми классикии маблағгузорӣ ин таъмини сармояи "пассивӣ" ва тибқи консепсияи васеъ маблағҳои мушаххас пешбинӣ шудааст" [3, 303].

Аз рӯи гуфтаҳои боло муайян намудан мумкин аст, ки маблағгузорӣ дар ҳақиқат ҷалби сармоя буда, танҳо бо мақсад аз сармоягузорӣ фарқ мекунад. Чунки сармоягузорӣ мақсади ба даст овардани сармояи иловагӣ мебошад ва маблағгузорӣ бошад ин таъмини субъектону соҳаҳои махсуси иқтисодӣ бо сармоя аст, яъне, дар ин раванд фоида фарқияти асосӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, як қатор олимони дигари соҳаи иқтисодиёт доир ба мафҳуми маблағгузорӣ шарҳу тавзеҳоти гуногун медиҳанд, аз ҷумла: ин «таъмини захираҳои зарурии хароҷот барои рушди иқтисодиёти миллӣ, чорабиниҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ, мудофиа ва дигар истеъмолоти ҷамъиятӣ»[1, 194], «таъмини захраҳои молиявии ҳамаи хоҷагии мамлакат, минтақаҳо, корхонаҳо ва соҳибкорон...»[9, 360], «ҷалби воситаҳо»[10, 85], «тақсимоти воситаҳои пулӣ ба мақсадҳои иҷтимоӣ, барномаҳо, рушди хоҷагии халқ, истеҳсоли маҳсулот ... ва дигар ниёзҳо»[4, 303], «таъмини фаъолияти хоҷагидории корхона бо воситаҳои пулӣ, ки барои рӯйпӯш намудани хароҷотҳои гуногун заруранд»[5, 13].

Чи хеле ки қайд гардид, маблағгузорӣ на танҳо ба пешравии як гурӯҳи субъектони хоҷагидорӣ, балки ба рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз қабили минтақаҳо, корхонаҳо, соҳибкорон ва ғайра нақши назаррасро дорост. Инчунин аз тарафи давлат ба чорабиниҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ, мудофиа ва дигар истеъмолоти ҷамъиятӣ маблағгузорӣ карда мешавад, ки ин низ дар пешрафти иқтисоди миллӣ саҳмгузор мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки маблағгузорӣ ин худ як мафҳуми иқтисодӣ буда, дар самти илмҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ низ фаъолона истифода мегардад. Аммо ин мафҳум дар ягон қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шакли пурра шарҳ дода нашудааст.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ мафҳумҳои сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ мавҷуд ҳастанд, ки барои муайян намудани фарқияти онҳо бояд хусусиятҳои алоҳидаи ҳар яке аз онҳо баррасӣ карда шавад. Чи тавре, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ мафҳуми сармоягузорӣ тафсир карда шудааст: "сармоягузорӣ - аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида".

Аммо мафҳуми маблағгузорӣ ба қадри кофӣ дар ягон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шарҳ ва тафсир дода нашудааст ва хусусиятҳову фарқиятҳои он аз сармоягузорӣ дуруст баррасӣ нагардидааст.

Дар низоми иқтисодӣ сарчашмаҳои ташаккули манбаъҳои молиявӣ ва ҷалби маблағгузорӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1. Фоидаи тақсимнашуда;
2. Захираҳои низоми қарзӣ;
3. Даромад аз ҳисоби бозори коғазҳои қиматнок;
4. Пасандозҳои аҳолӣ
5. Маблағгузорӣ аз буҷет;
6. Маблағгузориҳои шахсони алоҳида ва ғайра.
7. Фондҳои истеҳлокӣ;
8. Фондҳои захиравӣ;

Ин усулҳои маблағгузориро метавон ба дохилӣ ва беруна ҷудо намуд, ки ба дохилааш ҳолатҳои зеринро аз қабили худмаблаггузорӣ (танҳо аз ҳисоби маблағҳои худ), фондҳои истеҳлокӣ, фондҳои захиравӣ, фоидаи тақсимнашуда, маблағгузории мақсаднок аз ташкилоти болоӣ, пардохти иловагии муассисон ва ғайра дохил намудан мумкин аст.

Дар ҳақиқат манбаъҳои асосии маблағгузорӣ гуногун буда, ба маблағгузории беруна шаклҳои дигари маблағгузории саҳҳомӣ, маблағгузории қарзӣ (қарзҳои бонкҳо, эмиссияи вомбаргҳо), қарзҳо аз бонкҳо ва ташкилотҳои дигар, маблағгузории буҷетӣ, маблағгузории омехта, корпоратсиякунонӣ, қарзҳои байналмилалӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дохил карда мешаванд.

Сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти иқтисодӣ ба воситаи усулҳои мухталиф арзёбӣ гашта, дар рушди раванди муносибатҳои иқтисодӣ мавқеъи хосро ишғол менамояд.

Чи хеле ки маълум гардид, сарчашмаҳои маблағгузорӣ гуногун буда, ба мақсадҳои гуногун низ равона карда мешаванд. Танҳо нуктаи муҳим дар он аст, ки маблағгузор бо кадом мақсад ин соҳаро маблағгузорӣ намудааст: барои гирифтани фоида ва ё рушди соҳа.

Бар замми он ки сарчашмаҳои маблағгузорӣ зиёд буда, иштирокчиёни ҷараёни иқтисодӣ аз намудҳои гуногуни он самаранок истифода менамоянд, аммо маблағгузориҳои беруна самараи бештаро соҳиб ҳастанд. Чунки ҷалби сармояи беруна дар баробари маблағҳои худӣ барои афзоиш додани сармоя нақши калон дорад.

Масъалан, И. Никонова маблағгузории дарозмуддати ширкатҳоро тавассути призмаи усулҳо ва воситаҳои гуногун баррасӣ мекунад, ки аз инҳо иборат мебошад:

- воситаҳои бозори коғазҳои қиматнок (барориши саҳмияҳо, ипотека, коғазҳои қиматнок, сертификатҳои оптсионӣ, вомбаргҳо, инчунин барориши векселҳо, коғазҳои қиматноки қарзӣ ва ғайра);

- воситаҳои бонкӣ (қарздиҳӣ, маблағгузории лоиҳаҳо, лизинг, форфейтинг ва ғ.);

- маблағгузории барномаҳои созмонҳои байналмилалӣ ва молиявӣ муассисаҳо;

- маблағгузории давлатӣ (трансфертҳо, кафолатҳо, субсидияҳо, субвенсияҳо, қарзҳои Вазорати молия ва ғайра) [7, 197].

Маблағгузориро метавон ба маънои васеъ ва фишурда баррасӣ кард. Ба маънои васеъ ин раванди ташаккул ва гузаштан (пешбурди) сармоя аз шакли пулӣ ба дигар шаклҳо (мол, истеҳсолот) мебошад, ки дар натиҷаи он сармояи асосӣ ва муомилотӣ ба вуҷуд меояд (пур карда мешавад) ё аз нав тақсим карда мешавад ва даромади пулие, ки дар раванди истеҳсолот ба даст меояд, барои оғози давраи нави истеҳсолот истифода мегардад.

Маблағгузорӣ ба маънои фишурда раванди ҳаракати захираҳои молиявии корхона мебошад: ҷустуҷӯи манбаъҳои маблағгузорӣ, таъмин ва харҷ кардани захираҳои молиявӣ тавассути татбиқи хароҷоти ҷорӣ ва дарозмуддат[6, 350].

Қайд намудан зарур аст, ки маблағгузорӣ на танҳо дар шакли пули нақд, балки метавонад дар шаклҳо гуногун аз қабили амвол, коғазҳои қиматнок, молу маҳсулот, замин ва ғайра) баромад намояд.

Бар ақидаи А.Д.Шеремет «Вазъи иқтисодии муассиса аз рӯи ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи воситаҳо ва вижагиҳои сарчашмаҳои ташаккули онҳо, сармояи худӣ ва уҳдадориҳо муайян карда мешавад. Ин маълумот дар ҳисоботи муҳосибӣ ва дигар шаклҳои ҳисобкунӣ зикр мегардад»[12, 30].

Ба ақидаи баъзе аз олимон маблағгузорӣ ҳамчун раванде тавсиф карда мешавад, ки он метавонад як ё якчанд марҳиларо дар бар гирад. Масалан, ақидаи баъзе аз онҳо ба назар чунин менамояд, ки аз мақсадҳои маблағгузорӣ онро танҳо ҷалби захираҳои молиявӣ мебошад. Аммо мафҳуми зерин низ мавҷуд аст: «Маблағгузорӣ - бо харҷи (нархи) камтарин ҷалб намудани маблағҳо буда, истифодаи маблағҳо сармоягузорӣ аст ва вазифаи он гирифтани фоидаи максималии маблағҳои гузошташуда мебошад»[10, 85].

Баръакси истилоҳи маблағгузорӣ, мафҳуми сармоягузорӣ низ мавҷуд ҳаст, ки дар шакли маблағгузории самаранок ва ё фоиданок амалӣ карда мешавад. Инчунин муайян карда шудааст: «... сармоягузорӣ - пули нақд, коғазҳои қиматнок - дигар амвол, аз ҷумла ҳуқуқҳои амволӣ, дигар ҳуқуқҳои дорои арзиши пулӣ, ки ба объектҳои соҳибкорӣ ва (ё) фаъолияти дигар бо мақсади ба даст овардани фоида ва (ё) ба даст овардани самараи дигари фоиданок гузошта шудаанд; ..." [8].

Бинобар ин сармоягузорӣ низ як шакли маблағгузорӣ буда, танҳо бо мақсади ба даст овардани фоида ба амал бароварда шуда, аз тарафи субъектони алоҳида (ташкилотҳои қарзӣ, шахсони воқеӣ, корхонаҳо ва ғайра) ба роҳ монд мешавад.

Сармоягузориҳо аз ин манбаъҳо ҳам мултипликаторҳои сармоягузорӣ ва ҳам фискалиро фаъол мекунанд[13]. Дар натиҷа фоидаи корхонаҳо, афзоиши даромади хоҷагиҳо ва системаи буҷет афзоиши манбаъҳои молиявиро барои тезонидани тараққиёти иқтисодиёт таъмин мекунанд. Гузашта аз ин, афзоиши кунунии онҳо маънои афзоиши иқтидори сармоягузориро дар давраи минбаъда дорад[2, 51-60].

Имконияти рушди иқтисод аз ҳисоби сармоягузории бонкӣ яке аз масъалаҳои мубрам, дар замони коҳиш ёфтани сармогузории давлатӣ, ба ҳисоб меравад. Чунки дар замони имрӯза тамоми соҳаҳои иқтисодиёт аз бонкҳои тиҷоратӣ вобастагии молиявии зиёд дошта, бе қарзи бонкӣ дар фаъолият намудан ва ба даст овардани фоидаи дарназардошта ғайриимкон аст. Аммо на ҳамавақт афзоиши сармояи бонкӣ

аз рушди иқтисодиёт шаҳодат медиҳад, балки нишона аз вобастагии зичи иқтисодиёт бо низоми бонкӣ мебошад.

Бонкҳои тиҷоратӣ ба замми он ки ба субъектони хоҷагидорӣ қарз дода, ба фаъолияти онҳо таъсири мусбӣ мерасонанд, имкон доранд ба таври зарурӣ барои афзоиш додани ҳаҷми қарздиҳӣ ба корхонаҳои бахши давлтӣ низ саҳмгузор бошанд.

Набудани вобастагии мусбати рушди иқтисодиёт аз ҳаҷми сармояи бонкӣ, пеш аз ҳама сармояи қарзӣ, бо фарқияти байни бахшҳои бонкӣ ва воқеӣ шарҳ дода мешавад, ки амалиёти молиявӣ аз истеҳсолоти молӣ ва савдо торафт бештар ҷудо шуда, ба таври худмухтор инкишоф меёбад. Ин ҳолат барои иқтисоди муосири ҷаҳонӣ хос аст[11, 31-36].

Масъалаи муҳиме, ки маблағгузории низоми бонкиро ба иқтисодиёти минтақа кам мегардонад, ин набудани рақобат дар байни субъектони хоҷагидорӣ дар минтақа мебошад. Яъне, аксарият субъектони хоҷагидорӣ ҳавасманд аз он нестанд, ки аз бонкҳои тиҷоратӣ бо фоизи баланд қарз гирифта, ба вазъи молиявии худ вазнинӣ оранд, балки мехоҳанд аз маблағгузории давлатӣ бештар истифода намоянд. Аз тарафи дигар бонкҳои тиҷоратӣ низ ба он минтақаҳое, ки суръати баланди рушд ва рақобатпазирӣ доранд, таваҷҷуҳи зиёд намуда, ба минтақаҳои дорои хавфи баланди тиҷортаӣ мебошанд, аҳамияти кам зоҳир менамоянд.

Сабаби дигари кам будани маблағгузорӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ба субъектони иқтисодӣ дар минтақаҳо дар он аст, ки аксарияти бонкҳо дар маркази дар мамлакат ҷойгир ҳастанд ва ин ҳолат имконияти раванди маблағгузориро маҳдуд мегардонад.

Яке аз манбаҳои асосии таъмини субъектони маблағгузор бо маблағ ин қарзи бонкӣ ба ҳисоб меравад, ки ин дар таъмини лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои рушди минтақа ва соҳаҳои афзалиятноки он нақшгузор мебошад. Қарзҳои мақсаднок ба қарзгир имкон медиҳад то дар ҷараёни сармоягузории лоиҳаҳо дар таъмини рушди минтақа фаъол бошад, ки ин ҳам ба рушди соҳаҳои афзалиятноки минтақа ва ҳам дар даромаднокии субъекти сармоягузорӣ манфиатнок аст. Аммо ҳамаи ин аз ташкил намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақа ва идоракунии дурусти он вобаста мебошад. Инчунин бар замми ин бонкҳо худ метавонанд дар ҷараёни маблағгузорӣ бевосита иштироки фаъолона дошта бошанд, яъне, маблағгузорӣ намудани лоиҳаҳо дар шакли қарздиҳии дарозмуддат нз як шакли нисбатан нави қарздиҳӣ ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд дар ин ҷо истилоҳи маблағгузорӣ истифода мешавад, аслан сухан дар бораи шакли махсуси қарздиҳӣ ба муҳлати муайян ҳангоми таъмини баргардонидани маблағҳои гузошташуда меравад.

Ҳангоми ташаккули сиёсати маблағгузории минтақаҳо тамоми субъектҳои маблағгузор бояд ба соҳаҳои афзалиятноке, ки нисбатан сустар рушд карда истодаанд, аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд. Дар доираи ин, масъалаҳои асосии зеринро ба назар гирифтан лозим аст:

1. Таҳлил намудани нишондихандахои асосии иҷтимоию иқтисодииминтақа ва дар ин раванд пайдо намудани омилҳои самаранокии истифодаи ҷузъҳои молиявӣ ва истеҳсолӣ.
2. Баҳо додани самаранокии идоракунии минтақавӣ ва сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ;

3. Муайян намудани самаранокии маблағгузорӣ ба баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолии минтақаи таҳлилшаванда;

4. Мониторинги пайвастаи натиҷаи маблағгузорӣ ба минтақаҳои таҳлилшаванда;

## АДАБИЁТ


1. Бичик С.В., Даморацкая А.С. Словарь экономических терминов. Мн., 1998. С. 194.
2. Волков И. И. Бюджетное маневрирование как инструмент бюджетной политики России // Финансы и кредит. – 2016. – № 21 (693). – С. 51–60.
3. Зелль А. Инвестиции и финансирование, планирование и оценка проектов / пер. с нем. А.В. Игнатова, Е.Н. Станиславчик. Бремен, 1996. С. 65.
4. Ковалев В.П. Словарь бизнесмена. Мн., 1995.С. 303.
5. Крутик А.Б., Хайкин М.М. Основы финансовой деятельности предприятия. СПб., 1999.С. 13.
6. Мещеряков Д.А. Экономическая сущность финансирования предприятия, Д.А. Мещеряков Ю.А. Мещеряков, ISSN 1810-0201. Вестник ТГУ, выпуск 4 (72), 2009, с.350.
7. Никонова И.А. Финансирование бизнеса. - М.: Альпина Паблишер, 2003. - 197с.
8. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: ИНФРА-М, 2011.
9. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь.М., 1997. С. 360.
10. Реформа предприятия и управление финансами. М., 1998. С. 85.
11. Хесин Е.С. Современная мировая экономика: финансы и накопление капитала// Деньги и кредит. – 2016. – №8. – С. 31–36.
12. Шеремет А.Д. Комплексный анализ хозяйственной деятельности. - М.: ИНФРА-М.- 2006.- С.30. (178 с)
13. Auerbach A., Gorodnichenko Y. Fiscal Multipliers in Recession and Expansion // NBER Working Paper. – 2011. – N 17447.


**УДК**: 336

# ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ БОНКӢ ДАР ДОИРАИ БАРНОМАҲОИ МОЛИЯВИИ КИШВАР

***Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич*** *– аспиранти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кучаи Нахимова*, 64/14. E-mail: kh.saidamirov@orienbank.tj *Телефон*: (+992) 985-63-73-05

***Аннотатсия***. *Дар мақола масъалаҳои ташаккулёбии сиёсати бонкӣ дар доираи барномаҳои иқтисодӣ ҳамчун сегменти асосии бозори молиявӣ баррасӣ мегардад. Қайд карда мешавад, ки дар доираи банақшагирии стратегӣ даромаднокии низоми бонкӣ, даромадҳои пулии аҳолӣ, афзоиши маблағҳои корхонаҳо ва ташкилотҳо ва инчунин таъмини рушди устувори бозори молиявӣ самарабахш татбиқ мегардад.*

*Диққати махсус ба масъалаҳои таҳияи барномаҳои иқтисодиву молиявӣ ва дар заминаи онҳо асосноккунии фаъолияти бонкӣ ҳамчун шарти муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ дода мешавад. Масъалаҳои ошкор намудани самтҳои афзалиятноки рушди*

*фаъолияти бонкӣ ва татбиқи манфиатҳои иқтисодиву молиявии кишвар дар мақола мавқеъи махсусро ишғол менамоянд.*

***Калидвожаҳо.*** *Низоми бонкӣ, сиёсати молиявӣ, фаъолияти бонкӣ, макроиқтисод, бозори молиявӣ, Стратегияи миллии рушд, ташкилотҳои молиявию қарзӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ, рушди устувор, дороиҳои бонкӣ, маданияти молиявӣ ва муносибатҳои қарзӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ БАНКОВСКОЙ ПОЛИТИКИ В РАМКАХ ФИНАНСОВЫХ ПРОГРАММ СТРАНЫ

***Олимов Умеджон Махмадшоевич –*** *аспирант кафедры финансов Государственного финансово-экономического университета Таджикистана. Адрес*: 734067, *Республика Таджикистан, улица Нахимова,* 64/14, *Душанбе. Электронная почта*: kh.saidamarov@orienbank.tj *Телефон*: (+992) 985-63-73-05

***Аннотация.*** *В статье рассматриваются вопросы формирования банковской политики в рамках экономических программ, а также основного сегмента финансового рынка. Отмечается, что в рамках стратегического планирования эффективно реализуются повышение рентабельности банковской системы, денежных доходов населения, увеличение средств предприятий и организаций, а также обеспечение стабильного развития финансового рынка.*

*Особое внимание уделено разработке экономических и финансовых программ и на их основе обоснование банковской деятельности как важного условия развития национальной экономики. Особое место в статье занимают вопросы выявления приоритетных направлений развития банковской деятельности и реализации экономических и финансовых интересов страны.*

***Ключевые слова.*** *Банковская система, финансовая политика, банковская деятельность, макроэкономика, финансовый рынок, Стратегия национального развития, финансово-кредитные организации, рыночная экономика, устойчивое развитие, банковские активы, финансовая культура и кредитные отношения.*

## FORMATION OF BANKING POLICY WITHIN THE FRAMEWORK OF THE COUNTRY'S FINANCIAL PROGRAMS

Olimov Umedzhon Makhmadshoevich – graduate student of the Department of Finance of the State Financial and Economic University of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14, Dushanbe. Email: kh.saidamarov@orienbank.tj Phone: (+992) 985-63-73-05

Annotation. The article discusses the issues of formation of banking policy within the framework of economic programs, as well as the main segment of the financial market. It is noted that within the framework of strategic planning, increasing the profitability of the banking system, cash incomes of the population, increasing the funds of enterprises and organizations, as well as ensuring the stable development of the financial market are effectively implemented.

Particular attention is paid to the development of economic and financial programs and, on their basis, the justification of banking activities as an important condition for the development of the national economy. A special place in the article is occupied by the issues of identifying priority areas for the development of banking activities and the implementation of the economic and financial interests of the country.

Keywords. Banking system, financial policy, banking activities, macroeconomics, financial market, National Development Strategy, financial and credit organizations, market economy, sustainable development, banking assets, financial culture and credit relations.

Дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ барномаҳои иқтисодӣ, ки дар заминаи татбиқи стратегия амалӣ мегарданд, метавонанд ба беҳтар шудани шаффофият ва идоракунӣ дар низоми бонкӣ мусоидат кунанд, зеро онҳо аксар вақт дурнамои равшани оянда ва нақшаҳои амалиро таъмин мекунанд. Аз ин лиҳоз, таҳия ва татбиқи он барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол аз нуқтаи назари таъмини рушди босуботи иқтисодӣ басо зарур арзёбӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид, ки самтҳои асосии рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла бахши бонкии кишварро муайян мекунад. Дар ин ҳуҷҷати стратегӣ қайд карда мешавад, ки дар низоми бонкӣ, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ мушкилоте, ки аз ҷумлаи сатҳи пасти сармояи ташкилотҳои молиявии мавҷуда (бонкҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ширкатҳои суғуртавӣ ва ғайра), ки доираи танги маҳсулоти молиявӣ асосан хусусияти кӯтоҳмуддат доранд, бояд ҳал шаванд[1,128].

Аз нуқтаи назари предмети тадқиқот қайд кардан зарур аст, ки стратегияи ташаккули иқтидори бонкӣ як қисми стратегияи иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Мақсади таҳияи стратегияи мазкур рушди босубот ва эҳёи иқтидори низоми бонкӣ мебошад. Ноил шудан ба ҳадафҳои муайян, аз қабили фоидаи максималӣ ба даст овардан ва кам кардани хатарҳо тавассути таносуби оптималии сармояи худ ва сармояи қарзиро дар бар мегирад.

Мутахассиси пешбари Ҷопон оид ба идоракунии менеҷмент Кеничи Охмае қайд мекунад, ки стратегия барои низоми бонкӣ як нақшаи корӣ маҳсуб ёфта, дар шароити бuҳрон ба воситаи он мақсадҳои муайянро ба даст овардан мумкин аст. Стратегия одатан аз муайян кардани ҳадафҳо, ташаккули нақшаи амал ва нақшаи сафарбаркунии захираҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда тавассути татбиқи нақшаи амал иборат аст.

Таҳлили бахши бонкии кишвар нишон медиҳад, ки барои ҳалли проблемаи рушди босуръати иқтисодӣ на танҳо вазъи самаранокии бонкҳои аз ҷиҳати системавӣ муҳимро беҳтар кардан, балки имкониятҳои ин бахшро дар маҷмуъ барои бо маблағҳои иқтисодӣ таъмин намудани хизматрасонии бонк ба аҳолӣ хеле баланд бардоштан зарур аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва коркардҳои назариявии мавҷуда дар адабиёти муосири иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки инкишофи низоми бонкиро метавон бо ёрии чунин нишондиҳандаҳо арзёбӣ кард:

- таносуби дороиҳо (уҳдадориҳо)-и низоми бонкӣ нисбат ба ММД;
- таносуби фоидаи умумии низоми бонкӣ нисбат ба ММД;
- таносуби сармояи низоми бонкӣ нисбат ба ММД;
- ҳиссаи қарзҳои ба бахши воқеии иқтисод додашуда дар ММД ва ҳаҷми умумии дороиҳои бонкӣ;

- таносуби андозаи коғазҳои қиматноки харидашудаи бонкҳо нисбат ба ММД;

- даромаднокии низоми бонкӣ, аз ҷумла дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои даромаднокии дигар соҳаҳои иқтисодиёт;

- таносуби маблағҳои аҳолӣ дар таркиби захираҳои низоми бонкӣ нисбат ба ММД ва даромадҳои пулии аҳолӣ;

- таносуби маблағҳои корхонаҳо ва ташкилотҳо дар таркиби захираҳои низоми бонкӣ нисбат ба ММД;

- сатҳи тамаркуз дар низоми бонкӣ;

- даромаднокии низоми бонкӣ, аз ҷумла дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои даромаднокии дигар соҳаҳои иқтисодиёт;

- таносуби маблағҳои аҳолӣ дар таркиби захираҳои низоми бонкӣ нисбат ба ММД ва даромадҳои пулии аҳолӣ;

- таносуби маблағҳои корхонаҳо ва ташкилотҳо дар таркиби захираҳои низоми бонкӣ нисбат ба ММД;

- сатҳи тамаркуз дар низоми бонкӣ[3,33].

Маҳз барои таъмини рушди босуботи бахши бонкӣ дар стратегияҳои кишварҳо роҳҳои татбиқи чунин нишондиҳандаҳо пешбинӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки татбиқ ва рушди ҳамоҳангӣ ин нишондиҳандаҳои тараққиёти прогрессивии на фақат низоми молиявии кишвар, балки пешрафти иқтисодиёти миллиро дар умум таъмин менамоянд.

Мушкилот ва самтҳои асосии рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарояндаи наздик дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ гардидааст, муайян карда шудааст. Дар СМР-2030 афзоиши назарраси сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт, сармоягузории қарзии низоми бонкӣ ба рушди иқтисоди миллӣ ва рушди бозорҳои фондӣ пешбинӣ шудааст.

**Ҷадвали 1. – Нишондодҳои асосии мақсадноки СМР-2030 дар низоми бонкӣ**

| Номгӯйи нишондодҳо | Воҳиди ченак | Сенарияи индустриалӣ | | | Сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2020 | 2025 | 2030 | 2020 | 2025 | 2030 |
| Монетизатсия (аз рӯйи М4 ба ММД) | % | 32-34 | 36-38 | 40-42 | 44-46 | 48-50 | 52-56 |
| Қарзҳо нисбат ба ММД | % | 30-32 | 34-36 | 38-40 | 39-41 | 43-46 | 48-50 |
| Сармоякунонӣ (коғазҳои қиматнок) нисбат ба ММД | % | 6-8 | 8-10 | 10-12 | 8-10 | 12-14 | 16-20 |

**Сарчашма**: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С. 81-82; Хайрзода Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ: дис. ... доктори илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2022. – С. 182.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 сатҳи монетизатсия бояд бо кишварҳои тараққикарда баробар шавад. Фақат дар чунин ҳолат мо метавонем низоми бонкии кишварро ба як қувваи ҳаракатдиҳандаи фаъолияти хоҷагии кишвар табдил диҳем. Бояд қайд кард, ки дар кишварҳои пешрафта сатҳи монетизатсия аз 50 фоиз зиёд мебошад. Аз ин лиҳоз, барои гузаштан ба модели индустриалӣ-инноватсионӣ сатҳи монетизатсия дар кишвар бояд аз 50 фоиз зиёд бошад, тавре ки дар стратегияи мазкур ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин ҳуҷҷати стратегӣ, инчунин қайд карда мешавад, ки татбиқи ин афзалиятҳо шароит фароҳам меорад, ки на камтар аз 50 фоизи оилаҳо бо хизматрасониҳои бонкӣ фаро гирифта шуда, ҳаҷми кафолатҳо барои пасандозҳои дарозмуддати бонкӣ ба таври қонунӣ зиёд шаванд ва тадбирҳои иловагӣ оид ба ҳифзи амонатгузорон тавассути суғурта васеъ карда мешавад[4,87].

Қайд кардан муҳим аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳбудии фаъолияти бонкӣ ва умуман рушди низоми бонкӣ барномаҳои бисёр таҳия ва қабул гардидаанд, ки барои соҳа ва ташаккулёбии низоми муосири бонкӣ заминаи устувори ҳуқуқиву инфрасохторӣ гузоштаанд.

Соли 2010 Стратегияи рушди бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2015 қабул карда шуд, ки татбиқи он ба рушди минбаъдаи бахши бонкии Тоҷикистон дар шароити буҳрон инкишофи мусоидро таъмин мекунад. Инчунин бори нахуст дар кишвар Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 қабул (аз 14 декабри соли 2016, № 174) ва амалӣ гардид. Ҳадафи он аз муайян намудани самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ ва таъмини нишондиҳандаҳои мақсадноки он иборат аст. Стратегия таъсиси инфрасохтори муосири амалиётӣ ва молиявӣ, ташаккули механизми самарабахши таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, татбиқи самтҳои афзалиятнокро барои давраи миёнамуҳлат мувофиқи нақшаҳои иқтисодӣ пешбинӣ намуд.

Ҳамаи ин ба таҳкими пойгоҳи захиравӣ ва рушди босуботи низоми бонкӣ дар кишвар мусоидат менамояд. Татбиқи чунин чораҳо барои амалисозии стандартҳои Базел-1 дар низоми бонкии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш ба стандартҳои байналхалқӣ аҳаммияти басо муҳим доранд. Бо иртибот ба ин масъала бояд қайд кард, ки дар Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 вазифаи татбиқи талаботи Базел-2 ба миён гузошта шудааст.

Бо мақсади баҳодиҳии низоми бонкӣ дар асоси меъёрҳои Базелӣ соли 2009 Бонки миллии Тоҷикистон Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ»-ро аз 9-уми октябри соли 2009, №304 қабул кард. Инчунин солҳои 2009-2019 Бонки миллии Тоҷикистон як қатор меъёрҳои ҳуқуқиеро қабул намуд, ки мақсадашон тақвият додани нақши низоми бонкии кишвар дар иҷрои назорат ва танзими пруденсиалии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба шумор меравад.

Барои боз ҳам таҳким бахшидани фаъолияти бахши бонкӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт" соли 2016 қабул гардид, ки дар он асосҳои ҳуқуқии рушди низоми бонкӣ муайян карда шуда буданд.

Барои ташаккул ва рушди амалиёти ғайринақдӣ дар кишвар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳо оид ба рушди минбаъдаи ҳисоббаробарнамоиҳои ғайринақдӣ» аз 30.11.2018 қабул гардид. Мақсади асосии қарори мазкур аз амалисозии шаклҳои муосири электронии ҳисоббаробарнамоиҳои ғайринақдӣ ва усулҳои фосилавии хизматрасонии бонкӣ иборат буд.

Тибқи омор ба санаи 31 декабри соли 2022 теъдоди кортҳои пардохтии бонкӣ дар муомилот 5,1 миллион ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 45,5 фоиз зиёд шуданд. Шумораи умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзӣ 6,3 миллион ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта (79,1 фоиз) 2,8 миллион адад зиёд мебошад.

То 31 декабри соли 2022 21 ташкилоти қарзии ватанӣ барои хизматрасонӣ ба дорандагони кортҳои пардохтӣ 1724 банкомат ва 6004 терминали электронӣ насб кардаанд. Дар муқоиса бо ҳамин санаи соли 2021 шумораи банкоматҳо 312 адад ва терминалҳои электронӣ 1126 адад зиёд шуданд. Аз шумораи умумии терминалҳои электронӣ 2132 адад дар нуқтаҳои таъмини нақд ва 3872 адад дар муассисаҳои савдо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ рост меояд[2].

Дар айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кортҳои пардохтии системаи миллии пардохтии «Корти миллӣ», системаҳои байналхалқии пардохтии VISA ва Master card, кобрендинги кортҳои системаҳои пардохтии Union Pay ва НПМ – Корти миллӣ, кортҳои пардохтии системаҳои маҳаллии ташкилотҳои қарзӣ ба муомилот баровварда шуда, барои истифодаи самараноки механизмҳои бонкӣ заминаи инфрасохторӣ гузоштанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гузаштан ба хизматрасонии муосири рақамӣ тавассути воситаҳои электронии пардохт ва амалиёти ғайринақдӣ оид ба пардохти молу хизматҳо дар бозори дохилӣ кору фаъолияти муассисаҳо ва инчунин дигар иштирокчиёни бозорро боз ҳам пурсамартар намуд. Дар навбати дигар, чунин амалиётҳои муосир барои ташаккулёбии ҳукумати рақамӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омадааст, мусоидат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки имрӯз дар низоми бонкӣ саҳми бонки исломӣ низ хеле назаррас аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкдории исломӣ», ки соли 2014 қабул гардид, ба принсипҳои бонкдории исломӣ барои рушди равандҳои ҳамгироии молиявӣ ва муносибатҳои молиявии байналхалқӣ заминаҳои мусоид гузошт.

Марҳилаи дигари стратегии рушди низоми бонкӣ ин вогузор шудани салоҳияти назорати суғурта ба Бонки миллии Тоҷикистон мебошад. Вогузор шудани салоҳиятҳои назорати суғурта ба Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, № 851 «Дар бораи ба ихтиёри Бонки миллии Тоҷикистон додани салоҳиятҳои назорати суғурта» раёсати

Бонки миллии Тоҷикистон 1 майи соли 2017, № 30 қарор «Дар бораи таъсиси Сарраёсати назорати суғурта дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон» қабул намуд.

Мусаллам аст, ки бозори хизматрасонии суғурта дар низоми молиявии кишвар нақши муҳимро иҷро мекунад. Мавҷудияти ширкатҳои суғуртавӣ ва рушди муваффақонаи онҳо аз ташаккулёбии муносибатҳои муосири бозоргонӣ шаҳодат медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ 16 ташкилоти суғуртавӣ ба аҳолӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртаи давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртаи ғайридавлатӣ бо 67 филиал хизмат расониданд. Дороиҳои ташкилотҳои суғурта ба санаи 31 декабри соли 2022 612,0 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 16,4 фоиз зиёд мебошад.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои суғурта то 31 декабри соли 2022 386,0 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20,6 фоиз зиёд мебошад. Шумораи умумии шартномаҳои басташуда аз ҷониби ташкилотҳои суғурта дар соли 2022 ба 2,1 миллион адад расид, ки нисбат ба соли қаблӣ 7,3 фоиз (144,0 ҳазор) зиёд аст.

Нишондиҳандаи дороиҳои (ROA-даромади дороиҳо) ташкилотҳои суғурта то 31 декабри соли 2022 3,1 фоиз ва даромади сармоя (ROE – даромаднокии сармоя) 7,3 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,6 банди фоизӣ зиёд аст[2].

Вобаста ба соҳаи суғурта барномаҳои нав, аз қабили қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)» аз 31 марти соли 2020, № 211, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» аз 7 августи соли 2020, № 1719, Нақшаи стратегии ислоҳоти низоми бонкӣ ва суғурта барои солҳои 2020-2025 таҳия ва қабул гардидаанд, ки барои рушди соҳа шароити мусоид фароҳам меоранд.

Инчунин дар соли 2017 барномаи миёнамуҳлати «Афзалиятҳои стратегӣ ва нақшаи амал оид ба рушди механизми ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019" қабул гардид.

Илова бар ин, дар кишвар бо мақсади таҳкими бозори молиявӣ Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314 тасдиқ шудааст.

Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 дар асоси меъёр ва принсипҳои қонунгузорӣ, стандартҳои байналмилалӣ, таҳлили вазъи фарогирии молиявӣ ва дурнамои рушди минбаъдаи он бо роҳбарии Бонки миллии Тоҷикистон, дастгирии техникии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, Котиботи давлатӣ оид ба масъалаҳои иқтисодии Швейтсария таҳия карда шудааст.

Биниши фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили вазъи ҷорӣ, ба мувофиқа омадани тарафҳои манфиатдор ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси кишвар муайян карда шудааст [5,40].

Дар Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, инчунин мушкилоти асосӣ вобаста ба истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ баррасӣ гардидааст. Мавҷуд набудани иттилоот дар бораи истифодабарандагони нодири хизматрасониҳои молиявӣ; интиқоли маблағ ва ҳамёнҳои электронӣ ба таври кофӣ ба суратҳисобҳо пайваст набуда, дар доираи амалиётҳои дигари бонкӣ истифода намешаванд, аз ҷониби муштариён афзалияти бештар додан ба пардохтҳои нақдӣ ва ҳавасманд набудани нуқтаҳои савдо ва хизматрасон барои ба таври васеъ истифода бурдани воситаҳои электронии пардохтӣ монеа эҷод менамоянд, мавҷудияти гурӯҳҳо, ки бо хизматрасониҳои молиявӣ фаро гирифта нашудаанд, барои таъмини рушди инклюзивии молиявӣ халал мерасонанд.

Инчунин ҳаҷми нокифояи бозори суғурта, камбудиҳо дар заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, маълумоти нокифоя оид ба бозори суғурта, дастрасии нокифояи субъектони соҳибкории хурду миёна ба қарзҳо, камбудиҳо дар маҳсулоти ба соҳибкорон пешниҳодшаванда, мубодилаи нокифояи маълумоти қарзӣ бо иштирокчиёни бозор, истифодаи маҳдуди усулҳо ва воситаҳои алтернативии қарздиҳӣ, ҳамоҳангсозии нокифояи талошҳои давлат ва бахши хусусӣ дар қисмати маблағгузории субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна монеа мегардад.

Қайд кардан муҳим аст, ки СМР-2030 ва дар доираи он барномаҳои миёнамуҳлату дарозмуҳлат барои таъмини рушди минбаъдаи кишвар нигаронида шуда, самтҳои афзалиятноки соҳаҳои муҳимтарини фаъолияти хоҷагидориро муайян намуда, роҳҳои татбиқи он то имрӯз мунтазам амалӣ гашта истодааст. Бо иртибот ба ин масъала қайд кардан зарур аст, ки баъзе олимони иқтисоддон бар он ақидаанд, ки дар шароити номуайянии рушди иқтисодиёти минтақавию ҷаҳонӣ аз нуқтаи назари таъмини бехатарии иқтисодӣ ва пешгирии хавфҳои муосир зарурати таҳияи стратегияи дарозмуҳлат то соли 2050 ба миён меояд.

Масалан, профессор Б. Шарипов қайд мекунад, ки барои баланд бардоштани сатҳи камолоти бозори молиявии кишвар ва ноил шудан ба параметрҳои бозорҳои молиявии рушдёфта, ба назари мо, стратегияи миллии рушди онро то соли 2050 таҳия ва амалӣ кардан зарур аст [8,38].

Олими ватанӣ Б. Шарипов исбот мекунад, ки татбиқи дурнамои рушди бахши молиявӣ метавонад аз ҳисоби сегментҳои алоҳидаи бозори молиявӣ, ки ба мавқеъҳои оптималӣ ноил мегарданд, таъмин карда шавад:

- таъсиси сегменти коғазҳои қиматноки кишвар ҳамчун бозори пардохтпазиртарин ва дастрас дар ИДМ ва Осиёи Марказӣ;

-ташаккули бозори аз ҳама пардохтпазири асъор дар Тоҷикистон барои намудҳои асосии асъор;

- табдил додани муассисаҳои молиявии ватанӣ (бонкҳо, фондҳои нафақавӣ, ширкатҳои суғуртавӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ) ба сифати ташкилотҳои устувор ва боэътимоди молиявӣ, ки қодиранд хизматрасонии самараноки амалиёти молиявиро дар кишварҳои ИДМ ва Осиёи Марказӣ, инчунин дастгирӣ ва пешбурди сармоягузорӣ ва манфиатҳо таъмин намоянд;

- корхонаҳои ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ;

- расидани бозори молиявии Тоҷикистон ба стандартҳои кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта аз нигоҳи субот, устуворӣ, шаффофият, сатҳи сифат ва гуногунии маҳсулоти молиявӣ;

- нигоҳ доштани мавқеи устувор ва рақобатпазирии ташкилотҳои молиявии ватанӣ вобаста ба либерализатсияи бозори молиявӣ ва воридшавии ширкатҳои хориҷӣ ба он, бо дарназардошти мутобиқати Тоҷикистон ба талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо дар самти хизматрасонии молиявӣ.

Албатта, татбиқи чунин чорабиниҳо барои таъмини рушди инклюзивии молиявӣ ва бозори молиявиро ба қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисоди миллӣ табдил додан мусоидаткунанда мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар рушди низоми бонкӣ нақши муҳим гузошта, дар муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо ва роҳҳои расидан ба онҳо замина мегузоранд. Барномаҳои иқтисодӣ ва стратегияҳо, пеш аз ҳама, ҳадафҳои марбут ба тавсеаи хидматҳо, афзоиши пойгоҳи муштариён, такмили технология ва ғайраро дар бар гирифта, татбиқи онҳоро дар солҳои минбаъда муайян мекунанд. Ҳуҷҷатҳои стратегӣ, аз қабили нақшаҳои стратегӣ ва консепсияҳои рушд барои рушди бахши бонкӣ, самти дарозмуддатро муайян мекунанд, ки низоми бонкӣ бояд ба он ҳаракат кунад. Нақшаҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ зикр ёфтаанд, мақсад ва вазифаҳои мушаххасеро дар самти баланд бардоштани маданияти молиявӣ ва истифодаи самараноки механизми фаъолиятро муайян мекунанд, ки бояд дарояндаи наздик ва дурудароз ба даст оварда шаванд. Ин ба афзоиши ҳиссаи бозор, беҳтар кардани нишондиҳандаҳои молиявӣ, васеъ кардани фарогирии ҷуғрофӣ оварда мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. Каличева М.М. Совершенствование инструментов управления развитием рынка банковских услуг населению (на материалах Республики Таджикистан): дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2018. – С. 128.
2. Краткий обзор итогов деятельности банковской и страховой системы за 2022 год. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://nbt.tj/ru/news/543805/. (Дата обращения: 15.10.2023).
3. Лаврушин О.И. Банковская экономика. Ч. 2: учебное пособие. – М.: КноРус, 2016. – С. 160;
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С. 87.
5. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026. – С. 176.
6. Тян Н.С. Методика диагностики и прогнозирования развития региональных коммерческих банков в системе показателей «устойчивость – рентабельность капитала» // Финансы и кредит. – 2012. – № 48. – С 33-37.
7. Хайрзода Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ: дис. ... доктори илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2022. – С. 182.

8. Шарипов Б.М. Теоретико-методологические аспекты формирования и развития финансового рынка в переходной экономике (на примере Республики Таджикистан): дис. … д-ра экон. наук. – Душанбе, 2019. – С. 388.

**УДК**: 338.43

## САМТҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Алиев Олимҷон Маҳмудович** – *н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ).*

*Суроға*: 743025, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбонаи Рудакӣ* 17. *Тел.*.: (+992) 917020302, E-mail: olim.23@mail.ru

**Қодирзода Диловар Баҳридин** - *д.и.и, профессор кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ).*

*Суроға*: 743025, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбонаи Рудакӣ* 17. *Тел.*: (+992) 903388181, E-mail: dilovark@mail.ru

*Дар мақола самтҳои асосии таъмингкунии озуқаворӣ, ки ба амнияти озуқаворӣ таъсир мерасонад баррасӣ карда шуда аст. Дар асоси таҳқиқотҳои олимони хориҷию ватанӣ ва таҷрибаи кишварҳо оиди самтҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити муосир арзёби карда шудааст.*

*Дар рафти омӯзиши самтҳои таъмини амнияти озуқаворӣ муайян карда шуда аст, ки барои таъмини он аз қабили паст будани таҳсилоти мосир дар самти кишоварзӣ, дастгирии давлатӣ, молия ва қарз, хатарҳои иқлимӣ, обёрии заминҳои хобида, паст будани даромаднокии соҳаи кишоварзӣ, ҳувияти миллии аҳолӣ дар хариди маҳсулоти ватанӣ ва ғайра мавҷуд аст.*

*Дар асоси маълумотҳои оморӣ нишондиҳандаҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон* сатҳи т*аъминоти қарзи бонкии соҳаи кишоварзӣ ки яке аз самтҳои муҳим мебошад пешниҳод гардида, самти молиявию андозбандӣ, аз он ҷумла ситонидани андоз аз арзиши иловашуда аз таъминкунандагони соҳаи кишоварзӣ, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ таъсир мерасонад баррасӣ карда шуда аст..*

*Вобаста ба мушкилоти ҷойдошта дар самти таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, самтҳои афзалиятноки беҳтар намудани амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чораҳои татбиқи онҳо пешниҳод гардида аст.*

***Калидвожаҳо***: *амнияти озуқаворӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ, кишоварзӣ, молия ва қарз, андозбандӣ, протексионизм, саноати коркард, стратегия, омилҳо.*

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Алиев Олимджон Махмудович** – *к.э.н., доцент кафедры налогов и налогообложения Таджикского национального университета (ТНУ).*

*Адрес*: 733025, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки* 17. *Тел.*: (+992) 917020302, e-mail: olim.23@mail.ru.

**Кодирзода Диловар Бахридин** - *д.э.н, профессор кафедры экономической теории Таджикского национального университета (ТНУ)*

*Адрес*: 733025, *Республика Таджикистан*, *г. Душанбе*, *пр. Рудаки*, 17. *Тел.*: (+992) 903388181, E-mail: dilovark@mail.ru

*В статье рассмотрены основные направления продовольственного снабжения, влияющие на продовольственную безопасность. На основе исследований зарубежных и отечественных ученых и опыта стран, даётся оценка направления обеспечения безопасности пищевых продуктов в современных условиях.*

*В ходе исследования выявлено, что для обеспечения продовольственной безопасности имеется необходимость обеспечения достаточного уровня современного образования в области сельского хозяйства. Кроме того нет должностной поддержки со стороны государства, а также существуют нерешенные вопросы финансового характера, имеются климатические риски, низкий уровень рентабельности аграрного сектора, национальная идентичность населения в закупках отечественной продукции и т.д.*

*На основе статистических данных представлены основные показатели обеспечения продовольственной безопасности в Республике Таджикистан, уровень банковского кредитования в сельскохозяйственном секторе, который является одним из важнейших направлений, а также финансово-налоговое направление. Рассмотрены вопросы сбора налога на добавленную стоимость с поставщиков аграрного сектора, которая по итогу должен способствовать влиянию на вопросы обеспечения продовольственной безопасности.*

*Исходя из существующих проблем в обеспечении продовольственной безопасности страны, предложены приоритетные направления повышения продовольственной безопасности Республики Таджикистан и меры их реализации.*

***Ключевые слова***: *продовольственная безопасность, сельскохозяйственная продукция, продовольственное самообеспечение, сельское хозяйство, финансы и кредит, налогообложение, протекционизм, перерабатывающая промышленность, стратегия, факторы.*

## MAIN DIRECTIONS OF FOOD SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Aliev Olimjon Mahmudovich - *c*andidate of economic sciences, associate professor department of tax and taxation, Tajik National University.

Address: Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: (+992) 917020302, *E*-mail: Olim.23@mail.ru

Kodirzoda Dilovar Bahridin - Doctor of economic sciences, Professor of the Department of Economic Theory, Tajik National University.

Address: Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: (+992) 903388181, E-mail: dilovark@mail.ru

The article discusses the main directions of food supply that affect food security. Based on research by foreign and domestic scientists and the experience of countries, an assessment is made of the direction of ensuring food safety in modern conditions.

The study revealed that to ensure food security there is a need to ensure a sufficient level of modern education in the field of agriculture. In addition, there is no official support from the state, and there are also unresolved financial issues, there are climate risks, low levels of profitability in the agricultural sector, the national identity of the population in the purchase of domestic products, etc.

Based on statistical data, the main indicators of ensuring food security in the Republic of Tajikistan, the level of bank lending in the agricultural sector, which is one of the most important areas, as well as the financial and tax direction are presented. The issues of collecting value added tax from suppliers in the agricultural sector are considered, which ultimately should help influence issues of ensuring food security.

Based on existing problems in ensuring the country's food security, priority directions for increasing food security in the Republic of Tajikistan and measures for their implementation have been proposed.

Key words: food security, agricultural products, self-sufficiency, agro-industrial complex, import intensity, forecasting, food balance, food supply, factors.

Ҳарчанд сатҳи рушди иқтисодӣ дар ҷаҳони имрӯза гуногун аст, кишварҳо дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ба мушкилотҳо рӯ ба рӯ шуда, ноамнии озуқавориро аз сар мегузаронанд. Иқтисодиёти муваффақи давлатҳои муттарақӣ намегузорад, ки мушкилотҳои таъмини озуқаворӣ ба иҷтимоиёти кишвар ва амнияти озуқаворӣ таъсири ҷиддь расонад, аммо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ таъсири мушкилоти озуқаворӣ ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва бехатарии он гоҳе нодида гирифта мешавад ва гоҳо бо сабаби набудани иттилоот, инфрасохтор ва иқтидори иқтисодӣ онҳо ҳалли худро намеёбанд.

Таъмини амнияти озуқавории миллӣ вазифаи аввалиндараҷаи давлат буда, ҳалли он ба як қатор омилҳо вобаста аст, ки асоси он иқтидори иқтисодии давлат, нуфузи он дар арсаи ҷаҳонӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва хӯрокворӣ дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Ин шартҳо яке аз ду роҳи таъмини амнияти озуқавории давлатро муайян мекунанд: якум, иштироки фаъолона дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, бозори ҷаҳонии озуқа ва воридоти навъҳои ками рақобатпазири маҳсулот; дуюм, тамоюл ба худтаъминии озуқаворӣ, дастгирии истеҳсоли дохилии маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳифзи бозори дохилии озуқа аз ғасби таҳвикунандагони беруна.

Таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии таъмини амнияти миллии кишвар дар ояндаи дарозмуддат, омили нигоҳдории давлатдорӣ ва соҳибихтиёрии он, ҷузъи муҳими сиёсати демографӣ, шарти зарурии татбиқи афзалияти стратегии миллӣ оид ба баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон тавассути кафолат додани стандартҳои баланди таъминоти ҳаёт ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳифзи манфиатҳои миллии давлат дар давраи дарозмуддат, аз ҷумла, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ба давлати индустриалӣ-аграрӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияташ дар муносибатҳои ҷаҳонӣ ба нигахдории устувории стратегӣ ва шарикии ба хамдигар фоидабахш нигаронида шудааст, равона гардидааст.

Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Барои ноилшавӣ ба ин ҳадафи олӣ ҳадафҳои зерини стратегии рушд то соли 2030 муайян шудаанд:

дар навбати аввал, ин таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ мебошад;

дуюм, ин раҳой аз бунбасти коммуникатсионӣ, ва табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ;

ҳадафи сеюм, бошад ин таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат мебошад;

чорум, ин вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул дар миёни аҳолии қобили меҳнат мебошад [9].

Дар кишвари мо мушкилотҳо барои таъмини амнияти озуқаворӣ аз қабили паст будани таҳсилоти мосир дар самти кишоварзӣ, дастгирии давлатӣ, молия ва қарз, хатарҳои иқлимӣ, обёрии заминҳои хобида, паст будани даромаднокии соҳаи кишоварзӣ, ҳувияти миллии аҳолӣ дар хариди маҳсулоти ватанӣ ва ғайра мавҷуд аст.

Вазифаҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ, сарфи назар аз тағйироти шароити берунӣ ва дохилӣ, инҳоянд:

- пешгӯии саривақтӣ, ошкор ва пешгирии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба амнияти озуқаворӣи кишвар, кам кардани оқибатҳои манфии онҳо аз ҳисоби омодагии доимии низоми таъмини шаҳрвандон бо маҳсулоти озуқа, ташаккули захираҳои стратегии озуқа;
- рушди устувори истеҳсоли ватании озуқаворӣ ва ашёи хом, ки барои таъмини истиқлолияти озуқаворӣи кишвар кофӣ аст;
- ба даст овардан ва таъмини дастрасии моддию иқтисодии ҳар як шаҳрванди кишвар бо маҳсулоти озуқаворӣи бехавф дар ҳаҷм ва намудҳое, ки ба меъёрҳои физиологии истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣи тарзи ҳаёти солим зарурӣ мувофиқат мекунанд;
- таъмини озуқаворӣи бехатар ва бо сифати табиӣ (бе Организми аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта (ОГТ)).

Стратегия то андозае ризоияти иқтисодшиносони кишоварзии ватаниро оид ба самтҳои асосии рушди комплекси агросаноатии кишвар ифода намуда, навсозӣ ва рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ, таъмини озуқаворӣи мамлакат ва тараққиёти устувори деҳот татбиқи муқаррароти СМР-2030-ро пешбинӣ мекунад. Дар Стратегия маҷмуи тамоми тадбирҳои ба ҳам алоқаманд, такмил додани унсурҳои механизми хоҷагидорӣ пешбинӣ шудааст: низоми обёрӣ, нархгузорӣ, қарздиҳӣ, субсидия, суғурта, андоз, танзими гумрукию тарифӣ оид ба такмили институтҳои хоҷагӣ таклифҳо пешниҳод карда мешаванд.

Ба андешаи мо самти асосие, ки ба рушди таъмини озуқаворӣи аҳоли кишвар мусоидат мекунад, ин дастгирии молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки дастгирии бевоситаи баъзе навъҳои назарраси маҳсулоти озуқаворӣ, ки ба ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши онҳо алоқаманд, ҷорӣ карда шавад.

Самти таъминоти молиявӣ бояд дастгирии ба даст овардани захираҳои моддию техникӣ дар шароити рақобати шадиди маҳсулоти ватанӣ ва воридоти бошад. Ин ба мошину таҷҳизот, нуриҳои минералӣ, поруандозии заминҳо, воситаҳои муҳофизати растаниҳо ва фурӯши он дахл дорад.

Вале, агар сухан дар бораи истифода бурдани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ равад, пас инкишоф додани кооперативҳоро лозим аст. Фақат як мисол аз соҳаи истеҳсоли шир: вазни қиёсии фуруши шир ба воситаи кооперативҳо дар Олмон 63 фоиз, дар Дания 96 фоиз, дар Шветсия 100 фоизро ташкил медиҳад [4].

Самти дигаре, ки бояд қайд кард, ин шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС мебошад. Шомил будан ба ин Созмон аз як тараф, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ба таври объективӣ инкишоф меёбанд, аз тарфи дигар, он ба воридоти маҳсулоти кишоварзии истеҳсолкунандагони хориҷӣ мусоидат мекунад.

Дар бобати ба роҳ мондани сиёсати савдои берунӣ бо мамлакатҳои ИДМ, дар оянда ташкил намудани бозори умумии хоҷагии қишлоқи мамлакатҳои ИДМ хеле муҳим аст. Ин дар натиҷаи дифференциацияи шароити табиию иқлимӣ, махсусгардонии истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мебошад.

«Дар бозори умумӣ фазои ягонаи иқтисодӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он монеаҳои дохилӣ барои рафту омади озоди маҳсулоти кишоварзӣ ва хӯрокворӣ ғайр аз талаботи тартиби санитарию байторӣ бартараф карда мешаванд. Бозори умумии кишоварзӣ низоми ягонаи гумрукиро пешбинӣ мекунад. Ташаккули бозори умумии кишварҳои ИДМ имкон медиҳад, ки сатҳи баланди амнияти озуқаврии ҳамаи иштирокчиёни он фароҳам оварда шавад» [5].

Дар байни самтҳои афзалиятноки сиёсати савдои хориҷӣ, ки бо таъмини амнияти озуқаворӣ алоқамананд, инҳоро метавон ҷудо кард:

- муқаррар намудани механизмҳои таъмини Ҷумҳурии Тоҷикистон бо микдори нокифояи маводи озуқаворӣ аз давлатҳои воридкунанда;
- ташкили бозори ягонаи озуқаврии кишварҳои ИДМ дар асоси созишномаҳои байниҳукуматӣ интиқоли озоди молҳои кишоварзӣ ва озуқаворӣ дар қаламрави онҳо;
- тадриҷан даст кашидан аз пардохтҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо аз маҳсулотҳои кишоварзӣ ва озуқаворӣ бо кишварҳои ИДМ;
- ҳамоҳангсозии сиёсати маркетингӣ, андоз, молия ва қарз;
- татбиқи барномаҳои муштарак оид ба дастгирии соҳаҳои кишоварзӣ;
- такмил додани кумаки суроғавӣ ба қишри аҳолии осебпазир.

Асоси бунёдии амнияти озуқаврии ҳар як кишвар метавонад танҳо иқтисодиёти самараноки таъмини озуқаворӣ бошад, аз ин рӯ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии давлатии соҳаи КАС ниҳоят муҳим аст. Инро танҳо ба воситаи низоми танзими давлатӣ иҷро кардан мумкин аст.

Таҷрибаи кишварҳои дорои хоҷагии қишлоқи самаранок нишон медиҳад, ки ҳатто дар шароити сатҳи баланди таъминоти илмию техникӣ ва хизматрасонӣ дастгирии давлатии соҳаи КАС муҳим аст.

Самти дигаре, мо мехоҳем ибрози андеша кунем, ин самти андозбандӣ мебошад, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ таъсир мерасонад ин ситонидани андоз аз арзиши иловашуда аз таъминкунандагони соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Албатта Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти кишоварзӣ андозбандии имтиёзнок пешбинӣ намуда аст. Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ низоми махсус барои андозбандии фаъолияти субъектҳое мебошад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди

саноатӣ анҷом медиҳанд, ки он дар Кодекси андоз бо номи андози ягонаи кишоварзӣ оварда шуда аст. Андози ягонаи кишоварзӣ нисбат ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва шахсони ҳуқуқии дигар - истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ истифода карда мешавад[3].

Аммо андоз аз арзиши иловашуда, ки аз ҷониби таъминкунандагони хӯроки чорво, воситаҳои муҳофизати растанӣ, тухмӣ, техникаи кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва дигар маводҳо, инчунин қисми зиёди корҳо ва хизматрасониҳо ситонида мешаванд, ки ба арзиши маҳсулоти кишоварзӣ дохил мешаванд [5].

Дар баробари ин, пардохтҳои андоз аз арзиши иловашуда байни таъминкунандагони захираҳои моддӣ ва субъектҳои хоҷагии қишлоқ, ки андози ягона месупоранд, боиси як қатор оқибатҳои манфӣ мегардад [1]:

1) баланд шудани арзиши аслӣ ва мутаносибан нархи маҳсулоти кишоварзӣ. Ин рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзиро ҳам дар бозорҳои дохилӣ ва ҳам дар бозорҳои хориҷӣ паст мекунад;

2) хуроки чорво, воситаҳои муҳофизати растаниҳо, тухмӣ, техникаҳои хоҷагии қишлоқ, нӯриҳои минералӣ ва дигар захираҳои моддӣ бештар ба хоҷагии кишлоқ бо арзиши хеле зиёд фурухта мешаванд. Дар баробари ин, дар асоси Кодекси андоз контрагентҳо вазифадоранд, ки даромад аз фурӯши чунин молҳо андоз аз арзиши иловашуда ва дигар пардохтҳоро супоранд, ки он ба арзиши маҳсулот дохил мешавад ва ба баланд шудани нархи он оварда мерасонад;

3) коркардкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки андоз аз арзиши иловашударо месупоранд, дар натиҷа ААИ-ро, ки ба арзиши ашёи хоми кишоварзӣ дохил нашудааст, тарҳ карда наметавонанд. Дар навбати худ, ин боиси бефоида коркарди маҳсулоти аз субъектҳои хоҷагидории комплекси агросаноатӣ – супорандагони андози ягона мегардад. Дар баробари ин, маҳсулоти кишоварзӣ аксар вақт тавассути миёнаравҳо бо нархи баландтар харида шуда, ба коркардкунандагон бо пардохти иловагӣ ва андоз аз арзиши иловашуда фурӯхта мешаванд;

4) афзоиши арзиши маҳсулот ба маблағи андоз аз арзиши иловашуда сарбории қарзи ташкилотҳои кишоварзӣ ва таъминкунандагони онҳоро зиёд мекунад, ки ин дар навбати худ вазъи молиявии онҳоро бад мекунад ва яке аз сабабҳои набудани сармоя дар муомилоти онҳо мегардад.

Таъминоти қарзи бонкии соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои муҳим ва ба тақвият эҳтиёҷдошта мебошад. Зеро аксарияти хоҷагиҳо бо истифода аз қарзҳои бонкӣ фаъолияти худро пеш мебаранд (надоштани сармояи худӣ). Таҳлили ҳаҷми қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзиро дар расми 1. дидан мумкин аст.




**Расми** 1. **Ҳиссаи қарзи кишоварзӣ дар маҷмӯи карзҳои бонкӣ**

**Аз ҷониби муаллиф омода карда шудааст**, сарчашма: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе – 2021. С. 688-689., Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе – 2022. С.404.

Аз расми 1. дидан мумкин аст, ки ҳиссаи қарзи кишоварзӣ дар маҷмӯи карзҳои бонкӣ, ки дар соли 2021 дода шуда аст 7%-ро ташкил медиҳад. Аз ҳама бештар қарзҳои кишоварзӣ дар соли 2010 ба кишоварзон дода шуда аст, ки он 18%-и маҷмӯи қарзҳои бонкии додашударо ташкил медиҳад.

Кам будани ҳиссаи қарзи кишоварзӣ ин як тарафи масъала буда, ҳоло баланд будани фоизи қарзи пешниҳод шаванда ба соҳаи кишоварзӣ ин паҳлуи дигари мушкилоти гиряовари соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Сол то сол талабот ба маводи озуқа афзоиш меёбад ва дар баробари ин, истеҳсолкунандаи маҳсулоти дохилӣ қаноатмандии онро таъмин намекунад, ки дар натиҷа воридоти маводи ғизоӣ меафзояд [9].

Вобаста ба мушкилоти ҷойдошта дар самти таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, самтҳои афзалиятноки беҳтар намудани амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чораҳои татбиқи онҳо дар расми 2. дидан мумкин аст.




**Расми 2. Самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Яке аз самтҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ин консепсияи нави истифода ва азхудкунии минтақаҳои куҳӣ-водӣ ва кухсорӣ мебошад, ки нақши онҳо дар халли мушкилоти озуқаворӣ хамчун вазифаҳои функсионалии ин минтақаҳо, баланд бардоштан ба мақсад мувофиқ аст [7].

Дар самти захираи озуқаворӣ Сарвари давлат ба роҳбарону мутахассисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ борҳо муроҷиат намуда, таъкид карданд, ки ба масъалаи истифодаи самараноку оқилонаи ҳар ваҷаб замин, гирифтани се – чор ҳосил ва захираи маҳсулоти озуқаворӣ дар шароити буҳрони ҷаҳонӣ бисёр муносибати ҷиддӣ намоянд.

Дар оянда дар самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ як қатор вазифаҳои нав бояд иҷро шаванд, махсусан:

1) қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ғизоӣ ва хӯроквори аҳолии афзояндаи шаҳру деҳот бо тағйир ёфтани одатҳои истеъмоли ғизо;

2) афзоиши устувори истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва ҳосилнокии меҳнат дар онҳо таъмин карда шавад;

3) ҷорӣ кардани қарзҳои имтиёзнок дар соҳаи кишоварзӣ (бо фоизҳои пасттарин ва бе бюрократия);

4) ташаккул додани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим (мутобиқ кардани зироатҳо ва чорво ба тағйирёбии иқлим);

5) дар шароити афзояндаи рақобат барои захираҳо роҳҳои ҳалли устуворро пайдо кардан;

6) тамдид намудани лоиҳаҳои азхудкунии заминҳои нави обӣ;

7) тартиб додани консепеияи нави истифода ва азхудкунии минтақаҳои кухӣ ва баланд бардоштани нақши онҳо дар халли мушкилоти амнияти озуқаворӣ;

8) роҳҳои баланд бардоштани ғизои хушсифат ва бехатарро пайдо кардан.

Ба ақидаи мо ҳалли ин вазифаҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ хеле муҳим буда, таҳияи механизми нави рушди бахши кишоварзии мамлакатро тақозо менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Алиев О.М. Мушкилоти ҳавасмандгардонии андозӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.О. Алиев, Т.А. Ибрагимов // Маводи конференсияи Ҷумҳурияии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир» (25-уми ноябри соли 2022) – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2022.- 430 с. С.110-114
2. Алиев, О. М. Таҳаввулоти консепсияҳои асосии бехатарии озуқаворӣ / О. М. Алиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 3(23). – P. 91-98. – EDN HZKKIG.
3. Алиев, О. Совершенствование налоговой системы обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан / О. Алиев, Т. Ибрагимов // Экономическая безопасность национальной экономики: возможности развития и вопросы цифровой экономики : Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 31 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 89-95. – EDN DZNHSL.
4. Вартанова М.Л. Основные направления обеспечения продовольственной безопасности в Российской Федерации // РППЭ. 2016. №5 (67).
5. Герасимова, В. Г. Налоговое стимулирование сельского хозяйства в Беларуси и за рубежом / В. Г. Герасимова, Н. С. Кузьменкова, В. М. Недведцкий // Направления повышения стратегической конкурентоспособности аграрного сектора экономики : Материалы Международной научно-практической конференции, Тамбов, 19 октября 2018 года / Ответственный редактор А.А. Бурмистрова. – Тамбов: Тамбовский государственный университет имени Г.Р. Державина, 2018. – С. 139-149.
6. Дохолян, С. В., Ибрагимов, М-Т. А., Халималов, М. М. Теоретико-методологические аспекты продовольственной безопасности // Региональные проблемы преобразования экономики. 2012. № 4.
7. Мадаминов А.А. Интенсивный способ производства - путь к устойчивому развитию сельского хозяйства // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2014. - № 2/1(121). - С.62-69
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе – 2022.
9. Пириев Дж.С., Курбонов М.Р. Новые подходы к аграрной политике в контексте устойчивого развития // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2014. - № 2/1(121). - С.88-92.

10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе 2016.
11. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе – 2021.

---

**ТДУ**: 336.7(575.3)

## САВОДНОКИИ МОЛИЯВИИ РАҚАМӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ТАЪМИНОТИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Шамсов Илёсҷон Сафарович*** - *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаи иттилоот дар иқтисодиёти факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға*: 734025, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ* 17. *тел.*: (+992) 918 78 89 38; e-mail: Shamsov-1964 @mail.ru

***Бобоев Фузайл Ҷумъабоевич*** - *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға*: 734025, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ* 17. *тел.*: (+992) 934 51 45 45; e-mail: fuzail-1991@mail.ru

*Мақолаи мазкур ба омӯзиши масоили саводнокии молиявии рақамӣ ва механизмҳои таъмини он дар шароити муосир бахшида шудааст. Дар мақола моҳият ва мафҳуми саводнокӣ, саводнокии молиявӣ ва саводнокии молиявии рақамӣ ошкор карда шуда, принсипҳои саводнокии молиявии рақамӣ пешниҳод гардида, усулҳои идоракунии саводнокии молиявии рақамӣ ва хусусиятҳои хоси он ҷамъбаст гардидаанд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла таҷрибаи Хитой муаммоҳои асосии таъмини саводнокиии молиявии рақамӣ дар шароити муосир муайян гардидаанд. Ошкор карда шудааст, ки бо тараққӣ ёфтани бозори молиявӣ дар давлат талаботи аҳолӣ низ меафзояд, ки ин боиси тавсеаи хатарҳои ибтидоӣ ва аз байн рафтани бесуботӣ дар ҷомеа мегардад. Ҳамзамон таҳия ва такмили стратегияҳои муҳим оид ба таълими саводнокии молиявӣ метавонад рушди пайгиронаи соҳаи молиявӣ ва интишори донишҳои молиявиро дар ҷомеа таъмин намояд, ки ин барои баланд бардоштани саводнокии умумии молиявии аҳолӣ аҳамияти калон дорад. Инчунин, дар ҳошияи омӯзиши таҷрибаи Хитой чораҳои мушаххас оид ба баландбардории сатҳи саводнокии молиявии рақамӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.*

***Калидвожаҳо***: *саводнокӣ, саводнокии рақамӣ, саводнокии молиявӣ, саводнокии молиявии рақамӣ, саводнокии рақамии аҳолӣ, хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, индекси саводнокии молиявӣ.*

## ЦИФРОВАЯ ФИНАНСОВАЯ ГРАМОТНОСТЬ И МЕХАНИЗМЫ ЕГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Шамсов Илёсджон Сафарович*** - *доктор экономических наук, профессор кафедры информационных систем в экономике факультета учёта и цифровой экономики Таджикского национального университета. Адрес*: 734025, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки* 17. *тел.*: (+992) 918 78 89 38; e-mail: Shamsov-1964 @mail.ru

***Бобоев Фузайл Джумабоевич*** - *кандидат экономических наук, доцент, заместитель декана по науки и инновациям финансово-экономического факультета*

*Таджикского национального университета. Адрес*: 734025, *Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки* 17. *тел.*: (+992) 934514545; e-mail: fuzail-1991@mail.ru

*Данная статья посвящена изучению цифровой финансовой грамотности и механизмы его обеспечения в современных условиях. В статье раскрыты сущность и понятии грамотности, финансовой грамотности и цифровой финансовой грамотности, предложены принципы цифровой финансовой грамотности, обобщены методы управления цифровой финансовой грамотности и его специфических особенностей. На основе изучения мировой практики, в частности опыта Китая определены основные проблемы обеспечения цифровой финансовой грамотности в современных условиях. Выявлено, что по мере роста финансового рынка в государстве растут и потребности населения, что приводит к умножению первоначальных рисков и утрате нестабильности в обществе. В то же время разработка и совершенствование актуальных стратегий обучения финансовой грамотности способны обеспечить последовательное развитие финансовой индустрии и распространение финансовых знаний в обществе, что имеет большое значение для повышения общей финансовой грамотности населения. Также, на основе изучения опыта Китая предложены конкретные меры по повышения уровня цифровой финансовой грамотности на примере Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова***: *грамотность, цифровая грамотность, финансовая грамотность, цифровая финансовая грамотность, цифровая грамотность населения, цифровые финансовые услуги, индекс цифровой финансовой грамотности.*

# DIGITAL FINANCIAL LITERACY AND MECHANISMS FOR ITS ENSURANCE IN MODERN CONDITIONS

Shamsov Ilesjon Safarovich - Doctor of Economics, Professor of the Department of Information Systems in Economics, Faculty of Accounting and Digital Economics, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: (+992) 918 78 89 38; e-mail: Shamsov-1964 @mail.ru

Boboev Fuzail Dzhumaboevich - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Deputy Dean for Science and Innovation of the Faculty of Finance and Economics of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: (+992) 934514545; e-mail: fuzail-1991@mail.ru

This article is devoted to the study of digital financial literacy and mechanisms of its provision in modern conditions. The article reveals the essence and concepts of literacy, financial literacy and digital financial literacy, proposes the principles of digital financial literacy, summarizes the methods of digital financial literacy management and its specific features. Based on the study of world practice, in particular, the experience of China, the main problems of digital financial literacy in modern conditions are identified. It is revealed that as the financial market grows in the state, the needs of the population grow, which leads to the multiplication of initial risks and loss of instability in society. At the same time, the development and improvement of actual strategies for teaching financial literacy can ensure consistent development of the financial industry and dissemination of financial knowledge in the society, which is of great

importance for improving the general financial literacy of the population. Also, based on the study of China's experience, specific measures to improve the level of digital financial literacy are proposed on the example of the Republic of Tajikistan.

Keywords: literacy, digital literacy, financial literacy, digital financial literacy, digital literacy of the population, digital financial services, digital financial literacy index.

Бо тараққӣ ва пешрафт намудани инсоният мафҳуми «саводнокӣ» низ рушду такомул ёфт. Фарди муосири саводнок аз малакаҳои оддии «хондан, ҳисоб кардан, навиштан» ба салоҳиятҳои нав даст ёфт, ки мавҷудияти онҳо шарти асосии рушди шахсӣ ва иштироки фаъолона ва муваффақи он дар ҳаёти ҷомеа гардидаанд. Тибқи таърифи созмони ЮНЕСКО (1978), «шахс аз ҷиҳати функсионалӣ саводнок он гоҳ ба ҳисоб меравад, агар ӯ тавонад ҳама гуна фаъолиятеро анҷом диҳад, ки савод барои фаъолияти самараноки гурӯҳ ё ҷомеаи он зарур бошад ва ба ӯ имкон диҳад, ки хондан, навиштан ё ҳисоб намуданро барои рушди шахсӣ ё барои рушди ҷомеаи худ истифода барад».

Дар робита ба малакаҳое, ки дастрасиро ба дониш ва иттилоот бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъмин мекунанд, мафҳуми «саводнокии рақамӣ» истифода мешавад. Мафҳуми «саводнокии рақамӣ» бори нахуст дар авоили солҳои 80-90-уми асри гузашта дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо шуд. Бори нахуст ин мафҳум аз ҷониби Пол Гилстер дар китоби ӯ таҳти унвони "Саводнокии рақамӣ" садо дод, ки соли 1997 нашр гардид. П.Гилстер саводнокии рақамиро ҳамчун “қобилияти дарк кардан ва истифода намудани иттилооте, ки дар шаклҳои гуногун ва доираи васеи манбаъҳо бо истифода аз компютерҳо пешниҳод карда мешаванд” маънидод месозад.[1]

Чунин ба назар мерасад, ки саводнокии рақамӣ ба рушди дигар малака ва салоҳиятҳои асосии инсон таъсири судманд мерасонад ва бештар дар робита бо маърифатнокии молиявӣ зоҳир мешавад, ки он ҳамчун натиҷаи раванди таҳсилоти молиявӣ фаҳмида мешавад, ки ҳамчун маҷмӯи огоҳӣ, дониш, малака ва рафтори зарурӣ барои қабули қарорҳои муваффақи молиявӣ ва дар ниҳоят ноил шудан ба некӯаҳволии молиявӣ муайян карда мешавад.

Дар марҳалаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ муаммои саводнокии молиявии аҳолӣ хеле муҳим гардидааст. Агар дар ибтидои асри XX яке аз шартҳои саноатикунонӣ аз байн бурдани бесаводии аҳолӣ ба ҳисоб мерафт, пас дар ибтидои асри XXI саводнокии молиявӣ шарти ташаккули ҷомеаи баъдсаноатикунонӣ гардид. Сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ имкониятҳои рушди иқтисодиро маҳдуд месозад. Дар ҷомеаи фаросаноатӣ иттилоот ва дониш ҳамчун захираи асосӣ баромад мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки дониш ба сарвати воқеие табдил ёфтааст, ки ба баланд шудани арзиши ҳам сарвати миллӣ ва ҳам шахсият мусоидат мекунад.

Дар ҷомеаи пасосаноатӣ иттилоот ва дониш ҳамчун захираи асосӣ баромад мекунанд. Сатҳи баланди саводнокии молиявӣ - иқтисодӣ ба рушди миқдор ва сифати хизматрасониҳои молиявӣ, ки аҳолӣ ба даст меоранд, оварда, ба баланд шудани сатҳи некӯаҳволии молиявии онҳо мусоидат мекунад. Набудан ё норасоии дониш ва малакаҳои молиявӣ боиси маҳдудшавии назарраси қобилияти шахсони алоҳида дар қабули қарорҳои дуруст мегардад, ки пояҳои некӯаҳволии молиявии онҳоро вайрон

мекунад. Баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ имрӯз яке аз самтҳои афзалиятноки ҳукумати аксари кишварҳои сайёра маҳсуб мешавад. Барномаҳои гуногуне, ки ба баланд бардоштани саводнокии молиявии шаҳрвандон нигаронида шудаанд, ҳам дар кишварҳои тараққӣ карда ва ҳам дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ амал мекунанд.

Идоракунии саводнокии молиявии ҷомеа маънои ташаккули механизмҳоеро дорад, ки ба воридшавии донишҳои нав ба соҳаи истеъмоли хизматрасониҳои молиявӣ ва танзими минбаъдаи раванди паҳнкунии онҳо бо мақсади рушди бозори молиявии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ мусоидат мекунанд.

Саводнокии молиявӣ бояд қобилияти шахсро барои бошуурона ва самаранок иҷро кардани нақшҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодиро дар бахши молиявӣ бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои рақамӣ ва масъулияти қарорҳои қабулшуда тавсиф кунад.[2] Дар ин робита истифода намудани истилоҳи «саводнокии молиявии рақамӣ» бамаврид мебошад.

Саводнокии молиявии рақамӣ (digital financial literacy – DFL) метавонад як ҷанбаи муҳими таҳсилоти молиявӣ дар давраи ташаккули иқтисоди рақамӣ гардад. Истеъмолкунандагон бояд аз ҷиҳати молиявӣ огоҳ бошанд, то маҳсулоти технологияҳои молиявиро (fintech) истифода баранд ва аз қаллобон дар муҳити рақамӣ канорагирӣ кунанд.

Саводнокии молиявии рақамӣ – ин мавҷудияти дониш, малакаҳои бадастомада ва ташаккули одатҳои зарурӣ барои истифодаи самараноки дастгоҳҳои рақамӣ барои анҷом додани амалиётҳои молиявӣ мебошанд. [3]

Саводнокии молиявии рақамӣ (салоҳият) бояд малака ва қобилиятҳои истифодаи бехатар ва самараноки технологияҳои рақамӣ ва захираҳои интернетиро ҳангоми истеъмоли хизматрасониҳои молиявӣ бо мақсади идоракунии самараноки воситаҳои пулӣ  фаро гирад.

Саводнокии молиявии рақамӣ - мафҳуми бисёрҷанба буда, ҷанбаҳои зиёди марбут ба дониши маҳсулот ва хидматҳои молиявии рақамӣ (DFS), малакаҳои идоракунии дороиҳои молиявии рақамӣ, огоҳӣ дар бораи хатарҳои асосии молиявии рақамӣ ва тарзи шинохтан ва пешгирии онҳоро фаро мегирад.[4]

Саводнокии молиявии рақамӣ се принсипро дар бар мегирад: (а) огоҳонидани шаҳрвандон дар бораи сиёсатҳои ҳукумат, ташаббусҳо ва имконоти молиявии рақамии ба онҳо дастрас; (б) баланд бардоштани огоҳии усулҳои пардохти рақамӣ; ва (в) паҳн кардани дониш дар бораи бехатарӣ ва эътимоднокии пардохтҳои рақамӣ. [5]

Бо тараққӣ ёфтани бозори молиявӣ дар давлат талаботи аҳолӣ низ меафзояд, ки ин боиси тавсеаи хатарҳои ибтидоӣ ва аз байн рафтани бесуботӣ дар ҷомеа мегардад. Ҳамзамон таҳия ва такмили стратегияҳои муҳим оид ба таълими саводнокии молиявӣ метавонад рушди пайгиронаи соҳаи молиявӣ ва интишори донишҳои молиявиро дар ҷомеа таъмин намояд, ки ин барои баланд бардоштани саводнокии умумии молиявии аҳолӣ аҳамияти калон дорад. То имрӯз рушди технологияҳои IT самаранокии баландро дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии сокинони кишвар таъмин мекард. Бо гузашти вақт, технологияҳои рақамӣ ба саводнокии молиявии истеъмолкунандагон талаботи баландтар гузоштанд. Дар

мақолаи зерин кӯшиш менамоем механизмҳои таъмини саводнокии молиявии рақамиро дар шароити муосир бо истифода аз таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин баррасӣ карда мешавад.

Дар ҷомеаи Чин се мушкилоти асосӣ дар робита ба таъмини саводнокии молиявии рақамӣ ба истеъмолкунандагон вуҷуд дорад:

– якум, дар шароити талаботи баланд ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, пешниҳоди маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои молиявӣ мунтазам афзоиш меёбад. Бо дарназардошти он, ки шумораи корбарони интернетии чинӣ тақрибан панҷяки шумораи умумии корбарони интернет дар ҷаҳонро ташкил медиҳад (қариб як миллиард нафар!), мо метавонем бигӯем, ки ҶМЧ гуногунҷанбатарин ва сершумортарин ҷомеаи рақамиро дар ҷаҳон муаррифӣ мекунад [6], аз ҷумла тамоми синну сол ва тамоми табақаҳои иҷтимоиро дар бар мегирад. Маъруфияти дастгоҳҳои мобилӣ ва истифодаи васеъи қарорҳои IT бо афзоиши талаботи истеъмолкунандагон ба молияи рақамӣ ҳамроҳ мешавад. Хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ба истеъмолкунандагон дар Чин бо назардошти синну сол, профили касбӣ, сатҳи даромад ва истиқомати минтақавӣ ба таври тафриқавӣ пешниҳод карда мешаванд. Ҷолиб он аст, ки артиши корбарони ҳама намуди гаҷетҳо, аз ҷумла наврасон ва пиронсолон, фаъолона афзоиш меёбад.

– дуюм, рушди босуръати соҳаи молияи рақамӣ, мураккабӣ ва тахассусии маҳсулоти молиявӣ амиқсозии мунтазами донишро дар соҳаи ҳифзи маълумоти молиявии шахсӣ тақозо мекунад. Бештар истеъмолкунандагони чинӣ қурбонии нармафзори қаллобӣ мегарданд, ки таҳти шиори “инноватсия” паҳн мешаванд [7]. Ҳодисаҳои қаллобии молиявии онлайн бо ҷалби қарзҳои кампус ва сармоягузориҳои қаллобии молиявӣ мавҷуданд, ки аз набудани дониши молиявӣ шаҳодат медиҳанд. Мушаххас аст, ки таълими саводнокии молиявӣ ба донишҷӯён вазифаи аввалиндараҷа аст ва давлатро зарур аст, ки барои таблиғи донишҳои молиявӣ ва рушди малакаҳои гигиении рақамӣ дар байни ин гурӯҳи иҷтимоӣ кӯшиш ба харҷ диҳад.

– саввум, муҳим аст, ки мушкилоти сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ, ки аз интернет истифода намебаранд, вале истифодабарандагони эҳтимолӣ мебошанд қайд намоем. Дар робита ба ин, ҶМЧ барои баланд бардоштани сатҳи малакаи дастгоҳҳои рақамӣ ва истифодаи технологияҳои IT корҳои асосиро анҷом медиҳад.

Чин фаъолиятҳо оид ба баланд бардоштани саводнокии молиявии рақамии истеъмолкунандагонро ҳамчун як лоиҳаи низомноки дарозмуддат ва бисёрҷанба баррасӣ мекунад, ки аз ҷониби танзимгари давлатӣ, инфрасохтори пешрафтаи бозори молиявӣ ва ҷомеаи аз ҷиҳати зеҳнӣ баркамол сиёсати оқилонаро талаб мекунад.

Бо назардошти ин татбиқи чорабиниҳои зерин дар амал, ба гуфтаи коршиносони чинӣ, мувофиқи мақсад мебошад:

– пурзӯр намудани тадқиқоти илмӣ дар соҳаи саводнокии молиявии рақамӣ;

– ба роҳ мондани ҳамкории мутақобила бо ҳукумат, муассисаҳои молиявӣ ва ҷомеаи илмӣ;

– ҳамаҷониба ва мунтазам омӯхтани таҷрибаи байналмилалӣ дар ин самт;

– суръат бахшидан ба татбиқи талаботи асосӣ ба маҳсулоти молиявии рақамӣ;

– гузаронидани тренингҳо оид ба саводнокии молиявии рақамӣ дар якҷоягӣ бо анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои фарҳангии мамлакат, инчунин дар заминаи воқеияти молиявии мавҷуда;

– омӯзиши имкони ҳамгироии мундариҷаи рақамӣ ба адабиёти гуногун (пеш аз ҳама таълимӣ), бо дарназардошти тадқиқоти махсус оид ба таъсири технологияҳои IT ба саводнокии молиявӣ, инчунин бо назардошти истифодаи инноватсияҳои рақамӣ дар соҳаи таҳсилоти молиявӣ.

Яке аз вазифаҳои хосатан муҳим эҷоди модели бисёрсистемаи рақамии таълими саводнокии молиявӣ, аз ҷумла шаклҳои гуногуни маъмулгардонии хидматҳои рақамӣ - масалан, баргузории Рӯзҳои ба истилоҳ Рӯзҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва молияи фарогир, форумҳои гуногуни мавзӯӣ ва конфронсҳо, лексияҳо, машваратҳои молиявӣ барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, курсҳои онлайн ва фаъолиятҳои оффлайн, нигоҳ доштани сутунҳои иттилоотӣ дар вебсайтҳо бо мақсади омӯзиши амиқи молияи рақамӣ ва хатарҳо мебошад.

Ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ имконият фароҳам оварда шавад, ки дар асоси консепсияи "харидор ҳам пардохт ва ҳам таваккал мекунад" дар заминаи захираҳои иттилоотии замонавӣ, аз қабили вебсайтҳои махсус, пойгоҳҳои дониш, воситаҳои нармафзор барои худомӯзӣ дар соҳаи саводнокии молиявии рақамӣ, ҳисобҳои молиявӣ ва муқоисаи нархҳо, таҳлилгари онлайни вазъи сифатии муассисаҳои молиявӣ. Ҳамаи ин воситаҳо ба таври доимӣ такмил додани фаъолияти инноватсионӣ дар бахши молиявӣ ва мониторинги сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Чинро пайгирӣ мекунанд.

Дар айни замон, масъалаи бознигарии саводнокии молиявӣ дар заминаи рақамӣ дар ҷаҳон хеле муҳим аст. Аз ин нуқтаи назар, ба мақсад мувофиқ аст, ки равиши васеътари бисёрҷанба татбиқ карда шавад. Муносибати ҳамаҷониба барои ҳалли ин мушкилотро Ҷ.Касс-Ҳанна ва А.Лионс таҳқиқ намуда буданд, ки дар кори худ панҷ сатҳи саводнокии молиявии рақамиро муайян кардаанд, ки ҳар як сатҳ аз рӯи як гурӯҳи нишондиҳандаҳо баҳо дода мешавад (дар маҷмӯъ 25 нишондиҳанда) [8]:

1) дониш ва малакаҳои асосӣ (дониши мафҳумҳои асосии молиявӣ: ба монанди фоизҳои мураккаб, таваррум, диверсификатсияи хавфҳо, қобилияти эҷоди ҳисобҳо, идоракунии паролҳо ва логинҳо, истифодаи танзимоти махфият);

2) огоҳӣ ё "дониш" (дониш дар бораи провайдерҳои мавҷудаи хидматҳои молиявии рақамӣ, ҳадафҳо ва усулҳои истифодаи хидматҳои молиявии рақамӣ, манфиатҳои сармоягузориҳои дарозмуддат, манбаъҳои иттилооти молиявӣ);

3) ноу-хауи амалӣ ё "ноу хау" (дониш дар бораи чӣ гуна кор кардани барномаҳои пешниҳодкунандаи хидматҳои молиявӣ, масалан, чӣ гуна кушодани ҳисоб дар барнома ё платформа, чӣ гуна идора кардани меню, оғоз, анҷом, танзим ё бекор кардани хидматҳои молиявӣ амалиёти нав).

4) раванди қабули қарор (хариди маҳсулоти суғуртавӣ, татбиқи стратегияҳои пасандозҳо, иҷрои масъулиятноки ӯҳдадориҳои қарзӣ, қобилияти интихоби маҳсулоти молиявии дахлдор барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян, провайдерҳои боэътимоди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ);

5) худмуҳофизат аз қаллобии онлайн (қобилияти арзёбии шароите, ки дар он хидматҳои молиявии рақамӣ пешниҳод карда мешаванд).

Таҳқиқи ташаккул ва рушди саводноки молиявии аҳолӣ дар кишварҳои ҷаҳон нишон дод, ки ҳар як кишвари алоҳида вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ, молиявӣ, ҳудудӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ барномаҳои баландбардории сатҳи маърифатнокии молиявии рақамиро татбиқ намуда истодааст. Кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба монанди ИМА, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Халқии Чин, Бразилия, Австралия, Зеландияи Нав, Лаҳистон ва ғайраҳо аҳамияти саводнокии молиявии рақамии аҳолиро дарknамудаанд ва дар ин самт тадбирҳои таъхирнопазир андешида истодаанд ва чунин амал бояд барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирад. Бо таҳлили ҳолати рушди саводнокии молиявии рақамӣ дар кишварҳои муттараққӣ ҷанбаҳои мухталифи барномаву стратегияҳое, ки дар ин кишварҳо амал менамоянд ба назар гирифташуда, татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ карда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти коркарди барномаҳои омӯзишӣ вобаста ба саводнокии молиявии рақамии аҳолӣ аз рӯи сину сол пеш меояд. Аҳолӣ бояд аз рӯи синну соли муайян гурӯҳбандӣ карда шавад ва тибқи он барномаҳои махсус таҳия гарданд, то ки ҳар як нафар вобаста ба сатҳи дониш ва фаҳмиши худ аз чунин барномаҳо истифода намуда тавонад. Яъне ташкили як барномаи умумӣ барои ҳама қишрҳои аҳолӣ наметавонад самаранок бошад. Зеро сатҳи саводнокии аҳолӣ аз рӯи сину сол, касбу кор метавонад фарқ кунад ва самаранокии барномаи қабулгардида таъмин намегардад. Аз ин лиҳоз, чӣ тавре, ки аз таҷрибаи Ҷумҳурии Халқии Чин ва Бразилия бар меояд, таъсиси барномаҳои омӯзишӣ вобаста ба сину сол бояд роҳандозӣ карда шавад. Барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёна, донишҷӯёни макотиби олӣ ва аҳолии калонсол бояд барномаҳои омӯзишӣ дар алоҳидагӣ таҳия карда шаванд. Инчунин, илова намудан зарур аст, ки барномаҳои омӯзишӣ оид ба саводнокии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз рӯи сину сол, балки вобаста ба соҳаҳои фаъолияти аҳолӣ таҳия карда шавад. Ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ дар минтақаҳои кишвар яке аз роҳҳои дигари рушди саводнокии молиявии рақамии аҳолӣ ба шумор меравад. Чунин таҷриба дар Ҷумҳурии Лаҳистон ба назар мерасад. Курсҳои омӯзишӣ бо ҷалби мутахассисон аз хориҷи кишвар ва иқтисодчиёни ватанӣ метавонад сатҳи саводнокии молиявии рақамии аҳолиро дар минтақаҳои кишвар баланд бардошта, раванди ҳамкориҳои онҳоро ба ташклотҳои қарзӣ ташаккул диҳад. Махсусан чунин курсҳо бояд миёни аҳолии касбу кору гуногун (низомиён, кормандони соҳаҳои маориф, фарҳанг, кишоварзон, саноатчиён, сохтмончиён ва ғ) роҳандозӣ карда шавад. Амали мазкур метавонад саводнокии молиявии рақамии аҳолии калонсолро баланд бардошта муваффақияти молиявии онҳоро таъмин созад.

Ҳамин тавр, саводнокии молиявии рақамиро метавон ҳамчун воситаи ноилгардии сатҳи некӯаҳволии молиявии шахсӣ ва устувории молиявӣ баррасӣ намуд, ки дар мутобиқшавии чандирӣ нисбат ба вазъиятҳои тағйирёбандаи воқеъияти моро изҳотакунанда асос ёфтааст. Тасодуффӣ нест, ки саводнокии молиявӣ дар бештари мамлакатҳо ҳамчун яке аз нақшаҳои миллии раҳо шудан аз бӯҳрон ҳисобида мешавад.

Ҳамин тавр, дар шароити табдилёбии мамлакат саводнокии аҳолӣ бояд инчунин ба болоравии саводнокии молиявии рақамӣ низ мусоидат намояд.


**АДАБИЁТ**

1. Druckrey T. Electronic culture: technology and visual representation. – New York: Aperture, 1996.
2. Савина, А.Г. Цифровой аспект финансовой грамотности населения РФ /А.Г. Савина, К.А Костромина, О.Р. Клейменова// Scientific Journal of OrelSIET. – 2019 – №2 (30).- С.
3. Jasuja M. Digital Financial Literacy – Key enabler for a less-cash India [Электронный ресурс]. URL: https://www.finextra.com/blogposting/13750/digital-financial-literacy---key-enablerfor-a-less-cash-india
4. Morgan P.J., Huang B., Trinh L.Q. The Need to Promote Digital Financial Literacy for the Digital Age, 2019 [Электронный ресурс]. URL: https://t20japan.org/policy-brief-need-promotedigital-financial-literacy
5. Saini. Digital financial literacy: awareness and access // International Journal of Management, IT and Engineering. 2019. Issue 4. Vol. 9. P. 201–207.
6. CNNIC's 46th "Statistical Report on Internet Development in China". – September 29, 2020. // China Netcom. URL: http://www.cac.gov.cn/2020-09/29/c_1602939909285141.htm (дата обращения: 10.04.2024)
7. Bian Wanli. Zhu Yong of China Mutual Finance Association: The financial complexity behind digital financial products has not decreased, and the requirements for financial literacy have not decreased but increased. – July 19, 2021 // China 21st Century Business Herald. – URL: https://baijiahao.baidu.com/s?id=1705704231701266412&wfr=spider&for=pc (дата обращения: 03.04.2024).
8. CLyons A., Kass-Hanna J. A Multidimensional Approach to Defining and Measuring Financial Literacy in the Digital Age. Handbook on Financial Literacy Research. Chapter: 5. March 2021. 24 p. Publisher: Routledge, Taylor & Francis Group. URL: https://www.researchgate.net/publication/348923867_A_Multidimensional_Approach_to_ Defining_and_Measuring_F inancial_Literacy_in_the_Digital_Age/stats (дата обращения: 28.04.2024).
9. Куштар, М. Цифровая финансовая грамотность: проблемы и механизмы обеспечения / М. Куштар // Общество и цивилизация. – 2022. – Т. 4, № 2. – С. 61-64.



**УДК**: 314.74


# ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ВА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ОНҲО


***Мирзоева М. У.*** *- муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир*, 33. *Тел.*: +992 (37) 224-17-86



*Дар мақола масъалаи ҷаҳонишавии ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии беруна ва ҷалб намудани маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инчунин дар рушди устувори мамлакат, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф барои ҳаматарафа таҳлил кардани масъалаи*

*гузошташуда, натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологиро, ки аз тарафи масъулини кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои* 2020-2021 *гузаронида шудааст, истифода бурд.*

*Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот самтҳои афзалиятноки истифодаи даромади муҳоҷирон асоснок карда шуда, пешниҳод шудааст, ки барои баландбардории самаранокии онҳо бояд механизми мукаммал таҳия ва татбиқ карда шавад.*

***Калидвожаҳо**: муҳоҷирати меҳнатӣ, маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон, саноатикунонии мамлакат, муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ.*

## ДЕНЕЖНЫЕ ПЕРЕВОДЫ МИГРАНТОВ И ИХ ЭФФЕКТИНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ

***Мирзоева М. У.**- старший преподаватель кафедры управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан Адрес: Республика Таджикистан, ш. Душанбе, к. Саид Насир* 33. *Тел.*: +992 (37) 224-17-86

*В статье исследованы вопросы глобализации трудовой миграции и вовлечения денежных переводов трудовых мигрантов и соотечественников за границу в социально-экономическое развитие страны. Для полного анализа вопроса автор использовал результаты социологического исследования, проведенного сотрудниками кафедры управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан в* 2020-2021 *годах.*

*По результатам исследования были обоснованы приоритетные направления использования доходов мигрантов, а также предложено разработать и внедрить целостный механизм повышения их эффективности.*

*Ключевые слова: трудовая миграция, денежные переводы мигрантов, индустриализация страны, трудовые мигранты и соотечественники за рубежом.*

## MIGRANTS' REMITTANCES AND THEIR EFFECTIVE USE

Mirzoeva M.U.- senior lecturer of the department of public financial management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan Address: Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Said Nasir 33. Tel.: +992 (37) 224-17-86

The article examines the issues of globalization of labor migration and the involvement of remittances of labor migrants and compatriots abroad in the socio-economic development of the country. To fully analyze the issue, the author used the results of a sociological study conducted by employees of the Department of Public Financial Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan in 2020-2021.

Based on the results of the study, priority areas for using migrants' income were substantiated, and it was also proposed to develop and implement a holistic mechanism for increasing their efficiency.

Key words: labor migration, migrant remittances, industrialization of the country, labor migrants and compatriots abroad.

Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари масъалаҳои истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, барномаи таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ва саноатикунонии

истеҳсолоти кишвар, яке аз афзалиятҳои муҳими давлатӣ ба ҳисоб рафта, халли саривақтии худро талаб менамояд. Зеро, раванди муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар миқёси ҷаҳон ва дар кишвари мо низ хусусияти глобалӣ гирифтааст ва дар ҳолати татбиқи сиёсати самаранок дар самти муҳоҷират, он имконият дорад дар рушди устувори саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши бузурге гузорад.

Олимону коршиносон тазаккур менамоянд, ки дар ҳолати дуруст интихоб кардани сиёсати давлатии муҳоҷиратӣ ва ҳавасманд кардани муҳоҷирон ва аъзои оилаашон дар амалӣ намудани барномаю лоиҳаҳои иқтисодӣ, онҳо метавонанд барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварашон ва аз он ҷумла дар рушди устувори саноатикунонии мамлакат саҳмгузор бошанд. Диаграммаи дар поён овардашуда иқтидори оилаҳои муҳоҷиронро дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад.




**Расми** 1. **Иқтидори оилаҳои муҳоҷирон дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат** (с.2020) (**бо**%) [2]

Аз расм маълум мегардад, ки 33%-и оилаҳои муҳоҷирон омода ҳастанд барои сохтмон ва таъмири хати обгузар, барқ, газ ё дигар намуди инфрасохтор дар маҳалли зисташон маблағҳои хонаводаро сарф намоянд. 31%-и оилаҳои муҳоҷирон омодаанд чорабиниро барои сохтмон ва таъмири роҳ маблағгузорӣ намоянд. Инчунин, 19,5% барои сохтмон ва таъмири мактаб, 11% барои касалхона, 3% барои хонаи маданият маблағҳои худро дареғ намедоранд. Ин гуна иқдоми оилаҳои муҳоҷиронро бояд қадрдонӣ кард ва мақомотҳои дахлдори давлатӣ нисбати масъалаи гузошташуда бояд тадбирҳои ҷиддӣ андешанд.

Ҳамзамон, аз диаграммаи боло дида мешавад, ки муҳоҷирон барои рушди соҳаи саноати кишвар фикри худро баён накардаанд ва ин бесабаб нест. Қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатии кишварамон ва аъзои оилаи онҳо сол аз сол омода ҳастанд, ки маблағҳои худро ҳамчун сармоя барои рушди иқтисодиёти мамлакат равона созанд, лекин дар ин масъала мақомотҳои дахлдори давлатӣ бояд ҷиҳати коркарди механизми муосири ҷалби маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзиро дар рушди мамлакат фаъолияти худро пурзур намоянд ва илова бар он, оид ба қабули қонунгузории миллӣ дар самтҳои афзалиятноки ҷомеа саҳмгузор бошанд.

Гарчанде, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна се даҳсола боз машғул аст, то айни замон мутаассифона дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барномаҳо оид ба ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди

кишвар ва рӯйхати ном ба номи онҳо ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд, вуҷуд надорад ва ин яке аз камбудиҳои ҷиддӣ дар фаъолияти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Чунки, ҳар як раиси шаҳру ноҳия пеш аз ҳама намояндаи Президенти мамлакат дар маҳал ба ҳисоб меравад ва ҷавобгарии ҳар як шаҳрвандро ҷиҳати беҳбудии зисту зиндагии ӯ бар ӯҳдаи худ дорад.

Нақши муҳоҷирони меҳнатии кишварамон ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат аҳамияти калон дорад ва нисбати ҷалб ва истифода бурдани маблағҳои муҳоҷирон дар раванди рушд мақомотҳои дахлдори давлатӣ бояд фаъолияти пурсамарро ба анҷом расонанд.

Дар диаграммаи дар поён овардашуда шумораи муҳоҷирони меҳнатии кишварамон, ки дар давоми солҳои 2007-2020 бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти корӣ ва таъминоти молиявии оилаҳои худ ба хориҷа равона гардиданд, дарҷ карда шудааст.




**Расми** 2. **Шумораи муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа равонагардида ва миқдори маблағи воридшуда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои** 2007-2020 [2]

Аз расми боло маълум мешавад, ки ҳар сол дар хориҷи кишвар садҳо ҳазор нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ кор мекунанд ва дар маҷмӯъ маблағи умумии ирсолкардаи онҳо ба ватани аҷдодиашон 34 млрд. 022 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Ин гуна миқдори маблағ дар ҳақиқат барои баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандони кишвар, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, таъсис додани ҷойҳои корӣ аз тарафи худи муҳоҷирон ба тариқи худиштиғолӣ, ташкил кардани фаъолияти соҳибкории хурду миёна бо истифода аз маблағҳои худи муҳоҷирон ва ҷиҳати ба роҳ мондани дигар намуди фаъолият ва чорабиниҳо марбут ба шуғли аҳолӣ, ниҳоят манфиатбахш мебошад ва дар раванди рушди мамлакат нақши бузурге дорад.

Инчунин, муҳоҷирон ҳангоми фаъолияти корӣ дар хориҷа ва дар вақти баргаштан ба ватан бо худ миқдори муайяни пули нақдӣ, технологияҳои муосир ва дигар намуди арзишҳои моддиро ворид менамоянд, ки ҳисобу китоби он охир надорад ва ин гуна амал воқеияти иқтидори муҳоҷиронро дар раванди рушди кишвар тасдиқ

менамояд. Бинобар ин, идораҳои давлатиро лозим аст, ки дар ин самт фаъолияти худро ҷоннок намоянд ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гарданд.

Айни замон дар байни муҳоҷирони меҳнатии беруна ва ҳамватанони бурунмарзии кишварамон шароите ба амал омадааст, ки онҳо имконият ва иқтидори бузург доранд Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раванди рушди иқтисодии мамлакат дастгирӣ намоянд. Мисолҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар шаҳру ноҳияҳои худ корхонаҳои хурду миёна, мактабу табобатхонаҳо, роҳҳои нақлиётӣ ва майдонҳои варзишӣ, инчунин дигар иншоотҳои иҷтимоию маданиро сохта, барои истифода ва хизматрасонии шаҳрвандон пешниҳод намудаанд. Чунин иқдомҳои хуби мардуми бошарафи Тоҷикистон қобили дастгирӣ мебошанд.

Қисме аз муҳоҷирони меҳнатии кишварамон барои ташкил кардани фаъолияти соҳибкорӣ ва ё дигар намуди фаъолият ва бо ин роҳ беҳтар намудани вазъияти молиявию иҷтимоии оилаи худ ва ҳамзамон таъмини амнияти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, маблағҳои кофӣ доранд. Дар ин ҳолат ба онҳо танҳо дастгирии давлатӣ лозим аст ва доир ба ин масъала мутаассифона, баъзе мамониатҳо дар ташкил ва амалӣ кардани чунин фаъолият вуҷуд доранд.

Яке аз онҳо, сиёсати номукаммали андоз мебошад, ки вобаста ба он ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои ғайридавлатӣ дар кишварамон ғайримақсаднок ба ҳисоб меравад ва ин самт беҳбудиро талаб менамояд. Сабаби дигар, ин монополизатсия кардани қисми муайяни соҳаҳои хоҷагии халқ ва мавҷуд будани ҳолатҳои коррупсионӣ дар баъзе сохторҳои давлатӣ мебошад, ки доир ба пешгирии чунин зуҳуроти зараровар ба ҷамъият чандин маротиба Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастуру супоришҳо доданд. Ислоҳи камбудиҳои зикргардида имконият медиҳанд, ки боварии муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳо, тоҷикони бурунмарзӣ ва дар маҷмӯъ сармоягузорони хориҷӣ ба Тоҷикистон зиёд гардад ва онҳо дар татбиқи лоиҳаҳои созандаю ояндадор фаъолона иштирок намоянд. Чунин мавқеъи давлатӣ бар манфиати шаҳрвандони кишвар буда, имконият медиҳад амнияти иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди устувори мамлакат таъмин карда шавад.

Бо мақсади асоснок кардани нақши муҳоҷирони меҳнатӣ ва маблағҳои гузаронидаи онҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат, муаллиф аз моҳи ноябри соли 2020 то моҳи феврали соли 2021 бо дастгирии бевоситаи роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Хатлону Суғд ва иштироки кормандони Хадамоти муҳоҷират дар вилоятҳои зикргардида, пурсиши сотсиологиро бо муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта ва аъзоёни оилаи онҳо ба анҷом расонид.

Сабаби интихоби вилоятҳои Хатлон ва Суғд иборат аз он аст, ки маҳз аз ҳамин ду вилояти сераҳолӣ шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа равона мегарданд. Барои гузаронидани пурсиш ҳамагӣ 600 адад пурсишнома омода гардид ва ба ду вилоят 300-тогӣ тақсим карда шуд. Аз шумораи умумии варақаи тақсимшудаи пурсишнома 576 адади он дуруст тартиб дода шуда, 24 адади он бекор ҳисоб карда шуд.

Барои муайян кардани мавқеъ ва нақши муҳоҷирони меҳнатӣ дар раванди рушди мамлакат, мо якчанд саволҳоро бо дарҷи ҷавобҳои иштирокчиёни пурсиш манзур менамоем.

Яке аз саволҳои аввал чунин буд: “Сатҳи маълумотнокии Шумо?”. Ҷавоби иштирокчиёни пурсиш чунин натиҷа дод:

- 16,3% маълумоти олӣ доранд;
- 8,5% маълумоти олии нопурра;
- 22,2% маълумоти миёнаи махсус;
- 47,6% маълумоти миёнаи пурра;
- 5,0% маълумоти миёнаи нопурра.




**Расми 3. Сатхи маълумотнокии мухочирони мехнатии берунаи ахолии ЧТ дар соли 2021 (1000 респондент) (бо %)**[2]

Аз пурсиши гузаронидашуда оид ба маълумотнокии муҳоҷирони меҳнатии кишварамон маълум мегардад, ки танҳо 22,2%-и онҳо маълумоти миёнаи махсус доранд ва ин гуна нишондиҳанда барои рақобатпазир будан дар бозори меҳнати байналхалқӣ ҷавобгӯи талабот нест. Зеро дар ҳолати надоштани касбу ихтисоси коргарии ниёзи бозори меҳнати байналхалқӣ, муҳоҷирон барои иҷрои корҳои дуюмдараҷаи каммузд гирифта мешаванд ва ин вазъи молиявии онҳоро беҳтар карда наметавонад. Илова бар он, муҳоҷирони меҳнатӣ ба оилаҳои худ микдори маблағи заруриро барои таъминоти молиявӣ равона карда наметавонанд ва бо ин роҳ мақсади гузоштаи онҳо ҷиҳати баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва иштирок дар рушди иҷтимоию иктисодии мамлакат иҷро намегардад. Бинобар ин, ҳалли масъала оид ба омӯзиши шаҳрвандони кишварамон ба касбу ихтисосҳои муосири бозори меҳнати байналхалқӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва зарур ба ҳисоб меравад.

Саволи дигар чунин буд: “Ба ҳисоби миёна ҳар моҳ Шумо ба оилаи худ пеш аз ҳодисаи коронавирус чӣ қадар маблағ равон мекардед?”

Натиҷаи пурсиш нишон дод, ки музди меҳнати ҳармоҳаи муҳоҷирон дар Россия ба ҳисоби миёна 30 ҳазор рубли русиро ташкил медиҳад ва тақрибан 40%-и онро муҳоҷирони меҳнатии кишварамон ба оилаҳои худ интиқол медиҳанд, ки ин гуна дастгирии молиявии хонаводаҳо аз тарафи муҳоҷирон боиси қаноатмандӣ мебошад.




**Расми** 4. **Маблагхои интиколнамудаи мухочирони мехнатии берунаи ЧТ дар давраи аввали коронавирус - соли** 2020 (1000 **респондентхо**), (**бо** %)[2]

Саволи навбатӣ давоми саволи пештараро марбут ба ҳодисаи коронавирус дар назар дошт ва чунин ифода ёфта буд: “Баъд аз давраи аввали ҳодисаи коронавирус дар соли 2021 чӣ қадар маблағ ба оилаатон интиқол мегардад?”




**Расми** 4. **Маблагхои интиколнамудаи мухочирони мехнатии берунаи ЧТ баъд аз давраи аввали коронавирус дар соли** 2021 (1000 **респондентхо**), (**бо** %) [2]

Муҳоҷирони меҳнатӣ посух доданд, ки бо гузашти давраҳои аввали пандемия ва фарорасии соли 2021, музди меҳнати онҳо баландтар гардид. Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки ба ҳолати соли 2021 ҳаҷми музди меҳнати миёнаи муҳоҷирони меҳнатӣ 45 ҳазор рубли русиро ташкил дод ва ин шаҳодати болоравии интиқоли маблағҳо ба кишварамон мебошад.

Аз ду саволи гузошташудаи боло доир ба ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷа ба хонадонашон маълум гашт, ки то давраи саршавии касалии коронавирус, яъне то соли 2020 ба ҳисоби миёна ҳар моҳ ба

оилаҳои муҳоҷирон дар доираи 30 ҳазор рубли россиягӣ ворид мегашт. Баъд аз паҳншавии касалии коронавирус бошад, яъне ба ҳолати аввали соли 2021 ҳаҷми миёнаи интиқоли ҳармоҳаи маблағҳо ба оилаҳои муҳоҷирон 45 ҳазор рублро ташкил кард.

Чунин ҳолат дар мадди аввал мисли муаммо ба назар мерасад, вале он асоси воқеӣ дорад ва вазъияти ҳозираи бозори меҳнатро дар Россия нишон медиҳад. Гап дар он аст, ки ҳангоми тамоми кишварҳои дунёро фаро гирифтани касалии коронавирус ва ба ин намуди вабо дучор гардидани миллионҳо нафар аҳолии ҷаҳон, қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ роҳи бозгаштро ба ватани худ пеш гирифтанд ва давлатҳои қабули муҳоҷирон аз норасоии шумораи лозимаи қувваи корӣ дар бозори мехнати кишварашон танқисӣ мекашанд. Аз ин хотир, ба таври мисол қайд кардан мумкин аст, ки кордиҳандагони Россия барои нигоҳ доштани муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ маоши онҳоро баланд бардоштанд ва ин сабаби асосии фарқияти ҳаҷми интиқоли маблағ дар давраи пеш аз ҳодисаҳои коронавирус ва баъд аз он мебошад.

Натиҷаҳои пурсиши сотсиологии дар дохили кишварамон гузаронидашударо тадқиқоти коршиносони Россия тасдиқ менамояд. Ин гуна тадқиқот моҳи феврали соли 2021 бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид дар қаламрави Россия гузаронида шуд ва саволи гузошташуда ба муҳоҷирони меҳнатии кишварамон - "Чӣ гуна даромади Шумо дар давраи пандемияи Covid-19 иваз гардид?", чунин натиҷа дод:

1. Аз шумораи умумии пурсидашудагон 88% қайд карданд, ки даромади онҳо соли 2020 паст гардид ва ин нишондиҳанда соли 2021 то 59% коҳиш ёфт. Яъне, миқдори муҳоҷирони меҳнатии кишварамон бо даромади паст дар соли 2021 камтар гардид ва чунин натиҷа боиси қаноатмандӣ мебошад.
2. Аз шумораи умумии пурсидашудагон 11% қайд карданд, ки даромади онҳо соли 2020 иваз нашудааст ва ин нишондиҳанда соли 2021 то 27% зиёд гардид.
3. Аз шумораи умумии пурсидашудагон ҳамагӣ 1% қайд карданд, ки даромади онҳо соли 2020 зиёд гардидааст ва ин нишондиҳанда соли 2021 то 14% афзоиш ёфт[5]. Чунин натиҷа оид ба зиёд гардидани даромади пулии муҳоҷирони меҳнатии кишварамон албатта вазъи молиявии оилаҳоро беҳтар менамояд ва вобаста ба он сатҳи камбизоатӣ низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае коҳиш меёбад.

Коршиносони Созмони Милали Муттаҳид тазаккур менамоянд, ки нигоҳ накарда ба ҳолати пандемия, ҳаҷми маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон дар дунё соли 2021 то 7,3% баланд мегардад ва он 589 млрд. доллари амрикоиро ташкил медиҳад [8]. Мутобиқи маълумоти коршиносон ҳаҷми интиқоли маблағҳо ба кишварҳои Осиёи Миёна ва аз он ҷумла ба Тоҷикистон низ соли 2021 нисбат ба соли 2020 афзоиш меёбад, ки ин гуна ҳолат вазъи иқтисодию иҷтимоии оилаҳои муҳоҷирон ва дар маҷмӯъ вазъи ҷомеаи шаҳрвандиро беҳтар менамояд.

Дар пурсиши сотсиологие, ки охири соли 2020 ва аввали соли 2021 аз тарафи кормандони кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, бисёри саволҳо ба вазъи оилавии муҳоҷирони меҳнатии кишварамон дахл доштанд ва вобаста ба он, яке аз саволҳои ҷолиби диққат марбут ба давраи коронавирус ба чунин тарз гузошта шуда буд: - "Шумо маблағҳои интиқолшударо дар ин давраи коронавирус ба кадом мақсадҳо истифода мебаред?". Ҷавоби пурсидашудагон дар диаграммаи 5-и дар поён овардашуда дарҷ карда шудааст.




**Расми** 5. **Роҳҳои истифода бурдаи маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатии берунаи ҶТ дар хонаводаҳо ба ҳолати соли** 2021 (1000 **респондент**) (**бо** %) [2]

Аз диаграммаи овардашуда маълум аст, ки қисми зиёди маблағҳо барои харидории хӯрока сарф карда мешаванд ва ин гуна ҳолат бесабаб нест. Зеро, маҳз дар давраи пандемия бисёри ташкилоту корхонаҳо аз кори пурсамар барканор шуданд, сатҳи бекорӣ зиёд шуд, нархи бозор ва пеш аз ҳама нархи хӯрока хеле баланд гардид, ки аҳолиро маҷбур месохт маблағи бештарро барои таъминоти хӯрокаи оилаашон сарф намоянд. Чунин мебошанд оқибатҳои пандемия ва таъсири манфии он ба зисту зиндагии аҳолии кишвар.

Бо дарназардошти таҳлилҳои гузаронидашуда бо боварии комил хулоса кардан мумкин аст, ки масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирон дар раванди рушди иқтисодию иҷтимоии кишварамон ва беҳтар намудани некӯаҳволии шаҳрвандон саҳми муҳимро мебозад. Тоҷикистон ба мисли дигар давлатҳои собиқ шуравӣ аллакай се даҳсола боз бо самти муҳоҷирати меҳнатӣ машғул аст ва дар асоси он, ки шумораи шаҳрвандони бекор ҳар сол дар ҳудуди кишварамон зиёд мегардад, Тоҷикистон дар давоми даҳсолаҳои наздик аз ҳалли мушкилиҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дур шуда наметавонад. Аз ин сабаб масъалаи мазкур бояд дар сатҳи байналхалқӣ, миллӣ ва маҳаллӣ эътироф гардида, нисбати ин соҳаи афзалиятноки ҷомеаи шаҳрвандӣ аз тарафи ҳамаи мақомотҳои дахлдори давлатӣ таваҷҷӯҳи ҳамаҷониба зоҳир намудан лозим аст.

## АДАБИЁТ


1. Искандаров, Ҳ. Ҳ. Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзимнамоии он дар шароити ҷаҳонишавӣ / Ҳ. Ҳ. Искандаров, Н. Саъдуллозода // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – 2020. – No. 2. – P. 117-124.

2. Натиҷаҳои пурсиши сотсиологӣ, ки аз тарафи кормандони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи ноябри соли 2020 то моҳи феврали соли 2021 гузаронида шуд.

3. Одинаев, Б. Ҳ. Баҳодиҳии омории муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б. Ҳ. Одинаев, М. А. Ҳаитова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – No. 11. – P. 21-27.

4. Одиназода, К. С. Муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, вазъ ва тамоюли рушди он / К. С. Одиназода // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2021. – No. 2(45). – P. 214-223.

5. Рязанцев С.В. Влияние Covid-19 на мигрантов из Таджикистана в России. Иследование ООН в Таджикистане, февраль 2021 г.

6. Тоҷибоева, М. Н. Ҷанбаҳои назариявии бозгашти муҳоҷирати меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Н. Тоҷибоева // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. – No. S2. – P. 159-164.

7. Ҳаитова, Б. Ҳ. Таҳлили омории нишондиҳандаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б. Ҳ. Ҳаитова, М. А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 7. – P. 108-115.

8. https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/press-release/2021/11/17/remittance-flows-register-robust-7-3-percent-growth-in-2021.

---

**УДК**: 338.24

# ТАШАККУЛИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ – АСОСИ ТАҚВИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ВА РАҚОБАТПАЗИРӢ

***Қодиров Фируз Абдулҳафизович*** - *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов* 64/14. *Телефон*: 918955155. E-mail: f.kodirov84@mail.ru

***Халилзода Умед Шараф*** - *ассистенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога*: 734067, *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов* 64/14. *Тел.*: (+992)98-756-52-52. E-mail: umed_khalilzoda@mail.ru

*Мақолаи мазкур ба омӯзиши равандҳои ташаккули системаи идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва таъсири он ба фаъолияти инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхона бахшида шуда, масъалаҳои ташаккули системаи идоракунии корпоративӣ баррасӣ карда шудаанд. Афзалиятҳои ташаккули системаи идоракунии корпоративӣ ва таъсири он ба рақобатпазирӣ ва баланд бардоштани фаъолияти инноватсиони исбот шудааст. Қайд карда мешавад, ки ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ ба фаъолияти инноватсионӣ, рақобатпазирӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбат мерасонад.*

*Низоми дар корхонахои саноатй чори намудани идоракунии корпоративӣ кор карда баромада шуда, тавсияҳои аз илман асоснок пешниҳод карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо***: *саноат, корхонаҳо, инноватсия, рақобатпазирӣ, устуворӣ, самаранокӣ, шаффофият.*

# ФОРМИРОВАНИЕ КОРПОРАТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ – ОСНОВА АКТИВИЗАЦИИ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ПОВЫШЕНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ

***Кодиров Фируз Абдулхафизович*** *– к.э.н., доцент, проректор по международным отношениям Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 918955155. E-mail: f.kodirov84@mail.ru*

***Халилзода Умед Шараф*** *– ассистент кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992)98-756-52-52. E-mail: Umed_Khalilzoda@mail.ru*

*Данная статья посвящена исследованию процессов формирования системы корпоративного управления на промышленных предприятий и ее влияния на инновационную деятельность и повышение конкурентоспособности предприятия Даны основные понятия, рассмотрены проблемы формирования системы корпоративного управления. Доказана преимущества формирования системы корпоративного управления и ее влияния на конкурентоспособность и активизации инновационной деятельности. Отмечается, что формирования системы корпоративного управления оказывает положительное влияние на инновационную деятельность, конкурентоспособность и устойчивое развитие промышленных предприятий.*

*Разработана система внедрения корпоративного управления на промышленных предприятий, а также предложены научно обоснованные рекомендации.*

***Ключевые слова:*** *промышленность, предприятия, инновация, конкурентоспособность, устойчивость, эффективность, прозрачность.*

# FORMATION OF CORPORATE GOVERNANCE AT INDUSTRIAL ENTERPRISES IS THE BASIS FOR ACTIVATING INNOVATION ACTIVITY AND INCREASING COMPETITIVENESS

***Kodirov Firuz Abdulkhafizovich*** *- Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Vice-Rector for International Relations of the Tajik State Financial and Economic University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone: 918955155. E-mail: f.kodirov84@mail.ru*

***Khalilzoda Umed Sharaf*** *– assistant of the Department of Management of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14. Tel.: (+992) 98-756-52-52. E-mail: umed_khalilzoda@mail.ru*

This article is devoted to the study of the processes of formation of a corporate governance system at industrial enterprises and its impact on innovation activities and increasing the competitiveness of an enterprise. Basic concepts are given, problems of formation of a corporate governance system are considered. The advantages of forming a corporate governance system and its impact on competitiveness and enhancing innovation activity have been proven. It is noted that the formation of a corporate governance system has a positive impact on innovation, competitiveness and sustainable development of industrial enterprises.

A system for introducing corporate governance at industrial enterprises has been developed, and scientifically based recommendations have been proposed.

Key words: industry, enterprises, innovation, competitiveness, sustainability, efficiency, transparency.

Дар марҳилаи муосири рушд яке аз масъалаҳои муҳими рушди корхонаҳои саноатӣ ин ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ ба ҳисоб меравад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули идоракунии корпоративӣ ҳамчун омили муҳимтарини такмилим фазои соҳибкорӣ ва иқлими сармоягузорӣ эътироф шуда, дар барномаҳои соҳавӣ ба масълаҳои мубрами он таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Зарурати баланд гардидани мубарамияти таҳқики масъалаҳои идоракунии корпоративӣ дар он асос меёбад, ки мувофиқи таҷриба низоми идоракунии мазкур ба фаъолияти инноватсионӣ ва рақобатпазирии корхона таъсири мусбат мерасонад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки муваффақият ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ба фаъолияти инноватсионӣ алоқаманд мебошанд. Айни замон дар баробари дигар унсурҳои бартарияти рақобатӣ инноватсияҳо аҳамияти бештар пайдо карда, тақвияти фаъолияти инноватсионӣ шарти асосии баланд бардоштани рақобатпазирии корхона ҳисобида мешавад. Тақвияти фаъолияти инноватсионӣ на танҳо дар сатҳи корхонаҳо бартарияти рақобатиро ба вуҷуд меорад, балки дар маҷмуъ ба рушди инноватсионии соҳа, минтақа ва иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонад [10].

Дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионӣ ва тақвияти рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ин мавҷудияти низоми самараноки идоракунии корпоративӣ мебошад. Дар ин замина ба андешаи мо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ташаккули низоми самараноки идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳад, ки фазои соҳибкорӣ тағйир ёфта, ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо баланд бардошта шавад. Аз ин рӯ, ҷорӣ кардани принсипҳои идоракунии корпоративӣ метавонад ба сифати омили асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ ва рақобатпазирии корхонаҳо баромад кунад.

Мувофиқи назария принсипҳои идоракунии корпоративӣ низоми идоракунӣ ва назоратии корхонаҳоро дар назар дошта, роҳнамое ба ҳисоб меравад, ки бояд аз ҷониби роҳбарият риоя шаванд. Дар амалияи корхонаҳои муосир чаҳор принсипи асосии идоракунии корпоративӣ ба таври васеъ истифода шуда, идоракунии корпоративиро ҳамчун маҷмӯи таҷрибаҳо, стандартҳо ва равандҳо танзим мекунад. Яке аз ҳадафҳои асосии идоракунии корпоративӣ ин ҳалли талаботи ҳамаи тарафҳои манфиатдори ширкат (ҷонибҳои манфиатдор) мебошад. Ба онҳо саҳмдорон, кормандон, мизоҷон, таъминкунандагон, ҷомеа ва ҳукумат шомил мебошанд [4].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки идоракунии корпоративӣ як низоми идоракуние мебошад, ки та таҷрибаи самараноки мавҷуда такя карда, ҳадаф аз татбиқи принсип ва стандартҳои он таъмини шаффофият, эътимоди баланд, адолат ва масъулиятнокӣ мебошад. Дарки принсипҳои идоракунии корпоративӣ қадами аввалин дарислоҳи идоракунии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тамоми амалия маҳз ба истифодаи ҳамин модел далолат мекунад. Афзалият ва бартариятҳои истифодаи низоми идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва таъсири он ба фаъолияти инноватсионию баландбардории рақобатпазирии корхонаҳо дар расми 1. оварда шудааст.




**Расми 1. Таъсири низоми идоракунии корпоративӣ ба таъмини рақобатпазирӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноатӣ (таҳияи муаллифон)**

Барои дар амал татбиқ намудани идоракунии корпоративӣ корхонаҳои саноатӣ бояд чаҳор талаботи муҳимро риоя кунанд: шаффофият, ҳисоботдиҳӣ, баробарӣ ва масъулияти корпоративӣ. Тамоми маҷмӯи стандартҳо ва равандҳои аз ҷониби роҳбарият муқарраршуда бояд ба ин принсипҳо мувофиқат намоянд. Ба таври амалӣ, принсипҳо ба мусоидат ва мувозинати умумӣ дар амалиётҳои идоракунӣ нигаронида шудаанд. Ташаккули низоми самараноки идоракунии корпоративӣ ва истифодаи принсипҳои он имконият медиҳад, ки шаффофияти бештар дар равандҳои дохилӣ ба вуҷуд омада, боиси пайдо гардидани бартариятҳои рақобатии нав гардад. Дар

баробари ин эътимоднокӣ ва амнияти иттилоотӣ, устуворӣ, идоракунии беҳтари хавфҳо низ таъмин карда мешаванд [6].

Татбиқи принсипи шаффофият дар ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ имконият медиҳад, ки табодули иттилоот байни корхона ва ҷонибҳои манфиатдор дар шакл ва сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Дар амалия ин чунин маъно дорад, ки корхона барои ҷонибҳои манфиатдор ва агентҳои бозорӣ маълумоти заруриро дар шароити дастрас нигаҳ дошта, барои тақвияти рақобатпазирӣ ва афзоиши арзиши бозории ширкат замина фароҳам месозад.

Яке аз принсипҳои муҳими идоракунии корпоративӣ ин масъулият ба ҳисоб меравад. Зимни истифодаи принсипи мазкур корхонаҳо вазифадор мешаванд, ки назди агентҳои бозорӣ ва шарикони худ масъулият дошта бошанд. Ҳамчунин истифодаи принсипи мазкур ба эҳтиром гузоштан ба арзишҳои воқеӣ ва инчунин риояи чораҳои ахлоқиро дар назар дорад.

Принсипи баробарӣ бошад муқаррар мекунад, ки корхона бояд ба ҳама саҳмдорон ва ҷонибҳои манфиатдори худ одилона ва баробар муносибат кунад. Дар амал, ин маънои онро дорад, ки қарорҳои қабулкардаи корхона бояд таъсирро ба ҳама ҷонибҳои манфиатдор ба назар гирад. Як нуктаи муҳими ин консепсия имтиёзҳо ба ҳисоб рафта, дар ин замина корхона бояд воситаҳоеро истифода барад, ки дар он як гурӯҳи муайян бар гурӯҳи дигар бартарӣ надошта бошанд [2].

Дар шароити муосир масъулияти корпоративӣ ба нақши ширкат дар ҷомеа ва таъсири фаъолияти он вобаста мебошад. Дар заминаи принсипи мазкур корхонаҳо вазифадоранд, ки мавқеи устувори иҷтимоию экологиро нигоҳ доранд. Барои дар амал татбиқ намудани ин принсип, корхонаҳо бояд аз рӯйи таъсири иҷтимоӣ, экологӣ ва иқтисодиеро, ки фаъолияти он ба вуҷуд меорад масъулият дошта бошад.

Барои дар амал татбиқ намудани принсипҳои идоракунии корпоративӣ таҳияи баъзе расмиёти муҳим барои таъмини иҷрои ҳадафҳо зарур мебошад. Ба ин маъно, корхонаҳо бояд ба иштироки менеҷерҳо дар муҳокимаи масъалаҳои бунёдӣ, арзёбии фаъолият ва роҳнамоии амалҳои зарурӣ такя кунанд. Дар баробари ин бояд дар корхонаҳо Шурои директорон ва аудити дохилӣ нақши марказӣ дошта бошанд [1]. Риояи принсипҳои идоракунии корпоративӣ барои корхонаҳо масъалаи стратегӣ буда, дар ташаккули рақобатпазирӣ ва тақвияти фаъолияти инноватсионии онҳо мавқеи асосӣ дорад.

Ташаккули рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар заминаи истифодаи моделҳои нави ташкили фаъолият имконпазир аст, ки зимнан дар инҷо нақши идоракунии корпоративӣ бебаҳс мебошад. Дар таҷриба яке аз чунин моделҳо ин татбиқи принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар мувофиқа бо стандарти ESG мебошад. стандарти ESG (экология, иҷтимоиёт ва идоракунӣ) амалияи идоракуниеро дар назар дорад, ки фаъолияти корхонаҳоро аз нигоҳи иҷтимоӣ, экологӣ ва идоракунӣ арзёбӣ мекунад. Ташаббусҳои ESG дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин ба ноил шудан ба 17 Ҳадафҳои Рушди Устувор (SDGs), ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид (СММ) пешниҳод карда шудаанд, мусоидат мекунанд.

Бо истифода аз ин стандарт корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои самаранок ноил гардида, барои тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва рушди рақобатпазирии худ шароити мусоид фароҳам месозанд. Дар шароити муосир бо назардошти афзалият пайдо кардани татбиқи принсипи иқтисодиёти сабз хатарҳои

экологӣ бештар таҳқиқ мегарданд. Бо назардошти ин, зарурати чен кардани нишондиҳандаҳои дахлдор дар соҳаҳои саноат ба миён меояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар бозори ҷаҳонӣ ба маҳсулоте таваҷҷуҳ мекунанд, ки дорои сертификатҳои ISO ва таҷрибаи пешқадами сохтории ESG бошад. Дар ин замина ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ имконият медиҳад, ки рақобатпазирӣ ва ҷолибияти сармоягузории корхона баланд бардошта шавад. Вобаста ба ин татбиқи таҷрибаи идоракунии корпоративӣ бо такя ба стандарти ESG дар ҳама соҳаҳо аҳамияти муҳим дорад.

Т.В. Погодина, Н.Л. Удалсова зимни таҳқиқи масъулаҳои идоракунии стратегии рақобатпазирии ширкатҳои саноатӣ дар шароити ноустувори бозорӣ таъкид менамоянд, ки амалисозии модели идоракунии корпоративӣ ва таҳияии стратегияи корпоративӣ омили асосии таъмини рақбатпазирии корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб мераванд. Ба ақидаи онҳо интихоби оқилонаи стратегия, ки дар заминаи истифодаи модели идоракунии корпоративӣ имконпазир аст, ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таъсиргузор мебошад [7].

Дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди корхонаҳои саноатии кишвар як қатор масъалаҳои муҳим гузошта мешавад, ки ислоҳот дар низоми идоракунии корхонаҳо аз ҷумлаи мубрамтарини онҳо ба ҳисоб меравад. Дар амалия имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули шаклхои нави ҳамгироии субъектҳои хоҷагидорӣ ва ташаккули сохторҳои корпоративӣ имкон доданд, ки ба нақши механизми идоракунии корпоративӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, афзалиятҳои нави ҷорисозии принсипҳои идоракунии корпоративӣ муайян карда шаванд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи саноатӣ нишон медиҳад, ки самаранокии иқтисодиёти кишвар бештар ба ҳалли масъалаҳои рушди устувори сохторҳои корпоративӣ, ки асоси рушди усутвори иқтисодӣ мебошанд, бо равандҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ вобаста аст.

Дар асоси таҳиқоқти анҷомшуда нақшаи зерини ташаккули низоми идоракунии корпоративиро дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем (Расми 1.).




**Расми** 1. **Марҳилаҳои ташаккули идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноатӣ (таҳияи муаллифон)**

Идоракунии корпоративӣ ҳамчунин имконият медиҳад, ки масъулияти иҷтимоии бизнес баланд бардошта шуда, дар шароити муосир масъулияти иҷтимоии корпоративӣ ба сифати унсури рақобатпазирии корхонаҳо эътироф карда мешавад. Бартарияти дигари истифодаи низоми идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноатӣ ин ташаккули фарҳанги корпоративӣ ва созмонӣ ба ҳисоб меравад. Фарҳанги

корпоративӣ дар шароити муосир омили бунёдии мутобиқсозии ширкат ба муҳити беруна ва муаррифии он дар бозор мебошад.

Таҳлили амалияи корхонаҳои саноатии давлатҳои пешрафтаи саноатӣ нишон медиҳад, ки татбиқи принсипҳои идоракунии корпоративӣ яке аз шартҳои асосии ташаккули бартарияти рақобатӣ ба ҳисоб меравад. Тақвияти ҳамгирой, ки дар заминаи татбиқи принсипҳои идоракунии корпоративӣ имконпазир мегардад метавонад ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбӣ расонад. Дар ин замина бояд таъкид сохт, ки яке аз далели таъсири мусбии идоракунии корпоративӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар он аст, ки зимни истифодаи модели мазкур имконияти ҷалби менеҷерони кироя вуҷуд дорад, ки аз ҷумлаи бартариятҳои истифодаи принсипҳои идоракунии корпоративӣ ба ҳисоб меравад [9].

Бо такя ба назария ва амалияи ҷойдошта пешниҳод карда мешавад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад:

- коркарди заминаҳои методӣ барои ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноатӣ;

- коркарди стандартҳои миллии идоракунии корпоративӣ дар саноат бо ташаббуси Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассотсиатсияҳои соҳавӣ, доираҳои илмӣ ва академӣ;

- тақвияти низоми омодакунии кадрҳои ва ташкили чорабиниҳо ҷиҳати такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо;

- омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, аз он ҷумла таҷрибаи корхонаҳои дорои инвеститсияҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон мушкилоти ташаккули идоракунии корпоративӣ мубрамияти бештар пайдо карда, нақши он дар баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва ҷолибияти сармоягузории онҳо хеле калон мебошад. Тавре ки тадқиқотҳои сершумор нишон медиҳанд аксарияти сармоягузорон таҷрибаи идоракунии ширкатро аз нишондиҳандаҳои молиявии худ муҳимтар медонанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки таъсири идоракунии корпоративӣ ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва соҳаҳои саноат дар маҷмуъ метавонад тавассути тадбирҳои зерин имконпазир гардад:

- ислоҳоти сохторҳои ташкилӣ ва ташаккули системаҳои ҳамгироии корхонаҳои саноатӣ, ки аз нуқтаи назари ташкили идоракунӣ ба тавсеаи ҳамгироии технологӣ ва иқтисодӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудаанд;

- баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, аз ҷумла дар асоси татбиқи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва барномаҳои муосир;

- омода кардани кадрҳои баландихтисос ва истифодаи васеи таҷрибаи менеҷмерони кироя.

Адабиёт:

1. Бабкин, П. Ю. Формирование адаптивного подхода к управлению корпоративным имиджем промышленного предприятия / П. Ю. Бабкин, Т. В. Суркова // Менеджмент в России и за рубежом. – 2012. – № 3. – С. 98-107.

2. Беспалько, В. А. Управление конкурентоспособностью промышленных предприятий на существующих и перспективных рынках сбыта промышленной

продукции / В. А. Беспалько // Экономика и предпринимательство. – 2014. – № 4-1(45). – С. 611-617.

3. Давлетова, А. К. Корпоративное управление и контроль на промышленных предприятиях / А. К. Давлетова // Перспективные направления научных исследований в социально-гуманитарной сфере : сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции, г. Белгород, 28 сентября 2019 года / Агентство перспективных научных исследований (АПНИ). – г. Белгород: Общество с ограниченной ответственностью "Агентство перспективных научных исследований", 2019. – С. 80-84.

4. Иванова, Е. А. Повышение эффективности хозяйственной деятельности промышленных предприятий на основе принципов классических моделей корпоративного управления / Е. А. Иванова // Kant. – 2014. – № 4(13). – С. 18-20.

5. Кабиров, Ш. О. Основы формирования корпоративного управления в промышленности Республики Таджикистан / Ш. О. Кабиров // Вестник Таджикского технического университета. – 2011. – № 3. – С. 67-72.

6. Муҳсинов, Д. С. Нақш ва аҳамияти системаҳои иттилоотӣ дар идоракунии корхонаҳои саноатӣ / Д. С. Муҳсинов, У. Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – No. 10. – P. 43-48.

7. Погодина, Т. В. Стратегическое управление конкурентоспособностью промышленных компаний в нестабильных рыночных условиях / Т. В. Погодина, Н. Л. Удальцова // Вестник Удмуртского университета. Серия Экономика и право. – 2020. – Т. 30, № 1. – С. 41-50. – DOI 10.35634/2412-9593-2020-30-1-41-50. – EDN GHUJYQ.

8. Тагавердиева, Д. С. Комплексная оценка качества корпоративного управления промышленных предприятий / Д. С. Тагавердиева // Финансы и кредит. – 2015. – № 37(661). – С. 45-51.

9. Файзуллоева, С. Д. Эффективность корпоративного управления на предприятиях рт / С. Д. Файзуллоева // Наука и инновация. – 2014. – № 1. – С. 195-199.

10. Belloc, F. (2012), “Corporate governance and innovation: a survey”, Journal of Economic Surveys, Vol. 26 No. 5, pp. 835-864

МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| *Абдуалимзода Ҳ.А.* МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | 5 |
| *Хайрзода Ш.Қ., Ҷулиев М.Ҳ.* БАҲОДИҲИИ КОРРЕЛЯТСИОНӢ ВА РЕГРЕССИОНИИ ҲАМОҲАНГИИ РУШДИ БАХШҲОИ МОЛИЯВИЮ ВОҚЕИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ТОҶИКИСТОН | 11 |
| *Кошонова М.Р., Зубайдов Ҷ.И.* МОДЕЛИ РЕГРЕССИОНИИ АРЗЁБИИ ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ОН ДАР НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ | 18 |
| *Қурбонов А.К., Камолзода И.А., Камолов С.А.* МУНОСИБАТИ БАЙНИ АНДОЗУ БУҶЕТ ДАР НИЗОМИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 28 |
| *Раҳматзода Р., Қудратова Ф.Р.* ТАҲЛИЛИ СОХТОРИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БАРОИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 36 |
| *Обидов Ф.С.,Шодиев И.М.* МЕХАНИЗМҲОИ ТАКМИЛИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ БА ШАХСОНИ ВОҚЕӢ | 44 |
| *Мирсаидов С.А., Рофизода С.Ҳ.* РУШДИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ СОҲАИ ФАРҲАНГ ДАР АСОСИ МУНОСИБАТИ МАРКЕТИНГӢ | 51 |
| *Қурбонов А.К., Исвалиев Б.Ҷ.* ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ МЕХАНИЗМИ МОТИВАТСИОНИИ ТАЪМИНОТИ КАДРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | 60 |
| *Нурализода А.Н., Қурбонализода Д.Т.* МЕХАНИЗМҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ДОИРАИ ТАБДИЛДИҲИИ РАҚАМӢ | 67 |
| *Мирзоева Е.Ш., Қаҳорова П.Ф.* РАЗРАБОТКА ЭФФЕКТИВНОГО МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ ИННОВАЦИОННО-ИНВЕСТИЦИОННЫМ ПРОЦЕССОМ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РЕГИОНЕ | 77 |
| *Абдуалимзода Ҳ.А., Чориева Ф.М.* УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ САНДУҚИ ҚАРЗИИ БОНКҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | 87 |
| *Муслихова Т.Т.* ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ҲУДУДӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ НОБАРОБАРИ МИНТАҚАҲО | 96 |
| *Исматов А.Ҳ.* ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ НИЗОМИ ТАЪМИНОТИИ ШУРАВӢ ВА АҲАММИЯТИ ОМӮЗИШИ ОН ДАР ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 102 |
| *Попов Н.А.* ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ НА МИРОВОМ РЫНКЕ: ВЫЗОВЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ | 112 |
| *Фарайдунов О.Қ., Темурбекова С.Д., Аламшоева М.М., Гулов А.Б.* РАСШИРЕНИЕ СФЕР ВНЕДРЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ | 120 |
| *Раҳимов Ф.С.* СУҒУРТА ҲАМЧУН НИШОНДИҲАНДАИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ | 136 |
| *Муминов А.Б.* ТЕХНОЛОГИЯИ НИҲОДИИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ | 142 |
| *Раҳматов Б.Қ., Сафаров Қ.С.* УСТУВОРГАРДОНИИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ ВА ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ | 150 |
| *Урунбаева Н.А.* САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ҲАМГИРОИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 161 |

| | |
|---|---|
| *Саидаҳмадов Ф., Муродова Ф.Б.* САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ АНДОЗБАНДӢ ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ | 167 |
| *Ҳусайнов М.С., Қурбонова Ш.Б.* ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 174 |
| *Ҳамроев М.И.* НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РАЗРАБОТКИ И РЕАЛИЗАЦИИ ИННОВАЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ | 185 |
| *Ҳайдаров С.М., Гулов А.Б.* ЗАМИНАҲОИ МЕТОДИИ ТАШАККУЛЁБИИ МЕХАНИЗМИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ | 191 |
| *Бухориев М.Ҳ.* ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНИИ СОҲИБКОРИИ МУШТАРАК | 199 |
| *Нурмаҳмадова Р.М.* ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | 217 |
| *Бобомуродов П.Х.* ИСТИФОДАИ МОДЕЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ) (дар мисоли водии Зарафшон) | 222 |
| *Одинаев А.С.* ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДИЮ ОМОРИИ СОХТОРИ БОЗОРИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ | 229 |
| *Шоҳамдамова А.Н., Сайфиддинов Ф.Ш.* МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ ПО ВЫВОДУ ОТРАСЛИ ИЗ КРИЗИСНОГО СОСТОЯНИЯ | 236 |
| *Комилова К.Н., Шарипов Б.Р., Шарифзода Б.М* ТАМОЮЛИ ИНКИШОФИ МАРКЕТИНГИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 243 |
| *Пиризода С.* ҲОЛАТИ МУОСИРИ КИШОВАРЗӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН | 252 |
| *Исхаков Д.И.* МОҲИЯТ ВА ЗАРУРАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ РАҚАМӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 260 |
| *Шарифзода Г.М.* ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ ҚАРЗӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 268 |
| *Миршарипов Э.Қ.* МАСЪАЛАҲОИ ҚАРЗДИҲИИ СОҲАИ САНОАТ ВА ТАЪМИНИ РУШДИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА | 275 |
| *Саидзода Д.С.* ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ҶАЛБИ САРМОЯ БА СОҲАИ КИШОВАРЗӢ | 283 |
| *Султонзода Н.* ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БОЗОРИ МОЛӢ ДАР ҶАҲОН | 288 |
| *Ормонова М.М.* МУАММОҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ НАФАҚАИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 296 |
| *Гулзода Ф.М.* ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕХАНИЗМА СТИМУЛИРОВАНИЯ ЭКСПОРТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ЧЛЕНСТВА В ВТО | 303 |
| *Қурбонов В.Н.* МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМИ ТАВАРРУМ ВА СИЁСАТИ ЗИДДИТАВАРРУМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 313 |
| *Назарова Н.Н.* МАСЪАЛАҲОИ ИЛМИВУ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР | 320 |
| *Фатҳуллоева Ш.С.* ОЦЕНКА ЭФФЕКТИВНОСТИ ВНЕДРЕНИЯ СТРАТЕГИИ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННО-ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ | 327 |
| *Ахмедов Д.Ҳ., Қурбонов А.К.* ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ САДОВО–ВИНОГРАДЧЕСКОГО ПОДКОМПЛЕКСА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 334 |

| | |
|---|---|
| *Давлатов Р.Ҷ., Бобоназарова С.М., Неъматуллои М.* ФАРҲАНГИ ИҚТИСОДӢ – ОМИЛИ АСОСИИ ТАЪМИНИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ | 341 |
| *Сафаров Ҷ.А., Ашуров Ф.М.* ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ | 347 |
| *Ҳабибуллозода Ш.М., Ятимов А.Ҷ.* РОҲҲОИ БЕҲТАРНАМОИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРГОНӢ | 357 |
| *Шоҳиён А.М.* МУНОСИБАТҲОИ НАЗАРИЯВӢ ДОИР БА ТАВСИФИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ВА ХУСУСИЯТИ ОН ДАР БАХШИ ХУСУСИИ ИҚТИСОДИЁТ | 365 |
| *Изатуллоев М.Н.* ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪСИРИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ | 374 |
| *Азизов Б.М.* МОҲИЯТ ВА ЗАРУРИЯТИ ЗИРОАТКОРИИ САРФАКУНАНДАИ ИҚТИДОРИ ЗАМИНҲОИ ЛАЛМИИ КӮҲИСТОНИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ | 381 |
| *Тоҷиддинов М., Сайфиддинов Ф.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ ИНВЕСТИТСИОНӢ ДАР РУШДИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ МАМЛАКАТ | 388 |
| *Ҷураев Х.Г., Буризода Х.Б.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАШАКУЛЁБИИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ | 395 |
| *Файзализода М.М.* МОҲИЯТИ ТАЪМИНОТИ БАҲИСОБГИРӢ-ТАҲЛИЛИИ ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ҶАНБАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАШАККУЛИ ОН | 402 |
| *Бобомуродов Б.Э.* ХУСУСИЯТИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТ | 410 |
| *Комилов С.Ҷ., Зияева М.Д.* БАРРАСИИ РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВӢ БА ТАШАККУЛИ ДАСТГОҲИ МАФҲУМИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ | 416 |
| *Наврӯз-зода Б.Н.* ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН: МУАММОҲО ВА ДУРНАМО | 426 |
| *Мирбобоев Р.М.* ДАВРАҲОИ ТАШАККУЛ ВА САМТҲОИ РУШДИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ХОҶАГИИ ҶАҲОНИИ БИСЁРҚУТБӢ | 434 |
| *Тагоев Б.Д., Сафаров Н.У.* АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИ ЗАМИНАИ МУҲИМИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ НЕКӮАҲВОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 447 |
| *Эмомов М.Н.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | 456 |
| *Олимов У.М.* ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ БОНКӢ ДАР ДОИРАИ БАРНОМАҲОИ МОЛИЯВИИ КИШВАР | 463 |
| Алиев О.М., Қодирзода Д.Б. САМТҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 472 |
| *Шамсов И.С., Бобоев Ф.Ҷ.* САВОДНОКИИ МОЛИЯВИИ РАҚАМӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ТАЪМИНОТИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | 481 |
| *Мирзоева М.У.* ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ВА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ОНҲО | 488 |
| *Қодиров Ф.А., Халилзода У.Ш.* ТАШАККУЛИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ – АСОСИ ТАҚВИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ВА РАҚОБАТПАЗИРӢ | 497 |

Ба таваҷҷуҳи муаллифон!

Дар маҷаллаи илмию амалии «Паёми молия ва иқтисод» мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмию амалии соҳаҳои иқтисодию молияро дар бар мегиранд, чоп мешаванд.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Маводе, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд ва ё дар арафаи чопанд, қабул карда намешаванд.

Мақолаҳои пешниҳодшаванда бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, нақша, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд аз 12 саҳифаи компютерӣ кам набошад.

2. Мақолаҳо дар шакли электронӣ ва дар шакли чопӣ (1 нусха) пешниҳод карда шаванд.

3. Мақолаҳо паз аз гузаронидани барномаи «Антиплагиат» бо пешниҳоди маълумотнома қабул карда мешаванд.

4. Мақолаҳо дар системаи Microsoft Word бо чунин тарз: мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, русӣ бо гарнитураи Times New Roman андозаи ҳуруфи матни асосӣ – 14, рӯйхати адабиёт – 12, фосилаи байни сатрҳо – 1 см, сархат аз гӯшаи чапи варақ бо андозаи – 1,25 см, фосилаҳо аз боло – 3 см, аз поён – 2,5 см, аз чап – 3 см, аз рост – 2 см пешниҳод шуда, ҳамаи саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шаванд.

5. Дар саҳифаи аввали мақола УДК, номи мақола, ному насаб ва маълумот дар бораи муаллиф (муаллифон) ва ташкилот ё муассиса, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон нишон дода мешаванд.

6. Мақола бо аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (курсив, андозаи 12) оғоз гардида, бояд муҳтавои асосии мақоларо амиқ дар бар гирад ва дар шакли алоҳида ба нашр мувофиқ бошад (на камтар аз 10 сатр). **Калидвожаҳо** тасвири кӯтоҳи мундариҷаи маводи илмӣ буда, дар бораи мавзӯъ ва сохтори он маълумоти умумӣ медиҳанд ва аз 8 то 10 калима ва ё ифодаро дар бар гирифта, бо вергул ҷудо карда мешаванд.

7. Маълумот дар бораи муаллиф (бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) бояд инҳоро дар бар гирад: ному насаби пурраи муаллиф (он), дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷойи кор, суроға, телефон ва E-mail (шрифти курсив 12)

8. Иқтибосҳо дар дохили қавсҳои чоркунҷа, ба мисли [1, с. 24] нишон дода мешаванд. Рӯйхати адабиёт (аз 8 - 10 номгӯй кам набошад) дар охири мақола бо нишон додани ҳаҷми умумии саҳифаҳои сарчашма аз рӯи алфавит бо зерсарлавҳаи «Адабиёт» (Литература) оварда мешавад. Адабиёти истифодашуда қатъиян бо риояи ҳамаи меъёр ва қоидаҳои тартиби библиографӣ таҳия мегардад.

9. Ҷадвал, расм, диаграммаҳои дар мақола истифодашуда бояд қатъиян аз рӯи талаботи муқарраргардида нишон дода шуда, рақам ва номгузорӣ карда шаванд.

10. Мақолаҳои илмии пешниҳодшаванда бояд хулосаи коршинос ва тақризи мусбӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла барои имкони чопи мақола дошта бошанд.

11. Матни мақола бояд саҳеҳу мукаммал ва дар шакли ниҳоӣ пешниҳод гардад.

12. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва таҳрир намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, қабул карда намешаванд.

## К сведению авторов

В научно-практическом журнале «Финансово-экономический Вестник» печатаются статьи, содержащие результаты научно-практических исследований по экономическим наукам.

Статьи принимаются в течение года.

Представление в журнал работ, ранее опубликованных или принятых к печати в других изданиях, не допускается.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. Размер статьи должен состоять из 12 страниц компьютерного набора, включая текст, таблицы, рисунки, библиографию и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.
2. Материалы предоставляются на электронном носителе и в распечатанном виде (1 экземпляр).
3. Научная статья принимается с предоставлением справки о прохождении через программу «Антиплагиат».
4. Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj), размер шрифта основного текста – 14, списка литературы – 12, интервал 1, абзацный отступ – 1,25. Размер полей: сверху – 3 см, снизу – 2,5 см, слева – 3 см, справа – 2 см. Все страницы статьи должны быть пронумерованы.
5. Титульная страница должна содержать: УДК, название статьи (шрифт прописной 14), фамилию и инициалы автора (авторов), учреждение или организация (полностью) на трех языках.
6. Статья начинается с аннотации и ключевых слов (шрифт строчный 12, курсив) на том языке, на котором написана статья и продолжить аннотациями на другом языке (таджикском или русском) и английском языках. Аннотация должна ясно излагать основное содержание статьи и быть пригодной к публикации отдельно от статьи (не менее 10 строк). **Ключевые слова** должны обеспечить наиболее полное раскрытие содержания статьи, является кратким изложением содержания научного произведения, дающим обобщенное представление о его теме и структуре, оформляются через запятую (8-10 слов).
7. Сведения об авторе должны содержать: фамилию и инициалы (полностью) автора (авторов), его ученую степень, звание, должность, место работы и контактную информацию (почтовый адрес, телефон, E-mail) (шрифт строчный 12, курсив) на таджикском, русском и английском языках.
8. Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например, - [1, с. 24]. Список литературы (не менее 10 наименований) приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника в алфавитном порядке под заголовком «Литература» (шрифт строчный 12). Использованные источники производятся строго с соблюдением всех норм и правил оформления библиографии.
9. Использованные в статье таблицы, рисунки, диаграммы должны быть оформлены строго по установленным стандартам.
10. Научная статья, представленная в редакцию журнала, должна иметь экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.
11. Текст статьи должен являться окончательным и быть тщательно выверен и исправлен.
12. Редколлегия оставляет за собой право отбирать материал, производить сокращения и редакционные изменения статьи.
13. Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, не принимаются.

Котиби масъул: Сафарзода Ф.Ҳ.
Муҳаррирон: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Ҳ., Ҳакимова Р.Н., Ҷобиров Н.
ДДМИТ, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, бинои 4
Сомонаи маҷалла: www.vestnik.tgfeu.tj
Сомонаи ДДМИТ: www.tgfeu.tj

Ответственный редактор: Сафарзода Ф.Х.
Редакторы: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Х., Хакимова Р.Н., Джобиров Н.
ТГФЭУ, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 4-й корпус
Сайт журнала: www.vestnik.tgfeu.tj
Сайт ТГФЭУ: www. tgfeu.tj

Responsible editor: Safarzoda F. Kh.
Editors: Abdulloeva M.N., Umarova B.Kh., Khakimova R.N., Jobirov N.M.
TSUFE, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14, Building 4.
Webpage journal: www.vestnik.tgfeu.tj
Webpage: www.tgfeu.tj

**Тарҳ ва дизайни Ҷ. Худойбердиев**
Ба чоп супорида шуд 21.12.2023.
Формати 60x84 1/8. Когази офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи RISOGRAPH.
Ҳаҷм 31,94 ҷ. ч.. Теъдод 60 нусха.
Дар матбааи ДДМИТ чоп шудааст

**Верстка и дизайн Дж. Худойбердиев**
Сдано в набор 21.12.2023.
Формат 60x84 1/8. Бумага офсетная.
Гарнитура литературная. Печать RISOGRAPH.
Объём 31,94 усл. печ.л. Тираж 60 экз.
Отпечатано в типографии ТГФЭУ

**Layout and design J. Khudoyberdiev**
Signed to print on 21/12/2023
Format 60x84 1/16. Offset paper.
The garniture is literary. Print RISOGRAPH.
The volume of 31,94 conv. b.p. Circulation 60 copies.
Printed in the printing house of TSUFE